This article covers in its own manner all, mainly, the sides of trade relations in Eastern Bukhara in the second half of the XIX$^{th}$ century-the beginning of the XX$^{th}$ century. First, the author noted the economic foundations of this part of Bukhara, considering its development in various farms and land holdings. The variety of commercial goods from cotton, dried fruits, Karakul skins, wool, silkworm cocoons and others, sent mainly for export, are directly analyzed by the author.In the second part, direct attention is paid to the study of commercial infrastructure-markets and caravanserais located in various regions of Eastern Bukhara. In the third part, attention is paid to the new economic and trade relations of the Emirate, which examines the trends of the new time in the center and on the outskirts, confirmed by concrete facts. In addition, to fully identify the purpose, the focus is on banking, trade enterprises in Russia and Western Europe, the production of raw materials and its transportation. The fourth part defines the identity of some merchants of Eastern Bukhara, engaged in commercial activities at that time. The important thing is that from the beginning to the end everything is compared and analyzed with Western Bukhara.

**Key words:** Eastern Bukhara, western Bukhara, trade relations, economic fundamentals, infrastructure, market, caravanserai, new relationship, capitalism, bank, trading companies, merchants.

**Сведения об авторе:** ***Ёров А.Ш.*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, докторант кафедры зарубежного регионоведения, факультета международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **(+992) 918-65-60-41**

**Information about the author:** ***Yorov A.SH.*** **-** Tajik National University, candidate of historical sciences, Doctoral candidate of Department of Foreign area studies of faculty of International Relations. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue, 17. Phone: **(+992) 918-65-60-41**

УДК:327.930,22

# НАҚШИ ПОМИР ДАР РАВОБИТИ ДИПЛОМАТИИ ХОНИГАРИҲОИ ОСИЁИ МИЁНА БО КИШВАРҲОИ ҲАМҶАВОР ДАР АСРҲОИ XVIII-XIX ВА ИБТИДОИ АСРИ XX (БАР МАБНОИ САРЧАШМАҲО)

***Саидов С.М.***
**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

Барои омӯхтани таърих ва фарҳанги халқҳои Осиёи Марказӣ муҳаққиқони аврупоӣ хидмати бузург анҷом додаанд. Онҳо ба душвориҳои сиёсиву иқтисодии асрҳои XVIII-XIX ва оғози асри XX, нигоҳ накарда, дар муайян намудани паҳлуҳои гуногуни забон, адабиёт, таърих, фарҳанг, дин, шинохти шахсиятҳои маъруфи таърихии тоҷикон, ё ин ки ифшои маконҳои таърихии ба халқи тоҷик тааллуқдошта, сарзаминҳои қадимтарини ба тоҷикон марбут буда, ё доир ба кӯчишҳои табиии ҳаммиллатони мо ба маконҳои нав ва бузургтар гардидани ҳудудҳои ҷуғрофиёии ба мардуми ориёӣ дахл дошта, саҳми назаррас гузоштаанд. Дар масъалаи Помир, ки ҳамчун истилоҳи таърихӣ сарзамини ҳаммиллатони моро дар як ҳудуди таърихии сарзамини қадимаи тоҷикон- ориёиён ифшогар аст, муҳаққиқони дохиливу хориҷӣ маълумоти зиёд ва зиддунақис додаанд. Танҳо овардани рӯйхати эъзомияҳои гуногунеро, ки барои омӯхтани сарзамини Помир фиристода шудаанд, кофист, ки шавқу рағбат доштани аврупоиҳо ва русҳоро дар омӯхтани чунин сарзамини канорӣ муайян камоем. Муҳаққиқ Громбчевский, беҳуда “Помир ҳамеша ҷузъи

хонигарии Қӯқанд будааст...”, нагуфтааст [3,с.11]. Бо ҳамроҳ шудани хонигарии Қӯқанд ба Россия (аз 19- феврали соли 1876) эъзомияҳои ҳарбию илмӣ бештар аз ҷониби Россия, инчунин Англия ва сафарҳои ҷудогонаи шаҳрвандони мамолики аврупоӣ сурат гирифтааст, аз ҷумла дар солҳои 1877–78 тадқиқоти зоологии Северсев ба кӯли Яшилкӯл; дар солҳои 1877–78 тадқиқоти геологии Мушкетов ба кӯли Каракӯл, дар солҳои 1877-78, ҷомеашинос Р.Ф. Ошанин ба Қаротегин; дар соли 1882 Г.А. Арендаренко ба Дарвоз, Қаротегин; дар соли 1883 муҳандисони кӯҳшинос Д. Иванов ва Бендерский; дар соли 1882 ботаник Регель; дар соли 1882 Громбчевский (сардари уезди Ош) тавассути Помир ба Канҷут ва Кофиристон сафар кард; соли 1884-87 Грум – Гржимайло – зоолог; соли 1891 то 1892 тавассути ҳамаи хоки Помир, генерал Ионов бо артиши маҳдуди худ гузар карда, хитоиҳо ва афғонҳоро аз Помир дур ронд; соли 1898 Головин бо ҳамроҳии ҳамсараш сафар кард ва китоби «Дар Помир»-ро навишт; соли 1900 профессори Университети Варшава Станкевич; соли 1901 – зан- ботаник Федченко О.А бо писараш Федченко Б.А.; соли 1885 - Эллиас; соли 1886 - Локгард; соли1887 фаронсавиҳо Бонвало, Капюс ва Пепен; соли 1888 Литл – дел бо ҳамсараш (аввалин зани аврупоӣ дар Помир); соли 1889-91 - Юнгхесбанд ва Маккартний; соли 1892 - граф Денмор; соли 1893 - фаронсавӣ - борон де-Понсэнь;- с. 1893 - аз Нидерланд граф де Биланд; соли 1894 - лорд Керзон; соли 1896-97, эъзомияи даниягиҳо бо сардории О.Олфсен;- с.1900 - археолог Штеон аз Сарикол то Токломоконро дидан кард; соли 1894-95 1899-1902 ҷуғрофишиноси швед Свен – Гедин ҳастанд. Олимони варзида Б.Искандаров [2,с.4-25], О.Боқиев, Н. Акрамов, Х.Пирумшоев [5,с.3-11], В.В. Дубовитский [4] низ, дар радифи олимон ва муҳаққиқони хориҷӣ осори тадқиқотии гаронбаҳои худро доир ба Помир нигоштаанд, ки дар мавридаш таъкид хоҳем кард. Азбаски тадқиқоти мо дар атрофи маълумоти сарчашмаҳо дар бораи Помир бахшида шудааст, ба ду сарчашма- мақолаҳои дар нимаи дуюми асри XIX таълифшуда рӯ меорем, ки яке мақолаи”Памиръ”аст, ки нигоштаи А.Г. Серебрянников аст ва мақолаи дувум «Памирская страна центр Туркестана» ном дошта, муаллифи он полковник В.Н. Зайтсев мебошад [7,с.91]. Муаллифон, дар бораи ақоиди аввалин муҳаққиқони Помир, чун Генри Юл, Форсайт Гордон маълумот додаанд. А.Г. Серебрянников нигоштааст, ки тибқи ахбори Роулинсон, Помир аз истилоҳи тағйирдодашудаи “Fan mir” аст ва маънои “Кӯли фан”, ё “Кӯли мамлакати Фан”-ро дорад. Мисли “Каш мир”, Аҷ мир” ва ғайраҳо. Асосан, мардуми Бадахшон истилоҳи “ Помир”-ро танҳо дар мавриди исми дарёчае, ки аз Зоркӯл ба самти Вахондарё ҷорӣ мешавад, то имрӯз ба забон мегиранд. Генри Юл, Помирро аз 7 водӣ иборат донистааст, ки дар зикри истилоҳи ҳар як водӣ, номи “Помир” низ ҳаст: водии Тагдумбошӣ Помир (яъне самти Хитой); водии Калон – Помир; водии Хурд – Помир (Вахон); водии Аличур Помир (Яшилкӯл); водии Сарез – Помир; водии Рангкӯл-Помир; водии Хоргош – Помир (Рангкӯл); Аз ин бармеояд, ки истилоҳи «Помир»-ро ҳамчун мафҳуми «сарзамин» фаҳмидан мумкин аст. Ҳақ бар ҷониби муҳаққиқи тоҷик Х.Пирумшоев аст, ки истилоҳи “Помир»-ро аз «Бадахшони Кӯҳӣ» ҷудо намедонад. Ӯ менигорад, ки мафҳуми “Помир”, дар якҷоягӣ бо исми “Бадахшон” якдигарро пурра мегардонанд ва номи ҷуғрофии минтақаро боз ҳам бештар ҷилва медиҳанд ва якдигарро зебо мегардонанд [5,с.281]. Зайтсев менигорад, ки Риттер маънои Помирро сарзамини Сарикол медонад. Мушкетов Помирро ҳамчун ифодаи умумии ҷуғрофӣ медонад.Ӯ, қаторкӯҳҳои Помирро ҳамчун тақсимкунандаи сарҳад миёни Хитой, Россия, Афғонистон ва Аморати Бухоро медонад. Геолог Иванов Д.Л. ақида дорад, ки Помир дар даврҳои яхбандии рӯйи Замин, мисли Гренландия дар зери ях хобида буд. Чунин ақидаро дар соли1879 геолог И.В. Мушкетов, ки аз Помири Шимолӣ дидан карда буд, баён кардааст ва онро сарзамини як вақтҳо дар зери об монда тасвир менамояд. Ба ақидаи ӯ, Помир ва атрофи онро то баҳри Каспий ва дар Шарқ то биёбони Муғул туғёни баҳр фаро гирифта, оҳиста – оҳиста, бо шустани соҳилҳояш ва паст шудани сатҳаш то ба дараҷаи имрӯз расидааст ва дар охир хулосаи таассуфангезеро барои Помир пешгӯӣ кардааст: ба ақидаи ӯ, агар сарнавишти гузаштаи Помир чунин бошад ва ҳамин тавр идома пайдо кунад, дар оянда махлуқоти зиндаи Помир рӯ ба нестӣ меоранд, чунки дигар шароити зистро онҳо гум мекунанд [8,с.6]. Дар соли 645 м. монахи буддоӣ Сюан Тсзан аз Бадахшон гузар карда, онро «Помило» – меномад. Ин сарзаминро пур аз барф, шамоли доимӣ, бе мавҷудияти тухми гандум, ки ин ҷо сабзиданаш гумон аст, аҳолиаашро бадафт, дағал, динашонро буддоӣ, либосашонро аз намад ва ғайра тасвир кардааст [8,с.20]. Дар мақолаи В.Н.Зайцев, дар бораи макони зисти аввалин сокинони Осиёи Марказӣ будани Помир муфассал зикр шудааст [8,с.6]. Яъне, дар бораи ватани аз нажоди ориёиҳо будани мардуми Помир, дар хусуси паноҳгоҳи гурезаҳои ориёӣ, ки аз чанголи маргу даҳшати қавмҳои кӯчманчии аз шимол воридшуда, ё ин ки ин кӯҳҳо амнгоҳе будаанд, барои гурезаҳои аз ҷабру зулми

бегонагон, амсоли арабу муғул, ки баҳри паноҳгоҳ ёфтан дар ин ҷо сокин шудаанд, ақидаронӣ мекунад [8,с.6]. Ҷойи дигар зикр мекунад, ки мардуми Помир, саромадони миллатҳои аврупоӣ будаанд: «Признаётся, что на западных скатах Памира (Бадахшан и верхняя часть долины Оксус (Амударя С.С.) жили когда то народы арийской семьи, быт может пра- пра отцы славян и германцев…» [8,с.7]. Шарқшинос ва тоҷикшиноси машҳур И.И.Бартолд зикр кардааст, ки мардуми Помир аз чанголи даррандаҳое, чун муғулҳо, танҳо бо шарофати кӯҳҳои баланд эмин мондаанд [1,с.345].

Дар қисми шарқии Помир дар миёнаҳои асри 3 мелодӣ, давлати Хутан (Юйтон) фаъол будааст. Марко Поло-тоҷир ва миссионери венетсианӣ, соли 1270 тавассути Балх, Файзобод, Помир, Қошғарро дидан мекунад [8,с.15]. Дар соли 1603 тавассути Кобул – Помир- Ярканд иеузити португалӣ В.Гоэс гузашт мекунад. Ӯ бо корвони тоҷирони аз Ҳинд ба Қошғар сафаркунанда ҳамроҳ будааст. Дар соли 1663 – духтури дарбори Моғулҳои бузург бо номи Берне – зикр кардааст, ки сафари тоҷирони ба самти Ҳинд ва Қошғар сафаркунанда, тавассути Болор (Сарикол) сурат мегирифтааст. Онро Балтистон ҳам мегуфтаанд. (с.21). Дар соли 1678 – хони Ҷунгарҳо (калмиқҳо) – бо номи Таддзи (ё Таджи) Голдан тамоми Туркистони Шарқиро забт мекунад ва дар Қошғар мусулмони зодаи Бухоро, Хоҷа Аппакро ҳоким таъйин мекунад. Пешбарии ӯро ҳатто Далай Лама тарафдорӣ кардааст. Дар соли 1755-58 хитоиҳо ҷунгарҳоро (қалмиқҳоро) аз хоки Қошғар пеш мекунанд ва Хоҷа Аппак ҳам ронда мешавад. Дар соли 1764 шоҳи Бадахшон Мир Султон шоҳ ба шоҳигарии Болор (Сарикол) ҳамла меорад. Шоҳи Сарикол Шамет (Шоҳмуҳаммад С.С.) аз хитоиҳо кумак мепурсад ва бо супориши хитоиҳо Мир Султон Шоҳро аз Болор берун мекунад ва дар ниҳоят бо ҳамдигар иттифоқ мебанданд. Ин ҷо В.Н. Зайтсев дар иттиҳоди ҳамдигар қарор доштани Бадахшон, Болор ва Хитойро зикр мекунад. Дар с.1838 – ҳокими сохтаи Ерканд ва Қошғар Хон Хоҷа, ки шахси тақводор будааст, пас аз пахш шудани шӯриши зиддихитоӣ, дар Бадахшон пинҳон мешавад, вале шоҳи Бадахшон ӯро ба асирӣ мегирад. Шоҳи Бадахшон ҳамеша даргири воқеаҳои сиёсии Туркистони Шарқӣ (асосан Қошғар.С.С.) – будааст. Ҳатто, асоси артиши хон ва амирони Осиёи Миёна, аз ҷумла Қошғар, аз ҳисоби тоҷикони кӯҳистон пурра карда мешуд. Масалан, дар даргириҳои соли 1825 зимни ба амал омадани шӯриши зиддихитоӣ, сарвари шӯришгарон Ҷаҳонгир асосан аз тоҷикони кӯҳистон истифода кардааст [4,с.47]. Аммо, дер ё зуд, ғолибони шӯриш, аз ҷониби хитоиҳо аз Қошғар ронда мешуданд. Дар соли 1864, генерали хитоӣ Фу Дэ шӯришгаронро бо сарварии хоҷаҳо, ки аз мазҳаб ва равияҳои гуногуни дини ислом буданд ва қасди бозпас гирифтани Қошғарро аз Хитой мекарданд, таъқиб мекунад ва бо кумаки шоҳи Бадахшон дастгир менамояд. Дар он вақт чунин расм будааст, ки дар ҳангоми пазируфтани тобеияти ҳокимияти Хитой сафирони худро бояд бо сангҳои қиматбаҳо ба назди императори Хитой мефиристоданд. В.Н.Зайтсев иҷрои чунин амалро дар с.1764, 1769 аз ҷониби шоҳони Бадахшон зикр менамояд. Ин нишондиҳандаи он аст, ки шоҳони Бадахшон дар он вақт сахт пойбанди Хитой буданд.Чунин муносибати ҳокимони Бадахшон қаҳри ҳокимони мусулмони минтақаро баланд мекардааст ва зидди онҳо лашкаркашиҳо мекардаанд. Дар с.1820 – ҳуҷуми ҳокими Қундуз Муродбек ва дар с.1826-28 ҳуҷуми ҷонишинони Хоҷаи калон бо исми Ҷаҳонгир ба ҷануби Қошғар (қаламрави Бадахшон) мисоли ин гуфтаҳост [8,с.25].

Чунон ки зикр шуд, дар с.1879 геолог И.В. Мушкетов аз Помири Шимолӣ дидан кардааст. Археологи англис доктор Штейн дар с.1900 қаторкӯҳи Ҳиндукушро аз ҷиҳати таъсир расонидан ба пайдоиши забонҳо, хусусиятҳои этнографӣ таъриф намуда, онро сарҳади тақсимоти забонҳо надонистааст: «…что Гиндукуш, будучи великим водоразделом, не является границей этнографической и лингвистической» [8,с.6]. Ба ақидаи ӯ, диалектҳои якхелаи гуфтугӯӣ қариб дар сар то сари ин сарзамин вомехӯрад. Дар с.1836 сайёҳи англис Вуд (ҳамсафари Борнс) аз Кобул, Қундуз, Бадахшон бо ҳамон роҳе, ки Марко Поло дидан карда буд, роҳ мепаймояд, кӯли Сарикол (Зоркӯл, ё Виктория, маликаи англис)- ном мегирад ва Помирро хазинаи ҷамъшавии оби Оксус (Амударё) меномад.

Бо оғози ҷанги англису афғон (аз с.1838) қариб 30 сол ба сарзамини Бадахшон аз аврупоиҳо касе қадам нагузоштааст. Зайтсев дар хусуси сохтани роҳи оҳан то сарҳади Қошғар пешниҳоди ҷолиб менамояд. Ба ақидаи ӯ,чунин амал барои пешрафти тиҷорат кумак мерасонад. Англисҳо барои пеш бурдани тиҷорат дар Ҳинд ярмаркаҳо ташкил мекарданд. Дар с.1868 ҳокими Сарикол Алафшоҳ ба ҳокими Қошғар Яъқуббек, ки ҳукумати худро созмон дода буд, сар намефарорад. Алафшоҳро таъқиб мекунанд ва бо ҳамин баҳона аҳолии таҳҷоии Сариколро, ки аз тоҷикони таҳҷоии қадимии он ҷо буданд, бадарға мекунад ва онҳо ба Қошғар ва Яркент фиристода мешаванд. Дар с.1877 хитоиҳо

Қошғарро забт ва Яъкуббекро кушта, Сариколро низ тасхир мекунанд ва то Яшилкӯл соҳиб мешаванд, яъне Помири Шарқиро пурра забт мекунанд. Дар с.1869 қисми ғарбии Бадахшонро ҳокими афғон Шералихон забт кард. Пас аз вафоти ӯ Абдураҳмонхон 15 январи с.1880 ҳокимони Бадахшонро маҷбур кунонд ва онҳо бо душворӣ ва маҷбурӣ зерсултаи ҳукумати Афғонистон буданро эътироф карданд. Дар соли 1873-74 - тадқиқоти илмии олими англис Форсайт - (то забти Помир аз ҷониби русҳо) сурат гирифтааст. Ҳамон тавре ки зикр шуд, Хоҷаҳо (аз авлодони Хоҷаи Аппак), мақсади бозпасгирифтани Қошғарро аз Хитой доштанд ва бо шикаст рӯ ба рӯ шуда буданд. Шоҳи Бадахшон Султон Шоҳ, яке аз хоҷазодагони ғозиро бо исми Боронид сар бурида, ба императори Хитой фиристода буд. Сари буридаи ӯ, дар панҷараҳои тахтагини назди дарвозаҳои шаҳри Пекин якчанд рӯз ба намоиш гузошта шуда буд. Дар аввал шоҳи Бадахшон намехост, ки чунин корро анҷом диҳад, яъне роҳбарони шӯришро хоҳ зинда ва ё мурда ба хитоиҳо супорад. Ӯ арз карда буд, ки чунин нахохад кард, вагарна ба ғазаби авлодони Паёмбари ислом (с) гирифтор хоҳад шуд. Вақте ки артиши хитоиҳо бо сарварии Фу Дэ ба пойтахти ӯ наздик омад ва ултиматум гузошт, Султон Шоҳ маҷбур шуд, ки сарварони шӯриш ва ҳокимони худхондаи Қошғарро,ки дар пойтахти ӯ паноҳ бурда буданд, сар бурида ба хитоиҳо супорад. Пас аз гузашти 50 сол, ҳокими Қундуз он амали шоҳи Бадахшонро «ёдоварӣ» карда, ба Бадахшон лашкар мекашад ва қасоси кушта шудани он хоҷаҳои ғозии роҳи исломро гирифтанӣ мешавад. Дар соли 1825-26, яке аз авлодони дигари хоҷагони мубориз, бо номи Ҷаҳонгир қисмати ҷанубии Қошғарро аз хитоиҳо мегирад. Аммо, бо расидани артиши муназзами 70-ҳазораи хитоиҳо, Ҷаҳонгир шикаст мехӯрад, ӯро қирғизҳои Олой дастгир карда, ба хитоиҳо месупоранд. Ҷаҳонгирро дар панҷараи оҳанин чанд рӯз дар ш.Пекин ҳамчун хоин нигоҳ медоранд ва баъд дасти ӯро бо табар порча – порча мекунанд. Ин воқеаро сайёҳ Вуди англис низ тасдиқ мекунад [8,с.25]. Ҳокимони Қӯқанд, ҳамеша дар орзуи забт кардани Қошғар ва тамоми заминҳои Помир буданд. Аз соли пайдоиши хонигарии Қӯқанд (с.1810) то соли 1830, якчанд маротиба чунин кӯшишҳо анҷом ёфта буд, ки ниҳоятан ба Мадалихон низ дар с.1832-34 ин кор даст додааст. Аммо, он дер давом намекунад. Кӯч додани бадахшониҳо ба Қошғар ва Тошқӯрғон якчанд маротиба сурат гирифтааст. Ҳамон тавре ки зикр шуд, чунин воқеа дар замони ҳукмронии Султон Шоҳ с.1758, дар с.1868 бо шикаст хӯрдани ҳокими Сарикол Алафшоҳ рух додааст. Эъзомияи Форсайти англис ба Помир дар солҳои 1873-74 сурат гирифтааст. Ин сафорат аз мутахассисони гуногунихтисос иборат буд. Мисол, Гордан ва Траттер саргаҳи дарёи Аму яъне Панҷи имрӯзаро тадқиқ намудаанд ва маълумоти муфассал оид ба Вахон, кӯли Зоркӯл (яъне Виктория)-ро ҷамъ овардаанд.Тақсими Помир низ мебоист миёни абарқудратҳои вақт, мисли нигоштаҳои муаррихи маъруфи тоҷик, академик Раҳим Масов сурат мегирифт: яъне тариқи "табартақсим". Банда низ ҷонибдори ақидаи муҳаққиқоне ҳастам, ки таърихи пурраи омӯзиши Помирро аз солҳои 1875 меҳисобанд. Пас аз омӯзиши пурраи Бадахшонзамин, англисҳо дар оғози музокироти сарҳадбандӣ миёни Россия ва Британияи Кабир, сарҳади ду давлатро – бо хатти кӯли Зоркӯл (Виктория.С.С.) тақсим карданӣ мешаванд. Аз ин тақсимот ҷониби ҳукумати шоҳии Афғонистон розӣ буданд. Аз ин ҷост, ки онҳо дар с.1889, Вахон, Шуғнон ва Рӯшонро ишғол мекунанд. Дар ҳамон сол англисҳо хонигарии Канҷӯтро, ки дар қисмати ҷанубии Помир мавқеъ дошт, забт мекунанд. Мақсади асосии англисҳо, ҳарчи дуртар партофтани русҳо аз сарҳадоти Ҳинди Британия будааст. Аммо, дар музокироти с.1895 миёни Англия ва Россия хатти сарҳад ба фоидаи русҳо, то мавқеи имрӯзааш тағйир меёбад, ки қобили зикр аст. Ниҳоят, сарзамини Помир ҳамчун devори сарҳадӣ, миёни абарқудратҳо Россия, Хитой, Англия кишвари Туркистонро ба Шарқию Ғарбӣ, англисию русӣ ва афғонию хитоӣ ҷудо намуд. Муҳаққиқи тоҷик Х.Пирумшоев дуруст тазаккур додааст, ки бо забт шудани Қӯқанд аз ҷониби русҳо дар соли 1876, англисҳо, афғонҳо ва хитоиҳои тсин, бо ҳар восита вориди Қошғар ва сарзамини Помир шуда, ба воқеаҳои сиёсӣ таъсир расондан мехостанд [5,с.300]. Аҳолии Помир с.1902 ҳамагӣ 16857 нафар будааст. Дар Помир қирғизҳо низ зиндагӣ мекунанд. Қирғизҳо бо забони узбекӣ сухан мекунанд, диншон ислом, суннимазҳаб мебошанд. Масҷид ва имом надоранд; ба пешниҳоди сартҳо, (асосан тоҷикон, чунки дар Помир узбекҳо қариб ки нестанд) – барои сохтани масҷид чунин иброз дошта буданд: «Мы народ кочуюший, где около камня очертим круг, там и храм Божий» [8,с.50]. Воқеаи капитани англисро аз Бадахшон рондани генерал Ионови рус дар санаи 14 августи с.1891 бисёр ҳам аҷиб рух додааст. Ӯ сайёҳи англис Янгхазбенро дучор омада, ба ӯ ва ҳамроҳонаш хотиррасон мекунад, ки: «…путешествия по Помиру без разрешение русской власти, ему воспрешается!» [8,с.51]. Дар охири асри XIX бо фаъолияти хадамоти махсус дар мисоли ожонсии худ, дар кишвари Туркистон ва Аморати Бухоро кишвари Россия,

ахбори зиёдеро дар хусуси ашхоси шубҳанок ва ҳатто маъруфи на танҳо минтақаи Бадахшон, балки Афғонистону Ҳиндустон дар даст доштаанд. Агар ба ахбори осори таърихию ҳуҷҷатҳои дипломатии байнидавлатӣ назар дӯзем, маълум мешавад, ки ледерҳои пайравони мазҳаби исмоилия, ки марказашон аз ҳамон рӯзҳо (имрӯз ҳам) дар ш. Бомбайи Ҳиндустон қарор доранд, ба пирони худ, ё ин ки ба мавлавиҳои худ, ки дар қисматҳои гуногуни Бадахшон мезистанд, тухфаҳои молию пулии зиёдеро тақдим менамуданд. Танҳо дар с.1901 бо қабули 200 танга ва тухфаҳои нодир мавлавӣ Шоҳ Баҳо аз Бомбай, аз қабули Алӣ-хон (сарвари ин мазҳаб) баргаштааст. Пирҳои дигари ин мазҳаб Саид Шоҳзода Ҳасан, ки мақарраш дар Рӯшон буд, Саид Мирсол дар Шуғнон, Саид Юсуф Алишоҳ дар Хоруғ ва дигарон метавонистанд ақидаи мардумро дар хусуси чӣ гуна ва бо кӣ робита доштанро муайян созанд. Мардум ба пирони худ чунон эътиқоди сахт доштанд, ки пайи фармони онҳо ба ҳама кор омода буданд.Сайёҳи англис Бидделф дар китоби худ, «Народы населяющие Гиндукуш» - чунин навишта буд.«Яке аз пирони тариқати сектаи исмоилия ба ман иброз намуд, ки агар фармон диҳам, ки фарзандатро бикуш, муриди ман ин фармони маро ба зудӣ иҷро хоҳад кард» [8.с.63]. Маълум мешавад, ки мардуми Помир ҷонибдори дар хоки онҳо мондани русҳо буданд ва англисҳо ҳам тавассути пирони тариқати исмоилия,ки дар Ҳинд мақарр доштанд, аз ин иқдоми аҳолии Помир хабардор буданд. Бо омадани русҳо, ғуломфурӯшӣ дар Помир аз байн рафт. То омадани русҳо дар Помир, дар минтақаҳои Рӯшон ва Шуғнон ғуломфурӯшӣ амал мекардааст. Дар ҳолати пардохт карда натавонистани маблағи қарз, ҳатто андозу закот, маҷбур буданд, ки аз занҳоро ва ё мардҳоро аз 75 то 115 рубли русӣ, ё ин ки бо 10 гов, ё худ бо 5-8 қутос, инчунин 2 - яроқи қирғизӣ хариду фурӯш намоянд..Чунин хариду фурӯши инсонҳо дар деҳаи Зебак, дар наздикии Ишкошим, дар корвонсарои Мирвалӣ ҷой доштааст. Дар ин макон харидороне сарукор мегирифтанд, ки беш аз 100 ғуломи фурӯшӣ дар ихтиёр доштанд. Тибқи нигоштаҳои муҳаққиқ А.Г. Серебрянников, мардуми тоҷики шиамазҳаби Бадахшон, барои ҳоким ва ҳокимчаҳои афғон умуман инсон ҳисобида намешуданд [9,с.465]. Забти Помир асосан бо эъзомияи ҳарбии полковник Ионов аз рӯзи ворид кардани як қисми саридораи ҳарбӣ бо сарварии капитани штаби генералӣ Кузнетсов дар ҳайати 7 афсар, 1 - сардухтур, 172 пиёданизом, 44- казакҳо, 26 ихтиёрони ҳарбӣ, бо мақсади ором нигоҳ доштан ва ҳифзи аҳолии Помир аз ҳар гуна мудохилаҳо оғоз гардидааст. Ин ҳайат бевосита ба губернатори ҳарбии вилояти Фарғона тобеъ буд. Ҳайати эъзомияи мазкур, дар соҳили чапи Мурғоб мавзеи Шоҷом маконеро ихтиёр карда, дар баландии 11700 фут, дар шароити хунукии сахт, вазифаи дар наздашон гузоштаро иҷро мекарданд. Аз апрели с.1893, сарварии ин отрядро капитан Зайтсев ба ихтиёр гирифт. Ҳамаи маводи лозимаро, хоҳ озуқа бошад ва хоҳ маишӣ, аз ш.Ош дастрас мекарданд. Моҳи августи с.1893 губернатори ҳарбии Фарғона аз отряд дидан мекунад. Аз 15 июл то 25 сентябри соли 1894 дар натиҷаи гузаронидани амалиётҳои махсус, генерал Ионов Шуғнонро аз афғонҳо бозпас мегирад. Муҳаққиқ Б.Л. Тагеев дар бораи чӣ гуна ворид шудани қувваҳои низомии рус ба Хоруғ, нусхаи номаи фаъолони ин шаҳрро дар китобаш овардааст: “Ба сардори қисми ҳарбии рус, аз аҳолии Хоруғ. Ба иттилои Шумо мерасонем, ки Хоруғ ором аст. Афғонҳо аз Хоруғ тавассути қаиқҳо ба самти муқобили Панҷ гузаштанд. Мо маҷбур будем, ки дар кӯҳҳо пинҳон шавем. Аҳли байти мо ҳанӯз дар кӯҳҳоянд. Мо фармони Шуморо интизорем ва омода ҳастем ба Шумо хидмат намоем. 28 сафари с.1312. (23 августи с.1894. С.С.)» [6,с.112]. Дар атрофи Помир ва мавқеи ҷойгиршавии он, дар муайян кардани вазъи геополитикии минтақа, махсусан муносибати сиёсии ду абарқудрат, чун Россия ва Англия бисёр навиштаанд. Ҳамаи он навиштаҳо мақсади ниҳоияшон муайян кардани хатти сарҳадӣ миёни ин ду абарқудрати вақт будааст, ки ниҳоят дар соли 1995 анҷом пазируфтааст. Аз навиштаҳои подполковники англис Н.В.Ганн дар с.1895 бармеояд, ки ҳуҷуми русҳо тавассути Помир ба Ҳинди Англия амалинашаванда аст. Ҳама ҷо душворгузар. Русҳо он қадар ҳам ақлашонро нахӯрдаанд, ки бо ин ҷойҳо ба Ҳиндустони Британия лашкаркашӣ намоянд. Ин амал онро мемонад, ки русҳо тавассути Сибир, Канадаро ишғол намоянд, магар чунин шуданаш мумкин аст?» [8,с.67]. Сэр Ричард Тэмп - низ бо чанд мисол, аз имкон дур будани ба Ҳинд тавассути Помир лашкаркашии Россияро номумкин меҳисобид: «Нашествие на Индию с севера, через Гиндукуш по перевалам … может быть принято с большим риском…» [8,с.68]. Аммо, ҷосуси рус Б.Л.Громбчевский дар гузориши худ ба Ситоди Генералии кишвараш дар таърихи 14 марти соли 1891 чунин менигорад: “Пайдо шудани теъдоди ҳатто ками сарбозони рус дар самти Помир, қувваи бузурги ҳарбиёни англисро метавонад ба чолиш кашад ва миёни онҳо хавотириро ба роҳ андозад...” …» [3,с.91]. Роҷеъ ба тақсими ноодилонаи сарҳад миёни русҳо, англисҳо ва хитоиҳо, муҳаққиқи Помиршинос Д.Л.

Иванов, ҳанӯз дар с.1895 онро ғайриодилона ва ба фоидаи англисҳо дониста буд. Ба ақидаи ӯ, ҳоло сарҳадбонони рус, кай аз кадом аґба ба сӯйи Помири хурд, (яъне соҳили рости Панҷ) ҳуҷум кардани англисҳоро мепоянд. Ҳол он ки мавқеи англисҳо хеле хуб аст ва мавқеи ҷуғрофиёии мақарри отрядҳои ҳарбии англисҳо, чун Помири Хурд мисли мақарри русҳо хунук ва ғайри қобили зист нест [8.с.70]. Миёни русҳо ва англисҳо дар ҳама зинаҳо рақобат барои ба даст овардани Помир дар авҷ буд. Подполковник Ватер дар с.1894 дар мулоқоташ бо капитан Зайтсев оид ба муносибати Россия ва Англия дар Помир сухан ронда, аз ҷониби англисҳо барои навиштаҳои помиршиносони англис Макгрегор ва ҳамсари ӯ узрхоҳӣ мекунад. Генерали марҳум Макгрегор дар китоби «Оборона Индии» ва занаш дар китоби «Жизнь Макгрегора» навишта буданд, ки «Я торжественно уверяю, что русско – индийский вопрос никогда не может быт окончен до тех пор пока Россия не будет отброшена из Кавказа и Туркестана» …» [8,с.72.] Сабаби асосии ба англисҳо бовар накардани русҳо, албатта, ҳамин китоби афсари англис гардид. Аз ин ҷост, ки генерал Ионов, дар соли 1891 ба эъзомияи капитани англис Янгхазбен дар мавзеи Базай Гумбаз иҷозаи давом додани сафарро надод ва ба ӯ чунин иброз намуд: «Путешествие по Памиру, без разрешения русской власти, ему воспрещается» [8,с.73]. Подполковники англис Ватерес, дар хотираҳояш аз мулоқот бо полковник Зайтсев чунин менигорад. «Ҷаноби Зайтсев ба ман иброз намуд, ки сарҳад миёни мо (яъне Англияю Россия. С,С,) на Мурғоб, балки Панҷ бояд бошад. Ӯро амалкарди афғонҳо нисбати халқи маҳаллӣ, азоб додани халқ аз ҷониби онҳо, ғасби ғалла ва ғайра, ором намегузошт. Дар с.1893, 60 нафар рушониҳо ба соҳили рости Панҷ фирор карда омаданд. Онҳо аз гушнагӣ ва азият фирор карда буданд».Сипас чунин менигорад: «Это служит причиной почему таджики ненавидят афганцев» …» [8,с.74]. Ин навиштаҳои яке аз афсарони англис содиқона менамояд. Аммо, чунинҳо дар Англия кам буданд. Масалан, профессори англис Хеддан, ки ақидаҳои зиёди шовинистона баён намудааст, дар тадқиқоташ русҳоро ба рӯйхати «халқҳои ориёӣ» дохил накарда буд, ҳатто барои миллати англисҳоро аз миллати рус боло ва беҳтар донистан, чунин иброз намуда буд, ки миллатҳои англис ва немис ориёиҳои ҳақиқӣ ҳастанд… славянҳо ва келтҳо бошанд, ҳеҷ гоҳ ориёӣ набуданд ва нестанд. Дар воқеъ, фидокориҳои афсарони рус, аз ҷумла Зайтсев, Ионов ва Кузнетсов, ки зимни аз хоки Помир берун рондани хитоиҳо, англисҳо ва афғонҳо ҷасорат нишон додаанд, сазовори қадрдониҳо ҳатто пас аз маргашон ҳастанд. Ҳанӯз дар замони ҳукмронии Петри 1, намоянндаи махсус оид ба самти Осиёи Марказӣ Иван Кирилович Кирилов таъйин шуда буд. Маҳз ӯ барномаҳои мушаххаси фаъолияти сафирон, ҷосусон ва сафоратҳои ҳарбиро ба самти Осиёи Марказӣ муайян ва сафарбар мекард ва ба император пешниҳод мекард [10,с.165].

Бо шарофати истиқлолият касб кардани Тоҷикистон, Бадахшон (Помир) аз ҳама гуна фишору тазйиқи абарқудратҳои минтақавию фароминтақавӣ раҳоӣ пайдо кард ва имрӯзҳо, мардуми Помир чун дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ, пайи ободкориву созандагӣ машғул мебошанд.

**АДАБИЁТ**


1. Бартольд В.В. Бадахшан. (Энциклопедическая статья) /В.В.Бартольд. -М.: Наука, 1965. -Т. III. -С. 345.
2. Искандаров Б.И. Восточная Бухара и Памир в период присоединения Средней Азии к России / Б.И. Искандаров. -Сталинабад,1960. -214 с.
3. Доклад подполковника Б.Л.Громбчевского, читанный в Николаевской Академии Генерального Штаба 14 марта 1891г. //Громбчевский Б.Л. Доклад, читанный в Николаевской Академии Генерального Штаба. -М.,1891.
4. Дубовицкий В.В. Россия в Среднеазиатском регионе: три века в зеркале геополитики // История и современность. -2009 -Выпуск №1.
5. Пирумшоев Х. Концептуальные вопросы истории и историографии таджикского народа / Х.Пирумшоев //Сборник статей. - Душанбе, 2014. -305 с.
6. Тагеев Б.Л. Русские над Индией.Очерки и рассказы о боевой жизни на Памире /Б.Л.Тагеев. – СПб.,1900.
7. Серебррянников А.Г. Очерк Памира / А.Г. Серебррянников // Военный сборник. -СПб., 1899. -№10. -С.465.
8. Туркестанский сборник сочинений и статей, относящихся до Средней Азии вообще, Туркестанского края в особенности» (ч.1-150) //Ежегодник Ферганской долины. Н.В.Зайцев.Памирская страна. -Новый Маргелан, 1903. -**Ч**.2.
9. Туркестанский сборник сочинений и статей, относящихся до Средней Азии вообще, Туркестанского края в особенности» (ч.1-150) //Ежегодник Ферганской долины. А.Г. Серебррянников. “Памиръ” Новый Маргелан,1902. -Ч.1.
10. Добромыслов А.Материалы по истории России /А.Добромыслов// Материалы по истории России. - Оренбург, 1900. - Т.1.

## НАҚШИ ПОМИР ДАР РАВОБИТИ ДИПЛОМАТИИ ХОНИГАРИҲОИ ОСИЁИ МИЁНА БО КИШВАРҲОИ ҲАМҶАВОР ДАР АСРҲОИ XVIII-XIX ВА ИБТИДОИ АСРИ XX (БАР МАБНОИ САРЧАШМАҲО)

Дар тадқиқоти мазкур маълумоти сарчашмаҳо дар бораи Помир мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Помир ҳамчун истилоҳи таърихӣ, сарзамини қадими ориёиҳо буда, дар ҳудуди таърихии сарзамини қадимаи тоҷикон ҷойгир аст ва дар ин хусус муҳаққиқони дохиливу хориҷӣ маълумоти зиёд ва зиддунақис додаанд. Танҳо рӯйхати эъзомияҳои гуногунеро, ки барои омӯхтани сарзамини Помир фиристода шудаанд, кофист, ки шавқу рағбат доштани аврупоиҳо ва русҳо дар омӯхтани ин сарзамин муайян гардад. Муаллиф дар бораи ватани нажоди ориёиҳо будани мардуми Помир, дар хусуси паноҳгоҳи гурезаҳои орийӣ, ки аз чанголи маргу даҳшати қавмҳои кӯчманчӣ аз шимол ва аз шарқ ба ин ҷо паноҳ бурда буданд, маълумот додааст. Ин кӯҳҳо амнгоҳе будаанд. Мардуми Помир дар охири асри X1X ҷнибдори дар хоки онҳо мондани русҳо буданд ва англисҳо ҳам тавассути пирони тариқати исмоилия, ки дар Ҳинд мақар доштанд, аз ин иқдоми аҳолии Помир хабардор буданд. Бо омадани русҳо, ғуломфурӯшӣ дар Помир аз байн рафт. То омадани русҳо дар Помир, дар минтақаҳои Рӯшон ва Шуғнон ғуломфурӯшӣ амал мекардааст. Помир дар арсаи сиёсати байналхалқӣ, бахусус дар робита бо муносибатҳои байналхалқии хонигариҳои Осиёи Миёна бо мамолики ҳамҷавори худ, аз ҷумла бо давлатҳои Афғонистон, Эрон, Хитой, Ҳинд ва Россия нақши бориз доштааст.

**Калидвожаҳо*:*** Помир, Афғонистон,Ҳинд, англисҳо, аморат, Осиёи Миёна, шартнома, сарчашмаҳо, дипломатҳо, эъзомия, тиҷорат.

## РОЛЬ ПАМИРА В ДИПЛОМАТИЧЕСКИХ ОТНОШЕНИЯХ СРЕДНЕАЗИАТСКИХ ХАНСТВ С СОСЕДНИМИ СТРАНАМИ В ХУ111-Х1ХВВ.И НАЧАЛЕ ХХ В. (НА ОСНОВЕ ИСТОЧНИКОВ )

Большой вклад в изучение истории и культуры народов Средней Азии внесли европейские ученые, особенно русские исследователи- востоковеды, этнографы и географы. Несмотря на существующие трудности, они преодолели все барьеры и оставили после себя многотомные научные труды, освещая тёмные страницы в истории и культуре среднеазиатских народов, в том числе таджикского народа. Никому не секрет, что для выполнения полноценного научного труда, до сих пор мы обращаемся к трудам таких великих востоковедов, как Бартольд В.В., Ханыков Н. и других европейских ученых. Поэтому, на наш взгляд стоит, называть улицы и поселки нашего края именами тех великих таджиковедов, которые внесли огромный вклад в изучения таджикской истории и культуры. Например, для изучения горного края- Памира, начиная со второй половины Х1Х в., в этом регионе побывало много экспедиции, цели которых были разные: от этнографического исследования до военной разведки в пользу империалистических стран. Многие ученые в своих трудах подчеркивали, что географическое расположение Памира очень удобно для наблюдения и ведения боевых действий на четырех направлениях. Поэтому, начиная с колонизации Индии со стороны англичан, борьба за приобретение Памира ускорилась. Достаточно взглянуть на список побывавших исследователей на земле Памира, чтобы определить важность изучения этого края для мировой цивилизации.

**Ключевые слова:** культура, Средняя Азия, европейские ученые, русские исследователи, востоковеды, этнографы, географы, барьеры, научные труды, история, культура, таджикский народ, Памир, Бадахшан, кочевые народы, письменные источники, Крыша мира.

## THE ROLE OF THE PAMIRS IN THE DIPLOMATIC RELATIONSHIP OF CENTRAL ASIAN KHANATE WITH NEIGHBORING COUNTRIES IN XY111-X1X CENTURIES AND THE BEGINNING OF XX CENTURY (ON THE BASIS OF THE SOURCES )

European, scientists, especially Russian researchers - Orientalists, ethnographers and geographers made a great contribution to the study of the history and culture of the peoples of Central Asia. Despite the existence of difficulties, they overcame all barriers and left behind a multi-volume scientific works, highlighting the dark pages in the history and culture of the Central Asian peoples, including the Tajik people. It's no secret that to perform a full knowledge of scientific work, we still turn to the works of such great Orientalists as Bartold V., Andreev , Khanykov N. and other European scientists. Therefore, it is worth if we call the streets and villages of our region the names of those great Tajik.Therefore, it is worth if we call the streets and villages of our region the names of those great Tajik scholars who have made a huge contribution to the study and familiarization of Tajik history and culture around the world. For example, to study the mountainous region of the Pamirs, starting from the second half of the X1X century, this region was visited by many expeditions, the purpose of which were different: from ethnographic research to military intelligence in favor of the imperialist countries. Many scientists in their writings stressed that the geographical location of the Pamirs is very convenient for observation and warfare in four directions. Therefore, since the colonization of India by the British, the struggle for the acquisition of the Pamirs accelerated.

**Key words:** history and culture, Central Asian peoples, Tajik people, Orientalists, Bartold V., Andreev , Khanykov N. European scientists. Therefore, Taji, Tajik history, Pamirs, X1X century, military intelligence .

**Сведения об авторе:** ***Саидов Султон Махмадович*** **–** Таджикский государственный университет коммерции, доцент кафедры общественных наук. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Дехоти 1/2 . Телефон: **(+992) 935-01-33-12**

**Information about the author:** ***Saidov Sulton Makhmadovich*** - Tajik State University of Commerce, Associate Professor, Department of Social Sciences. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 1/2 Dekhoti Street. Phone: **(+992) 935-01-33-12**

УДК:93/94(100) “05/...”(575.31)

# МУНОСИБАТҲОИ ТИҶОРАТИИ САРГАҲИ ЗАРАФШОН ДАР ОХИРИ АСРИ XIX - ИБТИДОИ АСРИ XX
## (тибқи ахбори “Рӯзномаи сафари Искандаркӯл”-и А.Мустаҷир)

*Юсуфи Шодипур*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар сарчашмаҳои таърихии нимаи дувуми асри XIX - ибтидои асри XX, махсусан “Рӯзномаи сафари Искандаркӯл”-и Абрураҳмон Мустаҷир масоили мухталифи ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ, сиёсӣ ва мадании Осиёи Миёна, аз ҷумла водии болооби Зарафшон возеҳу саҳеҳ қаламдод шудаанд [1,с.176]. Вале то кунун, ин маъхази нодири таърихӣ, мутаассифона, мавриди баррасӣ ва омӯзиши алоҳидаи илмӣ қарор нагирифта буд [роҷеъ ба муаллифи сафарнома, характери ин эъломияи “илмӣ “ ва баъзе ҷанбаҳои ин асари пурқимати таърихӣ, [16,с.72-76; 20,с.8-10; 19,с.25-41 ва ғ.]. Зимнан, дар сафарнома масоили ҳамбастаи иқтисоду тиҷорати саргаҳи Зарафшон бо санаду далелҳои муътамади таърихӣ инъикос ёфтаанд. Аз ин рӯ, дафъатан, омӯзиши сафарнома барои кушоиши гиреҳҳои пурмуаммои таърихи халқи тоҷик, махсусан саҳифоти хираи ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва мадании саргаҳи Зарафшон, аз ҷумла вазъи савдо ва муносибатҳои тиҷоратӣ дар аҳди мустамликавӣ аҳаммияти муҳимми илмиву амалӣ дорад.

Воқеан, муаллифи сафарнома Мирзо Мулло Абдураҳмон ибни Муҳам-мад Латиф, ки мутахаллис ба Мустаҷир буда, бо номи Абдураҳмони Самар-қандӣ машҳур гардидааст, муаррихи намоёни тоҷик, мардумшиноси дониш-манд, иқтисодшиноси ҳушманду закӣ ба шумор мерафт.Азбаски вай аз табақаи тоҷирони самарқандӣ буду дар тиҷорати байни Русия ва Осиёи Миёна фаъолона иштирок менамуд, то Оренбург ва дарунтари шаҳрҳои марказии Русия равуо мекард, аз ин рӯ, дар корҳои савдо ва тиҷорат таҷрибаи кофӣ андухта, бо русҳо қаробати бештаре пайдо менамояд ва забони русиро хеле хуб меомӯзад. Бо асарҳои зиёди таърихӣ шинос шуда, ҳамчун муаррих ва сафарноманавис шуҳрат меёбад. Ба ин ваҷҳ, дар ин сафарнома роҷеъ ба масоили иқтисоду тиҷорат нисбатан бештар санаду далелҳои зарурӣ маҳфуз мебошанд.

Дар сафарнома ҳолати роҳу пайраҳаҳо, гузаргоҳҳо ва ағбаҳои кӯҳӣ, беҳбуди ҳолати роҳҳои маҳал, робитаи савдоӣ ва вазъи муносибатҳои тиҷоратӣ, пайдоиш ва ташаккули тоҷирон ва дигар табақаҳои иҷтимоӣ, хусусияти хосси табиати кӯҳистон ва инчунин баъзе соҳаҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии саргаҳи Зарафшон боварибахш дарҷ ёфтаанд. Қисмати саргаҳи Зарафшон -“Кӯҳистон аз ҷиҳати иқтисодӣ аз вилоятҳои гирду атрофи худ фарқ намекард, - менависад муаллиф, -деҳаҳои ноободи парешон, ...пулҳои ларзон, роҳҳои душворгузари пурхатару танг аз бенавоӣ, қашшоқӣ ва камбағалии мардум дарак медоданд”[4,с.12]. Азбаски юриши русҳо ба саргаҳи Зарафшон юриши ҳарбӣ буд, Абдураҳмон Мустаҷир низ чун гумоштаи онҳо мавқеъ ва вазъияти деҳаҳо, қӯрғону қалъаҳо, роҳҳову пайраҳаҳо, дарёҳову пулҳо ва гузаргоҳҳои кӯҳӣ, ағбаҳову барозҳо ва ғайраро то ба дараҷаи амиқияти топографӣ тасвир месозад [4,с.11].

Саргаҳи Зарафшон бо ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон, Бухорои Шарқӣ ва дигар мавзеъҳо робитаи зичи савдоӣ дошт. Ин минтақа ба воситаи ағбаҳои кӯҳӣ бо мулки Ӯротеппа, водии Қаротегин, водии Ҳисор ва дигар шаҳру ноҳияҳои Осиёи Миёна пайваст мешуд. Дар миёни саргаҳи Зарафшон ва ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон, Бухорои Шарқӣ ва дигар мавзеъҳо роҳи корвонгард амал мекард, ки он ба пешрафти муносибатҳои тиҷоратӣ мусоидат менамуд. Ба ақидаи Абдураҳмон Мустаҷир, «роҳи корвонгузар чунин роҳест, ки тамоми сол баста нашуда», тавассути он корвонҳои тиҷоратӣ беист равуо мекарданд [1,с.98]. Корвонҳои тиҷоратӣ, асосан, ба воситаи ағбаҳои Пакшиф, Оббурдон, Анзоб ва ғайра ҳаракат намуда, ба пешрафти муносибатҳои савдоии Тоҷикистони тоинқилобӣ заминаҳои мусоид ба вуҷуд меоварданд. Бино ба шаҳодати Абдураҳмон Мустаҷир, роҳи корвонӣ ба воситаи ағбаи Оббурдон мегузашт, ки аз он мардуми Мастчоҳ ва Ӯротеппа гузар мекарданд ва савдоро пеш мебурданд [1,с.98]. Мастчоҳиҳо ба воситаи роҳи корвонгарди ағбаи Оббурдон ба Ӯротеппа равуо намуда, аз ии мавзеъ масолеҳи зарурии рӯзгор, ба монанди ғӯзаю, пахта, намак ва дигар лавозимоти даркории хоҷагиро мебурданд. Тоҷирони ӯротеппагӣ ҳам ба воситаи ин роҳ ҳаракат намуда, аз он васеъ истифода мебурданд. Инчунин, қофилаи корвонҳои тиҷоратӣ ба воситаи ағбаи Пакшиф ҳам равуо мекарданд. Аз рӯйи шаҳодати санадҳои таърихӣ, сокинони Мастчоҳ ҳам ба воситаи ағбаи Пакшиф аз Ӯротеппа ғалладона мекашонданд [9,с.86]. Чуноне маълум аст,

роҳи тиҷоратии ғаллакашонӣ аз Ҳисор ба бекиҳои Кӯҳистон тавассути ағбаи Анзоб низ сурат мегирифт [15,с.209].

Нақлиёти маҳаллии корвонӣ ва тиҷоратии саргаҳи Зарафшонро чун дигар кишвару ноҳияҳои кӯҳистони Тоҷикистони тоинқилобӣ асосан маркаб (хар) ва қисман асп ташкил медоданд. Дар ҳақиқат ҳам, дар ҳаёти хоҷагии мардуми Кӯҳистон, махсусан савдо ва муносибатҳои тиҷоратӣ мавқеи нақлиёти маҳаллӣ беқиёс аст. Воқеан, дар саргаҳи Зарафшон аз ҳайвоноти корӣ маркаб дар мадди аввал ва пас аз он бошад, асп меистод. Аз рӯйи шаҳодати Абдураҳмон Мустаҷир, дар солҳои 70 асри XIX нақлиёти мардуми Кӯҳистон, аз ҷумла Фалғарро асосан маркаб ташкил медод, вале адади ками аспро ҳам парвариш мекарданд. Ба гуфти ӯ, «бештарини мардуми мазкур харсавор будаанд, аз ҷиҳати он ки асп кам доштанд». Дар баъзе деҳаҳои саргаҳи Зарафшон, масалан, деҳаи Йорӣ ва ғайра мардум (туркҳо) ҳам яктоӣ асп ва бисёрии онҳо соҳиби хар буданд [1,с.107,125]. Мувофиқи маълумоти К.Пален, дар ибтидои асри XX дар Кӯҳистон, алалхусус дар волостҳои Моғиёну Фороб маркаб қариб нисфи ҳайвоноти кориро ташкил менамуд [13,с.215]. Ахбори ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва маводу санадҳои зикршуда инро ба пуррагӣ собит месозанд.Чунончи, дар ибтидои асри XIX агар миқдори маркаб дар саргаҳи Зарафшон беш аз 2900 сарро ташкил намояд, пас он аллакай дар ибтидои асри XX ба 4450 сар мерасад [6,с.69]. Чуноне аён мегардад, дар саргаҳи Зарафшон, махсусан дар волостҳои Моғиёну Фороб нисфи чорвои кориро маркаб ташкил медодааст.

Ба сифати васоити ҳамлу нақл истифода бурда шудани асп асосан ба мавқеи ҷуғрофии минтақаи кӯҳистон зич вобастагӣ дошт. Махсусан дар қисмати кӯҳии болооби Зарафшон асп ниҳоят камшумор, вале дар поёноби он-водиҳо бошад, ки дорои роҳҳои аробагард буд, микдори асп нисбат ба маркаб бартарӣ дошт. Бионан, аҳолӣ аспро асосан аз Ҳисор ва дигар ҷойҳо меоваранд. Масалан, аз рӯйи маълумоти баъзе муҳаққиқон, агар дар соли 1809 дар чаҳор волости саргаҳи Зарафшон (Фалғар, Искандар, Мастчоҳ, Киштут) 726 сар асп мавҷуд бошад, пас теъдоди он дар соли 1880 ба 945, соли 1887-ум 1210, соли 1904 бошад, тақрибан 650 сарро ташкил медод [18,с.63-64]. Агар дар тӯли солҳои 1809 то 1880 дар Кӯҳистон миқдори асп 219 сар афзуда бошад, пас дар давраи солҳои 1887-1904 шумораи он беш аз 550 сар кам мегардад.

Афсари ҳарбии рус П. Аминов иттилоъ медиҳад: «Мо дар ағбаи Пакшиф (миёни Кӯҳистон, алалхусус Мастчоҳу Ӯротеппа -Ю.Ш.) бо корвони камшуморе дучор омадем, ки аз маркабҳои пурбор иборат буд» [2,с.83].

Дар сафарнома доир ба ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии саргаҳи Зарафшон, махсусан хоҷагии қишлоқ, аз ҷумла ҳаҷми замини деҳаҳо, зироаткорӣ, тарзи киштгардон, боғдорӣ, ангурпарварӣ, чорводорӣ, ҳунармандӣ ва амсоли онҳо санаду далелҳои ҷолиби диққат мавҷуданд. Аз рӯйи ахбороти сафарнома, машғулияти аксари мутлақи кӯҳистониён деҳқонӣ, боғпарварӣ, чорводорӣ ва ҳунармандӣ ба шумор мерафт. Зироати аҳли Кӯҳистон, - менависад Абдураҳмон Мустаҷир,- асосан аз ғалладона иборат буда, он барои хӯроки мардум истифода бурда мешуд. Аҳолӣ бештар ҷаву гандум, арзану зағир, мошу ҷуворӣ ва амсоли онро мекорид. Дар Кӯҳистон аз сабзавот ва обчакорӣ парвариши шалғам, каду, пиёз, сабзӣ, харбузаву тарбуз маъмул буд [1]. Зимнан маълум аст, ки тухмиро барои кишт ба Мастчоҳ ва умуман саргаҳи Зарафшон аз Қаротегин ва баъзан аз вилояти Қӯқанд меоварданд. Душвории роҳ то он дарҷае буд, ки онҳо тухмиро ба хар бор карда, қисми боқимондаашро пуштора намуда, чанд рӯз роҳ гашта, ба манзили хеш мерасиданд [1,с.76,85].

Шароити табиӣ (асосан кӯҳсор ва санглох будани замин) ба Мастчоҳу Фалғар имкон намедод, ки бештар ба заминдорӣ, алалхусус ғаллакорӣ машғул гарданд. Бино ба шаҳодати аҳолии маҳаллӣ, аз як таноб замини ёнаи ҷанубӣ, яъне, офтобрӯяи кӯҳӣ 15-20 пуд ва аз як таноб замини ёнаи шимолии соярӯяи кӯҳӣ 10-15 пуд ғалла мегирифтанд [11,с.127]. Аз ин рӯ, ғаллаи ин минтақа ба аҳолии маҳаллӣ намерасид ва ҳатто мардум маҷбур мешуданд, ки аз дигар ноҳияву мавзеъҳо ғалла кашонанд. Бионан, ҳар хоҷагӣ ғалларо баҳри эҳтиёҷоти худ мекориду сонияи, ғаллаи иловагӣ, махсусан биринҷро аз водиҳо меоварданд. Аз рӯйи ахбори Абдураҳмони Самарқандӣ, аз сабаби камчинӣ ва норасоии ғалладона баҳри эҳтиёҷоти мардуми кӯҳистон онро аз Панҷакент, Ҷиззах, Ӯротеппа, Самарқанд ва қисми шарқии Аморати Бухоро меоварданд. Инчунин, аз садаи миёнаи Фалғар, аз ҷумла Искодар, Хишикат ва Зиндакон дар нисфи зимистон аз Ӯротеппа, Панҷакент ва Самарқанд ғаллакашонӣ мекарданд [1,с108]. Яке аз муҳаққиқони тоинқилобии руси саргаҳи Зарафшон А. Гребенкин ҳам камчинӣ ва норасоии ғалларо дар ин минтақа ёдрас намуда, қайд карда буд, ки аҳолии ноҳияҳои кӯҳӣ аз сабаби кам будани заминҳои киштшаванда хоҷагии худро бо ғалла таъмин карда наметавонистанд. Онҳо

маҷбур мешуданд, ки ғалларо аз бозорҳои бекиҳои Ҳисор, Қаротегин, Аморати Бухоро, уезди Хуҷанд (Ӯротеппа) дастрас намуда, ба ин ҷо ворид намоянд [7].

Кӯҳистон аз замонҳои қадим макони боғпарварӣ ба шумор мерафт. Бесабаб нест, ки Абдураҳмони Самарқандӣ дар гирду атрофи ҳар деҳа мавҷуд будани боғотро низ қайд мекунад. Дарахтони маъмули боғоти Кӯҳистон зардолу, себ, тут, шафтолу, чормағз, ҷигда (санҷид), олуча, биҳӣ, ношпотӣ буда, токзор камтар ба назар мерасид. Аз дарахтони бесамар бошад, беду сафедор, арару сада, арча ва ғайра зиёд буда, онҳоро чун масолеҳи сохтмон васеъ истифода мебурданд [4,с.12]. Дар соҳаи хоҷагии кишлоқ, боғпарварӣ пас аз деҳқонӣ ва чорводорӣ мавқеи намоёнро ишғол мекард. Боғдорӣ махсусан дар волостҳои Фалғар, Панҷакент ва дигар воҳаҳои вилояти Самарқанд равнақ меёфт. Хосатан, ин соҳа дар ҳаёти иқтисодии мардуми кӯҳистон нақши муҳим мебозид. Аз рӯйи аҳбори шоҳидон ва муҳаққиқон, боғпарварӣ, қабл аз ҳама, дар волости Фалғар ривоҷ ёфта буд, ки он ба аҳолӣ имкон медод нисбат ба сокинони ду волости дигар беҳтар зиндагӣ намоянд. Боғпарварӣ ҳамчун шакли хоҷагӣ нисбат ба ғаллапарварӣ даромади калон медод. Дар хусуси дар хоҷагӣ мавқеи ниҳоят баланд доштани боғпарварӣ дар Кӯҳистон чунин далел шаҳодат медиҳад. Чунончи, агар дар ин ҷо як таноб замини киштбоб 20 сӯм меистод, пас масоҳати боғоти ин миқдор заминро аз 70 то 100 сӯм мехariданд [8]. Аз дарахтони мевадор бошад, зардолу аз ҳама бештар эътиборнок буда, чаҳор навъи он: хӯҷандӣ, маҳтобӣ, муслимӣ ва кошифӣ дар байни мардум шухрати зиёд дошт. Зардолу ба фалғариҳо на танҳо ризқу рӯзӣ, балки маҳсулот барои фурӯш ҳам ҳисоб меёфт. Зардолуи Фалғар дар бозорҳои Ӯротеппа, Панҷакент ва Самарқанд қадри баланд дошту, чун қоида, онро ба орд иваз менамуданд [8].

Пас аз ғасби саргаҳи Зарафшон аз ҷониби Русия, талабот ба маҳсулоти ин соҳа боз ҳам афзоиш ёфт. Махсусан истеҳсол ва фурӯши меваҷоти хушк-ғӯлинги хушсифат зиёд мегардад. Маҳсулоти ин соҳа ба шаҳрҳои Самарқанд, Тошканд, Ҷиззах, Зоомин ва дигар шаҳрҳои кишвари Туркистон содир карда мешуд. Чунончи, соли 1908 танҳо ду ҷамоаи волости Фалғар 30 ҳазору 317 пуд ғӯлинг фурӯхтанд, ки аз он 20 ҳазору 498 пудаш аз ҷамоаи Рарз, 9 ҳазору 819 пудаш аз Варзимунор ҷамъоварӣ шуда буд. Ҷаллобони калон аз фурӯши меваҷот ва чорво фоидаи зиёд мегирифтанд, онҳо маҳсулотро арзон харида, дар бозорҳои калон бо нархи гарон мефурӯхтанд. Масалан, агар як пуд ғӯлингро аз аҳолии деҳот 75-90 тин харида гиранд, пас онро дар бозорҳо то як сӯм ва аз он ҳам зиёдтар мефурӯхтанд.

Ангурпарварӣ ҳам дар водии Зарафшон бештар паҳн гардида, навъҳои зиёде дошт ва аз чиҳати лаззат ҳам беҳамто буд. Қисми асосии ангур хушконида шуда, дар шакли мавиз ба Русия ва қисман Сибир содир карда мсшуд [17,с.332].

Дар ҳаёти мардуми Кӯҳистон чорводорӣ мавқеи ниҳоят муҳимро ишғол менамуд. Чорвои аҳли ин диёр аз гӯсфанду буз, гов, маркаб (хар) ва асп иборат буд. Чорводорӣ асосан дар волостҳои Киштут, Фалғар, Искандар ва Мастчоҳ ривоҷ меёфт. Бино ба иттилои А. Гребенкин, кӯҳистониҳо чорвои калони шохдор, гӯсфанд, буз ва ба миқдори кам маркабу асп парвариш мекарданд [8]. Аммо боигарии асосии кӯҳистониёнро бузу гӯсфанд ташкил менамуд, ки онҳо ба мардум гӯшт, ширу равған ва пашму пат медоданд. Ба ибораи дигар, ин соҳа мардумро бо хӯрока, сару либос, пойафзол ва амсоли он таъмин мекард. Агар чорвои калони шохдор барои ширу равған ва корҳои хоҷагӣ нигоҳ дошта мешуд, барзаговро ба омоч қӯш карда, заминро кишт мекарданд [8]. Маркаб ва асп бошанд, аслан ба сифати нақлиёти маҳаллӣ васеъ истифода бурда мешуданд.

Боёни Кӯҳистон ҳазор сарӣ ва аз он ҳам бештар гӯсфанду буз доштанд, камбағалон бошанд, бисёртар буз парвариш мекарданд. Бойҳои чорводор асосан галабон (чӯпон) -ро аз ҳисоби кӯҳистониёни бенаво киро мекарданд. Бойҳо чорвои худро, махсусан бузу гӯсфанд ва ғайраро дар бозорҳои Ҳисор, Ӯротеппа, Панҷакент ва дигар ҷойҳо мефурӯхтанд [8,с.11,122].

Маҳсулот соҳаи чорводори мисли дигар соҳаҳои ҳоҷагии қишлоқ яке аз омилҳои асосии пешрафти савдо ба шумор мерафт. Баробари инкишофи муносибатҳои молию пулӣ дар ҳоҷагии қишлоқи саргаҳи Зарафшон миқдори чорво ва галабонҳо (чӯпон) меафзояд. Вале миқдори умумии чорворо дар саргаҳи Зарафшон муайян намудан кори бағоят душвор ва мураккаб аст. Бо вуҷуди ин, теъдоди умумии чорвои Кӯҳистонро аз рӯйи ҳаҷми умумии закоти чорво муайян кардан мумкин аст. Аз рӯйи қонунҳои шариат, закот аз 40 сар чорво як сарро ташкил медод. Закот дар ҳама ҷо асосан бо пул рӯёнида мешуд: ба ҳар сар меш аз 3 сӯму 26 тин то 3 сӯму 60 тин ва ба ҳар сар буз бошад, 2 сӯму 60 тин. Аз рӯи иттилои А. Гребенкин, закоти чорво дар Кӯҳистон ба миқдори 3393 сӯм, яъне, 1131 сар меш ҷамъ оварда шуд. Аз ин далел ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар Кӯҳистон

тақрибан 113100 сар мешу буз мавҷуд будааст [8]. Баъзе санадҳои таърихӣ маълумоти овардаи моро пурра мекунанд. Масалан, соли 1904 танҳо дар волости Фалғар 105 галабон (чӯпон)-и маҳаллӣ на камтар аз 30 ҳазор чорвои хурдро нигоҳубин мекарданд [12,с.41]. Бойҳои маҳаллӣ аз хариду фурӯши чорво фоидаи калон мегирифтанд. Чунончи, сарватманд ва соҳиби чорвои сершумори деҳаи Вешканди волости Фалғар Келдибой 10 ҳазор сар гӯсфанд дошт ва қисми онҳоро ба фурӯш мебаровард. Ба андешаи Абдураҳмон Мустаҷир, агар гову гӯсфанду буз ва дигар намуди чорворо баҳри зарурат фурӯхтанӣ шаванд, ба вилоятҳои дурдаст (Ӯротеппа, Самарқанд ва Панҷакент) бурда мефурӯхтанд [1,с.110].

Ҳунармандӣ яке аз касбҳои маъмули мардуми Осиёи Миёна, алалхусус саргаҳи Зарафшон ба шумор мерафт. Талабот ба маҳсулоти ҳунармандӣ, махсусан пас аз ҷониби Русия ғасб гардидани ин сарзамин бештар меафзояд, ки он ба рушду нумӯи ин соҳа мусоидат намуд. Хусусияти хосси ҳунармандӣ дар саргаҳи Зарафшон чун тамоми Осиёи Миёна аз он иборат буд, ки баробари ворид шудани маҳсулоти саноатии рус ба ин сарзамин, бисёр соҳаҳои ҳунармандӣ рӯ ба таназзул мениҳанд, вале баъзе соҳаҳо бошанд, таҳаввулоти азимеро аз сар гузарониданд. Дар аксар деҳаҳо, махсусан бофандагӣ, дуредгарӣ, харротӣ, табақтарошӣ ҳалвогарӣ, чувозкашӣ, рағзабофӣ, намадмолӣ, кулолгарӣ равнақ ёфта буданд, вале оҳангарону наългарон ҳам теъдоди кам надоштанд. Ҳунармандон дар ин ҷо асосан ҳангоми фориғ аз корҳои хоҷагии қишлоқ будан ба косибӣ ва ҳунармандӣ шуғл меварзиданд. Дар ҳар волост аз 5 то 15 нафар ҳунарманд: оҳангар, кулолгар, дуредгар, мӯзадӯз ва ғайра кору фаъолият менамуданд.

Ҳунармандони Панҷакент, асосан, зимистону тобистон ба косибӣ машғул мешуданд. Чуноне Абураҳмони Самарқандӣ иттилоъ медиҳад, шуғли баъзе мардуми ин ҷо мехчагарӣ, карбосбофӣ, кафшдӯзӣ ё мӯкидӯзӣ, баъзе нонвой, баққолӣ, оҳангарӣ ё наългарӣ ва ғайра будааст [1,с.171-172]. Ба қавли Абдураҳмон Мустаҷир, дар волости Панҷакент ду аттор будааст ва дигар аттору баззоз аз вилояти Самарқанд ва Ургут рафта, бозорӣ карда, чизҳои даркории онҳоро бурда фурӯхта, боз меомаданд [1,с.171].

Дар ин сарзамин дуредгарӣ низ ривоҷу равнақ мекард. Ба қавли Абду-раҳмон Мустаҷир, дар ин минтақа дуредгар чӯбро харротӣ карда, аз он асбобҳо ва иморат месохт. Устои табақтарош ҳам табақу коса, соғу ва дигар чизҳоро аз сафедор тайёр мекард [1,с.100]. Дар сафарнома усулҳои тайёр кардани либосвории миллӣ, хӯрокворӣ, кӯзаву сафол ва инчунин хариду фурӯши маҳсулоти ҳунармандӣ нишон дода шудаанд. Ба қавли Абдураҳмон Мустаҷир, бо мақсади карбос бофтан аз Ӯро-теппа ва Самарқанд ғӯза меоварданд.Занҳо ғӯзаро кашида, пахтаашро аз ҳал-лоҷӣ гузаронида, пас аз он пахтаро наддофӣ карда, кох сохта, дар чарх дӯк шинонда, онро мериштанд. Сипас, аз орд оҳар бехта, ресмонро оҳар медоданд, баъд онро мардҳо дар дӯкон танида мебофтанд, ки карбос мешуд ва онро либос дӯхта мепӯшиданд. Агар аз худашон зиёдатӣ бошад, онро мефурӯхтанд [1,с.47,106].

Кӯҳистониён тутҳалво ҳам тайёр мекарданд. Меваи тутро хушк карда, баъд онро дар осиёб орд кашида, дар соғуҳои калон пахш карда мемонданд. Сипас тутҳалворо дар Ӯротеппа, Панҷакент, Самарқанд бурда мефурӯхтанд [1,с.106]. Махсусан искодариҳо ва дигар мардуми ин сарзамин «меваи тутро хушконида, дар осиёб орд карда, дар кӯзаҳои калон пахш карда мемонданд, аснои сари сол дар вилоятҳои Самарқанд, Каттақӯрғон, Ҷиззах, Шаҳрисабз ва ғайра бурда мефурӯхтанд» [1,с.42,43,57].

Ба ин ҷо баъзан аз Ӯротеппа, Панҷакент ва дигар мавзеъҳо кулолгарон омада, дар Варзи Манор ва Урметан хумдон андохта, кӯзаву тағора сохта, ба фалғариҳо фурӯхта бармегаштанд. Кӯҳистониён косаву табақ ва кӯзаи сафолро аз бозори Ӯротеппа ва Панҷакент харида меоварданд. Баъзе ӯротеппагиҳо бошанд, ба ин минтақа косаву табақ ва дигар чизҳо оварда, ба ғалла иваз мекарданд [1,с.110].

Дар саргаҳи Зарафшон аз ҳама бештар ҳунари коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, қабл аз ҳама, пашму пӯст ва ғайра рушд карда буд. Дар ин диёр осиёб ва ҷувозхона ҳам амал мекарданд: осиёб дар як шабонарӯз то 12 пуд орд, ҷувозхона бошад, як пуд равған истеҳсол менамуд. Дар ҳар волост миқдори осиёб то 50, ҷувозхона бошад, дар Фалғар 40, Мастчоҳ ва Искандар то 10 ададӣ мавҷуд буданд. Соли 1887 дар волости Киштут 18, Моғиёну Фороб 28 ҷувозхона ҷой дошт. Аз рӯйи маълумоти Абдураҳмони Самарқандӣ, камаш дар ҳар диёр як ё ду ҷувозхона буд. Дар ҷувозхона индов ва зағирро ба ҷувоз андох-та, равған мекашиданд [1,с.100]. Абдураҳмон Мустаҷир инчунин аз ҳунару пешаҳое маълумот медиҳад, ки хосси мардуми бархе аз мавзеҳои ин сарзамин ба шумор мерафтанд. Масалан, дар Варзимунор як қисми аҳолӣ ба заршӯӣ, истеҳсоли навшодиру зок машғул буданд. Тибқи маълумоти санадҳои таърихӣ, урметаниҳо то инқилоб ба заршӯӣ машғул

буда, хоки сиёҳи Зарафшонро мешустанд [10]. Дар баъзе маҳалҳо гӯгирд истеҳсол мекарданд. Инчунин, бархе аз сокинон ба шикор, баққолӣ, пиллапарварӣ ва ғайра шуғл меварзиданд.

Абдураҳмони Самарқандӣ баробари инъикоси масоили иқтисоду тиҷорат дар саргаҳи Зарафшон, ба таъсиси муассисаҳои савдоӣ, аз ҷумла дуконҳои тиҷоратӣ, корвонсаройҳо, мавқеи бозорҳо дар системаи савдо ва инчунии ривоҷу равнаќи тиҷорат дар Кӯҳистон ва амсоли он таъкид намудааст. Дар хусуси рушди тиҷорат дар саргаҳи Зарафшон чунин далелҳо низ шаҳодат медиҳанд, ки дар бисёр деҳаву ноҳияҳо ва волостҳо муассисоти хурди тиҷоратӣ бунёд ёфтанд, ки онҳо дар пешрафти савдои дохилӣ ва берунӣ мусоидат менамуданд. Чунончи, дар деҳаҳои Урметан ва Дардари волости Фалғар чандин дукони тиҷоратӣ фаъолият мекарданд. Тибқи маълумоти баъзе санадҳо, дар Урметан 7 дукон ва дар Дардар бошад, 4 дукон мавҷуд буданд. Дукондорон аз намояндагони аҳолии маҳаллӣ иборат буданд [12,с.41]. Дар он дуконҳо молҳои ниёзи аввали мардум: ашёҳои гуногуни пахтагӣ, маснуоти чӯбину қоғазӣ, дорувор, маводи сӯхт, маҳсулоти хӯрока, сабзӣ, пиёз, гӯшт, биринҷ ва ғайра фурӯхта мешуданд.

Инчунин, пайдоиши баъзе деҳаҳои кадимтарини саргаҳи Зарафшон- Урметан ва гузари он - Лангар дар бораи он шаҳодат медиҳанд, ки як замоне дар ин ҷо нахустин сокинони он корвонсарое бунёд намуда, онро ба ҷойи дамгирии тоҷирон табдил дода буданд [10]. Аксар санаду бурҳонҳо собит месозанд, ки дар сарзамини тоҷикон дар ҳар давру замон теъдоди корвонсаройҳо ва дигар муассисоти савдоӣ кам набуданд.

Яке аз бозорҳои бонуфузи болооби Зарафшон бозори Панҷакент ба шумор мерафт, ки дар ин ҷо рӯзи панҷшанбе бозор барпо мегашт. Дар бозор асосан дуконҳои ду қатораи тиҷоратӣ бунёд ёфта буданд. Мардуми гирду атроф, аз ҷумла Моғиён, Киштут ва баъзан Фон ва Фалғар ба ин ҷо омада, бозорӣ мекарданд. Ба қавли Абдураҳмон Мустаҷир, «бозорҳои онҳо (яъне, мардуми Киштут -Ю.Ш.) Панҷакент аст. Ба бозор чӯби дук, чӯби арча ва минқол меоварданд, ки онҳоро фурӯхта, ба пулаш алоча, карбос, намак, гандуму ҷав ва дигар чизҳои даркориро гирифта, ба мавзеи худ мебурданд» [1,с.170-171]. Дар бозори Панҷакент аз ваҷҳи хӯрока нархи биринҷ ва орд қимат буда, мардуми он вилоят ин ду хӯрокаро бештар мегирифтанд. Аз пӯшокӣ бошад, нархи адрас бисёр баланд буд, ки онро тирамоҳ бештар харид менамуданд [1,с.171-172].

Дар ибтидои асри XX инкишофи муносибатҳои молию пулӣ дар ҳудуди Кӯҳистон зарурияти таъсис намудани бозорҳои навро ба миён овард. Дар соли 1906 бо хоҳиши аҳолии волости Офтобрӯя дар деҳаи Йорӣ бозор кушода шуд, ки он дар рӯзи сешанбе барпо мегашт. Дар арзномаи кушоиши бозор нишон дода мешуд, ки сокинони саргаҳи Зарафшон ба чунин бозор бештар эҳтиёҷ доштанд [7,с.7]. Дар соли 1913 дар деҳаи Сӯҷинаи волости Панҷакент низ бозори дигар кушода мешавад, ки дар он сокинони Киштут, Моғиён ва дигар волостҳо фаъолона ширкат менамуданд [7,с.7]. Вале ба кӯҳистониён барои тавассути роҳу пайраҳаҳои вайрону мушкилгузари саргаҳи Зарафшон ба бозори Панҷакент ё Ӯротеппа ва дигар мавзеъҳо равуо намудан камаш 6-8 рӯз лозим буд.

Дар нимаи дувуми асри XIX бошад, дар саргаҳи Зарафшон бозор вуҷуд надошт, ки он аз қафомонии муносибатҳои молию пулӣ шаҳодат медод. Хусусияти хосси муносибатҳои тиҷоратӣ дар саргаҳи Зарафшон чун дигар қисмати кӯҳии Аморати Бухоро аз он иборат буд, ки дар ин минтақа савдо аслан характери моливазкуниро гирифта буд. Ҳамин омил махсусан дар қисматҳои кӯҳӣ бештар пурқувват буд. Ба гуфти Абдураҳмон Мустаҷир, ба Мастчоҳ савдогарони ӯротеппагӣ ва панҷакентӣ баҳору тирамоҳ чит, тик ва дигар чизҳои даркориро оварда, ба бузу гӯсфанд иваз мекарданд ё бо пул мехариданд [1,с.111]. Вале бо вуҷуди ин, тадриҷан дар саргаҳи Зарафшон муносибатҳои молию пулӣ пайдо шуда, инкишоф меёфтанд. Азбаски дар Зарафшон бозор вуҷуд надошт, - менависад Абдураҳмон Мустаҷир, - мардуми ин ҷо маҳсулоти худро дар бозорҳои Панҷакенту Ӯротеппа, Ҳисору Самарқанду Шаҳрисабз ва дигар мавзеъҳо фурӯхта, ашёҳои зарурии рӯзгорро харида меоварданд [1,с.52]. Ба гуфти муаллифи сафарнома, «дар ин ҷо (Урметан-Ю.Ш.) бозор нест, ҳар чизе, ки даркор бошад, аз Панҷакент ва Самарқанд ва Ӯротеппа ва Ургут ва Шаҳрисабз меоранд» [1,с.30]. Муаллиф дар ҷойи дигари рӯзнома қайд мекунад, ки "бозори он мардум (Разз-Ю.Ш.) Ӯротеппа, Самарқанд ва Панҷакент буда, мардум ба он ҷойҳо рафта, бозорӣ карда меомадаанд”[1,с.52]. Инчунин, бозори мардуми Анзоб, Ҳисор, Панҷакент, Самарқанд ва Ӯротеппа ҳисоб меёфт [1,с.142]. Бозори мардуми Яғноб бошад, Ҳисор ва Ӯротеппа буда, мардум дар ин ҷойҳо бузу гӯсфанди худро фурӯхта, аз он ҷо гандум, намак, алоча ва дигар чизҳои даркориашонро харида, ба маркабҳояшон бор карда, худи онҳо пойи пиёда аз ақиби харҳо ҳай карда меомаданд [1,с.149].

Азбаски дар бисёр мавзеъҳои саргаҳи Зарафшон: Урметан, Варзи Манор, Искодар, Рарз, Шамтич, Вешаб, Худгиф, Куруд ва ғайра бозор вуҷуд надошт, сокинони онҳо меваи дарахтони худро, ба монанди себу зардолу, туту шафтолу, чормағз ва дигарҳоро хушк карда, дар дигар ноҳияву вилоятҳои наздику дур бурда фурӯхта, ба ивазаш ашёҳои зарурии рӯзгорро харид карда меоварданд. Аксари кӯҳистониён қисми меваи хушк: ғӯлинг, мавиз, аштак, чорво ва маҳсулоти онро дар бозорҳои Ӯротеппа, Самарқанд, Шаҳрисабз, Ҳисор, Панҷакент, Хуҷанд, Ҷиззах, Каттақӯрғон, Миёнкол ва дигар шаҳрҳо фурӯхта, ба ивазаш гандуму ҷав, арзан, намак, асбоби рӯзгор, либос, зебу зинат, китоб, ғӯзаю пахта, читу алочаи ургутӣ, собун, тамоку, пилла ва дигар чизҳои зарурии рӯзгорро харида, ба хар бор намуда, зиёдатии онро пуштора карда, боз ба ватани худ меомаданд [1,12,30,40,42-43,46-47,50-52,54-58,60-61,66-67,106,110 ва ғ.]. Масалан, кӯҳистониён, аз ҷумла мастчоҳиён косаву қошуқу табақи чормағзиро аз Қаротегин, деги ошпазиро аз Самарқанд меоварданд [1,с.92]. Биноан, дар Фалғар ва дигар ҷойҳо кӯзаи сафол ва офтобаи чӯяниро низ аз Самарқанд меоварданд [1,с.115].

Инчунин, маҳсулоти гуногуни саргаҳи Зарафшонро то ба шаҳрҳои Самарқанд, Қуҷанд, Хӯқанд ва амсоли он интиқол менамуданд. Аз рӯйи маълумоти Г. Арандаренко, ҳар сол ҳафтае дар муддати шаш моҳ, аз Панҷакент ва Қаратеппа ба ҳисоби миёна 112 маркаб (хар) ё 160 пуд ангишти миёнколӣ ва 176 маркаб ё 880 пуд ангишти арчагиро ба Самарқанд содир мекарданд, ки он дар як сол 13 440 пуд ангишти миёнколӣ ва 21 120 пуд ангишти арчагиро ташкил менамуд [3,с.409]. Бо вуҷуди ин, санаду далелҳо худ гувоҳӣ медиҳанд, ки дар саргаҳи Зарафшон дар аҳди мустамликавӣ муносибатҳои тиҷоратӣ нисбатан суст ҷараён мегирифтанд. Чунки дар давраи тадқиқшаванда минтақаи кӯҳистон аз хатти роҳи оҳан дур мавзеъ доште корхонаҳои тиҷоративу саноатӣ миқдоран камшумор ё умуман мавҷуд набуданд, балки дар ин ҷо муносибатҳои патриархалии феодалӣ ҳукмфармоӣ мекарданд. Аз ин рӯ, дар саргаҳи Зарафшон савдо ва муносибатҳои тиҷоратӣ ниҳоят суст пеш мерафтанд.

Дар сафарнома пайдоиш ва ташаккули табақоти иҷтимоӣ дар кишвари Зарафшон: бою камбағал, косибу ҳунарманд, тоҷиру бозаргон, савдогару сарватманд ва ғайра бо санаду далелҳои боварибахш нишон дода шудаанд. Тибқи шаҳодати муаллиф, бойҳои вилояти Фалғар гӯсфандони зиёд доштанд. Агар дар ин ҷо шахсе, ки соҳиби 100-200 гӯсфанд, ду асп, чаҳор гов ва ду-се маркаб (хар)-ро бой гӯянд, пас бои калони садаи миёна ва поёнии Фалғар дорои 200 гӯсфанду буз, ду асп, ду гов ва ду маркаб буданд. Ё зимнан бои Яғнобро гирем, ки он як асп, се гов ва 40 бузу гӯсфанд дошт [1,с.106,110,150]. Дар воқеъ, дарк кардан душвор нест, ки бойҳои Фалғар, Мастчоҳ, Фон нисбат ба мириҳои Киштут ва Моғиён фарқ мекарданд. Муаллифи сафарнома доир ба мафҳуми "бой" истинод намуда, фарқияти бойҳои садаи болоии Фалғару Мастчоҳ ва Фонро нисбати мириҳои Киштут ва Моғиён дар асоси далелҳои воқеӣ нишон медиҳад, ки онро аз рӯйи саршумори чорвою замини корамашон муайян кардан мумкин аст. Масалан, агар дар Фалғар ашхосе, ки 120 гӯсфанд, ду асп, чаҳор гов, ду-се маркаб, дар Мастчоҳ бошад, 100 гӯсфанд ва беш аз он дошта бошад, онро бой мегуфтанд, ин меъёр барои Фалғару Мастчоҳ ва Фон мувофиқат мекард. «Вале дар мириҳои Киштут ва Моғиён, - менависад А. Мустаҷир, - бойҳое, ки аз 1000 сар бештар мол, подаҳои гов, галаҳои асп дошта ва бар замми он, молики заминҳои зиёд ва ғайра низ буданд. Инчунин, бойҳои Кӯҳистон меҳмонхонаҳои маҷҷонӣ ва хайрия низ доштанд» [1,с.13].

Инчунин, муаллифи сафарнома ба мафҳуми камбағал низ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, қайд мекунад, ки маркаб ва буз боигарӣ ҳисоб намеёфт. Он шахсе, ки дорои замин набуда, камтар мол дошт, ӯро камбағал мегуфтанд. Масалан, камбағали яғнобӣ як маркаб, ду гов, ҳашт бузу гӯсфанд дошт [1,13,92,150]. Абдураҳмони Самарқандӣ бенавоии мудҳиши мардуми Кӯҳистонро бо маҳорати баланди нигорандагӣ тасвир намуда, гаштаю баргашта таъкид мекунад, ки "мардуми тоҷик бечора аст, он мардум камбағалу кашшоқ ва бештарини мардуми ин мавзеъ гадо буданд [1,с.92; 13,с.249]. Агар мардуми ин воҳа замину гӯсфанд надошта бошанд, аз ноилоҷӣ ба кӯҳ рафта, ҳезумкашӣ ва баъзеи онҳо ба вилояти Ӯротеппа ворид гашта, ҷувозкашӣ ва ҳалвогарӣ намуда, сабаби авқот мекардаанд. Масалан, оббурдониён "баъзе ба ҷониби Самарқанд, Ӯротеппа, Шаҳрисабз ва Панҷакент рафта, ҷувозкашӣ карда, пахтаву алоча ва дигар лавозими даркориро оварда, зиндагӣ мекарданд. Баъзеи онҳо хӯшачинӣ карда, ним ҷувол пахта ва дигар чизу чораро пушторакунон ба ватан меоварданд. Расми мардуми Пакшиф ҳам чунин будааст, ки онҳо дар Ӯротеппа рафта, ҳалвофурӯшӣ ва ҷувозкашӣ карда, аз маблағи ғункардаи худ чизу чора харид карда меоварданд [1,с.62,76]. Ба табақаҳо тақсимшавии аҳолӣ дар ҳудуди кунунии Тоҷикистон, аз ҷумла саргаҳи Зарафшон дар ҳайати аҳолӣ дигаргунии куллиеро

ворид месозад. Таҳти таъсири бевоситаи инкишофи муносибатҳои молию пулӣ теъдоди чунин гурӯҳҳои иҷтимоӣ афзоиш ёфт. Дар натиҷа, гурӯҳи муайяни одамоне пайдо шуданд, ки маҳсулоти истеҳсолкунандаи хурдро харида гирифта, дар бозорҳо мефурӯхтанд ва бештар фоида ба даст медаровարданд. Ба ҳамин минвол, баробари дигар табақаҳои иҷтимоӣ, тадриҷан гурӯҳи тоҷирон ташаккул меёфт. Аз рӯйи шаҳодати муаллифи сафарнома, қӯрғони Панҷакент панҷ дарвоза дошту дар дохили он тақрибан 30 баққол, то сари бозор ва гузар 4 қассоб мавҷуд буданд. Дар қӯрғон ҳамагӣ 70 дукон амал мекард, ки дар он аҳли ҳар касаба менишастанд [3,с.402]. Аз рӯйи баъзе маълумотҳо, дар Урметан 7 дукон ва дар Дардар бошад, 4 дӯкон амал мекарданд, ки соҳибони онҳо намояндагони аҳолии маҳаллӣ буданд [12,с.41]. Муҳаққиқи тоинқилобии рус И. Яворский иттилоъ медиҳад, ки дар солҳои 80 асри **XIX** сокинони шуъбаи Панҷакент аз рӯйи муносибатҳои иҷтимоӣ ба чунин гурӯҳҳо тақсим мешуданд: аз миқдори умумии аҳолӣ (37862 нафар) заминдорон – 40%, коргарони сиёҳ ё мардикорон 26,5%; ҳунармандон ва саноатчиён - 16,5; тоҷирон-7,3; рӯҳониён -5,7%-ро ташкил медоданд [21,с.61]. Мувофиқи иттилои ховаршиноси тоинқилобии рус А. Гребенкин, дар сеяки асри XIX дар водии Зарафшон 10 ҳазор нафар тоҷирон мавҷуд буданд.

Дар охири асри XIX - ибтидои асри XX дар кишвари Туркистон, аз ҷумла баъзе ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон, ба монанди Панҷакент ва ғайра омӯзишгоҳҳо, мактабҳои русии маҳаллӣ ва дигар муассисоти таълимӣ таъсис ёфтанд. Масалан, дар ибтидои асри XX дар Тошканд омӯзишгоҳи тиҷоратӣ, омӯзишгоҳи роҳи оҳан, омӯзишгоҳи техникӣ, дар Са-марқанд мактаби боғу токдорӣ, дар Қӯқанд бошад, омӯзишгоҳи тиҷоратӣ ва ғайра амал менамуданд, ки дар онҳо дар қатори дигарон тоҷикону ӯзбекон таҳсил мекарданд. Аз рӯи маълумоти профессор М. Бобохонов, дар омӯзишгоҳҳои тиҷоратии Тошканду Қӯқанд қариб 20%-и талабагонро намояндагони мардуми маҳаллӣ ташкил медод [5,с.273]. Солисан, дар ин муас-сисаҳои таълимӣ сокинони ноҳияҳои шимоли Тоҷикистони кунунӣ ва инчунин кӯҳистониён кам набуданд.

Ба ҳамин тариқ, аз таҳлилу муқоисаи санаду маводҳои "Рӯзномаи сафари Искандаркӯл"-и Абдураҳмони Самарқандӣ ва дигар сарчашмаҳои таърихии охири асри XIX ва ибтидои асри XX бармеояд, ки таҳқиқу баррасии онҳо барои рӯшан намудани саҳифоти хираи масоили иқтисоду тиҷорат, алалхусус вазъи роҳу нақлиёт ва аҳаммияти онҳо дар пешрафти тиҷорат, ташаккули муносибатҳои молию пулӣ дар хоҷагии қишлоқ, ҳунармандӣ ва саноати маҳаллӣ, мавқеи бозор дар рушди тиҷорат, ташаккули табақоти мухталифи иҷтимоӣ, махсусан тоҷиру бозаргон, хусусиятҳои хосси муносибатҳои тиҷоратӣ дар саргаҳи Зарафшон ва амсоли он дорои аҳаммияти зиёди илмиву амалӣ мебошад.

**АДАБИЁТ**


1. Абдураҳмон Мустаҷир. Рӯзномаи сафари Искандаркӯл. - Душанбе, 1989. - 176 с.
2. Аминов П. А. Военно - топографический очерк горной страны верховьев р. Зерафшана //Материалы для статистики Туркестанского края: Ежегодник / Под ред. Н. А. Маева / П. А. Аминов . - Спб., 1873. -Вып. 3. – С. 1-107.
3. Арандаренко Г.А. Досуги в Туркестане: 1884 -1889 / Г. А. Арандаренко . – Спб., 1889.- 666 с .
4. Афсаҳзод А., Муллоаҳмадов М. Гувоҳи таърих // Абдураҳмон Мустаҷир. Рузномаи сафари Искандаркӯл. -Душанбе, 1989. – С.5-14.
5. Бобохонов М. Таърихи Русия дар замони сармоядорӣ / М. Бобохонов .-Душанбе: Маориф, 1996. - 296 с.
6. Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.- З. Т.–1. – Р. 1. –Д. 909. – В. 45-80.
7. Бойгони марказии давлатии таърихии Ҷумҳурии Ӯзбекистон.- З. 20.- Р. 1.-Д. 273.-В.6-8.
8. Гребенкин А.Д. Заметки о Когистане // Туркестанские ведомости. - 1872. - № 25.—27 июня.
9. Капитин Бегиллдеев. Описание пути от г. Ходжента через перевал Пастив (Янги Сабак) в долину Зерафшана и Зерафшанской долины от выхода из Сабакского ущелья до г. Самарканда //СГТСМА / Кап. Бегиллдеев . - Спб., 1888.-Вып. 36.- С. 84-93.
10. .Кучерявых В. Урметан: Любимая Родина //Комсомолец Таджикистана.- 1990.-№ 25 -28 февраля.
11. Мухторов А. Кӯҳистон: (очерки таърихӣ) // Ранов В.А., Неъматов Н., Мухторов А. Асрори замони куҳан. - - Душанбе: Ирфон, 1974.- С .93 - 142.
12. Назаров Х. Социально - экономический строй Кухистана во второй половине XIX и иачала XX векова // Из истории Таджикистана: Сборник работ аспирантов кафедры истории ТГУ им. В.И. Ленина / Ҳ. Назаров . - Сталинобод, 1957. - Вып. I. С.3-50.
13. Пален К. К. Материалы к характеристике народного хозяйства Туркестана / К. К. Пален . - Спб.,1911.- Ч. 1. - Отд. 1. - 425 с.
14. Раҷабов З. Аҳмади Дониш – маорифпарвар / З. Ш. Раҷабов. –Душанбе: Ирфон,1964. – 368 с.
15. Соболов Л. Н. Географические и статистические сведения о Зерафшанском округе с приложением списка населенных мест округа //Зап. имп. русск.геогр. об-ва (ЗИРГО): По отделению статистики /Л. Н. Соболов . - Спб., 1874. -Т.4. - С. 187-211.
16. Хромов А. Л. О дневнике Искандаркульской экспедиции 1870 г. // Изв. ООН АН Тадж. ССР / А. Л. Хромов .-Душанбе, 1972. – С. 72 – 76. 17. Шишов А. Таджики // Шелковый путь / Альманах:

(выпуск первый) / А. Шишов .- Душанбе: Ирфон, 1990. – С. 317-349.
17. Шодипур Ю. История путей сообщения и транспорта Таджикистана во второй половине X1X – начале XX вв. : Дисс. канд. ист. наук /Ю. Шодипур. - Душанбе, 1992.–244 с.
18. Шодипур Ю. Муносибатҳои тиҷоратии саргаҳи Зарафшон дар аҳди мустамликавӣ аз нигоҳи Абдураҳмон Мустаҷир //Шоҳроҳи ваҳдат.-2000.-№1.-С.25 - 41.
19. Шодипур Ю. Ҳамроҳшавӣ ё ғасби саргаҳи Зарафшон //Тоҷикистон.-1993 .- № 1-2.-С. 8–10.
20. Яворский И. Опыт медицинской географии и статистики Туркестана / И. А. Яворский . –Спб.,1890.-338 с.

## МУНОСИБАТҲОИ ТИҶОРАТИИ САРГАҲИ ЗАРАФШОН ДАР ОХИРИ АСРИ XIX - ИБТИДОИ АСРИ XX (тибқи ахбори "Рӯзномаи сафари Искандаркӯл"-и А. Мустаҷир)

Дар мақолаи мазкур ташаккул ва рушди муносибатҳои тиҷоратӣ дар саргаҳи Зарафшони охири асри X1X ва ибтидои асри XX, ки ба ҳайати он ноҳияҳои кунунии Айнӣ, Панҷакент, Мастчоҳ ва ғайра дохил мешуданд, дар асоси маводу санадҳо ва **"Рӯзномаи сафари** Искандаркӯл"-и **Абрураҳмон Мустаҷир** ва муқоиса бо ахбори маъхазу сарчашмаҳои хаттии маҳаллӣ ва дигар матолиби таърихӣ мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шудаанд. Ҳамзамон, рушду такомули хоҷагии қишлоқ, аз ҷумла соҳаи боғдорӣ, ангурпарварӣ, инкишофи муомилоти молию пулӣ ва характери молӣ гирифтани маҳсулоти хоҷагии қишлоқ , нақши навгониҳои илмию техникӣ, аз ҷумла бунёди роҳҳои оҳан, сохтмони корхонаҳои саноатӣ ва амсоли он бо санаду далелҳои раднопазир ба таври амиқу боэътимод тадқиқ ва бозгӯ шудаанд. Муаллиф ба хулосае омадааст, ки маҳз дар ин давра дар саргаҳи Зарафшон кишоварзӣ, ҳунармандӣ, саноати маҳаллӣ ривоҷу равнақ ёфта, маҳсулоти онҳо талаботи доираи васеи мардумро қонеъ мегардонданд. Инчунин, дар ин минтақа бозорҳо, дуконҳо, корвонсаройҳо ва амсоли онҳо бунёд ёфта, дар пешрафту такомули муносибатҳои тиҷоратӣ нақши муассир гузоштанд. Вале бо вуҷуди ин, дар саргаҳи Зарафшон бо сабабҳои гуногун, аз ҷумла мавқеи номусоиди ҷуғрофӣ, аз роҳи оҳан дар масофаи дур ҷойгир будани он, парешонӣ ва касодии ноҳияҳои кӯҳистон, мавҷудияти боқимондаҳои муносибатҳои патриархалии феодалӣ ва ғайра, боиси аз раванди умумии пешрафту такомули сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву тиҷоратӣ қафо мондани ин минтақаи кӯҳистон мегарданд, ки омилҳои фарққунанда ва хусусиятҳои хосси он дар тадқиқоти мазкур ба тариқи амиқу боварибахш инъикос ёфтаанд.

**Калидвожаҳо:** муносибатҳои тиҷоратӣ, саргаҳи Зарафшон, **Абдураҳмон Мустаҷир,** "**Рӯзномаи сафари** Искандаркӯл", маъхази таърихӣ, муомилоти молию пулӣ, бозор, дӯкон, корвонсарой, тиҷорат, тоҷир, савдои дохилӣ, тиҷорати берунӣ.

## ТОРГОВЫЕ ОТНОШЕНИЯ В ВЕРХОВЬЯХ ЗЕРАВШАНА В КОНЦЕ XIX – НАЧАЛЕ XX ВВ. (согласно данным – «Дневник Искандаркульской экспедиции» А. Мустаджира)

В данной статье, на основе «Дневника Искандаркульской экспедиции» А. Мустаджира, а также сопоставления с информацией, содержащейся в местных письменных и других исторических источниках, рассматривается и анализируется становление и совершенствование торговых отношений в верховьях Заравшана в конце XIX – начале XX вв., куда входили современный Айнинский район, Пенджикент, Матча и т.д. Одновременно в этом научном исследовании на основе достоверных данных рассматриваются вопросы развития и совершенствования народного хозяйства, в том числе садоводства, виноградарства, товарно-денежных отношений, продукция народного хозяйства, роль научно-технических достижений, строительство железных дорог, промышленных предприятий и т.д. Автор приходит к выводу, что именно в этот период в верховьях Зеравшана можно наблюдать развитие земледелия, ремесленного производства, в результате чего местная продукция пользовалась спросом и вполне удовлетворяла потребности населения. Кроме того, здесь были построены самые разнообразные производственно-культурные и торговые учреждения, такие как рынки, торговые лавки и ларьки, постоялые дворы и т.д., что в свою очередь способствовало дальнейшему развитию и совершенствованию торговых отношений в данном регионе. Несмотря на всё это, в верховьях Зеравшана по разным причинам, в том числе, неудобное географическое расположение, горная местность, удалённость от железной дороги, разбросанность и отсталость горных районов, слабость и недостаточность развития социально-экономического процесса, существование остаточных проявлений феодально-патриархальных отношений и т.д. было отставание от общего процесса политического, социального, экономического развития и дальнейшего совершенства этого горного региона. Эта слабость и отсталость, факторы различия и их особенности нашли своё глубокое отражение в данном исследовании.

**Ключевые слова**: торговые отношения, верховье Зеравшана, Абдурахман Мустаджир, «Дневник Зеравшанской экспедиции», исторический источник, товарно-денежные отношения, рынок, лавка, постоялый двор, торговля, торговец, торговые отношения, внутренняя торговля, внешняя торговля.

## TRADE RELATIONS IN THE TOP OF ZARAFSHAN AT THE END OF THE XIX - BEGINNING OF THE XX CENTURIES (ACCORDING TO THE DATA - "DIARY OF THE ISKANDARKUL EXPEDITION" BY A. MUSTAJIR)

In this article, on the basis of the "Diary of the Iskandarkul Expedition" by A. Mustajir, as well as comparisons with the information contained in local written and other historical sources, the formation and improvement of trade relations in the upper reaches of Zarafshan in the late XIX - early XX centuries are analyzed and analyzed, which included modern Ayni district, Penjikent, Matcha, etc. At the same time, this scientific study on the basis of reliable data addresses the development and improvement of the national economy, including horticulture, viticulture, commodity-money relations, products of the national economy, the role of scientific and technical achievements, the construction of railways, industrial enterprises, etc. d. The author comes to the conclusion that it was during this period in the upper reaches of the Zarafshan that one could observe the development of agriculture, handicraft production, as a result of which local products were in demand and fully satisfied the needs of the population. In addition, a wide variety of production, cultural and trade institutions were built here, such as markets, trade shops and stalls, inns, etc., which in turn contributed to the further development and improvement of trade relations in the region. Despite all this, in the upper reaches of the Zarafshan for various reasons, including the inconvenient geographical location, mountainous terrain, remoteness from the railway,

scattered and underdeveloped mountain areas, the weakness and inadequacy of the socio-economic process, the existence of residual manifestations of feudal-patriarchal relations etc. were the cause of the backlog of the general process of political, social, economic development and further improvement of this mountain region. This weakness and backwardness, the factors of difference and their features are deeply reflected in this study.

**Key words:** trade relations, headwaters of Zarafshan, Abdurakhman Mustajir, "Diary of Zarafshan Expedition", historical source, commodity-money relations, market, shop, inn, trade, trader, trade relations, internal trade, foreign trade.

**Свведения об авторе:** ***Юсуфи Шодипур*** – Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, доцент кафедры историии таджикского народа. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **901-11-24-01.** E–mail: **Shodipur 1954@ mail.ru**
**Information about the author:** ***Yusufi Shodipur*** - Tajik National University, candidate of historical sciences, associate professor of the department of history of the Tajik people. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **901-11-24-01.** E–maill: **Shodipur1954@mail.ru**

**УДК:930.85 (575.3) (091)**

# НАЗАРИ АКАДЕМИК ЮСУФШОҲ ЯҚУБОВ ДАР БОРАИ ЗОДГОҲИ ЗАРДУШТ

***Муродов С.М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Доир ба макони таваллуди ислоҳотгари дини қадими халқҳои эронинажод Зардушт миёни донишмандон ихтилофи назар вуҷуд дорад. Ва ин ихтилофот то ба имрӯз ба пурраги ҳаллу фасл нашудааст.Ҷонибдорони ин ихтилофотро метавон ба чанд гурӯҳ тақсим кард:

1.Зардушт дар ғарби Эронзамин ба дунё омадааст.

2.Зардушт дар шарқи Эронзамин зода шудааст.

3.Зардушт дар ғарби Эронзамин по ба арсаи ҳастӣ ниҳода ва ба хотири интишори дини худ ба шарқи Эронзамин ҳиҷрат намудааст.

4.Зардушт аз дигар манотиқи Эронзамин буд ва ғайра.

Муаррихони асримиёнагии форсу тоҷик ва араб Абулҳасани Балозурӣ (812-892), Ибни Хурдодбеҳ (826-912), Ҳамзаи Исфаҳонӣ (884-961), Ибни Фақеҳ (нимаи дувуми қарни IX-нимаи аввали асри X), Абурайҳони Беруни (4.9.973-11.12.1048), Ёқути Ҳамавӣ (1179-1292), Фазлуллоҳи Қазвинӣ (охири асри XIII-аввали асри XIV) Зардуштро аз ғарби Эронзамин ва фаъолияти динии ӯро дар Озарбойҷон-дар атрофи кӯли Урумия донистаанд.

Абӯрайҳони Берунӣ дар бораи Зардушт чунин мегӯяд: “Сипас, Зардушт, писари Сафеди Тумон зуҳур кард. Ва ӯ аз мардуми Озарбойҷон буд [1,с.220].

Абулфатҳ Муҳаммад ибни Абдулкарими Шаҳристонӣ (1086-1153) дар китоби “ал-Милал ва ан-ниҳал”-аш дар бораи Зардушт чунин менависад: “Пурушасп) аз Озарбойҷон ва модараш бо номи Дуғдуя аз Рай буд” [2,с.31].

Муҳаммад Ҷарири Табарӣ (836-16.2.923), Ибни Асир (1160-1234), Мирхонд (1434-1498) зодгоҳи Зардуштро Фаластин ва маҳалли фаъолияташро Озарбойҷон гуфтаанд.

Абӯалӣ Муҳаммади Балъамӣ (ваф 974) дар китоби “Таърихи Табарӣ”-аш Зардуштро шогирди Узайр (Ирмиё) ном яке аз паёмбарони яҳудӣ қаламдод кардааст [3,с.386].

Дар китоби “Нафоис-ул-фунун фӣ ароис – ил-уюн”-и Муҳаммад Маҳмуди Омулӣ (таълиф.1335) омада, ки: “замоне Зардушт зоҳир шуд ва дини собиён боздошт ва ба дини маҷус даъват кард, Гуштосп аз Хуросон ба Форс омад ва бад-ӯ бигаравид ва ба Занд хондан машғул шуд ва оташкадаҳо сохтан фармуд” [4,с.65]. Аз ин навишта бармеояд, ки Муҳаммад Маҳмуди Омулӣ зодгоҳи Зардушт ва маҳалли зуҳури дини зардуштияро ғарби Эронзамин медонад.Муаллифи китоби “Анҷуманоро” Аҳмадбеки Гурҷӣ (асри 19) зодгоҳи зардуштро шаҳри Шизи Озарбойҷон мегӯяд ва менависад, ки баъдан ӯ ба шаҳри Рай ва ба пойтахти Каёниён ҳиҷрат намудааст [5,с.65].

Пажӯҳишгарони Ғарб ва Россия низ дар бораи зодгоҳ ва ё ватани Зардушт андешаҳои гуногун доранд. Муаррихи Юнони қадим Ктесий (416-399 то мелод), ки тӯли 17 сол табиби дарбори Ардашери Дувуми Ҳахоманишӣ буд, Зардуштро аз Бохтар гуфтааст. Муҳаққиқони аврупоӣ Х.Бартоломей, Ф. Юсти, Х. Ҳертсфелд, Я.Х. Мултон, зодгоҳи Зардуштро Озарбойҷон донистаанд. Дар муқобили онҳо И. Маркварт, Э. Бенвенист, Ф. Андреас, Н.Г. Нюберг, А. Кристенсен, С.П. Толстов, М. Марселин, В. Гегер, В.В. Струве, И.М. Дяконов, И.В. Пянков, В. Тамошек, Ф. Грене, С.Н. Соколова ватани Зардуштро Бохтар, аз ҷумла Хоразм ва Суғд номидаанд. Э. Ҷексон, В.В. Абаев ватани Зардуштро Рай, Ниёлии Итолиёи соҳилҳои кӯли Ҳомуни Систон мегӯянд. Доир ба зодгоҳи Зардушт миёни пажӯҳишгарони эронӣ низ андешаи ягона вуҷуд надорад. Мердоди Меҳрин ватани ӯро

ховари Эрон, “Муҳаммади Оштиёнӣ Хоразм ба қалам додаанд. Ҳусейн Тавфиқӣ дар китоби “Ошноӣ бо адиёни бузург”-аш (Теҳрон, 2005) доир ба ҳаёту фаъолияти Зардушт менависад: Муҳаммад Ҷарири Табарӣ ва пайравони ӯ Зардуштро аз Фаластин медонанд ва мегӯянд вай аз он ҷо ба Эрон омадааст. Вале аксари муаррихон монанди худи зардуштиён муътақиданд, ки ӯ эронӣ ва аҳли Озарбойҷон будааст ва маҳалли барангехтагии ӯро кӯҳе наздики кӯли Урумия медонанд. Ба ҳамин сабаб оби кӯли Урумия барои Зардуштиён муқаддас аст. Бархе аз муҳаққиқон низ ӯро аз ноҳияҳои шарқии Эрони бостон медонанд.

Бояд гуфт, ки дар мавриди ватани Зардушт чанд тан аз донишмандони тоҷик низ таҳқиқот анҷом дода ва фикру мулоҳизоти хешро баён намудаанд, ки яке аз онҳо академик Юсуфшо Яқубов мебошад. Вай, ки ба ҳайси яке аз донишмандони саршиноси риштаҳои бостоншиносӣ ва таърихи қадими ақвоми ориёӣ дар кишварамон ва берун аз он шинохта ва эътироф шудааст, доир ба дини маздаясно, китоби доиратулмаорифии Авесто, зиндагинома ва таълимоти Зардушт таълифоти зиёде намудааст. Вай дар тӯли солҳои мутамоддӣ, ки ба кашфиёти осори бостонӣ дар ҳудуди Тоҷикистон ва ҳатто берун аз он машғул аст, ҳамзамон осори зиёди хатиро низ мавриди пажӯҳиш ва таҳқиқ қарор дода, ин ҳардуро ба ҳам муқоиса намуда, доир ба зиндагиномаи Зардушт, аз ҷумла маҳалли таваллуди ӯ дар таълифоташ назари хосси худро баён намуда, ки ин нуқтаи назари академик Ю. Яқубов дар миёни донишмандон ва пажӯҳандагони дохилию хориҷӣ ҷонибдорони зиёде пайдо намудааст.

Ю. Яқубов нуқтаи назари донишмандон ва пажӯҳишгаронро аз назари илми омӯхта, бо далелҳои илмӣ баъзе аз онро рад намуда, бархеро ҳам тайид карда ва қотеона назари хешро бо овардани арқому омори дақиқ баён менамояд. Чунончи, дар ҷавоб ба онҳое, ки гуфтаанд ва мегӯянд, Зардушт аз сарзамини Мод ҳаст, чунин мегӯяд: “Ман аз он авестошиносон дар тааҷҷубам, ки ватани Зардуштро дар Мод дониста, забони Готҳоро ба лаҳҷаи ориёӣ ҳам шарқӣ нисбат медиҳанд. Чӣ, тавр ешавад, ки Зардушт дар мамлакати модҳо таваллуд шуда, он ҷо бузург шавад, маълумот гирад ва даъвои пайғамбарӣ намояд, аммо ба сабаби он ки сарварони Мод дини ӯро напазируфта, таъқиб мекунанд, вай ба Бохтар фирор намояд ва ин ҷо китоби худ Готҳоро навишта, боре аз ватанаш ва шоҳони он диёр ном набарад. Дар Готҳо аз кайҳои худсари Ориёи Шарқӣ, Усич, Карапанҳо,- аз рақибони худ бо дарду алам менависад. Чаро дар бораи сарварони Модҳо чизе нагуфтааст. Ё Готҳоро ба лаҳҷаи ориёиҳои ғарбӣ не, балки ориёиҳои шарқӣ менависад. Чӣ тавр ӯ дар як муддати кӯтоҳ лаҳҷаи ориёиҳои шарқиро аз бар кард, ба он китоб навишта ва ҳатто луғати Зандро барои фаҳмидани дигар ориёиҳо тартиб дод. Бинобар ин ақидаи олимоне, ки ватани Зардуштро дар Ориёнои Ғарбӣ медонанд, пояи илмӣ ва мантиқӣ надорад” [6,с.27].

Академик Ю. Яқубов дар бораи он гурӯҳ аз олимоне, ки Зардуштро аз сарзамини Хоразм медонанд, чунин менависад: “Тарафдорони ақидаи аз Хоразм будани Зардушт ӯро муъбади пеш аз таърих медонанд ва бар онанд, ки ақидаҳои диниовардаи ӯ ба шоҳи ин ҷо мақбул намудаанд ва гурехта ба назди подшоҳи турҳои Сир Виштасп меравад ва он ҷо комёб мешавад. Аз олимони ин гурӯҳ Н.Нюберг мегӯяд, ки Зардушт аз соҳили Сир ба Балх рафтааст. Ҳамин ақидаро Э.Бенвенист ҷонибдор аст. Олими тоҷик Ҳ. Муинҷонов ба гуфтаи Н.С. Нюберг пайравӣ намуда, Зардуштро аз турҳои соҳили рости рӯди Сир медонад. Ба тарафдорони ақидаи аз соҳили рӯди Сипас-Сир будани Зардушт гуфтанӣ ҳастем, ки соҳили Сир ҳеҷ гоҳ ба Хоразм итоат надошт, ин ҷойҳо дар ихтиёри иттиҳоди турҳои Афросиёбу Арҷосп буданд. Тааҷҷубовар он аст, ки олимони ин гурӯҳ, аз як тараф, Зардуштро одами пеш аз таърих мегӯянд, аз тарафи дигар ба асрҳои VII-VI п.м. нисбат медиҳанд. Умуман, дар ҳеҷ адабиёти авестоӣ дар бораи он ки Зардушт аз Хоразм аст, гуфта намешавад”. Ва Ю. Яқубов барои исботи ин иддаои худ ба китоби Авесто рӯй меоварад ва исбот менамояд, ки ватани Зардушт, яъне Ориён Виҷ ба ҳеҷ ваҷҳ ба Хоразм аз ҳеҷ лиҳоз ва бахусус аз ҷиҳати ҷуғрофиёт ва обу ҳаво шабоҳат надорад. Бояд ватани Зардуштро дар Бохтари Шарқӣ ҷуст.

Чунончи, дар фаргарди якуми “Вандидод” чунин омадааст: “Нахуст ман ки Аҳура Маздоям беҳтарин ҷой зист Айрйана Вайҷаҳи бихро афаридам ба кинори Дайтйо. Ва Аҳримани пурмарг Ажи зарду зимистони девдодаро бисохт ҳамчун патйора (бадбахтии сартосарӣ, қатли омм) ки он ҷо даҳ моҳи зимистон асту (танҳо) ду моҳи тобистон-ки барои обҳо сард аст, барои замину барои урварон (каҳ, растанӣ) – ба миёнаи зимистон, ба адни зимистон- ба фарҷомии боз-обхезӣ аст” [7,с.470].

Дар такя ба Авесто ва ковишҳои бостоншиносию таҳқиқоти илмӣ академик Ю.Яқубов ба чунин хулоса меояд: “Таҳқиқоти таърихии иқлими Хоразм нишон медиҳад, ки дар ин

ҷо ҳеҷ гаҳ чунин сардиҳо набудааст, пас Ориён Вайҷро дар Хоразм ҷустан иштибоҳ мебошад. Дар банди дувуми бахши дувуми фаргарди нуздаҳуми "Вандидод" чунин навишта шудааст: "Зардушт бар фарози кӯҳ дар каронаи рӯди Дареҷа нишаста ниёишкунон ва парастиш ба боргоҳи Аҳура Маздо, ба Ашоспандони нек-Баҳману Урдубишту Шаҳривару Спандармад-бурда буд" [8,с.601].

Дар робита ба ин навишта ва ҳамчунин гуфтаи банди чаҳоруми бахши якуми фаргарди нуздаҳуми "Вандидод" Ю.Яқубов қотеона изҳор медорад, ки паёмбар Зардушт аз кӯҳистон аст.

Дар ҷавоб ба онҳое, ки Зардуштро аз Фаластин гуфтаанд, академик Ю.Яқубов чунин менависад: "Акнун чаро муаррихони исломӣ Зардуштро аз Фаластин гуфтаанд ва бо Иброҳим – паёмбари яҳудон омезиш додаанд? Чи тавре маълум аст, соли 539 п.м. Куруши Кабир Бобулро фатҳ намуд ва асирони зиёде, аз ҷумла яҳудонро аз асорат озод карда, ба яҳудзане бо номи Соро хонадор шуд. Аз ҳамон вақт яҳудон Курушро фиристодаи Худованд барои озодии худ шинохтанд ва ӯро чун дигар анбиё мепарастиданд. Бахше аз яҳудон дар дарбор кор мекарданд ва бо дину ойни мо шинос шуда, китоби динии худ "Таврот"-ро, ки маҳдуд ба қавми яҳуд буд, ба монанди дини зардуштӣ қолаби умумибашарӣ доданд. Дар оташ партофтани Зардуштро ба Иброҳим алоқаманд карданд. Бад-ин васила яҳудон хостанд бо ориёиён наздик бошанд. Дар замони ислом ин сохтакориҳо идома гирифта, Зардуштро аз зодаи Фаластин ва шогирди пайғамбари яҳудон ва песу рондаи он гуфтанд, ки туҳмат аст" [9,с.22].

Бояд гуфт, ки бисёре аз донишмандони ватанию хориҷӣ -аз Б. Ғафуров, В.В. Струве, В. Тамошек, В. Гегер, С.Н. Соколова бар он ақидаанд, ки Зардушт зода ва парвардаи Бохтар мебошад. Академик Ю. Яқубов пас аз омӯзиши ақидаи онҳо ва пажӯҳишҳои тӯлонӣ ба натиҷае расида, ки Зардушт аз Бохтари Шарқӣ буда, мушаххасан зодгоҳи ӯ деҳаи Дуроҷи ноҳияи Куфаи Дарвози Бадахшони Афғонистон аст. Модараш аз деҳаи Роғ, ки дар ҳамсоягии деҳаи Дуроҷ қарор дорад, будааст. Ва барои исботи ақидаи худ чунин далелҳо меорад: 1).Гӯиши шарқӣ доштани забони Готҳо. 2).Мувофиқ омадани номи авестоии ватани Зардушт-Дуроҷ ба деҳаи Дуроҷи Куфа. 3).Дар китоби офариниш "Бундаҳишн гуфта мешавад, ки" Оби Дайтик аз Ирон Виҷ ояд ва ба кӯҳи Куфистон шавад". Рӯди Дайтикро авестошиносон ба Ому (Панҷ) нисбат медиҳанд. Куфистони "Диндаҳишн" ба ҳамин Куфаи Дарвоз рост меояд. 4).Номҳои топонимии дар боло ва поён оварда манро ба он водор намудаанд, ки фарзияи аз ин диёр будани пайғамбарро пешниҳод намоям" [9,с.26].

Дар хотима бояд гуфт, ки академик Ю. Яқубов нахустин олиме мебошад, ки зодгоҳи Зардуштро ба таври мушаххас дар фарзияи худ нишон дода, бо далелҳои қотеъ онро ба исбот расонидааст. Пеш аз Ю. Яқубов ҳеҷ яке аз донишмандон ва пажӯҳишгарони ватаниву хориҷӣ ин корро анҷом надодаанд. Дигар ин ки кашфи бурҷи бузурги оташ ва маъбади оби Дайтиа дар харобаҳои шаҳри Карон воқеъ дар ҳудуди ноҳияи Дарвози Тоҷикистон ин фарзияро боз ҳам устувортар менамояд. Ҳамчунин, ин фарзияи академик Ю. Яқубов аз ҷониби олими Фаронса Ф. Грене пазируфта шудааст.

**АДАБИЁТ**


1. Берунӣ А. Осор-ул-боқия.- Душанбе, 1990. -С. 220.
2. Муҳсин Абулқосимӣ. Динҳо ва кешҳои эронӣ дар даврони бостон.- Теҳрон, 2004.-С. 31.
3. Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммади Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. - Теҳрон, 2001. -Ҷ.1.- С. 386.
4. Муҳаммад Муин. Маздаясно ва адаби порсӣ. - Теҳрон, 1947. - С. 65.
5. Ҳамон маъхаз. - С. 65.
6. Яқубов Ю. Ватани Зардушт// Фарҳанг. -2006. -№ 4.-С.27.
7. Авесто.- Душанбе, 2014.-С.470.
8. Авесто.- Душанбе, 2014.- С.601.
9. Яқубов Ю.Зардушт аз кӯҳистони Бохтари Шарқӣ буд / Ю. Яқубов // Мероси ниёгон.- 2014. - №16 (1). - С.22.


## НАЗАРИ АКАДЕМИК ЮСУФШОҲ ЯҚУБОВ ДАР БОРАИ ЗОДГОҲИ ЗАРДУШТ


Доир ба макони таваллудиислоҳотгари дини қадими халқҳои эронинажод Зардушт миёни донишмандон ихтилофи назар вуҷуд дорад. Ва ин ихтилофот то ба имрӯз ба пуррагӣ ҳаллу фасл нашудааст. Муаррихони асримиёнагии форсу тоҷик ва араб Абулҳасани Балозурӣ (812-892), Ибни Хурдодбеҳ (826-912), Ҳамзаи Исфаҳонӣ (884-961), Ибни Фақеҳ (нимаи дувуми қарни (IX-нимаи аввали асри X), Абӯрайҳони Берунӣ (4.9.973-11.12.1048), Ёқути Ҳамавӣ (1179-1292), Фазлуллоҳи Қазвинӣ (охири асри XIII-аввали асри XIV) Зардуштро аз ғарби Эронзамин ва фаъолияти динии ӯро дар Озарбойҷон - дар атрофи кӯли Урумия донистаанд. Дар мақола муаллиф назари академик Юсуфшоҳ Яқубовро оиди зодгоҳи Запрдушт баррасӣ менамояд.



**Калидвожаҳо:** Зардушт, эронзамин, муаррих, Озарбойҷон, Авесто, Ориён, Вандидод, пажӯҳишгарон, Куруши Кабир.

**ВЗГЛЯД АКАДЕМИКА ЮСУФШОХ ЯКУБОВА НА МЕСТО РОЖДЕНИЯ ЗАРАТУШТРЫ**

О месте рождения реформатора древнейшей религии древнеиранских народов Заратуштры между учеными существуют разногласия. И эти разногласия не нашли своего полного решения и в наши дни. Средневековые персидско-таджиские и арабские историки Абулхасан Балозури (812-892), Ибн Хурдодбех (826-912), Хамза Исфахани (884-961), Ибн Факех (вторая половина IX-первая половина X веков), Абурайхон Беруни (4.9.973-11.12.1048), Ёкут Хамави (1179-1292), Фазлуллох Казвини (конец XIII-началоXIV веков) считают Заратуштру рожденным на западе Ирана и местом начала его религиозной деятельности считают азербайджан – в окрестностях озера Урумия. В статье автор рассматривает взгляд таджикского ученого Юсуфшох Якубова на место рождения Заратуштры.

**Ключевые слова:** Заратуштра, Иран, историк, Азербайджан, Авеста, Ария, Вандидод, исследователи, Великий Куруш.

**LOOK OF THE ACADEMICIAN YUSUFSHOKH YAKUBOV TO THE PLACE OF BIRTH OF ZARATUSHTR**

On the birthplace of the reformer of the ancient religion of the ancient Iranian peoples, Zarathushtra disagreements among scientists. And these disagreements have not found their full solution in our days. Medieval Persian-Tajik and Arab historians Abulhasan Balozuri (812-892), Ibn Khurdodbekh (826-912), Hamza Isfahani (884-961), Ibn Fakeh (second half of the 9th-first half of the 10th centuries), Aburaichon Beruni (4.9.973 -11.12.1048), Yokut Hamavi (1179-1292), Fazlulloh Kazvini (late 13th-early 14th centuries) consider Zarathushtra born in the west of Iran and consider Azerbaijan to be the place of his religious activity in the vicinity of Lake Urumiya. In the article, the author considers the view of the Tajik scientist Yusufshokh Yakubov at the birthplace of Zarathushtra.

**Keywords:** Zarathushtra, Iran, historian, Azerbaijan, Avesta, Aria, Candidode, researchers, Great Kurush.

**Сведения об авторе:** ***Муродов Сунатулло Махмараджбович*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры истории таджикского народа исторического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **+992 987-144-381**

I**nformation about the author:** ***Murodov Sunatullo Makhmaradzhbovich*** - Tajik National University, applicant for the Department of History of the Tajik People, Faculty of History. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **+992 987-144-381**

**УДК:930 (575.3) (091)**

## РУШДИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ ДАР ЗАМОНИ СОМОНИЁН

***Хабибуллозода Қурбон Ҳабибулло***

**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Сомониён соҳиби мулкҳои фароху кӯҳҳои пурганҷу шаҳрҳои хурраму мардуми заҳматкаш ба шумор мерафтанд. Оид ба он ҷуғрофидонону олимони қадим, аз ҷумла Наршахӣ, Истахрӣ, Низомулмулк, Мақдисӣ, муаллифи китоби "Ҳудуд-ул-олам" низ нақлҳои аҷибе кардаанд. Эшон ҳикоя мекарданд, ки Оли Сомон дар қатори таъмин намудани сарҷамъии мардуми форсигӯ, инчунин ба муттаҳидии қаламравҳои Мовароуннаҳру Хуросон низ мушарраф гашт.

Оғози сарҷамъии ин ду қаламрави бузург ҳоло дар замони Нӯҳ ибни Асад (817-842) ва додаронаш Аҳмаду Яҳёю Илёс ба вуқӯъ пайваста буд. Дар солҳои сари қудрат будани писарони Аҳмад - Абӯнаср (864-992) ва Исмоил (892-907) умумияти мулкҳои тоҷикон анҷом ёфта ва баробари мустақилияти кулли давлатдории Сомонӣ онҳо ба пешрафту инкишофи кишоварзӣ низ муваффақ шуданд.

Шароити табиии Мовароуннаҳр ва Хуросон умуман барои рушди кишоварзӣ хеле мувофиқ буд. Пойдор гардидани истиқлоли давлатии Сомониён баробари дигар ҷанбаҳои ҳаёти иқтисодӣ, ба тараққиёти пуравҷи хоҷагии қишлоқ мусоидат кард. Талаботи афзояндаи аҳолии худи воҳаҳои зироати ва даштҳои атроф ба тараќќиёти минбаъдаи он шароит ба амал овард [1, с.32]. Аз ин рӯ, кишоварзони Мовароуннаҳру Хуросон бештар кӯшиш мекарданд, ки масоҳати заминҳои обиро зиёд намоянд, зеро кишварҳои номбурда дорои захираҳои бойи обӣ буданд. Рӯдҳои азими Ому, Сир, Зарафшон аз ҳамин мулкҳо ҷорӣ мешуданд. Ба масъалаи обёрӣ диққати хос зоҳир мегардад. Дар аҳди Абдуллоҳи Тоҳирӣ барои ба низом даровардани истифодаи об ва сохтани каналҳо тадбирҳо андешида шуданд. Вай, бино ба ахбори муаррих Гардезӣ, ҳамаи қонундонҳои Хуросонро гирд овард, қонундонҳоро аз Ироқ низ даъват карда, ба онҳо супориш дод, ки маҷмӯи

қонунҳои истифодаи обро барои обёрии сунъӣ мураттаб созанд. Чунин маҷмӯи қоидаи истифодаи об таҳти унвони «Китоб-ул-куний» тартиб дода шуд. Он муддати тӯлонӣ барои тақсими об ва ҳалли мунокишаҳои сершумор чун дастуруламал хизмат кард.Дар Мовароуннаҳр ва Хуросон системаҳои сершумори обёрӣ вуҷуд доштанд, ки пештар сохта шуда буданд. Масалан, дар вилояти Бухоро шабакаи васеи каналҳою шохобҳои поёноби Зарафшон мавҷуд буд: Шоҳрӯд, Кармина, Шопурком, Ҳарканрӯд, Гав, Хитфар, Самҷон (зоҳиран, Қаракӯл-дарё), Пайканд, Даймун, Арвон, Навканд, Ромитан, Варахша, Ҳама, Ҳарамкан ва ғ. Дар маҷрои асосии Зарафшон — рӯди Зар барои ба канал ҷорӣ намудани об сарбандҳо сохта буданд. Яке аз онҳо дар дохили шаҳри Бухоро, дигараш дар самти Пайканд вуҷуд дошт [1, с.75]. Дар асри IX Сомониён ба рушди иқтисодиёт ва пешрафти деҳқонӣ роҳи васеъ кушоданд. Сарчашмаҳои қадимаи таърихию ҷуғрофӣ нақл мекунанд, ки барои ба роҳ мондани кишоварзӣ, пеш аз ҳама, каналу ҷӯйборҳо саҳм мегузоштанд. Азбаски Самарқанд маркази Мовароуннаҳр буд, маъхазҳо ба усули кишоварзии ин мулкҳо диққати хосса додаанд. Ҳафриёти бостоншиносӣ собит менамоянд, ки обёрӣ ва кишоварзӣ дар водии Зарафшон таърихи куҳан доштааст. Ҳафриёти бостоншиносӣ дар ноҳияи Панҷакент исбот намудаанд, ки мардуми ин қаламрав бештар аз 5,5-6 ҳазор сол пеш чун деҳқонони асли ном баровarda буданд. Барои обёрӣ намудани заминҳои ҳосилхези атрофи Самарқанд наҳру ҷӯйборҳое, ки аз дарёи Зарафшон об мегирифтанд, мақоми хос доштанд. Онҳо аввалин шуда усули обёрии сунъиро низ ҷорӣ карданд. Канали калоне, ки аз рӯди Зарафшон ба тарафи Самарқанд равон буд, Бараш ном дошт. Маъхазҳо онро қадимтарин канали обёрикунанда меҳисобанд. Мумкин аст он канали Работи Хӯҷа бошад, ки имрӯз низ Самарқанду Ургут, Ҷонбой ва атрофи онҳоро обёрӣ мекунад [2, с.194].

Усули калони обёрӣ аз Зарафшон, шарқтари Самарқанд, дар маҳалли деҳаи Варағсар (ҳозира Работи Хоҷа) ибтидо гирифтааст. Сарбанд дарёро ба якчанд шохаҳо ҷудо мекард, ки оби онҳо ба каналҳои сершумор тақсим шуда, заминҳои ҷанубтари Зарафшонро обшор мекард. Барш (зоҳиран, ҳозира Дарғом) канали аз ҳама тӯлонӣ буда, ҳам Самарқанд ва ҳам ҳаволии онро бо об таъмин менамуд. Ғайр аз ин, дар ин ҷо каналҳои Бармиш ва Башмин мавҷуд буданд.

Дуруст нигоҳ доштани сарбанд ва иншоотҳои дар сари каналҳо буда ба зиммаи аҳолии Варағсар гузошта шуда, аз ин сабаб онҳо аз додани хироҷ озод буданд. Усули дигари обёрӣ аз Зарафшон дар маҳалли Ғубор, рӯ ба рӯйи Варағсар оғоз меёфт. Се канал: Бузмаҷон, Синовоб ва Иштихон, ки аз ин ҷо сар мешуданд, заминҳои шимолтари Зарафшон ва Самарқандро шодоб мегардонданд. Маҳалҳои қисми ҷанубии Суғди Самарқандро канали тӯлонии Кий ё Кай обшор мекард. Ин заминҳо дар Суғд ҳосилхезтарин ва сераҳолитарин ҳисоб меёфтанд. Шабакаи каналҳо инчунин дар маҳалли шаҳри асосии Истаравшан—Бунҷикат низ буд: Сарин, Бурҷон, Маҷон, Самкаҷон, Равиҷон ва Саибукҷон. Дар рустои Панҷакент, дар Истаравшан, Хуросон ва як қатор дигар маҳалҳо барои аз дарё ва чашмаҳо бурдани об корезҳо мавҷуд буданд. Дар ҳавзаи болооби Зарафшон, дар баландкӯҳҳо каналҳо мавчуд буданд, ки оби худро аз шохобҳо ва селомадо мегирифтанд ва бо нишебиҳои кухҳо ба заминҳои корами баландкӯҳҳо ва чарогоҳҳо бароварда мешуданд.

Дар болооби Зарафшон, дар дарёи Мастчоҳ ва Искандардарё нишонаҳои сарбанди обанборҳо ёфт шудаанд. Солҳои охир анъанаҳои ирригатсияю деҳқонии Истаравшан мавриди таҳқиқи археологӣ қарор гирифтаанд [1, с.77]. Мувофиқи маълумотҳо, дар баробари бо ҷӯйбору каналҳо обшор намудани водиҳо, инчунин усули аз чоҳҳои зеризаминӣ об гирифтан низ маълум буд. Ин усул дар ноҳияҳои Ҷиззах Чоч, Истаравшан, Мурғоб, Суғд, Фарғона ва ғайра машҳур буд. Аз чоҳҳои зеризаминӣ бо усули ҷувоз обро ба боло кашида ба чуйборҳо ҷорӣ менамуданд. Барои гардон намудани чархи обкашӣ бештар аз қувваи шутур, хачир, маркаб, асп, барзагов истифода мебурданд. Ин амалро

дар ноҳияҳои водии Мурғоб низ ба кор мебурданд. Корезу корезсозӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон таърихи қадима дорад. Ҳафриёти бостоншиносие, ки дар водии Мурғобу атрофи Марв гузаронида шуданд, ин ақидаи моро тасдиқ менамоянд. Онҳо ҳидоят мекунанд, ки бо роҳи корезҳо (ҷӯйҳои зеризаминӣ) обёрӣ кардани заминҳо ҳоло дар замони Ҳахоманишиҳо (асрҳои VI-IV то мелод) вуҷуд доштааст. Пас дар асрҳои миёна ин усули санҷидашуда дар дигар мулкҳои Мовароуннаҳру Хуросон низ ба кор гирифта шуд. Тадқиқоти бостоншиносӣ дар водии Мурғоби Туркманистон нишон медиҳанд, ки корезҳои ин ноҳияҳо дар замони Сомониён низ вуҷуд доштаанд. Баъзе аз маъхазҳо тасдиқ мекунанд, ки кишоварзони Сомонӣ аз обҳои корез истифода бурда, ҳатто пахтакориро дар водии Марв ва дигар ноҳияҳои атрофи он инкишоф доданд [2, с.196].

Исмоил ислоҳоти саркардаи амаку бародари бузургро идома дод. Вай дар ибтидои ҳукумронии хеш бештар барои бо об таъмин намудани мулки Бухоро кӯшишҳо кард, зеро нисбат ба дигар ноҳияҳои водии Зарафшон Бухоро мулки камоб ба шумор мерафт. Бинобар ин, ӯ љињати бо оби нӯшокӣ ва обёрӣ намудани заминҳои кишоварзии пойтахти хеш тадбирҳои мушаххас андешид. Бо маслиҳти вай дар ҷойҳои мувофиқ обанборҳо сохтанд. Вай баъди амири кулл эълон шуданаш (892) кӯшиш намуд, ки тамоми мулкаш бо об таъмин бошад. Бинобар ин, бо дахолати вай дар солҳои 893-895 обанбори шаҳри Марв, ки дар натиҷаи ҷангҳои бемаънӣ хароб гашта буд, аз нав сохта шуда, масоҳат ва ҳаҷми обғунҷоишаш хеле васеъ гардид. Дар шаҳри Тавовис (эҳтимол Қаттақӯрғони имрӯза) обанбор сохта, заминҳои Кармина Рабинҷом ва ғайраро обёрӣ намуд.

Нари II низ дар замони подшоҳии хеш ба беҳтаршавии вазъи обёрии мулкҳои алоҳида диққати хосса дод. Бо кӯшишу ғайрати ӯ дар водиҳои Фарғона, Вахш, Кӯлоб, Қашқадарё ва ғайра чандин канал канда шуд. Машҳуртарини онҳо рӯди Хашрат дар водии Фарғона буд. Наср баробари дигар мулкҳо инчунин ба вазъи  кишоварзии Балх бештар аҳаммият дод. Азбаски обу ҳавои ин кишвар писанди амирон буд, Насру ворисонаш бештар вақт истироҳати хешро дар он ҷо гузаронида, бахри ободии ин мулк кӯшишҳо намуданд.

Наср талаботи бозорҳои ҷаҳониро ба маҳсулоти кишоварзон ба назари эътибор гирифта, барои зиёд намудани истеҳсоли пахта (хусусан пахтаи маҳиннах), меваи хушк ва ғайра диққат медод. Биноан, водиҳои Вахшу Фарғона, Марву Мурғоб ба истеҳсоли пахта, Истаравшану Чоч, Утрору Тирмиз, Ифанҷобу Домғон ба парвариши ғалла, водиҳои Зарафшону Сир макони мева, Систон мулки меваҳои ситрусӣ, Деҳистону Хоразм чун меҳани шолӣ ном бароварда буданд.

Дар заминҳои обёришавандаи Мовароуннаҳру Хуросон гандум,ҷав, шолӣ, арзан, қуноқ, лӯбиё, офтобпараст, нахуд, зағир ва дигар зироатҳоро мекоштанд. Дар ин музофотҳо ба парвариши пахта ва пилла низ машғул мешуданд. Пахтакорӣ дар Марву Қубодиён нисбатан хуб тараққӣ карда буд. Таҷрибаи бисёрасраи кишоварзӣ собит намуд, ки мавзеъҳои Марву Қубодиён маркази асосии истеҳсоли пахтаи маҳиннах буданд. Сабаб дар он буд, ки нахи пахтаи дар ин ноҳияҳо истеҳсолшаванда нисбат ба дигар мулкҳо дарозу хушсифат аст. Наҳре, ки дар асри XI то мелод дар Қубодиён канда шуда буду аз дарёи Кофарниҳон об мегирифт, то имрӯз вуҷуд дорад ва дар инкишофи пахтакорӣ мусоидат менамояд. Пахтаи маҳиннахи дар Қубодиён истеҳсолгашта то кунун дар бозорҳои ҷаҳонӣ нархаш баланд аст.

Давлати Сомониён дар бобати истеҳсоли шолӣ низ дар асри миёна ном бароварда буд. Дар ин бора Абӯисҳоқи Истахрӣ ва муаллифи “Ҳудуд-ул-олам” маълумот додаанд. Маъхазҳо ба шолии Хоразм, Деҳистон, Табаристон водиҳои Зарафшону Сир, Вахшу Шумур, Фарғона баҳои баланд медиҳанд. Азбаски шолӣ бештар обро талаб мекунад, он дар соҳилҳои пасти рӯдҳои Зарафшон, Сир, Ому, Қашқадарё парвариш карда мешуд.

Наршахӣ, ки қисми асосии умри хешро дар Бухоро сипарӣ намудааст, оид ба он маълумоти нодир медиҳад. Ӯ қайд менамояд, ки ҳар як шаҳри Осиёи Миёна дар иҳотаи

боғу бӯстонҳо бунёд шудааст. Маъхазҳои қадима дар бораи анвои меваю меваҷоти дар қаламрави Сомониён истеҳсолшаванда низ маълумот додаанд.

Соли 126 то мелод саёҳи Чин Чжан Сиян аз Фарғона калидаки токро ба ватани худ бурда ба ангурпарварию шарбаткашӣ асос гузошт. Мувофиқи маълумоти ҷуғрофияшиносони қадима, дар асрҳои IX-X дар Осиёи Миёна токзорҳои беканор доман паҳн карда буданд. Ин сарчашмаҳо маълумот медиҳад, ки дар замони сари қудрат будани хонадони Сомониён дар ин кишвар бештар аз 350 навъи ангур парвариш карда мешудааст. Пеш аз ҳама, дар токзорҳои Сомониён навъҳои ангури пешпазак, афшон, чиллагӣ, навъи миёнапази кишмиши сафеду сиёҳ, ҳусайнӣ, лаъли якдона, час, ҷавз, фахрӣ, шакарангур, навъи дерпази бахтиёрӣ, дили кафтар, биҳиштӣ, нимранг, хамирак ва ғайра мавҷуд буданд. Ангури кишмиш бештар аз 50 навъ буд.

Дар баробари ангур инчунин дар боғҳои Сомониён себ, зардолу, шафтолу, олу, гелос, бодом ва ғайра парвариш мешуд. Қадимтарин навъҳои зардолу- мирсанҷалӣ, пешпаз, қандак, чиллагӣ мебошанд. Мовароуннаҳру Хуросони замони Сомониён дар қатори ангуру зардолуҳои шакарин, чун мулки анорҳои донаю анҷири ширадор ёд мешаванд. Дар маъхазҳо ба анҷири Самарқанду Дарвоз, ангури Хуҷанду Қубодиён, гелоси Истаравшану Чоч, олуи Фарғона, биҳии Рай, тути Балху Ҳирот, Марву Деҳистон ва ғайра баҳои хосса дода мешавад [9, с.99]. Исмоили Сомонӣ ба пешрафти кишоварзӣ диққати хосса медод. Барои боз ҳам ривоҷ ёфтани кори деҳқонӣ чораҷӯиҳо менамуд. Ин буд, ки оид ба пахтакорӣ, ташкили коркарди он чораҳои фаврӣ ҷуст. Вай шахсан аз болои истеҳсоли пахтаи маҳиннахи Марву Қубодён назорат менамуд. Чи хеле ки ёдовар шудем, пахтаи ин мавзеъҳо хеле хушсифат буда, аз он матоъҳои нафис бофта мешуд. Пайваста бо пахта, инчунин гандуми Мовароуннаҳру Хуросон дар бозорҳои ҷаҳонӣ қиматаш баланд буд. Дар “Ҳудуд-ул-олам” омадааст, ки дашту водиҳои Хуросону Мовароуннаҳр маркази асосии истеҳсоли ғалладона буданд. Муаллифи ин асар дар радифи ғаллакорон аҳолии Хатлон, Фарғона, Чоч, Истаравшан, Ҳирот, Деҳистон, Систон, Кобул ва ғайраро дохил кардааст. Абӯисҳоқи Истахрӣ дар бораи ғалакор будани халқҳои Осиёи Миёна маълумот дода, қайд намудааст, ки мардуми водии Фарғона ғаллаи зиёдатии хешро ба киштиҳо бор карда, ба мулкҳои дигар ба савдо мебурданд. “Аз Фарғона ва Истаравшан ва дигар навоҳӣ ғалла он ҷо баранд бо киштӣ дар рӯди Чоч”. Аз ин гуфта маълум мешавад, ки ғаллаи Осиёи Миёна ба воситаи баҳри Хоразм (Арал) ба мамлакатҳои Аврупо, аз ҷумла ба давлати Руси Киевӣ низ кашонида мешудааст. Ғаллакорӣ ва афзудани хошоку донт ба пешрафти чорводорӣ мусоидат менамоянд. Сомониён барои ташкили заминаи мустаҳками хошок камар баста, дар ин асос ба инкишофи чорводорӣ роҳи васеъ кушоданд. Ҳамин тавр, дар натиҷаи инкишофи кишоварзӣ барои рушди иқтисодиёти давлати Сомониён шароит фароҳам омад. Давлат тавонист, ки худро ба маҳсулоти ғалладонагӣ, мева, гӯшту шир, таъмин кунад [3, с.96]. Кишвари Сомониён сарзамине буд паҳновар бо танаввӯи обу ҳаво, қавоми кишоварзӣ буд ва рӯдҳои бузург, ҷӯйборҳо ва чоҳҳову корезҳо ва заминҳои ҳосилхез, ин сарзаминро ба қутби бузурги кишоварзӣ ва боғдорӣ ва домдорӣ табдил карда буд. Барои обёрӣ аз рӯдҳои бузурги Амударё ва Сирдарё ва Зарафшон ва шохобҳои бисёри онҳо, ки аз ҳудуди силсилакӯҳҳои Тяншон, Олой, Помир ва Ҳиндукуш сарчашма мегирифтанд ва ҳамчунин аз рӯдҳои кӯчак ва ҷӯйборҳо, монанди Қашқадарё, Мурғоб ва Ҳарирӯд истифода мекарданд. Ба ҷуз ин, шабакаҳои обёрии табиӣ дар бисёре аз ҷойҳо, системаҳои бузург ва кӯчаки обёрии маснӯӣ ба василаи каналҳо ва таъсисоти ёрасон низ сохта шуда буданд. Давлат низ, ки ба масъалаи кишоварзӣ ва обёрӣ эҳтимоми бисёр дошт, қарорҳо ва барномаҳои барои истифодаи саҳеҳ аз об ва сохтани каналҳо вазъ карда буд [3, с.553].

## АДАБИЁТ


1. Неъматов Н. Давлати Сомониён / Н. Неъматов. – Душанбе, 1989.
2. Мухторов А. Сомониён: замон ва макон / А. Мухторов. – Душанбе, 2013.
3. Муҳаммадризо Н. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. – Душанбе, 2011.

**РУШДИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ ДАР ЗАМОНИ СОМОНИЁН**

Дар мақола мафҳуму муносибатҳои асосӣ, ки дар таҳқиқоти саҳми Сомониён дар рушди системаи обёрӣ истифода гардидаанд, мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Азхудкунӣ ва рушди намудҳои хеле муҳимми обёрии ҳамон давра муайян карда шудааст. Сомониён соҳиби мулкҳои фароху кӯҳҳои пурганҷу шаҳрҳои хурраму мардуми заҳматкаш ба шумор мерафтанд. Сомониён ба рушди иқтисодиёт ва пешрафти деҳқонӣ роҳи васеъ кушоданд. Сарчашмаҳои қадимаи таърихию ҷуғрофӣ нақл мекунанд, ки барои ба роҳ мондани кишоварзӣ, пеш аз ҳама, каналу ҷӯйборҳо саҳм мегузоштанд. Азбаски Самарқанд маркази Мовароуннаҳр буд, маъхазҳо ба усули кишоварзии ин мулкҳо диққати хосса додаанд. Ҳафриёти бостоншиносӣ собит менамоянд, ки обёрӣ ва кишоварзӣ дар водии Зарафшон таърихи куҳан доштааст.

**Калидвожаҳо:** обёрӣ, Мовароуннаҳр, Сомониён, системаи обёрӣ, кишоварзӣ, феодалҳо.

**ПРЕОБРАЗОВАНИЯ В ЗЕМЛЕДЕЛИИ ПРИ САМАНИДАХ**

В статье рассмотрены ключевые понятия и подходы, используемые в исследовании вклада Саманидов в развитие ирригационных систем. Определяется освоение и развитие наиболее важных в тот период видов орошения. В том числе рассмотрены периоды развития этого сектора. Саманиды являются последователями династии Тахиридов в ирригационной политике. У Саманидов было сформатировано собственное учреждение, которое вело независимую политику в данной отрасли. Основной проблемой данного периода является скопление земли в руках одного клана, в то время как масса людей не имели возможности использовать данную отрасль. Несмотря на все это, Саманиды сумели сделать решающие шаги в развитии земледелия.

**Ключевые слова:** орошение, Мавераннахр, Саманиды, ирригация, земледелие, феодалы.

**TRANSFORMATIONS IN AGRICULTURE UNDER SAMANIDES**

The article considers the key concepts and approaches used in the study of the Samanids' contribution to the development of irrigation systems. Defined, development and development of the most important at that time irrigation. Including the period of development of this sector. The Samanids are a follower of the Tahirid dynasty in irrigation policies. The Samanids had their own institution formatted, which introduced an independent policy in this industry. The main problem of this period is the accumulation of land in the hands of one clan while a lot of people did not have the opportunity to use this industry. Despite all this, the Samanids were able to take decisive steps in the development of agriculture

**Key words:** Irrigation, Movarounnahr, Samanids, irrigation, agriculture, feudal lords

**Сведения об авторе:** ***Хабибуллозода Курбон Хабибулло*** - Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, аспирант. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, ул. Айни, 67
Телефон: **(+992) 918129606.**

**Information about the author:** ***Khabibullozoda Kurbon Khabibullo*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, graduate student. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, st. Aini, 67
Phone: **(+992) 918129606**

**УДК:930.85 (091) (575)**

# ИНЪИКОСИ ҲАЁТИ ИҚТИСОДӢ, ИҶТИМОӢ, ИЛМИЮ ФАРҲАНГИИ ХАЛҚҲОИ ОСИЁИ МИЁНА ДАР МУКОТИБОТИ РАСМӢ (НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIV ВА АВВАЛИ АСРИ XV)

***Гирдаков И.Х.***
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Ёдгориҳои хаттӣ яке аз муҳимтарин манобеи таърихӣ ба шумор рафта, то имрӯз танҳо қисме аз онҳо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ мавриди омӯзишу таҳқиқи пажӯҳишгарон қарор гирифтааст. Аз асрҳои XIV-XV сарчашмаҳои хаттии зиёде боқӣ мондаанд, ки қисми муҳимми он бо забони форсӣ (тоҷикӣ) нигошта шудаанд. Бештари ин номаҳо ба ҳокимони Осиёи Миёна, Эрон, Осиёи Хурд ва Ҳиндустону Хитой мансуб буда, аз баъзе арбоби илму фарҳанг ва шахсиятҳои мазҳабӣ низ чунин номаҳо ба ёдгор мондаанд. Аз матни ин номаҳо метавон ахбори зиёде роҷеъ ба ҳаёти сиёсӣ, муносибати байнидавлатӣ, вазъи иқтисодӣ ва фарҳангӣ пайдо кард. Таҳқиқи ин осор имкон медиҳад, ки дар хусуси муносибатҳои байни сулолаҳои ҳоким, вазъи умумии минтақа, робитаҳои хешутаборӣ, роҳҳои тиҷоратӣ ва вазъи иқтисодӣ муайян карда шавад. Баъзе маълумоти ин номаҳо барои равшан шудани робитаҳои адабӣ ва вазъияти диниву мазҳабӣ (аз ҷумла нуфузи аҳли тасаввуф ва ғ.) кумак мерасонад. Пажӯҳиши номаҳои расмӣ дар баъзе мавридҳо ахбори сарчашмаҳоро такмил карда, дар мавридҳои дигар баъзе маълумотро зери суол мебарад. Дар маҷмӯъ, аз қолиби як мавзӯи муҳим таҳқиқу баррасӣ кардани номаҳои бо забони форсӣ нигошташудаи нимаи дувуми асри XIV ва асри XV, ки дар таърихи Осиёи Миёна

ҳамчун давраи поёни ҳукумати муғулҳо ва асри ҳукумати Темур ва Темуриён маъруф аст, замони ниҳоят муҳим ба шумор меояд ва арзиши баланди илмиро доро мебошад.Ҳеҷ миллате наметавонад худро аз гузашта ҷудо дониста ва танҳо дар фикри имрӯз ва нигаронии оянда бошад. Ақвом ва миллатҳо низ чун афроди башар ҳар як гузаштае доранд, бевосита муваффақиятҳо ва нокомиҳо ва ё пирӯзию шикастҳо, ҳаводиси мусоид ва пешомадҳои ногувор, ҷангҳо ва инқилобот, хулоса, даврони дурахшони сарват ва шукӯҳ ё рӯзҳои торики фақр ва бадбахтиро паси сар кардаанд. Ҳар як аз ин ҳаводис ва авомил дар рӯҳияи афроди он миллат таъсири ногузире мегузорад, ки дар таквияти ҳаводиси оянда сахт ҳалкунанда хоҳад буд ва чи басо ҳаводиси оянда маъмулан аз ҳаводиси вобастаи гузашта сарчашма мегирад ва ин ҳамон аст, ки ҷабри таърих хонда мешавад.

Бинобар ин, ҳар қавм ва миллате дар омӯзиши таърихи гузаштаи худ ногузир аст. Вале таърих бояд оинаи тамоман намоён аз ҳақиқат бошад, на намудоре аз ғаразҳо ва эроду истинбототи хусусии муаллиф ё латифоте аз навиштаи дигарон, ки дар сарнавишти миллати хеш рахна задаву лаҳву беҳудагӯиҳои ҷуз торикиҳои миллат чизи дигареро ба инобат нагирифта зиёд ба кор бурда шудааст.

Он чи аз манбаъҳои юнонӣ, рӯмӣ, форсӣ, чинию ҳиндӣ ва аврупоӣ дар заминаи таърихи тоҷикон пеш аз Ислом омада ва он чи аз манобеи арабӣ ва туркию аврупоӣ дар бораи таърихи баъд аз Ислом навишташуда пур аз ғаразҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва мазҳабӣ аст. Ва он чи тоҷикон худ дар ин замина пардохтаанд, тавонистаанд то ҷое ҷойгоҳи халқи тоҷикро дар давраҳои таърихӣ бо такя ба сарчашмаҳои муҳкам нишон додаанд, вале дар баъзе қисматҳои таърихи тоҷикон ҳанӯз ҳам зарурати таҳқиқот зарурӣ шумурда мешавад. Бигузарем аз он, ки чӣ гуна муаллифони тоҷик вобаста ба тақозои замон ва риояти сиёсати арбобони давр қисме аз ҳақро рӯпӯш ва қисми дигареро ошкор сохтаанд, ки он ба низоми он давра созгор буда, вале бинобар баъзе ҳодисаҳо ва воқеаҳои дигари айнӣ ҷавобгӯ шуда наметавонанд ва инро дар мисоли мукотиботи расмии миёни амирон, арбобони сиёсӣ, уламо ва соҳибони илму адаб пайгирӣ намудан мумкин аст. Ин ҳодисаҳоро метавон дар бахши бузурги лашкаркашиҳои турку муғул ва аъроб пайгирӣ кард, ки дар зери шиорҳои “футӯҳот”, “ғазавот”, “ҳасаноти аъмол” ҳақро нодуруст ҷилва дода, аз ҷасади омма калламанора, кӯлҳои хунин ва қатлу кушторҳои беамонро дар саҳифаҳои таърихи мо сабт карданд ва бадбахтона саҳифаҳои кутуби моро пур аз ҳақиқаткушиҳо кардаанд.

Чунин таърихе ҳаргиз наметавонад ҷолиби диққат бошад, ки ба гузаштаи хеш хоҳ аз назари иттилоъ, хоҳ аз лиҳози таҳқиқӣ ва интиқод пайвастагӣ дорад. Бинобар ин, бояд ҳамкории аҳли назар дар нигориши таърих марбут ба тоҷикон ҳамоҳангии назарҳои асосӣ риоя гардад ва таърихе навишта шавад, ки ҷамъи мақсадҳо хориҷ аз таассуб ва ҷонибдорӣ, яқин бар аснод ва воқеаҳои таърихӣ пойдор бошад. Хушбахтона, таваҷҷухе, ки дар солҳои охир ба ин масъалаи пурарзиш шудааст, ин ташкили хазинаи таърихи иҷтимоии тоҷикон ва таҳияи таърихи дақиқ ва саҳеҳи тоҷикон аст, ки бо амри Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бар таърихнигорон, бостоншиносон, забоншиносон ва фарҳангшиносон шудааст, саҳифаи наверо дар таҳқиқ ва методологияи таҳқиқот ба вуҷуд овард, ки он аз усулҳои замона дарак медиҳад. Аммо навиштани таърих бар асоси сарчашма ва асноди таърихӣ як кӯшише аст, ки чи дар дохили кишвар ва чи дар хориҷи кишвар барои ҷамъоварии аснод ва сарчашмаҳои таърихӣ аз навиштаҳои болои санг ва осори ҳунар гирифта, то ёддоштҳо, номаҳо, китобҳои расмӣ ва давлатӣ, ки барои дарёфти ҳақиқати ҳол равона шудааст, зарурӣ хоҳад буд. Ва барои ин кор ҳамчунон ки дар дигар кишварҳо ба таври расмӣ фаъолияти созмонҳо ба сурати “марказҳои таҳқиқ” ё “марказҳои сабт” мавҷуд аст, бошад ва ба таври доимӣ таърих ва ҳунарҳои миллии худро нигоҳдорӣ намуда он чи дар назари дигарон ноаён аст, рӯйи кор оранд ва ин корро дар дохили кишвар низ нодида нагиранд. Вале то кунун дар кишвари мо ба ин амр камтар таваҷҷуҳ дода мешавад ва ё ҳанӯз ҳам ин метод дар миёни мо аҳаммияти хосе пайдо накардааст. Аз ин ҷост, ки касе ба ҷамъоварии аснод ва мактубу номаҳо, фармонҳо камар набастааст. Шояд ин навъ номаҳо дар саҳифаҳои китобҳо, ки дар аснои ҷангу нооромиҳо пароканда ва ноаён гардидаанд, ки ниёз ба ҷамъоварӣ ва

муайянкунии муаллифони он ба миён омада, барои барқарорсозии таърихи миллат аҳаммияти зиёдро доро бошанд [2,с.7-12].

Ҳамчунон ки дар боло зикр кардем, дар мактуб-номаҳои асримиёнагӣ ҳама паҳлуҳои ҳаёти иҷтимоии манотиқи дахлдорро дар худ инъикос намудаанд, ки метавон аз иқтисодиёту иҷтимоиёт, сиёсат, фарҳанг, дин, расму русум ва санъати меъмориро ёдовар шуд. Ҳоло меҳоҳем ба таҳлили якчанд мактуби ин давра бипардозем.

Бояд гуфт, ки ин мактубот ҳамчун сарчашмаи таърихӣ дар омӯзиши вазъи сиёсии он давра хеле кумак хоҳанд кард. Дар баъзеи онҳо вазъи дохилии дарбори Темуриён ва дар баъзеи дигар муносибати дипломатии ду сарзамин сабт гардидааст. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки муносибати дӯстонае, ки фарзанди барӯманди Темур-Шоҳрух, ки баъд аз сари падар тавонист оташи муддаиёни тахту тоҷро хомӯш намуда, бо ҳамаи онҳо муросо кунад, барпо намуд, боиси боз ҳам ба андозае равнақ ёфтани давлати Темуриён гардид.

Дар мактуботи Темур тафохури авлодӣ ва ҷангу кашмакашҳо бештар ба назар мерасанд, дар мактуботи Шоҳрух баръакси он. Дар тамоми мактубот, чун расми давр, нукоти Қуръону ҳадиси Пайғамбар (с) дарҷ гардидаанд, ки тамоми амирони мусулмон подшоҳиро аз беҳтарин атои илоҳӣ мешумориданд ва худро масъули раият медонистанд, чунон ки дар номаи зерин ба назар мерасад. Дар мактуби зерин муносибати Самарқанд бо Чин ва фиристодани намояндагони тарафайн ба сарзаминҳои робитаи сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дошта дарҷ гардидааст. Чун расми замона дар номаи подшоҳи Чин-Доиминк низ нукоти мусалмонӣ ба назар мерасад ва подшоҳи мазкур аз Шоҳрух изҳори миннатдорӣ мекунад.

**Сурати мактуби подшоҳи Хитой.** Пас аз Темур, ки дар ҳоли лашкаркашӣ ба Чин дар Утрор вафот ёфт (791ҳ-1405) ва писараш Шоҳрух писараш, ки зотан марде салим буд, муносиботи сиёсӣ ва тиҷорӣ бо Чин барқарор намуд ва ҳайате ба Чин фиристод, ки шарҳи он аз забони Ғиёсиддини Наққош дар “Зубдат-ут-таворих”-и Ҳофизи Абрӯ ва аз он ҷо дар “Матлаъ-ус-саъдайн”-и Абдураззоқи Самарқандӣ оварда шудааст. Рӯйи ҳамин асл Доиминк, императори Чин иҷоза дод, то дар Хонгчиу канори дарёи Зард барои муслимин масҷиде азим барпо намуд. Катибаи ин маҷлис бисёр муфассал ва ба форсӣ аст ва Павл Палё чиншиноси маъруфи Фаронса дар зимни маъмурияти миссиюни фаронсавӣ аксе аз он бардошта, ки ҳам ба тозагӣ ҷузъи асноди китобхонаи миллии Париж сабт шудааст ва нигоранда нусхае аз он бардоштааст. Ин аст баёни Абдураззоқи Самарқандӣ дар ҳангоми вуруди сафорати Чин ба Самарқанд: “Дар ин ҳангом аз вилоёт, элчиёни пешдои Мункхон подшоҳи Чин ва соири мамолик расиданд. Фармони ҳокими шаҳр баромад, ки шаҳру бозорҳоро муддате банданд ва ҳар санъатгар камоли ҳунар зоҳир карда, дукони худро ороиш диҳад. Амирон ба расми истиқбол берун рафта, мақдами эшонро муборакбод доштанд ва ҳамаро ба таъзим ба шахр оварданд.... мактуби подшоҳи Хитой бо ин иборат буд: [3,с.156-176]. “Доиминк подшоҳи муаззам нома ирсол мефармояд ба диёри Самарқанд изҳор дошт Шоҳрухи Баҳодурро, ки фикр мекунам Худои таоло ҷамии халоиқ биофарид ва он чи дар миёни осмону замин аст, то ҳар як ба рафоҳияту роҳат бошанд. Ба таъйиди Худои таоло худованди мамолики рӯйи замин гаштаем ба мутобиати ҳукми илоҳӣ ҷаҳондорӣ мекунем, ба сабаби ин миёни дур ва наздик фарқ намекунем ва ҳамаро баробар ва яксон нигоҳ мекунем ва медорем. Пеш аз ин шунидем, ки ту нек оқилӣ ва комилӣ ва аз ҳамгинон баландтарӣ, аз амри Худои таоло итоат менамоӣ ва раоё ва аскаронеро парвариш додаӣ ва дар бораи ҳамгинон эҳсон ва некуӣ расонидаӣ, ба сабаби ин некномиат шод гаштем, алалхусус элчӣ фиристодем, то кимхо ва тарку хилъат расонанд, чунон ки элчӣ ба он ҷо расид, ту нек таъзими амри мо намуда ва марҳамати моро нек зоҳир гардонида, ҳама хурду бузург шод гаштаанд. Филҳол элчӣ фиристодӣ, то хилъату туҳфа ва асбон ва матоъҳои он диёр расониданд. Сидқ намудани туро дидем, ки шоистаи ситоиш ва навозиш бошӣ. Пештар, ки даври муғул ба охир расид, падари ту Темур Фумо ба амри Худои таоло итоат оварда, той ради подшоҳи аълои моро хидмат намуда, туҳфа фиристода, элчиён мунқатеъ нагардонид, ба сабаби ин мардумони он диёр ба саодати амон расиданд. Акнун, ки падари ту вафот ёфт, ту ба илму киёсат шоистаи он маротибу манозил ҳастӣ. Мардумони он диёрро амон дода ва ҳамгинонро давлатманд гардонидаӣ, дидем ки ту ба

ҳиммат ва равиши падар нек мутобиат намуда, то омаду рафт кунанд ва роҳ мунқатеъ нашаваду тоҷирону касбомӯзон ба муроди хеш расанд” [1,с.130-132].

Дар ин нома муносибати самимонаи подшоҳи Хитой бо хони бузурги Темуриён Шоҳрух (1405-1447) намоён мешавад, ки аз пешравии робитаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, сиёсию фарҳангии давлатдориҳои асри XIV-XV дарак медиҳад. Албатта, шахсияти худи Темур маҷозан сахтгир ва сарпечу худхоҳ рӯйи саҳнаи ҳукумат пеш мерафт ва ин сифатҳои вай шоҳону императорони замони худро ҳайбатзада ва эҳсоси нобоварӣ дар равобити дипломатӣ дар ин ё он соҳаҳои давлатдорӣ гардонида буд. Вале пас аз марги Темур фарзанди ӯ Шоҳрух, агарчи дар ҳайбатзадагии падари худ шомил бошад, вале ӯ роҳи ҳамкорӣ ва таъмини осоиштагию созандагиро пеша кард.

Аз муруре, ки мо дар ин нома анҷом додем, метавон чунин натиҷагирӣ кард, ки яке аз суннатҳои қадими мардумии мо ин номанигорӣ мебошад. Мактубҳо мазмунҳои мухталифро дар бар мегиранд, ки миёни ҳокимону подшоҳон, адибон ва дигар табақоти ҷомеа сурат мегирифт ва то имрӯз низ ин анъана аз байн нарафтааст. Номаҳо илова бар он ки муносибати тарафайнро дар худ дарҷ кардаанд, ҳамчун сарчашма барои омӯзиши таърихи муносиботи тарафайн ва ба ҳайси ҳуҷҷати тасдиққунандае, ки бевосита аз забони номанигор ривоят мекунад, хизмат мекунанд. Чунки дар кутуби таърих метавон ҳар гуна замонасозиҳоро мушоҳида кард, аммо мактубҳо бевосита ҳадафи нигорандаро фаро гирифтаанд.

Муаллиф бар он назар аст, ки мактубҳои расми новобаста аз он ки хусусияти иқтисодию иҷтимоӣ, сиёсӣ, тиҷоратӣ, илмию фарҳангиро инъикос кардаанд, дар омӯзиши таърихнигорӣ сарчашмаҳои амиқе барои омӯзиши масъала ба ҳисоб мераванд.

## АДАБИЁТ


1. Асноду мукотиботи таърихии Эрон аз Темур то шоҳ Исмоил / Таҳияи Абдулҳусайни Навоӣ.-773 с.
2. Аснод ва мукотиботи таърихӣ ҳамроҳ бо ёддоштҳои Тафзилӣ. Таҳияи доктор Абдулҳусайни Навоӣ. -Теҳрон: Аржанг, 1368. -421 с.
3. Абдураззоқи Самарқандӣ. Матлаъ-ус-саъдайн. -Ҷилди дуюм саҳ 156-176
4. Бартольд В. В. Улугбек и его время / В. В. Бартольдъ. - Петоровградъ, 1918 г.-175 стр.
5. Ғиёсуддин ибни Ҳумомиддин маъруф ба Хондамир. Дастур-ул-вузаро (шомили аҳволи вузарои ислом то инқирози Темуриён). Таҳияи Саид Нафисӣ. Теҳрон: Иқбол, 2535-и шоҳаншоҳӣ.-536 с.
6. Валии Динпараст. Нақши эрониёни муҳоҷир дар Анатолия бо таъкид бар давраи Темурӣ ва авоили давраи Сафавӣ // Фаслномаи илмӣ-пажӯҳишии таърихи Ислом. Соли 13-ум, шумораи 4-ум, соли 1391.-27 с.
7. Евгений Эдуардович Бертелс. Джами, эпоха, жизнь, творчество. Сталинобод, Нашриёти давлатии Тољикистон, 1949.-173 с.
8. Таърихи Эрон (давраи Темуриён). Пажӯҳиш аз Донишгоҳи Кембриҷ. –Теҳрон, 1378.-467 с.
9. Хондамир. Таърихи “Ҳабиб-ус-сияр-фӣ-ахбори-авлоди-л-башар”, иборат аз 4 муҷаллад.
10. Эдуард Браун. Таърихи адаби Эрон аз нимаи қарни ҳафтум то охири қарни ҳаштуми ҳиҷрӣ (аз Саъдӣ то Ҷомӣ); Тарҷума ва таҳияи Алиасғари Ҳикмат. -Теҳрон, 1339. -932 с.


## ИНЪИКОСИ ҲАЁТИ ИҚТИСОДӢ, ИҶТИМОӢ, ИЛМИЮ ФАРҲАНГИИ ХАЛҚҲОИ ОСИЁИ МИЁНА ДАР МУКОТИБОТИ РАСМӢ (НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIV ВА АВВАЛИ АСРИ XV)


Дар мақола оид ба инъикоси ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва илмию фарҳангии Осиёи Миёна, дар мукотиботи расмӣ маълумот дода шудааст. Муаллиф бар он назар аст, ки мактубҳои расмӣ, новобаста аз он ки вазъи иқтисодию иҷтимоӣ, сиёсӣ, тиҷоратӣ, илмию фарҳангиро инъикос кардаанд, дар омӯзиши таърихнигорӣ сарчашмаҳои мӯътамаде барои омӯзиши масъала ба ҳисоб мераванд. Дар мақолаи мазкур ба ҳамкориҳои дуҷонибаи Темур ва ё Темуриён бо императории Чин таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст. Вазъи дохилӣ ва хориҷии империяи Темуриён дар замони Темур ва писари ӯ Шоҳрух мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Халқҳои империяи Темуриён аз мардумони гуногуннажод вале дини ягона (ислом) буданд ва нисбат ба императори Чин дар нигориши номаҳо таблиғот ба дин ва якахудоӣ дида мешавад. Новобаста аз он ки императорони ин давлатҳо ғайридин буданд, ё пайравӣ ин ё он дин, Шоҳрух номаҳои худро бо мазмунҳои динӣ ороиш медод ва робитаи тарафайн бошад, ба хотири амнияти сарҳадот ва ҳамкориҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва илмию фарҳангӣ ба роҳ монда мешуд.



**Калидвожаҳо:** иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, мактуб, фарҳангӣ, табиатан, мактуб, ҷома, сидқ, сурат.


## ОТРАЖЕНИЕ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ, СОЦИАЛЬНОЙ, НАУЧНОЙ И КУЛЬТУРНОЙ ЖИЗНИ СРЕДНЕВЕКОВЬЯ В ФОРМАЛЬНОЙ ПЕРЕПИСКЕ (ВТОРАЯ ПОЛОВИНА XIV И НАЧАЛО XV ВЕКОВ)


В данном статье автор проанализирована история переписки древних народов Средней Азии, Ближнего Востока, Ирана, Индии и Китая. Автор приходит к выводу, что официальные письма, независимо от экономического, социального, политического, коммерческого, научного или культурного характера, имеют историческое значение. Автор в своем исследования сосредоточил

вниманиена исторических событиях и он безответственное отношение некоторых историков во многом полетизировано. В данном статье автор анализурет письмы Темура и Темуридов с императором Китая. Эта переписка раскрывает внутреннюю и внешнюю политику Тимура и Темуридов и их двухсторонние отношеня с импeратрорами Китая, которые отличались по менталитету, культуре, обычаям, религии, а также структуре управления государством. Различные народы и народности жили в империи Темуридов, хотя они по обычаям, традициям, минталитеу и отличились друг от друга, но были последователями исламской веры, в отличие от Китая. Темур и Темуриды исключая государственные отношения с осторожностью призывают Китайских правителей уверовать в ислам. Шахрух использовал классический стиль написания писем. Обычно письма начинались с восхваления Всевышнего, потом разбирались некоторые двухсторонние отношения, также как безопасность границ и экономическое, социальное, политическое, научное и культурное сотрудничество.

**Ключывие слова:** экономический, социальный, письма, естественно, письма, рубашка, фото.

**THE REFLECTION OF THE ECONOMIC, SOCIAL, SCIENTIFIC AND CULTURAL LIFE OF THE MIDDLE AGES IN FORMAL CORRESPONDENCE (SECOND HALF OF XIV AND EARLY XV)**

In this article, the author examines the letters analyzed the history of the ancient peoples of Central Asia, the Middle East, Iran, India and China. The author concludes that official letters, regardless of economic, social, political, commercial, scientific and cultural nature, have historical significance. The author, in his research, focused on the achievement and historical performance of their qualities as a historian, and he realized the irresponsible and irresponsible policies of the historian, which was politicized by the political phenomenon.In this article, the author is analystory of the letters of Temur and Temurids with the emperor of China. These rules are explored by the domestic and foreign policies of Timur and the Temurids and theirs two-sided relations with the emperors of China, which differed in terms of ministry, culture, customs, religion, and the structure of government. Different peoples and nationalities lived in the Temurids' empire, although they were customary, tradition, minting differed from each other, but they were followers of the Islamic faith in contrast to China. Temur and Temurids except the state attitude with caution calls on the Chinese rulers to Islam. Shahruh using the classic style of writing a letter. Usually the letters began with the praise of the Most High and then other two-sided attitudes were raised, such as border security and economic, social, political, scientific and cultural cooperation.

**Key words:** economic, social, writing, cultural,. Fuma-jewelry, painting, painting, shirt, photography, photo.

**Сведения об авторе:** ***Гирдаков Изатулло Хайруллоевич*** – Технологический университет Таджикистана, ассистент кафедры гуманитарных дисциплин. **Адрес:** 734061, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Карабаева 63/3. E-mail: **izatullo-donish@mail.ru.** Телефон: **900-29-50-44**

**Information about the author:** ***Girdakov Izatullo Khayrulloevich*** – Technological University of Tajikistan, Assistant of the Department of Humanities. **Address:** 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 63/3 Karabaev street. E-mail: **izatullo-donish@mail.ru.** Телефон: **900-29-50-44**

**УДК: 930 (575.3) (1-87)**

# АЗ ТАЪРИХИ РАВОБИТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ДАВЛАТИ ҚАТАР

***Болтуев С.М.***

**Институти омӯзиши масоили мамлакатҳои Осиё ва Аврупои АИ ҶТ**

Бо таҳкимёбии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сол ба сол таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба он бештар гардида, муносибат ва ҳамкориҳояш бо кишварҳои гуногуни олам густариш меёбанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба аҳаммияти муносибату ҳамкорӣ бо ҳамаи давлатҳои ҷаҳон, аз ҷумла бо кишварҳои араб ҳам равобити дипломатиро ба роҳ монда, заминаҳоро барои ҳамкориҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғайра фароҳам овардааст.

Кишварҳои арабӣ, бавижа Давлати Қатар аз пойгоҳи бузурги иқтисод бархӯрдор мебошанд ва бо ин неру ва қудратмандии худ бо давлатҳои хориҷа ҳамкории қавӣ дорад.

Давлати Қатар бо Ҷумҳурии Тоҷикистон муштаракоти динӣ дорад. Дар ҳоле ки ҳамкорӣ ва ҳамдастӣ бо кишварҳои мусалмонӣ, аз ҷумлаи авлавиятҳои сиёсати хориҷии кишварҳои арабӣ маҳсуб мешавад, Тоҷикистон бо ҳама самтҳои муносиб заминаҳои ҳуқуқӣ-шартномавӣ барои ҳамкорӣ ва имкониятҳои васеи ҷалби сармояи ин кишварҳо, хусусан Давлати Қатарро дорост. Аз ҳамин рӯ, бар асоси омор ва манбаъҳои илмӣ анҷом додани як пажӯҳиши илмӣ дар бораи раванди муносибатҳо ва дурнамои ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Давлати Қатар дар шароити имрӯзаи ҷумҳурӣ тақозои замон аст.

Донишмандони тоҷик Нуриддинов Р. Ш., Зокиров Г.Н., Зоҳидов Н., Саидов З.Ш., аз донишмандони хориҷӣ бошад, Богатуров А.Д., Баталов Э.Я., Лебедева М.М., Ашимбаева М., Касенов У.Т., Кузмина Е.М., С. Браун, Ҷ. Ҳобсон ва дигарон мавзӯи сиёсати ҷаҳонӣ ва Осиёи Марказиро мавриди баррасӣ қарор додаанд. Дар китобҳои Пешвои миллат –

“Юбилей независимости и второй всемирный форум таджиков”– (Душанбе 1993), [4,с.53] “Таджикистан на пароге будущего”, (Душанбе, 1997); “ Роҳи мо ба сӯйи ҷомеаи ҳуқуқбунёд” ва ғ., оиди рушди сиёсати ҷаҳонӣ аз давраҳои пеш то ба имрӯз, самтгирӣ ва амалигардонии он, татбиқи сиёсат дар замони муосир маълумот дода шудааст.

Муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар 13 декабри соли 1994 ба роҳ монда шудааст. Моҳи ноябри соли 2012 Сафорати Қатар дар шаҳри Душанбе ва моҳи майи соли 2013 Сафорати Тоҷикистон дар шаҳри Давҳа кушода шудаанд. Ҳоло Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қатар Ғоибзода Хусрав ва Сафири Фавқулода ва Мухтори давлати Қатар дар Тоҷикистон д-р Алӣ Муборак ал-Муҳаннадӣ мебошад [6, с.78].

Дар таърихи ҳамкории сиёсӣ ва муносибатҳои дуҷониба сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Давлати Қатар 6-7 майи соли 2007 саҳифаи нав кушод ва ба рушди ҳамкориҳои минбаъда замина гузошт. Далели ин гуфтаҳо сафари расмии ҷавобии Амири Давлати Қатар Шайх ибни Халифа Оли Сонӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тобистони соли 2007 – аввалин сафари роҳбари давлати арабӣ ба Тоҷикистон мебошад. Дар заминаи ин ду сафар пояи ҳуқуқӣ–шартномавии ҳамкориҳои дуҷониба бо ҳафт санади иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва техникӣ, ташвиқ ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузорӣ таҳким гардид.

Дар чорабиниҳои муҳимми кишвар Давлати Қатарро пайваста ҳайатҳои воломақом намояндагӣ мекунанд, аз ҷумла иштироки вазири молия Юсуф Ҳусейн Камол, вазири корҳои хориҷӣ Холид ибни Муҳаммад ал-Атия ва вазири энергетика ва саноати Қатар доктор Муҳаммад ибни Солеҳ ал-Сода дар нишасти 38-уми Шӯрои мудирони Бонки Исломии Рушд, Конфронси байналмилалии сатҳи баланди ҳамкорӣ дар соҳаи об ва ҷаласаи ёздаҳуми вазирони корҳои хориҷии Муколамаи Ҳамкории Осиё нишонаи нек ва дурнамои рушди ҳамкориҳои дуҷониба мебошад.

Заминаи ҳуқуқии ҳамкориҳои Тоҷикистон ва давлати Қатарро 6 созишномаи муҳимми ҳамкорӣ ташкил медиҳад. Байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар оид ба ҳамкории иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва техникӣ чунин созишномаҳо ба тасвиб расидаанд:

1. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба ҳамкории иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва техникӣ (6 майи соли 2007);
2. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба ташвиқ ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузорӣ (6 майи соли 2007);
3. Ёддошти тафоҳум байни Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷии Давлати Қатар;
4. Ёддошти тафоҳум байни Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Палатаи савдо ва саноати Давлати Қатар (6 майи соли 2007);
5. Ёддошти тафоҳум дар хусуси бастани Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба алоқаи ҳавоӣ (16 январи соли 2008);
6. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба ҳавасмандкунӣ ва кафолати сармоягузорӣ (25 августи соли 2011) [3,с.69];

Инчунин, чор санади ҳамкорӣ дар соҳаҳои сармоягузорӣ, савдо, парвариши занбӯри асал ва чорводорӣ байни мақомоти дахлдори ду кишвар ба имзо расидааст ва лоиҳаи 13 санад, ки соҳаҳои мухталифи ҳамкориро дар бар мегиранд дар баррасии мақомоти марбутаи ду кишвари дӯст қарор доранд.

Баъди анҷоми музокироти сатҳи олӣ аз рӯйи натиҷаҳои вохӯрӣ дар ҳузури сарони давлатҳо 8 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид [6,с.116]:

1. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи мубориза бо ҷинояткорӣ ва таъмини амният;
2. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар дар соҳаи фарҳанг;
3. Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи варзиш байни Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон ва Кумитаи олимпии Қатар;
4. Ёддошти тафоҳум байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки марказии Қатар оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи фаъолияти молиявӣ ва бонкӣ;
5. Созишнома байни Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати адлияи Давлати Қатар оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи ҳуқуқ;
6. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф, таҳсилоти олӣ ва таҳқиқоти илмӣ;
7. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба алоқаи ҳавоӣ;

8. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи тандурустӣ.

6 феврали соли 2017 дар шаҳри Давҳа Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Маҷлиси Шӯрои Давлати Қатар Муҳаммад ибни Муборак ибни Муборак ал-Хулайфӣ мулоқот намуданд. Дар оғози суҳбат Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки ҷониби Тоҷикистон ба дурнамои муносибатҳои худ бо Давлати Қатар дар ҳамаи сатҳу зинаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн назари нек дошта, ҳамкории судманди байнипарламентиро василаи муассири таҳкими равобити дуҷониба ва таъмини манфиатҳои муштарак дар сатҳи минтақавию байналмилалӣ меҳисобад. Барои фаъол гардонидани кори Гурӯҳи дӯстии байнипарламентии Тоҷикистону Қатар ҳавасмандӣ зоҳир гардид ва таъкид шуд, ки бо ин васила парламентҳо метавонанд дар беҳтар намудани сатҳи муносибатҳои дуҷониба дар тамоми соҳаҳо нақши муассиру самарабахш гузоранд. Дар мулоқот муколамаи сиёсии муназзами Тоҷикистону Қатар дар сатҳи олӣ заминагузори рушду тавсеаи минбаъдаи муносибатҳои неку манфиатбори ду давлат арзёбӣ гардид. Ҷонибҳо ҳамчунин доир ба муҳиммияти ҳамкориҳои байнипарлумонӣ дар таъмини амнияту суботи кишварҳои минтақа ва мубориза бар зидди хатару чолишҳои ҷаҳони муосир, аз қабили терроризму экстремизми байналмилалӣ табодули афкор намуданд. Изҳори бовар карда шуд, ки парлумони ҳар ду давлат дар татбиқи амалии санадҳои дар доираи сафари расмии Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Давлати Қатар имзо шуда саҳми фаъол гузошта, ба татбиқи манфиатбори дурнамо ва нақшаҳои нави ҳамкориҳои дуҷониба моил мегарданд.

9 октябри 2017 дар Қасри Миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Шайх Халифа ибни Ҳамад ибни Халифа Оли Сониро ба ҳузур пазируфтанд. Дар мулоқот маҷмӯи васеи масоили ҳамкории дуҷонибаи Тоҷикистону Қатар дар соҳаҳои маорифу тандурустӣ, саноат, гидроэнергетика, фарҳанг, алоқаи ҳавоӣ, бонкдорӣ, саёҳат ва дигар бахшҳои афзалиятноки барои ҳар ду ҷониб судманд баррасӣ гардиданд. Зимни мулоқот Шайх Халифа ибни Ҳамад ибни Халифа Оли Сонӣ таъкид дошт, ки бо дастури бародараш Амири давлати Қатар Шайх Тамим ибни Ҳамад ибни Халифа Оли Сонӣ ба Тоҷикистон омадааст, то ин ки ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба марги бармаҳали бародарашон – Нуриддин Раҳмон изҳори таъзия ва тасаллияти роҳбари давлат ва мардуми дӯсти Қатарро расонанд.

16 октябри 2017 дар мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо вазири давлатӣ оид ба корҳои хориҷии Давлати Қатар Султон ибни Саъд ал-Мурайхӣ, ки дар ҳошияи иҷлосияи 2-юми Форуми иқтисод ва ҳамкории арабӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Озарбойҷон баргузор гардид, маҷмӯи васеи масоили ҳамкории дуҷониба баррасӣ гардид. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз сатҳи муносибатҳо ва ҳамкорӣ миёни ду кишвари бародар Тоҷикистону Қатар, ки дар асоси ҳамдигарфаҳмӣ ва бо дарназардошти манфиатҳои мутақобилан судманд густариш меёбанд, изҳори қаноатмандӣ карданд. Ҷонибҳо зимни музокирот иштироки сармояи Қатар дар татбиқи лоиҳаҳои энергетикӣ, аз ҷумла сохтмони неругоҳҳои барқии обӣ ва хатҳои интиқоли барқро аз самтҳои судманди ҳамкорӣ маънидод карданд. Баҳри расидан ба ҳадафҳои аз ин ҳам манфиатовар ҷиҳати дастгирии соҳибкории хурду миёна таъсис додани Фонди рушди Қатарӣ дар Тоҷикистон ва ташкили ширкати муштараки машваратии инвеститсионӣ зарур шумурда шуд. Ба роҳ мондани ҳамкорӣ байни бахшҳои хусусии ду кишвар дар соҳаи коркарди маъданҳои кӯҳӣ, роҳандозии хатсайри мустақим байни Душанбеву Давҳа ва рушди соҳаи туризм аз самтҳои дигару муҳимми ҳамкории оянда маънидод карда шуд [3,с.37].

Вобаста ба ҳамкориҳои иқтисодӣ–тиҷоратӣ бояд гуфт, ки Давлати Қатар аввалин кишвари арабӣ мебошад, ки дар Тоҷикистон сармоягузорӣ кардааст ва маҳз сафари расмии амири қаблӣ Ҳамад ибни Халифа Оли Сонӣ дар соли 2007 ба ин замина гузошт. Самараи он дар татбиқи лоиҳаи Диёри Душанбе ва калонтарин масҷиди ҷомеъ дар Осиёи Марказӣ зоҳир мегардад.

Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва техникию илмӣ байни ду кишвар амал мекунад ва октябри соли 2012 аввалин нишасти он дар Душанбе доир гашт.

Дар самти ҳамкориҳои байналмилалӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар номзадиашонро ба Шӯрои ҳуқуқи инсон барои соли 2015-2017 пешниҳод намуданд. Байни

ду кишвар бо ташаббуси Қатар табодули ёддошт ҷиҳати дастгирии ҳамдигар сурат гирифтааст [4,с.120].

6 феврали соли 2017 дар шаҳри Давҳаи Давлати Қатар муқарраротти истиқболи расмӣ дар назди Қасри Амирӣ самимона ва бо шукӯҳу шаҳомати хосса баргузор гардид.

Таъкид гардид, ки барои тавсеаи ҳамкорӣ дар бахшҳои гидроэнергетика ва об, нақлиёт, ҳамчунин таъсиси корхонаҳои муштараки коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, саноати сабук ва саноати истихроҷи маъдан дар Тоҷикистон шароиту имкониятҳои зиёди мусоид мавҷуд аст ва татбиқи лоиҳаҳои он барои ҳарду ҷониб судманд хоҳад буд.

Ҷонибҳо бо он ҳамфикр буданд, ки барои истифодаи имконоту зарфиятҳои мавҷуда ва густариши равобити иқтисодӣ ҷоннок кардани фаъолияти Комиссияи муштараки байниҳукуматии Тоҷикистону Қатар оид ба ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратӣ ва техникиву илмӣ метавонад саҳми муносиб гузорад.

Ба рушди бештари ҳамкориҳои иқтисодӣ, бахусус робитаи доимии доираи соҳибкорону тоҷирон ҳавасмандии зиёд зоҳир гардида, барои роҳандозии ҳамкориҳои манфиатбахш соҳаҳои гидроэнергетика ва об, нақлиёт, кишоварзӣ, бунёди корхонаҳои муштарак, саноати сабук, коркарди сангу металлҳои қиматбаҳо, металлҳои рангаву сиёҳ, иштирок дар бартарафсозии оқибатҳои офатҳои табиӣ дар Тоҷикистон ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои илмиву тадқиқотӣ байни олимону табодули донишҷӯёну омӯзгорон пешниҳод карда шуд. Таъкид гардид, ки айни ҳол дар Тоҷикистон чор минтақаи озоди иқтисодӣ амал мекунад ва соҳибкорони қатарӣ метавонанд бо бунёди корхонаҳои муштараки саноатӣ дар минтақаҳои мазкур фаъолияти судмандро ба роҳ монанд.

Кишвари мо дорои захираҳои ғании табиӣ, аз қабили об ва сангҳову металлҳои қиматбаҳо, металлҳои рангаву сиёҳ ва дигар маъданҳои кӯҳӣ мебошад. Имкониятҳои фаровони кишоварзӣ, аз ҷумла парвариши меваю сабзавоти хушсифат ва пахта низ, метавонанд омили дигари ба роҳ мондани ҳамкориҳои ду кишвар гарданд.

Барои беҳтару хубтар гардидани ҳамкориҳои иқтисодию сармоягузорӣ ҳамчун қадами нахуст таъсиси Ширкати консалтингӣ, бонки инвеститсионию тиҷоратии Қатар дар Тоҷикистон ва таъсиси Бунёди молиявии Қатар амали муҳим арзёбӣ шуд.

Дар ин замина таъкид гардид, ки ҷониби Қатар метавонад ба рушду густариши бештари муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ бо Тоҷикистон тавассути дастгирии молиявии татбиқи лоиҳаҳои хурду миёна, маблағгузории лоиҳаҳои энергетикиву обии дорои аҳаммияти миллию минтақавӣ, аз қабили сохтмони хатҳои интиқоли барқи баландшиддати фаромарзӣ, нерӯгоҳҳои барқи обии бузургу миёна, зеристгоҳҳо, ба роҳ мондани парвариш ва истеҳсоли маҳсулоти хушсифати кишоварзӣ дар Тоҷикистон ва содироти он ба Давлати Қатар, ҳамчунин фароҳамсозии шароити мусоид барои содироти оби хушсифати нӯшокии кишвари мо ба давлати худ фаъолона иштирок намояд.

Ҳарду ҷониб рушди ҳамкорӣ дар бахши сайёҳӣ, ифтитоҳи хатсайрҳои ҳавоиро аз имконоти дигари густариши муносибатҳо маънидод карданд. Пешниҳод гардид, ки як гурӯҳи муштарак барои таҳияи стратегияи ҳамкорӣ дар бахши саёҳат таъсис дода шавад. Ифтитоҳи хатсайрҳои ҳавоӣ байни ду кишвар бошад, иқдоми муассире дар самти тавсеаи рафтуомади сайёҳон хоҳад шуд. Ҳамкории илмиву тадқиқотии байни олимони ду кишвар, табодули донишҷӯёну омӯзгорон ва барномаҳои фарҳангӣ низ аз самтҳои муҳимми робитаҳои дуҷониба маънидод карда шуд. Дар мулоқот инчунин масъалаҳои ҳамкории байниҳукуматӣ дар соҳаи таъмини амният, дастёбӣ ба созишу ризоият ва таъмини сулҳу субот дар кишварҳои мусулмонӣ, ҳалли вазъи мураккаби сиёсии Афғонистон, дар чаҳорчӯбаи ташкилотҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони ҳамкориҳои исломӣ, баррасӣ карда шуд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки дар роҳи тарғиби амалҳои башардӯстӣ, арзишҳои неки исломӣ кишварҳои мусулмониро лозим аст, ки бар асоси асли «муъмин бародари муъмин» бо истифода аз имконоти худ ҷиҳати рафъи чолишҳои дигари замони муосир саъю талоши бештар намоянд.

Дар фарҷоми мулоқот Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз Амири Давлати Қатар Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ барои анҷоми сафари расмӣ ба Тоҷикистон даъват ба амал оварданд. Даъват бо хушнудӣ пазируфта шуд. Баъди анҷоми мулоқоту музокироти сатҳи олӣ аз рӯйи натиҷаҳои воҳӯрӣ дар ҳузури сарони давлатҳо 8 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид:

-Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи мубориза бо ҷинояткорӣ ва таъмини амният;

-Созишномаи ҳамкорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар дар соҳаи фарҳанг;

-Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи варзиш байни Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон ва Кумитаи олимпии Қатар;

-Ёддошти тафоҳум байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки марказии Қатар оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи фаъолияти молиявӣ ва бонкӣ;

-Созишнома байни Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати адлияи Давлати Қатар оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи ҳуқуқ;

-Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф, таҳсилоти олӣ ва таҳқиқоти илмӣ;

-Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба алоқаи ҳавоӣ;

-Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи тандурустӣ [8,с.87].

4 май Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳошияи Конфронси байналмилалии "Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез" Намояндаи махсуси Давлати Қатар оид ба мубориза бо терроризм доктор Мутлақ ал-Қаҳтониро ба ҳузур пазируфтанд.

Дар оғоз Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо қаноатмандӣ изҳор доштанд, ки "мо ба оянда ҳамкории Тоҷикистон ва Қатар некбин ҳастем ва бовар дорем, ки дар партави ҳамкориҳои судманд ва дастгирии ҳамдигар ба дастовардҳои бузург дар ҳамаи арсаҳо ноил хоҳем шуд". Аз робитаҳои бародарӣ ва мулоқотҳои мунтазам дар сатҳи олии ду кишвар, заминаи мустаҳками сиёсию ҳуқуқӣ барои таҳкими ҳамкориҳои судманди гуногунҷанбаи Тоҷикистон ва Қатар изҳори қаноатмандӣ карда шуд.

Таъкид гардид, ки дар Тоҷикистон барои рушди амалии ҳамкорӣ дар арсаҳои тиҷорат, иқтисод, энергетика, саноат, кишоварзӣ, сайёҳӣ ва нақлиёт шароитҳои мусоид фароҳам оварда шудаанд. Ҷонибҳо ҷоннок кардани кори Комиссияи муштарак оид ба ҳамкории иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва техникиро барои ҷалби сармояи Қатар дар ҳамаи бахшҳои иқтисоди Тоҷикистон муҳим арзёбӣ карданд. Дар ин робита истифодаи иқтидори иқтисодӣ, сармоягузорӣ, нақлиётӣ ва технологии Қатар ҳамчун омили муҳимми рушди устувори кишварҳо ва таҳкими ҳамкориҳои байниминтақавӣ номида шуд.

Дар ҷараёни мулоқот ҳарду ҷониб оид ба ҳалли мушкилоти мубрами ҷомеаи ҷаҳонӣ, мубориза бо хатарҳои даҳшатбор табодули андеша намуданд [13,с.1].

## АДАБИЁТ


1. Ахмедов А. Социальная доктрина ислама / А. Ахмедов. - Москва, 1982. - 143 с.
2. Бжезинский З. Великая шахматная доска / З. Бжезинский. - Вашингтон, 1997. - 234 с.
3. Давлятов З.Қ. Тоҷикистон ва Шоҳигариҳои арабӣ: хамкорӣ ва дурнамо / З.Қ. Давлятов. - Душанбе: Дониш, 2018. - 117 с.
4. Дипломатия Таджикистана. Ежегодник - 2007 год. Внешняя политика Республики Таджикистан: хроника и документы. Под общей редакцией Хамрохона Зарифи. Составители Д. Назриев и др. – Душанбе: Ирфон, 2010, - 324 с.
5. Жданов Н. Исламскя консепсия мирпорядка / Н.Жданов. - Москва, 2003. 238 с.
6. Зарифӣ Ҳ. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон - дар масири истиқлолият / Ҳ.Зарифӣ, Н.Зоҳидов, Д. Назриев. - Душанбе: Ирфон, 2011. -78 с.
7. Зокиров Г. Донишномаи сиёсӣ / Г. Зокиров.- Душанбе, 2007. - 321 с.
8. Зоҳидӣ Н. 25 қадам дар паҳнои олам / Н. Зоҳидӣ, В. Ниятбеков, А.Камолов. -Душанбе: Ирфон, - 487 с.
9. Кутб С. О социальной справедливости на основе Корана / С. Кутб. - Москва,1998. -187 с.
10. Оймаҳмадов М. Иқтисоди ҷаҳон / М. Оймаҳмадов, М.Муртазоев. - Теҳрон, 2001. - 683 с.
11. Раджабов С. Исламский фактор в СНГ / С. Раджабов. - Душанбе, 2006, 236 с.
12. Таджикистан: четыре года независимости и самосознания (1995), Таджикистан на пути демократии и цивилизованного общества (1996),
13. Тоҷикистон ва ҷомеаи ҷаҳон аз 17.09.2018 [манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/taxonomy/term/5/165 (санаи истифодабарӣ 19.06.2019)


## АЗ ТАЪРИХИ РАВОБИТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ДАВЛАТИ ҚАТАР


Дар мақолаи мазкур муаллиф ҳамкориҳои байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатарро, ки робитаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигар соҳаҳоро дар бар мегиранд, мавриди баррасӣ қарор додааст. Бояд қайд кард, ки дар даврони истиқлолият Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъсис додани сафоратхонаҳо, намояндагиҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ва намояндагиҳои доимии ҷумҳурӣ дар ташкилотҳои байналмилалӣ, корҳои назаррас анҷом додааст. Барои ба роҳ мондани равобити гуногунҷабҳа Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳми арзанда гузоштаанд.



**Калидвожаҳо:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Давлати Қатар, иҷтимоӣ, робита, фарҳангӣ, созишнома.

**ИЗ ИСТОРИИ ВЗАИМООТНОШЕНИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ГОСУДАРСТВА КАТАР**

В данной статье автор анализирует взаимоотношения Республики Таджикистан с арабскими странами Государством Катар и Египет, в экономической, социальной, культурной и других сферах. Нужно отметить, что за годы независимости Республика Таджикистан проводила целенаправленную работу по созданию своих заграничных учреждений, которые состоят из посольств, консульских учреждений Республики Таджикистан за рубежом, постоянных представительств республики при международных организациях. В установлении многоплановых отношений, роль Президента страны, Лидера Нации, очень велика. Внешняя политика Таджикистана ассоциируется с образом этого человека и в зарубежных странах, с которыми сотрудничает Республика Таджикистан, он имеет большой авторитет. В результате, в странах, с которыми Республика Таджикистан имеет тесное сотрудничество, действуют постоянные представительства республики.

**Ключевые слова:** Республика Таджикистан, Государство Катар, социальный, связь, культурный, договор.

**FROM THE HISTORY OF RELATIONSHIP BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND QATAR**

In this article the author analyzed the history of the relationship between Republic of Tajikistan Arabic countries as well as Qatar, which these relations are represented in the economic, social, cultural and many other spheres. It should be noted that over many years of Independence of the Republic of Tajikistan has carried out the targeted work to create its foreign institutions, which consist of Embassies, consular offices of the Republic of Tajikistan abroad, and permanent representative offices of the republic with international organizations. To establish a multifaceted relationship, the President of the country, the Leader of the Nation, is very large. The foreign policy of Tajikistan is known in the image of this person; therefore, foreign countries with which the Republic of Tajikistan cooperates have a great reputation. As a result, in these countries with which the Republic of Tajikistan has close cooperation, there are permanent missions of the republic.

**Key words:** Republic of Tajikistan, Qatar, social, communication, cultural, contract.

**Сведения об авторе:** ***Болтуев Сафарбой Муродович*** – Институт изучения проблем стран Азии и Европы АН РТ, аспирант. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 33. E-mail: **safarboy_2019@mail.ru**. Телефон: **(+992) 934-56-05-06**

**Information about the author:** ***Boltuev Safarboy Murodovich*** - Institute for the Study of the Problems of the Countries of Asia and Europe, Academy of Sciences of the Republic of Tatarstan, graduate student. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33 Rudaki Ave. E-mail: **safarboy_2019@mail.ru**. Phone: **(+992) 934-56-05-06**

**УДК: 930(575.3+58)**

# САҲМИ ҲАҚНАЗАР НАЗАРОВ ДАР ТАҲҚИҚИ МАҚОМИ ТОҶИКОН ДАР ҲАЁТИ СИЁСӢ ВА РУШДИ ФАРҲАНГИ АФҒОНИСТОН

***Искандаров Қ., Қодиров Д.***

**Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон,**

**Донишкадаи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Ҳақназар Назаров дар радифи дигар корҳои илмии анҷомдода оид ба Афғонистон ба масъалаи таҳқиқи мақоми тоҷикон дар ҳаёти сиёсӣ ва рушди фарҳанг дар ин кишвар даст зада, мақолаҳо ва асарҳои арзишманд навиштааст. Таҳлилу баррасии осори Ҳақназар Назаров аз он шаҳодат медиҳад, ки тоҷикон дар ҳаёти сиёсӣ ва рушди фарҳангии Афғонистон бемуболиға ҷойгоҳи хосса доранд.

Аммо аз чӣ бошад, ки бархе аз муҳаққиқони ғарбӣ, шӯравӣ ва афғон бо таъсиси давлати Дуррониён дар соли 1747 дар сарзамини Хуросон ҷойгоҳи тоҷиконро дар ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангӣ нодида мегирифтанд. Бархилофи бархе аз муҳаққиқони афғонистоншинос устод Ҳақназар Назаров мақоми тоҷиконро дар ҳаёти сиёсӣ ва рушди фарҳангии Афғонистон муҳим арзёбӣ намудааст.

Ба ақидаи Ҳақназар Назаров, саҳми тоҷикони Хуросон дар ҳаёти сиёсӣ ва офаридани фарҳанги моддӣ ва маънавии халқи тоҷик аз саҳми тоҷикони Мовароунаҳр зиёд набошад, камтар нест. Аммо баъзе аз олимони ба истилоҳ “маъруф”-и тоҷик дар партави мафкураи коммунистӣ ва томравоӣ тоҷикони Афғонистонро як ақаллияти ночиз мегуфтанд, ки гӯё баъд аз Инқилоби Октябр аз Тоҷикистон ба он сӯйи соҳили дарёи Ому фирор кардаанд. Ин олимон ба ҳамаи афғонҳо, хосса тоҷикони Афғонистон бо як назари бадбинона менигаристанд ва нақши онҳоро дар ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангии Хуросон нодида мегирифтанд.

Бо фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ва соҳибистиқлол гардидани ҷумҳуриҳои он устод Ҳақназар Назаров тасмими қатъӣ гирифт, ки як асари мукаммали таҳқиқотӣ дар бораи тоҷикони Афғонистон таълиф намояд ва он ҳама далелу арқоми бардурӯғеро, ки нақши тоҷиконро дар ҳаёти сиёсӣ ва рушди фарҳанги Афғонистон равшан инъикос наменамуданд, бо нигоҳи нав ба риштаи таҳқиқ кашад. Зеро дар қарни XIX мустамликадорони англис ва рус дар миёни тоҷикони ду самти соҳили дарёи Ому як

сарҳадбандии маснӯӣ эҷод карданд. Мардумони Хуросон ва Мовароуннаҳр баъд аз ин тақсимот ҳаққу ҳуқуқ надоштанд, бо ҳам иртибот ва муомилоти доимӣ дошта бошанд. Бо ғалабаи Инқилоби Октябр иртибот қатъ шуд, ки ин ба сарнавишти мардумони тоҷики ҳар ду соҳил таъсири фоҷиабор гузошт. Дар 70-соли мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ низоми сиёсии он имкон намедод, ки муҳаққиқоне чун Ҳақназар Назаров мақоми тоҷиконро дар ҳаёти сиёсӣ ва рушди фарҳангии Хуросон (Афғонистони кунунӣ–И.Қ., Д.Қ) холисона арзёбӣ намоянд. Дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ дар осори Ҳақназар Назаров, ки ба Афғонистон бахшида шуда буданд, истилоҳи «тоҷик» ба таври ошкоро хотиррасон карда намешуд ва истилоҳи «мардумӣ», «мардумони ғайриафғон» ва баъзан «тоҷик» ба кор бурда мешуд.

Ҳукумати собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар зарфи 70 соли мавҷудияти худ аз сиёсати азаматталабии паштунҳо пуштибонӣ намуда, ҷойгоҳи миллатҳои ғайрипаштун, хосса тоҷиконро нодида мегирифт, ки он сабабҳои объективӣ ва субъективии худро дошт.

«Дар Иттиҳоди Шӯравӣ низ сиёсате пеш гирифта шуда буд, ки иртиботи тоҷикони Афғонистонро бо тоҷикони Осиёи Миёна мамнӯъ мекард. Дар таҳқиқоти олимони Шӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон ҳам, маҳалли сукунат ва фаъолияти тоҷикон танҳо ба Мовароуннаҳр маҳдуд карда мешуд. Хоста ё нохоста таърих ва сарнавишти тоҷикони Афғонистон аз мадди назар дур гузошта мешуд»» [3,с.64]. Аз байн рафтани Иттиҳоди Шӯравӣ дар солҳои 90–уми қарни XX ва соҳибистиқлол гардидани ҷумҳуриҳои он, новобаста аз мушкилоте, ки баъд аз истиқлоли давлатӣ ҷомеаи Тоҷикистон ба он рӯ ба рӯ буд ва муассисаҳои илмӣ, хосса Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттӣ низ ба ин мушкилот мувоҷеҳ гардид, Ҳақназар Назаров дар ин солҳои душвор низ аз таҳқиқоти илмӣ даст накашид. Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ ва ба ваҳдати комил расидани миллати тоҷик дар соли 1997, бори дигар умедҳои аҳли равшанфикри тоҷикро, бавижа устод Ҳақназар Назаровро ба кори таҳқиқоти илмӣ дубора гарм намуд.

Ҳамаи ин боиси он гардид, ки соли 1998 асари бунёдии Ҳақназар Назаров «Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон» дар ҳаҷми 656 саҳифа чоп шуд, ки натиҷаи заҳмати чандинсолаи устод ҳисоб меёфт.

Дар пешгуфтори ин китоб суханони пурҳикмати Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ ҷой дода шудаанд, ки фармудааст: «Ман ба золим ва мазлум яксон адоват дорам. Ба золим барои зулмаш ва ба мазлум барои он ки зулмро қабул кардааст» [11,с.3].

Мутолиаи ин асари пурарзиш, ки аввалин таҳқиқоти мукаммали илмӣ дар бораи тоҷикони Афғонистон аст, муҳаққиқони риштаи афғонистоншиносиро ба чунин натиҷагирӣ оварда расондааст, ки мо низ ин андешаҳоро ҷонибдорӣ менамоем:

1. Тоҷикон бар хилофи афғонҳо (паштунҳо), ки дар як минтақаи силсилакӯҳҳои Сулаймонӣ, ки дар шарқи ин сарзамин зиндагӣ мекарданд, аз сокинони бумии он мебошанд ва аксари кулли сокинони онро ташкил медоданд [3,с.65]. Ин андешаи муҳаққиқ Ҳақназар Назаровро муҳаққиқоне, ки холисона ба таҳқиқоти Афғонистон машғуланд, ҷонибдорӣ менамоянд.

2. Ташкилшавии давлати Дурраниҳо дар қарни XVIII дар сарнавишти халқҳои Афғонистон нақши якхела надоштааст. Робитаҳои таърихию фарҳангӣ миёни марказҳои асосии тамаддуни тоҷикон Самарқанд, Бухоро, Ҳирот, Балх, Кобул, Ғазнӣ ва ғайра то ҳадде гусаста шуданд, ки ба пешрафти фарҳанги тоҷикон садама ворид намуданд [7,с.62].

3. Ин минтақа то ибтидои асри XIX, яъне то ташкилшавии давлати Дурраниҳо ҳам ба номи Хуросон ёд мешуд ва номи «Афғонистон» ба ин давлат ба таври сунъӣ аз тарафи хориҷиён гузошта шудааст [4,с.94].

4. Тибқи муқаррароти мавҷуда низоми давлатдории пешина ва баъдинаи Афғонистон бар асоси анъанаҳои қадимии эронӣ тартиб дода мешуд ва аз он иборат буд, ки новобаста аз мансубияти қавмӣ, хонадони салтанатӣ, ҳангоми интихоби вазирону соҳибмансабони дигар кордонӣ, қобилият, сулукот ва вафодории шахси мувazzаф ба эътибор гирифта мешуд ва мансубияти қавмӣ аҳаммият надошт. Лекин дар давлати Дурраниҳо қавмпарастӣ ва қабилагароӣ дар ҳама сатҳҳо боло гирифт. Вазифаҳои муҳимми давлатӣ ва низомӣ дар байни хонҳои қабоили гуногуни Дурранӣ ба таври меросӣ тақсим шуда буданд ва аз болои иҷрои он Ҷиргаи хонӣ назорат мекард [4,с.95].

5. Ба маҳдудиятҳо ва табъизоти қавмии афғонҳо нигоҳ накарда, тоҷикон ба ҳайси як миллати соҳибватан дар ҳифзи истиқлолияти миллӣ, тамомияти арзӣ ва рушду нумӯи Афғонистон ҷоннисориҳои бедареғ кардаанд. Бахусус қаҳрамониҳои онон дар ҷангҳои зиддиинглисӣ солҳои 1838–1842, 1878–1880, 1919 мубориза ба муқобили таҷовузи Шӯравӣ солҳои 1979–1989 хеле бузург аст [4,с.95].

6. Тоҷикон дар тӯли таърих ҳеҷ гоҳ ба сифати неруи таҷзияталаб ё марказгурез баромад накардаанд, баръакс амирони афғонӣ, чи Дӯстмуҳаммадхон (1843–1862), Шералихон (1862–1880) ва чи Абдураҳмонхон (1880–1901) маҳз бо ёрӣ ва мадади тоҷикон на танҳо соҳиби тоҷу тахт шуданд, балки ба ташкили давлати мутамарказ ва муттаҳид сохтани сарзамини Хуросон муваффақ шуданд [3,с.66].

7. Тоҷикон дар ҳама таҳаввулоти муҳимми сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Афғонистон пешсафу пешқадами ҷомеа буданд. Нақши тоҷикон дар наҳзати машрутахоҳӣ, таҳаввулоти буржуазӣ–демократии солҳои 20 ва 40, ҷунбишҳои демократии солҳои 60 ва 70–уми асри гузашта ва амалӣ сохтани барномаҳои иқтисодии ҳукуматҳои Амонуллоҳхон ва Зоҳиршоҳ чашмрас буд [3,с.66].

8. Дар хусуси таркиби миллии Афғонистон бояд мутазаккир шуд, ки дар Афғонистон ҳеҷ гоҳ саршумори нуфус гузаронида нашудааст ва ягона саршуморӣ соли 1979 гузаронида шуда буд, аммо ноқис ва арқоми он дар хусуси таркиби миллӣ аз назари ҷомеа пинҳон нигоҳ дошта мешуд. Табақаи ҳокими Афғонистон шумораи паштунҳоро дар ҳама маврид ба маротиб зиёд нишон медод. Афғонистоншиносони Шӯравӣ ва рус ҳам бинобар манофеи геополитикии давлат ҳамеша аз паштунҳо ҳимоят ба амал меоварданд. Ҳақназар Назаров бо иттико ба маълумотҳои Мир Ғулом Муҳаммад Ғубор паштунзабонҳоро 6 млн ё 40 дарсад ва даризабонҳоро 8 млн ё 53 дарсад муайян намудааст, ки ин арқомро таҳқиқоти мустақили олимони Ғарб низ тасдик мекунанд [3,с.67].

9. Бо вуҷуди ҳодисаҳои таърихӣ, ки ба коста шудани теъдоди тоҷикон дар қисматҳои ҷанубии Афғонистони имрӯза сабаб гардид, тоҷикон ҳоло ҳам яке аз ду унсури асосии этникии Афғонистон мебошанд ва ба ҳайси соҳибватанони асил, тамоми масъулияти сарнавишти ояндаи ватанашонро бар дӯш доранд, чуноне ки то ҳол доштанд [7,с.63]. Умуман, сарнавишти ояндаи Афғонистон бидуни тоҷикон ва дигар халқҳои ин кишвар қобили тасаввур нест.

10. Ба ҳеҷ ваҷҳ наметавон муаллифи «Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон»–ро ба диди якҷониба ё иғроқомез айбдор кард, зеро тамоми фикру андешаҳои асар бо далелҳои муътамад тақвият дода шудаанд [3,с.67].

Умуман, Ҳақназар Назаров дар ин асари худ аз мардумони мазлум ва ситамдидаи ғайрипаштун ҷонибдорӣ намудааст, аммо ба ҳеҷ ваҷҳ муқобил гузоштани ақвоми паштун ва ғайрипаштунро ҳадафи ниҳоии худ қарор надодааст. Аз ҷониби дигар, муаллиф сиёсати азаматталабӣ, тафриқаандозӣ, бартариҷӯйии табақаи ҳокимро маҳкум намуда, таъкид менамояд, ки чунин идома ёфтани сиёсат дар байни миллатҳои сокини Афғонистон тухми нифоқ ва норозигиҳои зиёдеро ба бор хоҳад овард. Бо ин мақсад Ҳақназар Назаров иброз медорад, ки бояд байни тамоми ақвоми Афғонистон ҷиҳати ба кишвари пешрафта табдил ёфтани мамлакат созиши умумӣ ба миён ояд, вагарна ояндаи сулҳу ваҳдат дар Афғонистон зери суол аст.

Хулосаҳое, ки аз ин асари бунёдии муҳаққиқ Ҳақназар Назаров ироа гардидаанд, бори дигар аз он шаҳодат медиҳанд, ки муҳаққиқ таҳқиқоти пурарзише дар хусуси мақому манзалати таърихии тоҷикон дар ҳаёти сиёсӣ ва рушди фарҳанги Афғонистон анҷом додааст. Ба табъ расидани ин китоб дар байни донишмадон ва ватандӯстони асили ҳам Тоҷикистон ва ҳам Афғонистон хеле хуб истиқбол гардид. Қабл аз ҳама, шогирдони устод Қ.Искандаров ва Ҳ.Нуриддинов мулоҳизаҳои худро оид ба ин китоб дар маҷаллаи «Шоҳроҳи ваҳдат» баён намуданд ва таҳқиқоти устод Ҳақназар Назаровро таҳқиқоти пурарзише дар тоҷикшиносӣ номиданд [7,с.54-63].

Муҳаққиқи дигари тоҷик М.Лутфуллоев дар се шумораи рӯзномаи «Ҷумҳурият» аз таърихи 17, 20 ва 24-уми марти соли 1999 ба таври муфассал аз ин асар таъриф ва тавсиф намудааст [8;9;10]. Устод М.Лутфуллоев дар тақризаш «Таърихи холисонаи соҳибватанон», оид ба китоби Ҳақназар Назаров навиштааст, ки ҷоҳилон ҳеҷ гоҳ ҳақиқатро эътироф намекунанд ва агар тавонанд, онро гӯр мекунанд.

М.Лутфуллоев таъкид менамояд: «Баъди шикасти Ҳабибуллоҳи Калаконӣ, октябри соли 1929 то табаддулоти низомии апрелии соли 1978, яъне қариб 50 сол ҳукумати паштунгарои афғон перомуни инкишофи забони пашту даҳҳо қонуну қарор қабул, миллионҳо афғонӣ сарф карда бошад ҳам, он аз доираи маҳдуди хонаводаи кӯчиёни саҳронишин берун набаромад. Чи тавре ки худашон эътироф мекарданд, забони мо то майдони ҳавоист. Тазоди зиндагиро бубинед, ки дар Афғонистон на танҳо тайи 50 сол умуман роҷеъ ба инкишофу такмили забони дарӣ–тоҷикӣ аз ҷониби давлат ягон хел таваҷҷуҳе зоҳир нашудааст. Вале ин забон табиатан тоза ва гуворо мондааст ва тадриҷан инкишоф ёфтааст ва ҷойи аввали худро байни 38 забонҳои дигари Афғонистон аз даст надодааст» [9]. Донишмади дигари тоҷик доктори илмҳои таърих, профессор Ф.Зикриёев

ба китоби «Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон» тақриз навишта, аз он истиқбол намудааст. Ба таъкиди Ф.Зикриёев муҳаққиқ Ҳақназар Назаров солҳои тӯлонӣ дар Афғонистон кор ва зиндагонӣ намуда, дар асоси мавод ва сарчашмаҳои нодир ва гуногунранг, ки ба забонҳои форсӣ, тоҷикӣ, англисӣ ва арабӣ мебошанд, як асари пурмазмунеро навиштааст. Асар аҳаммияти методологӣ, назариявӣ ва илмӣ–амалӣ дошта, ба бисёр масоили мавзӯи тадқиқшаванда рӯшанӣ андохтааст.

Профессор Ф.Зикриёев менависад: «Имрӯз вақте ки имконияти аз нигоҳи нав омӯхтани таърихи гузашта ба миён омадааст, ҳақ ба ҷониби муаллиф мебошад, ки чунин навиштааст: «Маҳз дар зери таъсири ҳаракати миллӣ–озодихоҳии тоҷикони Афғонистон бо сарварии Ҳабибуллоҳи Калаконӣ, машҳур ба Бачаи Сақҳо буд (Ҳабибуллоҳи Калаконӣ-Қ.И., Д.Қ.), ки Ҳукумати Шӯравӣ ба таъсис намудани ҷумҳурии мустақили Шӯравии Тоҷикистон ризоят дод» [2,с.85-87].

Дар умум, Ф.Зикриёев дар тақризи худ менависад, ки Ҳақназар Назаров дӯстии байни тоҷикону дигар миллату қавмҳои Афғонистонро нишон дода, ба ҳеҷ ваҷҳ паштунҳоро бо тоҷикон муқобил нагузоштааст. Соҳибназари дигари тоҷик, узви вобастаи Академияи илмҳои Тоҷикистон, профессор Ҷ.Назриев яке аз шогирдон ва дӯстони дигари шодравон Ҳақназар Назаров низ ба ин асари устод баҳои баланд додааст.

Аз ҷумла, профессор Ҷ. Назриев дар хусуси ин китоб чунин навиштааст: «Китоби калонҳаҷму пурмуҳтавои Ҳақназар Назаров «Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон» асари вежаест. Мақсад аз навиштани ин асар нишон додани мақому мартабаи ростини миллати тоҷик дар Афғонистон ва рафъи тасҳиф ва таҳрифи «таърихнигорон», аниқтараш паштугароёну дурӯғгӯёни олами илм дар Афғонистон аст» [12]. Дар умум, тамоми равшанфикрони ватанӣ ва хориҷӣ шоҳасари «Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон»–ро таҳқиқоти мукаммалу пурарзиш меҳисобанд, ки бидуни муболиға китоби рӯимизии ҳар як ватанпараст ва рӯшанфикр дар замони муосир ва оянда ҳоҳад гардид. Арзиши илмӣ ва қимати ин китоб бо гузашти замон барҷастатар ва возеҳтар мегардад. Мақоми тоҷикон дар ҳаёти сиёсӣ ва рушди фарҳанги Афғонистон (Хуросон), чи дар гузашта, чи дар замони муосир ва чи дар оянда барҷастатар хоҳад гардид.

Афғонистон шахсиятҳои барҷастаи фарҳангӣ, аз қабили Борбад, Монӣ, Залон, Сароҳанг, Ношинос, Хаёл, Нағма, Ҳангома, Сорбон, Аҳмад Зоҳир ва амсоли инҳоро парваридааст, ки аз сурудаҳои онҳо на танҳо мардумони Шарқ, балки олами Ғарб ҳам баҳравар гардидаанд. Аксари чеҳраҳои фарҳангии Афғонистон тоҷик буданд ва бо забони ноби форсии дарӣ сурудҳо мехонданд.

Хуросони Бузург (Афғонистони имрӯза) садҳо ахтарони тобноки назми оламгири форсиро, аз қабили Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва шогирди он бузургвор Алишери Навоӣ, Саноиву Носири Хусрав, Шаҳиди Балхӣ, Абӯшакури Балхӣ, Робиаи Балхӣ, Мавлоно Ҳотифии Ҳиравӣ, Камолиддини Биноӣ, Нозими Ҳиротӣ, Абӯмансури Муваффақ, наққоши мониқалам Камолиддини Беҳзод парваридааст.

Бунёдгузори фиқҳи ҳанафӣ– Имоми Аъзам форситабор ва зодаи Парвони бостонист.

Дар садаи XX мақоми тоҷикон дар ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангии Афғонистон боз ҳам густариши бесобиқа пайдо намуд. Дар ин хусус шодравон М.Бобохонов дар шоҳасари худ «Таърихи тоҷикони ҷаҳон» дар бахши тоҷикони Афғонистон марҳилаҳои шаклгирии давлатро дар Афғонистон аз замони бостон то ибтидои қарни XXI бо такя ба муаллифони дохилию хориҷӣ, хосса Ҳақназар Назаров ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Устод М.Бобохонов ба мисли Ҳақназар Назаров хизмати таърихии тоҷиконро дар ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангии Афғонистон баён намуда, аз чанд шахсияти таърихии сиёсӣ ва фарҳангӣ, аз қабили Холмуҳаммади Хаста, Муҳаммад Ҳошими Шоиқ, Муҳаммад Башири Бағлонӣ, Тоҳири Бадахшӣ, Маҳбубуллоҳи Кошонӣ дар асараш ёд намудааст [1,с.207-209].

Тоҷикон дар ҷанги сеюми Англия ва Афғонистон (1919) низ корнамоиҳои зиёде нишон дода, дар дастёбӣ ба истиқлоли сиёсии мамлакат саҳми бузург гузоштаанд. Яке аз муборизони роҳи озодӣ ва истиқлоли Афғонистон ва ҳамсафи наздики шоҳ Амонуллоҳ, Муҳаммад Валихони Дарвозӣ буд. Ӯ дар вазифаҳои вазири дифоъ, сафири сайёр ва вазири хориҷии Афғонистон кор карда, дар муаррифии истиқлоли Афғонистон дар сатҳи ҷаҳонӣ хидматҳои пурарзиш намудааст. Генерал Муҳаммад Валихони Дарвозӣ ду бор бо В.И.Ленин дар Кремл мулоқот намудааст ва аввалин шартномаи дӯстии Россияи Шӯравӣ бо Афғонистонро дар 28 феврали соли 1921 имзо намуда буд. Россия аввалин давлати хориҷӣ буд, ки истиқлолияти Афғонистонро ба расмият шинохт ва В.И.Ленин зимни мулоқот бо Муҳаммад Валихони Дарвозӣ дар бораи ӯ гуфта буд: «Афғонистон инчунин шахсиятҳои фаҳим ва кордон дорад, ки тавонистанд истиқлоли худро аз Британияи Кабир ҳосил намоянд» [5,с.17]. Афғонистон дар садаи XX ва XXI чеҳраҳои дигари мондагорро,

аз қабили бузургтарин шоири форсизабон устод Халилуллоҳи Халилӣ, шаҳидони роҳи озодӣ амир Ҳабибуллоҳи Калаконӣ, устод Бурҳонуддин Раббонӣ ва Аҳмадшоҳи Масъуд, маршал Муҳаммадқосими Фаҳим, генерал Довуд, меҳанпарасти донишманд Латифи Пидром, устодон Атомуҳаммади Нур, Юнуси Қонунӣ, бародарони қаҳрамони миллии Афғонистон Масъуди Кабир – Аҳмадвалии Масъуд ва Аҳмадзиёи Масъуд, муҷоҳидони қаҳрамон Исмоилхон ва устод Шодоб, вазири умури хориҷӣ Салоҳиддини Раббонӣ ва амсоли инҳоро ба майдон овард, ки аксаран тоҷик мебошанд.

Ҳарчанд дар қарни XIX мардумони Хуросону Мовароуннаҳрро дар натиҷаи «бозиҳои бузург» хосса байни абарқудратҳо Британияи Кабир ва Россияи подшоҳӣ аз ҳам тариқи дарёи Ому ҷудо намудаанд, вале асолати таърихии онҳоро шикаста натавонистанд. Бори дигар ҳамфарҳанг, ҳамтабор ва ҳамҷавор будани мардумони ҳарду соҳили Ому дар замони истиқлол ҳувайдо гардид. Дар ин бора М.Шукурзода дар асари худ чунин менигорад: «–Мо тоҷикони ду соҳили Омуро, ба фармудаи Лоиқ, ҳамҷавор гуфтан кам аст, мо ҳамтаборем, ҳамканорем, дар замин ҳамгавҳарем, дар осмон ҳамсайёраем!» [14,с.285].

Ҳамин тавр, саҳми Ҳақназар Назаров дар таҳқиқи мақоми тоҷикон дар ҳаёти сиёсӣ ва рушди фарҳанги Афғонистон бениҳоят бузург арзёбӣ карда шудааст. Устод бо аснод ва далелҳои муътамади илмӣ мақоми тоҷиконро дар ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангии Афғонистон дар китобу мақолаҳои гуногуни худ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Махусан дар шоҳасари нодири худ, «Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон», ки нисфи умри бобаракати худро дар таълифи он сарф намудааст, бо дидгоҳи нави таърихнигорӣ саҳми тоҷиконро дар ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангӣ бо як маҳорати баланд тасвир намудааст. Муҳаққиқони дигар низ баъди рӯйи чоп омадани ин асар дар заминаи он китобу мақолаҳои зиёде чоп намуданд. Аммо арзиши илмию амалии шоҳасари Ҳақназар Назаров дар ҳеҷ замоне коста нахоҳад гашт. Умуман, ба қавли Ҳақназар Назаров ва пайравони консепсияи илмии ӯ, бидуни тоҷикон, ҳеҷ ҳукумате дар Афғонистон пойдор намемонд. Тоҷикон дар тамоми таҳаввулоти ин сарзамин шарик мебошанд ва ояндаи ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангии Афғонистонро бидуни тоҷикон наметавон тасаввур кард. Ин андешаи Ҳақназар Назаровро шогирдони ӯ ва дигар муҳаққиқони беғарази афғонистоншинос низ ҷонибдорӣ намудаанд.

### АДАБИЁТ


1. Бобохонов М. Таърихи тоҷикони ҷаҳон /М. Бобохонов.–Душанбе: Ирфон, 2002.–368 с.
2. Зикриёев Ф. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон (тақриз ба китоби Ҳ.Назаров «Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон») /Ф.Зикриёев // Анис. -1999.-№2. –С.85-87.
3. Искандаров Қ. Муҳаққиқе дар таърихи Хуросон /Қ.Искандаров. –Душанбе: Амри илм, 2001. –118 с.
4. Искандаров Қ. Назаров Ҳақназар – классики шохаи осиёимиёнагии афғонистоншиносии ҷаҳон /Қ.Искандаров //Шарқшиносии тоҷик (1958-2008) /таҳти назари К. Олимов. –Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2009. –С.85-97.
5. Искандаров Қ. Тоҷикони Афғонистон дар раванди рақобатҳои қавмию сиёсии кишвар /Қ.Искандаров //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.–2017. –№3/6. –С.12–20.
6. Искандаров Қ. Афғонистони имрӯз: омилҳои дохилӣ ва хориҷии ҷангу сулх/Қ.Искандаров, Р.Давлатов, Р.Абдуллоев.–Душанбе:Дониш,2018.–219 с.
7. Искандаров Қ. Таҳқиқоти пурарзише дар тоҷикшиносӣ. (Тақриз оид ба китоби Ҳ. Назаров «Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон», Душанбе, 1998 /Қ.Искандаров, Ҳ. Нуриддинов.//Шоҳроҳи Ваҳдат.-1999.-№6.-С.54-63.
8. Лутфуллоев М. Таърихи холисонаи соҳибватанон /М.Лутфуллоев //Ҷумҳурият. - 1999.17 март. -№22 (20.092).
9. Лутфуллоев М. Таърихи холисонаи соҳибватанон /М.Лутфуллоев //Ҷумҳурият.–1999.–24 март.–№24 (20.094).
10. Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон /Ҳ.Назаров.–Душанбе: Дониш,1998.-656 с.


## САҲМИ ҲАҚНАЗАР НАЗАРОВ ДАР ТАҲҚИҚИ МАҚОМИ ТОҶИКОН ДАР ҲАЁТИ СИЁСӢ ВА РУШДИ ФАРҲАНГИ АФҒОНИСТОН


Дар мақолаи мазкур муаллифон саҳми профессор Ҳақназар Назаровро дар таҳқиқи мақоми тоҷикон дар ҳаёти сиёсӣ ва рушди фарҳанги Афғонистон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додаанд. Ба ақидаи муаллифони мақола, Ҳақназар Назаров бо аснод ва далелҳои муътамади илмӣ мақоми тоҷиконро дар ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангии Афғонистон дар китобу мақолаҳои гуногуни худ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Махусан дар шоҳасари нодири худ, «Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон», ки нисфи умри бобаракати худро дар таълифи он сарф намудааст, бо дидгоҳи нави таърихнигорӣ саҳми тоҷиконро дар ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангӣ бо як маҳорати баланд тасвир намудааст. Муҳаққиқони дигар низ баъди рӯйи чоп омадани асари шодравон Ҳақназар Назаров дар заминаи он китобу мақолаҳои зиёде чоп намуданд. Дар ин замина муаллифони мақола иброз медоранд, ки арзиши илмию амалии шоҳасари Ҳақназар Назаров дар ҳеҷ замоне коста нахоҳад гашт ва дар заминаи ин асар вақти он расидааст, ки мактаби тоҷикшиносии Ҳақназар Назаров дар Тоҷикистон ифтитоҳ ёбад. Умуман, ба қавли Ҳақназар Назаров ва пайравони консепсияи илмии ӯ, бидуни тоҷикон, ҳеҷ ҳукумате дар Афғонистон пойдор намемонд. Тоҷикон дар тамоми таҳаввулоти ин сарзамин шарик мебошанд ва ояндаи ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангии Афғонистонро бидуни

точикон наметавон тасаввур кард. Ин андешаи Ҳақназар Назаровро шогирдони ӯ ва дигар муҳаққиқони беғарази афғонистоншиносӣ низ ҷонибдорӣ намудаанд.

**Калидвожаҳо:** Хуросон, Дуррониён, амирони афғон, Иттиҳоди Шӯравӣ, точикон, минтақа, Бурҳонуддин Раббонӣ, Аҳмадшоҳи Масъуд, маршал Муҳаммадқосими Фаҳим, ҳукумат, мустақилият, мубориза, миллат.

## ВКЛАД ХАКНАЗАРА НАЗАРОВА В ИССЛЕДОВАНИИ МЕСТА ТАДЖИКОВ В ПОЛИТИЧЕСКОЙ ЖИЗНИ И РАЗВИТИИ КУЛЬТУРЫ АФГАНИСТАНА

В статье рассматривается вклад известного афганиста, профессора Хакназара Назарова в исследование места таджиков в политической и культурной жизни Афганистана. Профессор Назаров в течение долгого времени на основании многочисленных источников исследовал место и роль таджиков в политической жизни современного Афганистана. Этой проблеме, т.е. изучению этногенеза таджиков Афганистана и их роли в истории этой страны были посвящены многие научные статьи и книги автора. Особое внимание в статье отводится фундаментальному труду Х.Назарова "Место таджиков в истории Афганистана", которому он посвятил многие годы своей научно-творческой деятельности. В этом фундаментальном труде профессор Назаров Х. на основе новых сведений анализирует место и роль таджиков в становлении и развитии афганской государственности. Профессор Назаров Х. справедливо отмечает, что без участия представителей таджикского населения страны невозможны политическая стабильность и трансфармация социально-экономической жизни Афганистана на современном этапе.

**Ключевые слова:** Хорасан, Дурраниды, афганские эмиры, таджики, страна, нация, независимость, Бурханидин Рабани, Ахмадшах Масуд, маршал Мухамадкасим Фахим, борьба, правительство, суверенитет.

## KHAKNAZAR NAZAROVA CONTRIBUTION TO THE STUDY THE PLACE OF TAJIKS IN POLITICAL LIFE AND THE DEVELOPMENT OF CULTURE IN AFGHANISTAN

The article discusses the contribution of the famous Afghanist, Professor Khaknazar Nazarov in the study of the place of Tajiks in the political and cultural life of Afghanistan. Professor Nazarov for a long time on the basis of numerous sources investigated the place and role of Tajiks in the political life of modern Afghanistan. Many scientific articles and books of the author have been devoted to this problem, i.e. to the study of the ethnogenesis of the Tajiks of Afghanistan and their role in the history of This country. Special attention in the article is paid to the fundamental work of H. Nazarov "the place of Tajiks in the history of Afghanistan" to which he devoted many years of his scientific and creative activity. In this fundamental work, Professor Nazarov H. on the basis of new information analyzes the place and role of Tajiks in the formation and development of Afghan statehood. Professor Nazarov H. rightly notes that, without the participation of representatives of the Tajik population of the country is impossible political stability and transfarmation of socio-economic life of Afghanistan at the present stage.

**Key words:** Khorasan, Durranids, Afghan emirs, Tajiks, country, nation, independence, Burhanidin Rabani, Ahmadshah Masood, Muhamadkasim Marshal Fahim, struggle, government, sovereignty.

**Сведения об авторах:** ***Искандаров К.*** – и.о. главного учёного секретаря АН РТ, доктор исторических наук. Телефон: (**+992) 904-47-89-89.** E-mail: **ikas_53@inbox.ru**
***Кодиров Довар Саидаллоевич*** – Институт государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, соискатель кафедры социально-гуманитарных наук. Телефон: **(+992) 987-10-36-25.** E-mail: **dovar.qodirov.88@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Iskandarov K.*** **-** acting Chief Scientific Secretary of the Academy of Sciences of the Republic of Tatarstan, Doctor of Historical Sciences. Phone: **(+992) 904-47-89-89.** E-mail: **ikas_53@inbox.ru**
***Kodirov Dovar Saidalloyevich*** **-** Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, applicant for the Department of Social Sciences and Humanities. Phone: **(+992) 987-10-36-25.** E-mail: **dovar.qodirov.88@mail.ru**

**УДК:93+327(575.3)**

# РАВОБИТИ ТОҶИКИСТОНУ ЧИН ДАР ДОИРАИ СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ШАНХАЙ

***Мирзоев Н.М., Сангинов Д.Н.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ба даст овардани истиқлолият муҳимтарин ва волотарин воқеаи даврони навини таърихи тоҷикон ба ҳисоб меравад. Ҳамон тавре ки дар банди 15-уми Эъломияи истиқлолият омадааст: «Ҷумҳурии Тоҷикистон субъекти мустақили ҳуқуқи байналхалқӣ буда, бо кишварҳои хориҷ робитаҳои дипломатӣ, консулӣ, иқтисодӣ ва ғайра барқарор менамояд, бо онҳо намояндагони мухтор табодул менамояд ва созишномаҳои байналхалқӣ имзо менамояд» [1,с.6]. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ин ба баъд ҳамчун субъекти комилҳуқуқи байналхалқӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ пайваста, ширкати хешро дар ин созмонҳо ба хотири эҷоди шароити мусоид баҳри рушду таҳкими минбаъдаи истиқлолият, ҳифзи тамомияти арзӣ, тақвияти иқтисодӣ ва сиёсии кишвар ва иштирок дар равандҳои умумиҷаҳонӣ ба роҳ андохт. Дар даврони истиқлолият Тоҷикистон ба чандин ниҳодҳо ва

созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ шомил гардида, дар онҳо фаъолияти пурсамари судмандро ба роҳ андохтааст, ки яке аз онҳо Созмони Ҳамкории Шанхай мебошад.

Созмони Ҳамкории Шанхай бонуфузтарин ниҳоди байналмилалии минтақавӣ аст, ки Тоҷикистон дар қатори Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Қазоқистон, Қирғизистон кишвари муассиси он буда, дар фаъолияти ин созмон нақши муассир дорад.

«Ҳадаф аз таъсиси Созмони Ҳамкории Шанхай, пеш аз ҳама, таҳкими робитаҳои дӯстона ва анъанаҳои неки ҳамсоягиву эътимоди кишварҳои аъзо, тавсеаи ҳамкории сиёсӣ, иқтисодию тиҷоратӣ, илмию техникӣ ва фарҳангӣ, ҳамчунин такон бахшидани робитаҳо дар соҳаҳои энергетикиву нақлиёт, маорифу муҳити зист ва дигар бахшҳои афзалиятноки ҳаёти ҷомеа буда, саъю талоши муштарак дар роҳи таҳкими амният ва сулҳу субот дар минтақаву ҷаҳон, мусоидат ба ташаккул ва бунёди низоми нави байналмилалии демократӣ ва аз чиҳати сиёсию иқтисодӣ адолатнок аз мақсадҳои асосию стратегии он ба шумор меравад» [1,с.41]. Шумули Тоҷикистон ба чунин як созмони муътабар ва ба раванди ташаккули он саҳмгузор будани кишвари мо собитгари сиёсати дурусту оқилона ва стратегии роҳбарияти давлату ҳукумат, махсусан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буда, яке аз омилҳои асосии таҳкиму тақвияти эътибори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мебошад. Дар муносибати байни давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай ҳамкории сиёсӣ, тиҷоратӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, илмӣ-техникӣ, маориф, энергетика, нақлиёт, қарз ва молиявӣ самтҳои асосӣ ба ҳисоб меравад.

Яке аз самтҳои муҳимми ҳамкориҳо дар доираи Созмони Ҳамкории Шанхай ҳамкориҳои иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, аз соли 2001 инҷониб барномаи рушди дарозмуддати ҳамкории бисёрҷонибаи тиҷоративу иқтисодии кишварҳои аъзои СҲШ оғоз ёфта, то соли 2005 заминаи шартномавӣ ва ҳуқуқии татбиқи он омода карда шуд. Механизми татбиқи нақшаи чорабиниҳо барои татбиқи Барномаи мазкур аз ҷониби Шӯрои сарони давлатҳои аъзои СҲШ 6 октябри соли 2005 тасдиқ карда шуд, 15 сентябри соли 2006 дар Душанбе Шӯрои кории Созмони Ҳамкории Шанхай ва Иттиҳоди байнибонкии СҲШ таъсис ёфт [7,с.179].

Бояд қайд кард, ки 11 октябри соли 2005 дар шаҳри Душанбе дар ҷаласаи давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай лоиҳаи «Механизми татбиқи Нақшаи чорабиниҳо баҳри иҷрои барномаи бисёрҷонибаи тиҷоратию иқтисодӣ» ва пешниҳоди ҳуҷҷат барои тасдиқ ба Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай маъқул дониста шуд. Ин барнома, ки аз ҷониби сарони давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай дар соли 2003 то соли 2020 қабул гардид, баҳри фароҳам овардани шароити мусоид барои тиҷорати мутақобила ва сармоягузорӣ, истифодаи самараноки захираҳои минтақавӣ ва давра ба давра гузаштан ба интиқоли озоди мол, сармоя, хизматрасонӣ ва технологияҳо тарҳрезӣ гардидааст [3,с.113].

Бояд зикр намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тамоми аъзоёни Созмони Ҳамкории Шанхай равобити густурдаро ба роҳ мондааст. Яке аз шарикони муҳимми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони Ҳамкории Шанхай Ҷумҳурии Мардумии Чин ба ҳисоб меравад. Ин кишварҳоро риштаи мустаҳками дӯстӣ ва ҳамсоягӣ, ки сарчашмаашро ҳанӯз аз давраи пайдоиши Шоҳроҳи бузурги Абрешим гирифтааст, ба ҳам мепайвандад. Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин ба таъмини амнияти дуҷониба, эҳтиром, баробарӣ ва боварӣ, манфиати тарафайн, муқобилият ба хатарҳои глобалӣ, ба мустаҳкамкунии устувории минтақа ва фарохшавии ҳамкориҳо дар соҳаи иқтисодӣ ва ғ. равона гардидааст.Бо ташкилёбиии Созмони Ҳамкории Шанхай дар таърихи муносибатҳои Тоҷикистону Чин саҳифаи нав кушода шуда, барои ташаккули заминаи ҳуқуқии танзими муносибатҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ, соҳаҳои маориф ва фарҳанг, илмӣ-техникӣ ва дигар соҳаҳои ҳамкорӣ мусоидат намуд.

Ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин ҳам дар формати дуҷониба ва ҳам дар чаҳорчӯбаи Созмони Ҳамкории Шанхай ба давлати ҷавони Тоҷикистон имконият дод, ки аз соли 2006 инҷониб қарзҳои имтиёзнокро дар доираи Созмони Ҳамкории Шанхай қабул кунад ва ба татбиқи лоиҳаҳои асосии инфрасохтор оғоз намояд [3,с.113].

Ҳамкориҳои ду кишвар дар доираи Созмони Ҳамкории Шанхай сол то сол ривоҷу равнақ меёбанд. Моҳи июни соли 2006 дар ҷаласаи сарони давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай Ҷумҳурии Мардумии Чин ба кишварҳои Осиёи Марказӣ дар доираи созмон қарзи имтиёзнок дар ҳаҷми 900 млн. доллар пешниҳод намуд, ки аз ин миқдор 640 млн доллар ба Тоҷикистон ҷудо карда шуд[6,с.58]. Соли 2008 бо мақсади маблағгузорӣ ба лоиҳаҳои инвестсионии кишвар Эксимбонки Ҷумҳурии Мардумии Чин қарзи имтиёзнок дар ҳаҷми 100 млн доллари ИМА ҷудо намуд [2,с.15]. Айни ҳол байни Тоҷикистон ва Чин

зиёда аз 200 ҳуҷҷат дар соҳаҳои иқтисодиёт, тиҷорат, техника, сармоягузорӣ, энергетика, саноат, тандурустӣ, фарҳанг, маориф, илм, хоҷагии қишлоқ, алоқа ва ғ. имзо шудаанд.

Чин ба қатори он кишварҳое дохил мешавад, ки Тоҷикистон бо онҳо ҳамкории наздики тиҷоратӣ дорад. Гардиши мол байни ду давлат қариб 2 млрд. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Миёни Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин Комиссияи байниҳукуматии тоҷикию чинӣ доир ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ амал мекунад. Чин бузургтарин сармоягузор ба иқтисодиёти Тоҷикистон маҳсуб меёбад, танҳо дар соли 2015 сармояи бевоситаи Чин 238 млн долл. ИМА-ро ташкил дод, ки 81,2% ҳиссаи умумии сармояи хориҷии ҷалбшударо ташкил медиҳад[8]. Аз моҳи январ то моҳи октябри соли 2016 ҳаҷми тиҷорат ба 760 млн долл. ИМА расид, ки дар муқоиса бо соли 2015 24,5% зиёд гардид [9]. Бо маблағгузории Чин дар ҷумҳурӣ дар ин муддат бузургтарин иншоотҳо сохта шудаанд, ба мисли сохтмони шоҳроҳи автомобилгарди Душанбе – Чанок, нақбҳои Шаҳристон, Шар-Шар, Чормағзак, хатти интиқоли барқии 500 кв «Лолазор – Хатлон», хатти интиқоли барқи 220 кв «Ҷануб – Шимол». Ғайр аз ин Ҷумҳурии Мардумии Чин ба иқтисодиёти Тоҷикистон имрӯз дар ҳаҷми 1,5 млрд доллари ИМА маблағгузорӣ менамояд, ки барои сохтмони иншоотҳои муҳимми стратегӣ – неругоҳи обии барқӣ, корхонаҳои истеҳсоли семент, истихроҷи канданиҳои фоиданок, азнавсозиву тармиму таҷдиди роҳи автомобилгарди Душанбе – Кулма истифода хоҳад гардид [1,с.147].

Айни ҳол ҳарду ҷониб масъалаи таҷдиди шоҳроҳ ва бунёди роҳи оҳан, ки Чин ва Тоҷикистонро ба ҳам мепайвандад, баррасӣ карда истодаанд. Бо ин роҳ 70% маҳсулот интиқол дода мешавад. Робитаҳои иқтисодии Тоҷикистон бо Чин чунин соҳаҳо, чун инфрасохтор, энергетика, хоҷагии қишлоқ, коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, саноати кӯҳӣ ва ғ. ташкил медиҳад. Аз Ҷумҳурии Мардумии Чин ба Тоҷикистон асосан маводи электро-техникӣ, масолеҳи мошинӣ, маҳсулоти бофандагӣ, мебел, маводи маишӣ ва ғайра содир мегардад. Аз Тоҷикистон ба Чин алюминий ва маҳсулоти он, пахта, пӯст, абрешим ва ғайра содир мегардад [2,с.15]. Сатҳи манфиати дуҷонибаи тиҷоратӣ миёни Тоҷикистону Чин рӯз аз рӯз афзуда истодааст. Дар тайи солҳои охир ҳаҷми сармоягузории Чин ба иқтисодиёти Тоҷикистон хеле афзудааст.

Муносибатҳои кунунии дуҷониба дар таърих давраи беҳтарини рушдро аз сар мегузаронанд, натиҷаҳои самарабахши ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ маълуманд. Тибқи иттилои Вазорати тиҷорати Чин, дар соли 2018 гардиши савдои Чину Тоҷикистон 1,51 миллиард доллари амрикоиро ташкил додааст. Ҷумҳурии Мардумии Чин савумин шарики тиҷоратии Тоҷикистон шуд. Тоҷикистон ба Чин меваҳо чун гелос, зардолуи хушк, бодом ва чормағз содир мекунад. То охири моҳи апрели соли равон, сармоягузории Чин ба Тоҷикистон аз 2,03 миллиард доллари ИМА зиёдтар шуд ва Чин бузургтарин манбаи сармоягузорӣ барои Тоҷикистон гардид [5].

Дар Тоҷикистон беш аз 70 муассисаи чинӣ дар соҳаи таҷдиду сохтмони роҳҳо, нақбҳо, пулҳо, маркази барқу гармидиҳӣ, корхонаи истеҳсоли семент ва дигар маводи сохтмонӣ амал мекунанд [1,с.105]. Дар соли 2016 як қатор лоиҳаҳои муштарак чун «МБГ Душанбе-2», «Фабрикаи ресмонресии Чунтай», «Заводи сементи Хуаксин Ғаюр-Суғд Семент», «Нақби роҳи оҳани Ваҳдат-Ёвон», «Модерникунонии заводи алюминийи Тоҷикистон» амалӣ шуданд. Ин лоиҳаҳо Тоҷикистонро барои аз кишвари аграрӣ ба саноатию аграрӣ табдил додан аҳаммияти вижаеро доро мебошад.

Дарояндаи наздик бо бунёди роҳҳо пулҳо, нақбҳо ва эҷоди воситаҳои инфрасохтори замонавӣ Тоҷикистон пуле мегардад байни Шарқу Ғарб ва истифодаи оқилонаи он ба хазинаи мамлакат фоидаи калон меорад. Ҳамчунин, дар ҳудуди ҷумҳурии мо сохтмони лӯлаи газгузар дар назар аст, ки тавассути он гази Туркманистон ба кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ ва Чин интиқол дода мешавад. Дар солҳои наздик дар ин минтақа сохтмони роҳи оҳан низ дар назар аст, ки Чинро бо Осиёи Марказӣ мепайвандад. Барои сохтмони қисмати тоҷикистонӣ Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 300 млн долл. ворид намуданд ва ширкати муштараке «Trans-Tajik Gas Pipeline Company Ltd» ташкил намудаанд [8]. Даромади Тоҷикистон дар муддати як сол 100 млн доллари ИМА-ро ташкил хоҳад дод. Ҳамаи ин иншоот барои Тоҷикистон «равзанаеро ба Шарқ» боз намуданд ва бо таъсиси бунгоҳи «Кулма - Қаросу» дар марзи Тоҷикистону Чин вазъи иҷтимоӣ - иқтисодии аҳолии наздисарҳадӣ хеле беҳтар гардид. Тоҷикистон ҳамчун шарики стратегии Чин ба бунёди якҷояи «Меҳвари иқтисодии Шоҳроҳи Абрешим» иқдом намудааст. Ташаббуси «Як меҳвар ва як роҳ» бо стратегияи рушди миллӣ мувофиқ буда, ҷиҳати бароmадан аз бунбасти коммуникатсионӣ мусоидат хоҳад кард.

Дар баробари ҳамкориҳои гуногунҷанбаи иқтисодӣ ҷумҳурии мо бо Ҷумҳурии Мардумии Чин дар соҳаи фарҳанг, илму маориф робитаҳои густурдаро ба роҳ мондааст.

Роҳбарони Тоҷикистону Чин нисбати ҳамкории ду кишвар дар соҳаи маориф аҳаммияти бештар медиҳанд. Соли 2006 рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Мардумии Чин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. 28 декабри соли 2006 дар китобхонаи миллии ба номи Абулқосим Фирдавсӣ гӯшаи «Фарҳанги Ҷумҳурии Мардумии Чин» ташкил шуд, ки бинандагон бо мароқи зиёд аз он дидан мекарданд [2,с.43].

Ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар соҳаи маориф хеле назаррас аст. Дар Тоҷикистон таваҷҷуҳ ба илм ва фарҳанги Чин хеле зиёд аст. Аз ин рӯ сафи омӯзандагони забони чинӣ сол то сол меафзояд. Дар донишгоҳҳои олии ҷумҳурӣ гурӯҳҳои забони чинӣ амал мекунанд. Дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Маркази Конфутсий фаъолият менамояд, ки дар он донишҷӯёни тоҷик забон, фарҳанг, расму ойин ва анъанаҳои халқи чинро меомӯзанд. Дар донишгоҳҳои Ҷумҳурии Мардумии Чин низ сафи донишҷӯёни тоҷик сол то сол меафзояд. Имрӯз дар 112 макотиби олии Чин беш аз 2 ҳазор донишҷӯёни тоҷик таҳсил мекунанд [6,с.60].

Рӯйдоди муҳимми илмӣ ва фарҳангии солҳои охир нашри китоби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Тоҷикон дар оинаи таърих» ба ҳисоб меравад, ки соли 2010 дар Чин аз чоп баромад. Китоби мазкур хонандаи хитоиро бо таърих ва фарҳанги ғании халқи тоҷик ошно сохта, решаҳои амиқи таърихии равобити фарҳангии ғании халқҳои тоҷику чинро бозтоб намуд.

Нашри асари адибони тоҷик дар Чин ва адибони чинӣ дар Тоҷикистон ба ҳукми анъана даромадааст. Аз ҷумла, дар Чин асари бадеиву таърихии адибони тоҷик Ато Ҳамдам ва Леонид Чигрин «Зиндагонии Чжан Сзян ё Роҳи бузурги абрешим» ба забони чинӣ тарҷума ва нашр гардид. Дар Тоҷикистон бошад, китоби ашъори собиқ вазири корҳои хориҷии Чин Ли Чжаосин бо номи «Чорсаду шаш барг» дар тарҷумаи шоирони тоҷик Гулназар Келдӣ, Саидалӣ Маъмур ва Низом Қосим ба табъ расид. Дар донишгоҳҳои Чин низ таваҷҷуҳ ба осори адабӣ ва фарҳангии тоҷикон зиёд аст. Соли 2011 дар Донишгоҳи омӯзгории Синчани Ҷумҳурии Халқии Чин маркази омӯзиши мероси адабии Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ таъсис дода шуд [2,с.44].

Дар даҳсолаи охир дар доираи СҲШ бо ҳамкории Ҷумҳурии Мардумии Чин дар Тоҷикистон бузургтарин иншооти иқтисодӣ, муассисаҳои илмиву фарҳангӣ бунёд карда шудаанд, ки барои ҳалли масъалаҳои стратегии ҷумҳурӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ҳалли масоили истиқлолияти энергетикӣ саҳми арзанда мегузоранд. То ба имрӯз байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин анқариб 200 аҳднома ва созишномаҳо ба имзо расидаанд, ки соҳаҳои иқтисод, тиҷорат, техника, сармоягузорӣ, энергетика, саноат, тандурустӣ, фарҳанг, маориф ва илм, кишоварзӣ, алоқаро дар бар мегиранд.

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки сатҳи муосири муносибатҳои Тоҷикистону Чин бо мавҷуд набудани мухолифат оид ба масъалаҳои дарбаргирандаи тарафайн фарқ мекунад. Мавҷуд будани заминаи ҳуқуқии танзими муносибатҳо имконият медиҳад, ки равобити ду кишвар бо баҳрагирӣ аз зарфиятҳои истифоданашуда ба сатҳи хеле болотар бароварда шавад.

Чин роҳи рушди интихобнамудаи Тоҷикистон ва эҳтимоми онро ҷиҳати ҳифзи истиқлолияти давлатӣ, амният ва субот ҷонибдорӣ мекунад. Чин мекӯшад ҳамкорӣ бо Тоҷикистонро дар соҳаҳои энергетика, нақлиёт ва хоҷагии қишлоқ густариш диҳад ва ҳамчунин якҷоя бо ҷониби шарикони тоҷикистонӣ боварии сиёсӣ ва ҳамкории мутақобилан судмандро миёни ду кишвар ба сатҳу сифати нав бароварад. Тоҷикистон бошад, дар навбати худ, ҷонибдори ширкатҳои чиниест, ки сармояҳои калонро ба иқтисодиёти кишвар ворид мекунанд ва ҳамчунин барои густариши ҳамкориҳои стратегӣ бо Чин манфиатдоранд. Чин аз бузургтарин ҳамсояи Тоҷикистон ба ҳисоб меравад ва дар ин минтақа ва дар дунё нуфузи муассире дорад. Нуфузи он марҳила ба марҳила бо болоравии иқтисодияш ва иқтидори низомияш афзоиш меёбад. Бинобар ин, бо Чин доштани муносибати дипломатии устувор, ҳамкориҳои густурдаи тиҷоратӣ, иқтисодӣ, низомӣ ва фарҳангӣ ба манфиати Тоҷикистон буда, пеши роҳи ҳама хавфу хатари эҳтимолиро хоҳад гирифт.

Барои Тоҷикистон Чин ҳамчун иттифоқчии боэътимод, шарики иқтисодӣ, дӯст ва ҳамсояи нек боқӣ мемонад. Мо бо Чин дар таҳким ва густариши ҳамкорӣ дар тамоми соҳаҳо, чи дар чаҳорчӯбаи ҳамкориҳои дуҷониба ва чи дар чаҳорчӯбаи созмонҳои дигари бонуфузи байналхалқӣ мавқеи наздик дорем. Метавон гуфт, ки муносибатҳои муосири Чин ва Тоҷикистон дар чаҳорчӯбаи Созмони Ҳамкории Шанхай бо тақвияти мунтазами боварии сиёсӣ, таҳкими доимии дастгирии ҳамаҷониба ва тақвияти ҳамкориҳо дар тамоми соҳаҳо рушд меёбанд. Фаъолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СҲШ ва равобити густурдаи

ҶТ бо аъзоёни он, алалхусус бо Чин, дар амалисозии нақшаҳои кишвар баҳри таҳкими суботу амният ва рушди иқтисодии ҷумҳурӣ нақши муассир мебозад.

## АДАБИЁТ


1. Мирзоев Н.М. Тоҷикистон – Созмони Ҳамкории Шанхай: шоҳроҳи ҳамкориҳо. Монография /Н.М.Мирзоев. - Душанбе, 2014.-192с.
2. Мирзоев Н.М. Робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии халқии Чин дар даврони истиқлолият /Н.М.Мирзоев // Тоҷикистон – Чин: уфуқҳои ҳамкорӣ. - Душанбе, 2015. - С. 4-27.
3. Назаров Т.Н. Дипломатияи муосир. Монография/ Т.Н Назаров, А. Сатторзода. - Душанбе: Ирфон, 2006. -224 с.
4. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар масири истиқлолият/ Зери назари Ҳамрохон Зарифӣ //Силсила: Сиёсати хориҷии Тоҷикистон. -Душанбе: Ирфон, 2011. -340 с.
5. Торгово-экономические достижения ШОС привлекают внимание мира [Электронный ресурс]. URL:http://russian.people.com.cn/n3/2019/0617/c31518-9588613.html
6. Холикназаров Х. Республика Таджикистан и Китайская Народная Республика – сотрудничество во имя развития. Сб.статей 2009-2012 гг./ Х.Холикназаров. –Душанбе, 2012. -С. 21-29.
7. Шарифї С. Таджикская дипломатия периода независимости. Монография. -Душанбе: Ирфон, 2011. -276 с.
8. Экономический диалог «Китай – Центральная Азия»: проблемы и возможные перспективы» //Китай в мировой и региональной политике. Выпуск XI. М.:ИДВ РАН,2006. -С.179-211.
9. Юе Бин: Китай ведет бескорыстную политику [Электронный ресурс]. URL: http://avesta.tj/2016/12/20/60000/
10. Эмомалӣ Раҳмон – бунёнгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон /Зери назари Ҳамрохон Зарифӣ. – Душанбе: Ирфон, 2012. -272 с.
11. 25 қадам дар паҳнои олам / Зери назари Сироҷидин Аслов. -Душанбе: Ирфон, 2016. – 220 с.


## РАВОБИТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН ДАР ДОИРАИ СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ШАНХАЙ


Дар мақола муносибатҳои Тоҷикистону Чин дар доираи Созмони Ҳамкории Шанхай таҳқиқ шудаанд. Таваҷҷуҳи хос ба таҳаввулоти рушди муносибатҳои сиёсӣ ва иқтисодии Тоҷикистону Чин дода шудааст. Дар мақола қайд гардидааст, ки муносибатҳои кунунии Тоҷикистону Чин дар таърих давраи беҳтарини рушдро аз сар мегузаронанд. Натиҷаҳои самарабахши ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ маълуманд. Дар соли 2018 гардиши савдо миёни Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ҷумҳурии Тоҷикистон 1,51 миллиард доллари амрикоиро ташкил додааст. Ҷумҳурии Мардумии Чин савумин шарики тиҷоратии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. То охири моҳи апрели соли 2019, сармоягузории Чин ба Тоҷикистон аз 2,03 миллиард доллари ИМА зиёдтар шуд ва Чин бузургтарин манбаи сармоягузорӣ барои Тоҷикистон гардид. Ҳамчунин, дар мақола тамоюли асосӣ ва дурнамои рушди ҳамкориҳои дуҷониба дар тӯли 18 соли охир дар самти татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаи энергетика, нақлиёт ва коммуникатсия ва рушди соҳаи кишоварзӣ баррасӣ шудаанд. Муаллифон фаъолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар СҲШ ва равобити густурдаи ҶТ-ро бо аъзоёни он, алалхусус бо Чин, дар амалисозии нақшаҳои кишвар баҳри таҳкими суботу амният ва рушди иқтисодии ҷумҳурӣ муассир арзёби мекунанд.



**Калидвожаҳо:** Созмони Ҳамкории Шанхай, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Тоҷикистон, сиёсати хориҷӣ, муносибат, ҳамкорӣ, ҳамкориҳои иқтисодӣ, инфрасохтор, сармоя, тиҷорат.


## ВЗАИМООТНОШЕНИЯ МЕЖДУ РЕСПУБЛИКОЙ ТАДЖИКИСТАН И КИТАЙСКОЙ НАРОДНОЙ РЕСПУБЛИКОЙ В РАМКАХ ШАНХАЙСКОЙ ОРГАНИЗАЦИИ СОТРУДНИЧЕСТВА


В статье рассматриваются взаимоотношения Таджикистана и Китая в рамках Шанхайской Организации Сотрудничества. Особое внимание уделено эволюции развития таджикско-китайских политических и экономических отношений. В статье отмечается, что нынешние двусторонние отношения переживают лучший период развития. Эффективные результаты межгосударственного торгово-экономического взаимодействия очевидны. В 2018 году объем китайско-таджикистанского товарооборота составил 1,51 млрд. американских долларов, КНР стала третьим крупнейшим торговым партнером Таджикистана. Вплоть до конца апреля 2019 года, объем инвестиций КНР в Таджикистан превысил 2,03 млрд. американских долларов, Китай стал крупнейшим источником инвестиций для Таджикистана. Также в статье расмотрены основные тенденции и перспективные направления двустороннего сотрудничества за последние 18 лет в сфере реализации энергетических, транспортно-коммуникационных проектов и развития сельского хозяйства. Авторы анализируют деятельность Республики Таджикистан в ШОС и тесное сотрудничество с их членами особенно с Китаем в реализации планов страны по укреплению стабильности, безопасности и экономического развития страны .



**Ключевые слова:** Шанхайская Организация Сотрудничества, Китайская Народная Республика, Республика Таджикистан, внешняя политика, взаимоотношения, сотрудничество, экономическое сотрудничество, инфраструктура, инвестиция, торговля.


## RELATIONS BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE CHINA PEOPLE'S REPUBLIC WITHIN THE FRAMEWORK OF THE SHANGHAI COOPERATION ORGANIZATION


The article discusses the relationship between Tajikistan and China in the framework of the Shanghai Cooperation Organization. Particular attention is paid to the evolution of the development of Tajik-Chinese political and economic relations. The article notes that the current bilateral relations are experiencing a better period of development. The effective results of interstate trade and economic cooperation are obvious. In 2018, the volume of Sino-Tajik trade amounted to 1.51 billion US dollars, China became the third largest trading partner of Tajikistan. Until the end of April 2019, China's investment in Tajikistan exceeded 2.03 billion US dollars, and China became the largest source of investment for Tajikistan. The article also discusses the main trends and promising areas of bilateral cooperation over the past 18 years in the implementation of energy, transport and communication projects and agricultural development. The authors evaluate the

activities of the Republic of Tajikistan in the SCO and closer cooperation with their members, especially with China, in the implementation of the country's plans to strengthen the country's stability, security and economic development.

**Key words:** Shanghai Cooperation Organization, People's Republic of China, Republic of Tajikistan, foreign policy, relations, cooperation, economic cooperation, infrastructure, investment, trade.cooperation, economic cooperation, infrastructure, investment, trade.

**Сведения об авторах:** ***Мирзоев Н.М.*** **–** Научно-исследовательский институт Таджикского национального университета, доктор исторических наук профессор отдела социально-гуманитарных и экономических наук. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 919-16-00-26**
***Сангинов Далер*** - Научно-исследовательский институт Таджикского национального университета, научный сотрудник отдела социально-гуманитарных и экономических наук. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **saden_tj@mail.ru**. Телефон: **(+992) 918-70-04-92**

**Information about the authors:** ***Mirzoev N.M.*** **-** Research Institute of the Tajik National University, Doctor of Historical Sciences, Professor of the Department of Social and Humanitarian and Economic Sciences. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 919-16-00-26**
***Sanginov Daler*** **-** Research Institute of the Tajik National University, Researcher at the Department of Social and Humanitarian and Economic Sciences. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **saden_tj@mail.ru.** Phone: **(+992) 918-70-04-92**

**УДК:327 (5)**

# ОСИЁИ ҶАНУБУ ШАРҚӢ – МИНТАҚАИ РУШДЁБАНДА

***Пайвандов Х.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар муддати 500 сол Ғарб маркази қудратҳо ва иқтисодиёти ҷаҳон ба шумор мерафт. Дар ин муддат марказ аз баҳри Миёназамин ба Аврупои Шимолӣ ҷойгузин гашт. Яъне, асри XX асри уқёнуси Атлантика буд, аммо асри XXI асри уқёнуси Ором мегардад. Меҳвари олам аз Ғарб ба Шарқ интиқол меёбад. Дар ин радиф, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ яке аз минтақаи мубрам ва рушдёбандаи минтақаи Осиё–ҳавзаи уқёнуси Ором (АТР) ба шумор меравад. Аҳаммияти геополитикии Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, пеш аз ҳама, ба танга ё гулӯгоҳи Малакка вобаста аст. Ин танга кӯтоҳтарин роҳ барои интиқоли нафту дигар маҳсулот миёни Шарқ ва Ғарб буда, тавассути он 30% нафти ҷаҳонӣ интиқол мешавад. Аз ин сабаб давлатҳои абарқудрати ҷаҳон ҳамеша ба Осиёи Ҷанубу Шарқӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, кӯшиши таҳти назорат доштани онро менамоянд.

ОҶШ минтақаи ба таври динамикӣ рушдёбандаи олам буда, дар он амсилаи нави тақсимоти меҳнат бомуваффақият миёни кишварҳои саноатии рушдёбанда ва мутараққӣ ҷараён дорад. Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (ОҶШ) ҳамчун макроминтақа фарогири ҳудудҳои қитъавӣ ва ҷазиравии байни Чин, Ҳиндустон ва Австралия, нимҷазираи Ҳиндухитой, галаҷазираи Малай ва қисмати осиёии уқёнуси Ором мебошад. ОҶШ аз ду қисмат – қитъавӣ ва ҷазиравӣ таркиб ёфтааст. Дар қисмати қитъавӣ: Ветнам, Камбоҷа, Лаос, Мянма (Бирма), Таиланд, Малайзия ва дар қисмати ҷазиравӣ бошад, Бруней, Тимори Шарқӣ, Индонезия, Филиппин ва Сингапур ҷойгиранд [2,с.120]. Аз нуқтаи назари географӣ ба минтақаи ОҶШ ҳамчунин Бангладеши Шарқӣ ва минтақаҳои шарқии Ҳиндустон, яъне қисмати шарқии дарёи Брахмапутра тааллуқ дорад.

Қисмати ҷанубии нимҷазираи Малакка ва шимоли ҷазираи Борнеоро Малайзия ишғол намудааст. Ветнам, Камбоҷа ва Лаос кишварҳои ҳиндухитой ном дошта, кишварҳои ҷазиравӣ бо номи Нусантара машҳуранд. Минтақа аз шимол ба ҷануб 32 ҳаз.км ва аз ғарб ба шарқ 5,6 ҳаз.км тӯл кашидааст. Маҷмӯи ягонаи хоҷагидорӣ ва фарҳангӣ-ғоявии минтақа бо умумияти «кун-лун» ифода меёбад [11,с.78]. Кишварҳои минтақа равобити минтақавиро тавассути Ассотсиатсияи кшварҳои ОҶШ (АСЕАН), ба истиснои Тимори Шарқӣ ба роҳ мондаанд. Дар қаламрави минтақа 599 млн нафар аҳолӣ ё 8 %-и сокинони сайёра зиндагӣ менамоянд. Қисмати сераҳолитарини минтақа ва ҷаҳон ҷазираи Ява мебошад [17,с.78].

Худи истилоҳи “Осиёи Ҷанубу Шарқӣ” аввалин маротиба соли 1839 аз ҷониби роҳиби амрикоӣ Говард Малколм дар китобаш «Сайёҳат ба Осиёи Ҷанубу Шарқӣ» (Travels in South-Eastern Asia) [4,с.36] истифода гардидааст. Говард Малколм танҳо қисмати қитъавӣ ва баҳрии минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқиро дар истилоҳи худ дохил намудааст. Он ҳам бошад, аз лиҳози ҷуғрофӣ, табиӣ, фарҳангӣ-анъанавӣ ва дигар паҳлуҳо тавсиф шудааст. Аммо расман истилоҳи мазкур ҳангоми Ҷанги II Ҷаҳон аз тарафи эътилофҳо тавассути ташкили дастаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (South East Asia Command (SEAC) дар соли 1943

истифода гардидааст. Ин нуқта дар китоби Парк К., Сеунг Ву бо номи «Конструксияи таърихии Осиёи Ҷанубу Шарқӣ: Корея ва атрофи он» дарҷ гардидааст [5, с.35].

Дар охирҳои солҳои 1970 истифодаи маъмулии Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва ҳудудҳое, ки ба он шомил мегардад, пайдо гашт. Минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ бо як қисми Осиёи Ҷанубӣ то асри XX барои аврупоиён ҳамчун Шарқи Ҳиндустон машҳур буд. Сарчашмаҳои чинӣ бошад, ин минтақаро Нанианг (Nanyang) меномад, ки асосан маънои Укёнуси Ҷанубиро ифода менамояд. Ҷуғрофиёшиносони аврупоӣ бо сабаби дар миёни Чин ва Ҳиндустон ҷойгир шудани қисмати қитъавии минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва таъсири мутақобилаи фарҳангии ду минтақаи ҳамсоя онро Ҳиндухитой ном мебурданд. Гарчанде ки дар асри XX ин истилоҳ ба ҳудудҳои собиқ Ҳиндухитойи Фаронса (Камбоҷа, Лаос ва Ветнам) маҳдуд гашта буд. Ҳамчунин, қисмати баҳрии минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ҳамчун Галаҷазираи Малай машҳур мебошад, ки бо масоҳати 2 млн км$^2$ калонтарин галаҷазира дар ҷаҳон ба шумор меравад [10,с.3].

Минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ҳамчун “макроминтақа” аз ҳисоби дар укёнуси Ҳинду Ором ҷойгир буданаш, мавқеи ҷолиби геополитикиро касб намудааст. Аз тарафи дигар, минтақа дар сероҳаи стратегии кишварҳои бонуфузи ҷаҳон ҷойгир мебошад. Дар алоқамандӣ ба ин омил, кишварҳои абарқудрат борҳо, чи бо роҳи сулҳ ва чи ба воситаи ҳарбӣ, кӯшиши паҳн кардани таъсири худро дар кишварҳои ОҶШ намуданд. Авҷи фаъолнокии сиёсии Осиёи Ҷанубу Шарқӣ солҳои 1950-1980-ро дар бар мегирад, ки маҳз дар ин марҳила ҷанги хунин, қабули қарорҳои демократӣ, мубориза баҳри истиқлолият алайҳи кишварҳои муассири абарқудрат ба назар расидааст. Давлатҳои ин минтақа дар тобеияти империяҳои мухталифи мустамликадор воқеъ буданд (ба ғайр аз Таиланд, ки мустақилияти худро ҳифз кард). Ветнам, Лаос ва Камбоҷа дар ҳайати Ҳиндухитойи Фаронса, Малайзия, Сингапур, Мянма ва Бруней тобеи Британия, Индонезия таҳти ҳукумати Ҳолланд, Филиппин сараввал дар ихтиёри Испания ва пас аз он дар тобеияти ИМА қарор доштанд [3,с.280]. Ҳувияти миллии аксари давлатҳои зерминтақа то ҳол дар ҳоли шаклгирӣ қарор дорад. Ташкили давлатҳои нав низ дар ин ҷо идома дорад (Тимори Шарқӣ пас аз моҷарои мусаллаҳони соли 2000 аз ҳайати Индонезия ҷудо шуд).

Мавқеи ҷуғрофии Осиёи Ҷанубу Шарқӣ байни обҳои укёнуси Ором ва Ҳинд воқеъ буда, дар он таъсири тамаддунҳои бузурги ҷаҳонии Ҳиндустон ва Чин ба назар мерасид, ки ин омил нақши муҳимро иҷро мекард ва нақши калидӣ дошт. Маҳз тавассути минтақаи мазкур якчанд мавҷи сокиншавии одамон аз Авруосиё ба Австралия анҷом ёфтааст. Дар даҳсолаи аввали соҳибистиқлолӣ нақши иқтисодиёти давлатҳои бузург дар ин кишварҳо муҳим буда, дар соҳаҳои калидӣ бахшҳои давлатӣ (энергетика, канданиҳои фоиданок, нақлиёт) ба назар мерасид. Солҳои охир дар тамоми давлатҳои минтақаи ОҶШ либерализатсияи бахшҳои хусусӣ, сармоягузории хориҷӣ пурзурнамоии методҳои молиявию бозоргонии идоранамоии иқтисодиёт риоя мегардад. Ин омили асосии пешрафти иқтисодии кишварҳои минтақа маҳсуб меёбад. Давлатҳои минтақа нақши фаъолро дар коркарди сиёсати иқтисодӣ ва таҳияи сармоягузории мавзун иҷро намуда, ба қонунгузориҳои андозбандӣ, амалигардии лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва пешбурди сиёсати минтақавӣ аҳаммияти ҷиддӣ медиҳанд.

Кишварҳои ОҶШ дар фарқ аз дигар кишварҳои ҷаҳони сеюм дар амалӣ намудани усули содиротмеҳварии рушд ба пешрафтҳои муҳим ноил гардиданд. Муовизаи воридотӣ, таҳлили афзалиятҳои нисбии кишварҳои худ, барномаҳои дастгирии содирот, сохтани муҳити мусоиди сармоягузорӣ, омода намудани кадрҳои соҳибихтисос ва ғайра аз ҷумлаи авомиле буданд, ки дар заминаи онҳо пешрафтҳои назаррас сурат гирифтаанд. Танҳо иқтисодиёти Гонконг ва Сингапур - ду кишваре, ки анклав мебошанд, махсус бо усули содиротмеҳварӣ рушд намудааст. Набудани захираҳои табиӣ онҳоро водор намуд, ки бо истифода аз қувваи кории арзон ва сармояи хориҷӣ маблағҳоро ба содироти маҳсулоти тайёр равона кунанд. Тибқи пешгӯиҳо, то соли 2020 ба минтақаи ОҶШ 50% маҷмӯи маҳсулоти дохилии ҷаҳонӣ рост хоҳад омад [18,с.79].

Механизми амалӣ намудани стратегияи содиротмеҳварӣ дар истифодаи комили афзалиятҳои нисбӣ ифода меёфт. Дар марҳилаи аввал ин шумораи зиёди захираҳои меҳнатӣ ва қувваи кории арзон буд, ки боиси рушди истеҳсолоти меҳнатталаб гардид. Бо рушди истеҳсолот ва гарон шудани қувваи корӣ истеҳсолоти меҳнатталаби кишварҳои гурӯҳи аввал ба соҳаҳои энергияталаб «гузаштанд», ки дар он захираи қувваи арзони корӣ тамом нашудааст ва гурӯҳи аввал бошад, қувваи худро ба азхудкунии истеҳсолоти илмии ба содирот нигаронидашуда равон мекунад.

Ҷанбаи муҳим ва хусусияти хосси минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дар он ифода меёбад, ки дар нимаи дуюми асри XX тағйиротҳои куллӣ ва таҳаввулоти сохторию

ҳудудие, ки дар зери таъсири пешрафти илмию техникӣ дар ин минтақа ба вуқӯъ пайваст, Осиёи Ҷанубу Шарқиро ба яке аз марказҳои пешрафтаи ҷаҳон аз нигоҳи суръати баланди афзоиши макроиқтисодӣ мубаддал сохт. Ин кишварҳо тавонистанд дар баробари пешбурди иқтисодиёти худ ҳамчунин минтақаро ба унвони ифтихории агентиҳои сайёҳӣ ва индексҳои ҷаҳонӣ ё дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ муаррифӣ намоянд, то ки мардум инҷоро ба муддати тӯлонӣ ва ҳатто тамоми сол барои будубоши сайёҳӣ ихтиёр кунанд [1,с.23]. Эътибору нуфузи минтақаро то андозае дилписанд сохтаанд, ки ҳеҷ гуна мушкилоти вақту замон, дурии роҳ ва гаронии нарх садди роҳи омадани мусофирону сайёҳон шуда наметавонанд. Ин ҷо мувофиқ омадани ду унсур ба мушоҳида мерасад: агар, аз як ҷониб, Офаридгор ба минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ тамоми зебоиҳои заминии қобили тасаввур ва ғайри қобили тасаввурро арзонӣ дошта бошад, пас аз ҷониби дигар, «сиёсати оқилонаи давлатии кишварҳои минтақа низ барои устувор шудани ин имиҷи байналмилалӣ сахт созгор афтодааст» [6,с.95]. Мақсади мантиқӣ он аст, ки ин кишварҳо тамоми дастовардҳои иқтисодӣ, табиати фусункор ва фарҳанги қадимаашонро despite онҷунон барҷаста тақдими ҷаҳониён намудаанд, ки дигар онҳо аз он дил канда наметавонанд ва аз дидану шуниданаш сер намешаванд [1,с.23]. Ҳамзамон, сатҳи ҳамгироӣ дар минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ баландтарин буда, амсилаи рушди соири кишварҳои минтақа-тайландӣ, сингапурӣ, малайзиягӣ, индонезӣ ва ғайраҳо мавриди омӯзиши ҷаҳониён қарор дорад [18,с.4].

Як омиле, ки дар пешравиҳо ва шаклгирии минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ бениҳоят бузург аст, ин нақши пешвоён ва дуруст намудани нақши омили ислом мебошад. Дар раванди бозсозиҳои сиёсӣ ва иқтисодии кишварҳои мусулмонии Осиёи Ҷанубу Шарқӣ на танҳо таассуб, зиёдаравӣ ва терроризму даҳшатафканӣ ба назар намерасад, балки он восита ва омили рушди иқтисодиёт, маънавиёт ва устувории сиёсиву амниятӣ гаштааст.

Аз ин ҷиҳат, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ба қисмати муҳимми ҷаҳони имрӯза табдил ёфтааст. Дар ҳамаи 11 кишвари ин минтақа пайравони ислом кору фаъолият мекунанд. Дар Индонезия, Малайзия ва Бруней мусулмонон аксарияти аҳолиро ташкил медиҳанд, дар кишварҳои боқимонда бошад, онҳо ба гурӯҳи ақаллиятҳои динӣ дохил мешаванд. Аз ҳама зиёд пайравони ислом дар Индонезия сукунат доранд, ки «аз байни 250 миллион аҳолӣ 88,22%-ро ташкил медиҳанд. Дар Малайзия бошад, аз байни 29 млн аҳолӣ 60,36% мусулмон мебошанд. Теъдоди зиёди пайравони ислом дар Бруней сукунат доранд, ки ба 67,17% баробар мебошад. Ҳамчунин, дар ҳайати аҳолии Сингапур – 14,40%, Мянма – 10%, Филиппин – 5,06% ва Таиланд – 4,56%-ро мусулмонон ташкил медиҳанд» [7,с.44].

Падидаи омили исломӣ ва равандҳои модернизатсионӣ дар матни сиёсат, иқтисод ва фарҳанги кишварҳои мусулмонии Осиёи Ҷанубу Шарқӣ яке аз намунаҳои мавриди омӯзиш дар олами ислом қарор гирифтааст. Зеро ин кишварҳо тавонистанд неруи муттаҳидкунандаи идеологӣ ва ахлоқии ин дини ҷаҳониро ба манфиати таъмини рушди иқтисодӣ ва истиқрори сиёсӣ равона созанд. Аз ин рӯ, таҳлили вазъи динии давлатҳои муосири Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, таъсири ақидаҳои динӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ, низоми давлатдорӣ ва корбурди сиёсати хориҷӣ ва дохилӣ ҷанбаҳои омӯзанда дорад.

Масъалаи асосӣ ин аст, ки дар муқоиса бо кишварҳои аслан мусулмонӣ дар ин минтақа ислом ба дини сиёсатгаро мубаддал гардидааст. Сиёсатмадорон бовару эътиқоди динии мардумро барои расидан ба вазифаҳои баланд, ҳатто мансаби сарвари давлат истифода мебаранд ва мухолифини ҳукумат барои расидан ба ҳадафҳои худ таъсиргузории созмонҳои мусулмониро ба эътибор мегиранд. Ба таври умумӣ гуфтан мумкин аст, ки ҳарчанд ислом дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ хусусияти нарму муътадил дорад, вале айни замон, «ин ҷо низ унсурҳои тундгарое пайдо шудаанд, ки дар минтақаҳои дигари мусулмонӣ барои бунёди «давлати исломӣ» талош мекарданд» [11,с.37].

Роҳбарони кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ чунин мепиндоранд, ки дар ҳолати зуҳури экстремизм дар минтақаҳои алоҳида мо бояд, пеш аз ҳама, аз шароити зиндагии мардум огоҳии комил пайдо намоем. Масалан, роҳбарияти олии сиёсии давлатҳои Малайзия ва Индонезия дар бораи дин бисёр сухан намегӯянд. Ҳадди ақал дар конференсияҳои байналхалқӣ онҳо ҳамеша ба хусусияти дунявӣ доштани низомҳои ҳукмрон дар кишварҳои худ таъкид мекунанд ва ба ҷаҳониён ёдрас мекунанд, ки онҳо тамоми арзишҳои демократиро ба эътибор мегиранд, вале дар байни масъалаҳои динӣ ва принсипҳои сиёсати давлатӣ фарқ мегузоранд. Бо вуҷуди ин, воқеият онҳоро низ маҷбур мекунад, ки дар бораи масъалаҳои дин фикр кунанд ва проблемаҳои дар ин самт пайдо-шударо зуд ҳаллу фасл намоянд. «Вале муҳим он аст, ки на дар Малайзия ва на дар Индонезияву Филиппин ислом хусусиятҳои иртиҷоӣ ва харобкорӣ зоҳир накард» [17,с.98]. Баръакс, мусулмонони кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ нисбат ба пайравони динҳои

дигар рафтори таҳаммулпазирӣ ва ҳамзистии осоишта пеша мекунанд, то ки тавозуни мавҷуда нигоҳ дошта шавад. Вале бо боварӣ гуфта наметавонем, ки ақидаҳои экстремистӣ дар байни шаҳрвандони ин кишварҳо сироят накардааст. Дар ин масъала профессори ҷомеашинос аз Сингапур Фарид Алатас муҳокимаҳои ҷолиб дорад: «Мусулмонони Осиёи Ҷанубу Шарқӣ камтар ба экстремизм майл доранд, зеро онҳо дар риояи меъёрҳои муқаррарнамудаи ислом ба бидъат ва якравӣ роҳ намедиҳанд. Аз ҷониби дигар, ҳеҷ гоҳ ба сари мусулмони мухлис ва эътиқодманд фикри хушунату зӯроварӣ намеояд. Фарқияти байни мусулмонони Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, аз як тараф ва Ховари Миёна, аз тарафи дигар, ба шароитҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ бастагӣ дорад. Дар ҳар куҷое экстремизми динӣ (хоҳ дар байни мусулмонон ва хоҳ масеҳиён) ба мушоҳида расад, мо бояд, пеш аз ҳама, ба шароити зиндагии мардум таваҷҷуҳ зоҳир намоем. Камбизоатӣ заминаи устуворе барои рушди ифротгароии динӣ шуда метавонад» [8,с.88].

Дар бораи ба роҳ мондани сиёсати дурусти давлатӣ дар соҳаи дин Ли Куан Ю – сарвазири марҳум ва бунёдгузори «муъҷизаи иқтисодии» Сингапур дидгоҳи ҷолибе баён намуда буд: «Вақте ки Арабистони Саудӣ ба паҳн кардани ваҳҳобия шурӯъ кард, хушбахтона, мо ба онҳо ин имкониятро надодем, балки худамон ба сохтани масҷидҳо оғоз бахшидем. Мо на ба пули онҳо ва на ба мубаллиғонашон ниёз надорем». Ба ақидаи ин сиёсатмадор, «ин дахолат ба корҳои дохилии кишвари дигар бо баҳонаи паҳн кардани ислом аз тариқи истифодаи нефтедолларҳо аст» ва пазируфтани идеологияи «ваҳҳобия» маънои худро аз олами атроф берун андохтан ва ба асри VII бозгаштанро ифода мекунад» [8, с.89]. Ҳамин гуна муносибату рафтор буд, ки Сингапур дар як муддати кӯтоҳ бо такя ба маҳорату истеъдод ва меҳнатдӯстии шаҳрвандони худ ба як кишвари аз нигоҳи иқтисодӣ пешрафтаи ҷаҳон мубаддал гашт. Бояд гуфт, ки дар таҳия ва татбиқи сиёсати муътадили динӣ ду ходими барҷаста – президенти Индонезия Мегавати Сукарнопутри ва сарвазири Малайзия Маҳатхир Муҳаммад хидматҳои шоистаи таҳсин анҷом додаанд. Онҳо барои тамоми миллатҳои минтақа роҳи худвежаи рушди иқтисодӣ ва фарҳангиро пешниҳод намуданд, ки аз моделҳои мавҷуда тафовути куллӣ дошт. Ҳамин идеяи муттаҳидкунандаи миллиро на танҳо мусулмонон, балки пайравони динҳои дигар низ пайравӣ карданд. Майкл Лаффан дар ин бора чунин мегӯяд: «Сарфи назар аз он ки шиори миллии Индонезия «Ваҳдат дар гуногунрангӣ» дорои хусусиятҳои сирф миллӣ мебошад, вале дар айни замон он барои мусулмонони кишварҳои дигари минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва ҳатто мусулмонони саросари ҷаҳон намунаи пайравӣ шуда метавонад» [9,с.108].

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки омили исломӣ, албатта, ба раванди таҳаввулоти таърихӣ, шаклгирии фарҳанг ва ҳувияти миллӣ дар минтақа таъсиргузор будааст. Вале ҷанбаи омӯзанда дар ин ҷо ҳамон аст, ки ислом бо маҷмӯи эътиқодҳои маҳаллӣ ҳамчун «неруи нарм» таркиббандӣ шуд. Дар айни замон сохтори давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва робитаҳои байнимазҳабӣ, дар маҷмӯъ, ҷойгоҳи арзишҳои исломиро дуруст муайян карда тавонистанд. Ҳамаи ин унсурҳо дар якҷоягӣ минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқиро дар арсаи ҷаҳон машҳуру пешрафта гардонидааст. Яъне, дар ҷаҳони имрӯза минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқиро маркази иқтисодӣ, сиёсӣ, тиҷоратӣ, геополитикӣ, фарҳангӣ, динӣ, техникӣ-технологӣ, низоми бонкӣ, хизматрасонӣ, маркази тақсимоти байналхалқии меҳнат (ТБМ) ва ширкатҳои фаромиллӣ (ТНК) ва ғ. меноманд, ки пеш аз ҳама, аз суботу амният ва таҳаммулпазирии аҳолии минтақа вобастагӣ дорад. Ҳамин тавр, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ яке аз минтақаҳои рушдёбандаи ҷаҳон буда, ҷойгоҳ ва таъсири он тадриҷан рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Монанди Аврупо дар Осиё ҳам масъалаи тавсеаи созмонҳои минтақавӣ амсоли АСЕАН ва гузариши он ба сатҳи метаминтақавӣ ё фароминтақавӣ вуҷуд дорад. Дар ин доира, фаъолияти Ассотсиатсияи кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, ки 8-уми августи соли 1967 аз ҷониби вазирони корҳои хориҷии Малайзия, Сингапур, Индонезия ва Филиппин таъсис ёфтааст, ҳамчун механизми танзими фазои ҳамгироӣ ва суръат бахшидан ба пешрафти иқтисодӣ, афзоиши иҷтимоӣ ва рушди фарҳангӣ, мусоидат ба пойдории сулҳу субот дар минтақа хизмат мекунад. Аз ин рӯ, равандҳои ҳамгироии сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ асосан дар доираи он амалӣ мегарданд. Яъне, кишварҳои ОҶШ ҳамкориҳои минтақавии худро тавассути Ассотсиатсияи давлатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (АСЕАН) татбиқ месозанд, ки дар он ҳамаи кишварҳои минтақа ба ғайр аз Тимори Шарқӣ шомиланд [3,с.168]. Аз ин рӯ, АСЕАН фарогири тамоми кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ буда, дар пешрафти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва модернизатсионии кишварҳои минтақа нақши бузург дорад.

Бо вуҷуди ин, АСЕАН (Ассотсиатсияи давлатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ) расман дувумин созмони минтақавии муваффақ пас аз Иттиҳоди Аврупо дониста мешавад. Ин созмонро маҷозан «муъҷизаи ҷаҳони сеюм» ном мебаранд [10,с.185]. Маҳз яке аз омилҳои

пешрафти ҳамаҷонибаи кишварҳои минтақа фаъолияти пурсамари Ассотсиатсияи кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ арзёбӣ мегардад. Ин аст, ки маҳз кишварҳои пешрафтаи минтақа мисли Сингапур, Малайзия, Индонезия ва Тайланд мафҳум ва мазмуни "Шимоли сарватманд ва Ҷануби қашшоқ"-ро иваз намудааст. Кишварҳои ин минтақа дар се даҳсолаи охир ба ҷаҳиши бузурги иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ муяссар гаштанд. Пеш аз ҳама, ба ин омилҳои зерин мусоидат намуданд:

1. Кишварҳои ОҶШ истисноан дорои мавқеи муфиди географӣ мебошанд. Онҳо дар гузаргоҳи муҳимми роҳҳои баҳрӣ ва ҳавоӣ ҷойгиранд, ки аз уқёнуси Ором ба уқёнуси Ҳинд рафта мерасад. Яъне, ҳамаи ин кишварҳо дар чорроҳаи тиҷоратӣ-иқтисодии ҷаҳон қарор доранд (ИМА ва Ҷопон);
2. Кишварҳои ОҶШ дорои иқтидори бузурги ашёи хом ва захираҳои табиӣ мебошанд. Дар ин минтақа захираҳои аҳаммияти ҷаҳонидоштаи қалъагӣ, волфрам, хром, чӯбу тахта ва ғ. вуҷуд доранд. Ҳамзамон, дар минтақа конҳои бузурги нафт, газ, никел, маъдани мис, тилло, сангҳои қиматбаҳо, ангиштсанг, ҳамчунин захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ ва агроиқлимӣ мавҷуд мебошанд, ки барои ҳалли маҷмӯи масъалаҳои муҳимми пешрафти технологии давлат ин захираҳоро мобилизатсия кардаанд.
3. Кишварҳои ОҶШ дар замони муосир аз ҷиҳати афзоиши ҷалби сармоягузорӣ (39,5 млрд.долл.-ро ташкил медиҳад) дар ҷаҳон ҷойи якумро мегирад ишғол мекунад [20,с.1];
4. Захираҳои меҳнатии ин кишварҳо бузург буда, дорои суръати баланди такрористеҳсолӣ ва воридотивазнамоиву содиротмеҳвариро доро мебошанд.
5. Модели рушди кишварҳои ОҶШ-ро капитализми ҷопонӣ ва иқтисоди бозоргонии ғарбӣ бо афзоиши таваҷҷуҳ ба дастовардҳои охирини инқилоби илмӣ-техникӣ ба даст гирифта, амалан дар шароити ин давлатҳо татбиқ гаштааст. Махсусан ҷалб ва ворид кардани корхонаву дастгоҳҳои истеҳсолӣ-саноатиро зикр кардан бамаврид аст.
6. Рушди иқтисодиёт бо истеҳсолоти содиротмеҳварӣ ва талоши маблағгузории кишварҳои минтақа ба сармояи инсонӣ ва илми ватанӣ барои аз худ кардани тартиботи технологияи нав, ки боиси боло рафтани нақши онҳо дар иқтисодиёти ҷаҳон гашт.
7. Афзоиши хароҷот дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструктивӣ (НИОКР), ки 2-10%-и ММД-ро ташкил менамуд.
8. Муайянсозии фазои солим ва боварибахши сармоягузории хориҷӣ аз ҷониби сиёсати пешгирифтаи кишварҳои минтақа ва афзоиши таваҷҷуҳи кишварҳои сармоягузор ба иқтисодиёти онҳо.
9. Доштани сиёсати хосси давлатдорӣ ва идоранамоии он (сиёсати хосси иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, молиявӣ, тиҷоратӣ, хориҷӣ, идеологӣ, прагматикӣ, таҷрибавӣ, илмӣ-маорифӣ ва ғ.) дар раванди ҷаҳонишавӣ.
10. Истифодаи таҷриба ва махсусияти моделҳои рушди иқтисодии кишварҳои муваффақ (ИМА, Британияи Кабир, Олмон, Ҷопон, Чин, Кореяи Ҷанубӣ) дар татбиқи ҳадафҳои стратегӣ.
11. Нақши муайянро дар раванди модернизатсияи кишварҳои минтақа инчунин омилҳои меҳнатдӯстӣ, ҷидду ҷаҳд, интизомнокӣ ва сарфакорӣ бозиданд.
12. Амнияти сармоягузорони хориҷӣ дар кишварҳои ОҶШ дар сатҳи олӣ онҳо таъмин гашт [20,с.1].
13. Фаъолияти самаранок ва натиҷабахши Ассотсиатсияи кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, ҳамчун созмони рушдкунанда, ҳифзкунанда ва муттаҳидкунандаи кишварҳои минтақа.

Дар минтақаи мазкур 11 кишвари соҳибихтиёр ва 2 ҳудуди вобаста воқеъ буда, аз якдигар аз ҷиҳати ҳудуд, аҳолӣ ва модели рушди иқтисодию иҷтимоӣ тафовут доранд:

| № | Давлат | Масоҳат (км²) | Аҳолӣ (2016) | ММД-номиналӣ | Пойтахт |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Малайзия | 329,847 | 31,187,265 | 302,748,000,000 | Куала-Лумпур |
| 2 | Индонезия | 1,904,569 | 261,115,456 | 940,953,000,000 | Ҷакарта |
| 3 | Таиланд | 513,120 | 68,863,514 | 390,592,000,000 | Банкок |
| 4 | Сингапур | 724 | 5,622,455 | 296,642,000,000 | Сингапур |
| 5 | Бруней Доруссалом | 5,765 | 423,196 | 10,458,000,000 | Бандар-Сери Бегаван |
| 6 | Камбоҷа | 181,035 | 15,762,370 | 19,368,000,000 | Пномпен |
| 7 | Тимори Шарқӣ | 14,874 | 1,268,671 | 2,501,000,000 | Дили |
| 8 | Филиппин | 343,448 | 103,320,222 | 311,687,000,000 | Манила |
| 9 | Лаос | 236,800 | 6,758,353 | 13,761,000,000 | Вентян |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 10 | Мянма | 676,000 | 52,885,223 | 68,277,000,000 | Нейпидо |
| 11 | Ветнам | 331,210 | 94,569,072 | 200,493,000,000 | Ханой |

Ҳудудҳои вобастаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ:

| № | Давлат | Масоҳат (км²) | Аҳолӣ (2016) | Пойтахт |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҷазираи Крисмас | 135 | 1,402 | Флайинг-Фиш-Коув |
| 2 | Ҷазираҳои Кокос | 14 | 596 | Ҷазираи Ғарб (Pulau Panjang) |

Миёни кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ Малайзия, Индонезия, Таиланд ва Сингапур нақшу нуфузи хосса дошта, дар раванди сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, технологияҳои инноватсионӣ ва низому шакли давлатдорӣ ва пешрафт пешсафу муваффақ дониста мешаванд. Яке аз кишварҳои муваффақу пешрафта Малайзия мебошад, ки чи дар минтақа дар доираи АСЕАН ва чи дар ҷаҳон дар доираи созмонҳои байналхалқӣ, созмонҳои осиёӣ ва исломӣ нуфузу ҷойгоҳи хоссаро соҳиб мебошад. Моделу усули давлатдорӣ ва рушди иқтисодии ин давлат нисбат ба дигар давлатҳои минтақа мутафовит буда, умумияту зарфиятҳои хосро соҳиб мебошад. Бояд қайд намуд, ки сохтори низоми давлатдории Малайзия - монархияи федеративии интихобии конститутсионӣ буда, он аз 13 штат ва 3 округи федералӣ иборат мебошад. Пойтахташ шаҳри Куала Лумпур буда, подшоҳи он Муҳаммад V Фарис Питра дониста мешавад. Дар Малайзия сарвазир нақши калидӣ бозида, аз 10 майи соли 2018 Муҳатҳир Муҳаммад ҳамчун асосгузори муъҷизаи иқтисодии Малайзия ба шумор меравад, ки кишварро ба “бабри Осиё” табдил додааст [13,с.74]. Нишондодҳои иқтисодӣ: ММД(ном.)–372.628 млрд.долл.(2019), ки 7,1% афзоиш дорад. Иқтидори харидорӣ (ППС)–1,068 трл.долл.(2019). Ҳудуд:330,803 км². Аҳолӣ: 32 млн.н.(2017). Яке аз бузургтарин соҳаҳои иқтисодиёт ин соҳаи хизматрасонӣ мебошад, ки 43,6% ММД-ро дар бар мегирад. Ҷашни миллӣ- 31 август (1957). Шиор: «Иттиҳод қудрат аст».

Дар баробари Малайзия дар минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ Индонезия ҷойгоҳи хосса дошта, амсилаи махсуси рушди иқтисодии худро соҳиб мебошад. Сохтори низоми давлатдории Ҷумҳурии Индонезия унитарӣ ва президентӣ буда, пойтахташ шаҳри Ҷакарта мебошад. Президенти Индонезия – Ҷоко Видодо ва *сарвазир* –Муҳаммад Юсуф Калла (аз 20 октябри 2014) ба шумор меравад. Нишондодҳои иқтисодии ин кишвар ММД (ном.)– 1,075 трл. долл.(2018), ки 6% афзоиш дорад ва ММД (ППС)–3,492 трл.долл.(2018) арзёбӣ мегардад. Ҳудуд: 1,904,569 км² ва **аҳолӣ** 266 млн.н.(2018) мебошад. Яке аз бузургтарин соҳаҳои иқтисодиёт ин соҳаи хизматрасонӣ мебошад, ки 53,5% ММД-ро дар бар мегирад. Ҷашни миллӣ - 17 август (1945). Шиор: «Ягонагӣ дар гуногуншаклӣ».

Ҷумҳурии Индонезия дар минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ давлати пешрафтаву бузург ва серфарҳанг ба шумор меравад, ки дар равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ҳамгироии минтақа ҷойгоҳи лидериро соҳиб мебошад. 88%-и аҳолии онро пайравони ислом ташкил медиҳад. Индонезия 17 августи соли 1945 истиқлолият ба даст овардааст. Вобаста ба мавқеи геополитикии Индонезия ва таваҷҷуҳи Нидерландия, Ҷопон ва Британияи Кабир дар як вақт ҷиҳати ба даст овардани фазои геополитикии ин давлат, вазъи сиёсӣ ва геополитикии Индонезия хеле муташанниҷ гашта буд. Маҳз бо ташаббуси Сукарно Индонезия дар муқобили ҷопониҳо ва ҳоландиҳо истиқлолият ба даст овардааст ва он ҳамчун қаҳрамони миллӣ, аввалин президенти Индонезия (1945-1967) ва асосгузори миллатгароии индонезӣ муаррифӣ мегардад. Дуюмин президенти Индонезия Муҳаммад Сухарто (1968-1998) мебошад, ки бо консепсияи «Тартиботи нав» дар табдилдиҳии Индонезия ба кишвари нави саноатӣ саҳми бузург гузоштааст [14,с.38].

Ҳамзамон, Шоҳигарии Таиланд дар минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ яке аз кишвари афсонавӣ ва дорои таърих, фарҳанг, иқтисодиёт, кишоварзӣ, сайёҳӣ ва хизматрасонии пешфрата буда, дар арсаи ҷаҳон нуфузу мавқеи хоссаи худро пайдо намудааст. Ин аст, ки Таиланд муддати тӯлонист чун кишвари агросаноатӣ ё кишвари нави саноатӣ эътироф шуда, дар он саноати электронӣ, васли қисмҳои автомобил, ҷавоҳирот ва саноати нафту кимиё тараққӣ ёфтааст. Аз ҷумла соҳаи кишоварзӣ ва сайёҳӣ ин давлатро машҳуру пешрафта гардонидаанд, ки зиминаҳои таърихии худро дорост.

Сохтори низоми давлатдории Шоҳигарии Таиланд монархияи конститутсионӣ ва парламенти демократӣ буда, пойтахташ шаҳри Бангкок ба ҳисоб меравад. Шоҳи Таиланд – Маха Вачиралонгкорн ва *сарвазири он* Прают Чан-Оча (аз 24 августи с. 2014) ба шумор меравaнд. Нишондодҳои иқтисодӣ: ММД (ном.)– 490 млрд. долл.(2018) ва ММД (ППС)– 1,323 трл.долл.(2018) мебошад. Ҳудуди ин давлат 514 000 км² ва аҳолӣ 68,6 млн.н.(2018). Яке аз бузургтарин соҳаҳои иқтисодиёти ин давлат соҳаи хизматрасонӣ мебошад, ки 55,6%

ММД-ро дар бар мегирад (хоҷагии қишлоқ-8,2%, саноат-36,2%). Таиланд баъд аз Индонезия дар минтақа дуюмин давлати тараққиёфта маҳсуб меёбад [16,с.1].

Дар минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ Сингапур ҳамчун хурдтарин ва муҳимтарин шаҳр-давлат ва маркази иқтисодии ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Сохтори низоми давлатдории он ҷумҳурии парламентӣ буда, пойтахташ Сингапур мебошад. Президенти Сингапур хонум Ҳалима Яқуб, аввалин зан ва мусулмон дар таърихи Сингапур (аз 14-уми сентябри соли 2017) ба шумор меравад [17,с.1]. Нишондодҳои иқтисодӣ: ММД (ном.)– 349,6 млрд. долл.(2018), ки 3, 6% афзоиш дорад. ММД (ППС)–554,8 млрд.долл.(2018). Ҳудуд: 722,5 км$^2$ ва аҳолӣ бошад 5,8 млн.н.(2018) мебошад. Яке аз бузургтарин соҳаҳои иқтисодиёт ин соҳаи хизматрасонӣ мебошад, ки 73,4% ММД-ро дар бар мегирад (хоҷагии қишлоқ-0%, саноат-26,6%). Аз ин лиҳоз, онро «бабри осиёӣ» ё «пули миёни Шарқ ва Ғарб» унвон гузоштаанд [14,с.198]. Ҷашни миллӣ- 9 август (1965) ва шиори ин давлат «Ба пеш, Сингапур» мебошад. Дар маҷмӯъ, минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дар арсаи ҷаҳон бо муъҷизаи иқтисодӣ, пешрафти бемайлон, модернизатсия ва таҷрибаву ислоҳоти иқтисодии беназир ва устувориву таҳаммулпазирии худ машҳур мебошад. Дар миёни кишварҳои минтақа Малайзия, Индонезия, Таиланд ва Сингапур ҷойгоҳи хосса доранд. Зеро маҳз ҳамин кишварҳо дар ташаккулёбии минтақаи ОҶШ, АСЕАН ва равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ нақши калидӣ доранд. Ин кишварҳоро дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун кишварҳои муваффақ ва дорои таҷрибаи бойи модернизатсионӣ мешиносанд ва бо номҳои кишварҳои нави саноатӣ, бабрҳои Осиё, Швейтсарияи осиёӣ ва дигар унвонҳо номгузорӣ менамоянд. Бояд қайд намуд, ки кишварҳои минтақа синтези модели рушди иқтисодии кишварҳои Амрико, Аврупо ва Ҷопонро бо назардошти арзишҳои миллӣ ва манфиатҳои милли худ ба роҳ мондаанд. Дар маҷмӯъ, минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ҳавзаи муҳимми геополитикӣ, коммуникатсионӣ ва иқтисодӣ маҳсуб гашта, рақобат барои тавсеаи нуфуз дар минтақа миёни кишварҳои абарқудрат ҷараён дорад.

Ҳамин тариқ, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ яке аз минтақаҳои рушдёбандаи ҷаҳон буда, ҷойгоҳ ва таъсири он тадриҷан рӯ ба афзоиш дорад. Дар минтақа кишварҳо вобаста ба нуфуз, ҷойгоҳ, иқтидори иқтисодӣ, пешравӣ, сиёсатдорӣ, нақши минтақавӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1. Кишварҳои пешрафтаи нави саноатӣ ва калидӣ: Малайзия, Индонезия, Таиланд, Сингапур ва Филиппин.

2. Кишварҳои рӯ ба инкишоф: Бруней Доруссалом, Камбоҷа,Тимори Шарқӣ, Лаос, Мянма, Ветнам.

Аз ин рӯ, кишварҳои пешрафтаи минтақа, мисли Сингапур, Малайзия, Индонезия ва Тайланд мафҳум ва мазмуни "Шимоли пешрафта ва Ҷануби қафомонда"-ро тағйир додаанд. Ҳамзамон, кишварҳои ин минтақа дар се даҳсолаи охир ба ҷаҳиши бузурги иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ муйяссар гаштанд. Дар асоси маълумоти дар боло зикршуда ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Кишварҳои ОҶШ тавонистанд ба рушди баланди иқтисод ва саноат даст ёбанд ва бо ин восита сатҳи камбизоатиро коҳиш диҳанд.

2. Давлатҳои ОҶШ тавонистанд рушди нисбатан баробари ҳамаи соҳаҳоро таъмин кунанд ва тавозуни рушди иқтисодӣ ва иҷтимоиро нигоҳ доранд. Хусусияти асосии амсилаи рушди давлатҳои ОҶШ дар он аст, ки онҳо ба истеҳсолоти рақобатпазир ва молҳои содиротӣ диққати асосиро равона намуда, раванди амалигардонии онро аз ҳисоби тиҷорати хориҷӣ ва сармояи хориҷӣ таъмин карданд.

3. Пешгирӣ ва татбиқи сиёсати хориҷӣ ва дохилии кишварҳои ОҶШ махсусан дар самти ислоҳот, рушди иқтисодиёт ва модернизатсия боиси баланд гаштани ҷойгоҳи байналхалқии минтақа гаштааст.

4. Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ба маркази тиҷорати ҷаҳон, сармоягузории хориҷии ҷаҳон, бозори нави тиҷорат, маркази сармоя, низоми бонкдорӣ ва технологияи фановарии ҷаҳон табдил ёфтааст.

5. Кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дар натиҷаи дуруст ба роҳ мондани низоми сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ сатҳи баланди рушди иқтисодиро ба даст оварда, ба гурӯҳи кишварҳои «бабрҳои Осиё» ва «аждаҳори Осиё» тақсим мешаванд, ки маҳз Малайзияву Сингапур ва Таиланду Индонезия бештар дар назар дошта мешавад.

## АДАБИЁТ


1. Баротзода Ф. Омили исломӣ дар раванди бозсозиҳои сиёсӣ ва иқтисодии кишварҳои мусулмонии Осиёи Ҷанубу Шарқӣ //Ҳолат ва дурнамои ҳамкориҳои ҶТ бо кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ: марҳила, авлавият ва зарурати ҳамкориҳо"(маҷмӯаи мақолаҳои конфронси илмию назариявии ҷумҳуриявӣ аз 26 октябри соли 2017). -Д., 2018.–С.23.

2. Берзин Э. О. Юго-Восточная Азия в 13-16 вв./ Э. О. Берзин. - М., 1982.-С.120.
3. Васильев Л.Е. АСЕАН в начале XX1 века. Актуальные проблемы и перспективы / Л.Е. Васильев. –М., 2010.–168с.
4. Д. Дж. Е. Холла. История Юго-Восточной Азии. Лондон-1958 //Переводчики: Яков Свет, Р. Тузмухамедов, И. Ястребова. -С.280.
5. Howard Malcolm. Travels in South-Eastern Asia. Boston.,1839., page 36
6. Park King, Seung-Woo, Victor T., The Historical Construction of Southeast Asian Studies: Korea and Beyond. Singapore: Institute of Southeast Asian Studies, 2013. ISBN 9789814414586.
7. Комарова И. И. Мусульмане Юго-Восточной Азии / И. И. Комарова. -М.: Восточный свет, 2010, –95 с.
8. Кирей Н. Историческая и социально-образовательная мысль / Территориальное распространение ислама в Азии и Африке / Н.Кирей. -М., 2012.–С.44.
9. Кулматов К.Н. Региональные аспекты международных отношений / К.Н.Кулматов, А.В.Митрофанова. -М., 2010. - 158 с.
10. Ли Куан Ю. Сингапурская история. Из третьего мира в первый / Ли Куан Ю. - М., 2000. -С. 88.
11. Laffan M. Islam in Southeast Asia. Asia Society, 2010. -С.108.
12. Маҳмадов П. Хадамоти дипломатии кишварҳои хориҷӣ / П. Маҳмадов, А. Шарифов. – Душанбе: “Тайрон-2014”, 2018. –С.85.
13. Малайский архипелаг // Словарь современных географических названий / Рус. геогр. о-во. Моск. центр; Под общ. ред. акад. В. М. Котлякова. Институт географии РАН. -Екатеринбург: У-Фактория, 2006.
14. Орлов М. Исламский терроризм в глобальном мире: социально-философский анализ / М.Орлов.- С.: СГУ, 2007, Известия СГУ.–С.37.
15. Пайвандов Х.Б. Амсилаи рушди иқтисодии Малайзия ва истифодаи таҷрибаи он дар шароити Тоҷикистон., Маҷаллаи илмӣ / Х.Б.Пайвандов //Паёми ДМТ, бахши илмҳои гуманитарӣ. -2016. -№3/3(202). -С.74-78.
16. Пайвандов Х.Б. Амсилаи рушди иқтисодии Сингапур ва истифодаи таҷрибаи он дар шароити Тоҷикистон / Х.Б. Пайвандов // Паёми ДМТ, бахши илмҳои гуманитарӣ. -2016. -№3/3(202). -С.198-202.
17. Погадаев В.А. Культура Юго-Восточной Азии: активный обмен с внешним миром при сохранении традиционной цивилизационной общности". -в сб.: «Тихоокеанское обозрение 2006-2007». -М.: Ключ-С, 2007. - С. 106-120.
18. Прозоровский А.С. Политический лидер и модернизация на Востоке. Опыт Индонезии и Южной Кореи во второй поливине XX века / А.С. Прозоровский. - М., 2009. -С.38.
19. Родригес А.М. Новейшая история стран Азии и Африки XX века.,Часть 2 1945-2000 / А.М. Родригес. - М., 2014. -С.95.
20. Таиланд: Книга фактов ЦРУ.www.cia.gov [Электронный ресурс] URL:06.05.2018https://www.cia.gov/library/publications/ the-world-factbook/geos/th.html
21. Президентом Сингапура впервые стала женщина, [Электронный ресурс] URL:11.07.2018, https://tass.ru/mezhdunarodnaya-panorama/4557468.
22. Шпажников С. Религия стран Юго-Восточной Азии / С. Шпажников. -М., 1980. -С.98.
23. Шарифов А. Масоили мубрами Шарқӣ Муосир / А .Шарифов. –Душанбе, 2016. –С.78.
24. Характеристика Юго-Восточной Азии [Электронный ресурс] /https:// geographyofrussia.com/xarakteristika-yugo-vostochnoj-azii/

## ОСИЁИ ҶАНУБУ ШАРҚӢ – МИНТАҚАИ РУШДЁБАНДА

Асри XXI ҳамчун асри глобализатсия, регионализатсия, интегратсия, асри илму технология, асри иттилоот арзёбӣ гашта, дар он минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ҳамқадам мебошад, ки аз дигар минтақаҳои олам бо хусусиятҳои модернизатсионӣ, раванди хосси ҳамгироӣ, раванди созгори геополитикӣ, созишу ҳамкориҳои наздику самимӣ тафовут дорад. ОҶШ яке аз минтақаҳое мебошад, ки дар он таваҷҷуҳи кишварҳои абарқудрати ҷаҳонӣ ва равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва геополитикӣ мушоҳида мегарданд. Кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дар ибтидои ҳазораи сеюм чун гурӯҳи кишварҳои ба таври динамикӣ пешрафтаи дунё пазируфта шудаанд. Ин минтақа яке аз минтақаҳои пешрафта ва арзишманди асри XXI буда, ҳамчун маркази нави геополитикии ҷаҳон баромад менамояд. Ҳамчунин, дар фазои минтақа фаъолияти АСЕАН хеле барҷаста буда, дар худ як низоми зермуносибатҳои байналхалқиро ташкил намудааст. Дар мақола ҳамчунин, равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва геополитикии минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (ОҶШ) дар замони муосир дарҷ ёфта, тамоми равандҳо, тамоюлҳо, ҳамгироии кишварҳои минтақа, сиёсати хосси хориҷӣ ва дохилии кишварҳои минтақа ва ҷойгоҳсозии онҳо дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ инъикос ёфтааст. Аз тарафи дигар, модели рушди иқтисодиёти онҳо, дастовардҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, технологияи фановарӣ ва иҷтимоии онҳо ва созишу ҳамкориҳои наздики кишварҳои минтақа бо абарқудратҳои ҷаҳон омили пешрафт ва хусусиятҳои дигари Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дар асри XXI ба шумор меравад.

**Калидвожаҳо**: ОҶШ, ислоҳот, геополитикӣ, модернизатсия, истилоҳ, модел, дипломатияи иқтисодӣ, ҳамкорӣ, прагматикӣ, созишнома, сиёсати хориҷӣ, рушд, таҷриба, тамоюл, раванд, ҳамгироӣ, низоми давлатдорӣ, режим, ҳамгироӣ, созиш, таҳкимёбӣ.

## ЮГО-ВОСТОЧНАЯ АЗИЯ– РАЗВИВАЮЩИЙСЯ РЕГИОН

XXI век характеризуется как век глобализации, регионализации, век науки-технологий, а также век информации. Юго-Восточная Азия очень активно развивается в этом процессе и в этом столетии. Юго-Восточная Азия отличается от другого региона своим особым процессом модернизации, интеграционными и геополитическим и процессами, а также тесным сотрудничеством между странами региона. Юго-Восточная Азия является новым центром экономики и геополитики мира. Тем не менее, в сфере региона ACEAN играет решающую роль в регулировании экономики, политики и интеграционных процессов. В статье также описываются текущие политические, экономические и геополитические процессы в Юго-Восточной Азии в современном мире и

отражаются все процессы, тенденции, интеграция стран региона, их специфическая внешняя и внутренняя политика в системе международных отношений. С другой стороны, модель их экономического развития, экономических, политических, инновационных и социальных технологический достижение, а также тесное сотрудничество и сотрудничество стран региона с мировыми державами являются фактором прогресса и других характеристик Юго-Восточной Азии в XXI веке. В статье также описываются текущие политические, экономические и геополитические процессы Юго-Восточной Азии в современном мире и отражаются все процессы, тенденции, региональная интеграция стран, их специфическая внешняя и внутренняя политика в системе международных отношений. С другой стороны, модель их экономического развития, экономические, политические, инновационные, социально-технологические достижения являются факторами прогресса Юго-Восточной Азии в XXI веке.
**Ключевые слова**: ЮВА, реформа, геополитика, модернизация, термин, модель, экономическая дипломатия, сотрудничество, прагматика, внешняя политика, развитие, практика, тенденция, система, государство, интеграция, компромисс, режим, укрепление.

**SOUTHEAST ASIA – DEVELOPING REGION**

XXI century describes as a century of globalization, regionalization, century of science-tecknology and also century of information. Southeast Asia is very actively developing in this process and in this century. Southeast Asia is deferent from other region with its special process of modernization, integration process and geopolitical process and also closely cooperations between countries of region. Southeast Asia is a new centre of economy and geopolitics of the world. Nevertheless in sphere of region ACEAN plays crusial role in regulation of economy, policy and integration process. The article also describes the current political, economic and geopolitical processes of Southeast Asia in the modern world and reflects all the processes, trends, regional integration of the countries, their specific foreign and domestic policies in the system of international relations. On the other hand, the model of their economic development, economic, political, innovative and social technological achievements are factors of progress and other characteristics of Southeast Asia in the 21st century.
**Key words**: Southeast Asia, reform, geopolitics, modernization, term, model, economic diplomacy, cooperation, pragmatics, foreign policy, development, practice, tendency, state system, integration, compromise, regime, strengthening.

**Сведения об авторе:** ***Пайвандов Хайриддин*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры зарубежного регионоведения. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 985-56-25-30.** E-mail: **khayriddinjon@mail.ru**

**Intelligence about the author:** ***Payvandov Khayriddin*** **–** Tajik National University, graduate student of the department of foreign regional studies. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **985-56-25-30.** E-mail: **khayriddinjon@mail.ru**

**УДК: 32.001(575+575.3)**

# ФАЪОЛИЯТИ ҲАРАКАТҲОИ ИФРОТӢ ВА ТУНДГАРО ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Пирумшоев Ҳ., Фаридаи Назрулло,***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии хеш ҳанӯз соли 2017 қайд намуда буданд, ки: «дар гӯшаҳои гуногуни олам ноором иву низоъҳо идома ёфта, барои ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун айёми душвору пуртазод эътироф гардид. Дар ин давра зиёда аз сад давлати дунё мавриди ҳамлаҳои ғайриинсонии террористон, ифротгароён ва тундгароён қарор гирифтанд» [1]. Дар воқеъ, ин зуҳуроти номатлуб дар замони муосир хатари ҷиддие барои инсоният ба бор овардааст, ки аксарияти кишварҳои ҷаҳонро фаро гирифтааст. Ифротгароӣ ва терроризм ҳамчун зуҳуроти номатлуби ҷомеа таърихи хеле тӯлонӣ дорад ва олимону сиёсатмадорон вобаста ба он таҳлилҳои гуногуну ҷолиб доранд, ки дар маҷмӯъ ҳама онро маҳкум менамоянд.

Ифротгароӣ хосси он қувваҳои тундрав ва иртиҷоие мебошад, ки вазъи ҳаёти сиёсию ҷамъиятиро дар ҳар як кишвар ноором карда, барои ба даст овардани ҳадафҳои сиёсии худ раванди осоиштаи ташаккул ва инкишофи ниҳодҳои демократии кишварҳои соҳибистиқлолро халалдор сохта, онҳоро ба вартаи бӯҳронҳои гуногуни сиёсию иҷтимоӣ оварда мерасонад.

Тибқи иттилои Маркази омӯзишӣ масъалаҳои терроризм «Jane's Information Group», дар соли 2018 дар ҷаҳон 15,3 ҳазор амали террористӣ содир гардидааст. Дар соли 2017 бошад, ин нишондод ба 8 584 баробар буду миқдори аз ҳама ками амалҳои террористӣ дар соли 2012 ба қайд гирифта шудааст, ки ба 6771 баробар буд [2].

Президенти кишвар гаштаю баргашта таъкиду роҳнамои менамояд, ки ба воситаи зӯроварӣ, ҷанг ва фишороварӣ ягон масъала ҳалли худро ёфта наметавонад. Хусусан

ифротгароии динӣ ва бегонапарастию мазҳабгароӣ назар ба дигар омилҳо хавфу хатари зиёдеро ба бор меоранд. Агар мо ба таърихи кишварҳои Осиёи Марказӣ аз солҳои 1921 то охирҳои солҳои 1940-ум назар афканем, мебинем, ки босмачиҳо низ бадбахтии зиёде ба сари мардум оварданд. Оиди терроре, ки дар раванди тағйироти ҷомеа дар Осиёи Марказӣ босмачиҳо намудаанд, то ҳол дар таърихи навини ин кишварҳо таҳқиқоти ҷиддие гузаронида нашудааст. Хусусан, мардумони Туркманистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон то имрӯз баъзе саҳнаҳои ваҳшиёнаи террористиеро дар ёд доранд, ки мислашон дар дигар минтақаҳо ба қайд гирифта нашудааст.

Босмачиҳо худро пуштибони миллату сарзамин ҳисобида, дар навбати аввал, ба мардуми таҳҷоӣ зараву зиёни калон расониданд. Мо бояд донем, ки шеваи босмачигароӣ ин шеваи туркист, на амали тоҷикӣ. Ғоратгар дар кадом либосе, ки набошад, ғоратгар аст. Босмачӣ ҳам дар кадом либосе, ки набошад, босмачӣ аст, хоҳ миллаташ турк бошаду хоҳ тоҷику, хоҳ ӯзбеку туркману қирғиз. Масалан, барои куштор ва террорҳое, ки Иброҳимбек, Фузайл Махсум, Анварпошшо ва дигар ғоратгарони мардумозор дар кишвари мо анҷом додаанд, онҳоро на танҳо босмачӣ, балки ҷинояткори сиёсӣ шуморидан равост. Яъне, ин саҳифаи махуфи террор намудани мардум бояд мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шавад, то ин ки чеҳраи манфури онҳо ошкор карда шавад.

Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ болоравии андешаҳои динӣ оғоз гардида, тадриҷан ба сиёсишавӣ ва таъсис ёфтани бархе аз ҳаракатҳо, ҳизбҳо ва гурӯҳҳои тундгарои динӣ, ба монанди “Ихвон-ул-муслимин”, “Ҷамоати Ансоруллоҳ”, “Ҳизби Таҳрир”, “Салафия”, ки ҳар кадоми онҳо нақшаҳо ва ғаразҳои барои арзишҳои миллию давлатӣ ва минтақавии кишварҳои Осиёи Марказӣ комилан бегона ва мухолифро дунболагирӣ мекарданд, сабабгор шуданд [3]. Зери таъсири сиёсати “бозсозӣ” ва демократикунонӣ дар ҷомеа бозандешии арзишҳои миллӣ ва эътиқодӣ дар байни пайравони ҳамаи динҳои амалкунандаи ҷумҳуриҳои шӯравии собиқ ривоҷи бесобиқа пайдо кард. Дар натиҷа, ин зуҳурот боиси терроризм ва ифротгароии динӣ дар байни пайравони дину мазҳабҳои гуногун гардида, дар айни замон барои ҳар як кишвари миллӣ дар роҳи таҳкими истиқлолияти давлатӣ аз тариқи ташаккули худшиносии миллӣ мушкилот эҷод менамояд.

Аз оғози ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо мушкилоти ҷиддиву тақдирсоз-таъмини амнияти минтақавӣ ва миллӣ мувоҷеҳ гардид. Намунаи олии хатари терроризм ва экстремизм сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвари мо дар солҳои 1992–1997 мебошад. Маҳз фитнаҳои ташкилоти экстремистиву террористии Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон ва фирефта шудани ҷавонон ба иғвоҳои онҳо боис гардид, ки ба ҳисоби расмӣ 160 000 сокини кишвар ҳалок шуда, ҳазорҳо нафар кӯдакон ятим гаштанд, ҳазорҳо нафари дигар аз гуруснагӣ ва истеъмоли ҳар гуна донагиву гиёҳҳо ба ҳалокат расиданд. Миллионҳо нафар сокини осоишта гуреза шуда, қисме дар Афғонистон ба доми гурӯҳҳои ифротӣ афтода, нобуд гардиданд. Иқтисодиёти кишвар ба сифр баробар шуд, умеди ҷомеа азояндаи босаодату дурахшон канда шуда, халқ сарсону саргардон ва гуреза гашт, одамкушӣ ба мисли куштани чорво ба як амали маъмулӣ табдил ёфт [4].

Бо вуҷуди ҳамин гуна таҷрибаҳои талхи ҳаётӣ, ҳанӯз ҳам ҳастанд бадхоҳони миллат, ки дини мардумро бар зидди мардум истифода бурдан мехоҳанд ва тавре тарғиб мекунанд, ки бо суиистифода аз дин мардумро зидди давлату зидди ҳамдигар шӯронанд. Аллакай сокинон раванди ҳодисаву воқеаҳо ва ҳамзамон тағйиротҳоро дар сиёсати ҷаҳонӣ бо чашми сар дида истодаанд. Агар солҳои 1943-1988 дар кишвари мо ҳамагӣ 17 масҷид амал мекард, ҳоло дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон 27 масҷиди марказӣ, 325 масҷиди ҷомеъ, 3 ҳазору 334 масҷидҳои панҷвақта мавҷуд аст. Ба ҳисоби миёна ба 2 ҳазор нафар аҳолӣ 1 масҷид рост меояд. То соли 1990 мусулмонони Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ танҳо дар мадрасаи Мири араби Бухоро ва Донишкадаи олии исломии Тошканд имкони таҳсилоти динӣ гирифтан доштанд. Соли 1990 дар ин ду муассисаи таълимии динӣ аз ҷумҳурии мо ҳамагӣ 27 нафар донишомӯз таҳсил мекард. Ҳиссаи (квотаи) мусалмонони ҷумҳурии мо дар ин муассисаҳои таълимии динӣ хеле ночиз буд ва аз ин рӯ, то замони истиқлол дар байни мусалмонони кишвар шумораи уламои хатмкарда (дипломдор) ангуштшумор буданд [5].

Солҳои баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ байни солҳои 1995-1997 барои кишварҳои Осиёи Марказӣ хеле замони пуризтироб буд. Махсусан, барои Тоҷикистони азизи мо аз ҳама зиёдтар чунин таҳдидҳо ба миён омада буданд. Танҳо дар соли 1996 мухолифони ҳукумати конститутсионӣ 19 амали террористӣ гузарониданд, ки дар он 16 нафар ҳалок ва 28 нафар маъюб гардида буд. Террористони ифротгаро табибони шинохта,

шахсиятҳои бузурги кишвар Ю. Исҳоқӣ, М. Ғуломов ва якчанд бузургони дигар, ба мисли профессор М. Назаршоев ва академик М.С.Осимиро ба қатл расониданд. Мақсади онҳо сиёҳ кардани Ҳукумату давлати тозабунёд ва ба ин васила ноором сохтани ҷомеа буд.

Соли 1995 дастаи террористии Ризвон Содиров, зиёда аз 300 нафар террорист дошт. Баъдан бародарони Ризвон дар деҳаи Қаълаи Нави н. Файзобод як гурӯҳи 50–60-нафараи ҷинояткор ташкил намуда, мардумро қатлу ғорат мекарданд. Онҳо 4 феврали соли 1997 корвони автомашинаҳои СММ дошта, хориҷиёнро гаравгон гирифтанд. Ҳамин тавр, онҳо то соли 1998 даҳҳо амалҳои террористӣ содир намуданд ва оқибат соли 1998 ин гурӯҳи террористӣ безарар гардонида шуд.

Дигар амали террористии ҷинояткорони кӯрдил 30 апрели соли 1997 дар ш. Хуҷанд ба муқобили Президенти кишвар анҷом дода шуд, ки онҳо дар назди театри ба номи К. Хуҷандӣ бо сардории ҷинояткор Х.Абдушукуров (бо лақаби Тайсон), Ф. Дӯстбоев ва дигар аъзоёни ин дастаи террористӣ ба тарафи Ҷаноби Олӣ норинҷаки Б-1 партофта, террор намуданд. Дар натиҷа Президенти кишвар ва нафарони зиёде ҷароҳат бардошта, ду кӯдак ба ҳалокат расиданд. Ҷинояткорон дастгир шуда, ҷазои сазовор гирифтанд.

Соли 1998 бошад, амалиёти вазнини террористиро гурӯҳи полковники исёнгар М.Худойбердиев анҷом дод, ки хатари хеле ҷиддие буд. Албатта, пеши роҳи он гирифта шуд ва ӯ бо ҷонишинаш Зворигин ба воситаи Шаҳритус баромада, ба хориҷ рафтанд ва боз чанде пас баргашта, ба вилояти Суғд ҳамлаи террористӣ карда, зарару зиёни зиёде ба вилоят расониданд. Дар айни ҳол, онҳо дар кофтукови ҷиноятӣ қарор доранд.

Боз дар ҳамон замон чанд дастаи террористӣ пайдо шуданд, ки корашон фақат ғорату куштору мардумозорӣ буд. Гурӯҳи М.Муаккалов (бо лақаби Шайх) ва гурӯҳи Раҳмон Сангинов (бо лақаби Раҳмон Гитлер) гурӯҳҳои боқимондаи ситоди ҷинояткори Ризвон буданд, ки дар ҳудуди ҷамоати Қиблаии ноҳияи Рӯдакӣ (собиқ ноҳияи Ленин) гурӯҳи нави ҷиноятиро ташкил карда буданд. Баъдан ба онҳо дастае бо сардории С. Тағоев (бо лақаби Подабон) ҳамроҳ гардид. Онҳо аз 100 нафар ҷавонони 16-26-сола иборат буданд. Ин роҳгумзадаҳо бештар дар роҳи Душанбе-Кофарниҳон-Кӯлоб ба ғорат машғул буданд. Ин гурӯҳ низ аз ҷониби қувваҳои давлатӣ безарар гардонида шуда, аз онҳо яроқу аслиҳаи хеле зиёде мусодира карда шуд. Чуноне ки мебинем, ҳамаи ин воқеаҳои террористию ифротгароӣ дар муддати начандон тӯлонӣ дар худ характери одамбадбинӣ ва зараррасонӣ касб намуданд, ки дар бораи онҳо таҳлилҳои илмӣ хеле кам ба назар мерасанд.

Моҳи сентябри соли 2015 чунин бадхоҳон дар симои ТЭТ Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон кӯшиш карданд дубора сенарияи солҳои навадуми асри гузаштаро дар Тоҷикистон такрор кунанд.

Тафтишот бо далелҳои раднопазир собит кард, ки роҳбари ТЭТ Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон М.Кабирӣ бо маслиҳати пешакӣ бо дигар аъзои раёсати олии Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон ва собиқ муовини вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Назарзода А. бо мақсади бо роҳи зӯроварӣ ғасб кардани ҳокимияти давлатӣ ва тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 20 гурӯҳи ҷиноятиро, ки ҳар кадоме то 30-нафарӣ аъзо дошт, созмон додаанд. Ба ин гурӯҳҳо баъзе аз собиқ размандагони Иттиҳоди неруҳои мухолифин ва дигар атрофиёни Назарзода А. роҳбарӣ мекарданд. Бо мақсади аз ҷиҳати моддию молиявӣ дастгирӣ намудани аъзои иттиҳоди ҷиноятии террористӣ ба ҳар кадоми онҳо тавассути фондҳои ба ном хайриявии кишварҳои манфиатдори хориҷӣ мунтазам аз 500 то 600 сомонӣ маблағҳои пулӣ мерасониданд [6].

Ҷиҳати амалӣ намудани ҳаракатҳои ҷинояткоронаи худ, аз рӯйи маслиҳати пешакӣ гурӯҳҳои мусаллаҳро барои аз кор баровардани воситаҳои алоқаи телефонӣ ва ғасб кардани иншооти муҳимми давлатӣ, аз қабили Қасри Миллат, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Фурудгоҳи байналмилалии шаҳри Душанбе, биноҳои маъмурии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати мудофиа, Кумитаи телевизион ва радио, Раёсати Вазорати корҳои дохилии шаҳри Душанбе, шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилии ноҳияҳои Фирдавсӣ, Сино, Шоҳмансур, И.Сомонӣ ва шаҳри Ваҳдат муваззаф карданд.

Далели дигар, ки гунаҳгории М.Кабирӣ ва ҳаммаслаконашро дар содир намудани ин ҷиноятҳо тасдиқ мекунад, ин иштироки бевоситаи номбурда дар маблағгузории суиқасди табоддулоти давлатӣ мебошад. Аз ҷумла, 2 сентябри соли 2015 бо супориши М.Кабирӣ писараш Рухулло бо ҳамроҳии ронандааш Сайфов Ҳ.Т. пули нақдро ба маблағи 1 миллиону 200 ҳазор доллари Иёлоти Муттаҳидаи Америка ба хонаи Назарзода А. бурда, ба дасти ӯ супоридаанд. Баъдан маълум шуд, ки ин пулҳоро як ҳафта пеш аз ин барои анҷоми табаддулот аз хориҷи кишвар ба суратҳисоби онҳо гузаронидаанд [7].

Шаби 3-юм ба 4-уми сентябри соли 2015 зиёда аз 150 узви иттиҳоди ҷиноятӣ бо супориш ва роҳбарии бевоситаи Назарзода А. дар дохили собиқ корхонаи нонпазӣ, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Дониш, ки ба Назарзода А. М. мансуб буд, ҷамъ омада, бо силоҳҳои оташфишони автомат, пулемёт, гранатомёт ва дигар лавозимоти ҷангӣ мусаллаҳ гардиданд.

Баъдан Назарзода А. маҳз бо супориши Кабирӣ М. бо суиистифода аз мақоми хизматии муовини вазири мудофиа, якҷоя бо ҳаммаслаконаш навбатдори Нуқтаи назорати гузаргоҳи Вазорати мудофиа, қисмҳои ҳарбии №17651 ва 08050-ро бесилоҳ гардонида, ба бинои маъмурии Вазорати мудофиа ва қисмҳои низомии номбурда ғайриқонунӣ ворид шуданд. Аз он ҷо миқдори зиёди аслиҳаи оташфишон, сару либоси ҳарбӣ ва лавозимоти ҷангиро бо мақсади мусаллаҳ гардонидани аъзои иттиҳоди ҷиноятӣ тасарруф намуданд.

Онҳо худи ҳамон шаб дар ҳудуди шаҳри Душанбе, ноҳияи Рӯдакӣ ва шаҳри Ваҳдат ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки дар ҳолати иҷрои вазифаҳои хизматӣ қарор доштанд, бо истифода аз силоҳи оташфишон ҳуҷумҳои мусаллаҳона анҷом доданд. Дар натиҷа 10 хизматчии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ҳалокат расида, 7 нафар бо ҷароҳатҳои ҷисмонӣ дар беморхона бистарӣ гардид. Дар айни ҳол бошад, таҳдидҳои хатарноки дохилӣ ва хориҷӣ барои кишварҳои Осиёи Марказӣ, пеш аз ҳама, зиддиятҳо байни гурӯҳҳои сиёсию минтақавӣ мебошад, ки барои ба даст овардани ҳокимият кӯшиш менамоянд; зиддият байни гурӯҳҳои этникӣ; низоъҳои сарҳадӣ ва вобаста ба масъалаи об байни кишварҳои минтақа; ҷараёнҳои ифротии динию сиёсӣ; гурӯҳҳои ҷинояткори дохилӣ, фаромиллӣ в ғ. мебошанд. Ин омилҳо барои ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ хатарнок мебошанд [8].

Дарвоқеъ, ин таҳдидҳо бештар сабаби дохилӣ доранд, аммо метавонанд онҳоро қувваҳои беруна низ мавриди истифода қарор диҳанд. Дар айни ҳол радикализми ифротӣ бештар дар Тоҷикистон ва Қирғизистон мавқеъгирии сахттар дорад. Дар Казоқистон низ ҷараёнҳои гуногуни ифротӣ мавқеи худро мустаҳкам намуда истодаанд, ки ин, албатта, боиси таассуф аст. Дар Ӯзбекистон бошад, баъди тағйиротҳои кадрӣ дидгоҳ ва назари давлатдорони ин кишвар ба куллӣ тағйир ёфта истодааст. Аммо решаҳои ифротгароии динӣ дар ин кишвар ҷой доранд.

Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти 17 ташкилоти террористиву экстремистӣ: “Ҳизб-ут-таҳрир”, “Ал-Қоида”, “Ҳаракати исломии Туркистони Шарқӣ”, “Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон”, “Ҳаракати исломии Ӯзбекистон”, “Толибон”-и Афғонистон, “Бародарони мусалмон”-и Миср, “Лашкари Тайиба”-и Покистон, “Ҷомеаи исломии Покистон”, “Ҷамоати таблиғ”, ташкилоти динӣ-миссионерии “Созмони таблиғот”, “Тоҷикистони озод”, “Ҷамоати ансоруллоҳ”, “Салафия”, “Гурӯҳи 24”, “ДОИШ” ва “Ҷабҳат-ан-нусра” манъ карда шудаанд. Коршиносон бар ин назаранд, ки ҳамаи ин ҳизбу ҳаракатҳо дорои як манбаву сарчашма буда, усулҳои фаъолияташон низ як умумият дорад – ноором кардани авзои сиёсии давлатҳо, суиистифода аз боварҳои динӣ, ба вуҷуд овардани тафриқаи иҷтимоӣ, мубориза бо фарҳангу асолати қадимаи миллатҳо, гумроҳсозии ҷавонон ва ба муқобили насли калонсол шӯронидани онҳо, бераҳмӣ, қатлу куштор, даҳшатафканӣ, фиребу фирефта кардани ҷомеа ва ғайра. Пайомади амалҳои ин гурӯҳҳои террористӣ аллакай тамоми ҷомеаи ҷаҳониро ваҳшатзада кардааст – таркиш дар кӯчаҳо, бозорҳо, даруни нақлиёт ва ҳатто дохилу минбари масҷидҳо... [9].

Гаравидани ҷавонони чи тоҷик ва чи кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ, ки дар Русия ҳамчун муҳоҷири меҳнатӣ иқомат мекунанд, равандест, ки аз солҳои пеш оғоз шудааст. Сармоя барои ин кор (ҳам аз тариқи хадамоти махсуси кишварҳои марбута ва ҳам аз тариқи иқдомоти ҷиноӣ, монанди кочоқи маводи мухаддир) ва гурӯҳҳои махсусе, ки дар манотиқи гуногуни ин кишвар фаъолият менамоянд, фароҳам оварда мешавад. Намояндагони созмонҳои террористӣ муҳоҷирони меҳнатии Осиёи Марказиро ба чандин гурӯҳ тақсим мекунанд: Гурӯҳи аввал иборат аз афроде мебошад, ки таҳти таъсири таблиғоти «ҷиҳодӣ» омодаи саҳм гирифтан дар мубориза алайҳи «куфор» дар ҳар нуқтае аз дунё мебошанд, ки барои ин ҳадафи «муқаддас» пулу сармоя ҳам намехоҳанд. Гурӯҳи дувумро бештар ниёз ба пул ва беҳбуди шароити иқтисодӣ дар ин масир қарор медиҳад. Иддае аз ҷавонони муҳоҷирони меҳнатӣ ба сабаби надоштани машғулият ва даромади муносиб ба дунболи ислоҳи вазъи худ мегарданд, ки пешниҳоди «ба даст овардани пули хуб бо ширкат дар як ё ду амалиёт» онҳоро фирефта мекунанд.

Аммо онҳое, ки ба ҷалби ҷавонони Осиёи Марказӣ барои ширкат дар «ҷиҳод» машғуланд, ҳамагӣ хориҷиву бегона нестанд. Барои ба даст овардани эътимоди

қурбониёни билқувва ҳамеша кумаку ҳамкории афроде лозим аст, ки аз доираи худи муҳоҷирони меҳнатӣ бошанд. Ин афрод маъмулан аз сатҳи нисбатан лозими донишҳои динӣ ва шеваҳои таъсиргузории равонӣ бархӯрдор буда, қодир ба додани посуххои итминонбахш ба пурсишҳо ва шубҳаҳои ҷавонон мебошанд. Ин кор ҳам ба сурати мустақим (суҳбату гуфтугӯ, вогузории адабиёту маводи марбутаи савтиву дидорӣ ва ғайра) ва ҳам аз тариқи фазои маҷозӣ ва ё интернет амалӣ мегардад. [10]

Намояндагони гурӯҳҳои ифротиву террористӣ беш аз ниҳоди расмиву ҷамъиятии кишварҳои минтақа бо муҳоҷирони Осиёи Марказӣ дар Русия сарукор дошта, онҳоро ба доми макри худ мекашанд, ки дар оянда барои суботу амнияти ин кишварҳо таҳдиди ҷиддӣ эҷод хоҳад кард. Ҳамин ҳоло ҳам аломатҳои тадриҷии ин таҳдид ба мушоҳида мерасанд. Давлатҳои Осиёи Марказӣ тавассути ҷалби фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ, рӯҳониёни бонуфуз, шахсиятҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғайра метавонад таъсири манфии ин падидаро коҳиш диҳад.

Рӯ овардани баъзе аз ҷавонони чи тоҷик ва чи дигар кишварҳои минтақа ба гурӯҳу ҷараёнҳои ифротӣ далелу сабабҳои худро дорад. Баъзе ин сабабҳо дохилӣ ва баъзе ҳам хориҷӣ мебошанд. Дар робита ба сабабҳои дохилӣ метавон ба бархе мушкилоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ишора кард. Албатта, ин мушкилот ба зоти худ наметавонанд боиси ифротӣ шудани ҷавонон гарданд, аммо бо вуҷуди ин, ба эҷоди ангеза кумак мекунанд, ки аз он гурӯҳҳову ҷараёнҳои ифротӣ истифода менамоянд.

Сабабҳои хориҷӣ ба сурати мустақим ба манфиатҳои бозигарони фароминтақавӣ бармегарданд, ки мутаассифона, тайи даҳсолаҳои ахир дар рақобатҳои геополитикии худ аз гурӯҳҳои ифротӣ ва ҳатто террористӣ ҳамчун абзори нуфуз баҳрабардорӣ ба амал меоранд. Тоҷикистон ҳамеша ҷонибдори ҳалли дастатҷамъонаи масоили марбут ба терроризм буда, дар консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст: “Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори эҷоди василаҳои самарабахши ба ҳам овардани манфиатҳои миллӣ ва кӯшишҳои байналмилалӣ, муттаҳид намудани саъю талошҳои ҳамаи давлатҳо барои омода намудани вокуниши муносиб дар баробари таҳдид ва чолишҳои замони муосир мебошад. Дар сатҳи миллӣ, Тоҷикистон ҷиҳати таҳкими унсурҳои калидии сиёсати хориҷии худ барои мубориза алайҳи терроризми байналмилалӣ, ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, қочоқи силоҳ, тундгароии мазҳабӣ, муҳоҷирати ғайриқонунӣ, хавфҳои экологӣ, тағйирёбии иқлим ва таҳдидҳои амнияти иттилоотӣ ва озуқаворӣ тадбирҳои сиёсию ҳуқуқӣ, иттилоотию таблиғотӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва махсусро роҳандозӣ менамояд” [11].


## АДАБИЁТ

1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22 декабри соли 2017, Душанбе. Ҷумҳурият № 258 [Манбаи электронӣ]. (http://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=31936)
2. [Манбаи электронӣ]. https://impactlab.media/2019/05/06/v-mire-stalo-menshe-terroristov/ (санаи муроҷиат 14.10.2019)
3. Нуриддинов Р.Ш. Методологические проблемы зарождения и эволюции идеологических установок и практической деятельности террористических движений. Терроризм: моњият, хосиятњо ва раванди ташаккулу инкишоф / Р.Ш.Нуриддинов //Материалы республиканской научно-практической конференции. -Душанбе, 2016. -С.41-49.
4. Хофман Б. Терроризм: взгляд изнутри = Inside terrorism [пер. с англ.] / Б.Хофман. -М.: Ультра-культура, 2003.
5. Холмс Р. Терроризм, жестокость и ненасилие / Р. Холмс // Метафизические исследоания. Вып. 216. -СПб.: Изд-о С. – Петерб. Ун-та, 2005, с. 349-369.
6. Мирсайитов И. Особенность политического ислама в Центральной Азии / И.Мирсайитов // Analitik.- 2006. - №3.
7. Тукумов Е.В. Религиозно-политический экстремизм как угроза региональной и национальной безопасности стран Центральной Азии: автореф. на соиск. ученой степ. канд.полит./ Е.В. Тукумов. - Алматы, 2004. сањ,10.
8. Олимова С. Религиозные корни терроризма / С. Олимова // Казахстан-спектр. -2002. -№3. -С. 21-29.
9. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22.12.2017 [манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/16771
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» аз 27.11.2014, №1146.
11. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27январи соли 2015, №332 тасдиқ шудааст.


## ФАЪОЛИЯТИ ҲАРАКАТҲОИ ИФРОТӢ ВА ТУНДГАРО ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Фаъолияти ҳаракатҳои ифротӣ ва тундгаро яке аз масъалаҳоест ки ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш оварда, аз лаҳзаи пайдоиши худ диққати тамоми муҳаққиқони соҳаи равобити байналмилалро ба худ ҷалб намудааст. Дар мақолаи мазкур муаллиф кӯшиш намудааст сабабҳои асосии фаъолияти ҳаракатҳои ифротӣ ва тундгаро, роҳҳои асосии паҳншавии он, марҳилаи пайдоиш, унсурҳои марказӣ, муҳити пайдоиш, миқёс,

шакл, мақсаду вазифа, нишонаҳо ва хусусиятҳои хосси ин мушкилии сиёсати ҷаҳониро ба риштаи таҳлил кашад. Ҳангоми таҳлил муаллиф инчунин саъй намудааст дар баробари зикри сабабҳои асосии фаъолияти ин ҳаракатҳо, то ҷое ба омилҳои гаравидани ҷавонон ба ин гуна ҳизбу ҳаракатҳо низ баҳои воқеӣ диҳад. Муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ қайд менамояд, ки фаъолияти ҳамаи ин ҳизбу ҳаракатҳо дорои як манбаву сарчашма буда, усулҳои фаъолияташон низ як умумият дорад – нооором кардани авзои сиёсии давлатҳо. Муаллифи мақола сабабҳои рӯ овардани ҷавононро ба ҳаракатҳои ифротию тундгаро ба сабабҳои дохилӣ ва берунӣ ҷудо намуда, онҳоро то андозае шарҳ додааст. Дар робита ба сабабҳои дохилӣ бархе мушкилоти иқтисодӣ ва иҷтимоиро ишора намудааст. Доир ба сабабҳои хориҷӣ бошад, манфиати бозигарони фароминтақавиро нишон додааст. Вобаста ба ин дар мақола фаъолияти ҳаракатҳои ифротӣ ва тундгаро дар Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.
**Калидвожаҳо:** терроризм, ифротгароӣ, тундгароӣ, иртиҷоӣ, ҷанг, фишороварӣ, мазҳабгароӣ, босмачӣ, амнияти минтақавӣ, ташкилотҳои экстремистӣ, гуреза, мусалмон, авбошӣ, табоддулоти давлатӣ, гурӯҳҳои этникӣ, радикализми ифротӣ, даҳшатафканӣ, куфор, ҷиҳод.

## НЕКОТОРЫЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ МЕЖДУНАРОДНОГО ТЕРРОРИЗМА

Деятельность экстремистских и радикальных движений, является проблемой, которая обеспокоит международное сообщество и с момента своего появления привлекает внимание всех исследователей сферы международных отношений. В данной статье автор старался анализировать основные причины деятельности экстремистских и радикальных движений, главные способы их распространения, этапы формирования, центральные элементы, среду появления, масштаб, форму, цели и задачи, а также следы и важные особенности этой проблемы мировой политики. Во время анализа автор также сумел наряду с упоминанием основных причин деятельности этих движений, в некоторой степени, дать объективную оценку факторам привлечения молодежи к таким группировкам. Автор на основе изучения научной литературы отмечает, что деятельность всех этих групп и движений имеет одно начало и методы их деятельности тоже имеют много общего – дестабилизация политической ситуации государтв. Автор статьи освещает причины, по которым молодежь участвует в экстремистских и радикальных движениях по внутренним и внешним причинам. По внутренним причинам он выдвинул на первый план некоторые экономические и социальные проблемы. По поводу внешних причин, указываются интересы трансрегиональных игроков. В связи с этим в статье обращается внимание на деятельность экстремистских и радикальных движений в Центральной Азии и Республике Таджикистан.
**Ключевые слова:** терроризм, экстремизм, радикализм, война, сектантство, сдавливание, басмачество, региональная безопасность, экстремистские организации, беженцы, мусульмане, хулиганство, государственный переворот, этнические группы, экстремистский радикализм, богохульство, джихад.

## SOME THEORETICAL ASPECTS OF INTERNATIONAL TERRORISM

The activity of extremist and radical movements is a problem that worries the international community and, since its inception, has attracted the attention of all researchers in the sphere of international relations. In this article, the author tried to analyze the main reasons for the activity of extremist and radical movements, the main ways of its distribution, the stages of formation, central elements, the environment, scale, shape, goals and objectives, as well as traces and important features of this problem of world politics. During the analysis, the author was also able, along with mentioning the main reasons for the activity of these movements, to some extent, to give an objective assessment of the factors attracting young people in such groups. Based on the study of scientific literature, the author notes that the activities of all these groups and movements have one principle and the methods of their activity also have one commonality - destabilization of the political situation of the state. The author of the article highlights the reasons why young people participate in extremist and radical movements for internal and external reasons. For internal reasons, he highlighted some economic and social problems. For external reasons, the interests of trans-regional players are indicated. In this regard, the article draws attention to the activities of extremist and radical movements in Central Asia and the Republic of Tajikistan. The author in his article indicates the Basmachey groups in Central Asia, the murders and terror of Ibrahimbek, Fusayl Mahsum, Anvarpasha and religious radical groups.
**Key words**: terrorism, extremism, radicalism, war, sectarianism, squeezing, Basmachism, regional security, extremist organizations, refugees, Muslims, hooliganism, coup, ethnic groups, extremist radicalism, blasphemy, jihad.

**Сведения об авторах:** ***Фаридаи Назрулло*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **985-67-64-61**. E-mail: **farida9993@mail.ru**
***Пирумшоев Хайдаршо П***. - Институт истории, археологии и этнографии им. А. Дониша АН РТ, доктор исторических наук, главный научный сотрудник отдела древней, средневековой и новой истории. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: **919-14-87-36**. E-mail: **pirumshoev.44@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Faridai Nazrullo*** **-** Tajik National University, applicant for the Department of International Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **985-67-64-61.** E-mail: **farida9993@mail.ru**
***Pirumshoev Haydarsho P.*** **-** Institute of History, Archeology and Ethnography A. Donisha, Academy of Sciences of the Republic of Tatarstan, Doctor of Historical Sciences, Chief Researcher of the Department of Ancient, Medieval and Modern History**. Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Phone: **919-14-87-36.** E-mail: **pirumshoev. 44@mail.ru**

УДК 66.4 + 66.49 + 66.5(2Тоҷик)

# ҚОНУНМАНДИҲОИ ИЛМИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ВА МАЗМУНИ ОНҲО

*Нуриддинов Р.Ш., Далер Шарифӣ*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳар як илм қонунмандиҳои фаъолият ва рушди хешро дорад. Фақат ба асоси қонунмандиҳо илм метавонад таъйиноти асосии худ: шарҳу эзоҳи далелҳо, рӯйдодҳо, ҳодисаҳо, раванду падидаҳо ва пешбинии таҳаввулоти эҳтимолии онҳоро иҷро намояд. Аммо, агар дар илмҳои табиӣ ва техникӣ аниқии чунин ояндабинӣ нисбатан баланд буда, аксар вақт «ҳақиқати абадии» онҳо зери шакку шубҳа қарор надошта бошад (масалан, дар шароити муносиби фишори ҳаво ва таркиби муайяни кимиёвии об ва гарм кардани об то 100°С, он меҷӯшад), пас дар илмҳои иҷтимоӣ вазъият дигар аст.

Илмҳои иҷтимоӣ ба муносибатҳои иҷтимоӣ, ки субъекти онҳо одамон бо нотакрории хислат, сарнавишти нодири инфиродӣ, ирода, шавқу рағбат, ақида, эътиқод, арзишҳо, идеология, алоқамандии шахсии худ ва ғайра мебошанд, сарукор доранд.

Аз инҷост, ки дар илмҳои иҷтимоӣ қонунҳои устувор, «абадӣ», «инкорнашаванда» вуҷуд надошта, мутаносибан дар пешгӯии таҳаввулоти ин ё он ҳодиса ё раванди иҷтимоӣ мушкилоти ҷиддӣ ҷой дорад. Масъалаи қонунҳо ё қонунмандиҳои илмҳои иҷтимоӣ баҳснок аст ва дар байни олимон оид ба мавриди мавҷудияти онҳо шакку шубҳа ва баҳсҳо вуҷуд доранд. Масъалаи қонунмандиҳо аз мавқеи мактаби илмии марксизми анъанавӣ ба асоси методологияи умумии материализми таърихӣ ҳал мешавад, ки мутобиқи он мазмуни муносибатҳои байналхалқӣ, аз як тараф, бо мазмуни сиёсати дохилии давлатҳо дар саҳнаи ҷаҳонӣ ва аз ҷониби дигар бо мубоpизаи синфӣ байни капитализм ва сотсиализм дар миқёси умумиҷаҳонӣ муайян карда мешавад.

Аз нуқтаи назари марксизм қонунҳои муносибатҳои байналхалқӣ ҷанбаи қонунмандӣ доранд, ба ибораи дигар, камтар амиқ ҳастанд ва фақат чун амалкарди баробари бисёр қонунҳои бо ҳам алоқаманд зоҳир мешаванд. Аммо ин маънои онро надорад, ки марксизм ба мавҷудияти асоси қонунии ҳаёти иҷтимоӣ ва аз он ҷумла, ҳаёти байналхалқӣ шакку шубҳа дошта бошад. Ҷанбаи дигар доштани қонунҳо, ки чун қонунмандӣ зоҳир мешавад, асло ба даст кашидан аз детерменизм чун асоси дарки марксистии таърих оварда намерасонад.

Детерминизм* ба чунин самти илми муносибатҳои байналхалқӣ - реализми сиёсӣ хос аст, ки аз дарк ва шарҳи иртиботи мутақобилаи давлатҳо дар саҳнаи ҷаҳонӣ, аз қонунҳои доимии табиати тағйирнопазири инсонӣ бармеояд.

Аксарияти муҳаққиқон кӯшиш мекунанд, ки аз истифодаи мафҳуми «қонун» худдорӣ намоянд ва бештар чунин истилоҳоти «камтар уҳдадоркунанда», монанди «қонунмандӣ», «тамоюл», «қоида» ва ғайраро ба кор баранд.

Ба андешаи Р. Арон табиати муносибатҳои байналхалқӣ, ки моҳияти онро набудани инҳисор (монополия) ба зӯрӣ ва «плюрализми истиқлолият» ташкил медиҳад, зарурати қабул кардани қарори сиёсиро «пеш аз дарёфти дониши зарурӣ ва боварӣ» талаб мекунад.

Бинобар ин, ҳар гуна фаъолият дар соҳаи муносибатҳои байналхалқӣ на танҳо ба дарки қонунмандиҳо, балки бештар ба эҳтимолияти ғайри қобили пешбинии қарорҳои одамон асос ёфтааст. Дар муносибатҳои байналхалқӣ бояд фақат гумон кард, ки кадом рафторро метавон оқилона номид. Аз нуқтаи назари Ж. Унсингер, раванду ҳодисаҳои ҳаёти байналхалқиро бояд аз мавқеи таърих, ҷомеашиносӣ ва назария таҳлил намуд. Фақат бо назардошти ин омил метавон ба тадқиқи қонунҳои муносибатҳои байналхалқӣ умед баст. Шарҳу эзоҳи ниҳоии вазъияти байналхалқӣ ё дарки ягона ва фаҳмиши комили сабаби раванду ҳодисаҳо дар муносибатҳои байналхалқӣ имконнопазир аст. Масалан, донишмандони марксист низоъҳои мусаллаҳонаро ба асоси назарияи империализм ва ба инобат гирифтани нуктаҳои зерин шарҳ медиҳанд:

— ҷанбаи таҷовузгаронаи давлатҳои империалистӣ;
— хусумати анъанавӣ байни халқҳои давлатҳои империалистӣ;
— феъл ва мизоҷи шахсиятҳои давлатҳои империалистӣ;
— маҷмӯи тамоми омилҳои зикргардида.

---

*Детерминизм (аз калимаи лотинии. determinare – маҳдуд кардан, чудо намудан, муайян кардани сарҳад, муқаррар кардан) – таълимот дар бораи робитаи мутақобила ва яқинии мутақобилаи тамоми ҳодисаҳо ва равандҳо, доктрина дар бораи сабабияти умумӣ.

Ҳар кадом аз ин омилҳо метавонанд унсури ҳақиқатро дошта бошанд, аммо ҳеҷ кадоми онҳо ва ҳатто ҳамаи онҳо дар якҷоягӣ наметавонанд даъвои шарҳу эзоҳи дурусту ниҳоии масъаларо намоянд. Бинобар ин, мафҳуме, ки беҳтар аз ҳама воқеияти муносибатҳои байналхалқиро инъикос менамояд, мафҳуми нисбият мебошад.

Таърихнигори фаронсавӣ Жан Батист Дюрозел чунин мешуморад, ки қонунҳои илмҳои иҷтимоӣ он дараҷаи ҷиддиятро, ки барои илмҳои табиӣ хос аст, надоранд. Азбаски дар бораи донишҳои эҳтимолӣ, ки дар он истисно ҳукмрон аст, сухан меравад ва дар он омили ҳиссиёт (интуитсия) ҷой дорад, пас, ба кор бурдани истилоҳи «қонунмандӣ» мувофиқтар аст. Қонун маҷмӯи падидаҳои ба ҳам монандро, ки ҷанбаи умумӣ доранд ва аз тамоми нишонаҳои инфиродӣ озоданд, инъикос менамояд. Ҳодисаҳои иҷтимоӣ ҳузури ақли инсонро дар назар доранд, бинобар ин, ҳар як ҳодиса ягона ва нодир мебошад.

Дар падидаҳои иҷтимоӣ, айният ва андозагирӣ вуҷуд надорад. Байни якчанд ҳодиса фақат монандиро метавон ёфт: масалан, намудҳои мулоҳиза, иртибот, зӯрӣ ва ғайра.

«Қонунмандӣ» маҷмӯи як силсила падидаҳои бо ҳам монанд аст, ки аз хусусиятҳои ин ё он давра вобаста набуда, ба табиати инсон вобаста аст.

Дар баробари қонунмандӣ, ки такроршавӣ ва монандии ҳодисаҳоро, сарфи назар аз сатҳи иҷтимоӣ ё техникии ҷомеа, режими сиёсӣ ё мавқеи ҷуғрофӣ инъикос менамояд, ҳамчунин «қоидаҳои муваққатӣ» ва «дастурамалҳо» вуҷуд доранд.

Сарфи назар аз шакку шубҳаи васеъ ривоҷёфта дар бораи мавҷудияти қонунҳои муносибатҳои байналхалқӣ ва зиддият дар фаҳмиши хусусиятҳои ин соҳа, дар байни муҳаққиқон ҷиҳати як силсила нуктаҳо ақидаҳои якхела вуҷуд доранд:

Якум, соҳаи муносибатҳои байналхалқӣ аз ҳодисаҳо ва равандҳои гуногуни бо ҳам пайванд иборат аст, ки сабабу натиҷаи онҳо ҷанбаи нобаробар дорад. Бинобар ин, тавсиф ва шарҳу эзоҳ додани ин падидаҳо дар рӯҳияи детерменизм, пешакӣ муайяншуда, бе алтернатива ва истисно кардани тасодуф, кори бесамар хоҳад буд.

Дувум, новобаста аз хусусиятҳои хосси раванду ҳодисаҳои муносибатҳои байналхалқӣ метавон баъзе «такроршавиҳоро» низ мушоҳида кард. Масалан, шаклҳои алоқамандӣ, шиддатнокии онҳо ва оқибатҳои эҳтимолии раванду ҳодисаҳои муносибатҳои байналхалқӣ.

Севум, чунин «такроршавиҳо», яъне қонунмандиҳо метавонанд фақат ҷанбаи нисбӣ дошта бошанд ва дар муносибатҳои байналхалқӣ кам ба мушоҳида мерасанд [6,с.62].

Доир ба **мазмуни қонунмандиҳои муносибатҳои байналхалқӣ** дар байни муҳаққиқон ва донишмандони ин соҳа андешаҳои гуногун вуҷуд доранд.

Дюрозел қонунмандиҳои зерини муносибатҳои байналхалқиро нишон додааст:

– ҳар як ҷомеа ва воҳиди сиёсӣ барои таъмини самаранокии техникӣ кӯшиш мекунад;

– ҳар як мукаммалии техникӣ ба қонунмандиҳои доимӣ ва умумӣ тобеъ аст;

– монеаи асосии самаранокии техникӣ мавҷудияти маҷмӯи арзишҳо дар ҷомеа мебошад;

– қонунмандии раванди ҷомеа таъмин намудани гузариш аз як низоми арзишҳо ба низоми дигари арзишҳо мебошад [6,с.62].

Гузариш аз як низоми арзишҳо ба низоми дигари арзишҳо дар шароити зерин имконпазир аст:

а) агар арзишҳои мавҷуда дар таназзули комил қарор дошта бошанд;

б) арзишҳои нав қудратманд ва ҷаззобтар бошанд;

в) агар арзишҳои куҳна бо истифода аз фишору зӯрӣ хароб гардида бошанд;

г) гузариш аз як низоми арзишҳо ба низоми дигари арзишҳо дар минтақаҳои атроф ва дур аз марказ оғоз мешавад;

– дар як гурӯҳи аъзои ҷомеа эҳсоси «тоқатфарсоӣ», яъне руҳияе ташаккул меёбад, ки онҳо омодаанд ба хотири тағйирот ҷони худро аз даст диҳанд;

– байни самаранокии истеҳсолот ва шоистагии инсонӣ низои доимӣ вуҷуд дорад;

– тарзҳои муттаҳидсозии одамон нисбат ба муттаҳидсозии низоми арзишҳо (динӣ ё идеологӣ) бесубот буда, барои тағйирот мусоидат менамояд;

– сабабҳои сар задани ҷангҳо, мавҷуд будани низоми сарбастаи арзишҳо; қудрати ҳарбӣ; вазъияти «тоқатфарсо» ва ғайра мебошанд.

Тавре ки мебинем, аз феҳристи қонунмандиҳои дар боло зикршуда, фақат яктоаш («қонунмандии ҷанг») бевосита ба муносибатҳои байналхалқӣ дахл дорад, дар ҳоле ки дигар қонунмандиҳо ҷанбаи васеъ доранд ва умуман ба соҳаи иҷтимоии муносибатҳои инсонӣ дахл мекунанд.

Жан Батист Дюрозел ҷанбаи муносибатҳои байналхалқии хосси давраи аз асри XVI то соли 1914–ро бо воқеияти муосири байналхалқӣ (аз соли 1945 то рӯзҳои мо) муқоиса карда,

қайд менамояд, ки барои давраи муосир набудани иттиҳоди равонашуда бар зидди тасаллути (гегемонияи) як ё якчанд абарқудрат хос аст (яъне монанди «тамаркузи миллати» яҳудиҳо):

—ягон давлати бузурги аврупоӣ вуҷуд надорад;

— дар саҳнаи ҷаҳонӣ неруи нави пароканда, аммо ба куллӣ воқеии байналхалқӣ, яъне афкори иҷтимоии ҷаҳонӣ зуҳур намудааст;

— дар стратегияи ҳарбӣ тағйиротҳои бунёдӣ ба амал меоянд [6,с.63].

Таҳлили адабиёти илмӣ доир ба муносибатҳои байналхалқӣ нишон медиҳад, ки қисмати бештари он асосан, ба таҳлили масъалаҳои вобаста ба ҷанг ё пешгирии он бахшида шудааст. Чунин муносибат барои муҳаққиқ Р. Арон низ хос аст (асари асосии вай «Ҷанг ва сулҳ байни миллатҳо» ном дорад), ки яке аз аввалинҳо шуда, кӯшиш кардааст, ки сотсиологияи муносибатҳои байналхалқиро эҷод намояд. Бинобар ин, қонунмандие, ки дар бораи он сухан дар адабиёти мазкур меравад, маҳз ба ҳамин масъалаҳо дахл дорад ва аз доираи муносибатҳои байналхалқӣ берун намебароянд [6,с.63].

Нуқтаи назар ва мавқеи мухталифи мактабҳои назариявии гуногунро ҷамъбаст карда, метавон қонунмандиҳои зеринро ҷудо намуд:

Якум, иштирокчии асосии муносибатҳои байналхалқӣ (ба ақидаи баъзе муаллифон, - иштирокчии ягона) давлат ва шакли фаъолияти байналхалқии он - дипломатия ва стратегия мебошад.

Дувум, сиёсати давлатӣ дар ду намуд вуҷуд дорад: дохилӣ ва хориҷӣ (байналхалқӣ), ки байни онҳо, ҳам алоқамандӣ ва ҳам фарқияти ҷиддӣ вуҷуд дорад, ки ба туфайли ин сиёсати байналхалқии давлат мухторияти бисёр дорад.

Севум, асоси тамоми амали байналхалқии давлат дар манфиатҳои миллӣ ниҳон аст, ки унсурҳои муҳимми он амният ва истиқлолият мебошанд. Бинобар ин, муносибатҳои байналхалқӣ арсаи бархӯрдҳо, низоъҳо ва таносуби манфиатҳои миллии давлатҳо мебошад.

Чорум, ҳимояи манфиатҳои миллӣ зарурати доштани қудратмандии ҳарбиро ба вуҷуд меоварад, ки аз захираю манбаъҳои табиӣ, иқтисодӣ ва ғайраи давлат вобаста аст. Бинобар ин, муносибатҳои байналхалқӣ муносибатҳои зӯроваронаи давлатҳо ва тавозуни қувва мебошад, ки дар он аз нигоҳи манфиатҳои миллӣ афзалиятро давлатҳои нисбатан пурқудрат хоҳанд дошт.

Панҷум, вобаста аз тақсимоти қувва байни давлатҳои аз нигоҳи тавонмандии ҳарбӣ пурқудрат, яъне абарқудратҳо, тавозуни қувва метавонад шаклҳои гуногун: чандқутбӣ, сеқутбӣ, мултиқутбӣ ва ғайра дошта бошад [6,с.64-65].

Чунинанд қонунмандиҳои нисбатан умумӣ, ки дар доираи назарияи давлат - маркази муносибатҳои байналхалқӣ шакл гирифтаанд.

Р. Арон фаҳмиши худро дар бораи аҳаммияти қувва ва заифии давлат барои суботи байналхалқӣ чунин баён кардааст: заифии зиёд барои ҷаҳон на камтар аз зиёдии қувва хатарноктар аст.

Б. Рассет ва Х. Старр бо истифода аз методи ҳаммонандӣ, як силсила фарзияҳоро ба миён овардаанд: ҳамватанонро нисбат аз хориҷиён бештар мекушанд, шиносҳо ва хешовандонро нисбат аз ғайришиносҳо ва бегонагон бештар мекушанд; бинобар ин, даргумон аст, ки давлатҳои аз якдигар дур ва бо якдигар алоқаманд набуда, масалан, Боливия ва Бирма, бо якдигар ҷанг кунанд. Аммо даргумон аст, ки чунин мисолҳоро, ки умумияти қолиб ва хеле фоиданокро доранд, қонунмандии муносибатҳои байналхалқӣ номид, чунки барои онҳо субъективияти зиёд хос аст ва илова бар ин, миқёси амали онҳо хеле маҳдуд аст.

Ин қонунмандиҳо, бо вуҷуди аҳаммияти худ, ба муносибатҳои байнидавлатӣ тааллуқ доранд, ки фақат як қисми муносибатҳои байналхалқӣ мебошанд ва нақш, сатҳи таъсири муносибатҳои байнидавлатӣ ба хислат ва таҳаввулоти муносибатҳои байналхалқӣ, аз нигоҳи мактаби сотсиологӣ мавриди шакку шубҳаи асосноку далелнок қарор мегиранд.

Дар асари муҳаққиқони маъруфи фаронсавӣ Б. Бади ва М.К. Смуте «Ҷаҳон дар остонаи таҳаввулот. Сотсиологияи саҳнаи байналхалқӣ» таъкид шудааст, ки муносибатҳои байналхалқӣ танҳо муносибатҳои байнидавлатӣ нестанд, чунки дар тарзи тақсимоти ҷаҳон ва усулҳои фаъолияти он тағйироти ҷиддӣ ва баргаштнопазир рӯй медиҳанд [6,с.65].Дунё дар ҷустуҷӯи муносибатҳои нав ва субъектҳои нав қарор дорад. Муносибатҳои байнидавлатӣ, ки муддати тӯлонӣ дар саҳнаи байналхалқӣ чун миёнарави содиқ хизмат мекарданд, имрӯз тағйир ёфтаанд ва ба талабот ҷавобгӯ нестанд.

Дипломатияи анъанавӣ тамоюлоти дарозмуддати тағйироти иҷтимоӣ, монанди афзоиши мавҷи муҳоҷират, ҳаракати фаромарзии одамон, сармоя ва андешаҳо,

харобшавии муҳити зист, паҳншавии ғайриқонунии аслиҳа ва ғайраро эҳсос мекунад. Сиёсат акнун ба таври марказонидашуда тарҳрезӣ намешавад, балки ҳарчи бештар байни марказҳои сершумор тақсим шуда, ҳамоҳанг сохтани он ҳар чи мушкил мешавад.

Қонунмандии манфиати миллӣ аҳаммияти қаблии худро аз даст медиҳад. Бисёр унсурҳои муосири қувва аз нуфузи давлат берун мераванд ва дар ихтиёри давлат камтар воситаҳои таъсиррасон ба раванду ҳодисаҳои байналхалқӣ боқӣ мемонанд. Давлатҳо аз роҳу воситаҳои бисёрхарҷ бештар истифода мебаранд.

Тағйиротҳои бавуҷудомада ояндабинии шаклҳои муносибатҳо ва мавқеъгирии воҳидҳои сиёсиро дар саҳнаи ҷаҳонӣ мушкил месозанд. Дар айни замон, аҳаммияти қонунмандиҳои зикршуда коҳиш ёфта (аммо гум нашуда), сатҳи умумият ва доираи амали онҳо маҳдуд мешавад. Тавре ки Ҷ. Розенау таъкид мекунад, сабаб дар он аст, ки имрӯз симои нави «сиёсати пасобайналхалқӣ» - низоми глобалӣ ташаккул меёбад, ки дар он муносибатҳои байни сохторҳо ва акторҳо усулан ба тарзи нав сурат мегирад.

Дар паҳлуи ҷаҳони анъанавии муносибатҳои байнидавлатӣ, ҷаҳони нав - ҷаҳони «дувум»–и муносибатҳои байналхалқӣ ташаккул меёбад, ки хислати беназмона ва ғариқобили пешбинӣ дорад. Дар сохтори «муносибатҳои пасобайналхалқӣ» бифуркатсияи* воқеӣ байни мантиқи этатистӣ* ва ҷаҳони нимамарказӣ (полисентризм)* ба мушоҳида мерасад, ки ба якдигар таъсир мерасонанд, вале ҳеҷ не ки ба созиши ҳақиқӣ расанд:

– Шӯрои ҳифзи манбаъҳои табиӣ бо ҳукумати абарқудратҳо дар робита ба мониторинги созишнома дар бораи манъ кардани озмоиши ҳастаӣ музокира мекунад;

– намояндагони калисои англиканӣ байни террористон ва ҳукуматҳои кишварҳои Шарқи Наздик миёнаравӣ мекунанд;

– созмонҳо қарор қабул мекунанд, ки дар иқтисодиёти давлат сармоягузорӣ кунанд ё накунанд, то ин ки сиёсати иҷтимоии ҳукумати маҳаллиро тағйир диҳанд;

– Фонди байналхалқии асъор ба ҳукуматҳои маҳаллӣ нишондод медиҳад, ки масъалаҳои иқтисодии худро бояд чӣ гуна ҳал кунанд;

– романе, ки дар Британияи Кабир нашр шудааст, сабаби истеъфои сафири Ҷумҳурии Исломии Эрон ва як куштор дар Шоҳигарии Белгия шудааст - чунинанд фақат мисолҳои алоҳида аз байни ҳодисаҳои сершумори тартиботи нави глобалӣ» - менависад Ҷ. Розенау.

Муҳаққиқи фаронсавӣ Ф.М. Дефарж қайд мекунад, ки асри XX таҳти аломати таҳаввулоти амиқ дар хислати муносибатҳои байналхалқӣ хотима ёфт, ки на танҳо натиҷаи фаъолияти сиёсатмадорони давлатӣ, балки бештар натиҷаи комилан дигар равандҳо буд. Дин, фарҳанг, шаклҳои гуногуни табодул байни ҷамъиятҳо аз рӯйи мантиқи худ амал карда, доиман сарҳадҳои давлатиро вайрон мекунанд. Ин мантиқ монеаҳои сиёсиву ҳуқуқиро ба назар намегирад.

Дар солҳои 40–50–уми асри XX дар «рақобати аср» Шарқи коммунистӣ ва Ғарби плюралистӣ дар муқобили якдигар қарор доштанд. Дар солҳои 70–уми асри XX ин рақобати байни Шимоли сарватманд ва Ҷануби қашшоқ сурат гирифт. Саволҳое ба миён меоянд, ки дар асри XXI ин рақобат ба кадом самт майл хоҳад кард? Ба самти рақобати байни ширкатҳо ва давлатҳо барои соҳиб шудан ва назорат ба инноватсияи технологӣ? Ба сӯйи рақобати байни ҳамаи он чи ки рамзи муосир мебошад - аз ҷинс сар карда, то компютер, - ҳамаи он чи ки таҷассумгари ҳувият мебошад, хоҳ ҳувияти миллӣ, динӣ ё иҷтимоӣ? Ба сӯйи вайрон кардани тартиботи пешина таҳти зарбаи талаби озодӣ? Ҷавобҳо ба ин саволҳо ҳанӯз пайдо нашудаанд. Гарчанде равшану возеҳ аст, ки рақобатҳо дар натиҷаи таҳаввулоти амиқи ҷаҳони муосир ва эҳсосоти ташвиши аз байн рафтани субот рӯй додаанд. Дар ин иртибот, олими белгиягӣ А. Самюэл чунин мешуморад, ки инсоният аллакай ба «ҷаҳони нави байналхалқӣ» ворид шудааст ва суръату амиқии тағйироти мушоҳидашаванда ду оқибат дорад:

---

*Бифуркатсия – ин истилоҳ аз калимаи лотинии bifurcus – «ду қисм шуда» гирифта шудааст, ки барои ифода намудани ҳар гуна бозсозии имконпазир ё метаморфози объектҳои гуногун ҳангоми тағйири ношондодҳои он, васеъ ба кор бурда мешавад.

*Этатизм (давлатдорӣ) (аз калимаи франсиявии État – давлат) – ҷаҳонбинӣ ё идеологияе, ки нақши давлатро дар ҷомеа мутлақ месозад ва тобеъ кардани манфиатҳои шахсият ва гурӯҳҳо ба манфиати давлатро таблиғ мекунад; сиёсати мудохилаи фаъоли давлат дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва шахсӣ.

*Нимамарказӣ (аз калимаи англисии polycentrism; гирифташуда аз юнонии πολύς – бисёр, сершумор + лотинии cetrum – марказ, тамаркуз) – усул ва хусусияти сохтори геополитикии ҷаҳони муосир. Сохтори бисёрқутбии ҷаҳон таҳти таъсири омилҳои бисёри геополитикӣ шакл мегирад, ки дар он аз он ҷумла, нақши асосӣ ба иқтисодиёт тааллуқ дорад. Полисентризм дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ мавҷудияти якчанд давлати нисбатан пуриқудрат ё иттиҳодияҳоро дар назар дорад, ки робитаи мутақобилаи онҳо рушди сиёсати ҷаҳониро муайян месозад.

Якум, гузаштан аз ҷаҳони дуқутбӣ ба бисёрқутбӣ сурат гирифтааст:

— ду абарқудрат дигар вуҷуд надоранд;

— дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ давлатҳои нав босуръат рушд меёбанд;

— дар дигар кишварҳо таркишҳои демографӣ ба амал меоянд;

— миллатҳо озод мешаванд, «ҳамсафарон» аз меҳвари худ берун мераванд;

— амали давлатҳои хурд боиси ташвиши ҷиддии давлатҳои бузург мегардад;

— дар баробари коҳиши таъсироти идеологияи бузург, неруҳои нави ҷанбаи иқтисодӣ, молиявӣ ва маънавидошта зоҳир мешаванд;

— эътиқоди динӣ на танҳо бозмегардад, балки даъвои муқаррар намудани равандҳои сиёсии миллӣ ва байналхалқӣ мекунад;

— шахсиятҳои бофаросат ва динӣ на танҳо «ситора» мешаванд, балки пешсафони байналхалқӣ мегарданд ва фаъолияти хоксоронаю исроркоронаи онҳо дунёро тағйир медиҳад.

Дувум, ин ҷаҳони гузаранда ғайриқобили ояндабинӣ гардидааст. Масъалаҳои куҳнаи таърихие, ки муддати зиёд ҳалнашаванда ба ҳисоб мерафтанд - муттаҳид шудани Германия - ногаҳон зуд ҳаллу фасли худро меёбанд. Ва ҳеҷ кас наметавонад ояндабинӣ намояд, ки фардо чӣ хоҳад шуд. Дар айни замон, имрӯз аллакай равшан аст, ки масъалаҳои амнияти байналхалқӣ бо усулҳои куҳна дигар ҳаллу фасл намешаванд.

Бад-ин тартиб, навигарии муносибатҳои байналхалқӣ иборат аз он аст, ки тағйиротҳои умумиҷаҳонӣ аз доираи қонунмандиҳои дар боло баррасишудаи муносибатҳои байнидавлатӣ берун мебароянд, аҳаммият ва хислати универсалии худро аз даст медиҳанд. Дар ин иртибот чунин саволи дорои аҳаммияти усулӣ ба миён меояд: Оё бамавқеъ аст, ки имрӯз дар бораи мавҷудияти қонунмандиҳои умумӣ дар соҳаи муносибатҳои байналхалқӣ сухан гӯем? Ба андешаи мо, сарфи назар аз амиқӣ ва аҳаммияти тағйиротҳои бавуҷудомада, қонунмандиҳои умумӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ ҷой доранд.

**АДАБИЁТ**


1. Алексеева Т.А. Современная политическая мысль (XX–XXI вв.). Политическая теория и международные отношения. Учебное пособие / Т.А. Алексеева. -М.: Аспект Пресс, 2018. -624 с.
2. Дугин А.Г. Международные отношения (парадигмы, теории, социология): учеб. пособие для вузов / А.Г. Дугин. -М.: Академический Проект, 2016. – 432 с.
3. Каримова А. Социология международных отношений. Учебник / А. Каримова. -М.: Юрайт, 2014. -336 с.
4. Международные отношения и мировая политика. Учебник / Под редакцией П.А. Цыганкова. -М.: Юрайт, 2016. -280 с.
5. Никитина Ю.А. Введение в международные отношения и мировую политику. Учебное пособие / Ю.А. Никитина. -М.: Аспект Пресс, 2017. -160 с.
6. Нуриддинов Р.Ш. Назарияи муносибатҳои байналхалқӣ. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддин. -Душанбе: ЭР-граф, 2018. -340 с.
7. Нуриддинов П.Р. Сиёсати ҷаҳонӣ. Китоби дарсӣ / П.Р. Нуриддинов. -Душанбе: Таъминотчӣ, 2017. -352 с.
8. Нуриддинов Р.Ш. Дипломатия. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддинов. -Душанбе: ЭР–граф, 2017. -576 с.
9. Нуриддинов Р.Ш. Фаъолияти иттилоотӣ–таҳлилӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддин. -Душанбе: ЭР–граф, 2018. -496 с.
10. Социология современных войн. Материалы научного семинара. МГУ. -М.: Альфа–М, 2004. -192 с.
11. Теория международных отношений. Учебник / Под редакцией П.А. Цыганкова. -М.: Юрайт, 2017. -318 с.
12. Цыганков А.П. Социология международных отношений. Учебник / А.П. Цыганков, П.А. Цыганков. -М.: Аспект Пресс, 2008. -240 с.
13. Чанышев А.А. История политических учений. Западная классическая традиция. Античность - первая четверть XIX в. В 2 частях. Часть 2. Учебное пособие / А.А. Чанышев. -М.: МГИМО (У) МИД России, 2015.- 518 с.
14. Шаклеина Т.А. Россия и США в мировой политике. Учебник / Т.А. Шаклеина. -М.: Аспект Пресс, 2017. -336 с.


## ҚОНУНМАНДИҲОИ ИЛМИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ВА МАЗМУНИ ОНҲО


Дар мақола муаллифон мавзӯи қонунмандиҳои илми муносибатҳои байналхалқӣ ва мазмуни онҳоро мавриди баррасӣ қарор додаанд. Ба ақидаи муаллифон, ҳар як илм қонунмандиҳои фаъолият ва рушди хешро дорад. Фақат ба асоси қонунмандиҳо илм метавонад таъйиноти асосии худ: шарҳу эзоҳи далелҳо, рӯйдодҳо, ҳодисаҳо, раванду падидаҳо ва пешбинии таҳаввулоти эҳтимолии онҳоро иҷро намояд. Масъалаи қонунмандиҳо аз мавқеи мактаби илмии марксизми анъанавӣ ба асоси методологияи умумии материализми таърихӣ ҳал мешавад, ки мутобиқи он мазмуни муносибатҳои байналхалқӣ, аз як тараф, бо мазмуни сиёсати дохилии давлатҳо дар саҳнаи ҷаҳонӣ ва аз ҷониби дигар, бо муборизаи синфӣ байни капитализм ва сотсиализм дар миқёси умумиҷаҳонӣ муайян карда мешавад. Аксарияти муҳаққиқон кӯшиш мекунанд, ки аз истифодаи мафҳуми «қонун» худдорӣ намоянд ва бештар чунин истилоҳоти «камтар уҳдадоркунанда», монанди «қонунмандӣ», «тамоюл», «қоида» ва ғайраро ба кор баранд. Ҳар гуна фаъолият дар соҳаи муносибатҳои байналхалқӣ на танҳо ба дарки қонунмандиҳо, балки бештар ба эҳтимолияти ғайри қобили пешбинии қарорҳои одамон асос ёфтааст. Дар муносибатҳои байналхалқӣ бояд фақат гумон кард, ки кадом

рафторро метавон оқилона номид. Ҳамзамон, доир ба мазмуни қонунмандиҳои муносибатҳои байналхалқӣ дар байни муҳаққиқон ва донишмандони ин соҳа андешаҳои гуногун вуҷуд доранд.
**Калидвожаҳо:** муносибатҳои байналхалқӣ, қонунмандиҳо, мактабҳои илмӣ, давлат, манфиатҳои миллӣ, акторҳо, тавозуни қувва.

**ЗАКОНОМЕРНОСТИ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ И ИХ СОДЕРЖАНИЕ**

В статье автор рассматривает характер законов в сфере международных отношений и их содержание. По мнению автора, каждая наука направлена на поиск существенных, повторяющихся, необходимых связей исследуемого ею объекта, или, иначе говоря, на поиск законов его функционирования и развития. Только на этой основе она может выполнить свое главное предназначение: объяснение наблюдаемых фактов, явлений, событий и процессов и предсказание их возможной эволюции. Проблема законов с позиции научной школы традиционного марксизма решается на основе общей методологии исторического материализма, в соответствии с которой содержание международных отношений, с одной стороны определяется, содержанием внутренней политики взаимодействующих на мировой арене государств, а с другой – классовой борьбой между капитализмом и социализмом в общепланетарном масштабе. Большинство исследователей стремятся избегать употребления самого понятия «закон», предпочитая оперировать такими «менее обязывающими» терминами, как «закономерности», «тенденции», «правила» и т.п. Всякая деятельность в этой сфере основана не столько на знании закономерностей, сколько на вероятностях, связанных с непредсказуемостью человеческих решений. Здесь можно только строить предположения о том, какое поведение считать рациональным. При этом по содержанию закономерностей международных отношений среди исследователей и ученых данной сферы существуют разные мнения.
**Ключевые слова:** международные отношения, закономерности, научные школы, государство, национальные интересы, акторы, баланс сил и т.п.

**REGULARITIES OF THE SCIENCE OF INTERNATIONAL RELATIONS AND THEIR CONTENTS**

In the article the author considers the nature of laws in the sphere of international relations and their content. According to the author, each science is aimed at finding significant, repetitive, necessary connections of the object under study, or, in other words, at finding the laws of its functioning and development. Only on this basis it can fulfill its main purpose: to explain the observed facts, phenomena, events and processes and to predict their possible evolution. The problem of laws from the standpoint of the scientific school of traditional Marxism is solved on the basis of the General methodology of historical materialism, according to which the content of international relations is determined, on the one hand, by the content of the domestic policy of States interacting on the world stage, and on the other – by the class struggle between capitalism and socialism on a planetary scale. Most researchers tend to avoid using the concept of «law», preferring to operate with such» less binding «terms as «regularities», «trends», «rules», etc. Any activity in this area is based not so much on the knowledge of laws, but on the probabilities associated with the unpredictability of human decisions. Here you can only speculate about what behavior is considered rational. At the same time, there are different opinions on the content of the laws of international relations among researchers and scientists in this field.
**Key words:** international relations, laws, scientific schools, state, national interests, actors, balance of power, etc.

**Сведения об авторах:** ***Нуриддинов Рахимали Шахбозович*** - Таджикский национальный университет, доктор политических наук, профессор, заведующий кафедрой международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **rshn1995@mail.ru**
***Шарифи Далер*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D, факультет международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E–mail: **dalersharifi@gmail.com.** Телефон: **(+992) 901–08–00–99**

**Information about the authors:** ***Nuriddinov Rakhimali Shakhbozovich*** **-** Tajik National University, Doctor of Political Sciences, Professor, Head of the Department of International Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **rshn1995@mail.ru**
***Sharifi Daler*** **-** Tajik National University, Ph.D. student, Department of International Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **dalersharifi@gmail.com.** Phone: **(+992) 901-08-00-99**

**УДК:930.85 (4) (575.3)**

# ҲАМКОРИҲОИ ИТТИҲОДИ АВРУПО БО ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОҲАИ МАОРИФ

***Қаландаров Ф.Ҷ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Баъд аз соҳибистиқлол гаштан, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо дар самтҳои иқтисодӣ, илмӣ ва фарҳангӣ ҳамкориҳои густардаро ба роҳ монд. Аз ҳама самти муҳим дар равобити Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо самти илмӣ ва фарҳангӣ ба ҳисоб меравад. Дар рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон Иттиҳоди Аврупо саҳми назаррас дорад. Дар доираи барномаҳое, ки аз тарафи Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ карда мешаванд, Тоҷикистон манфиатҳои зиёд ба даст оварда, баҳри омода намудани мутахассисони соҳибтахассус саъю кӯшиши зиёд менамояд. Дар доираи чунин ҳамкориҳо барномаҳои зиёде дар равобити дуҷонибаи Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо ба роҳ монда

шудаанд. Барномаҳое, ки то имрӯз аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо барои рушди соҳаи маориф пешниҳод шуда буданд, инҳо мебошанд:

- Барномаи ҳамкорӣ бо мамолики муттараққии саноатӣ дар соҳаи таҳсилоти олӣ.
- Едулинк (Edulink).
- Барномаи омӯзиши муттасил.
- Барномаи Ерасмус Мундус.
- Темпус.
- Алфа.
- Ерасмус+ (Erasmus+, TACES in Tajikistan, programme of the European Union.
- DAAD.

Ин барномаҳо бо дастгирии Иттиҳоди Аврупо дар давлатҳои Осиёи Марказӣ, бахусус Тоҷикистон амалӣ шуда истодаанд. Муносибати дуҷониба миёни Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ (Тоҷикистон) дар соҳаи маориф аз соли 1992 дар доираи барномаи ТЕСИС оғоз шуда, барномаҳои дар боло номбаршуда ба фаъолият шурӯъ карданд [4, с. 182]. Шарикии Иттиҳоди Аврупо бо Тоҷикистон дар соҳаи маориф ягона стратегияи муҳим ба ҳисоб меравад, ки дар ин раванд метавонад муносибати ояндаи ҳамкориҳои дуҷонибаро ҷонноктар намояд [5, с. 150-162].

Ҳадафи дигари стратегии Иттиҳоди Аврупо дар самти рушди соҳаи маорифи Тоҷикистон, омӯзиши таҷрибаи бойи Иттиҳоди Аврупо мебошад. Дар ҷараёни омӯзиш дар доираи барномаҳои Ерасмус+, Ерасмус Мундус ва дигар барномаҳои дар боло зикргардида, миқдори зиёди омӯзиш дар бораи иқтисодиёт, сиёсат, илм, фарҳанг ва дар умум Иттиҳоди Иқтисодии Аврупо дарс гузаронида мешавад, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати рӯ ба тараққӣ чунин раванди омӯзиш бениҳоят муфид мебошад.

Барномаи Ерасмус+ барномаи фонди Иттиҳоди Аврупо буда, дар тамоми давлатҳои Осиёи Марказӣ ба роҳ монда шуда буд, ки раванди фаъолияти Иттиҳоди Аврупоро дар соҳаи иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ ва илмӣ-фарҳангиро дар бар мегирифт [3, с. 67-68]. Барномаи Ерасмус+ самтҳои афзалиятноки муносибатҳои дуҷонибаи Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказиро фаро мегирад.

Барномаи Ерасмус+ фаъолияти худро дар Тоҷикистон аз соли 2016 шурӯъ кард. Дар соли аввали фаъолияти худ 16 нафар донишҷӯён аз чор донишгоҳҳои аъзои ин барнома интихоб шуда буданд. Донишгоҳҳои аъзои дохили Тоҷикистон: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Хоруғ, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ва Донишгоҳи давлатии Данғара буданд, ки дар умум бо се донишгоҳи Иттиҳоди Аврупо: Донишгоҳи техникии Дрезден (Германия), Донишгоҳи Оломоус (Ҷумҳурии Чехия) ва Донишгоҳи Тарту (Эстония), алоқаи наздик дошта, дар якҷоягӣ фаъолияти худро ба роҳ гузошта буданд. Дар давоми фаъолият донишҷӯён тавонистанд бо таҷрибаи бойи Иттиҳоди Аврупо шиносоӣ пайдо кунанд. Барномаи Ерасмус+ барои омода намудани кадрҳои соҳибтахассус, устодони соҳибтаҷрибаро аз донишгоҳҳои кишварҳои аъзо таъмин менамуданд.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам овардани чунин имкониятҳо муҳим ва муфид ба ҳисоб рафта, барои дар сатҳи байналмилалӣ омода намудани мутахҳасисони ҷавон нақши муҳим мебозад. Дар соли аввали таҳсил донишҷӯён ба як муддати муайян ба се донишгоҳи давлатҳои шарик сафар карда, бо фарҳанг, иқтисодиёт ва аз ҳама муҳим, бо сатҳи баланди соҳаи маориф ошноӣ пайдо карданд. Чунин таҷрибаи бадастомада дар соли аввали таҳсил ба донишгоҳҳои аъзои ҳарду тараф имконият дод, ки барои давом додани таҳсил давомнокии барномаро дар доираи омӯзиши мутолиоти Аврупоӣ тамдид кунанд. Оғоз аз соли 2016 то соли 2019 барномаи мутолиоти Аврупоии Ерасмус+ фаъолият карда, шароитҳои зарурире барои омӯзиши донишҷӯён фароҳам оварданд. Дар ин муддат донишҷӯён донишу малакаҳои худро сайқал дода, дар самтҳои гуногуни илмӣ-таҳқиқотӣ фаъолият намуда истодаанд.

Барномаи Ерасмус+ имкониятҳои зиёде барои донишҷӯён, бахусус барои омӯзиш, омӯзиши таҷрибаи давлатҳои тараққикарда, таҳсил ва ғайраро дар бар мегирад. Дар баробари ин, барномаи мазкур ба забономӯзии донишҷӯён дар сатҳи баланд низ мусоидат мекунад. Барномаи дигаре, ки дар тамоми ҷаҳон, бахусус дар Тоҷикистон мавқеи хосса дошта, муносибатҳои дуҷонибаи давлатҳои Осиёи Марказиро бо Иттиҳоди Аврупо дар соҳаи маориф беҳтару хубтар мегардонад, барномаи Ерасмус Мундус ба ҳисоб меравад. Барномаи Ерасмус Мундус яке аз шохаҳои асосии барномаи Ерасмус+ ба ҳисоб рафта, барои донишҷӯён шароитҳои мусоидро фароҳам меоварад. Аз оғози фаъолияташ барномаи Ерасмус Мундус аз хориҷи кишвар омӯзгоронро барои тадриси донишҷӯён ҷалб

менамояд, донишҷӯёнро бо идрорпулӣ таъмин менамояд, барои ба хориҷи кишвар барои омӯзиш фиристодани донишҷӯён мусоидат менамояд ва барои бозомӯзии омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо дар рушди соҳаи маориф, дар сайқал додани донишу малакаи донишҷӯён ва омода намудани мутахассисони соҳибтаҷриба дар доираи барномаи Ерасмус Мундус ҷонноктар гардидааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳким бахшидани рушди соҳаи маориф ва омода намудани кадрҳои ҷавон бо тамоми давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон, бахусус Иттиҳоди Аврупо ҳамкориҳои мутақобилан судмандро ба роҳ мондааст. Иттиҳоди Аврупо то имрӯз 70 миллион евро барои рушди соҳаи маорифи Тоҷикистон ва омода намудани кадрҳои соҳибтахассус маблағгузорӣ кардааст. Иттиҳоди Аврупо ба шарики стратегии худ Тоҷикистон ҳарсола барои татбиқи лоиҳаҳои гуногун дар самти рушди рушди маориф мусоидат менамояд. Ташаббуси Иттиҳоди Аврупо оид ба рушди соҳаи маорифи Тоҷикистон ба хотири оянда, барои рушди соҳаи маориф равона карда шудааст. Илова бар ин, стратегияи Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон ба ташвиқу тарғиб ва ҷоринамоии методҳои нави омӯзиш бо мақсади дуруст ба роҳ мондани раванди омӯзиш дар донишгоҳу донишкадаҳои кишвар асос ёфтааст. Ин раванд ба рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Едулинк (Edulink), Барномаи омӯзиши муттасил, Барномаи Ерасмус Мундус, Темпус, Алфа, Ерасмус+ (Erasmus+, TACES in Tajikistan, programme of the European Union, DAAD барномаҳое мебошанд, ки барои пайдарпай ҷорӣ намудани методҳои нави омӯзиш, дар рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми бузург гузоштаанд ва то ҳол давом ёфта истодааст. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди ҳамкориҳо дар соҳаи маориф муносибатҳои мутақобилан судмандро ба роҳ монда, барои омода намудани мутахассисони соҳибтаҷриба аз имкониятҳои молиявӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ истифода ба амал оварда, барои расидан ба ин мақсад тамоми чораҳои заруриро андешида истодааст. Марбут ба гуфтаҳои боло, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои дуҷонибаро бо Иттиҳоди Аврупо дар соҳаи маориф яке аз самтҳои афзалиятнок медонад, зеро сифати зиндагии мардум, азхудкунии имкониятҳои нави технологӣ, расидан ба сатҳи ҷаҳонии иқтисодиёт, аз вазъи соҳаи маориф вобаста мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилии нарасидани кадрҳои соҳибтаҷриба дар соҳаи маориф ба назар мерасад. Аз ин лиҳоз ҳадафи асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди соҳаи маориф ва омода намудани кадрҳои соҳибтахассус дар асоси амалӣ намудани барномаҳое мебошад, ки ба омода намудани мутахассисони соҳибтахассус, истифодаи усулҳои нави таълим нигаронида шудаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо бештари кишварҳои Иттиҳоди Аврупо дар соҳаи маориф ҳамкориҳои мутақобилан судмандро ба роҳ мондааст. Тамоми донишгоҳҳои кишвар, бахусус Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо донишгоҳҳои бонуфузи давлатҳои Иттиҳоди Аврупо ҳамкориҳоро ба роҳ монда, ҳамасола донишҷӯён барои таҳсил ба ин донишгоҳҳои бонуфуз равона карда мешаванд. Аз соли 2015 инҷониб то соли 2018 барномаҳои махсус барои беҳтару хубтар намудани сифати таълим, оғоз аз мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ба роҳ монда шудаанд, ки ҳаҷми умумии маблағи сарфшуда 15 миллион евроро аз фонди Иттиҳоди Аврупо дар бар мегирифт. Дар ин муддат хонандагони зиёде аз муассисаҳои таълимии дохили кишвар баҳри сайқал додани дониш ба Иттиҳоди Аврупо сафар карда буданд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки равобити дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо тамоми самтҳои омӯзишро, аз ҷумла бакалавриат, магистратура ва докторантураро низ дар бар мегирад. Ҳамкориҳои мутақобилан судманди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо дар рушди соҳаи маориф саҳми назаррас доранд.

## АДАБИЁТ


1. Massage of the president of the republic of Tajikistan from april 24, 2010. P. 2.
2. Katharina Hoffman. The EU in Central Asia: successful good governance promotion? 2010, c.101. http://dx.doi.org/10.1080/01436590903557397
3. Рустам Солиев. Таджикистан Европейский Союз: Взаимовыгодное Партнёрство / Рустам Солиев. – Душанбе-Брюссель, 2016. – С. 67-68.
4. Тимошенко А.Г. Политика Европейского Союза в Центральной Азии: от «открытия» региона к «стратегии нового партнерства» (1992–2008 гг.) / А.Г. Тимошенко. – Томск, 2009. – С. 182.
5. Назиров Б.Т. Международные правовые основы сотрудничества Республики Таджикистан и Европейского Союза / Назиров Б.Т. – Москва, 2011. – С. 150-162.
6. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020. – Душанбе, 2012. – С. 7-13.
7. Маҷмӯаи омории соҳаи маорифи ҶТ. – Душанбе, 2010. – С.226.

8. Норлинг Н. Политика Европейского Союза в Центральной Азии: Принятие нового стратегического документа на 2007-2013 годы / Н. Норлинг. – Стокгольм, 2007. – С. 51.
9. Уразов А. Политика Европейского Союза в Центральной Азии / А.Уразов. Алма-ато, 2006.
10. Peter Jones. The EU-Central Asia Education Initiative. February 2010, EUCAM, p 42

**ҲАМКОРИҲОИ ИТТИҲОДИ АВРУПО БО ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОҲАИ МАОРИФ**

Дар мақолаи мазкур самтҳои асосии ҳамкориҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо дар доираи барномаҳои муштарак тадқиқ шудаанд. Нақши Иттиҳоди Аврупо дар рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва натиҷаҳои бадастовардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт омӯхта шуда, муҳим арзёбӣ шудаанд.

**Калидвожаҳо:** Иттиҳоди Аврупо, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамкориҳои муштарак, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Осиёи Марказӣ, Ерасмус Мундус, иқтисодиёти миллӣ, раванди ҷаҳонишавӣ.

**ОТНОШЕНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С ЕВРОПЕЙСКИМ СОЮЗОМ В СФЕРЕ ОБРАЗОВАНИЯ**

Известно, что образование в современном мире является одним из важных процессов улучшения экономического роста стран и повышения уровня жизни людей. В этой связи руководство Республики Таджикистан использует все возможности для улучшения сферы образования страны. Следует отметить, что на основании сотрудничества Республики Таджикистан с развивающимися странами, особенно со странами - членами Европейского Союза, роль образования немного улучшилась. Поэтому в этой статье исследуются основные направления сотрудничества Республики Таджикистан с Европейским Союзом в рамках общих программ. В следующем разделе статьи рассказывается о роли Европейского Союза в укреплении сферы образования Республики Таджикистан и достигнутых результатах Таджикистана в процессе взаимного сотрудничества.

**Ключевые слова:** Европейский Союз, расширение, Ерасмус Мундус, Республики Таджикистан, Центральная Азия, Министерство Образования, процесс глобализации.

**THE RELATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN WITH THE EUROPEAN UNION IN THE SPHERE OF EDUCATION**

Education in today’s world is known one of the main important process for the improving economic growth of the countries and strengthening better condition of the people. The government of the Republic of Tajikistan uses much opportunities for improving education sphere of the country. It should be mentioned that according to the cooperation between the Republic of Tajikistan and the development countries of the world as well as European Union the role of the education became much more better. That’s why the same article explored the same direction of the mutual cooperation of the Republic of Tajikistan and European Union in the framework of common programs. In the next section of the article the role of the European Union at the strengthening education sphere of the Republic of Tajikistan and the gained results of Tajikistan in the process of mutial cooperation is learned.

**Key words:** European Union, the Republic of Tajikistan, the Minisrty of Education, Central Asia, the process of globalization, mutial cooperation, Economic growth, Erasmus Mundus.

**Сведения об авторе:** ***Каландаров Фируз Джумахонович*** - Таджикский национальный университет, докторант факультета международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 33. E-mail: **firuz.kalandarov.1994@mail.ru** Телефон: **907886937**

Information about the author: ***Qalandarov Firuz Jumakhonovich*** - Tajik national university doctorant Ph.D.. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue, 17.E-mail:**firuz.kalandarov.1994@mail.ru** Телефон: **9078**

**УДК:930.85 (575.3) (575.1)**

# НАҚШИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР БАРҚАРОР НАМУДАНИ РОБИТАҲОИ ДӮСТИЮ ФАРҲАНГӢ БО ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН

***Имомалиева Р.М.,Зубайдуллоев С.Х.***
**Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ**

Решаҳои дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек ба қаъри асрҳо рафта мерасад. То ба имрӯз ин ду халқ анъанаҳои неки дӯстиву бародариро пос медоранд. Суруду мусиқии онҳо низ бо ҳам монанд мебошанд. Ҳангоме ки оид ба дӯстии ин ду миллат сухан меравад, номи ду шахси бузург -Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ ба хотир меояд. Дар ҳақиқат, ин ду адиб дар замони худ барои мардумонашон хидмати шоиста карда, ба хазинаи бекарони шеъру шоирӣ, ҳикмату фалсафа, шариату тариқат, одаму одамгарӣ осори гаронбаҳоро ба мерос мондаанд, ки аз онҳо аҳли башар истифода намуда, ба донишу хиради онҳо имрӯз аҳсан мехонанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар як вақт истиқлолияти худро ба даст оварданд. Ӯзбекистон дар таърихи 1 сентябри соли 1991 ва Тоҷикистон дар рӯзи 9 сентябри соли 1991 истиқлолияти давлатии худро эълон намуданд. Дар сарнавишти халқҳои тоҷику ӯзбек давраи навин, давраи бунёди давлатҳои нави миллӣ оғоз ёфт.

Сароғози давлатдории навин барои ҳар ду халқ аз пешомади хушбинона ва муносибатҳои дӯстона ва ҳамсоягии нек дарак медод [13,с.6].

22 октябри соли 1992 протоколи барқарор намудани робитаҳои дипломатӣ байни ин ду давлати ҳамсоя барқарор гардид. Умуман, аз соли 1992 то имрӯз миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон 111 созишнома, аҳднома, қарордод ва ба имзо расидаанд, ки ҳамкориҳои гуногуни сиёсӣ, иқтисодӣ илмиву фарҳангиро фаро мегиранд [14,с.6]. Соли 1993 сафоратхонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои боз ҳам мустаҳкам шудани робитаҳои дӯстию дипломатии ҳамсоякишварҳо боз шуд [11,с.111].

Бо мақсади боз ҳам мустаҳкам шудани ин робитаҳо 4 январи соли 1993 «Аҳднома дар бораи дӯстии абадӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон» қабул шуд, ки аз 15 июни соли 2000 яке аз санадҳои муҳимми байнидавлатӣ ба ҳисоб меравад. Дар ҳуҷҷат принсипҳои асосии муносибатҳои дуҷониба, аз ҷумла, эҳтироми мутақобилаи соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти давлатӣ, баробарҳуқуқӣ, дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигар, кӯшишҳои мутақобила ҷиҳати барқарор кардани робитаҳои шарикии иқтисодии барои ҳар ду ҷониб судманд дарҷ шудаанд [8,с.2].

Дар аввалин суханрониҳои худ Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 28 сентябри соли 1993 дар иҷлосияи XVIII Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин изҳор намуда буданд: «Барои мо, тоҷикон, муносибати дӯстона, мустаҳкам ва тӯлонӣ бо Ӯзбекистон ҳам тақозои таърихӣ ва ҳам ниёзи мардумист» [8,с.2].

Аввалин сафари расмии Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон 8 октябри соли 1994 баргузор шуд. Дар қасри Дӯстии халқҳо вохӯрии Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов сурат гирифт. Дар фарҷоми гуфтушунидҳо «Эъломия дар бораи таҳкими ҳамкории ҳамаҷониба байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон»–ро ба имзо расониданд, ки ин нишонаи мустаҳкам шудани муносибатҳои дӯстонаи ду ҷумҳурии ҳамсоя буд [4,с.79].

4 январи соли 1998 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо даъвати Президенти онвақтаи Ӯзбекистон Ислом Каримов ба Ӯзбекистон бори дуюм сафари расмӣ анҷом доданд. Дар ҷараёни сафари расмӣ байни ду мамлакат 4 санади байниҳукуматӣ ба имзо расид. Сафари Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар муносибатҳои байнидавлатии Тоҷикистону Ӯзбекистон такони нав бахшид ва муносибатҳо дар самтҳои гуногун фаъолтар гардиданд [8,с.2–3].

4 феврали соли 1998 Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон У.С. Султонов аз Ҷумҳурии Тоҷикистон боздид ба амал овард, ки дар рафти он миёни ҳукуматҳо ва вазоратҳои ду кишвар 9 ҳуҷҷати дуҷониба, аз ҷумла, Созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи истифодаи оқилонаи захираҳои обию энергетикӣ ба имзо расид [4,с.80].

Дар асоси мувофиқаи роҳбарони ду кишвар аз 29 июн то 5 июли соли 1998 рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар Ӯзбекистон баргузор шуданд, ки ҳамчун рӯйдоди муҳим дар муносибатҳои дуҷониба арзёбӣ карда мешавад [4,80].

Оғози фаъолияти сафорати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар шаҳри Душанбе дар моҳи июли соли 1998 умеду эътимодро ба таҳаввули робитаҳои байнидавлатӣ афзуд [11,с.111].

Дар робитаҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Ӯзбекистон аввалин сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов ба Тоҷикистон 15 июни соли 2000 дар таърихи байнидавлатии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон марҳилаи муҳим ба ҳисоб меравад [4,с.80]. Ҳангоми сафари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон 26-27 декабри соли 2001 сарвари давлати Ӯзбекистон Ислом Каримов изҳор намуд, ки «халқои ду мамлакати мо таърихи умумӣ доранд ва асрҳо паҳлуи ҳамдигар мезистанд… бо ҳам будан сарнавишти мост ва мо бояд бо кӯшишҳои якҷоя ин мушкилиҳое, мардумони кишварҳои мо бо онҳо рӯ ба рӯ омадаанд, бартараф намоем» [8,с.3].

Бо мақсади татбиқи вазифаҳое, ки дар баёнияи муштараки президентҳои ду кишвар аз 26–27 декабри соли 2001 муайян шуда буданд, 12 феврали соли 2002 Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Оқил Оқилов аз Тошканд боздиди корӣ анҷом дод. Ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамон рӯз бо ҳайати Ҷумҳурии Ӯзбекистон мулоқот кард. Дар ҷараёни мулоқот силсилаи масъалаҳои марбут ба ҳамкории ҳарду кишвар муҳокима шуданд. Сипас, дар бӯстонсарои ҳукумат гуфтушуниди ҳайатҳои ҳарду мамлакат бо иштироки Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Оқил Оқилов ва Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ӯткир Султонов баргузор гардид. Дар анҷоми гуфтушунид чор созишномаи байниҳукуматии Тоҷикистону Ӯзбекистон дар бораи баробар кардани ҳисоби ҳамлу

нақли мол, интиқоли газ ва маводи сӯхту равғанҳои молиданӣ дар соли 2002 ва қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, созишномаи ҳукуматҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи истифодаи оқилонаи захираҳои обу энергетика дар соли 2002, созишномаи ҳукуматҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи рафтуомади шаҳрвандони ҳар ду мамлакат тавассути гузаргоҳҳои сарҳади давлатӣ ва ғайра имзо шуданд [3,с.1].

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ масъалаҳои сарҳади давлатӣ яке аз муҳимтарин мавзӯъҳои гуфтушуниди байни ду кишвар маҳсуб меёбад. Дар натиҷаи корҳое, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тӯли солҳои охир анҷом доданд, ҷонибҳо дар ҳалли масъалаҳои таҳияи ҳуқуқии қитъаҳои сарҳади давлатӣ ба таври назаррас пеш рафтанд. 15 октябри соли 2002 Аҳднома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи сарҳади давлатии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ба имзо расид [4,с.81]. 23 августи соли 2002 дар шаҳри Душанбе ҷаласаи якуми Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон оид ба масъалаҳои ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ баргузор гашт, ки дар муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Ӯзбекистон яке аз рӯйдодҳои аҳаммиятнок арзёбӣ карда мешавад [4,с.81].

18 феврали соли 2009 дар шаҳри Душанбе ҷаласаи дуюми Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон оид ба масъалаҳои ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ баргузор гардид. Дар рафти ҷаласа масъалаҳои мубрами ҳамкории дуҷониба дар соҳаҳои электроэнергетика, хоҷагии об, саноат, кишоварзӣ, нақлиёту коммуникатсия ва инчунин ҷалби васеи доираҳои соҳибкор ва саноати ду кишвар ба раванди тавсеаи муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд [4,с.81].

Зикр намудан бамаврид аст, ки дар тӯли зиёда аз ду даҳсола аз ҷониби Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар сатҳи нисбатан поён нигоҳ доштани робитаҳои дипломатӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон нишонаи он буд, ки кишвари ҳамсоя аз вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон дар солҳои 90 – уми асри XX сахт дар ташвиш буд. Ва тасодуфӣ нест, ки вазири корҳои хориҷии он мамлакат 6 ноябри соли 1992 дар Иҷлосияи 47 – уми Маҷмааи кулли СММ изҳор дошта буд, ки: «хатари асосӣ барои Ӯзбекистони соҳибистиқлол дар вақти ҳозира низои Тоҷикистон мебошад» [10,с.396]. Мо ҳамагон шоҳиди он ҳастем, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ кӯшиш ба харҷ дода истодааст, ки дар асоси муносибатҳои дипломатӣ сиёсати дӯстӣ ва ҳамкории мутақобилан судмандро бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон пеш барад, ки ба манфиати ҳарду халқҳост.

Бо иваз шудани роҳбарияти олии ҷумҳурии ҳамсоя ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон интихоб шудани Шавкат Мирзиёев муносибатҳо байни ду кишвар рӯ ба беҳбудӣ ниҳоданд, ки пеш аз ҳама, натиҷаи сиёсати хайрхоҳона, некбинона ва дурандешонаи Ҳукумати Тоҷикистон ва хусусан иқдомҳои хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст [14,с.6].

9–10 марти соли 2018 Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, муҳтарам Шавкат Мирзиёев бори аввал бо даъвати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сафари расмӣ анҷом дод. Дар рафти мулоқоти сарони давлатҳо ва музокироти самарабахш, ки дар фазои дӯстона ва созанда сурат гирифтанд, масъалаҳои калидии вазъи имрӯзаи муносибатҳо миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон таъкид гардид. Дар анҷоми гуфтушунид 27 созишномаи байниҳукуматии Тоҷикистону Ӯзбекистон ба имзо расид. Созишнома дар бораи алоқаи автомобилии байналмилалӣ, созишнома дар бораи алоқаи ҳавоӣ, созишнома оид ба сафарҳои мутақобилаи шаҳрвандон, созишнома байни мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва ҳокимияти шаҳри Тошканд оид ба ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва фарҳангиву гуманитарӣ, созишнома оид ба ҳамкориҳои молиявӣ ва дигар созишномаҳои муҳимми байниҳукуматӣ ба имзо расиданд [9,с.5-8].

Дар натиҷаи барқарор шудани робитаҳои дӯстию бародарӣ ва ба имзо расонидани як қатор созишномаҳо миёни Тоҷикистону Ӯзбекистон, батадриҷ гузаргоҳҳои сарҳадӣ байни ду ҳамсоякишвар боз шуданд. Ин рӯйдод дар таърихи давлатдории Ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон бо ҳарфҳои заррин дар қалби мардум сабт хоҳад шуд. Бо кӯшишу эҳтимоми сарони ду давлат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, муҳтарам Шавкат Мирзиёев гузаргоҳҳои сарҳадӣ миёни Тоҷикистону Ӯзбекистон расман кушода шуданд. Дар вилояти Суғд, ки бо 6 вилояти ҷумҳурии ҳамсоя–Тошканд, Самарқанд, Сирдарё, Ҷиззаху, Фарғона ва Намангон ҳамсарҳад аст, 7 Гузаргоҳи Сарҳадӣ–«Саразм–Ҷартеппа», «Ӯротеппа-Кушкент», «Зафаробод-Хавостобод»,

«Ҳавотоғ-Учтурғон», «Ҳаштияк–Бекобод», «Навбунёд-Поп» ва «Равот» дубора боз шуданд. Вақте сарҳадҳо боз гардид, гурӯҳ - гурӯҳ ба пешвози якдигар омадани аҳли оилаҳо, хешу таборҳо шаҳодати он буданд, ки мардуми тоҷику ӯзбек дар воқеъ муштоқи ҳамдигаранд. Онҳо ҳамдигарро бародарвор ба оғӯш гирифта, сари дастархони идонаи баҳорӣ нишастанд [7,с.1].

Аз ҷониби роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмон Озода Эмомалӣ дар кӯчаи Беҳзоди шаҳри Душанбе бо мақсади абадӣ гардонидани хотираи шоири ӯзбек Низомиддин Алишер Навоӣ ва баҳри пойдор намудани дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек боғи Низомиддин Алишер Навоӣ бунёд гардид. Ёдовар мешавем, ки боғи мазкур дар асоси Амри Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 5–уми марти соли 2018 «Низомиддин Алишер Навоӣ» номгузорӣ шуда, дар он ҳамчун рамзи дӯстии халқҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон муҷассамаи мутафаккирони барҷастаи ин ду миллати бо ҳам дӯсту ҳамсоя Низомиддин Абдураҳмони Ҷомӣ ва Низомиддин Алишер Навоӣ гузошта шудааст. 27 сентябри соли 2018 дар фазои тантанавӣ бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, муҳтарам Шавкат Мирзиёев боғи мазкур мавриди истифодари қарор гирифт [5,с.2].

17 августи соли 2018 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати анҷоми сафари давлатӣ ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон рафтанд. Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро гурӯҳи калони ҳайати расмӣ аз ҳисоби аъзои ҳукумат, роҳбарони муассисаву идораҳои давлатӣ раисони вилоятҳо, соҳибкорон ва аҳли ҳунару фарҳанг ҳамроҳӣ карданд. Дар фурудгоҳи байналмилалии шаҳри Тошканд меҳмони оликадр -Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо нишони эҳтироми баланд роҳбари кишвари мизбон Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, муҳтарам Шавкат Мирзиёев гарму самимӣ истиқбол гирифтанд [15,с.2]. Дар шаҳри Тошканд дар доираи сафари давлатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Ӯзбекистон баргузор шуд. Дар ҷараёни мулоқоти хоссаи сарони давлатҳо масъалаҳои таҳкими робитаҳо дар соҳаҳои калидии ҳамкории дуҷониба баррасӣ гардиданд. Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки «равобити мутақобилаи Тоҷикистону Ӯзбекистон аз муносибатҳои ҳамҷаворию қаробати халқҳои мо, дӯстии бисёрасра ва эҳтироми мутақобила сарчашма мегиранд. Имрӯз бастаи калони санадҳои нави ҳамкорӣ ба имзо мерасанд, ки бахшҳои муҳимми ҳамкории дуҷонибаро фаро мегиранд» [16,с.2].

Пас аз анҷоми мулоқоту музокироти сатҳи олӣ дар ҳузур ва бо иштироки сарони давлатҳо Эмомалӣ Раҳмон ва Шавкат Мирзиёев 26 санади нави ҳамкорӣ, ба монанди созишнома дар бораи ҳамкорӣ байни Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва федератсияи иттифоқҳои касабаи Ӯзбекистон; Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ миёни Кумитаи телевизион ва радиои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ширкати миллии телевизион ва радиои Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар соҳаи телевизион ва радио; Созишнома оид ба ҳамкорӣ байни Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар» ва Агентии миллии иттилоотии Ӯзбекистон «УзА»; Созишнома байни мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳукумати вилояти Сурхандарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ–иқтисодӣ, илмӣ–техникӣ ва фарҳангӣ–гуманитарӣ ва дигар санадҳои муҳим ба имзо расиданд [16,с.2–3].

Дар доираи сафари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон сарони давлатҳо дар қасри ҳамоишҳои байналмилалии «Ӯзбекистон» дар барномаи фарҳангии ходимони санъати Тоҷикистон ва Ӯзбекистон таҳти унвони «Шоми дӯстӣ» иштирок ва суханронӣ намуданд. Дар барномаи худ сарони давлатҳо оид ба идомаи анъанаи неки муносибатҳои дӯстӣ, бародарӣ, ҳамсоягӣ, хешутаборӣ ва рушду густариши ҳамкории гуногунҷанба ва манфиати мардумони ҳарду кишвар андешаронӣ карда, баргузории консерти устодони санъати Тоҷикистону Ӯзбекистонро таҳти унвони «Шоми дӯстӣ» намунаи беҳтарини ҳамкории фарҳангӣ маънидод намуданд [16,с.4].

17 августи соли 2018 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев «Барои саҳми сазовори шахсӣ дар таҳкими робитаҳои бисёрасраи дӯстӣ, таъмини муносибатҳои неки ҳамсоягӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ, тавсеаи робитаҳои гуногунҷанбаи фарҳангӣ ва гуманитарӣ байни халқҳои бародари ӯзбеку тоҷик, барои хизматҳои бузург дар рушди ҳамкории самарабахши ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон ва

Тоҷикистон ба манфиати наслҳои имрӯзу оянда, ташаббусҳои самаранок барои таъмини сулҳ, амният ва субот дар минтақаи мо» бо Мукофоти олии давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ордени «Эл Юрт Ҳурматӣ» сарфароз гардонида шуданд [16,с.5].

Ҳамчунин, дар ин доираи сафари худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо раиси Палатаи қонунбарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Ӯзбекистон Нуриддин Исмоилов ва Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон Абдулло Орипов мулоқот карданд. Дар ҷараёни мулоқот масъалаҳои муҳимми ҳамкории ду кишвар баррасӣ гардиданд [16,с.5]. 30 августи соли 2018, дар арафаи таҷлили ҷашни умумимиллӣ –27–умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як гурӯҳ ходимони давлатӣ, намояндагони соҳаи илм, маориф ва фарҳанги Ҷумҳурии Ӯзбекистонро бо мукофотҳои давлатии Тоҷикистон сарфароз гардониданд.

Тибқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2018 шахсони мазкур, ки давоми солҳои соҳибистиқлолӣ дар таҳкиму тавсеабахшӣ ва густариши муносибатҳои дӯстӣ, ҳусни маҳҷаворӣ, робитаҳои фарҳангию башардӯстона, иҷтимоию иқтисодӣ, илмию техникӣ ва ҳамкории ҳамаҷонибаи самарабахши байни ду кишвар ба манфиати мардуми тоҷику ӯзбек саҳми босазо гузоштаанд, бо мукофотҳои давлатии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуданд: Абдулло Орипов – Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Абдулазиз Комилов – вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо ордени «Исмоили Сомонӣ» дараҷаи II, Шавкат Ҳамроев –вазири хоҷагии оби Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо ордени «Шараф» дараҷаи I, Зокирҷон Алматов – мушовири вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Абдуваҳҳоб Воҳидов –раиси Маркази фарҳанги миллии тоҷики вилояти Самарқанд, Исмоил Ҷурабеков –мушовири вазири хоҷагии оби Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Тухтамиш Тухтаев –мудири шуъбаи рӯзномаи «Овози тоҷик» ва Таввакал Чориев–профессори кафедраи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии Бухоро бо «Ордени дӯстӣ». Ҳамчунин, барои саҳми арзанда дар таҳкими муносибатҳои фарҳангӣ Шералӣ Ҷураев –ҳофизи Муассисаи давлатии «Ӯзбекконсерт» ва Мавлуда Халилова – ходими калони илмии шуъбаи «Устод–шогирд мактаби»-и Маркази миллии ӯзбекии санъати мақоми Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо унвони фахрии «Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон» қадрдонӣ шуданд [6,с.1].

Дар доираи таҳкими ҳамкории мутақобилан судманди илмию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон 1–уми августи соли 2018 ҳайати беш аз панҷоҳнафараи фарҳангиёни тоҷик таҳти роҳбарии вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Шамсиддин Орунбекзода ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон сафар карданд. Аҳли илму фарҳангро дар гузаргоҳи сарҳадии «Ойбек»–и вилояти Тошканд таҳти роҳбарии муовини аввали вазири фарҳанги Ҷумҳурии Ӯзбекистон Озодбек Назарбеков ботантана пешвоз гирифтанд [2,с.4].

Бояд тазаккур дод, ки дар ҳайати баландпояи аҳли зиё ва фарҳанги Тоҷикистон, ҳамзамон раисони кумитаҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил буданд. Тибқи барнома, ҳайати Тоҷикистон аз мавзеъҳои тамошобоби шаҳри Тошканд –Маҷмааи таърихии «Ҳазрати Имом», Қасри форумҳои Ӯзбекистон ва «Хиёбони адибон» дидан карданд. Бояд қайд кард, ки сафари ҳайати бузурги Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба шарофати сиёсати дурандешона ва оқилонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дастгирии ҳамаҷонибаи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, муҳтарам Шавкат Мирзиёев имконпазир гардидааст. Сафари ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон боз як иқдоми амалӣ ва муҳим баҳри густариш ва таҳкими муносибатҳои анъанавии дӯстонаи халқҳои тоҷику ӯзбек гардид [2,с.4].

Дар ҳақиқат, баргузор шудани даҳаҳои адабиёт ва санъат миёни халқҳои тоҷику ӯзбек аз солҳои 50-уми асри XX ба ҳукми анъана даромада, якчанд маротиба рӯзҳои адабиёт ва санъати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор гардидаанд, ки онҳо дар таҳкими робитаҳои дӯстонаи халқҳои тоҷику ӯзбек нақши назаррас бозидаанд. Ба шарофати ҳусни тафоҳум ва назари некбинонаи ҳарду ҷониб ин анъана баъди якчанд даҳсола аз нав эҳё шуда, соли 2017 рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли 2018 рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар Ӯзбекистон доир гардиданд, ки аз ҷониби шаҳрвандони ҳарду кишвар ба хубӣ истиқбол гирифтанд [1,с.29]. Шоми 30 июни соли 2018 дар саҳнаи Театри

давлатии академии драмавии ба номи Абдулқосим Лоҳутӣ дар шаҳри Душанбе намоиши «Арӯси бесалиқа»–и Театри давлатии мусиқӣ–мазҳакавӣ ва драмавии ба номи Муҳаммад Муқимии шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон манзури тамошобинони саҳнаи театр гардид. Намоишномае, ки аз ҷониби ҳунарпешагони меҳмон рӯйи саҳна омад, аҳли толорро комилан тасхир намуд [12,с.7].

Ҳамчунин, Театри давлатии мусиқӣ–мазҳакавӣ ва драмавии ба номи Муҳаммад Муқимии Ӯзбекистон бо сафари ҳунарӣ ба шаҳри Бохтари вилояти Хатлон ташриф оварда, намоишномаи мазҳакавии «Арӯси бесалиқа»-ро пешниҳоди сокинони шаҳр карданд. Басаҳнагузорандаи намоишномаи мазҳакавӣ Нурулло Аббосхон буда, он доир ба муносибатҳои хушдомани шаҳрӣ ва келини деҳотӣ қисса мекунад. Бояд қайд намуд, ки сафари ҳунарии ҳайати театри мазкур дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон нахустин буда, аз 29 июн то 2 июл идома ёфт [17,с.2].

Гурӯҳи ҳунарии «Суғдиён» аз кишвари ба мо дӯсту ҳамсояи Ӯзбекистон ҳамроҳ бо гурӯҳи рақсии ТРИО дар Фестивали байналмилалии мусиқии «Боми ҷаҳон», ки дар он 180 нафар ҳунармандон аз Америка, Афғонистон, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки се рӯз давом кард, иштирок карданд. Гурӯҳи «Суғдиён» бори аввал дар ин фестивал ширкат варзида, бо рақсу таронаҳои зебои худ дили садҳо нафар аз тамошобинонро тасхир карданд. Яке аз ҳунармандони ин гурӯҳ Беҳзод Тураев гуфт, ки «воқеан истиқболи гарми тамошобинон моро ба ваҷд овард. Ҳақиқатан миллати тоҷик бисёр фарҳангдӯсту фарҳангпарвар будааст» [2,с.2].

Бояд гуфт, ки нақши тоҷикон ва ӯзбекон дар рушди санъати миллии ҳамдигар бағоят бузург мебошад. Ҳарду халқ ба «Шашмақом» умри дубора бахшидаанд. Тавассути фарзандони фарҳангпарвари тоҷику ӯзбек мусиқии «Шашмақом» рушд карда, дар ҳарду кишвар мақом ва ҷойгоҳи хос пайдо намудааст. Дастаҳои ҳунарии ду ҷумҳурии ҳамсоя ва инчунин, аҳли санъати тоҷику ӯзбек ҳамеша бо якдигар робитаҳои зичи ҳасана барпо намуда, аз мактабҳои ҳунарии ҳамдигар баҳраҳо гирифтаанд [1,с.29–30].

Ҳамин тавр, муносибатҳои дӯстӣ ва хешутабории ду халқи қадимии Осиёи Миёна - тоҷику ӯзбек таърихи дуру дароз дорад ва барои устувории он хизмати аҳли қаламии ҳарду халқ, махсусан Низомиддин Абдураҳмони Ҷомӣ ва Низомиддин Алишер Навоӣ хеле калон аст. Дар замони соҳибистиқлолӣ низ нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар барқарор ва таҳкими анъанаҳои неки дӯстии ду халқ–тоҷику ӯзбек хеле бузург аст.

**АДАБИЁТ**


1. Абдуҷаббор Раҳмонзода. Робитаҳои адабию фарҳанги халқҳои тоҷик ва ӯзбек. –Душанбе: Шарқи озод, 2018.–39 с.
2. Амин «Ховар». Одамон аз дӯстӣ ёбанд бахт… // Баҳори аҷам. –2018, 10 август .–№23 (462).
3. Гуфтушуниди ҳайатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон // Ҷумҳурият. - 16 феврали соли 2002. -№20 (20454).
4. Дипломатияи Тоҷикистон дирӯз ва имрӯз. -Душанбе: Ирфон,2009. –295 с.
5. Ифтитоҳи боғи «Низомиддин Алишер Навоӣ» дар шаҳри Душанбе // Мароми пойтахт. - 3 октябри соли 2018. -№ 37 (530).
6. Қадрдонии намояндагони Ӯзбекистон бо мукофотҳои давлатии Тоҷикистон // Садои мардум . - 1 сентябри соли 2018. -№ 107 (3901).
7. Мақсудов Мирзоаҳмад. Тоҷикистону Ӯзбекистон: гузаргоҳҳо дубора боз шуданд // Садои мардум. –2018, 6 март.–№ 29 (3823).
8. Мирзоев Н.М. Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар масири истиқлолият / Н. М. Мироев // Илм ва ҳаёт. – Душанбе, 2018.–№2. – С.1–5.
9. Марзи дилҳо боз шуд. Гузориш аз сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Ҷумҳурии Тоҷикистон // Молия ва ҳисобдорӣ. –Душанбе, 2018. -№3.–С.5–8.
10. Назриев. Д. Республика Таджикистан: История независимости год 1992 (хроника событий). Т. II. / Д. Назриев, И. Сатторов. –Душанбе, Ирфон. –732 с.
11. Назаров Талбак. Дипломатияи муосири тољик /Т. Назаров, А. Сатторзода. -Душанбе: Ирфон, 2006.–223с.
12. Намоишномаи Театри давлатии мусиқии Ӯзбекистон аҳли толорро тасхир намуд / Баҳори Аҷам. - 3 июли соли 2018. -№ 19 (458).
13. Оймаҳмадов Маҳмадамин. Равобити иқтисодии Тоҷикистону Ӯзбекистон: дирӯз, имрӯз ва фардо / М. Оймаҳмадов // Имрӯз News. –2018,5 март.– №33 (1607).
14. Робитаи дӯстонаи Тоҷикистону Ӯзбекистон // Имрӯз News. - 15 феврали соли 2018. -№21 (1595) .
15. Сафари давлати ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон // Ҷавонони Тоҷикистон. -23 августи соли 2018. -№ 34 (9564).
16. Фақат дӯстист, ки бувад ҷовидон! // Баҳори аҷам. -20 августи соли 2018. -№24 (463).
17. Ҳунари дӯстони ӯзбек ба бинандаҳои тоҷик ниҳоят хуш омад // Баҳори Аҷам. -16 июли соли 2018. -№ 20–21 (460).


## НАҚШИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР БАРҚАРОР НАМУДАНИ РОБИТАҲОИ ДӮСТИЮ ФАРҲАНГӢ БО ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН


Дар мақолаи мазкур оид ба робитаҳои дӯстию фарҳангӣ бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон сухан меравад. Муаллифон қайд менамоянд, ки агар ба таърих назар андозем, мебинем, ки решаҳои дӯстии халқҳои тоҷику

ӯзбек ба қаъри асрҳо рафта мерасад. То ба имрӯз ин ду халқ анъанаҳои неки дӯстиву бародариро пос медоранд. Суруду мусиқии онҳо низ бо ҳам монанд мебошанд. Ҳангоме ки оид ба дӯстии ин ду миллат сухан меравад, номи ду шахси бузург Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ ба хотир меояд. Дар ҳақиқат, ин ду адиб дар замони худ барои мардумонашон хидмати шоиста карда, ба хазинаи бекарони шеъру шоирӣ осори гаронбаҳоро ба мерос мондаанд. Аз асри XV инҷониб дӯстии ин ду бузургвор, ду ситораи дурахшони осмони илму адабиёт дар барқарор намудани робитаҳои дӯстии ин ду миллат такони бузург бахшидааст. Агар дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек таърихи тӯлонӣ дошта бошад ҳам, дар солҳои соҳибистиқлолӣ хеле густариш ёфта истодааст. Бо мақсади боз ҳам мустаҳкам шудани ин робитаҳо 4 январи соли 1993 «Аҳднома дар бораи дӯстии абадӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон» қабул гардид, ки аз 15 июни соли 2000 яке аз санадҳои муҳими байнидавлатӣ ба ҳисоб мераванд.Оғози фаъолияти сафорати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар шаҳри Душанбе дар моҳи июли соли 1998 умеду эътимодро ба таҳаввули робитаҳои байнидавлатӣ афзуд.

**Калидвожаҳо:** Тоҷикистон, Ӯзбекистон, президент, Эмомалӣ Раҳмон, Шавкат Мирзиёев, дӯстӣ, ҷумҳурӣ, робитаҳо, фарҳанг, санъат, созишнома, шаҳр, Душанбе, Тошканд.

## РОЛЬ ЭМОМАЛИ РАХМОНА В УСТАНОВЛЕНИИ ДРУЖЕСКИХ И КУЛЬТУРНЫХ ОТНОШЕНИЙ С РЕСПУБЛИКОЙ УЗБЕКИСТАН

В статье авторы рассматривают дружеские и культурные отношения между республикой Таджикистан и Республикой Узбекистан. Авторы отмечают, что если взглянуть на историю, то можно увидеть, что корны дружбы этих двух народов имеют очень глубокие корни. И до наших дней эти народы сохраняют традиции дружбы и братства. Их стихи и песни очень близки к друг другу. Когда мы говорим о дружбе таджикского и узбекского народов, нами вспоминается имена двух великих ихпредставителей этих народов – Алишер Наваи и Абдуррахман Джами. Действительно, эти два великих литератора в свое время внесли огромный вклад в литературную сокровищницу таджикско-узбекской литературы. С XV и до наших дней дружба этих двух великих представителей таджикско-узбекской литературы, двух ярких звезд литературного небосклона вносят свою важную лепту в установлении крепких и дружеских связей таджикского и узбекского народов. Если дужба наших народов и имеет глубокие корни, но в период независимости она приобрела еще большую силу. С целью укрепления этих отношений 4 января 1993 года был принят «Договор о вечной дружбе между республикой Таджикистан и Республикой Узбекистан», который с 15 июня 2000 года счиатется одним из важных межгосударственных актов.Начало деятельности Консульства Республики Узбекистан в городе Душанбе в июле месяце 1998 года еще большу углубило доверие к эволюции отношений между этими двумя государствами.

**Ключевые слова:** Таджикистан, Узбекистан, президент, Эмомали Рахмон, Шавкат Мирзияев, культура, искусство, Душанбе, Ташкент.

## ROLE OF RAKHMON EMOMALI IN ESTABLISHING FRIENDLY AND CULTURAL RELATIONS WITH THE REPUBLIC OF UZBEKISTAN

In the article, the authors consider the friendly and cultural relations between the Republic of Tajikistan and the Republic of Uzbekistan. The authors note that if you look at history, you can see that the roots of friendship of these two peoples have very deep roots. And to this day, these peoples maintain the traditions of friendship and fraternity. Their poems and songs are very close to each other. When we talk about the friendship of the Tajik and Uzbek peoples, we recall the names of two great representatives of these peoples - Alisher Navai and Abdurrahman Jami. Indeed, these two great writers at one time made a huge contribution to the literary treasury of Tajik-Uzbek literature. From XV to the present day, the friendship of these two great representatives of Tajik-Uzbek literature, two bright stars of the literary horizon make their important contribution to the establishment of strong and friendly ties between the Tajik and Uzbek peoples. If the arch of our peoples has deep roots, but during the period of independence, it acquired even greater power. In order to strengthen these relations, on January 4, 1993, the “Agreement on Eternal Friendship between the Republic of Tajikistan and the Republic of Uzbekistan” was adopted, which since June 15, 2000 has been considered one of the most important interstate acts. The start of the Consulate of the Republic of Uzbekistan in the city of Dushanbe in July 1998. deepened confidence in the evolution of relations between the two states.

**Keywords:** Tajikistan, Uzbekistan, president, Emomali Rahmon, Shavkat Mirziyaev, culture, art, Dushanbe, Tashkent.

**Сведения об авторах:** ***Имомалиева Р.М.*** – Таджикский государственный институт культуры и искусств им. Мирзо Турсунзаде, кафедра общественных наук, кандидат философских наук. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Борбада, 73 А. Телефон: **+992 93–866–56–79**

***Зубайдуллоев Саиджон*** **-** Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни, докторант исторического факультета. **Адрес:** 734003 Республика Таджикистан, г Душанбе, проспект Рудаки, 121. Телефон: **+992 988–12–90–78**

**Information about the authors:** ***Imomalieva R.M.*** **-** Tajik State Institute of Culture and Arts. Mirzo Tursunzade, Department of Social Sciences, candidate of philosophical sciences. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbada ave., 73 A. Phone: **+992 93–866–56–79**

***Zubaidulloev Saidgon***–Tajik State pedagogical University named after Sadriddin Aini–doctoral student of the historical faculty. **Adress:** 734003 Repudlic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Street 121 phonr: **+992 988–12–90–78**

УДК:930.85:61(575.3)

# АЗ ТАЪРИХИ ТАШКИЛЁБӢ ВА РУШДИ БОНКҲО ДАР ТОҶИКИСТОН

*Холназаров Ҷ.Ҳ., Алимов Д.Х.*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Бонк ташкилоти молиявиест, ки дар он эмиссияи пул, ҷалб намудани воситаҳои пулӣ, ба қарз додани маблағҳои озод ва назорат аз болои пул ба роҳ монда мешавад. Ба маънои дигараш бонк ташкилоти қарзӣ буда, дорои ҳуқуқи гузаронидани чунин амалиёт аст: ҷалб намудани амонат ва пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ва аз ҳисоби онҳо аз номи худ додани қарз, аз рӯйи усулҳои муздноқӣ, муҳлатнокӣ, баргардонидан дар вақтҳои муайяншуда, ифтитоҳ ва пешбурди ҳисобҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ва дигар амалиёте, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” омадааст [4].

Бонкҳо ихтирооти басо қадимии иқтисодианд. Бонкҳои аввалин дар Шарқи қадим ҳанӯз дар асрҳои VII-VI то мелод, вақте сатҳи некуаҳволии одамон ҷиҳати ҷамъоварии пасандозҳо имкониятҳо фароҳам овард, пайдо шуданд. Баъд ин иқдомотро Юнони қадим қабул кард. Ин ҷо маъбадҳои нисбатан маъмулу номӣ ба маҳфуз доштани пул дар вақти ҷангҳо шурӯъ карданд, зеро тарафҳои даргир ғорат кардани ҷойҳои муқаддасро раво намедонистанд [5,с.48].

Фаъолияти идораҳо оид ба иваз кардани пул ва дигар хизматрасониҳои бонкӣ дар маъбадҳо дар замони хеле қадим пайдо шуда, ҳама ба он одат карданд. Ҳанӯз дар Вавилони қадим (Бобулистон) ва Юнони қадим бо амалиёти бонкӣ машғул мешуданд ва бо ҳамин талаботи ҳаррӯзаи ҷомеаро ҷиҳати нигаҳдории боэътимодии пул ва қарз қонеъ гардонида, онҳоро барои муомилоти тиҷоратӣ ё эҳтиёҷоти шахсӣ истифода мекарданд. Дар хусуси то кадом андоза муҳим ва сазовори эътирофи умум будани ин эҳтиёҷот чунин далел шаҳодат медиҳад, ки хазинаи пул дар маъбади Аполлон (он ба қисмати ғарбии Юнон хизмат мекард) ҷойи муқаддаси умумимиллӣ маҳсуб мешуд [5,с.49].

Ҷойи гузаронидани амалиёт вобаста ба қабул кардан, нигаҳдорӣ ва табодули пулҳои давлатҳои сершумори қадимӣ мизи муқаррарии хӯрокхӯрӣ (бо забони юнонӣ – трапеза) буд ва бо ҳамин сабаб бонкдорони он замонро “трапезидҳо”, яъне хурокхӯрандагон низ меноманд. Бонкдорони Римро бошад, (аз калимаи лотинии - менса) “менсарҳо” ном мебурданд. Пайдоиши калимаи маъмули то замони мо расида, яъне калимаи бонк низ аз забони итолёвии banko гирифта шуда, маънояш миз мебошад [6,с.32].

Бонку бонкдорӣ дар ақсои ҷаҳон, аз ҷумла сарзамини таърихии тоҷикон низ, собиқаи ғанию тӯлонӣ дошта, вобаста ба сиёсати ҷории молиявии замона хизмати давлату аҳолиро ба сомон расонида, давраҳои гуногуни ташаккулу такомулро аз сар гузаронидааст. Бонкҳо дар ибтидо ба сифати дӯкону идораҳои хурде амал карда, танҳо амалиёти гуногуни пулиро анҷом медоданд. Баъдан ба корҳои саррофӣ амалиёти қарздиҳӣ зам шуда, боиси пайдоиши судхӯрӣ гардид, ки дар осори таърихӣ-бадеӣ муфассал инъикос ёфтааст. Мувофиқи маълумоти маъхазҳои хаттӣ ва ҳафриёти бостоншиносӣ, дар даврони тоисломӣ гузаштагони халқи тоҷик, аниқтараш шоҳони давлатҳои ориёитабор, бо мақсади ҳифозати пулу мол, ғаноими гаронбаҳои ҷангӣ, ҷамъовардаҳои молиётӣ ва ғанигардонии хазинаи давлатӣ худ аз анбор ва сандуқу хумбҳои хурду бузург истифода мебурданд, ки хазина, сандуқи давлат, ганҷина, махзан ва ғайра ном дошт [7,с.72].

Агарчи суннату низоми бонку бонкдории тоҷикӣ ба маънои имрӯзии он дар давраи исломӣ (то ибтидои асри XX) собиқае надорад, мусаллам аст, ки барои пешбурди анвои фаъолиятҳои иқтисодию молиявӣ қавонину муқаррароти хоссае вуҷуд доштаву дар мамолики пешрафтаи исломӣ пулҳои филизию қоғазӣ ва асноди тиҷоратӣ дар гардишу муомилот буданд.

Таърихи бонкдории имрӯза аз давраи инкишофи амалиёти бонкӣ дар асрҳои XIV-XVI дар шаҳрҳои Итолиёи Шимолӣ ва Ғазна сарчашма мегирад. Дар давоми дусад соли баъдина дар Аврупо, махсусан дар Амстердаму Лондон, бонкҳои бисёри тиҷоратӣ таъсис ёфтанд. Зинаи навбатии рушди низоми бонкдорӣ алоқаманди пайдоиши бонкҳои давлатист, ки нахустинашон Бонки Англия (с.1694) буда, густариши амалиёти бонкиро вусъат бахшид. Дар асри XIX бонкҳои дигари давлатӣ пайдо шуданд, ки Бонки давлатии Фаронса (с.1800 аз ҷониби Наполеони I), Бонки Австрия (с.1816), Бонки миллии Белгия (с.1825), Бонки миллии рус (с.1860), Бонки миллии Итолиё (с.1866) аз ҳамин қабил буда, ҳамкориро бо бонкҳои хусусӣ чунон ба роҳ монданд, ки дар соҳаи муносиботи иқтисодӣ ҳар яке мақоми хоссаи худро соҳиб гардид. Дар асри XIX ташкил ёфтани бонкҳои саҳомӣ инқилобе дар корҳои бонкӣ барпо намуд. Ин гуна бонкҳо на мутааллиқи шахсони алоҳида,

балки мансуби соҳибони саҳмия (пай)-ҳо буда, сабабгори зуд афзудани миқдори сармоя ва шумораи амалиёти бонкӣ гардиданд. Ҳамзамон, бонкҳои махсусгардонидашудае, монанди Бонки фурӯши лавҳаҳои Британия, Бонки савдои баҳрии Пруссия, Хазинаи ҳисоби Порис, муассисаҳои гуногуни қарздиҳандае, шабеҳи бонкҳои ипотекӣ, бонкҳои халқӣ, бонкҳои косибӣ, хазинаҳои қарзӣ, ломбардаҳо ба фаъолият оғоз намуда, мутобиқи амалиёти мегузаронидаашон ба бонкҳои эмиссионӣ, депозитӣ ва чекӣ ҷудо шуданд. Дар ибтидои асри XIX Лондон ба сифати маркази асосии молияи ҷаҳон ҷойи Амстердамро гирифта, то саршавии Ҷанги якуми ҷаҳон (с.1914) ба туфайли рушди бонкҳои тиҷоратӣ таъсираш дар ҳоли афзоиш буд [7,с.72].

Дар таърихи 12 ноябри (30 октябр бо солшумории куҳан) соли 1841 бо фармони императори Россия Николайи I аввалин Хазинаи амонатӣ дар Россияи подшоҳӣ кушода шуд. Нимаи дуюми асри XIX Россия Осиёи Миёнаро забт кард ва аморату хонигариҳои Осиёи Миёна тобеи Россияи подшоҳӣ гаштанд. Бо фарогирии дигар соҳоти ин марзу бум ҳукумати Россия дар қаламрави Осиёи Миёна намояндагӣ ва бахшҳои ташкилотҳои молиявияшро мекушояд, ки дар баробари дигар бонкҳо хазинаҳои амонатгузорӣ низ буданд. Моҳи марти соли 1885 дар шаҳри Хуҷанд аввалин Хазинаи амонатгузорӣ дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза ба фаъолият оғоз намуд. Ин сана ҳамчун санаи ташкилёбии яке аз бонкҳои бонуфузи Тоҷикистон, Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" қабул гашта, ҳамзамон ҳамчун оғози фаъолияти соҳаи бонкдорӣ дар таърихи ин кишвар қайд гардидааст. Нахустин Хазинаи амонатгузорӣ, тибқи асноди таърихӣ, дорои 208 нафар мизоҷ, ки 7 нафарашон аз сокинони шаҳрӣ ва боқӣ 201 нафарашон мардуми деҳотӣ буд. Маблағи умумии хазинаи мазкур 6500 рубли Россияи подшоҳиро ташкил дода, дар оғоз ба миқдори аз 25 то 50 рубл қарзҳо ба мизоҷон пешниҳод мекарданд. Солҳои 90-уми асри XIX чунин хазинаҳо дар марказҳои аҳолинишини Уротеппа (Истаравшан), Хуҷанд, Исфара, Нов (Спитамен), Ғончӣ ва дигар мавзеъҳои Тоҷикистони имрӯза ба фаъолият пардохтанд. Соли 1900 хазинаҳои мазкур муттаҳид гардонида шуда, Хазинаи давлатии амонатгузорӣ номгузорӣ шуданд.

Табаддулоти болшевикии соли 1917 ҳукумати Россияи подшоҳӣ ва соли 1920 Аморати Бухороро пайи ҳам барҳам зад. Ҷойи ин давлатҳо кишваре бо сохти иқтисодӣ ва сиёсати тамоман ҷадид рӯйи саҳна омад. Сохти сотсиалистии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва диктатураи пролетариат, ки бо таълимоти назариячиёни машҳури ҳаракатҳои сотсиал-демократӣ ва коммунистӣ мусаллаҳ гашта буд, дар ҷаҳон давлатеро бо номи Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ (СССР) ба миён овард. Дар қатори дигар декретҳои қабулнамудаи давлати мазкур Декрет "Оид ба милликунонии бонкҳо" (27.10.1917) аз аввалин санадҳое буд, ки тибқи он хазинаҳои амонатгузорӣ дар радифи дигар бонкҳо фаъолияти худро дар сохт ва сиёсати нав идома медоданд [10].

Баъди пирӯзии Инқилоби Октябр низоми бонкии Федератсияи Россия ва Иттиҳоди Шӯравӣ бо тағйироти ҷиддие мувоҷеҳ гардида, дар ниҳояти кор баргузории тамоми амалиёти пулию молии дохил ва хориҷи мамлакатро се бонки асосӣ: Бонки давлатии ИҶШС, Бонки сохтмон, Бонки савдои хориҷӣ ва кассаҳои давлатии захираҳои меҳнатӣ дар ихтиёр доштанд, ки соҳиби «нусхаҳо»-и мувофиқе дар таршкилотҳои зертобеи сохтори давлат, монанди ҷумҳурию кишвару округу вилоятҳои мустақилу мухтор, аз ҷумла Тоҷикистон буда, кулли фаъолияташон аз марказ идораву назорат ва раҳнамоию баҳогузорӣ карда мешуд [7,с.73].

Низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, баъд аз таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (с.1924) оғоз ёфт. Нахустин муассисаи бонкии Тоҷикистон – намояндагии Бонки давлатии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравӣ Сотсиалистӣ (ИҶШС) дар шаҳри Душанбе моҳи июни соли 1925 ташкил гардид, ки ба идораи дар Осиёи Миёна будаи Бонки давлатии ИҶШС дар шаҳри Тошканд тобеъ буд. Моҳи декабри ҳамон сол намояндагии Бонки давлатии ИҶШС дар шаҳри Душанбе ба Идораи Бонки давлатии ИҶШС дар ш. Душанбе табдил дода шуд [9].

Моҳи октябри соли 1934 Идораи Бонки давлатии ИҶШС дар шаҳри Душанбе ба тобеияти бевоситаи Бонки давлатии ИҶШС гузашт ва ба худ номи Идораи Тоҷикистонии Бонки давлатии ИҶШС-ро гирифт. Соли 1935 бо 24 бахш (филиал) ба корхонаю шахсони ҷудогона хизмати бонкӣ мерасонд. Бахшҳои Бонки давлатӣ дар ноҳияҳои зерин фаъолият менамуданд: Қӯрғонтеппа (Бохтар), Кӯлоб, Ғарм (Рашт), Панҷакент, Хуҷанд, Уротеппа (Истаравшан), Конибодом, Хоруғ, Исфара, Обигарм (Роғун), Бауманобод (Панҷ), Шаҳринав, Янгибозор (Ваҳдат), Ҷиликӯл (Дӯстӣ), Куйбишев (А. Ҷомӣ), Шаҳритус, Муъминобод, Кангурт (Темурмалик), Фархор, Нов (Спитамен), Ашт, Кагановичобод (Ҷ.

Балхӣ), Куктош (Рӯдакӣ), Ҳисор. Дар соли 1942 филиалҳои Бонки давлатӣ то ба 42 ва дар соли 1987 бошад, ба 59 расонида шуданд [8].

Аз соли 1959 то соли 1987 дар ҷумҳурӣ асосан се бонк – Идораи Ҷумҳуриявии Бонки давлатии ИҶШС, Идораи Ҷумҳуриявии Бонки сохтмонии ИҶШС ва Бонки амонатгузорӣ фаъолият мекарданд. Соли 1987 дар асоси қарори Комитети Марказии Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ ва Шӯрои Вазирони ИҶШС таҳти № 821 аз 17 июли соли 1987 ислоҳоти бонкӣ гузаронида шуд ва дар асоси ин қарор системаи бонкии зерин таъсис дода шуд:

1. Бонки давлатии ИҶШС;
2. Бонки фаъолияти иқтисодии хориҷии ИҶШС;
3. Бонки саноату сохтмони ИҶШС;
4. Бонки агросаноатии ИҶШС;
5. Бонки хоҷагии манзилу коммуналӣ ва рушди иҷтимоии ИҶШС;
6. Бонки амонатгузорӣ ва қарздиҳӣ ба аҳолии ИҶШС.

Бо қарори Шӯрои Вазирони ИҶШС таҳти №1118 аз 6 октябри соли 1987 муқаррар карда шуд, ки дар ҷумҳуриҳо, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон, бонкҳои ҷумҳуриявии зерин таъсис дода шаванд:

1. Идораи Ҷумҳуриявии Бонки давлатии ИҶШС;
2. Идораи Ҷумҳуриявии Бонки саноату сохтмонии ИҶШС;
3. Идораи Ҷумҳуриявии Бонки рушди манзилию иҷтимоии ИҶШС;
4. Идораи Ҷумҳуриявии Бонки амонатгузории ИҶШС.

Дар ин давра Бонки давлатии ИҶШС низоми пулию қарзиро тавассути идораҳои дар ҷумухриҳо мавҷудбудаи худ ҷорӣ намуда, сиёсати ягонаи пулию қарзии мамлакатро ба роҳ мемонд, фаъолияти дигар бонкҳоро танзим ва идора мекард [3,с.82-83].

Баъдтар, яъне соли 1991 Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон” бо қарори худ аз 28 июни соли 1991 таҳти №332 дар асоси Идораи тоҷикистонии ҷумҳуриявии ИҶШС, Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъсис дод. Баъдан, дар асоси таҳрири нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мувофиқи Қарои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 1996 таҳти №384 номи Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Бонки миллии Тоҷикистон табдил дода шуд. Ҳоло Бонки миллии Тоҷикистон ба сифати бонки марказӣ фаъолият намуда, сиёсати пулию қарзӣ ва асъории мамлакатро бо супориши Ҳукумат тартиб медиҳад, талаботҳои онро амалӣ мегардонад ва фаъолияти бонкҳои тиҷоратиро танзим менамояд [2,с.258].

Ташкили низоми бонкии ҳозиразамон аз ду зина иборат аст: бонки давлатӣ (бонки миллӣ ё марказӣ) ва бонкҳои тиҷоративу ташкилотҳои ғайрибонкӣ. Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Бонки миллӣ ҳамчун бонки давлативу асосӣ (марказӣ) ва шумораи зиёди бонкҳои тиҷоративу ташкилотҳои ғайрибонкӣ амал менамоянд. Таркиби низоми бонкии ҷумҳурӣ чунин аст:

**Нақшаи 1. Таркиби низоми бонкӣ**




Ҳар як давлати мустақил, ки бо роҳи иқтисоди бозоргонӣ пеш меравад бояд низоми инкишофёфтаи бонкӣ дошта бошад. Дар асоси сохти низоми бонкии мамлакат таркиби низоми қарзии ҷумҳуриро бо шакли зерин тасвир менамоем:

**Нақшаи 2. Таркиби низоми қарзӣ**



То 1 - октябри соли 2008 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 бонк, 7 ҷамъияти қарздиҳӣ, 1 ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ ва 88 ташкилоти маблағгузории хурд фаъолият мекарданд. Дар муқоиса ба 1 январи соли 2008 шумораи бонкҳо ба 1 адад (ҶСП "Казкоммертсбонк Тоҷикистон") ва шумораи ташкилотҳои маблағгузории хурд ба 19 адад зиёд шудаанд. Афзоиши шумораи ташкилотҳои маблағгузории хурд аз ҳисоби ба 4 адад зиёд гардидани шумораи ташкилотҳои амонатии қарзии хурд (ҶСП ТАКХ "АМЛОК", ҶСП ТАКХ "БУНЁДИ ҶАМ", ҶСП ТАКХ "НИСОР ФОМ", ҶСП ТАКХ "Спитамен капитал"), ба 11 адад зиёд шудани шумораи ташкилотҳои қарзии хурд (ҶММ ТҚХ "ФЕРМЕР", ҶММ ТҚХ Микрозаёмная организация Саодат Инвест"", ҶММ ТҚХ "Имон Интернешнл", ҶММ ТҚХ "Ренессанс – кредит", ҶСП ТҚХ "Дурнамои деҳоти Рӯдакӣ", ҶСП ТҚХ "Субҳи Урметан", ҶММ ТҚХ "Хубҷамъ", ҶММ ТҚХ "Арзиш", ҶММ ТҚХ "Ҳасан – Инвест", ҶММ ТҚХ "Гранд - Кредит" ва ҶММ ТҚХ "Рушди Занон") ва ба 4 адад зиёд шудани шумораи фондҳои қарзии хурд (аз ҳисоби ФҚХ "Қуллаи Умед", ФҚХ "Нушор", ФҚХ "Мақсади дастгирӣ" ва ФҚХ "Кулчашма") ба амал омадааст.

То 1 октябри соли 2008 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон - 152 филиал ва 70 шуъбаи ташкилотҳои қарзӣ амал мекарданд, ки дар муқоиса бо 1 январи соли 2008 ин рақамҳо ба 3 адад зиёд шудаанд. Афзоиш аз ҳисоби кушода шудани филиалҳои ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" дар ноҳияи Синои ш. Душанбе ва дар ш. Панҷакент ва кушода шудани шуъбаи БДА ҶТ "Амонатбонк" дар ноҳияи И. Сомонии ш. Душанбе ба амал омадааст [1,с.48-50].

Хулоса, бонк яке аз категорияҳои муҳимми иқтисодӣ ба шумор рафта, дар шароити иқтисоди бозорӣ бидуни истифодаи он амал карданғайри имкон аст. Зарурияти бонк ва таъсиси он дар иқтисодиёт аз он иборат аст, ки муомилотро бо маблағҳои пулӣ таъмин менамояд, низоми пулии кишварро ба миён меорад ва дар беҳтар намудан ва ривоҷ ёфтани пардохтҳои пулӣ байни субъектҳои хоҷагидорӣ нақши муҳимро мебозад ва бонк ухдадор аст самаранокии ин пардохтҳоро таъмин намояд. Бонкҳо дар шароити фаъолияти иқтисодӣ ва гузариш ба сохтори бозорӣ нақши муҳим ва пешбарандаи иқтисодиро иҷро мекунанд. Низоми бонкии Тоҷикистон дар заминаи шабакаи бонкии замони шӯравӣ ташкил карда шуд ва дар солҳои истиқлолият зина ба зина тараққӣ карда, имрӯзҳо яке аз соҳаҳои аҳмиятнок ва зудруштёбандаи иқтисодиёти кишвар маҳсуб мегардад.

## АДАБИЁТ


1. Ашӯров Ғ.Д. Баҳисобгирии амалиёт дар бонкҳои тиҷоратӣ. Дастури таълимӣ / Ғ.Д. Ашӯров, Ш.Ҳ. Азизмуродов. – Душанбе: Комбинати полиграфии ш. Душанбе, 2009. – 305 с.
2. Ашӯров Н. Пул. Қарз. Бонк / Н. Ашӯров, И. Донахонов, М. Ашӯров, Х. Маҳмадкаримов, Ш. Хайров. – Душанбе: Матбуот, 2011. – 336 с.
3. Иброҳимов И.Р. Муомилоти пул, қарз ва бонк: васоити таълимӣ / И.Р. Иброҳимов, М.А. Ниёзов. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 288 с.
4. Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ». 19 майи соли 2009, №524 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2009. – №5. Санаи мурочиат 1.11.2019.
5. Мирбобоев Р. Асосҳои иқтисодиёт. Китоби дарсӣ барои синфи 11-ум / Р. Мирбобоев, М. Саидмуродова, Ф. Убайдов, И. Хоркашов, Д. Фозилхонов, М. Имомназаров. – Душанбе: Собириён, 2015. – 192 с.
6. Хонҷонов А. Фаъолияти бонкӣ / А. Хонҷонов. – Душанбе, 2010. – 392 с.
7. Энсиклопедияи миллии тоҷик. Ҷ.3. -Душанбе: Муассисаи давлатии Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик. –676 с.
8. [Захираи электронӣ]. durahshon.tj. Санаи мурочиат 22.10.2019.
9. [Захираи электронӣ]. http://www.infopage.tj. Санаи мурочиат 1.11.2019.
10. [Захираи электронӣ]. www.amonatbonk.tj. Санаи мурочиат 4.03.2019.


## АЗ ТАЪРИХИ ТАШКИЛЁБӢ ВА РУШДИ БОНКҲО ДАР ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи мазкур дар бораи таърихи пайдоиш ва инкишофи бонкҳо дар Тоҷикистон дар асоси сарчашмаҳои дақиқ маълумот дода шудааст. Бонку бонкдорӣ дар ақсои ҷаҳон, аз ҷумла сарзамини таърихии тоҷикон низ собиқаи ғанию тӯлонӣ дошта, вобаста ба сиёсати ҷории молиявии замона хизмати давлату аҳолиро ба сомон расонида, давраҳои гуногуни ташаккулу такомулро аз сар гузаронидааст. Мувофиқи маълумоти маъхазҳои хаттӣ, гузаштагони халқи тоҷик, бо мақсади ҳифозати пулу мол аз анбор ва сандуқу хумбҳои хурду бузург истифода мебурданд, ки хазина, сандуқи давлат, ганҷина, махзан ва ғайра ном доштанд. Қайд карда мешавад, ки соли 1885 дар шаҳри Хуҷанд аввалин Хазинаи амонатгузорӣ дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза ба фаъолият оғоз намуд, ки ин сана ҳамчун санаи ташкилёбии яке аз бонкҳои бонуфузи Тоҷикистон, Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" қабул гашта, ҳамзамон ҳамчун оғози фаъолияти соҳаи бонкдорӣ дар таърихи ин кишвар қайд гардидааст. Ҳамчунин, пас аз ташкил ёфтани Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон низоми бонкӣ таъсис ёфт, ки нахустин муассисаи бонкии он намояндагии Бонки давлатии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравӣ Сотсиалистӣ (ИҶШС) дар шаҳри Душанбе соли 1925 ба шумор мерафт, ки ба идораи дар Осиёи Миёна будаи Бонки давлатии ИҶШС дар шаҳри Тошканд тобеъ буд. Муаллифон ба чунин хулоса омаданд, ки пас аз соҳибистиқлол гардидан дар асоси Идораи тоҷикистонии ҷумҳуриявии ИҶШС, Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки ҳоло Бонки миллии Тоҷикистон ба сифати бонки марказӣ фаъолият намуда, сиёсати

пулию қарзӣ ва асъории мамлакатро бо супориши Ҳукумат тартиб медиҳад, талаботҳои онро амалӣ мегардонад ва фаъолияти бонкҳои тиҷоратиро танзим менамояд.
**Калидвожаҳо:** бонк, пул, қарз, иқтисоди бозорӣ, Бонки миллии Тоҷикистон, ташкилотҳои ғайрибонкӣ, ҷамъияти саҳомии пӯшида.

**ИЗ ИСТОРИИ СОЗДАНИЯ И РАЗВИТИЯ БАНКОВ В ТАДЖИКИСТАНЕ**

В данной статье авторы на основе достоверных источников исследуют проблему истории создания и развития банков в Таджикистане. Банки и банковские дела в мире, также на исторической родине таджиков, имеют очень глубокую историю. На основе письменных первоисточников предки таджиков для сохранения денег и других драгоценных товаров использовали огромные сундуки, крупные кувшины и их называли государственной казна, сокровишница, касса. Отмечается, что в 1885 г. в Худжанде был образована первая сберегательная казна, которая после стала первым государственном сберегательном банком РТ «Амонатбанк». Также после образования Таджикской АССР появились новые виды банков, в том числе Государственный банк СССР в г. Душанбе в 1925 г., который подчинялся филиалу Среднеазиатского Госбанка СССР в г. Ташкенте. Авторы пришли к такому выводу, что после приобретения независимости на основе республиканского Госбанка СССР был образован Национальный банк Таджикистана, как центральный банк республики, проводящий денежно-кредитную политику, также по поручению правительства республики он формирует национальную валюту, реализует его требования на практике и регулирует деятельность торговых банков.
**Ключевые слова:** банк, деньги, кредит, рыночная экономика, Национальный банк Таджикистана, небанковские организации, закрытые акционерные общества.

**FROM HISTORY CREATION AND DEVELOPMENT OF BANKS IN TAJIKISTAN**

In this article the author on the basis of reliable sources investigates the problem of creation and development of banks in Tajikistan. Banks and banking in the world, also in the historical homeland of Tajiks has a very deep history, where over time served the state and citizens. On the basis of written primary sources ancestors of Tajiks for storage of money and other precious goods used huge chests, large jugs and them called the state Treasury, treasure chest, cash Desk. It is noted that in 1885 the first savings Treasury was formed in Khujand, which later became the first state savings Bank of the Republic of Tatarstan "Amonatbank". Also, after the formation of the Tajik ASSR, new types of banks appeared, including The state Bank of the USSR in Dushanbe in 1925, which was subordinated to the branch of the Central Asian state Bank of the USSR in Tashkent. The author came to the conclusion that after gaining independence on the basis of the Republican state Bank of the USSR, the national Bank of Tajikistan was formed as the Central Bank of the Republic, conducting monetary policy, also on behalf of the government of the Republic forms the national currency, implements its requirement in practice and regulates the activities of commercial banks.
**Key words**: Bank, money, credit, market economy, national Bank of Tajikistan, non-Bank organizations, closed joint stock company.

**Сведения об авторах**: ***Холназаров Джурабек Хакназарович*** - Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, соискатель кафедры всеобщей истории. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, Хатлонская область, г. Бохтар, ул. Айни, 67. Телефон: **900-70-14-70**
***Алимов Давлатали Халилович*** – Бохтарский государственный университет им. Носира Хусрава, кандидат исторических наук, доцент, заведующий кафедрой всеобщей истории. Адрес: 735140, Республика Таджикистан, Хатлонская область, г. Бохтар, ул. Айни, 67, E-mail: **adavlatali@mail.ru**. Телефон: **919-36-35-44**

**The information about the authors**: ***Xolnazarov Jurabek Haknazarova*** - Bokhtar state University of Nosir state University, applicant of the chair of General history. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Bokhtar, Aini str., 67. Phone: **900-70-14-70**
***Alimov Davlatali Khalilovich*** -Bokhtar state University. Nasir state University, candidate of historical Sciences, associate Professor, head of chair of General history. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Bokhtar, Aini str., 67. E-mail: **adavlatali@mail.ru**. Phone**: 919-36-35-44**

**УДК: 930:338 (091) (575.3)**

# РОҒУН - КАФИЛИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР

***Ибодуллозода А.Х.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Баъди ба даст даровардани истиқлолияти давлатӣ сиёсати энергетикӣ яке аз самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин гардид. Таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи татбиқи ин ҳадафи стратегӣ як қатор чораҳои муҳим андешида шуд. Яке аз иқдомҳои наҷибе, ки дар пиёдагардии ин ҳадафи мубрам аз ҷониби Пешвои миллат ва миллати пуршарафи тоҷик роҳандозӣ гардид ин бунёди бузургтарин иншооти аср, НБО Роғун мебошад [1]. Қайд кардан бамаврид аст, ки сохтмони НБО-и Роғун таърихи беш аз 80-сола дорад. Нақшаи сохтмони он ҳанӯз дар давраи мавҷудияти собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ солҳои 30-юм - 50-ум асри XX таҳия гардида буд. Дар соли 1931 экспедитсияи махсусе аз тарафи марказҳои илмӣ-тадқиқотии Москва,

Ленинград ва Тошканд доир ба омӯзиши захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон ташкил дода шуда буд. Ин экспедитсия дарёҳои хурду бузурги дар Тоҷикистон будаԋ, аз ҷумла дарёи Вахшро омӯхта, худи ҳамон сол харитаи гидроэнергетикии Тоҷикистонро тартиб дод.

Соли 1933 дар шаҳри Ленинград ҷамъомади умумииттифоқӣ оид ба омӯзиши қувваҳои истеҳсолкунандаи давлатҳои узви Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар ин ҷамъомади илмӣ натиҷаҳои кори экспедитсияҳо ҷамъбаст гардида, дар он доир ба захираҳои бузурги гидроэнергетикии Тоҷикистон фикру андешаҳо баён гардиданд.

Дар асоси пажӯҳиши захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон моҳи марти соли 1931 мутахассисон ба минтақаи Роғун омада, мавзеи ҷойгиршавии неругоҳ Сичроғ (ҳозира ҷойи сохтмони Роғун)-ро муайян намуданд [2]. Баъдан соли 1972 лоиҳаи Маҷмаи гидроэнергетики Роғун аз ҷиҳати воситаҳои техникӣ ва иқтисодӣ асоснок гардида, таҳияи он аз тарафи шуъбаи Институти илмӣ-таҳқиқотии «Гидропроект»-и ИҶШС, ки дар шаҳри Тошканд қарор дошт, пурра таҳия гардид. Дар Вазорати энергетикаи ИҶШС дар ҳузури намояндагони ваколатдори тамоми ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна мавриди омӯзиш ва муҳокима қарор гирифт. Аз тарафи комиссияи давлатии иқтисодии Госплани ИҶШС ба хушнудӣ пазируфта шуд [3].

Ҳамин тавр, халқи тоҷик бо дастгирии тамоми халқҳои Иттиҳоди Шӯравӣ омодагиро ба бунёди сохтмони НБО-и Роғун медиданд. Дар пеши мутахассисон ва кормандони НОБ-и Норак вазифа гузошта шуд, ки баъди ба анҷом расидани кор дар неругоҳи мазкур тамоми таҷҳизотҳо ба бунёди НОБ-и Роғун сафарбар карда шаванд.

27 сентябри соли1976 аввалин ҷаласа доир ба бунёди ин неругоҳ дар худи шаҳри Роғун баргузор гардид. Дар он котиби якуми КМҲК Тоҷикистон Ҷаббор Расулов суханронӣ намуда, моҳияти қарори Анҷумани XXIV КМҲК роҷеъ ба сохтмони Маҷмааи гидроэнергетикии Роғун дар Тоҷикистонро баён кард. Мавсуф оғози бунёд гардидани ин иншооти бузургро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мардуми тоҷик ва рушди ИҶШС фоли нек донист.

Президиуми Шӯрои Олии РСС Тоҷикистон 25 декабри соли 1986 дар бораи таъсиси кумитаи ташкилии шаҳри Роғун қарори дахлдор қабул кард. Дар ҷаласаи аввалини ин комиссия, ки моҳи апрели соли 1987 баргузор гардид, собиқ раиси ҳукумати шаҳри Норак Яҳё Мирфозилов раиси ин кумита интихоб гардид. 16 майи соли 1987 конференсияи нахустини ҳизбии шаҳр баргузор шуд. А.Я.Суриков - котиби якум, А. Шарофиддинов - котиби дуюм ва З. Насрикова - котиби хизб (хизби коммунист) интихоб шуданд [4].

Дар фосилаи солҳои 1976-1988 қисми зиёди корҳо барои ба кор андохтани ду агрегати НБО-и Роғун, ки як миллиону дусад ҳазор кВт-ро ташкил медод, анҷом дода шуда буданд.

Мутаассифона, воқеаи охири солҳои 80-ум, ки дар давлати Шӯравӣ ба амал омаданд ва дар саҳифаҳои таърих бо номи «Босозӣ» ё «Барномаи Горбачёвӣ» сабт гардидааст, ба бунёди ин иншооти тақдирсоз монеа эҷод намуд.

Бояд қайд намуд, ки дар солҳои 1992-1997 авзои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон нооором гардид. Дар фосилаи солҳои мазкур Тоҷикистони тозаистиқлолро ҷанги шаҳрвандӣ фаро гирифт. Ҷанги шаҳрванди баамаломада ба ҳама соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ таъсири манфии худро расонид. Бузургтарин корхонаҳои истеҳсолии кишвар аз ҷониби гурӯҳҳои манфиатдор ғорат гардида, молу амволи онҳо ба яғмо бурда шуданд. Аксарияти манбаъҳои даромади ҷумҳурӣ несту нобуд гардиданд. Дар баробари дигар корхонаҳои истеҳсолии хурду бузург ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар бунёди НБО-и Роғун садди роҳ гардид [5].

Хушбахтона, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар такя бо миллати пуршарафи тоҷик бунёд гардидани ин иншооти бузургро дар таъмини истиқлолияти энергетикӣ як аз вазифаҳои асосии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муаррифӣ намуд. Ҳукумати Тоҷикистон, махсусан Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон новобаста аз вазъи мушкили иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар масъулияти басо сангинро ба дӯш гирифта, дар назди худ мақсад гузошт, ки сохтмони НБО-и Роғун бояд аз нав эҳё карда шавад.

16 октябри соли 2004 ба Тоҷикистон Президенти Федератсияи Россия В. В. Путин ташриф овард ва бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон доир ба давом додани сохтмони НБО-и Роғун ба мувофиқа расиданд [6].

Эҳё ва бунёди сохтмонҳои нотамоми энергетикӣ дар мадди назари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Масъалаҳои мазкур дар вохӯриву гуфтушунидҳо мавриди баррасӣ қарор грифта, созишномаҳои зарурӣ ба имзо

мерасиданд. Вохӯриҳои Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Федератсияи Россия В. В. Путин, ки дар санаи 16 октябри соли 2004 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, дар бунёди неругоҳҳои Сангтуда ва Роғун марҳилаи нав кушод.

Мувофиқи созишнома байни Ҳукумати Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Русский алюминий» дар низомномаи хазинаи Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Роғун» 550 миллион доллари ИМА маблағгузорӣ намуд.

Соли 2004 барои аз нав оғоз намудани сохтмониНБО-и Роғун байни ширкати «РусАл»-и Федератсияи Россия ва Вазорати энергетикаи Тоҷикистон шартнома ба имзо расонида шуд. Вазири иқтисоди Россия В. Христенко ва сардори ширкати «РусАл» О. Дерипаска ба аз нав сар кардани корҳои сохтмони НБО-и Роғун оғоз бахшиданд. Мутаассифона, дар солҳои минбаъда бо дахолати Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов қисматҳои шартномаи имзошуда тағйир ёфтанд. Баланди сарбанди иншооти мазкур на аз рӯйи хоҳиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки аз рӯйи хохиш Ҷумҳурии Ӯзбекистон бояд сохта мешуд. Бинобар ин, моҳи августи соли 2007 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷониба ин созишномаро пурра бекор кард [7].

Моҳи январи соли 2010 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оид ба сохтмони НБО-и Роғун аз ҷониби худи мардуми тоҷик ба мардуми тоҷик муроҷиат намуд. Муроҷиати Эмомалӣ Раҳмонро тамоми мардуми тоҷик якдилона дастггирӣ намуд. Дар як муддати кӯтоҳ бештар аз 900 миллион сомонӣ саҳмияҳои НБО-и Роғунро харидорӣ карданд. Дар навбати худ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон худи ҳамон сол аз буҷаи давлатӣ 650 миллион сомонӣ ҷудо кард.

Ҷамъияти саҳомии «Роғунсоз» аз соли 2004 то соли 2009 як қатор корҳои заруриро ба сомон расонид. Аз ҷумла, дар солҳои 2008-2009 аз давлатҳои Россия, Ҷумҳурии Белорус, Хитой як қатор техника ва таҷҳизоти техникӣ хардорӣ намуд.

Соли 2010 дар сохтмони НБО-и Роғун соли таърихӣ ва хотирмон буд. Зеро, бузургтарин корҳои лозимӣ дар ин иншооти тақдирсози аҳаммияти бузурги миллӣ ва минтақавӣ дошта ба сомон расонида шуданд. Масъалаи бунёди НБО-и Роғун акнун на танҳо масъалаи дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки ба масъалаи сатҳи минтақа ва ҷаҳон табдил ёфт. Давлатҳои поёноб дар мисоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бунёди НБО-и Роғун мухолиф баромаданд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси арзу шикоятҳои давлати ҳамсоя оиди сохтмони НБО и Роғун ба Бонки ҷахонӣ оиди ташкил ва гузаронидани ташхиси техникӣ муроҷиат кард.

Бонки Ҷаҳонӣ тамоми таклифҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба назар гирифта, комиссияи махсуси коршиносони холисро, аз ҷумлаи мутахассисони давлатҳои Фаронса, Италия, Британияи Кабир ва Швейтсария ташкил намуд. Комиссияи мазкур моҳҳои феврал ва марти соли 2011 ба кор шурӯъ намуд ва дар муҳлати муайян бояд хулосаи худро доир ба заррар ва фоидаи ин неругоҳи бузург пешкаши аҳли ҷомеа мегардонид. Мутаассифона, бо сабабҳои номаълум ин комиссия натиҷаи кори худро дар вақти зарурӣ пешниҳод накард. Қавл доданд, ки дар моҳи феврали соли 2013 натичаи таҳлили техникию экологӣ ва иҷтимоии кори анҷомдодаи комиссияро пешкаши аҳли ҷомеа мегардонанд.

Тобистони соли 2011 натиҷаҳои давраи аввали ташхис аз ҷониби кормандони Бонки Ҷаҳонӣ ба анҷом расид. Аз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват кард, ки аз давраи аввали сохтмони ин неругоҳ, ки сохтмони садди 120-метриро дар назар дорад, худдорӣ кунад. Натиҷаи аввали ин таҳлил ин будааст, ки Тоҷикистон бояд дар баландии бештар аз 1100 метр аз сатҳи баҳр сохтмони марҳилаи аввали «Роғун»-ро бо обанбори баланди- 120 метр шурӯъ накунад. Мото Кениши раиси минтақавии Бонки Ҷаҳонӣ ошкоро иброз намуд, ки Бонки Ҷаҳонӣ ба ин натиҷа розӣ аст.

Тоҷикистон умедвор буд, ки Бонки Ҷаҳонӣ барои оғози корҳои сарбандӣ дар зимистони соли 2012 ризоят медиҳад. Вазорати энергетика ва саноати Тоҷикистон эълон дошт, барои оғози корҳои сохтмонии сарбанди баландиаш 120 метр ва насби ду агрегати 400 мВт ҳама корҳо омодаанд. Тоҷикистон тамоми имконотро дар ихтиёр дорад, вале онҳо ҳоло хулосаи экспертизаи Бонки Ҷаҳониро интизоранд [8].

Точикистон дар охири моҳи ноябри соли 2012 сохтмони нақби обгузари неругоҳи Роғунро ба анҷом расонид, ки ин барои бастани садди обанбори Роғун шароит фароҳам овард. Бонки Ҷаҳонӣ Тоҷикистонро дар тобистони соли 2012 ҳатто водор кард, ки аз идомаи корҳои баркарорсозӣ даст кашад. Бонки Ҷаҳонӣ аз идомаи корҳои баркарорсозӣ худдорӣ кард ва давлати Тоҷикистон бо дархости ин муассиса шароит барои ташхиси комили маҳалли сохтмони неругоҳи Роғунро фароҳам кард ва дар соли 2012 ташхисгарони

бонки мазкур дубора ба сари кори худ баргаштанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳама давраҳои ташхис тамоми дархосту хоҳишҳои ҳайати комиссияро риоя менамуд. Ҳадафи асосии роҳбарияти давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёди ин иншооти аср буд.

Дар санаи 29 октябри соли 2016 Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шахсан савори булдозери корӣ гардида, аз соати 10-и субҳ то 11:30 расо якуним соат бо пеш кардани сангу шағал маҷрои дарёи Вахшро баста, ба бунёди сарбанди Неругоҳи барқи обии Роғун ҳусни оғоз бахшид. Бо ташаббусҳои пайвастаи Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон 16 ноябри соли 2018 дар ҳолати тантанавӣ агрегати якуми Неругоҳи барқи обии Роғунро ба кор шурӯъ намуд. Нахуст дар ҷойи сохтмони НБО-и Роғун хатти баландшиддати интиқоли неруи барқи 500 кВ-и “Душанбе-Роғун” ба истифода дода шуд. Хатти баландшиддати интиқоли неруи барқи 500 кВ-и “Душанбе- Роғун” дар доираи лоиҳаи “Барқарорсозӣ ва сохтмони хатти баландшиддати интиқоли неруи барқи 500 кВ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ” амалӣ шуда, арзиши умумии тарҳ 650 миллион сомонӣ мебошад. Кори лоиҳаи зерин моҳи сентябри соли 2017 оғоз ёфта, анҷоми он моҳи августи соли 2021 пешбинӣ шудааст.

Сипас, ба фаъолияти Дастгоҳи тақсимкунандаи пӯшидаи элегазии Неругоҳи барқи обии Роғун оғози расмӣ бахшиданд. Корҳои васлгарии таҷҳизоти Дастгоҳи маҷмӯии пӯшидаи тақсимкунии элегазӣ “КРУЭ” ҳанӯз моҳи феврали соли 2018 бо иштироки мутахассисони варзидаи маҳаллӣ бо сифати баланд ба анҷом расонида шуда буд. Дар ин иншооти болопӯшида 19 адад дастгоҳи элегазии 500 кВ ва 4 дастгоҳи элегазии 220 кВ насб гардидааст. Интиқоли неруи барқ аз ин иншоот ба системаи ягонаи энергетикии мамлакат тавассути шаш хатти барқи ҳавоии 500 кВ сурат мегирад. Ҳамчунин, аз таҷҳизоти мазкур тавассути як хатти дузанҷираи 220 кВ то Зеристгоҳи барқии шаҳри Роғун неруи барқ интиқол дода хоҳад шуд. Фаъолияти ин маркази муқтадир дар ҳамкорӣ бо ширкати овозадори олмонии Siemens бо сифати баланд бунёд шуд. Маҳз аз ҳамин толор тавассути дастгоҳҳои истеҳсоли ширкати бонуфузи ҷаҳонӣ неруи барқи дар НБО Роғун истеҳсолшаванда ба хатҳои баландшиддат интиқол дода мешавад. Дар дохили бинои КРУЭ 57 полюси васлакҳои элегазии 500 кВ, 99 трансформатори ҷараёнӣ, 30 модули дарозкунанда, 168 адад ҷудокунанда, 48 трансформатори шиддат ва 30 адад маҳдудкунандаи шиддати 500 кВ васл карда шуданд. Дар байни 36 полюс модулҳои мобайнии ҷараёнгузар насб гардидаанд. Ҳамаи полюсҳои 500 кВ бо металлоконструксияҳои муҳофизатӣ ҷиҳозонида шудаанд [9].

Ҳамин тавр, сохта ва ба кор андохтани НБО-и Роғун метавонад Тоҷикистонро пурра аз бухрони энергетикӣ раҳо кунад ва ба рушди иқтисодиёти он таъсири мусбӣ расонад.

## АДАБИЁТ

1. Архиви марказии Ҷумхурии Тоҷикистон. Ф2101 оп 1. Д3. В2.
2. Архиви марказии Ҷумхурии Тоҷикистон. Ф2101 оп 1. Д3. В3.
3. Архиви марказии Ҷумхурии Тоҷикистон. Ф2101 оп 1. Д3. В5.
4. Архиви марказии Ҷумхурии Тоҷикистон. Ф2101 оп 1. Д3. В6.
5. Архиви марказии Ҷумхурии Тоҷикистон. Ф2101 оп 1. Д3. В8.
6. Ҷумхурият, 8сентябр, 2011
7. Нерӯ. -№1(16, 17), 2009, 28с.
8. Нерӯ. -№1(16, 17), 2009, 28с.
9. Оғози бунёди сарбанди Неругоҳи барқи обии Роғун president.tj (29 октябри 2016).

## РОҒУН-КАФИЛИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР

Дар шароити ҷуғрофии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёди неругоҳҳои хурду бузурги обӣ яке аз манбаъҳои сердаромади иқтисодиёти миллӣ ба шумор меравад. Ҳамин буд, ки аз рӯзҳои аввали таъсисёбии Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ҳадафҳои стратегии давлат сиёсати энергетикиро эълон намуд. Тадриҷан таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин ҳадаф татбиқи худро пайдо намуд. Дар баробари дигар нерӯгоҳҳо бунёди НОБ-и Роғун дар давраи соҳибистиқлолӣ яке аз иншоотҳои муҳим ба шумор меравад. Қайд кардан бамаврид аст, ки сохтмони НБО-и Роғун таърихи беш аз 80-сола дорад. Нақшаи сохтмони он ҳанӯз дар давраи мавҷудияти собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ солҳои 30-юм - 50-ум асри ХХ таҳия гардида буд. Мутаассифона, бо таъсири баъзе аз омилҳо бунёди ин сохтмони бузург ба таъхир афтод. Баъдан дар давраи соҳибистиқлолӣ сохтмони он аз нав эҳё гардид. Сохта ва ба кор андохтани НБО-и Роғун метавонад Тоҷикистонро пурра аз бухрони энергетикӣ раҳо кунад ва ба рушди иқтисодиёти он таъсири мусбӣ расонад.

**Калидвожаҳо:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Роғун, сохтмон, иншоот истиқлолият, омил, Иттиҳоди Шуравӣ.

## РОГУН-ГАРАНТ РАЗВИТИЯ ЭКОНОМИКИ СТРАНЫ

В географическом контексте Республики Таджикистан строительство малых и крупных гидроэлектростанций

является одним из выгодных источников национальной экономики. С первых дней независимости Правительство Республики Таджикистан объявило энергетическую политику одной из стратегических целей государства. Постепенно под руководством Основателя мира и национального единства - Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Его Превосходительства Эмомали Рахмона эта цель приобрела характер развития. Среди прочего, строительство Рогунской гидроэлектростанции является важной составляющей в период ее независимости. Следует отметить, что строительству Рогунской ГЭС уже более 80 лет. Ее план строительства был разработан в 30-х и 50-х годах двадцатого века во время существования бывшего Советского Союза. К сожалению, из-за влияния некоторых негативных факторов, строительство этой массивной конструкции было отложено. Позже в период независимости оно было возрождено. Создание и эксплуатация Рогунской ГЭС может полностью преодолеть энергетический кризис в Таджикистане и оказать положительное влияние на его экономическое развитие.

**Ключевые слова:** Республика Таджикистан, Рогунская ГЭС, строительство, независимость строительства, фактор, Советский Союз.

**ROAD-GUARANTEE OF ECONOMIC DEVELOPMENT**

In the geographical context of the Republic of Tajikistan, the construction of small and large hydropower plants is one of the most profitable sources of the national economy. From the first days of independence, the Government of the Republic of Tajikistan declared energy policy as one of the strategic goals of the state. Gradually, under the leadership of the Founder of Peace and National Unity - the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan, His Excellency Emomali Rahmon, this goal acquired the character of development. Among other things, the construction of the Rogun hydroelectric power station is an important component during its independence. It should be noted that the construction of the Rogun Hydroelectric Power Station is more than 80 years old. His construction plan was developed in the 30s and 50s of the twentieth century during the existence of the former Soviet Union. Unfortunately, due to the influence of some negative factors, the construction of this massive structure was postponed. Later, during the period of independence, he was revived. The creation and operation of the Rogun hydropower plant can completely overcome the energy crisis in Tajikistan and have a positive impact on its economic development.

**Key words:** Republic of Tajikistan, Rogun, construction, construction independence, factor, Soviet Union.

**Сведения об авторе:** ***Ибодуллозода А.Х.* –** Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, доцент кафедры истории таджикского народа. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **918-629162**

**Information about the author:** ***Ibodullozoda A.Kh.*** - Tajik National University, candidate of historical sciences, associate professor of the department of history of the Tajik people. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. Phone: **918-629162**

**УДК:930 (575.3) (574)**

# ШАРИКИИ СТРАТЕГӢ ДАР НИЗОМИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИДАВЛАТӢ ДАР МИСОЛИ ТОҶИКИСТОН ВА ҚАЗОҚИСТОН

***Шарипов С.С., Шарипов А.Н***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Шарикии стратегӣ ҳамчун шакли маъмули муносибатҳои байнидавлатӣ то ҳол ба таври васеъ ва дар шакли умум мавриди таҳлилу омӯзиш қарор нагирифтааст. Дар ҳоле ки он метавонад маҳз барои ин ҷойгоҳ талош намояд. Тавре таҷриба нишон медиҳад, маҳз шарикии стратегӣ дар муқоиса бо дигар шаклҳои муносибатҳои байнидавлатӣ дорои хусусият ва фарқиятҳои зиёд мебошад, ки паҳлуҳои қавӣ ва заифи онро муайян менамояд.

Таҳлили санадҳои бунёдии сиёсати хориҷӣ, матнҳои дипломатӣ ва нашрияҳои васоити ахбори омма тафсири гуногуни мафҳуми шарикии стратегиро пешниҳод менамоянд. Дар баъзе мавридҳо ин ибора ҳамчун шакли нутқ дар самти ифода намудани сатҳи баланди ҳамкорӣ миёни давлатҳо дар сиёсати хориҷӣ истифода мегардад.

Мазмуни мушаххаси мафҳуми "шарикии стратегӣ" номуайян аст ва он маҳз аз кадом навъи шарикон ва ҳолати онҳо вобаста ба мақсадҳои дар доираи шарикии стратегӣ дар наздашон гузошташуда вобастагӣ дорад. Дар амалияи муносибатҳои байналхалқӣ баъзан мафҳуми шарикии стратегӣ ҳамчун ба таври истифода мегардад. Дар ин маврид он ба хислати муносибатҳо алоқа надошта, ҳамчун воситаи дастгирии маънавии кишварҳои заиф аз ҷониби кишварҳои бузург мебошад. Масалан, чунин муносибат миёни Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Сербия ба назар мерасад, ки он дар матни Изҳорот дар бораи шарикии стратегӣ миёни Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Сербия ба таври зайл омадааст:” Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Сербия бо эҳсоси амиқи дӯстӣ, муносибати чандинасраи таърихӣ ва анъанаи забонӣ, наздикии фарҳангӣ ва маънавии ду халқи бародар, хотираи муборизаи муштарак ба муқобили фашизм дар давраи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ аз масоили зерин ёдовар мегардад: “Изҳороти мазкур ба роҳ мондани

муносибатҳои шарикии стратегиро миёни давлатҳо дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, илм, техника ва маориф дар бар мегирад” [5].

Дар муносибатҳои байнидавлатӣ боз як тарҳи шарикии стратегӣ, ки ба шарҳи ин мафҳум ба тиҷорат наздикӣ дорад, муносибати як ширкат нисбат ба дигараш фаҳмида мешавад. Баҳодиҳии ин масъала аз назари тиҷоратӣ дар муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии мардумии Чин дида мешавад. Тавре маълум аст, моҳи майи соли 2013 Изҳороти муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии МАРДУМИИ Чин оид ба барқарор намудани муносибатҳои шарикии стратегӣ қабул гардид, ки он дар доираи сафари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Чин санаи 19-20 соли 2013 сурат гирифта буд [20]. Вобаста ба сатҳи ҳамкориҳои иқтисодӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд: "Имрӯз ҳаҷми сармояи Чин дар иқтисоди Тоҷикистон 2,5 млрд доллар боло рафта, ҳаҷми зиёди онро сармояи мустақим ташкил менамояд. Дар Тоҷикистон тақрибан 350 ширкат бо иштироки сармояи чинӣ фаъолият менамоянд” [18].

Омӯзиши дигар мисолҳои муносибатҳои байнидавлатӣ, имкони муайян намудани мафҳуми шарикии стратегиро медиҳад, ки он маҳз ба мафҳумҳои “стратегӣ” ва “шарикӣ” ҷавобгӯ мебошад. Аз ин рӯ, ба сифати стратегӣ ҳадафҳои дарозмуддату усулӣ ва роҳҳои муассири дастрасӣ ба онҳо фаҳмида мешавад. Бо роҳи ҳамшарикӣ ва эҳсоси баланди масъулият ба даст овардани ҳадафҳои мутақобилан судманд ифода меёбад.

То дараҷае ба сифати шарикии стратегӣ муносибатҳои Россия ва Чинро мисол овардан мумкин аст. Тавре А.Б. Персев менависад, “муносибатҳои шарикии стратегӣ бо Чин яке муҳимтарин афзалиятҳои сиёсати хориҷии Федератсияи Россия мебошад. Солҳои охир муносибати кишварҳо батадриҷ рушд намуда, сатҳи ҳусни тафоҳум ва дастгирии мутақобила, тавсеаи фаъоли ҳамкориҳо дар соҳаҳои калидӣ ба назар мерасад”.

Яке аз кӯшишҳои равшан дар самти муайян намудани шарикии стратегӣ ва таҳлили ҷанбаҳои гуногуни он аз ҷониби И.А. Новиков анҷом дода шудааст. Ба таври якҷоя муайян намудани “стратегия” ва “шарикӣ” ва бо дарназардошти натиҷаи қолабии он дар масъалаҳои сиёсати хориҷӣ, ӯ мафҳуми шарикии стратегиро дар муносибатҳои байналхалқӣ ҳамчун “ҳамкории дарозмуддати мутақобилан судманди иштирокчиён дар сатҳи байналхалқӣ, баҳри ҳалли аҳдофи микёси давлатӣ” пешниҳод менамояд [15,с.15].

Ин тавсия аз назари муаллиф ба якчанд шарҳу тавзеҳоти иловагӣ ниёз дорад. Муайян намудани шарикии стратегӣ дар соҳаи муносибатҳои байнидавлатӣ, танҳо тавассути мафҳуми стратегӣ ба таври муайян маънои хосси падидаи шарикии стратегиро намедиҳад. Аз ин рӯ, хусусияти хос дар он аст, ки шарикии стратегӣ дар муносибатҳои байнидавлатӣ, ҳамчун консепсия, доктрина ё стратегия фаҳмида нашуда, шакли ҳамкории шарикони дорои манофеи мутақобила мебошад.

Тарафдорони ин амал, чун қоида, ба таври объективӣ муайян карда мешаванд ва ба татбиқи он асос меёбад, ки манфиатҳои шарикон чӣ гуна фарқ мекунанд, новобаста аз он ки чӣ тавр муносибатҳои онҳо дар тӯли давраи таърихӣ рушд меёбанд, муносибати стратегӣ дар ин ё он шакл ва соҳаҳо барои онҳо роҳи беэътибори пешбурди муносибатҳо боқӣ мемонад.

Шарикии стратегӣ дар муносибатҳои байнидавлатӣ бо чунин фаҳмиш ҳамчун натиҷаи объективонаи интихоби иштирокчӣ ба хотири дарёфти асосҳои умумӣ ва мувофиқати манфиатҳои миллӣ ва амалҳои муштарак бо шариконро ташкил менамояд. Шарикии стратегӣ дар муносибатҳои байнидавлатӣ натиҷаи кофӣ ва амалии фаҳмиши манофеи миллии иштирокчиён дар дурнамои дарозмуҳлат мебошад. Тавре В.К. Белозеров қайд менамояд, «манофеи миллӣ аз назари табиӣ ҳамеша объективона буда, ба фароҳам овардани шароити устувори рушди миллат равона шудааст. Дар ҳолати идеалӣ, якҷоякунӣ ва баён кардани манфиатҳо сурат гирифта, татбиқи онҳо аз ҷониби ҳокимият амалӣ мегардад» [3,с.273]. Бо дарназардошти табиати объективонаи манофеи миллӣ ва нақши онҳо ҳамчун асос ва қувваи ҳаракаткунандаи шарикии стратегӣ, метавон ин шакли муносибатро низ ҳамчун шакли объективонаи муносибатҳои байнидавлатӣ маънидод намуд.

Аксар вақт шарикии стратегӣ дар матни ҳуҷҷатҳои муштарак вомехӯрад, аммо ин ҳуҷҷатҳо на ҳама вақт хислати ҳуқуқӣ ва ҳатмиро доранд. Қарори қатъӣ дар чаҳорчӯбаи шарикии стратегӣ инъикоси худро дар аҳдномаҳои махсус ва созишномаҳо ёфтааст, ки на танҳо хислати сиёсӣ, балки уҳдадориҳои байналхалқии ҳуқуқӣ доранд. Вобаста ба қабули ҳуҷҷатҳо, ки бевосита унвони шарикии стратегиро доранд ё мазмунан ин унвонро вобаста ба моҳияти муносибатҳо касб намудаанд, метавон якчанд мисолҳо овард. Масалан, имрӯз Тоҷикистон дар сиёсати хориҷии худ панҷ кишварро ҳамчун шарики стратегӣ қарор дода, бо аксари онҳо маҳз созишномаҳои шарикии стратегиро имзо кардааст, ки онҳо

“Изҳороти муштараки Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи барқарор намудани муносибатҳои шарикии стратегӣ” аз моҳи майи соли 2013,[20] “Аҳднома дар бораи шарикии стратегӣ миёни Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 14 сентябри соли 2015,[8] “Аҳднома дар бораи шарикии стратегӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркманистон аз 2-юми ноябри соли 2017,[22] инчунин “Аҳднома дар бораи шарикии стратегӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон” аз 17 августи соли 2018,[23] ба ин мисол шуда метавонанд. Аммо, вақте сухан дар бораи Федератсияи Россия меравад, муносибатҳои шарикии стратегӣ миёни ду кишварро “Созишномаи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва кумаки мутақобила байни Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 15 июни соли 1993 [6] ва “Созишнома дар бораи ҳамкории мутақобила миёни Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ба асри XXI равонашуда” аз 16 апрели соли 1999 [7] танзим менамоянд, ки бо унвони шарикии стратегӣ номгузорӣ нагардидаанд, аммо моҳияти шарикии стратегиро миёни кишварҳо таҷассум менамояд.

Шарикии стратегӣ метавонад дар шакли ҳамкориҳо оид ба масоил ва самти муайян сурат гирад, ки ӯҳдадориҳои ҳуқуқиро дар байни шарикон дар назар дошта бошад. Ба ғайр аз ин, шарикии стратегӣ метавонад амали ҳамоҳангшуда ба хотири манфиатҳои умумӣ ва изҳороти якҷоя ё мустақилона бо нигоҳ доштани муносибатҳои наздик бошад. Шарикии стратегӣ дар муносибатҳои байнидавлатӣ метавонад хислати фосилавиро касб намояд. Бо сабаби таваққуф ё танаффуси муваққатӣ, ки метавонад беасос ё асоснок бошад, аммо хислати бебозгаштро надошта бошад, набояд сабаби аз байн рафтани муносибатҳои шарикии стратегӣ гардад.

Ҳамин тариқ, мо шарикии стратегиро ҳамчун як шакли хеле тағйирпазири муносибатҳои байнидавлатӣ бо дарки ҳарду ҷониб, ногузирии ҳамзистии дарозмуддат ва ҳамкорӣ мебинем, ки ба манфиатҳои миллии ҳарду ҷониб мувофиқ аст.

Барои кушодани моҳияти мафҳуми шарикии стратегӣ мебояд табиати иштирокчиёни онро муайян намоем.

Таҷрибаи байналхалқӣ нишон медиҳад, ки дар самти ба роҳ мондани шарикии стратегӣ на танҳо кишварҳо, балки иттиҳодҳои байнидавлатиро низ ба монанди- Россия - СААШ (НАТО), ИМА - Иттиҳоди Аврупо мисол овард.

Диққати алоҳидаро масъалаи баробарҳуқуқии шарикон дар шароити шарикии стратегӣ ҷалб менамояд. Масъалаи баробарҳуқуқии кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои байналхалқӣ муайян мегардад. Масалан, дар асоси моддаи 1-уми Оинномаи СММ қайд мегардад, ки ҳадафи созмон “рушди муносибатҳои дӯстӣ дар миёни миллатҳо бар асоси эҳтиром ба принсипи баробарҳуқуқӣ ва худмуайянкунии халқҳо” ва дар моддаи 2-юм қайд мегардад, ки ин созмон “бар пояи баробарии мустақилонаи ҳамаи кишварҳои узв ташкил гардидааст” [29]. Дар амал, кишварҳои қавии дунё таъсир ва зарфиятҳои зиёдро ба вазъи ҷаҳонӣ мерасонанд, ки мисоли он кишварҳои аъзои доимии Шӯрои амнияти СММ мебошанд, ки онҳо дорои таъсир ва иқтидори баланди сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мебошанд. Масъалаи дақиқи баробарҳуқуқӣ дар чаҳорчӯбаи шарикии стратегӣ ба таври нозук қарор дорад ва татбиқи ин баробарҳуқуқиро метавон танҳо дар самти кишварҳо, на аз ҳисоби баробарӣ, балки аҳдоф ва имконоти дар наздашон гузошташуда мушоҳида намуд.

Зиёда аз ин, муносиб он аст, ки шарикон дар ҳалли масоили стратегии худ аз якдигар вобастагӣ дошта ин вобастагиро имкони иловагии ҳаракати онҳо дар самти ҳалли масоили мутақобилан судманд медонанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло, тавсифи шарикии стратегиро ҳамчун як тавофуқи ҳатмии байни ду ё якчанд субъектҳои муқоисашаванда оид ба самти объективии стратегии ҳамкориҳои онҳо дар арсаи байналмилалӣ, дараҷаи умумияти манфиатҳои стратегӣ ва омодагии онҳоро барои ҳамоҳангӣ дар асоси қонунҳои байналмилалӣ ва зарар нарасонидан ба шахсони сеюм таҳия кардан мумкин аст.

Аз ин нуқтаи назар якчанд хусусиятҳои шарикии стратегиро дар муносибатҳои байнидавлатӣ пешниҳод намудан мумкин аст:

- ба таври объективӣ дарк намудани манофеи миллии дарозмуддати ҳарду ҷонибҳо;
- асосҳои тавофуқӣ ва имконияти мавҷуд набудани қарорҳои ҳатмии ҳуқуқӣ, вале ҳамзамон мавҷуд будани шабакаҳои ниҳодигардонидашудаи ҳамкориҳо;
- миқёси минтақавӣ-глобалӣ;
- таносуби тақрибии ҳарбӣ, кудрати иқтисодӣ ва таъсири дипломатӣ ва дар ин замина - баробарии шарикон;
- мутобиқат ба ҳуқуқи байналхалқӣ;

Дар ин замина набояд масъалаи вазоифи шарикии стратегиро дар муносибатҳои байналхалқӣ нодида гирифт. Амалияи сиёсати хориҷи иштирокчиён, ки шарикии стратегиро пеша кардаанд, ба мо имкон медиҳад, то вазоифи зерини шарикии стратегиро муайян намоем:

❖ Муайянкунанда: фаъолият дар чаҳорчӯбаи шарикии стратегӣ -иштирокчиёни раванди сиёсати хориҷӣ барои дигарон манофеи геополитикӣ ва усулҳои ҳамкориҳои мавриди назарро муаррифӣ менамоянд;

❖ Ҳавасмандкунӣ: дар баъзе ҳолатҳо, шарикии стратегӣ аз тарафи ҳарду ҷониб бо интизории рӯйдодҳо эълон мешавад ва ё одатан танҳо яке аз тарафҳо пешниҳод менамояд. Аз ин рӯ, мо метавонем дар бораи хоҳиши бозингарон ё бозингар барои такмил додани муносибатҳои мушаххас сухан ронем, ки омодагии худро барои боло бурдани сатҳи муносибатҳо инъикос месозад;

❖ Рамзӣ: ин вазифа моҳияти дар кучо ва кайро дорад, ки дар бораи эълони шарикии стратегии байни бозигарони қавӣ ва заиф, инчунин аз тарафи бозингари пурқувват ишораи рамзии ҳамбастагӣ ва дастгирии шарикон ва интиқоли қисме аз вазн ва нуфузи байналмилалии он ба шарики заиф фаҳмида мешавад;

❖ Ниҳодӣ: дар авҷи рушди шарикии стратегӣ, субъектҳое, ки худро шарики стратегӣ меҳисобанд, онро тавассути як қатор созишномаҳо, аҳдномаҳо ва созишҳое, ки ба ҷанбаҳои мухталифи ҳамкорӣ таъсир мерасонанд, амалӣ месозанд ва барои иҷрои онҳо мақомоти махсуси муштарак таъсис дода, ба онҳо вазифаҳо, захираҳо ва ваколатҳои иловагӣ низ пешниҳод мегардад, то тавонанд бо ин роҳ фаъолияти худро тағйиру тавсеа бахшанд.

❖ Абзорӣ: шарикии стратегӣ, ки натиҷаи кӯшишҳои муштарак ё ҳамоҳангшудаи шарикон мебошад, абзори муҳимми сиёсати байналхалқӣ буда, ба пешбурди манфиатҳои хориҷӣ ва ё низомии онҳо мусоидат мекунад ва вазифаи абзориро дар ду сатҳ: мустақиман дар сатҳи шарикон ва дар сатҳи минтақавӣ-глобалӣ амалӣ менамояд [6,с.120].

Бо такя ба ин вазифаҳо ва хусусиятҳои шарикии стратегӣ ба мо имкон медиҳанд, ки онро бо дигар шаклҳои муносибатҳои байнидавлатӣ муқоиса намоем ва онро ҳамчун як шакли ҳамгиро ва фасеҳи муносибатҳои байнидавлатӣ фарқ кунем, ки дар ҳолати зарурӣ унсур, механизм ва шаклҳои дигар, масалан иттифоқҳои ҳарбӣ-сиёсӣ, шартномаҳо, алоқаҳои дуҷониба, ҳамкориҳои кории банақшагирифташуда ва ғайраҳо истифода мегарданд.

Дар ин замина, бо дарназардошти вазоифи номбаршуда дар доираи шарикии стратегӣ баррасии ин навъи муносибатро миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дида мебароем. Тоҷикистон бо Қазоқистон дар доираи сафари Президенти аввали Қазоқистон Н.А. Назарбоев санаи 14 сентябри соли 2015, Созишнома дар бораи шарикии стратегиро ба имзо расонидаанд.

Маҳз ин Созишнома сатҳи ҳамкории кишварҳоро ба сатҳи сифатан нав баровардa, миёни онҳо шароити мусоидро дар самти рушди минбаъдаи ҳамкориҳо фароҳам овард. Вобаста ба ин, дар моддаи 1-уми Созишнома гуфта мешавад: "Ҷонибҳо муносибатҳои худро дар асоси баробарӣ, ҳусни боварӣ, шарикии стратегӣ ба роҳ мемонанд. Онҳо шарикии стратегиро бо истифода аз роҳу усулҳои мулоқоти мунтазам, пеш аз ҳама дар сатҳи баланд ва олӣ, гузаронидани табодули афкор ва ҳамоҳангсозии мавқеъҳо оид ба масоили муносибатҳои дуҷониба ва мушкилоти мубрами байналхалқии ифодагари манфиатҳои мутақобила таҳким мебахшанд" [8]. Вобаста ба ин, пешбурди муносибатҳои шарикии стратегӣ дар муносибатҳои байнидавлатии Тоҷикистон ва Қазоқистонро метавон муайянкунанда маънидод намуд. Чунки кишварҳо дар асоси ин ҳуҷҷати стратегӣ таҳкими муносибатҳо ва пешбурди онро дар сатҳҳои гуногун шарҳ медиҳанд. Аз тарафи дигар, Қазоқистон аз назари стратегӣ аз солҳои аввали сиёсати хориҷии Тоҷикистон мавқеи калидиро соҳиб мебошад. Ҳарду кишвар ба таври фаъол муносибатҳои худро дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва фарҳангиву гуманитарӣ ба роҳ мемонанд. Дар давраҳои мураккаби таърихи навини Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қазоқистон ҳамеша ҳамкории густурдаро бо кишвари мо ба роҳ мондааст, ки саҳми онро дар таҳкими сулҳу субот дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ қайд намудан зарур аст. Дар ин раванди мураккаб ва ҳассос якчанд раванди музокироти сулҳ, аз ҷумла аз 22- юми май то 1-уми июни соли 1995 дар Алмаато сурат гирифта,[11,с.154] сарҳадчиёни қазоқ дар ҳифзи сарҳади Тоҷикистон ва Афғонистон иштирок намудаанд [12]. Тавре президенти аввали Қазоқистон Н.А. Назарбоев дар рафти сафари расмии Э. Раҳмон, ки санаи 14 марти соли 2018 ба Қазоқистон сурат гирифта буд, қайд намуд: "Мо ҳеҷ гоҳ мушкилоти ҳалношуда надоштем, ҳамдигарро ҳамеша ва дар ҳолатҳои гуногун, аз ҷумла дар микёси байналхалқӣ дастгирӣ

менамоем” [14]. Дар ин раванд сарони ду давлат омодагии худро дар самти дастгирии ташаббусҳои якдигар дар сатҳи байналхалқӣ иброз намуданд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон таъкид доштанд, ки: “муносибат бо Қазоқистон дар сиёсати хориҷии мо мавқеи асосӣ дорад ва мо минбаъд низ барои рушди он манфиатдорем” [13].

Кишварҳо ҳамкории худро ба таври васеъ дар самти тиҷоратӣ-иқтисодӣ ба роҳ монда, дар Тоҷикистон зиёда аз 80 ширкатҳо бо иштироки сармоягузорони қазоқӣ фаъолият менамоянд. Маҳсулотҳои асосии содиротӣ аз Қазоқистон гандум, маҳсулотҳои минералӣ ва саноати металлургия ба шумор мераванд. Аз Тоҷикистон ба Қазоқистон маъданҳои сурб, руҳ ва мис, ки кӯҳҳои Помир аз он бой мебошанд ва инчунин маҳсулоти бофандагӣ содирот мегардад. Тибқи маълумоти соли 2018, гардиши мол байни ду кишвар 845 миллион долларро ташкил додааст [28]. Дар соли 2019 Душанбе ва Нур-Султон нақша доранд, ки ҳаҷми мубодилаи молро ба 2 миллиард доллар баробар намоянд [21].

Дар шароити нави муносибатҳои байналхалқӣ ва тағйироти рӯзафзуни раванди ҷаҳонишавӣ, инчунин хатарҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, таҳдиди падидаҳои ғайрианъанавӣ, аз қабили терроризму ифротгароӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қазоқистон ҳамкории худро дар сатҳи дуҷониба ва бисёрҷониба ба таври фаъол ба роҳ монда, мунтазам ба муваффақиятҳои назаррас ноил мегарданд. Ташаннуҷ дар равобити байналхалқии муосир кишварҳоро водор сохтааст, ки дар масоили муҳимми сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ҳамоҳанг бошанд, то тавонанд ба таъмини суботи дохилӣ ва байналхалқӣ даст ёфта, дар он саҳм дошта бошанд.

Роҳи асосии эмин мондан аз фишори байналхалқиро дар ҳамкории густурда дар доираи ниҳодҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ, пеш аз ҳама ИДМ, СҲШ, СААД, МҲТБО ва дигар созмонҳои байналхалқӣ мебинанд [10,с.4]. Хислати мусбии чунин амалкарди ҳамкории кишварҳо дар он аст, ки онҳо новобаста аз мушкилоти мавҷуда дар ҳамоҳангӣ бо қудратҳои минтақавӣ ба ҳалли масоили байнидавлатӣ даст меёбанд.

Маҳз бо дарназардошти тамоюлоти нав дар шароити муосир ва таъсири он ба муносибатҳои Тоҷикистон ва Қазоқистон вазъи муносибатҳои онҳоро ба таври зерин муайян намудан мумкин аст:

- Ташаккули нуфузи Тоҷикистон ва Қазоқистон дар сатҳи байналхалқӣ.
- Боло рафтани муносибатҳои дуҷонибаи сиёсӣ ва расидан ба сатҳи шарикии стратегӣ, 14 сентябри соли 2015.
- Рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ миёни кишварҳо, агар соли 2000 табодули мол миёни ду кишвар 88,1 млн долларро ташкил диҳад [30,с.107], пас ин нишондод дар соли 2019 ба 900 млн доллари ИМА баробар гардид [21], ки аз рӯйи ин нишондод Қазоқистон дар тиҷорати хориҷии Тоҷикистон баъд аз Россия ҷойи дуюмро ишғол менамояд [19].
- Таҳкими заминаи меъёрию ҳуқуқӣ миёни кишварҳо аз 50 ҳуҷҷат дар соли 2007 [9,с.16] то ба 103 адад дар соли 2016 расид, [17,с.4] ки он ба таъмини устувори муносибатҳои кишварҳо дар тамоми соҳаҳо мусоидат менамояд.

Таҳкими ҳамкориҳои фарҳангӣ миёни ду кишвар назаррас буда, Рӯзҳои фарҳангии кишварҳо дар ҳудуди якдигар ба таври мунтазам сурат мегиранд. [1] Зиёда аз ин, дар ҳудуди Қазоқистон марказ ва ҷамъиятҳои зиёди фарҳангӣ фаъолият менамоянд. Аз ҷумла Созмони ҷамъиятии дӯстии “Тоҷикистон-Қазоқистон”, ки 5-марти соли 2002 дар Вазорати адлияи Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст,[27] аз моҳи феврали соли 2003, фаъолияти “Ассотсиатсияи тоҷикии ҷамъияти фарҳангӣ-иҷтимоии Қазоқистон “Сомониён”, [4,с.194] моҳи июни соли 2004 дар шаҳри Остона бунёди маркази фарҳангии «Парвиз»,[25] ифтитоҳи маркази фарҳангии қазоқӣ бо номи "Байтерек" соли 2007 дар Душанбе ва ғ. [16,с.6]. Инчунин, фаъолияти маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикӣ «Санги-Кабуд» [26] дар шаҳри Кокшетауи Қазоқистон аз 26 ноябри соли 2017 ва фаъолияти иттифоқи тоҷикони Қазоқистон “Кохи нур” [2] аз 21 декабри соли 2017, ки тамоми марказҳои фарҳангии тоҷикони Қазоқистонро муттаҳид месозад, исботи ин гуфтаҳост. Дар Қазоқистон ҳаҷми зиёди диаспораҳои тоҷикӣ [17,с.7] зиндагию фаъолият менамоянд ва дар асоси санаду меъёрҳои қабулгардида миёни ду кишвар ба имтиёзҳои муайян, аз қабили будубош дар ҳудуди якдигар бе бақайдгирӣ то 30 рӯз ва дар ҳоли ба қайд гирифтан то 90 рӯзи зиндагӣ [24] аз наздикӣ ва ҳамкории босамари фарҳангӣ миёни ду кишвар шаҳодат медиҳад.

Ба ғайр аз ин, рушди ҳамкориҳо дар соҳаи гуманитарӣ, бо роҳи эҷоди алоқаҳо ва табодул миёни ниҳодҳои илмӣ, фарҳангӣ, эҷодӣ ва амалинамоии барномаҳои муштарак дар ин самт аз авлавиятҳои ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар шароити тағйирёбандаи муносибатҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ мебошанд.

Дар маҷмӯъ, инъикоси ҳамкориҳои мунтазам рушдёбанда, омили таҳкими наздикӣ ва баромадан ба сатҳи шарикии стратегӣ миёни ду кишвари ба ҳам дӯст гардидаанд. Ин муносибатҳо на танҳо барои рушду тақвияти ҳамкории кишварҳо, балки ба субот ва ҳамгироӣ дар тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ мусоидат менамоянд.

**АДАБИЁТ**


1. «25 Октября – День Республики Казахстан» [электронный ресурс]. URL: http://www.akt.adilet.gov.kz/ru/node/73330. (дата обращение: 03.01.2018 г.).
2. «Кохи Нур» – Союз таджиков Казахстана [электронный ресурс]. URL: https://vaslitojikon.tj/tajik_diasporas/diaspory-v-azii/tadzhikskie-diaspory-v-respublike-kazahstan/kohi-nur-soyuz-tadzhikov-kazahstana. (дата обращение: 23.02.2018).
3. Белозёров В.К. Политический феномен военной деятельности / В.К. Белозёров. - М.: АТИСО, 2009. - 392 с.
4. Бобохонов М. Таърихи тоҷикони ҷаҳон (Ирредент ва диаспораҳои тоҷик»; китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ, қисми 1 / М.Бобохонов. - Душанбе, 2011.- 479 с.
5. Декларация о стратегическом партнерстве между Российской Федерацией и Республикой Сербией от 24 мая 2013 г. [электронный ресурс]. URL: http://news.kremlin.ru/ref_notes/1461. (дата обращение: 22.05.2019).
6. Договор о дружбе, сотрудничестве и взаимной помощи между Российской Федерацией и Республикой Таджикистан. [электронный ресурс]. URL: http://docs.cntd.ru/document/1902068. (дата обращение: 20.03.2018).
7. Договор о союзническом взаимодействии между Российской Федерацией и Республикой Таджикистан, ориентированном в XXI век. [электронный ресурс]. URL: http://docs.cntd.ru/document/901742096. (дата обращение: 25.07.2018).
8. Договор о стратегическом партнерстве между Республикой Казахстан и Республикой Таджикистан (г. Душанбе, 14 сентября 2015 года). https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=38094235#pos=1;-119. (санаи муроъиат: 20.06.2019).
9. Досманбетова А.С. Двусторонние экономические отношения Республики Казахстан и Республики Таджикистан: приоритеты и перспективы: автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата экономических наук Республика Казахстан / А.С. Досманбетова. -Алматы, 2007. – 23 с.
10. Казахстан- Таджикистан: взаимодействие во имя процветания двух народов. -Астана, 2010. - С.4.
11. Муқаддимаи низоъшиносӣ (китоби дарсӣ барои мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон) – Душанбе: Эр-граф, 2006. - 272 с.
12. Муллоджанов. П. Таджикско-казахстанские отношения: новые вызовы и будущие перспективы [электронный ресурс]. URL: http://cc-sauran.kz/rubriki/safety/197-tadzhiksko-kazahstanskie-otnosheniya-novye-vyzovy-i-buduschie-perspektivy.html.(дата обращение: 11.09.2019).
13. Мулоқоту музокироти сатҳи олӣ миёни Тоҷикистон ва Қазоқистон. [манбаъи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/17259. (санаи мурочиат: 14.09.2019).
14. Назарбаев: Казахстан готов к обсуждению любых вопросов с Таджикистаном [электронный ресурс]. URL: https://tj.sputniknews.ru/asia/20180314/1025002782/tajikistan-kazakhtan-rahmon-nazarbaev-vizit.html. (дата обращение: 10.11.2019).
15. Новиков И.А. Отношения России и Европейского союза: проблемы и факторы развития стратегического партнерства: диссертация ... кандидата политических наук: 23.00.04 / Новиков Илья Александрович; [Место защиты: С.-Петерб. гос. ун-т].- Санкт-Петербург, 2011.- 156 с.
16. Нуралиев А. Казахско-таджикские литературные взаимосвязи / А. Нуралиев. -Душанбе: Шучоиён, 2011. - 475 с.
17. О двусторонних таджикско-казахстанских отношениях. Ежеквартальный общественно-культурный журнал «ДУСТИ». Специальный выпуск. Учредитель: Таджикское общество дружбы и культурных связей с зарубежными странами (ТОДКС). «Орбита», г. –Душанбе, 2016. - С.4.
18. Обзор: Китай и Таджикистан развивают добрососедство, дружбу, партнерство и братство на высоком уровне. [электронный ресурс]. URL: http://russian.news.cn/2019-06/13/c_138140330.htm. (дата обращение: 10.02.2019).
19. Россия остается главным торговым партнером Таджикистана в 2019 году. [электронный ресурс]. URL: https://tj.sputniknews.ru/country/20190826/1029725715/russia-glavniy-torgoviy-partner-tajikistan.html. (дата обращение: 25.10.2019).
20. Совместная декларация Китайской Народной Республики и Республики Таджикистан об установлении отношений стратегического партнерства [электронный ресурс]. URL: http://russian.china.org.cn/exclusive/txt/2013-05/21/content_28878852.htm. (дата обращение: 25.01.2018).
21. Таджикистан и Казахстан увеличат товарооборот до 2 миллиардов долларов [электронный ресурс]. URL: https://tj.sputniknews.ru/country/20190711/1029388638/tajikistan-kazakhstan-uvelichenie-tovarooborot.html. (дата обращение: 22.08.2019).
22. Таджикистан и Туркменистан стали стратегическими партнерами [электронный ресурс]. URL: https://centre1.com/tajikistan/tadzhikistan-i-turkmenistan-stali-strategicheskimi-partnerami. (дата обращение: 19.04.2019).
23. Таджикистан и Узбекистан стали стратегическими партнерами [электронный ресурс]. URL: https://tj.sputniknews.ru/main/20180817/1026479969/partner-uzbekistan-tajikistan-dogovor.html. (дата обращение: 03.08.2019).
24. Таджикистанцы смогут находиться в Казахстане без регистрации до 30 дней [электронный ресурс]. URL: https://ru.sputniknews.kz/society/20180314/4912329/kazakhstan-tajikistan-registraciya.html. (дата обращение: 22.03.2019).
25. Таджикский культурный центр «Парвиз» города Астаны [электронный ресурс]. URL: https://pandia.ru/text/82/481/43620.php. (дата обращение: 09.06.2017 г.).

26. Таджикский этнокультурный центр «Санги-Кабуд» [электронный ресурс]. URL: https://www.vfarhang.tj/index.php/ru/deyatelnost/kategorii/novosti-za-rubezhom/282-tadzhikskij-etnokulturnyj-tsentr-sangi-kabud. (дата обращение: 20.02.2019).
27. Текущий архив ТОДКС. Устав Общества дружбы «Таджикистан-Казахстан. Протокол учредительного Собрания Общества дружбы «Таджикистан-Казахстан».
28. Торгово-экономическая миссия Казахстана в Таджикистане [электронный ресурс]. URL: https://tj.sputniknews.ru/infographics/20190723/1029465056/torgovo-ekonomicheskoe-sotrudnichestvo-tajikistan-kazakhstan.html. (дата обращение: 13.10.2019).
29. Устав Организации Объединенных Наций. [электронный ресурс]. URL: https://www.un.org/ru/charter-united-nations/index.html. (дата обращение: 19.12.2018).
30. Шарипов С.С, Шарипов А.Н. Особенности развития торгово-экономических отношений между Таджикистаном и Казахстаном в начале XXI века. В е с т н и к ТНУ, №3/3. 2017. С.107.
31. Ю.Г. Жеглова. Стратегическое партнерство как формат межгосударственных отношений. Проблемный анализ и государственно-управленческое проектирование. Выпуск 3 /2014. С.115-121.

## ШАРИКИИ СТРАТЕГӢ ДАР НИЗОМИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИДАВЛАТӢ ДАР МИСОЛИ ТОҶИКИСТОН ВА ҚАЗОҚИСТОН

Мақолаи мазкур фарогири таҳлили мафҳуми шарикии стратегӣ дар низоми муносибатҳои байнидавлатӣ ва баррасии он дар низоми муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон мебошад. Дар шароити муосири муносибатҳои байналхалқӣ масъалаи муносибатҳои байнидавлатӣ мубрамияти хоссаро касб намуда, кишварҳо талош меварзанд, то дар самти муваффақ гардидан дар низоми муносибатҳои байнидавлатӣ аз роҳу усулҳои гуногун барои таҳкими муносибатҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ истифода намоянд. Ин талошҳо ба хотири ба сатҳу сифати нав баровардани муносибат ва дастёб гардидан ба ҳадафҳои бузурги байнидавлатии мутақобилан судманд ва татбиқи манфиатҳои миллии давлатҳо мебошад. Вақтҳои охир дар муносибатҳои байналхалқӣ ва байнидавлатӣ истифодаи истилоҳи шарикии стратегӣ зиёд ба назар мерасад. Дар ҳоле ки ин мафҳум ба таври васеъ таҳлилу баррасӣ нагардидааст. Инчунин, навъҳои гуногуни шарикӣ вобаста ба манофеи тарафҳои ширкаткунанда дар соҳаҳои мухталиф ба таври дақиқ таҳлил шудаанд. Вобаста ба таҳлилҳои анҷомёфта, баррасии ҳамкории шарикии стратегӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар самтҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ бо дарназардошти муҳимтарин санаду меъёрҳои амалкунандаи баимзорасида миёни ду кишвар омӯхта шудааст.

**Калидвожаҳо:** шарикии стратегӣ, стратегӣ, Тоҷикистон, Қазоқистон, сиёсати хориҷӣ, ҳавасмандӣ, муайянкунанда, рамзӣ, ниҳодӣ, созишнома, абзорӣ, байнидавлатӣ.

## СТРАТЕГИЧЕСКОЕ ПАРТНЕРСТВО В СИСТЕМЕ МЕЖГОСУДАРСТВЕННЫХ ОТНОШЕНИЙ НА ПРИМЕРЕ ТАДЖИКИСТАНА И КАЗАХСТАНА

В данной статье приводится анализ сущности понятия стратегического партнерства в системе межгосударственных отношений и его олицетворение в отношениях между Республикой Таджикистан и Республикой Казахстан. В современных условиях международных отношений вопрос межгосударственных отношений становится все более актуальным, и страны пытаются различными способами укрепить политические, торгово-экономические и культурные связи для достижения успеха в этой сфере. Эти усилия направлены на то, чтобы вывести отношения на новый уровень и достичь больших межгосударственных целей и реализации национальных интересов государств. В последнее время расширяется использование термина «стратегическое партнерство» в международных и межгосударственных отношениях. Пока данный термин не был тщательно проанализирован. В статье делается попытка глубокого понимания концепции стратегического партнерства в системе межгосударственных отношений и его рассмотрения как на двустороннем, так и на многостороннем уровнях. Кроме того, в статье четко отражены анализ видов партнерства, с точки зрения интересов сторон в различных областях. На основании проведенного анализа рассмотрены вопросы стратегического партнерства между Республикой Таджикистан и Республикой Казахстан в политической, торгово-экономической и культурной сферах на основании наиболее важных документов, подписанных между двумя странами. В целом, статья позволит нам понять суть стратегического партнерства в системе международных отношений, особенно межгосударственных.

**Ключевые слова:** стратегическое партнерство, стратегическое, Таджикистан, Казахстан, внешняя политика, стимулирование, идентификация, символическое, институциональное, договорное, инструментальное, межгосударственное.

## STRATEGIC PARTNERSHIP IN THE SYSTEM OF INTER-STATE RELATIONS ON THE EXAMPLE OF TAJIKISTAN AND KAZAKHSTAN

This article covers the analysis of the concept of strategic partnership in the system of interstate relations and its consideration in the system of relations between the Republic of Tajikistan and the Republic of Kazakhstan. In the modern conditions of international relations, the issue of interstate relations becomes more urgent, and the countries try to use various ways to strengthen political, trade, economic and cultural relations to achieve success in the system of interstate relations. These efforts are aimed at elevating relations to a new level and achieving the great mutual interstate goals and the implementation of the national interests of the states. Recently, the use of the term "strategic partnership" in international and interstate relations is growing. While this term has not been extensively analyzed. The article will allow the reader to gain a deeper understanding of the concept of strategic partnerships in the system of interstate relations and its consideration at both bilateral and multilateral levels. Also, the analysis of different types of partnerships with respect to the parties' interests in various fields is clearly reflected. Based on the analyzes, the consideration of strategic partnership between the Republic of Tajikistan and the Republic of Kazakhstan in the political, trade-economic and cultural spheres was considered with regard to the most important documents signed between the two countries. In general, the article will

allow us to understand the essence of strategic partnerships in the system of international relations, especially interstate ones.

**Key words:** strategic partnership, strategic, Tajikistan, Kazakhstan, foreign policy, stimulating, identifying, symbolic, institutional, agreement, instrumental, interstate.

**Сведения об авторах:** ***Шарипов С.С*** - Таджикский национальный университет, аспирант кафедры зарубежного регионоведения. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 985-48-58-46.** E-mail: **sayhomid.tj.93@mail.ru**
***Шарипов А.Н.*** **-** Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, доцент кафедры дипломатии и внешней политики Республики Таджикистан. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 988-50-10-11.** E-mail: **amrsharif@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Sharipov S.S.*** - Tajik National University, graduate student of the department of foreign regional studies. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. Phone: **(+992) 985-48-58-46**. E-mail: **sayhomid.tj.93@mail.ru**
***Sharipov A.N.*** - Tajik National University, candidate of historical sciences, associate professor of the department of diplomacy and foreign policy of the Republic of Tajikistan. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. Phone: **(+992) 988-50-10-11.** E-mail: **amrsharif@mail.ru**

УДК: 1/14 (091) (575)

# РОЛЬ СУФИЙСКОГО ОРДЕНА НАКШБАНДИЯ В ФОРМИРОВАНИИ И ЭВОЛЮЦИИ МИРОВОЗЗРЕНИЯ БАБУРА

*Сулаймонов И.И.*
**Самаркандский государственный университет имени А. Навои (Узбекистан)**

В конце XV - начале XVI вв. в Мавераннахре и Хорасане общественно-политическая ситуация была крайне шаткой и нестабильной. Междуусобицы тимуридских правителей, внутренние конфликты эмиров и беков империи, усиление влияния Шейбанихана в Мавераннахре и сефевидов в Хорасане представляли большую угрозу для политической власти династии тимуридов.

Именно в этот сложный период в духовной жизни общества вышло на арену накшбандийское направление суфизма, которое имело большую силу влияния. Для накшбандии были характерны идеи миролюбия, ненасильственной борьбы со злом, справедливости и правосудия, прекращения междуусобиц, развития ремесленничества и земледелия, прогресса науки, воспитания гармонично развитого человека. Влияние представителей данного ордена в регионе было настолько сильным, что они играли не последнюю роль в политической жизни страны. В занятии престола определенным монархом, в победе или поражении в борьбе за трон неизменно прослеживалось влияние адептов ордена накшбандия. В этом смысле примечательна деятельность видного представителя ордена Ходжа Убайдуллоха – Ходжа Ахрора Вали. В “Бабурнаме” в описании жизни и деятельности правителя Самарканда Султона Ахмада раскрывается роль и место этого духовного наставника и общественного деятеля.

мусоҳибони пурсидашуда низ 48,6% тасдиқ намудаанд, ки дар макони зисти онҳо муҳоҷирати меҳнатии оилавӣ мавҷуд аст [7,с.31]. Маълумотҳо бозгӯи он ҳастанд, ки муҳоҷирати меҳнатии оилавӣ ҷой дорад, вале чуноне ки аз тадқиқотҳо бармеояд, аксарияти онҳоро ҷавонон ва оилаи ҷавон ташкил медиҳанд. Сабаби рӯ овардани ҷавонон ва оилаҳо ба муҳоҷирати меҳнатӣ, пеш аз ҳама, барои шаҳрвандони мо ва оилаҳои онҳо аз якчанд ҷиҳат: дарёфти ҷойи кор ва интиқоли пулӣ, афзудани даромаднокии оила ва беҳдошти сатҳи зиндагӣ, фароҳам овардани майдони фарох ҷиҳати донишандӯзӣ барои онҳо, пардохти шартномаи таҳсил барои таълиму тарбияи хуби фарзандон, самоягузории фарзандон ва хонадор намудани онҳо, ҳифзи саломатӣ, такмили ихтисос, соҳиб шудан ба касбу ҳунар, имконият ба истироҳату фароғат, пайдо намудани таҷрибаҳои пешқадам дар кору фаъолият ва ғайраҳо судманд аст. Ҳамаи ин муваффақиятҳо на танҳо муҳоҷирони меҳнатӣ, балки аъзоёни оилаи онҳоро низ рӯҳбаланд месозад.

Дар ин замина, соли 2018 байни 80 (ҳаштод) оилаи ҷавони муҳоҷирони меҳнатии минтақаҳои гуногуни вилояти Суғд пурсиши афкори умум гузаронида шуд, ки зарурияти муҳоҷирати меҳнатиро 90%-и онҳо муҳим арзёбӣ намуданд.

Воқеон, 70% мусоҳибони оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ мақсади сафарро таъмини фарзандон бо маълумоти мувофиқ, 34,5% беҳтарсозии шароити зиндагӣ, 23% гузаронидани тӯй, 12% пардохти қарзҳо, 24,2% таъмини оилаҳо бо маводи хӯрокаро интихоб кардаанд ва 83% шумораи оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ аз пули интиқолии муҳоҷирони меҳнат вобаста ҳастанд ва бештари маблағҳо барои эҳтиёҷоти рӯзгор сарф мешаванд [7,с.47-50]. Аммо зикр намудан ҷоиз аст, ки баробари эҳсоси манфиатҳо дар рӯзгори дар муҳоҷират басарбурдаи шаҳрвандон муаммоҳое сар мезананд, ки аз он оилаи муҳоҷир низ бенасиб нест. Таҷрибаи зиндагӣ собит месозад, ки на ҳар як муҳоҷир ба дарёфти кор ва маоши муносиб соҳиб мегардад, ки дар натиҷа, ин мушкилот марҳала ба марҳала ба оилаи ӯ низ таъсир мерасонанд. Мушкилоту муаммо ва ҳамчунин бархӯрдҳои иҷтимоии оилаҳои муҳоҷирони меҳнатиро чунин муқаррар намудан мумкин аст:

- шароити номусоиди зиндагӣ;
- эҳтиёҷ доштан ба маблағи ҳаррӯза барои озуқа, харидории сару либос, ашёи хониш ва ғайра;
- қарздорӣ, сатҳи пасти маърифат, серфарзандӣ;
- тарбияи нодуруст ва яктарафа;
- пайдо шудани эҳсоси танҳоӣ;
- дастнигарӣ, вобастагӣ, тарс ва яъсу ноумедӣ аз оянда;
- ривоҷи бемориҳои рӯҳию равонӣ;
- стресс, дипрессия ва низоъҳо байни аъзоёни оила;
- нобоварӣ ва рашки ҳамсарон, хиёнат, бисёрникоҳӣ;
- ҳамдигарнофаҳмӣ байни аҳли хонаводa, ҷудошавии оилаҳо;
- ятиму бепарастор, бе макони зист мондани зану фарзандон;
- ба оворагардӣ, кӯчагардӣ ва дигар падидаҳои манфии ҷомеа, чун нашъамандӣ, авбошӣ ва гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ ҳамроҳ шудани фарзандони оилаҳои муҳоҷир;
- гирифтор шудан ба бемориҳои сироятшавандаи ВНМО, сил, вараҷа ва ғайраҳо.

Мулоқоти оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ хеле гуногунанд, ки вобаста ба сатҳи тафаккур, ҷаҳонбинӣ ва шароити зиндагӣ аз якдигар фарқ мекунанд.

Мо дар ин мақола наметавонем тамоми паҳлуҳо ва муаммоҳои оилаҳои муҳоҷирони меҳнатиро фарогир бошем, аммо ин ҷо асосан роҷеъ ба баъзе масъалаҳо изҳори назар намудан ба мақсад мувофиқ хоҳад буд. Имрӯз дар Тоҷикистон барои ҳаллу фасли муаммоҳои оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ба роҳ мондани чандин корҳои муҳим, ки бояд самараҳои хуб ба бор оваранд, зарур аст:

**Якум.** Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир синну соли муҳоҷирати меҳнатӣ поён рафта, аксарият ҷавононро ташкил медиҳад, ки тибқи тадқиқотҳои қаблии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 70% муҳоҷиронро ҷавонони синни 17-29 сола ташкил медиҳанд [7,с.5]. Муаммои асосӣ дар он зоҳир мегардад, ки ҷавонони тоҷик бо духтарони кишвари будубош оиладор мешаванд, ки дар натиҷа, синни миёнаи ақди никоҳ дар Тоҷикистон меафзояд.

Робитаҳои баъзе аз муҳоҷирони меҳнатӣ бо оилаҳои худ комилан канда мешаванд. Тадқиқот нишон медиҳад, ки қариб 30% аҳолӣ дар муҳоҷирати меҳнатӣ оила барпо мекунанд. Дар натиҷа, пиршавии духтарони бешавҳар ва бесаробон мондани занону кӯдакон торафт ҷиддӣ мегарданд [8,с.32]. Ғайр аз ин мушкилоти дигар низ ба вуҷуд омада истодааст. Солҳои қаблӣ оилаҳои ҷавоне, ки никоҳашон бекор мегардид, ҳам зан ва ҳам

мард ба хостгории қаблан шахсони оиладоршуда ба никоҳ медаромаданд. Аммо солҳои охир мардон новобаста ба синну сол дар оилаи дуюми худ низ ҷавондухтаронро ба никоҳ дароварда истодаанд, ки ин тадбир ба яккаву танҳо мондани занони бешавҳар, афзудани бемории рӯҳию равонии зану фарзандон, тарбияи номукаммал ва дигар муаммоҳои оиладорӣ оварда мерасонад. Аз тарафи дигар, духтарон ва волидайни онҳо низ маҷбуранд, ки бо мақсади ба пиршавӣ оварда нарасонидани духтар фарзандони худро ба шавҳар диҳанд. Дар ин ҳолат, хоҳу нохоҳ зани танҳо бори гарони зиндагиро ба дӯш гирифта, бисёр мушкилиҳоро паси сар менамояд. Қуввати онҳо на танҳо барои хӯрондану пӯшонидан, балки тарбияи кофии фарзандон ҳам намерасад. Зеро ҳар як фарзанд хислати ба худ хос дорад, ки нерумандии падар ба онҳо хеле зарур мебошад. Барои пешгирии ин мушкилот бояд корҳои зерин анҷом дода шаванд:

а) Таҳия ва пешниҳоди Консепсия ё Барномаи давлатӣ вобаста ба кор бо оилаҳои муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон дар бахшҳои гуногун барои пешгирӣ ва ҳалли мушкилоти оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ мусоидат менамояд. Дар анҷоми ин кор мақомоти давлатӣ, Кумитаи кор бо ҷавонон, Кумитаи кор бо занон оила, мақомотисабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, хадамоти муҳоҷират, шуғли аҳолӣ ва дигар ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ ин рисолатро дар назди давлат ва ҷомеа анҷом дода метавонанд.

б) Дар ин замина, анҷом додани тадқиқоти сотсиологӣ дар оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, омӯзиши кулли муаммоҳои онҳо аз ҷониби ниҳодҳои давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ, гузаронидани мониторинги мунтазами ҷараёни кор бо оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва тавсияҳо дар ҳалли муаммоҳо барои коҳиш додани сатҳи муҳоҷирати меҳнатӣ ва мустаҳкамии оила басо таъсири назаррас дорад.

в) Ба мақсад мувофиқ аст барои пешгирии низоъ ва бекоршавии никоҳ ҳаққи маҳри занон дар аҳдномаи никоҳ ворид карда шуда, пеш аз оиладоршавии навхонадорон ба таври ҳатмӣ муқаррар карда шавад. Маблағи он дар бонк ҳамчун моликияти якҷояи зану шавҳар нигоҳ дошта шуда, дар ҳолати ҷудошавии оила барои эҳтиёҷоти зану фарзанди ноболиғ равона карда шавад.

г) Барои оилаҳои ҷудошуда аз тарафи давлат бо истифода аз неруи кории донишҷӯён ва мутахассисони соҳаи сохтмонию муҳандисӣ гурӯҳҳои ҷавонони "Сохтмончиён" таъсис ёфта, биноҳои баландошёнаи иҷтимоӣ мавриди истифода қарор гиранд. Ба оилаҳои ҷавон имконият дода шавад, ки тариқи қарзҳои бефоиз ё имтиёзноки дарозмуддат соҳиби хонаҳои истиқоматӣ гарданд. Зеро аксарияти муаммоҳои оилаҳои муҳоҷир дарёфти маблағ барои харидани хонаи истиқоматӣ ва ё бунёди он мебошад. Масалан, муаммои оилаҳои ҷудошуда надоштани шароити сохтан ва бунёд кардани манзили истиқоматӣ мебошад. Имрӯз аз ҷониби давлату ҳукумат замини наздиҳавлигӣ барои оилаҳои эҳтиёҷманд ҷудо мешавад, аммо, набудани қувваи корӣ дар оила ва маҳдуд будани шароити молиявии оилавӣ ба онҳо мушкилиҳоро эҷод мекунад. Аз ин лиҳоз, пешбинӣ намудани қарзҳои бефоизи давлатӣ ё қарзҳои дарозмуддат имконпазир мебошад.

**Дуюм.** Падидае, ки имрӯз дар байни муҳоҷирони тоҷикистонӣ густариш меёбад, ба равияҳои гуногуни динӣ гаравидани онҳо мебошад. Мушоҳидаҳо собит менамоянд, ки баъзе ҷавонон бо тафаккур ва ҷаҳонбинии дунявӣ ба кишвари Русия ба муҳоҷират мераванд, вале аз он тараф бо тафаккур ва ҷаҳонбинии ифротӣ ва хурофотӣ ба Ватан бармегарданд. Аз ҷониби дигар, тибқи маълумотҳои оморӣ, солҳои охир наздики 1,6 миллион ё 19% аҳолии Тоҷикистон ба интернет дастрасӣ доранд, ки тавассути он маводи зиёди дорои хусусияти ифротӣ ва таблиғкунандаи терроризму экстремизм дар шабакаҳои иҷтимоӣ зиёд паҳн мешаванд. Аъзоёни гурӯҳҳои ифротӣ пинҳонӣ ё тариқи ошкоро тавассути шабакаҳои иҷтимоии "Facebook", "Viber", "Одноклассники", "Twitter" ё дигар сомонаҳои ғайрирасмӣ бо роҳи фиреб ва бо истифода аз қишри ҷавонони камсавод, бекор, муҳоҷирони меҳнатӣ, заифирода ва дорои маърифати пасти диниву дунявӣ ба гумроҳӣ ва хиёнаткорӣ мебаранд [9,с.278], ки дар бештар маврид зану фарзандони худро дар кишварҳои ҷангзада даъват намуда истодаанд. Роҳ ёфтани бештари ҷавонон ва оилаҳои онҳо ба гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ сурат мегирад. Ҷавонон ва оилаи онҳо бояд дар навбати аввал фаромӯш насозанд, ки дар паси шабакаҳои иҷтимоӣ ё интернетӣ бо кӣ хамсуҳбат мешаванд ва чӣ мақсаду ҳадафҳо доранд. Дар ин ҳолат, танҳо истифодаи моҳиронаи маърифати баланди сиёсӣ, ҳуқуқиву динӣ, равонӣ ва ғайра моро аз зуҳуроти номатлуб дур месозад.

**Сеюм.** Масъалаи дигаре, ки имрӯз барои муҳоҷирони тоҷикистонӣ аҳаммияти зиёд дорад ин масъалаи ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ мебошад. Зеро то имрӯз масъалаи таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоӣ- масъалаи нафақа ва ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ фаро гирифтани муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон, ки берун аз кишвар кору фаъолият

менамоянд, ҳалли худро наёфтааст. Муҳоҷирони меҳнатӣ, алалхусус ҷавонон, ҳангоми муҳоҷират ба садамаҳои истеҳсолӣ дучор шуда ва бемориҳои мухталиф гирифтор мешаванд ва бо саломатии хароб ва дараҷаҳои гуногуни маъюбӣ ба ватан бармегарданд. Айни замон, аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ санади меъёрии ҳуқуқӣ оид ба суғуртаи иҷтимоии ихтиёрӣ таҳия ва амалӣ мегардад, аммо, ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандоне, ки берун аз хоки Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд, баъзе тадбирҳои зарурӣ бояд андешида шаванд, то ки дастгириву имтиёзҳои давлат барои оилаҳо ва аъзоёни он эҳсос гардад. Зеро ҳамасола фавти беш аз 1000 нафар муҳоҷирони меҳнатӣ аз ҳисоби ҷавонон бо сабабҳои гуногун ба қайд гирифта мешавад.

**Чорум.** Муаммои асосии муҳоҷирони меҳнатӣ дар ибтидои солҳои истиқлолият таъмини дар оила бо озуқаворӣ маҳсуб мeёфт. Аммо солҳои охир, ҳадафи бештари онҳо сифатан беҳтар намудани шароити манзил ва зисту зиндагонӣ, фароҳам овардани имконият барои таълиму тарбияи фарзандон дар мактабҳо ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ дар дохил ва ё хориҷи кишвар мебошад, ки дар муқоиса бо солҳои қаблӣ мусбат арзёбӣ мешавад. Аммо бояд гуфт, ки на ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ба ҷойи кори мувофиқ ва маоши дастрас соҳиб мешаванд, ки омили асосии он надоштани ихтисос ва касбу ҳунар мебошад. Дар натиҷа, неруи корӣ ба корҳои вазнин, барои саломатӣ зарарнок, ифлос ё маоши номувофиқ, ки ҳатто барои таъмини хароҷоти шахсӣ нокифоя мебошад, сафарбар мегардад.

**Панҷум.** Солҳои охир сафари муҳоҷирони меҳнатӣ дар шакли оилавӣ ба мушоҳида расида истодааст, ки пайомадҳои мусбат ва ҳам манфиро дорад. Баъзан муҳоҷирони меҳнатӣ барои ҳалли муаммоҳои оилаи худ зану фарзандони худро якҷоя мебаранд, ки аз як тараф падидаи мусбат бошад, аз ҷониби дигар дар муҳити бегона тарбия намудани кӯдакон, надонистани забон, таъсири фарҳанги хориҷиён, тағйир ёфтани муносибат ва рафтори шарқиёна ва амсоли инҳо барои оилаи муҳоҷирони меҳнатӣ таъсири манфӣ дорад. Аммо кам муҳоҷирони меҳнатие ёфт мешаванд, ки оилавӣ дар ҳиҷрат бошанд. Агар ба назар расанд ҳам, онҳо солҳои зиёд дар ғарибӣ умр ба сар мебаранд ва танҳо дами пиронсолӣ ба зодгоҳи худ бармегарданд.

**Шашум**. Мушкили дигари оилаи муҳоҷир дар он зоҳир мегардад, ки бо сабаби номувофиқ омадани арӯсу хушдоман ё дигар аъзои оила, шавҳар ба дарки низоъ ва мафҳуми талоқ нарасида, тариқи смс –паёмаки телефонӣ оилаи худро барбод медиҳад. Ин амал тибқи фатвои уламои дин нораво аст, ки ин аз сатҳи пасти маърифати динии оилаҳои ҷавон сарчашма мегирад. Зарур аст, ки барои пешгирии низоъҳои оилавӣ дар назди мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот Маркази машваратию равоншиносӣ ташкил гардад.

**Ҳафтум**. Мушкилоти дигари оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ худсарона ё кӯр-кӯрона анҷом додани сафар мебошад. Ин ҳолат фарзандонро аз таълиму тарбия дур месозад ва боиси рух додани омилҳои номатлуби иҷтимоӣ мешавад. Масалан, дар сиришти духтарону писароне, ки худсарона бидуни роҳнамоии волидайн рафтор мекунанд, бештар хислатҳои оворагардӣ, гапнодарой, дурӯғгӯӣ, гапгардонӣ, танбалӣ, беҳурматию ҳавобаландӣ ба назар мерасанд. Онҳо дар ҷомеа худро идора карда натавониста, зери фишори хашму ғазаб муносибат мекунанд ва чун шахси бадахлоқ ва зӯровар даст ба амалҳои ношоиста мезананд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар маҷлиси умумиҷумҳуриявӣ доир ба муаммоҳои демографӣ ва танзими оила (20 феврали соли 2002) аз андешаҳои ҷолиби шахсияти бузурги олами ислом Имом Муҳаммади Ғазолӣ дар китоби «Кимиёи саодат» оид ба масъалаҳои никоҳ, оиладорӣ ва махсусан, тарбияи кӯдакон пуштибонӣ карда, ба натиҷаи зерин расидаанд: «Ӯ кӯдакро амонате дар дасти падару модар медонад, ки дилаш чун гавҳар нафис аст, аз ҳама нақшҳои баду нек холист ва чун замине пок аст, ки ҳар тухм дар он афканӣ, бирӯяд. Агар падару модар дар ин замин тухми хайр афкананд, яъне фарзандро хуб тарбия намоянд, саодатманд шавад ва агар бар хилофи он амал кунанд, бадбахт шавад» [10,с.15].

**Ниҳоят** муаммои дигаре, ки оилаҳои муҳоҷирони тоҷикро ба ташвиш овардааст, гирифторӣ ба бемориҳои сироятшавандаи Вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) мебошад, ки сарчашмаи афзоиши ин беморӣ аз муҳоҷирати меҳнатӣ маншаъ мегирад. Масалан, теъдоди умумии сироятшудагони Тоҷикистон то соли 2016 7709 ададро ташкил медод. Соли 2015 - 165 нафар аз ҷумла, 151 нафар мард ва 14 зан ба қайд гирифта шудааст, ки 91,5% паҳншавии сироят тавассути алоқаи ҷинсӣ дар муҳоҷирони меҳнатӣ сурат гирифтааст. Таҳлилҳо бозгӯи он ҳастанд, ки шавҳарони қариб ҳамаи занони ҳомиладори

сироятёфтаи ВНМО дар солҳои қаблӣ дар муҳоҷирони меҳнатӣ буданд ва онҳо низ ба ин бемор гирифторанд [12,с.2-18]. Тибқи маълумотҳои соҳаи тандурустӣ тамоюли сирояти ВНМО дар байни кӯдакони оилаҳои муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон аз соли 2002 то соли 2015 636 ададро ташкил медиҳад, ки ин раванд сол аз сол тамоюли зиёдшавӣ дорад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло ташкили нуқтаҳои тиббӣ ва гузаронидани ташхиси ҳатмии муҳоҷирони меҳнатӣ ҳангоми вуруд ва хориҷ дар фурудгоҳу роҳи оҳан ва гузаргоҳҳои сарҳадӣ барои пешгирии паҳншавии беморӣ ва эмин нигоҳ доштани оила аз сироятшавии ВНМО имконпазир мебошад.

**Хулоса,** мақомоти давлативу ҷамъиятӣ ва аҳли ҷомеаро зарур аст, ки сари ин муаммоҳо андеша намуда, барои пешгирии падидаҳои манфии оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ чораҳои саривақтӣ андешанд.

**АДАБИЁТ**


1. Всеобщая декларация прав человека // Резолюция 217 А (III) Генеральной Ассамблеи ООН от 10 декабря 1948 года.
2. Доклад Генерального секретаря ООН от 12 декабря 2017. С.3-4. URL: https://refugeesmigrants.un.org/sites/default/files/sg_report_ru.pdf
3. International Migration Report 2017 of UNN, p.6. URL: http://www.un.org/en/development/desa/population/migration/publications/migrationreport/docs/MigrationReport2017.pdf
4. Шоисматуллоев Ш. Трудовая миграция в жизненных планах населения Таджикистана: результаты исследования. Масъалаҳои раванди муҳоҷирати меҳнатӣ: мушкилот ва дурнамо / Ш. Шоисматуллоев, З.Ш. Шоисматуллоева //Маводи конференсияи илмию амалӣ.-Душанбе, 2013. 232 с.
5. Масъалаҳои раванди муҳоҷирати меҳнатӣ: мушкилот ва дурнамо//Маводи Конференсияи илмию амалӣ.-Душанбе, 2013.-232 с.); (Пули муҳоҷиратии байни давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Русия: тарҳсозӣ ва идораи самарабахши ҷараёни муҳоҷиратӣ //Мақола ва маводҳои иштирокунандагои Симпозиуми байналхалқӣ (Москва-Хуҷанд, 22-26 сентябри соли 2009. М.:Нашриёти "Экономическое образование", 2009.-343с; 2010-586с.(1-4 ноябр); 2011-655с.(23-25 ноябр); Баҳромбеков Д.А., Ҷӯраев Ҷ.Д., Зеваров Х., Миров Ф., Шоев К. Кори иҷтимоӣ бо оила-Душанбе: Истеъдод, 2012.-288с.; Б.А.Маҳмадов, А.Ш.Қурбонов. Раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар Тоҷикистон ва дурнамои он; Ю.Юсуфбеков. Роҳҳои ҳалли ҷойҳои кории иловагӣ; Ҷ.Икромов Душвориҳои муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти хориҷа ва роҳҳои ҳалли он; М.Хоҷаева. Проблемаҳои ҳифзи иҷтимоии заноне, ки шавҳаронашон дар муҳоҷирати меҳнатӣ мебошанд; А.Г.Шарипова. Баъзе ҷиҳатҳои махсуси муҳоҷирати меҳнатии берунаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири он ба вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар; М.М.Бобоҷонов. Проблемаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва фарогирии фарзандони муҳоҷирон ба таълим; М.Баҳриддинов. Таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ ба таълиму тарбияи фарзандони муҳоҷироне, ки дар Тоҷикистон мондаанд; Г.Б.Бобосодиқова. Проблемаҳои занони муҳоҷир ва роҳҳои ҳалли онҳо; М.Азизова. Хатарҳои нав барои муҳоҷирони меҳнатии тоҷик.
6. Маблағҳои интиқолшудаи муҳоҷирон ба Тоҷикистон: Захираҳо барои пасандоз ва инвеститсияҳо ба иқтисодиёт ва маҳсулоти молиявӣ бо мақсади ҷалбкунии маблағҳои интиқолшаванда/Шӯроҳои Субминтақавӣ дар кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ, МОТ. МТС.-Москва:МОТ, 2010.
7. Нашри илмию публитсистии "Муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилот, таъсири он ба ҷомеа ва роҳҳои танзими равандҳо". –Душанбе: Эр-граф, 2013. -90 с.
8. Баҳромбеков Д.А. Кори иҷтимоӣ бо оила / Д.А. Баҳромбеков, Ҷ.Д. Ҷӯраев, Х. Зеваров, Ф. Миров, К.Шоев. –Душанбе: Истеъдод, 2012. -288 с.
9. Роҳу усулҳои пешгирӣ ва муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез (маводи Конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ). -Хуҷанд: Нури маърифат, 2018. -320с.
10. Эмомалӣ Раҳмонов. Танзими оила – кафолати рушди устувори ҷомеа. -Душанбе: Шарқи озод, 2002. -С.15.
11. Рӯзномаи «Миллат». URL: http:millat.tj.
12. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №89 аз 25.02.2017 "Дар бораи Барномаи миллӣ оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2020". - Душанбе, 2017. -138 с.


## ХАВФИ АСОСИИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ БАРОИ ОИЛАҲОИ ҶАВОН

Муҳоҷирати меҳнатӣ яке аз мавзӯътест, ки ҳамчун мушкилоти иҷтимоӣ ҳамеша зери таваҷҷуҳи мутахассисони ин ё он соҳа қарор гирифтааст. Дар мақолаи мазкур мушкилоти иҷтимоии оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар Тоҷикистон ва таъсири мусбату манфии он ба шахс, оила, ҷомеа ва давлат бо истифодаи маводи илмӣ ва нуқтаи назари ҷомеашиносону сотсиологҳо ва дигар мутахассисони соҳа таҷдиди назар шудааст. Ҳамчунин, ҷиҳати возеҳтар баррасӣ намудани хавфи асосии муҳоҷирати меҳнатӣ барои оилаҳои ҷавони Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти оморӣ ва пурсиши афкор васеъ корбаст карда шудааст, ки ин тарзи корбарӣ то андозае ҷиҳати баррасии дақиқ ва муайян намудани омилҳои мусбӣ ва манфии муҳоҷирати меҳнатӣ ба хонаводаҳо мусоидат намудааст. Дар он омилҳои асосии рӯ овардани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳоҷирати меҳнатӣ, оқибатҳои неку бади он ва роҳҳои ҳалли муаммоҳои оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ бозгӯ гардидаанд. Бояд гуфт, ки нишондиҳандаҳои мутақобилаи муҳоҷирати меҳнатӣ ба оилаҳо вобаста ба заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, фарҳанг, анъана ва расму оин, шароити иқтисодиву иҷтимоӣ ва дигар хусусияти хос аз ҳамдигар фарқ мекунанд, ки ин ҷиҳати масъала дар матлаби мазкур бознигарӣ шудааст. Инчунин, дар маводи мазкур баробари тадқиқи омилҳои асосии муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони кишвар ва таъсири он ба оила, доир ба масоили тарбияи фарзандон, таъсири шабакаҳои

иҷтимоии интернетӣ ба муҳити хонаводагӣ, гароиши ҷавонон ба гурӯҳ ва созмонҳои террористиву экстремистӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** оила, муҳоҷирати меҳнатӣ, муҳоҷирон, ҷавонон, шуғл, бекорӣ, кор, ақд.

**ОСНОВНЫЕ УГРОЗЫ ТРУДОВОЙ МИГРАЦИИ ДЛЯ МОЛОДЫХ СЕМЕЙ**

Трудовая миграция является одной из трудных социальных проблем, которая привлекает внимание исследователей различных отраслей науки. В этой статье рассматриваются социальные трудности семей трудовых мигрантов в Таджикистане. На основе научных материалов отражается положительное и отрицательное влияние трудовой миграции на личность, семью, на общество и государство в целом. Для более полного освещения угрозы трудовой миграции в жизни молодых семей Таджикистана были использованы статистические данные и материалы социологических исследований. На основе этих и других фактических материалов, а также взглядов социологов указываются отрицательные и положительные факторы влияния трудовой миграции. Приводятся основные причины трудовой миграции граждан Таджикистана и пути решения возникающих в связи с этим проблем молодых семей мигрантов. Кроме того, на основе некоторых важных правовых и законодательных норм делается сравнительный анализ влияния трудовой миграции на социально-экономическую культурную жизнь таджикских семей. В данной публикации также говорится о проблемах воспитания детей, влиянии социальных сетей интернета, привлечении молодежи к различным незарегистрированным группам, в том числе террористическим и экстремистским организациям.

**Ключевые слова:** семья, трудовая миграция, мигранты, молодежь, занятость, безработица, работа, брак.

**MAIN DANGER OF LABOR MIGRATION AMONG YOUNG FAMILIES**

Labor migration is one of the most difficult social issues, which claims attention of various fields of studies. The article deals with the study of social issues of labor migrant families of Tajikistan. A positive and negative influence of labor migration upon personality, family, society and government is reflected in this article based on scientific resources. The article uses statistic data and material for researches to give the picture of real hazard of labor migration. Based on these materials and the ideas of scientist of social science the positive and negative influences of labor migration are made. The main factors of appearance labor migration of Tajikistan and the ways of its prevention is discussed in the article. The article highlights some important regulations the comparative analysis and influence of labor migration upon social, economic and cultural life of families. The article discusses some problems of children education, influence of social Internet networks, which engage youth in different illegal groups, as terroristic and extremist groups.

**Key words**: family, labour migration, migrants, youth, job, unemployment, work.

**Сведения об авторе:** ***Ходибоев Фаридун Абдуалиевич*** **-** Государственного образовательного учреждения “Худжандский государственный университет имени Бободжона Гафурова”, начальник информационного и аналитического центра, кандидат философских наук, доцент кафедры политологии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбекова 1. E-mail: **Faridun84.84@mail.ru**. Телефон: **92-888-46-05**

***Personal information: Hodiboev Faridun Abdualievich*** **-** State educational institution “Khujand State University named after Bobojon Gafurov”, head of the information and analytical center, candidate of philosophical sciences, associate professor of the department of political science. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov passage 1. E-mail: **Faridun84.84@mail.ru**. Telephone: **92-888-46-05**

**УДК:1/14 (575.3)**

# ЗАМИНАҲОИ ҒОЯВӢ-НАЗАРИЯВИИ ПАЙДОИШИ ЭКЗИСТЕНСИАЛИЗМ

***Рамазониён А.Б.***

**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АИ ҶТ**

Аз асри XIX инҷониб фалсафаи аврупоӣ бо диди нав ба саҳнаи андешаронии илмӣ ворид шуда, дар ҳалли мавзӯъҳои фалсафӣ усул ва шеваи фарққунандае нисбати фалсафаи классикӣ интихоб кард. Дастовардҳои чунин андешаҳои илмгароёна дар ҷомеаи аврупоӣ якчанд мушкилоти фаннию фарҳангӣ ва иҷтимоию сиёсиро ба вуҷуд овард, зеро дигаргуниҳои куллии ҳаёти ҷамъиятии охирҳои асри XIX ва аввалҳои асри XX ба шиддатёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ, ба миён омадани ҳодисаҳои фалокатбор, аз ҷумла ду ҷанги ҷаҳонӣ, ба мушкилот дучор шудани идеяи соҳибихтиёрии инсон ба табиат бунёди эътимодро ба мутлақияти арзиши андешаҳои илмгароёна зарба зада, дарки зарурияти ҷустуҷӯи шеваҳои нави андешарониро ба миён гузошт. Дар ҳамин замина тадриҷан ҷараёнҳои навини фалсафӣ, аз қабили фалсафаи ҳаёт ва экзистенсиализм (вуҷудгароӣ) ташаккул ёфтанд [9,с.433].

Истилоҳи экзистенсиолизм маъмулан барои ишораи ба наҳзати илмие ба кор бурда мешавад, ки Мартин Ҳайдеггер ва Жан Пол Сартр поягузорони он маҳсуб мешаванд. Сароғози шаклгирии ин фалсафа ба охирҳои асри XIX ва аввалҳои асри XX рост меояд [9,с.436]. Албатта, файласуфони ин давра аз таҳлил ва баёни иллати буҳрон дар ҳаёти иҷтимоии инсони муосир фаротар рафта, кӯшиш кардаанд ба имкониятҳои мағфули инсон роҳ ёбанд, аммо билохира тафаккури онҳо намунаи кӯшиши инсони муосир барои фаҳми

хештан аст [8,с.18]. Маълум аст, ки олам тавассути инсон шинохта ва шиносонида мешавад, аз ин рӯ худи инсон мавзӯи аслӣ ва оғози фалсафаи экзистенсиализм аст. Пурсиши аслӣ дар ин фалсафа аз чигунагии одамӣ ва пурсиш дар бораи ҳамин мавҷуди малмус ва айнӣ бо ҳамаи сифатҳояш, ки аз ӯ мавҷуде бо номи инсон сохтааст , шурӯъ мешавад.

Экзистенсиализм аз инсон суҳбат мекунад ва ба ҳадде ба он аҳаммият медиҳад, ки ба қавли Ясперс, "Инсон ҳама чиз аст" [2,с.83].

Дар як сухан инсон экзистенсиализми айнӣ аст, танҳост ва аз нестӣ сохта шудааст, бинобар ин соҳибихтиёр аст [5,с.86]. Усули фалсафаи экзистенсиализм, ки масъалаи асосиро вуҷуд медонад, он ҳам вуҷуди инсон ба сурати аксуламали шадид, бар зидди ақлгароии Гегел дар андешаҳои Керкегор зуҳур кард. Ба андешаи Ясперс, Керкегор ва Нитче дар бораи марг бар асоси вуҷуд андешаи маҳзро баён карданд, яъне фосила миёни ҳастӣ ва андеша, ба аҳаммияти эҳсоси дарунӣ ва отифа пай бурданд. Бинобар ин, ба таври куллӣ фалсафаи экзистенсиолизм моҳиятан як аксуламал аст, аммо он ба иллати моҳияти инъикосӣ ва бозтобии худ, дар ҳайати як фалсафа ба буҳрон рӯбарӯст, шояд аз дигар мактабҳои фалсафӣ беҳтар ба дарки он аст: аз як сӯ дар ҷусуҷӯи ҳастӣ аст, аммо бо нестӣ рӯбарӯ мешавад, аз вуҷуд баҳс мекунад, аммо бо адам мувоҷеҳ мегардад, аз маънои ҳаёти инсон сухан мегӯяд, вале бо марг бархӯрд мекунад, шояд асоси ин буҳрон аз ҳолати бегонагии дарунии вуҷуди инсон бархостааст [5,с.76-77].

Чунонки аз истилоҳ бармеояд, экзистенсиализм мактаберо гӯянд, ки бар вуҷуд такя задааст ва экзистенсиалист, ҷавҳар, мумкинот, тасаввуроти муҷаррад ва мутлақро қабул надорад, балки бо рӯҳияи интизоӣ мухолиф аст, фақат мутаваҷҷеҳи мавҷуд, ё ба ибораи дигар, саргарми баррасии вуҷуди мавҷуд аст [10,с.41]. Вожаи экзистенс "existence" аз "existere" гирифта шудааст. Асли вожа ба маънои падидор шудан, берун шудан ва барҷаста будан аст. Дар асрҳои миёна ин вожа дар баробари Худованд истифода мешуд, аммо Керкегор ин вожаро барои инсон ҳам ба кор бурд, тадриҷан ин вожа чунон рушд кард, ки дигар фақат барои инсон ба кор рафт [8,с.40]. Экзистенсиализм, яъне убур аз ҳолате, ки ҳаст (ex) ва истиқрор "sister" дар ҳолате, ки фақат пештар мумкин будааст. Вожаи "existence" истифодаи зиёд ва дар мавридҳои гуногун маънои хосси худро дорад, аммо он чи дар зеҳни файласуфон истифода мешавад, ин аст, ки онҳо ин калимаро ба навъе аз вуҷуд, ки мутааллиқ ба инсон аст, маҳдуд мекунанд.

Вожаи экзистенсиализм дар аксарияти осори фалсафии тоҷик вуҷудгароӣ тарҷума шудааст. Дар форсӣ бошад, онро асолати вуҷуд ва дар арабӣ вуҷудия мегӯянд. Як нуктаро бояд зикр намуд, ки вожаи экзистенсияи лотинӣ дар забони тоҷикӣ мавҷудият тарҷума мешавад. Аз ин рӯ онро вуҷудгароӣ тарҷума кардан он қадар созгор нест ва дар забони тоҷикӣ бояд мавҷудият тарҷума шавад, зеро, агар ба моҳияти ин ҷараёни фалсафӣ дурустар таваҷҷӯҳ карда бошем, ба дурустӣ маълумамон мегардад, ки сухан дар бораи сифатҳо ва чигунагии мавҷудияти инсон меравад [6,с.238].

Файласуфони ин мактаб дар ҷаҳони зинда фақат инсонро чизи мавҷуд медонанд, халос, аз ҷумла Ҳайдеггер, ки чунин гуфтааст: Дар ин ҳастӣ фақат инсон вуҷуд дорад, ҷӯбу санг ҳаст, аммо вуҷуд надоранд, фаришта ҳаст, аммо вуҷуд надорад, Худо ҳаст, аммо вуҷуд надорад. Ин ҷумла, ки "фақат инсон вуҷуд дорад" ба ҳеҷ ваҷҳ ба он маъно нест, ки фақат инсон воқеан ҳаст ва ҳамаи ҳастиҳои дигар ғайривоқеӣ ё тасаввуру таваҳҳуми инсонанд" [3,с.22].

Хулоса, он чи перомуни маънои экзистенсиализм зикр шуд, ин аст, ки файласуфони экзистенсиализм ҳар яке вуҷуди калимаи existence-ро ба шеваҳои хос шарҳ додаанд.

**Таърихи пайдоиш**. Фаҳми дурусти фалсафаи экзистенсиализм марбут ба инсон дар давраи нав аст, зеро фосилаи замони асри XVII то XX, ки замони муосир ҳисобида мешавад, инсони наве ба вуҷуд омад, ки бархӯрди наве аз худ ба олам дошт ва боиси таҳаввул дар тамоми заминаҳо шуд. Барои вуруд ба ин фалсафа, муаррифии бештаре, ки поягузорони ин ҷараён аз он бархостаанд, зарурӣ ба назар мерасад.

Декарт ва Бекон аввалин мутафаккирони фалсафаи муосиранд, ки паҳлуҳои гуногуни фалсафии инсонро баррасӣ намудаанд. Декарт бо тарҳи (медонам пас ҳастам "cogito ergo sum") бар асолат ва нақши андешаи инсон бар кулли олам таъкид мекунад ва нақши ҷадиде барои инсон дар кулли мавҷудот эълом медорад. Аммо ин низоми мафҳум ва субъектҳои декартӣ ҷое барои инсон ба масобаи экзистенс, яъне инсон дорои аҳволи хос, инсони озод, инсони дорои тарсу ҳарос ва мувоҷеҳ ба марг надорад. Аз сӯйи дигар, Декарт бо бунёд ниҳодани фалсафаи худ бар "мани андешанда" пояи ҷудоӣ байни субъект ва объектро гузоштааст [8,с.23-27].

Фаҳм ва бархӯрди Кант ба унвони бузургтарин ва муассиртарин файласуфи муосир аз инсон низ аҳаммияти асосӣ дорад. Ӯ инсониятро пос дошта, муътақид аст, ки ҳар чӣ ҳаст, нашъатгирифта аз худи инсон аст. Дар воқеъ, ин ҷаҳон ҷузви ман аст, ки худро бо табиат ва идроки ман ҳамоҳанг мекунад. Пурсиш аз "ман" дар фалсафаи Кант ниҳоятан ба "мани истиълоӣ (фазилат ҷустан)" ба анҷом мерасад, лекин бо "мани файласуфон"-и экзистенсиализм бисёр фосила дорад.

Наздиктарин файласуф ба Кант, Гегел аст, ки барои инсон ба масобаи як фард, нақши андаке қоил аст. Ба андешаи Керкегор дар низоми Гегелӣ ҳадди ақал худи ӯ ба унвони инсон аз низомаш берун аст. Ӯ ба умури куллӣ ва воқеӣ мепардозад ва аз хештани хеши экзистенсиализм, ки ба равишҳои ақлӣ ва мантиқӣ дастрас нест, ғафлат дорад [8,с.45].

Дар бораи таърихи пайдоиши ин истилоҳ ва рушди ин мактаб, андешаҳои мухталифе вуҷуд доранд. Аввалан, файласуфони олмонӣ ин мактабро поягузорӣ кардаанд ва бо он дар фалсафа ва сиёсат аз худ осори гаронарзише боқӣ гузоштаанд. Дуюм ин ки, фалсафаи экзистенсиализмро файласуфони дигар аз олмониҳо гирифта, бо вазъият ва эҳсосоти муҳити хеш созгор карда, онро ба сурати дигар дароварданд. Навъи якуми фалсафаи экзистенсиализмро Ҳейдеггер ва Ясперс таъсис додаанд. Дар воқеъ, ин фалсафа ибтидо бо фалсафаи Керкегор поягузорӣ шуд ва бо марги ӯ комилан хомӯш шуд [4,с.347-348].

Баъд аз ним аср Ясперс ва Ҳайдеггер бори дигар онро зинда карданд ва аз он ҷо ба Фаронса роҳ ёфт, то пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳон бо тағйироте дубора аз Фаронса ба Олмон бозгашт ва аз он ҷо ба дигар гӯшаву канори ҷаҳон паҳн шуд [1,с.48-49]. Дар ҳақиқат, файласуфони экзистенсиализми фаронсавӣ, хоссатан Сартр, тариқи роман ва намоишномаҳояшон ба мардум моҳияти экзистенсиализмро хубтар шарҳ доданд.

Таърихи аслии пайдоиши экзистенсиализмро метавон ба тартиби зер муайян кард: соли 1855 Керкегор даргузашт. Соли 1919 Карл Ясперс бо интишори китоби равоншиносии ҷаҳонбиниҳо машҳур шуд. Соли 1927 Габриел Марсел китоби "Журнали метафизикӣ"-ро мунташир кард ва китоби бунёдии Ҳайдеггер "Ҳастӣ ва замон" мунташир шуд. Соли 1932 "Фалсафа"-и Ясперс, соли 1944 китоби "Ҳастӣ ва нестӣ"-и Сартр интишор ёфт. Экзистенсиализм дар Фаронса ва Италия нахуст рушд кард, дар ҳоле ки қаблан дар Олмон ҳудуди солҳои 1930 ба нерумандтарин марҳилаи густариш расида буд [4,с.125].

**Равиш.** Фалсафаи экзистенсиализм дорои ҷаҳонбинӣ ва системаи мушаххасе нест ва бо ҷаҳонбинии гуногуне, ки файласуфони ин мактаб мумкин дошта бошанд ва тариқи фалсафаварзии онҳо шабоҳати зиёде дида мешавад, ки ҳокӣ аз тафаккури муштараки онҳост. Ҷон Маккари дар китоби "Фалсафаи вуҷудӣ" ҳамин шеваи муштараки фалсафидан аст, ки ба мо имкон медиҳад онҳоро "файласуфони вуҷудӣ" биномем. Чигунае ки зикр шуд, ошкортарин хусусияти ин фалсафа он аст, ки аз инсон оғоз мешавад, на аз табиат. Инсон дар ин фалсафа фақат субъект шинохта намешавад, балки оғозгари амал ва маркази эҳсос низ ҳаст.

Ба ибораи дигар, андешаҳои экзистенсиалистон гуногун аст. Масалан, Ҳайдеггер ҳастишиносиро ба маънои Арастуии калима баён кардааст. Сартр пас аз ӯ равиши дақиқ ва муфидро ба кор бурд. Ясперс ҳар гуна ҳастишиносиро инкор мекунад, аммо дар айни ҳол ба метафизика мепардозад [4,с.127]. Дар ҳақиқат он чи мавриди таваҷҷуҳ аст, муҳтавои андешаҳои экзистенсиализм аст, на тариқаи баёни он. Чигунае, ки Буханский дар "Фалсафаи муосири Аврупо" менависад: "Бояд ба ҷойи пешниҳоди таърифи аз фалсафаи экзистенсиализм, иддае аз мафҳумҳоеро, ки дар ин фалсафа истифода мешаванд баршумурд" [4,с.82]. Ҳамаи экзистенсиалистон дар баробари таъқиб бар вуҷуди инсон мафҳумҳое чун озодӣ, интихоб, муқоиса миёни зеҳн ва чашмро инкор мекунанд ва аз ин роҳ шинохти ақлониро дар паҳнои фалсафа беарзиш месозанд. Ба андешаи эшон, маърифати ҳақиқӣ на аз роҳи фаҳм ё ақл, ки аз таҷрибаи зистан ба вуҷуд меояд, аммо ин озмуни зиста бо таҷрибе пеш аз ҳар чиз дар натиҷаи ҳарос рӯй медиҳад, ки инсон аз роҳи он аз поёнпазирии худ ва шикanandагии ҷойгоҳи худ дар ҷаҳон, ки дар он маҳкум ба марг аст, огоҳ мешавад.

**Намояндагон.** Сартр дар китоби худ "Экзистенсиализм-ин гуманизм" экзистенсиализтонро ба ду даста тақсим кардааст: идеалистҳо ва материалистҳо, ки Ясперс, Керкегор ва Габриел Марселро экзистенсиалистони идеалист, худ ва Ҳайдегерро материалист номидааст [3,с.20]. Воқеан, Ясперс католик набуд ва фалсафаи худро аз фалсафаи экзистенсиализм тарҷеҳ медод. Габриел Марсел бошад, католик буд, вале ниҳоятан аз пазириши экзистенсиализм даст кашид. Ҳайдеггер ҳам аз Сартр дурӣ меҷуст, зеро ӯ ҳам, агарчи масеҳӣ набуд, намехост материалист низ хонда шавад [11,с.403]. Ҳамчунин, Ҳайдеггер дар чанд баромадҳояш бар зидди онҳое, ки ӯро экзистенсиалист хондаанд, сухан гуфтааст.

Аз ин рӯ, чор файласуфи муосирро метавон экзистенсиалист номид: Габриел Марсел, Карл Ясперс, Мартин Ҳайдеггер ва Жан Пол Сартр. Бо вуҷуди фосилаи тӯлонӣ, аксарият Керкегорро низ яке аз экзистенсиалистони пурнуфуз мешуморанд. Ғайр аз ин чаҳор тан метавон ҳамсари Жан Пол Сартр Симона де Бувуар ва Морис Марло Понтиро (1908-1961) экзистенсиалист ном бурд [3,с.125]. Бо он ки Керкегор асосгузори ин фалсафа ба ҳисоб меравад, таъсири андешаҳои Нитсшеро дар ин фалсафа набояд аз ёд бурд, зеро андешаҳои Нитсше дар фалсафаи Ҳайдегер, Ясперс ва ҳатто Сартр таъсири муҳиме доштаанд.

**Андешаҳои Сартр ва Ҳайдегер перомуни экзистенсиолизм.** Дар байни файласуфони асри XX Жан Пол Сартр истилоҳи экзистенсиализмро пазируфта, фалсафаи худро экзистенсиализм хондааст. Ӯ нахустин бор бо ташвиқи устодаш Габрил Марсел бо фалсафаи экзистенсиализм ошно шуд [7,с.15] ва дар китобаш "Экзистенсиализм-ин гуманизм" овардааст: "Бо вуҷуди намудҳо ва гуногунии фаровоне, ки дар андешаҳои мутафаккирони экзистенсиалист вуҷуд дорад, андешаи ягонаи мутафаккирони ин мактаб он аст, ки дар инсоният "вуҷуд аз моҳият муқаддам аст". Сартр бар он андеша аст, ки вуҷуди инсон ҳамон шуур ё илм ба вуҷуд (conscience) аст. Тибқи таърифе ки овардааст, ин шуур ҳамон адаме аст, ки ҳастӣ нисбат ба он санҷида мешавад. Аз ин рӯ, вуҷуд бар моҳият собиқа дорад, зеро то ин "нестӣ", ки асли вуҷуди инсон аст, муҷассам нагардад, таҷассум сурат намегирад. Пайдоиши моҳият танҳо тавассути тафаккур сурат мепазирад, яъне барои дарки моҳият ибтибо бояд онро бо эътибори вуҷуд санҷид. Аз ин рӯ, дар аввалияти вуҷуд бар моҳият мусаллам мегардад [7,с.10]. Ба андешаи Сартр башар ибтидо вуҷуд меёбад, мутаваҷҷеҳи вуҷуди хеш дар ҷаҳон мегардад, сипас худро мешиносад, яъне таърифе аз худ ба даст медиҳад. Инсоният худ интихоб мекунад, ки чӣ гуна худро аён кунад. Ӯ андешаи Сартр дар фалсафаи экзистенсиализм инсон аввал ба вуҷуд меояд, баъдан худро ба он сурате ки мехоҳад, месозад.

Дар ин фалсафа таърифнопазирии башар ба он маъност, ки башар нахуст ҳеҷ аст, пас аз он ки даст ба амале зад, метавон сифате ба он нисбат дод [6,с.23]. Инчунин, дар ин фалсафа, ба ғайр аз инсон, дигар тамоми мавҷудот моҳияти азпештаъйиншуда доранд. Масалан, қабл аз он ки хонае бисозем, нақшаи онро дар фикр ҷой дода, сипас онро ба вуҷуд меоварем. Дар ин маврид аввал моҳияти хона, сипас вуҷудаш зоҳир мегардад, аммо дар мавриди инсон ин тавр нест, ӯ аввал ба вуҷуд меояд, сипас моҳияти худро ҳар тавре ки мехоҳад, интихоб мекунад. Ин интихоб доимист. Мавҷуди башар ҳангоми вуҷуд доштанаш доиман дар ҳоли тағйироти пешбининопазир аст, пас чӣ тавр пеш аз вуҷуд доштан, моҳияти он таъриф карда шавад, ин амал ғайриимкон аст. Вуҷуди башар вуҷуди навпайдоест, ки доиман ибтикор ва тозагии худро ҳифз мекунад. Аз ин рӯ, онро ба табиати илм даровардан ва ба ҷабрият маҳкум кардан ғайриимкон аст. Пас, на танҳо вуҷуди фарди башар бар моҳияти ӯ собиқа дорад, балки ҳамин воқеияти вуҷуди ӯ моҳияти ӯст, яъне вуҷуд ҳамон моҳият аст, дар натиҷае, ки аз лиҳози воқеият мавриди мулоҳиза қарор мегирад, онро "вуҷуд" ва мавқее, ки дар баробари фикр ва шуур пайдо мегардад, онро "моҳият" меномем [7,с.9-10]. Ба андешаи экзистенсиалистон, инсон бе ҳеҷ хусусияти фитрӣ таваллуд мешавад, яъне ҳеҷ чизи аввалияе ба таври фитрию зотӣ дар ӯ вуҷуд надорад, то роҳнамояш кунад. Бинобар ин, инсон дар ин дунё бо рафтор, таҷриба ва тақлиди муҳит барои худ "моҳият касб мекунад.

Ба андешаи Сартр асли аввали экзистенсиолизм ин аст, ки башар на танҳо мафҳуме аз худ дар зеҳн дорад, балки ҳамон аст, ки аз худ мехоҳад. Он мафҳуме аст, ки пас аз пайдоиш дар олами вуҷуд аз хеш арза медорад. Дар воқеъ башар ҳеҷ аст, магар он чи аз худ месозад. Ин ҳамон аст, ки онро "subjectivism" мехонанд. Манзури Сартр аз субъективизм ин аст, ки башар пеш аз ҳар чизе вуҷуд меёбад. Ба ибораи дигар мавҷудест, ки беш аз ҳар чиз ба сӯйи ояндааш ҷаҳиш мекунад.

Сартр бо муқаддам донистани вуҷуди инсон аз моҳияташ, мехоҳад мақоми инсонро дар муқоиса бо дигар мавҷудот нишон диҳад. Мавҷудоти дигар худро намесозанд, аммо инсон ҳеҷ чиз нест, магар он чи аз худаш месозад [12,с.28].

Сартр чунин овардааст: "Бар хилофи фалсафаи Декарт ва Кант чун бо ибораи "меандешам" дар муқобили дигарон қарор мегирем ва ба вуҷуди худ пай мебарем. Ин ба он маъност: вуҷуди дигаре ба ҳамон андоза барои мо мусаллам ва мутмаин аст, ки вуҷуди худи мо ба ин гуна фарри одамӣ, ки аз тариқи меандешам, мустақиман ба вуҷуди худ пай мебарад. Дар айни ҳол вуҷуди ҳамаи афроди дигари башарро низ дармеёбад ва дигаронро ба манзалаи шарти вуҷуди худ мешиносад" [12,с.24].

Ба андешаи Сартр, вуҷуди одамӣ мафҳуми мустақил нест, ки ҷудогона ва бе доштан нисбат ба чизи дигаре маъно дошта бошад, балки экзистенс дар иртибот бо вуҷуди дигарон ва нисбат пайдо кардан бо чизи дигар аст, ки маъно меёбад. Инсон ҳамвора дар

шабакае аз нисбатҳо зиндагӣ мекунад. Нисбатҳо бо дигарон дар экзистенсиализм нақши калидӣ доранд [8,с.71]. Ба таъбири дигар, фалсафаи экзистенсиализм андешаест, ки дар он ҳар гуна тарҳи муқаддар ва маълум, ки моҳияти ҷаҳон ва инсонро пешопеш таъйин мекунад, инкор мекунад.

**АДАБИЁТ**


1. Айрис Мёрдок. Нақд ва баррасии романҳои Жан Пол Сартр; тарҷумаи Аббоспур Т. -Теҳрон, 1354. -122с.
2. Баҳром Ҷамолпур. Инсон ва ҳастӣ. -Теҳрон, 1376. -234с.
3. Брайан Меджи. Фалосифаи бузург. тарҷумаи Иззатуллоҳ Фулодунд. -Теҳрон, 1372. -327с.
4. Буханский А. М. Фалсафаи муосири Аврупо. Тарҷумаи Шарафуддин Хуросонӣ. - Теҳрон ,1379. -963с.
5. Гомбрович, Витолд, Фалсафа дар шаш соату понздаҳ дақиқа. Тарҷумаи Маҷид Парвонапур). - Теҳрон, 1390,-64с.
6. Ғуломҷон Мирзоев. Фалсафа дар саволу ҷавоб (қисми аввал) / Ғ. Мирзоев. -Душанбе, 2013. -259с.
7. Маҳмудризо Илоҳӣ. Дебочае бар фалсафаи вуҷуд. –Теҳрон, 1344. -96с.
8. Муслиҳ Алиасғар. Тақрире аз фалсафаҳои экзистенс. - Теҳрон, 1384. -43с.
9. Саидов Н. Таърихи фалсафа / Н.Саидов [ва дигарон]. -Душанбе, 2011. -526с.
10. Фолки Пол. Экзистенсиализм. Тарҷумаи Эраҷпур Боқир. -Теҳрон 1332. -327с.
11. Фредерик Чарлз Коплстон. Таърихи фалсафа “аз Ман ду Перон то Сартр”. Тарҷумаи Абдулҳусайн Озаранг ва Саидмаҳмуд Юсуфи Сонӣ. -Теҳрон, 1384. - 783с.
12. Jean Paol Sartre, Existentialism est une humanisme, Paris, 1977,-45p.
13. Wolter Kaufman, Existentialism (from Dostoevsky to Sartre), New American Library, 1975,-453p.


**ЗАМИНАҲОИ ҒОЯВӢ-НАЗАРИЯВИИ ПАЙДОИШИ ЭКЗИСТЕНСИАЛИЗМ**


Мактаби фалсафии экзистенсиализм ҳастии инсон ва масоили марбут ба онро мавриди таҳқиқи хеш қарор дода, андешаи исботи масъулияти инсон ва имкони баланд бардоштани мақоми ӯро баррасӣ намудааст. Поягузори асосии он Сёрен Керкегор ба ҳисоб рафта, Жан Пол Сартр ва Ҳайдеггер онро ба авҷи аъло расониданд. Ин фалсафа сараввал дар Олмон ба вуҷуд омад, сипас ба Фаронса интиқол ёфт ва дар он ҷо рушд намуд. Масъалаи асосии ин мактаби фалсафиро тақаддуми вуҷуд бар моҳият ташкил медиҳад. Тамоми файласуфони ин мактаб, чи идеалист ва чи материалист, бар ҳамин андешаанд. Донишмандони соҳаи фалсафа, хоссатан худи Сартр ва дигарон дар бораи фалсафаи экзистенсиализм пажӯҳишҳои густурдае анҷом додаанд. Аммо дар марказҳои илмии кишварамон Тоҷикистон ин мактаб аз назарҳо каме дур мондааст, танҳо дар дастурҳои таълимӣ дар бораи ин мактаб ба таври мухтасар маълумот додаанд. Аз ин рӯ, дар ин мақола кӯшиш намудем, то дар бораи заминаҳои фикрию иҷтимоии пайдоиши мактаби экзистенсиализм ва моҳияти асосии он маълумот диҳем.



**Калидвожаҳо:** экзистенсиализм, ҳастӣ, инсон, вуҷуд, моҳият, фикр, ҷомеа, дарунгароӣ, фалсафа, замина, равиш, назария.


**ИДЕЙНО-ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ПРЕДПОСЫЛКИ ВОЗНИКНОВЕНИЯ ЭКЗИСТЕНЦИАЛИЗМА**


Школа экзистенциализма исследовала проблемы, связанные с бытием человека, занималась разработкой теории человеческой ответвественности и повышения статуса человека. Основоположником этой школы являлся Сёрен Кьеркегор, но пик своё расцвета она нашла в творчестве Жана Поля Сартра и Хайдегера. Эта школа сначала появилась в Германии, затем распространилась и развивалась во Франции. Основной идеей французской школы экзистенциализма считается идея первенства бытия над сущностью. Все представители этой школы, как идеалисты, так и материалисты, придерживаются и проповедуют эту идею. Сартр и Хайдегер в свих трактатах подробно и детально исследовали и характеризовали учение экзистекнциализма. Однако эта философская школа до сих пор остается за пределами внимания таджикских исследователей и историков философии. Кроме общих сведений об учении экзистенциализма и некоторых его представителях, существующих в методических и учебных пособиях для стедентов гуманитарных вузов, относительно философии эезистенциализма отсутствуют какие-либо более крупные и содержательные исследования на таджикском языке. Поэтому в данной статье автор, используя зарубежные источники, освещает некоторые малоизвестные аспекты экзистанциальной философии.



**Ключевые слова:** экзистенциализм, бытие, человек, существование, сущность, идея, общество, философия, основа, течение, теория.


**IDEOLOGICAL-THEORETICAL BACKGROUND OF THE EMERGENCE OF EXISTENTIALISM**


The philosophy of existentialism explores the person and the problems connected with him, considers the question of taking on responsibility for the person and the ability to improve his status. Sören Kierkegaard is its founder, but Jean Paul-Sartre and Heidegger will improve his training. This philosophy appeared in Germany, then moved to France and developed there. The main problem of this philosophy is the existence of the essence of the future. All the philosophers of this school, idealists and materialists become in this idea.Sartre, Heidegger, and others studied these philosophies, but in our scientific center the school studied this school briefly and only in in scientific students. In this article we have tried to provide information about the socio-ideological emergence of the philosophy of existentialism and basic concepts. In the article we used a lot of foreign literature.



**Key words:** existentialism, being, man, existence, essence, thought, society, philosophia, the basis, flow, theory.



**Сведения об авторе:** ***Рамазониён Ахтам Бобосафар*** – Институт философии, политологии и права им. А. Баховаддинов Академии наук Республики Таджикистан, аспирант. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душабе, проспект Рудаки, 33. Телефон: **+992 918 53 60 50.** E-mail: **ramazoni.93@mail.ru**

**Information about the author:** ***Ramazoniyon Ahtam Bobosafar*** –Institute of philosophy, politics and law, named after A. Bahovaddinov Academy of Science of the Republic of Tajikistan, aspirant. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Tel: **+992 918 53 60 50.** E-mail: **ramazoni.93@mail.ru**

**УДК 1/14**

# МОҲИЯТИ ГУМАНИСТИИ ТАЪЛИМОТИ ҶАВОНМАРДИИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

***Калонов К.И.***

**Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

Дар таълимоти ахлоқии бузургони илму фарҳанги гузаштаи форсу тоҷик оини ҷавонмардӣ ва ҳикмату моҳияти он ҳамеша мақоми сазовореро соҳиб будааст. Ин мавзӯъ дар осори Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ (1414-1492) шоир, мутафаккир ва донишманди фозил, симои дурахшонтарини фалсафа ва адабиёти тоҷику форси асри XV ба назар мерасад.

Дар эҷодиёти пурғановати Абдураҳмони Ҷомӣ, нигоштаҳое мавҷуданд, ки дар омӯзиши ҳикмати ҷавонмардӣ, ки аз падидаҳои нодири иҷтимоию ахлоқии ниёгон ба ҳисоб меравад, манфиати беандоза доранд.

“Ҷавонмардӣ, ки ба истилоҳи футувват низ ёд мешавад “яке аз ҷараёнҳои иҷтимоию сиёсӣ ва ахлоқию фалсафии гузаштагонамон буда, ҳанӯз аз давраҳои пеш аз ислом ҳамчун зодаи ҷомеаи табақотӣ авҷу нумӯъ ёфтааст ва асосан ба табақаи аҳли меҳнати шаҳр-ҳунармандону косибон тааллуқ дошта, вобаста ба пешравии ҳаёти шаҳри асримиёнагӣ дар рушду камол будааст. Футувват-истилоҳи қадимаи он ҷавонмардӣ, ки решаи паҳлавӣ дошта, дар замони Сосониён ва дар китоби “Авасто” чун истилоҳи ахлоқӣ-иҷтимоӣ дар қолаби вожаҳои некманиш, некгуфтор, неккирдор ва фазилатҳои чоргонаи маънавию рӯҳӣ: фарзона, додвар, парҳезгор, ва далер рехта шудааст, аз бисёр унсуру падидаҳои оинҳои тоисломӣ, аз қабили зардуштиву монавӣ, маздопарастиву маздакӣ ғизои маънавӣ гирифтааст” [2,с.5].

Бояд гуфт, ки таърихи ташаккул ва таҳаввули оини ҷавонмардӣ дар адабиёти тоҷику форс тахти унвони “Адабиёти ҷавонмардии форсу тоҷик дар асрҳои X-XV” аз тарафи адабиётшиноси тоҷик, доктори илмҳои филологӣ, профессор Қурбон Восеъ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Ҳикмати ҷавонмардӣ дар таълимоти ахлоқии фозилону донишмандон ва адибони бузурги гузаштаи тоҷик мавқеи муҳим дорад. Аз “Футувватномаи манзум”-и Шайх Аттори Нишопурӣ (асри XII), Носирӣ (охири асри XII) ва “Футувватномаи султонӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ (охири асри XV), ки ҷанбаи баланди ахлоқию иҷтимоӣ ва гуманистӣ доранд, то романи халқии “Самаки айёр” (асри XII), қиссаи “Абӯмуслимнома”, “Гулистон”-и Саъдӣ (асри XIII), “Баҳористон”-и Ҷомӣ (асри XV), “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ (асри XVI), “Наводир-ул-вақоеъ”-и Аҳмади Дониш (асри XIX), “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ (асри XX) ва ғайра ҷанбаҳои муҳимми ахлоқию маърифатӣ ва гуманистии оини ҷавонмардӣ, ҳикмат ва фалсафаи он мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаву тобишу обуранги бадеӣ гирифтааст.

Бино ба андешаи донишмандон ҷараёни ҷавонмардӣ ҳарчанд дар давраҳои пешазисломӣ арзи ҳастӣ карда бошад ҳам, дар охирҳои асри XIII ва ибтидои асри XIV ба давраи камолоти худ расид. Ин ҳолат як сабаби муҳим дорад. Сабаби асосии ташаккулёбии ҷараёни ҷавонмардӣ дар он давра истилои муғул ва бедодгариҳои ғайриинсонию ноҷавонмардонаи онҳо дар сарзаминҳои забтнамудаашон мебошад. Аз бедодгарии муғулон Атомалики Ҷувайнӣ дар таърихномаи худ менависад: «…Ва яке аз Бухоро пас аз воқеа гурехта буд ва ба Хуросон омада, ҳоли Бухоро аз ӯ пурсиданд. Гуфт: омаданду канданду сӯхтанду куштанду бурданду рафтанд» [6]. Шоири асри XIII Камолиддини Исфаҳонӣ дар хусуси ҳалокати беҳисоби мардуми бегуноҳ аз дасти хуношоми муғулон дар як қитъаи хеш бо ҳасрати зиёд ёдовар мешавад:

*Кас нест, ки бар ҳоли бади худ гиряд,*
*Бар ҳоли табоҳи мардуми бад гиряд.*
*Дӣ бар сари мурдае дусад шеван буд,*
*Имрӯз яке нест, ки бар сад гиряд.*

Дар чунин давраи хуношом, ки ба қавли Ҳофизи Шерозӣ “аз чашми сӯроҳӣ ба ҷойи май хун мерехт”, ойин ва ҷараёни ҷавонмардӣ василае буд, ки эътирозу норизогии халқро

нисбати зулму ситам, бедодгарию ноадолатиҳои замона ба тарзи омиёна ифода карда метавонист.

Дар асрҳои XIII-XIV ҷараёни ҷавонмардӣ бар зидди рӯзгори хонҳои муғул ва бедодгарии онҳо чун нишонаи эътироз амал мекард. Дар ин хусус, бино ба қавли Қурбон Восеъ, сайёҳи машҳури араб Ибни Батута дар "Сафарнома"-и худ ёдоварӣ карда, навиштааст: "Ман дар тамоми дунё мардуме накукортар аз онон (яъне ҷавонмардон) надидаам. Гарчи аҳли Шероз ва Исфаҳон ҳам ба равиши ҷавонмардон ташбеҳ меҷӯянд, лекин эшон дар ғарибнавозӣ ва меҳмонӣ бештар ва пештаранд. Онҳоро дар Ироқ шотир, дар Хуросон сарбадорон ва дар Мағриб сухра меноманд. Оини адолат чунон дар қаламрави онҳо равнақ гирифт, ки сиккаҳои тиллову нуқра дар урдугоҳҳои эшон рӯйи хок мерехт ва то соҳиби он пайдо намешуд, касе даст ба сӯйи он дароз намекард" [3,с.9]. Ин адолатпарварию ҳақиқатхоҳӣ яке аз нишонаҳои муҳимми эътироз ба зидди зулму беадолатии хонҳои муғулнажоди замон буд.

Ҷавонмардӣ ҷанбаи бузурги ахлоқӣ ва ҳикмати инсондӯстӣ дошт. Фаридаддини Аттор аз номи Абӯҳафзи Бағдодӣ дар бораи маъною моҳияти футувват-ҷавонмардӣ дар китоби худ чунин мегӯяд: "Футувват амалест фақат амал, на ҳарф". Ё дар ҷойи дигар меорад: "Коре гар мекунам, он барои ном мекунам, на барои нон". Дар романи "Самаки айёр" аз номи қаҳрамони марказӣ Самак гуфта мешавад: "Ин коре, ки мекунам, аз барои он мекунам, ки маро номе бошад" [8,с.50].

Мувофиқи таълимоти ҷавонмардӣ одамон ба якдигар баробар ва бародаранд. Ҳар кас, ки шомили ин ҷараён мешуд, дар назди устод қасам ёд мекард, ки ба ғояҳои оин содиқ хоҳад буд. Ин ҷанбаҳои ахлоқию гуманистии оини ҷавонмардӣ дар осори адабию ахлоқии Абдураҳмони Ҷомӣ, аз он ҷумла дар "Баҳористон" инъикоси бадеии худро ёфтаанд.

Файласуфи тоҷик Мӯсо Раҷабов дар китоби худ "Абдураҳмони Ҷомӣ ва фалсафаи тоҷик дар асри XV" дар хусуси афкори фалсафию гуманистӣ ва ирфонии Абдураҳмони Ҷомӣ маълумот дода, аз он ҷумла ба мавқеи инсондӯстонаи таълимоти Ҷомӣ боби алоҳида бахшидааст. Ба андешаи ин муаллиф, "яроқи тавонои Ҷомӣ дар мубориза бар зидди истибдод, ситамкорӣ ва беадолатӣ қалами буррои ӯ будааст". Аз ин рӯ, дар асарҳои Ҷомӣ "мо, аз як тараф даъват ба қонеъ будан аз неъматҳои заминӣ, дасткашӣ аз боигарӣ ва зиндагии пуркаруфар, аз тарафи дигар, зуҳуроти ғамхории самимӣ барои некуаҳволии халқро мебинем, ки он ифодаи ошкорои худро дар танқиди сахту оштинопазири бедодӣ ва золимӣ, дар талаби баробарӣ ва адолат дар муносибат ба мазлумону бечораҳо инъикос кардааст" [7,с.196].

Масъалаи инсондӯстӣ дар ҳамаи осори Ҷомӣ ба чашм мерасад. Ӯ чунин ҷамъиятеро орзу мекард, ки дар он зулму ситам набошад, ҳамаи одамон баробар бошанд, ахлоқи комил дошта бошанд ва дар маснавии "Хирадномаи Искандарӣ" дар боби "Расидани Искандар ба мулке, ки на шоҳ дошту на гадо" тасвир намуд, ки дар он ҳама баробару бародар ҳастанд.

Дар асару тадқиқоти олимони Ғарб ва донишмандони даврони шӯравӣ, аз он ҷумла китоби номбурдаи Мӯсо Раҷабов, чунин фикре ҷой дорад, ки ситоиши шоҳи одил ва ӯро сояи Худо дар замин ҳисобидан, ки дар осори адибони гузаштаи мо ба чашм мерасад, гӯё маҳдудияти фикрӣ ва камбудии ғоявии онҳост. Аз он ҷумла, Л. Фейербах чунин меҳисобад: "Шарқ парастиши ҳокимонро то ба дараҷаи олии эътимоди динӣ расонида буд. Одами Шарқ дар муносибат ба сарвари кишвари худ эҳтироми баландро нигоҳ медошт, ба чунин эҳтироме, ки танҳо инсоне қодир аст, ки шоҳонро Худо ҳисобад ва тахайюли ӯ ҳокимонро чун сояи Худо дар замин бо ҳар гуна тавсифоту унвонҳои худовандӣ обуранг медод" [5,с.142].

М. Раҷабов ақида дорад, ки Ҷомӣ тарафдори қатъии ғояи шоҳи одилу бомаърифат буд "ва ин ғояро ӯ аз пешгузаштагони худ, чун Абӯнасри Форобӣ аз "Рисола оид ба андешаи сокинони шаҳри адолатпеша", "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ, осори бадеии Низомии Ганҷавӣ, Амир Хусрав ва дигарон" гирифтааст [7,с.199-200].

Идеяи ситоиши шоҳи одилу маърифатпарвар, ба назари мо, на танҳо ифодагари орзую умеди адибону ҳакимони бузурги гузаштаи тоҷик буд, балки як навъ нишонаи эътирозу норизоӣ аз сохти бедодгару золимонаи асримиёнагии феодалӣ, хашму ғазаб аз ҷаҳолату нодонӣ ва золимию сангдилии шоҳону амирону султону хонҳои туркнажоду муғулнажод буд. Бинобар ин, ғояи мазкурро маҳдудият ё хатои адибону фозилони гузашта ҳисобидан аз рӯйи инсоф ва ҳақиқат нест.

Муҳимтарин асари ахлоқиву гуманистии Абдураҳмони Ҷомӣ "Баҳористон" ба ҳисоб меравад.

Равза ё боби сеюм “Дар баёни шукуфтагии шукуфаҳои боғистони ҳукумат ва иёлат, ки мутазаммини меваҳои насафот ва адолат аст” ном дошта, равза ё боби чорум “Дар васфи мевабахшии дарахтони боғистони ҷуду карам ва шукуфтарезиашон ба базми динору дирам” номгузорӣ шудааст. Дар ҳикояҳое, ки Ҷомӣ дар “Баҳористон” оид ба ҷавонмардӣ ва ҳикмати он меоварад, як қатор нишонаҳои муҳим ва ҷанбаҳои ахлоқию гуманистии ҷараёни ҷавонмардӣ дар шакли бадеӣ инъикоси худро ёфтаанд.

Чунончи, дар равзаи нахустин, ки “Дар нашри раёҳини чида аз басотини дурбинони роҳи ҳидоят ва садрнишинони боргоҳи вилоят” ном дорад, дар мавриди маънои ҷавонмардӣ гуфта мешавад: “Рӯйям (Абӯмуҳаммад Рӯйям сӯфии машҳури ироқӣ буд, ки соли 915 вафот кардааст-К.К.) қуддиса сирруҳу гуфтааст: Ҷавонмардӣ он аст, ки бародарони худро маъзур дорӣ ва ҳар зиллате, ки аз эшон воқеъ шавад, бо эшон чунон муомала накунӣ, ки аз эшон узр бояд хост” [1,с.341-342]. Сипас, Ҷомӣ барои тақвияти ин фикр қитъаи зеринро овардааст:

*Ҷавонмардӣ ду чиз аст, эй ҷавонмард,*
*Ба сӯям гӯш кун, то гӯямат рост:*
*Яке он, к-аз рафиқон даргузорӣ,*
*Агар ҳар лаҳза бинӣ сад каму кост.*
*Дуюм он, к-аз ту н-ояд ҳеҷ гоҳе,*
*Чунон коре, ки бояд узрашон хост [1,с.342].*

Ҳикояти зерини равзаи сеюм дар боби донишу ҳикмати ҷавонмардон ва ҳозирҷавобии онон моҳияти баланди ахлоқӣ дорад:

“Гунаҳгореро пеши халифа оварданд. Халифа ба уқубате, ки мустаҳиққи он шуда буд, фармон дод. Гуфт: -Эй, амиралмуъминин, интиқом бар гуноҳ адл асту таҷовуз аз он-фазл. Ва пояи ҳиммати амиралмуъминин аз он олитар аст, ки аз он чи баландтар аст, таҷовуз намояд ва ба он чи фурӯтар аст, фурӯд ояд. Халифаро сухани вай хуш омад. Гуноҳи вайро авф фармуд” [1,с.372].

Махсусан, равзаи чаҳорум дар шарҳу тавзеҳи оини ҷавонмардӣ ва ҳикмати он дорои аҳаммияти зиёди ахлоқию гуманистӣ мебошад. Яке аз нишонаҳои футувват ё ҷавонмардӣ карампешагӣ ва саховатмандӣ аст. Дар равзаи чаҳорум моҳияти номи равза дар ибтидои он, ки фоида ном дорад, ба шарҳи яке аз рукнҳои ҷавонмардӣ-ҷуд, яъне бахшояндагию карампешагӣ шурӯъ мегардад.

Дар он Ҷомӣ мегӯяд: “Ҷуд-бахшидани чизест, боистӣ бе мулоҳизаи ғаразе ва мутолабаи ивазе, агарчи он ғараз ё иваз санои ҷамил ё савоби ҷазил бошад [1,с.374-375].

Ҷомӣ фикри худро бо ҳикояи зерин тақвият медиҳад: “Ҷаводеро пурсиданд, ки аз он чи ба муҳтоҷон медиҳию бар соилон (гадоён) мерезӣ, ҳеҷ дар ботини худ раунате ва дар фақирон миннате бозмеёбӣ? Гуфт: -Ҳайҳот! Ҳукми ман дар кӯшишу бахшиши ҳукми он кафлез аст, ки дар дасти таббох (ошпаз) аст; агарчи таббох медиҳад, бар кафлез мегузорад, аммо кафлез ба худ гумони диҳандагӣ намебарад” [1,с.375]. Дар ҳикояҳои равзаи чорум, ки бештар сифатҳои баланди ахлоқӣ, гуманистӣ ва ҳикмати бепоёни оини ҷавонмардиро инъикос мекунанд, аз ахлоқи баланди ҷавонмардон ҳикояҳои ҷолиб баён шудаанд. Масалан, ҳикояти зерин аз он шаҳодат медиҳад: “Аз Абдуллоҳ ибни Ҷаъфар (аз хешовандони Алӣ, ки дар саховат машҳур будааст, соли вафоташ 699 аст-К.К.) овардаанд, ки рӯзе азимати сафаре карда буд. Дар нахлистони қавме фуруд омад, ки ғуломе сиёҳ нигаҳбони он буд. Дид, ки се қурси нон ба ҷиҳати қути вай оварданд. Саге он ҷо ҳозир шуд. Он ғулом як қурс пеши вай андохт, бихӯрд. Пас дигареро бияндохт, онро ҳам бихӯрд. Абдуллоҳ, разияллоҳу анҳу, аз вай пурсид, ки: -Ҳар рӯз қути ту чист? Гуфт: -Он чӣ дидӣ. Фармуд: -Чаро вайро бар нафси худ исор накардӣ? Гуфт: -Вай (яъне саг) дар ин замин ғариб аст, чунин гумон мебарам, ки аз масофати дур омадааст ва гурусна аст. Нахостам, ки вайро гурусна гузорам. Пас гуфт: -Имрӯз чӣ хоҳӣ хӯрд? Гуфт: -Рӯза хоҳам дошт. Абдуллоҳ ба худ гуфт: “Ҳама халқ маро дар сахо маломат мекунанду ин ғулом аз ман сахитар аст”. Он ғуломро ва нахлистонро ва ҳар чӣ дар вай буд, ҳамаро бихарид. Пас ғуломро озод кард ва онҳоро ба ӯ бахшид” [1,с.377].

Ҳикояти ҷолиби ин равза қиссаи Иброҳим ибни Сулаймон ибни Абдулмалики Марвон (халифаи бани Уммавия, ки дар асри XIII зиндагӣ кардааст) ва марди хубсурат аст, ки аз олиҳимматӣ, меҳмоннавозӣ, бахшоиши гуноҳ ва ҷавонмардии он мард дарак медиҳад. Ҳикоят ин аст: “Иброҳим ибни Сулаймон ибни Абдулмалики Марвон гӯяд, ки: -Дар он вақт, ки навбати хилофат аз банӣ Умийя ба банӣ Аббос интиқол ёфт ва бани Аббос бани Умийяро мегирифтанду мекуштанд, ман беруни Кӯфа, бар боми сарое, ки ба саҳро мушриф буд, нишаста будам. Дидам, ки аламҳои сиёҳ аз Кӯфа берун омад. Дар хотири ман чунон афтод, ки он ҷамоат ба талаби ман меоянд. Аз бом фуруд омадаму мутанаккирвор

ба Кӯфа даромадам ва ҳеҷ касро намешинохтам, ки пеши вай пинҳон шавам. Ба дари сарое бузург расидам, даромадам. Дидам, ки марде хубсурат савор истода ва ҷамъе аз ғуломону ходимон гирди ӯ дар омадаанд. Салом кардам. Гуфт: -Ту кистӣ ва ҳоҷати ту чист? Гуфтам: -Мардеам гурехта, ки аз хасмони худ метарсам. Ба манзили ту паноҳ овардаам. Маро ба манзили худ даровард у дар ҳуҷрае, ки наздик ба ҳарами ӯ буд, биншонд. Чанд рӯз он ҷо будам ба беҳтарин ҳоле. Ҳар чӣ дӯсттар медоштам аз матоиму машорабу малобис (таому ошомиданию либос-К.К.), ҳама пеши ман ҳозир буд. Аз ман ҳеҷ чиз намепурсид. Ҳар рӯз як бор савор мешуду боз меомад. Як рӯз аз ӯ пурсидам, ки: -Ҳар рӯз туро мебинам, ки савор мешавию зуд меоӣ. Ба чӣ кор меравӣ? Гуфт: -Иброҳим ибни Сулаймон падари маро куштааст. Шунидам, ки пинҳон шудааст. Ҳар рӯз меравам, ба умеди он, ки шояд ки вайро биёбам ва ба қасоси падари худ бирасонам. Чун ин риштаро шунидам, аз идбори худ дар тааҷҷуб мондам, ки қазо маро ба манзили касе андохтааст, ки толиби қатли ман аст. Аз ҳаёти худ сер омадам. Он мардро номи ваю номи падари вай пурсидам. Донистам, ки рост мегӯяд. -Ло, валлоҳ, ки ман ӯро куштаам. Ва нишонаҳо гуфтам. Донист, ки рост мегӯям, ранги ӯ афрӯхта шуду чашмони ӯ сурх гардид. Замоне сар дар пеш андохт, баъд аз он гуфт: -Зуд бошад, ки ба падари ман бирасӣ ва ӯ хуни худ аз ту хоҳад. Ман зинҳоре, ки додаам туро, ботил накунам. Берун рав, ки бар нафси худ эмин нестам. Мабодо, ки газанде ба ту расонам. Ва ҳазор динор ато фармуд. Нагирифтаму берун омадам” [1,с.381-383].

Дар ҳикояҳои дигари ин равза низ аз ҳимматбаландӣ, мардонагӣ, худро қурбони дигарон кардани ҷавонмард, барои дастгирию кумак ба бенавоён бо тадбир аз тавонгарон маблағ гирифтани шахсони сахӣ нақлҳои ҷолибе мавҷуданд, ки ҷумлагӣ ҷанбаи баланди ахлоқӣ ва гуманистию маърифатӣ дошта, дар нишон додани ҳикмати ҷавонмардӣ беҳтарин василае ба шумор меравbooанд. Ҳикояҳои оташ задани хонаи аҳли насоро дар Миср ва бар ивази гирифтани руқъаи ҷавоне, ки модари танҳо дошт, худро ба куштан супурдани ҷавони танҳое, ки руқъааш ба тозиёна баромада буд, саргузашти Асмаъӣ (қаҳрамони латифаҳои араб ва чун Мушфиқӣ шахси зариф) ва муомилаи ӯ бо ҷавонмарди карампеша, саргузашти Ҳотам ва аз худ каримтар донистани ӯ ҷавони ятимро, аз зумраи чунин ҳикояҳои ибратангез ҳастанд.

Барои тақвияти фикр яке аз ин ҳикояҳоро далел меорем: “Шабе дар масҷиди ҷомеи Миср оташ афтоду бисӯхт. Мусулмононро таваҳҳуми он шуд, ки онро насоро кардаанд. Ба мукофоти он оташ дар хонаҳои эшон андохтанду бисӯхтанд. Султони Миср ҷамоатеро, ки оташ дар хонаҳои эшон андохта буданд, бигирифту дар як ҷо ҷамъ кард ва бифармуд, то ба адади эшон руқъаҳо навиштанд: дар баъзе куштану дар баъзе даст буридану дар баъзе тозиёна задан. Ва он руқъаҳо бар эшон афшонданд. Ба ҳар кас ҳар руқъа, ки афтод, бо вай ба мазмуни он муомила карданд. Як руқъа, ки мазмуни он ба куштан буд, бар касе афтод. Гуфт: -Аз куштан боке надорам, аммо модаре дораму ҷуз ман касе надорад. Дар паҳлуи вай дигаре буд, ки дар руқъаи вай тозиёна задан буд. Вай руқъаи худро ба он кас доду руқъаи вайро гирифту гуфт: -Ман модаре надорам. Инро ба ҷойи ӯ бикуштанд ва онро ба ҷои ин тозиёна заданд.

Маснавӣ:

*Ба симу зар ҷавонмардӣ тавон кард,*
*Хуш он кас, к-ӯ ҷавонмардӣ ба ҷон кард.*
*Ба ҷон чун эҳтиёҷи ёр бишнохт,*
*Ҳаёти худ фидои ҷони ӯ сохт” [1,с.383-384].*

Дар ҳикояҳое, ки овардем, якчанд нишонаҳои муҳимми ахлоқии оини ҷавонмардӣ-новобаста ба мазҳабу оину забону нажод ба ҳам баробар ва бародар будани ҷавонмардон, бахшидани гуноҳҳо, коре накардан, ки боиси узрхоҳӣ ё пушаймонӣ шавад, зиракию доноӣ ва ҳозирҷавобию тадбирҷӯии эшон, карампешагию саховатмандии онҳо, беғаразона ва холисона будани ҷуду эҳсон аз назари ҷавонмардӣ, накукорию садоқат, устуворию бурдборӣ дар аҳду паймон ва гузаштан аз гуноҳи қотилон, ки ҳамаи ин сифатҳо нишонаҳои мардианд, дар ин ҳикояҳои овардашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки Абдураҳмони Ҷомӣ ба ҷараёни ҷавонмардӣ ё футувват назари некбинона ва хайрхоҳона доштааст ва ба воситаи осори хеш, аз ҷумла, “Баҳористон” мазмун ва суннатҳои ахлоқию маърифатӣ ва инсондӯстонаи ҷавонмардиро ривоҷу равнақ ва тарғибу ташвиқ намудааст.

Файласуфи тоҷик М. Раҷабов чунин меҳисобад, ки воситаи ягонаи муборизаро бар зидди зулму ноадолатӣ Ҷомӣ дар таълимоти ахлоқӣ ва насиҳат ба шоҳону ҳокимон медид [7,с.224]. Ба чунин фикри Мӯсо Раҷабов чандон розӣ шуда наметавонем, ки гуфтааст: “Абдураҳмони Ҷомӣ содалавҳона чунин меҳисобид, ки агар шоҳон аз рӯйи қонунҳои адолат ва накукорӣ амал кунанд, даврони сулҳи умумӣ фаро мерасад, душманӣ ба охир

мерасад ва ҳамаи зиддиятҳо худ аз худ аз байн меравand" [7,с.224]. Ин файласуф аз андешаҳои тамсилии Ҷомӣ дар хусуси ба ҳам сулҳ бастани шеру гов, дар муносибат бо гӯсфанд меҳрубон будани гург, даррондани қурбониёнашро қатъ намудани паланг, заргӯши хобидаро посбонӣ намудани саг ва бо думаш аз сари ӯ дур кардани пашшаҳо ва ғайра, ки дар достонҳои "Ҳафт авранг" дучор мешаванд, чунин хулоса мебарорад, ки "ин ақидаҳои Ҷомӣ, ки ӯ онҳоро дуруст меҳисобад, аз маҳдудияти таърихии ақидаҳои иҷтимоию сиёсии ӯ гувоҳӣ медиҳанд" [7,с.225].

Ба назари мо, инҳо андешаҳои маҳдуд ё маҳдудияти таърихии афкори Ҷомӣ набуда, балки нишонаи эътирозаш аз зулму бедодии шоҳони давр аст. Агар Ҷомӣ танҳо бо адолатпарварию соҳибмаърифатии ҳоким эътиқод медошт, дар "Баҳористон" ҳикояти зеринро намеовард: "Аристотолис гӯяд: "Беҳтарини подшоҳон он аст, ба каргас монанд, гирдогирди ӯ мурдор, на он ки ба мурдор монанд, гирдогирди ӯ каргас. Яъне мебояд, ки вай аз ҳоли ҳаволии (атрофиён-К.К.) худ огоҳ бошаду ҳаволии вай ғофил, на вай аз ҳоли ҳаволии худ ғофил бошаду ҳаволии вай аз ҳоли вай огоҳ.

Қитъа.

*Подшоҳ бояд, ки бошад ҳамчу каргас бохабар,*
*З-он чӣ афтодаст гирдогирди ӯ мурдорҳо.*
*Не чу мурдоре, ки гирдаш саф кашида каргасон,*
*Тез карда баҳри нафъи худ бар ӯ минқорҳо" [1,с.363].*

Агар аз кирдору салтанати шоҳони золим дар қаҳру ғазаб ва эътироз намебуд, ин ҳикоятро низ дар "Баҳористон" намеовард: "Занеро аз ҷамоате, ки бар Ҳаҷҷоҷ хурӯҷ карда буданд, пеши вай оварданд. Ҳаҷҷоҷ бо вай сухан мегуфту вай сар дар пеш андохта буд ва назар бар замин дӯхта: на ҷавоби вай медоду на назар бар вай мекард. Яке аз ҳозирон бо вай гуфт: -Амир сухан мегӯяду ту аз вай эъроз мекунӣ? Гуфт: -Ман аз Худои таоло шарм медорам, ба марде назар кунам, ки Худои таоло ба вай назар намекунад!

Қитъа.

*Рӯи замин мабин, ки бар рӯят,*
*Он зи дӯзах дарест бикшода.*
*Сӯи ӯ то кушода шуд зи Худой,*
*Назари раҳмате наяфтода" [1,с.373].*

М. Раҷабов ҳамин ҳикояро дар китоби худ оварда, чунин меҳисобад, ки бо ин роҳ Ҷомӣ дигар меъёри ахлоқӣ-назарбаландӣ, шафқату меҳрубониро ба миён мегузорад [7,с.204-205]. Аммо мо аз мазмуни ҳикоя ба хубӣ пай мебарем, ки Ҷомӣ аз золимону хунхорон нафрат кардан, аз онҳо рӯй гардонданро ин ҷо талқин кардааст, ки ин ифодаи эътирози иҷтимоӣ, як навъи эътирози халқи меҳнаткаш, хусусан ҷавонмардон зидди беадолатӣ буд.

Ҳамин тавр, мағз андар мағзи таълимоти А. Ҷомиро ғояҳои инсондӯстӣ, гуманистӣ ташкил медиҳанд. Дар таърихи афкори ҷамъиятии ниёгон ҷараёни бузурги иҷтимоию ахлоқӣ ва сиёсӣ-оини ҷавонмардӣ, футувват мавқеи хоссае дорад, ки мазмун ва моҳияти гуманистии онро Ҷомӣ тақвият ва ривоҷу равнақ бахшидааст. Ҷомӣ бо таълимоти инсонпарваронааш дар инкишофи минбаъдаи оини ҷавонмардӣ таъсири бузург расонидааст. Ин дар осори пурғановати ахлоқию иҷтимоии ҳаммаслакон, шогирдону пайравони А. Ҷомӣ, хосса муаллими ахлоқ, адиб ва мутафаккири намоёни асри XV ва ибтидои асри XVI, муаллифи "Футувватномаи султонӣ", "Ахлоқи Мӯҳсинӣ" ва "Анвори Суҳайлӣ" Ҳусайн Воизи Кошифӣ ифода ёфтааст.

**АДАБИЁТ**


1. Абдураҳмон Ҷомӣ. Баҳористон: (Дар Осори Ҷомӣ. Ҷ.7.). - Душанбе: Адиб, 1989. -544 с.
2. Қурбон Восеъ. Назаре ба "Футувватномаи султонӣ", "Ахлоқи Мӯҳсинӣ" ва рисолаи "Ҳотамия" / Пешгуфтор ба китобҳои ҳамноми Ҳусайн Воизи Кошифӣ. - Душанбе: Адиб, 1991.-320 с.
3. Қурбон Восеъ. Адабиёти ҷавонмардии форсу тоҷик дар асрҳои X-XV: (рисолаи доктори илмҳои филологӣ). -Душанбе, 1992.-436 с.
4. Қурбон Восеъ. Таъсири ҷавонмардӣ дар назми асрҳои X-XII адабиёти форсу тоҷик: (рисолаи номзади илмҳои филологӣ).-Душанбе, 1978.-201 с.
5. Л. Фейербах. Избранные философские произведения. Т. II, - Москва: Госполитиздат, 1955. - 943 с.
6. Назарзода С. Тоҷикон ва истилои муғул // Сомонаи нашрияи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҷумҳурият» [манбаи электронӣ]. URL: http://www.jumhuriyat.tj/index.php?art_id=16739 (санаи истифодабарӣ: 12/03/2019).
7. Раджабов М. Абдурахман Джами и таджикская философия XV века / М.Раджабов. -Душанбе: Ирфон, 1968. -320 с.
8. Самаки айёр: Намунаҳои насри бадеии тоҷик. Иборат аз ду китоб. -Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2007. Китоби I. - 884 с.

**МОҲИЯТИ ГУМАНИСТИИ ТАЪЛИМОТИ ҶАВОНМАРДИИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ**

Мо дар ин мақола мақсад гузоштем, ки дар асоси андешаҳои ахлоқию гуманистии Ҷомӣ дар китоби “Баҳористон” оид ба муносибати ӯ ба оини ҷавонмардӣ ҳамчун ҷараёни иҷтимоию сиёсӣ ва ахлоқию гуманистӣ мулоҳиза ронем. Дар баробари истифодаи маводи “Баҳористон” инчунин, ба осори манзум ва мансури Ҷомӣ, асару мақолаҳои илмиву тадқиқотии олимон, файласуфон ва муаррихону донишмандони замони худи Ҷомӣ ва асрҳои минбаъдаву муосир, дар мавридҳои зарурӣ мурочиат гардид. Маълум аст, ки ҷараёни ҷавонмардӣ падидаи гуманистӣ-ахлоқӣ буда, аз суннатҳои миллии халқи тоҷик маҳсуб мeёбад. Ҳоло метавон иброз дошт, ки ҷомеаи башарӣ ниёз ба чунин як падидаи таҳаммулгаро ва инсонпарвар дорад. Мавриди зикр аст, ки даврони истиқлолият барои инкишофи афкору андешаҳои илмиву адабӣ, эҳёи суннат ва оинҳои миллӣ, худшиносию худогоҳии миллӣ, аз он ҷумла, таҳқиқи афкору андешаҳои гуманистиву ахлоқӣ имконияти мусоид фароҳам овард. Дар ин мақола масъалаи мазкур дар осори Абдураҳмони Ҷомӣ мавриди омӯзишу таҳқиқ ва баррасӣ қарор дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** гуманизм, футувват, оини ҷавонмардӣ, ҷуд, ахлоқ, накукорӣ, мардонагӣ, фидокорӣ.

**ПОНЯТИЕ ДЖАВОНМАРДИ (РЫЦАРСТВО) В ГУМАНИСТИЧЕСКОМ ВЗГЛЯДЕ АБДУРАХМАНА ДЖАМИ**

В данной статье изложены гуманистически-этические взгляды великого таджикского мыслителя и философа XV века Абдурахмана Джами на основе его нравственного прозаического произведения «Бахористон» (Весенний сад), а также других поэтических и прозаических произведений автора. Джавонмарди (рыцарство) являлось гуманистически-этическим явлением средневековья, было признано как таджикское национальное братство в борьбе против монгольского нашествия. Социально-гуманистическое явление средневековья «Джавонмарди» (Рыцарство) привлекло внимание Абдурахмана Джами как этико-гуманистическое воззрение, в центре которого находится человек как основной лейтмотив всего бытия. В этой статье данный вопрос рассмотрен с позиции нынешнего научно-методологического анализа гуманистических взглядов мыслителей и ученых разных эпох, в том числе самого Абдурахмана Джами.

**Ключевые слова**: гуманизм, обряд джавонмарди (рыцарство), щедрость, этика, доброта, мужество, самопожертвование.

**CONCEPT OF CHAVONMARDI (CHIVALRY) IN THE HUMANISTIC VIEW OF ABDURAHMAN JAMI**

This article dedicated to the humanistic and ethical views of the great Tajik thinker and philosopher of the 15th century Abdurahman Jami on the basis of his moral prose work “Bahoriston” (Spring Garden), as well as other poetic and prose works of the author. Javonmardi (knighthood) was a humanistic and ethical phenomenon of the Middle Ages, was recognized as the Tajik national fraternity in the fight against the Mongol invasion. The socio-humanistic phenomenon of the Middle Ages “Javonmardi” (chivalry, knighthood) attracted the Abdurahman Jami’s attention as an ethical-humanistic view, in the center of which the person is laid as the main motif of all existence. These issues are considered from the perspective of the current scientific and methodological analysis of the humanistic views of thinkers and scientists of different eras, including Abdurahman Jami himself, are analysed in this article.

**Key words:** humanism, rite of javonmardi (knighthood), generosity, ethics, kindness, courage, sacrifices.

**Сведения об авторе:** ***Калонов Каёнуш Иброхимович*** - Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, г. Худжанд, ассистент кафедры общественных наук. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, 17 Микрорайон, дом.1. Телефон: **(+992) 926-20-13-75**. E-mail: **orionboy@mail.ru**

**Information about the author:** ***Kalonov Kayonush Ibrokhimovich*** - Tajik State University of Law, Business and Politics, Khujand, assistant of the Department of Social Sciences. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, 17 Microdistrict, Building 1. Phone: **(+992) 926-20-13-75**. E-mail: **orionboy@mail.ru**

**УДК:128/129 (55)**

# РАЗЛИЧНЫЕ ЭТАПЫ СОМНЕНИЙ АЛЬ-ГАЗАЛИ В «МУНКИЗ АЗ-ЗАЛАЛ»

***Гулов И.Ф.***

**Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни**

Аль-Газали методично анализирует различные этапы своих сомнений в «Мункиз аз-залал». В самом начале он отказался от подражательного конформизма (*таклид*), продвигаемого, на его взгляд, *та‘лимитами* по отношению к их безгрешному имаму, который должен был сказать, что они приняли из унаследованных ценностей только те, которые передали на усмотрение разуму [1,с.56-63].

Таким образом, он адаптировал свой подход независимого исследования (*истибсар*) к поиску фундаментальной истины вещей (*хакаик ал-умур*), которую он также назвал достоверностью (*йакин*), не принимая ничего, что могло быть удовлетворено. Аль-Газали определил уверенность как таковую, где известная вещь проявляется настолько очевидно, что, несомненно, она не может сопровождаться возможностью допущения ошибки и обмана, а разум не может даже предположить такую возможность. Это уверенность не от материального объекта. Для этой уверенности несогласованность физического мира не вызывает никаких сомнений [1,с.32].

Скептицизм аль-Газали по этим и другим вопросам познания мира и его явлений в основном содержал резкую критику против учений основных рационалистических школ мусульманской философии, таких как аш‘аризм и му‘тазила, как течения в каламе, фаласифа, исмаилизме и суфизме. Он делит их на четыре группы и кратко характеризирует основные тенденции их миропонимания следующим образом: «Я сосредоточил свое внимание на четыре группы: 1) мутакаллимы: они претендуют на то, что являются сторонниками независимого суждения и видения (*ахл ал-ра’й ва ан-назар*); 2) батиниты: они утверждают, что являются сторонниками обучения (*та‘лим*) и отличаются цитированием высказываний безгрешного имама; 3) философы: они заявляют, что являются сторонниками логики и доказательства (*бурхан*); 4) суфии: они претендуют на то, что являются особыми людьми, [признающие] присутствие Бога и сторонниками созерцания и откровения» [1,с.38].

Удивительно то, что аль-Газали называет их группами, идущими по пути истины, но с оговоркой, что «если истина ускользает от них, то не остается надежды когда-либо достичь ее; и для достижения истины не остается у них желания, следовательно, нет и желания по возвращению к подражанию после ее разлучения, и оно входит в условия подражателя, что он не знает о том, что он и есть подражатель...» [1,с.38].

Здесь мы не будем детально рассматривать соотношения аль-Газали и этих рациональных школ мусульманской философии по той простой причине, что они достаточно подробно изучены в разных исследовательских работах западных и восточных ученых, посвятивших свои исследования этому вопросу. Наглядным примером этому служат уже указанные нами ранее исследования М. Диноршоева и И.Р. Насырова. Здесь же мы обратимся к ним по мере того, как их идеи будут касаться анализируемых нами вопросов по знанию и науке.

Похоже, главная цель, ради которой аль-Газали классифицировал науки, - это защитить «‘ам» от любой угрозы их религиозных убеждений. Соответственно, он разделил мусульман на две основные категории: «‘ам» и «хасс». Первые - широкая публика. Эти люди очень восприимчивы к подражанию, и свои религиозные верования унаследованы ими от родителей, шейхов, лидеров или от их учителей. Эти люди, - утверждал аль-Газали, - должны быть отстранены от философии, потому что они легко поддаются обману философских аргументов, и не могут отличить ложное от истинного. Так же как неквалифицированного пловца нужно держать подальше от скользких берегов рек, - писал аль-Газали, - так и простых людей следует сдерживать от изучения книг, потому что любой простой человек «может с готовностью принять их ошибки, смешанные с заимствованными истинами ввиду положительного мнения о том, что они увидели и одобрили. Это - способ ввести людей в заблуждение. Из-за этого зла следует избегать прочтения книг философов на предмет обмана и опасности, которые они содержат. Подобно тому, как неквалифицированному пловцу нужно держаться подальше от скользких берегов рек, люди должны не обращать внимания на эти книги. И так же, как дети они должны избегать обращения со змеями, так и уши людей должны быть защищены от крайностей в этих высказываниях. И так же как заклинатель змей не должен обращаться со змеей в присутствии своего маленького мальчика, так как он знает, что мальчик будет подражать ему, думая, что он похож на своего отца, но должен предупредить своего мальчика об этом, опасаясь за жизнь самого мальчика, так и человек глубокого обучения должен уметь себя вести в этом деле» [1,с.54-55].

Это принятая общая тема в произведениях аль-Газали. Мыслитель даже убеждал *‘авам*, в частности в «Илджам ал-‘аввам ан ‘илм ал-калам», избегать калама (рациональное богословие) из-за его философских приемов, которые тоже могут привести их к ереси [2,с.47-49].

*Хаваас*, т.е. элиту, мыслитель считал теми, кто был наделен естественным интеллектом. Их вера была результатом рационально аргументированного убеждения, а не слепого конформизма (*таклид*). Для этих людей не представляет опасности изучение разнообразных видов философских наук, так как их сложно обмануть, поскольку они могут отличить истину от лжи.

Аль-Газали избегал любого, кто попробует помешать тем, кто способен обучиться этим наукам, так как если им помешать, он почувствует, что будет причинен вред исламу. Вот что он писал в «Мункиз мин аз-залал» по этому вопросу: «Второе зло проистекает из случая невежественного друга ислама, который полагает, что наша религия должна защищаться отторжением каждой науки, приписываемой философам... Великим делом является преступление против религии, совершенное любым человеком, который полагает, что ислам защищен отрицанием этих наук» [1,с.47].

Это указывает на факт, что поиск фундаментальной истины мыслителем не был ограничен рамками исключительно религиозного контекста. Такой осторожный подход аль-Газали к

поиску истины приводит нас к мысли о существовании адекватного варианта в более поздней философской традиции, например, во взглядах Р. Декарта (1596-1650) с его методическими сомнениями. Здесь считаем необходимым отметить, что достижения исламской философии, и ее влияние на западную философию сегодня общепризнано. Однако суть этого влияния до настоящего времени не подвергалась критическому анализу. Хотя достаточно известно, что многие арабские книги были переведены на латинский язык с XII по XVII вв., тем не менее, остается неизвестным тот факт, сколько именно книг было переведено и насколько они были эффективно использованы западными мыслителями и учеными. Тот факт, что нет доказательств перевода какого-либо конкретного текста, вовсе не означает, что он не был переведен. Вероятно, он был переведен, но доказательства этого утеряны.

Поскольку наши знания о передаче мыслей между арабами и европейцами в течение XII-XVII вв. являются неполными, мы не можем исключить возможности того, что под влиянием, например, аль-Газали такие тексты могли быть доступны европейцам. Более конкретно - Декарт мог находиться под влиянием этих работ.

В своей работе «Размышления о первой философии» Декарт преследовал ту же цель, что и аль-Газали, а именно: найти непреложную определенность или уверенность, даже если бы эта уверенность заключалась в том, что ничто в мире не является определенным: «Итак, я допускаю, что все видимое мною ложно; я предполагаю никогда не существовавшим все, что являет мне обманчивая память; я полностью лишен чувств; мои тело, очертания (figura), протяженность, движения и место - химеры. Но что же тогда остается истинным? Быть может, одно лишь то, что не существует ничего достоверного. Однако откуда мне известно, будто, помимо перечисленных, не существует других вещей, относительно которых не может быть ни малейшего сомнения?» [3,с.21].

Более детально знакомясь с «Мункиз мин аз-залал» аль-Газали и «Размышлениями» Декарата, видно, что сходство между сомнениями двух мыслителей крайне ощутимо. Как и аль-Газали, Декарт хотел быть свободным от всех размышлений, которые он раньше принял, что, как мы уже знаем, аль-Газали назвал «рабским конформизмом». Декарт, как и аль-Газали, испытал сомнение по поводу данных чувств и отверг их, потому что они были обманчивы, и он в своем методическом сомнении показал вероятность воображения как один из главных факторов сомнений в своих знаниях: «А знаю я, что существую, и спрашиваю лишь, что я представляю собой - тот, кого я знаю. Весьма достоверно, что познание этого моего я, взятого в столь строгом смысле, не зависит от вещей, относительно существования, которых мне пока ничего неизвестно, а значит, оно не зависит также ни от какой игры моего воображения. Но слово это – игра напоминает мне о моей ошибке: я и действительно воображал бы себе нечто неверное, если бы именно воображал себя чем-то сущим, потому что воображать означает не что иное, как созерцать форму или образ телесной вещи» [3,с.23-24]

Окончательным результатом размышлений Декарта и основой его уверенности не была мыслящая субстанция (cogitoergosum), скорее, это был Бог, чье совершенство не могло быть востребовано «мыслящей субстанцией».

В третьем «Размышлении» Декарт писал: «И уж, разумеется, поскольку у меня нет никакого повода полагать, будто какой бы то ни было Бог - обманщик, да я пока точно и не знаю, существует ли какой-либо Бог, постольку основание для сомнения, зависящее лишь от этой мысли, оказывается весьма слабым и, так сказать, метафизическим. Но дабы устранить и его, я должен исследовать, как только к тому представится случай, существует ли Бог и, если он существует, может ли он быть обманщиком: в самом деле, если мы этого не знаем, невозможно, как мне представляется, быть уверенным ни в чем остальном» [3,с.30].

Аль-Газали, в отличие от Декарта, не подвергал сомнению свое личное существование и существование Бога. Существование Бога было для аль-Газали, как уже упоминалось выше, несомненной определенностью, недвусмысленно ощущаемой через откровение Корана. аль-Газали, будучи мусульманином верящим в Бога и в Коран не было никаких оснований и необходимости подвергнуть сомнению свое личное существование, потому что уверенность, которую Декарт получил вследствие своих методических сомнений, уже была дарована аль-Газали посредством его акта веры. И это несмотря на то, что аль-Газали «обвиняет» Бога в скептицизме человека и в неравномерном «распределении» знаний среди людей, о чем А.Д. Кныш пишет следующее: «По мнению аль-Газали, истинное и незамутнённое сомнение знания можно получить исключительно от Бога, либо посредством наставления, которые простые смертники получают, читая Коран. Знание, подобное тому, которое пророки получают от Бога путем вдохновения, суфии-мистики могут обрести посредством умерщвления плоти, очищения

души от мирских мыслей и желаний, а также постоянного созерцания величия и милосердия Творца вселенной... Истинно верующему не следует заниматься тем, что его не касается, в частности, он не должен искать мирского знания исключительно из праздного любопытства» [4,с.490].

Размышление Декарта о божественном существовании, как и вся процедура сомнений, была только методической и предназначалась для направления и обучения других людей, ибо он представил эти методы и для тех, кто был в поиске истины.

Анализируя картезианскую мысль Декарта и скептические идеи аль-Газали, мы выявляем незначительные различия в их утверждениях и предположениях по обсуждаемым проблемам. Декарт и аль-Газали, как было рассмотрено, признают зависимость человека от Бога за непревзойденное знание. Декарт также указывает на то, что человек полностью зависит от Бога для самого его бытия и от его продолжающегося существования в каждом моменте жизни. Декарт так же, как и аль-Газали, подчеркивает веру в божественное откровение, непостижимое разуму.

Хотя Бог и вера занимают центральное место в философии Декарта, связанной с проблемой сомнения, для него это не просто вопрос чувства, интуиции или мистического видения, как это превалирует в воззрениях аль-Газали. Для Декарта «естественный свет разума» сам по себе зависит от Бога за его действительность, и человек должен принять божественные откровения, несмотря на разум: «Вся сила моего доказательства заключена в том, что я признаю немыслимым мое существование таким, каков я есть по своей природе, а именно, с заложенной во мне идеей Бога, если Бог не существует поистине - тот самый Бог, чья идея во мне живет, Бог - обладатель всех тех совершенств, коих я не способен постичь, но которых я могу некоторым образом коснуться мыслью, Бог, не имеющий никаких недостатков. Из этого уже вполне ясно, что он не может быть обманщиком: ведь естественный свет внушает нам, что всякая ложь и обман связаны с каким-то изъяном» [4,с.43].

Аль-Газали в своих рассуждениях, конечно, не мог вступить в спор с Декартом, который жил несколько веков позже, но у него было достаточно «конкурентов», по отношению к идеям которых он выступал с резким скептицизмом, в частности, это касалось вопросов богословского характера или естествознания. В богословских вопросах он был уверен, что Платон, Аристотель и Плотин, а также те мусульманские мыслители, которые следовали за ними, в частности, аль-Фараби и Ибн Сино, вместе взятые, противоречили друг другу. В «Опровержении философов» аль-Газали отмечает, что «из философствующих мусульман наиболее точными для пересказа и исследования являются Абу Наср Фараби и Ибн Сино» [5,с.116], и поэтому далее в данной книге он указывает на них одним словом «философы» не упоминая их имен.

Аль-Газали искал знания о вещах, каковые они есть на самом деле, и для него определенные знания должны были быть непогрешимыми; они должны быть полностью свободны от ошибок или обмана. Чтобы определить возможность определенных и непогрешимых знаний, аль-Газали намеревался исследовать общие источники знания: восприятие чувств и необходимые истины или истины разума, суфийский экстаз или мистическое самопревосхождение. Вместе с тем, он утверждал, что на религиозной основе трудно выстраивать какие-либо доказательства как о Боге, так и другие метафизические вопросы, как о времени или о движении, что есть заблуждение воображения, а это свидетельствует и о недостаточности интеллекта. При этом для возражения и опровержения доказательств философов аль-Газали прибегает к использованию различных методов убеждений других идейных школ. Так, он писал: «Иногда мы наносим им (философам - Г.И.) поражение посредством доктрины мутазилитов, иной раз - посредством доктрины каррамитов, иногда посредством доктрины вакифитов. В этом деле мы не ищем защиту особой доктрине. Напротив, мы все секты собираем в единый строй для противодействия философам, ибо возможно, что другие секты в деталях против нас, а философы противоречат нам [в понимании] принципов религии» [5,с.120-121].

Кроме того, сам аль-Газали не прочь был дискутировать с указанными философами в рациональном дискурсе и поэтому вынужден был применять различные логические приёмы. Опровергая их взгляды о божественной воле, и противопоставляя свое умозаключение, равно как божественное знание отличается от человеческого, таким же образом отличается их воля друг от друга, аль-Газали в этом принижает роль разума и воображения: «Правильный ответ заключается в том, что в этом виновно наше воображение, доводы же разума приводят к признанию указанного выше положения. Как же вы можете опровергать тех, кто утверждает,

что доводы разума приводят к признанию во Всевышнем способности отличать одну вещь от другой, ей подобной» [5,с.141].

Так, цель аль-Газали состояла в том, чтобы достичь баланса и умеренности, которая защитила бы религиозное мышление от любого неоправданного новшества (*бид'а*) или крайних взглядов, или методов интерпретации его противника. При опровержении философов аль-Газали применял и другие приемы, полезность которых была рассчитана на малообразованных или необразованных людей, не имеющих представления об учениях аль-Фараби и Ибн Сино. Этот обстоятельство точно определено М. Диноршоевым и З.М. Диноршоевой, которые во вводной части переведенного ими труда аль-Газали «Опровержение философов» отмечают: «Надо отметить, что в этих формулировках аль-Газали более или менее точно схвачен лишь один из аспектов учения восточных перипатетиков о вечности мира. Другие же аспекты их учения о вечности, а именно вечность, изначальность и нетленность по сармаду (*кидами сармади*) и вечность, изначальность и нетленность по дахру (*кидами дахри*) им ни в данном контексте, ни в других местах «Тахафут ал-фаласифа» не упоминается и не анализируется. Это наводит нас на мысль о том, что он либо не был осведомлен об этом, либо умышленно упустил эти моменты из виду для того, чтобы было легче опровергать философов и обвинить их в вероотступничестве» [5,с.55].

Скептицизм аль-Газали с обвинением в вероотступничестве резко продемонстрирован в отношении к батинитам. Для опровержения «опасности» взглядов батинитов аль-Газали применял все, что было ему нужно: во-первых, он стал эффективно пользоваться главным их орудием интерпретации *та'вил* и, соответственно, концепцию *захира* и *батина*, т.е. сам склонился в сторону батинизма. Например, в «Ихйа-ул-улум ад-дин» он настаивает на то, что «*'ильм аль-му'амала* делится на явное знание (*'ильм захир*) - я имею в виду знание, связанное с действиями внешних органов – и на тайное [сокровенное] знание (*'ильм батин*) - тут я имею в виду знание, связанное с деяниями сердца» [6,с.50]; во-вторых, он применял против их идей методы, которые привели читателя к абсурдности взглядов батинитов. Это более подробно освещено Ф. Митхой, который отмечает, что интерес вызывает предложенная стратегия аль-Газали - опровержение интерпретации вопросов батинитами. В связи с этим он обращает внимание на то, что стратегия аль-Газали состоит из трех методов: 1) *ал-ибтал* (прямое опровержение, то есть доказательство ложности); 2) *ал-му'арада* (конфронтация, то есть противостояние ложности с другой ложью); 3) *ал-тахкик* (верификация, то есть определение юридического статуса). И далее разъясняет их сущность: «При более близком анализе первые два метода воспроизводят обвинение *reductio ad absurdum* (доведение до абсурда - Г.И.), хотя и с измененным набором аргументов.

Применение *ал-ибтал*, утверждает аль-Газали, влечет за собой вызов в отношении обоснованности любых батинитских интерпретаций, утверждая, что они также содержат другие внутренние смыслы, - так и до бесконечности, с тем, чтобы все возможные основания для взаимного (*ал-тафахум ва-л-тафаххум*) были опровергнуты. Что касается *ал-му'арада*, то она влечет за собой противоборство с батинитской интерпретацией, которую считает категорически необоснованной и поэтому - противоречивой интерпретацией (или чтением) того же текста. По существу, аль-Газали утверждает, что, поскольку каждая батинитская интерпретация вырабатывается произвольно, она может таким образом рассуждать в произвольной манере и в результате, не только эффективно обойдет вопрос молчанием, но, уменьшившись до уровня этих необоснованностей, становятся более осведомленными об их ложности» [7,с.49].

Так, скептическое отношение аль-Газали к философии древнегреческих философов и ко всем рациональным идейным школам мусульманской философии вынудили его разработать свою особую эпистемологическую концепцию о достоверности знаний. Эта мысль справедливо и точно определена А. Шамоловым, который отмечает, что «долгие сомнения в достоверности чувственного мира и в достоверности умозрительных наук приводит аль-Газали к совершенно неожиданному скачку мысли, к ее радикальному преобразованию и изменению самого понятия достоверности» [8,с.233].

Вышеизложенное приводит нас к выводу, что скептицизм аль-Газали разнообразен, но, как и любой другой средневековый скептицизм, не стал особым движением или идейным направлением. Скорее всего, этот скептицизм представлял собой очередную серию (иногда изолированных) забот о религии и ответов на такие же скептические идеи, образцы которых были изложены выше во взглядах других представителей мусульманской философии. Хотя некоторые стимулы для последующих дискуссий были получены из классических скептических источников, но в большей части скептицизм аль-Газали пошел своим путем. Среди отчетливых

положений его скептицизма и результатов его дебатов важным моментом был сделан акцент на установление уверенности в самопознании, особенно на широко распространенном признании роли разума в различных вопросах, что представляет собой особый вызов для эпистемологии даже в теистическом мировоззрении. Несмотря на некоторые отклонения, аль-Газали свой скептицизм ориентировал на то, чтобы ответить на две основные эпистемологические проблемы: как приобретаются знания и как можно рационально оправдать эти знания.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Аль-Газали. Мункиз мин аз-залал (Избавляющий от заблуждений (на араб.яз.)). -Дамаск, 1992. -С. 56-63.
2. Аль-Газали. Илджам ал-‘аввам ‘ан ‘илм ал-калам. -Бейрут, 1993. -С. 47-49. (на араб.яз.).
3. Декарт Р. Сочинения в 2-х томах / Р. Декарт /Под ред. В.В. Соколовой. -М.: Мысль, 1989-1994. Т. 2. М.: Мысль, 1994. -С. 21.
4. Кныш А.Д. Борьба идей в средневековом исламе: теология и философия / А.Д. Кныш // Ишрак. Ежегодник исламской философии. -2011. -№ 2. -С. 490.
5. Диноршоев М. Абу Хамид Мухаммад аль-Газзали и его «Опровержение философов» // Абу Хамид Мухаммад ал-Газзали. Опровержение философов / М. Диноршоев, З.М. Диноршоева; Пер. с араб., вступ. ст. и коммент. М. Диноршоева и З.М. Диноршоевой. Душанбе: Ирфон, 2008. С. 116.
6. Аль-Газали. Возрождение религиозных наук. Пер. с ар. яз. книги «Ихйа’ ‘улум ад-дин». В 10 томах. Т.1. 2-е издание. Ч.1. Махачкала: Нур-уль-иршад, 2011. С. 50.
7. Mitha F. Al-Ghazali and the Ismailis. A Debate on Reason and Authority in Medieval Islam. London, 2001. P. 49.
8. Шамолов А. Философия теологии Мухаммада Газали / А. Шамолов. -Душанбе: Пайванд, 2008. -С. 233.


## МАРҲИЛАҲОИ ГУНОГУНИ ШАККОКИИ АЛ-ГАЗЗОЛӢ ДАР «МУНКИЗ АЗ-ЗАЛОЛ»


Дар мақолаи мазкур муаллиф марҳилаҳои гуногуни шаккокии ал-Ғаззолиро дар «Мунқиз аз-залол» мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор додааст. Ал-Ғаззолӣ марҳилаҳои гуногуни шаккокиҳои худро дар асари «Мунқиз аз-залол» мураттаб мавриди таҳлил қарор додааст.Ӯ муносибати худро ҳамчун таҳқиқоти мустақилона (*истибсор*) нисбати ҷустуҷӯйи ҳақиқати бунёдии ашёҳо (*ҳақоиқ ал-умур*) мутобиқ гардондааст, ки онро ӯ инчунин аниқ (*йақин*) номгузорӣ намуда, ягон чизро, ки метавон қонеъ гардонд, қабул накардааст. Шаккокии ал-Ғаззолӣ гуногуншакл мебошад, лекин ҳамчун дигар шаккокии асримиёнагӣ, ҳаракати махсус ва ё самти ғоявӣ нагардид. Пеш аз ҳама, ин шаккокӣ силсилаи навбатии ғамхориҳоро оиди дин ва ҷавобҳо ба ҳамин гуна ғояҳои шаккок таҷассум менамояд, ки онҳо дар ақидаҳои дигар намояндагони фалсафаи ислом дарҷ гардидаанд.Ҳарчанд баъзе омилҳо барои мусоҳибаҳои оянда аз сарчашмаҳои классикии шаккокона гирифта шуда бошанд ҳам, лекин аз бисёр ҷиҳат шаккокии ал-Ғаззолӣ бо роҳи худ идома ёфтааст. Байни муқаррароти возеҳи шаккокӣ ва натиҷаҳои мусоҳибаҳои ӯ лаҳазоти муҳим дар муқаррарсозии боварӣ дар хештаншиносӣ, махсусан дар эътирофи васеъпаҳнгардидаи нақши хирад дар масъалаҳои гуногун карда шуд, ки ин ситезаҷӯйии махсус барои эпистемология, ҳатто дар ҷаҳонбинии теистикӣ, мебошад.



**Калидвожаҳо:** Ал- Ғаззолӣ, масоилҳои эпистемологӣ, бадастории донишҳо, асосноксозии ақлонии донишҳо.


## РАЗЛИЧНЫЕ ЭТАПЫ СОМНЕНИЙ АЛЬ-ГАЗАЛИ В «МУНКИЗ АЗ-ЗАЛАЛ» («ИЗБАВЛЯЮЩИЙ ОТ ЗАБЛУЖДЕНИЯ»)


В данной статье автором подвергнуты рассмотрению и изучению различные этапы сомнений аль-Газали в «Мункиз аз-залал». Аль-Газали методично анализирует различные этапы своих сомнений в «Мункиз аз-залал». Он адаптировал свой подход независимого исследования к поиску фундаментальной истины вещей, которую он также назвал достоверностью, не принимая ничего, что могло быть удовлетворено.Скептицизм аль-Газали разнообразен, но, как и любой другой средневековый скептицизм, не стал особым движением или идейным направлением. Скорее всего, этот скептицизм представлял собой очередную серию (иногда изолированных) забот о религии и ответов на такие же скептические идеи, образцы которых были изложены выше во взглядах других представителей мусульманской философии. Хотя некоторые стимулы для последующих дискуссий были получены из классических скептических источников, но в большей части скептицизм аль-Газали пошел своим путем. Среди отчетливых положений его скептицизма и результатов его дебатов важным моментом был сделан акцент на установление уверенности в самопознании, особенно на широко распространенном признании роли разума в различных вопросах, что представляет собой особый вызов для эпистемологии даже в теистическом мировоззрении.



**Ключевые слова:** Аль-Газали, эпистемологические проблемы, приобретение знаний, рациональное оправдание знаний.


## VARIOUS STAGES OF AL-GAZALI'S Doubts in “AZ-ZALAL MUNIZ” ("DELIVERING FROM DELETE")


In this article, the author has examined and studied the various stages of al-Ghazali's doubts in Munkiz al-zalal. Al-Ghazali methodically analyzes the various stages of his doubts at Munkiz al-zalal. He adapted his independent research approach to finding the fundamental truth of things, which he also called credibility, not accepting anything that could be satisfied. Al-Ghazali’s skepticism is diverse, but, like any other medieval skepticism, has not become a special movement or ideological direction. Most likely, this skepticism was another series of (sometimes isolated) concerns about religion and answers to the same skeptical ideas, examples of which were stated above in the views of other representatives of Muslim philosophy. Although some incentives for subsequent discussions were obtained from classical skeptical sources, al-Ghazali's skepticism went its own way for the most part. Among the distinctive points of his skepticism and the results of his debate, an important point was the emphasis on establishing confidence in self-knowledge, especially on the widespread recognition of the role of the mind in various issues, which poses a special challenge to epistemology even in a theistic worldview.



**Key words:** Al-Ghazali, epistemological problems, knowledge acquisition, rational justification of knowledge

**Сведения об авторе:** ***Гулов Ислом Файзахмадович*** – Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни, соискатель кафедры философии. **Адрес**: 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки 121. Телефон: **918-87-55-64**

**Information about the author:** ***Gulov Islom Fayzahmadovich*** –Tajik state pedagogical University. Sadriddin Aini, the applicant of the Department of philosophy. **Address:** 734003, Respublika Tadzhikistan, g. Dushanbe, Rudaki street 121. Phone: **918-87-55-64**

**УДК:122/129**

# ФАЛСАФАИ ИТТИЛООТ ВА ҶАҲОНБИНИИ МУОСИРИ ИЛМӢ

***Камолов Ш.В.***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ**

Тамоюлҳои заминагузори рушди тамаддуни асри XXI ин равандҳои ҷаҳонишавӣ ва иттилоотонӣ мебошанд, ки таъсири инқилобиро ба ҳама соҳаҳои ҷомеа мерасонанд. Дар таърихи инсоният давраи нави иттилоотӣ оғоз гардида, ҷомеаи иттилоотии глобалӣ рушд меёбад. Ташаккулёбии он маънои гузариш ба дараҷаи баланди ташкили ҳаёт ва фаъолияти одамонро дорад, ки мо онро тамаддуни иттилоотӣ меномем. Ҷомеаи иттилоотӣ имкониятҳои навро барои баланд бардоштани сифати зиндагӣ ва рушди қобилиятҳои эҷодии инсон, барои ҳалли мушкилоти зиёди глобалии замони муосир бунёд менамояд. Аммо бо вуҷуди ин проблемаҳои глобалие пайдо мешаванд, ки таърих онҳоро ёд надорад. Яке аз онҳо ин нобаробарии иттилоотӣ миёни одамон, мамлакатҳо ва минтақаҳои олам мебошад. Он ба тақсимшавии ҷомеа ба қишрҳо вусъат бахшида, шиддатнокии иҷтимоиро ба вуҷуд оварда, таҳдид барои рушди устувор ва амниятии тамаддун мебошад. Тадқиқотҳо нишон доданд, ки ин мушкилоти асосӣ, гуманитарӣ ва ба таври намоён буда, аз дараҷаи рушди фарҳанги иттилоотӣ муайян мегардад.

Мушкилоти дигари мубрами муосир амнияти иттилоотӣ буда, онро технологияҳои ҳаракати шуур ва афзоиши анбӯҳи иттилоот тавлид менамояд, ки ба саломатии одамон, махсусан ба насли ҷавон таъсири манфӣ мерасонад. Мушкилоти номбаршуда то ҳол ба таври зарурӣ омӯхта нашуда, роҳҳои ҳалли онҳо низ ба таври кофӣ коркард нашудаанд. Барои ҳамин илм дар бораи иттилоот бояд заминаи илмии тамаддуни иттилоотӣ ва фарҳанги иттилоотӣ – шарти таъмини амнияти иттилоотии инсон ва ҷомеа гардад. Афзоиши проблемаҳои глобалӣ донишҳои том ва умумиро оиди қонунҳои фундаменталии тараққиёти табиат, ҷамъият ва инсоният талаб менамояд. Ин олимон, файласуфон ва коршиносонро ба дарки фалсафии табиати иттилоот, омӯзиши нақши он дар раванди таҳаввулоти инсон, худи олам ва таҳаввулоти глобалӣ водор менамояд. Аз ин хотир дар аксари мамлакатҳои мутараққӣ имрӯзҳо тадқиқотҳо дар соҳаи фалсафаи иттилоот фаъолона рушд ёфта истодаанд [1-9].

Вожаи «фалсафаи иттилоот»-роаввалин шуда дар соли 1985 профессор Wu Kun, пешниҳод карда, ба гардиши илмӣ ворид намуд, ки вай ҳамчун асосгузори мактаби чинии фалсафаи иттилоот дониста мешавад [10,с.29]. Дар солҳои 90-уми асри гузашта бошад, дар фалсафаи муосири Ғарб равияи нави имлӣ «Фалсафаи иттилоот» пайдо шуд, ки пешбари он Лучано Флориди-профессори Донишгоҳи Хертфоршиди Британияи Кабир мебошад. Дар Россия бошад, фалсафаи иттилоот 20 сол қабл, аз соли 1965 мавриди омӯзиш қарор гирифта буд. К.К.Колин бошад, заминаи пайдоиш ва рушди ин самтро ба тадқиқотҳои яке муҳаққиқони маъруфу машҳур – академик А.Д. Урсул вобаста медонад [7,с.31].

Давраи нави тадқиқотҳо дар соҳаи мазкур аз соли 2005 оғоз ёфт. Ба ақидаи аксари муҳаққиқон, иттилоот яке аз падидаҳои пурасрор ва сермаъноии воқеият мебошад. Кӯшишҳои дарки моҳияти он ҳанӯз аз миёнаҳои асри XX оғоз гардида буд, аммо то ҳол тасаввуротҳо, назарияҳо ва консепсияҳои ягона оиди табиати иттилоот ба даст наомадааст.

Дар ҷаҳони муосир иттилоот ба яке аз захираҳои муҳимтарин барои инсоният, технология ва системаҳои иттилоотӣ бошанд, ба воситаҳои асосии коркарди ин захираҳо мубаддал гаштаанд. Имрӯзҳо аён мегардад, ки фалсафаи иттилоот бояд заминаи илмии рушди ҳамаи илмҳои иттилоотӣ гардад. Илова бар ин, зарурияти тадқиқи дурнамои самтҳои онтология ва эпистемологияи иттилоот, таҳаввулоти иттилоотӣ ва этикаи иттилоотӣ ба миён омадааст. Маълум аст, ки онтология яке аз фаслҳои муҳимми фалсафа - таълимот дар бораи ҳастӣ, принсипҳои бунёди сохтори ҳастӣ, тавсифҳо ва категорияҳои умумии ҳастӣ, моҳияту мавҷудҳои умумитарин мебошад. Барои ҳамин суоли аввалини

соҳаи онтологияи иттилоотро метавон чунин шакл дод: «Оё иттилоот вуҷуд дорад?». Чунин менамояд, ки суол аҷиб аст, аммо баъзан муҳаққиқон бар он назаранд, ки иттилоот дар воқеият вуҷуд надорад, чун ҳеҷ кас онро ҳеҷ гоҳ надидааст. Барои ин, ин суолро бояд ба таври дигар гузорем: «Оё иттилоот ҳамчун воқеияти объективӣ вуҷуд дорад?»

Посух ба саволи мазкур мутахассисон, муҳаққиқони табиати иттилоотро ба ду категория ҷудо менамояд. Категорияи якум - намояндагони консепсияи атрибутивии табиати иттилоот, чунин меҳисобанд, ки иттилоот атрибут, хосияти ҷудонашаванда ва умумитарини материя аст [1,7,9]. Категорияи дуюм - намояндагони консепсияи функсионалӣ, тасдиқ менамоянд, ки иттилоот ин натиҷаи фаъолияти шуур буда, дар табиати ғайризинда вуҷуд надорад.

Миёни намояндагони консепсияҳои мазкур муддати зиёд баҳсҳо ба таври тезутунд идома доранд, ки қисман ба наздикшавии мавқеи онҳо оварда ва солҳои охир ин баҳсҳо бениҳоят фаъол гардидаанд. Чунонки моҳи октябри соли 2013 дар Чин Конфронси аввалини байналмилалӣ оид ба фалсафаи иттилоот, соли 2013 дар Россия конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар мавзӯи «Асосҳои бунёдии илмҳои иттилоотӣ», декабри соли 2018 форуми илмии умумироссиягии шашум дар мавзӯи «Материя, энергия, информатсия» дар Академияи илмҳои гуманитарӣ ва табиатшиносӣ баргузор гардида буд, ки яке аз масъалаҳои асосии ин конфронсҳо фалсафаи иттилоот ва масъалаҳои фалсафии илмҳои иттилоотӣ буд. Инчунин, дар Академияи илмҳои Россия аз соли 2011 семинари махсуси «Проблемаҳои илмӣ-методии илм оид ба иттилоот» амал менамояд, ки ба омӯзиш ва тадқиқи фалсафаи иттилоот диққати махсус дода мешавад. Ҳамин тариқ, фалсафаи иттилоот имрӯз фаъолона мавриди баррасӣ чи дар Россия чи дар дигар мамлакатҳо қарор дорад, ки проблемаи калидии он онтологияи иттилоот аст.

Дар гузашта ихтирооту кашфиётҳои техникии бузурги олимону мутафаккирон инқилобҳои илмиро ба амал оварда, ба тафаккури омма умуман ҷомеа ва фалсафа таъсири амиқ расониданд. Инқилоби иттилоотии дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI баамаломада низ истисно нест, ки ба рушди бемайлони технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ оварда расонидааст ва дар натиҷа, ба тамоми самтҳои ҳаёти инсонӣ ҷорӣ гардида олами инсониро дигаргун месозанд. Ҳанӯз дар солҳои 60-уми асри гузашта дар адабиёти илмӣ пайдоиши инсони биотехникӣ (киборг) ва оғози марҳилаҳои нави гузариши намуди инсонӣ аз ҳомо сапиенс ба ҳомо электроникус, ҳомо информатикус, ҳомо интеллигенс ва постҳомо ёдовар гашта буд [8,с.220]. Хусусияти дигари таҳаввулоти илмию техникӣ интамоюли иттилоотонии ҷомеа мебошад, ки он, дар навбати худ, ҳаёту фаъолият ва тафаккуру арзишҳои инсониро дигаргун месозад. Дар фарҳангу тамаддуни муосир иттилоотба неруи бузурги маънавӣ ва категорияи марказии илму маориф мубаддал гаштааст.

Мо дар олами иттилоот зиндагӣ менамоем, аммо ҳоло ҳам оиди табиати он ҳамчун нахустасос (субстансия)-и ин олам, ки падидаи пурмуаммост, чӣ медонем ва чаро ин донишҳо аксарияти олимон, муҳаққиқону коршиносони соҳаи фалсафаи иттилоотро қаноатманд намекунонад? Ё худ иттилоот гуфта чиро дар назар дорем? Оё иттилоот дар шакли моддӣ (объективӣ) ва ё идеалӣ (субъективӣ, дар шуур) вуҷуд дорад? Иттилоот танҳо дар табиати органикӣ вуҷуд дорад ё дар худи Олам? Дар фаҳмиши муқаррарӣ иттилоот ин «баҳамтаъсиррасонии ду ҷисм», дилхоҳ маълумот, ахборот оиди чизе ё касе, «рамзи генетикӣ», ахбороту маълумотҳои дар Интернет ҷойгирбуда ва ғ. фаҳмида мешавад. Бояд қайд намуд, ки дар адабиёти илмӣ даҳҳо намуди тавсифи мазмуни мафҳуми «иттилоот» мавҷуд аст, аммо ягонтои он то ҳол умумиқабул нест. Дар чунин гуногунандешӣ муҳаққиқон ҳангоми тадқиқотҳои худ дар соҳаҳои муайян тавсифҳои хусусии мафҳуми иттилоотро, ки барои онҳо мувофиқ аст, истифода менамоянд. Ин ба он шарт аст, ки тавсифи умумӣ ва ягонаи иттилоот то ҳол коркард нашудааст. Новобаста ба он ки иттилоот категорияи умумилмӣ гаштааст, аҳаммияти он барои рушди инсон ва ҷомеа зуд боло рафта истодааст.

Тадқиқотҳои муҳаққиқон К.К. Колин, А.Д. Урсул, Л. Флориди, В.М. Глушков дар соҳаи фалсафаи иттилоот аҳамиятнок буда, натиҷаҳои он барои рушди ҷаҳонбинии муосири илмӣ зарур мебошанд. Таҳлили фалсафӣ, илмӣ-методологии проблемаҳои рушди илми муосир нишон медиҳад, ки яке аз чунин мушкилот ин масъалаи дарки консептуалии табиат ва моҳияти иттилоот мебошад. Дар натиҷаи тадқиқи падидаи иттилоот ва гуногунандешии муҳаққиқон нисбати моҳияти он чунин хулосаҳо ба даст омаданд:

✓ Падидаи иттилоот бисёрҷанба буда, хосатан худро дар шароитҳои гуногуни амалишавии равандҳои баҳамтаъсиррасони иттилоотӣ зоҳир менамояд. Чунки ин баҳамтаъсиррасонӣ дар шаклҳои гуногуни муҳити иттилоотӣ,ки барои ҷузъҳои гуногуни

воқеият хос мебошад, ба амал меояд. Барои ин, ҳангоми омӯзиши падидаи иттилоот бояд диққатро махсусан ба таҳлили сохтори воқеият, инчунин ба хусусиятҳои равандҳои баҳамтаъсиррасони иттилоотӣ дар ин сохтор равона намуд.

✓ Асоснок гардид, ки иттилоот худро дар марҳилаҳои гуногуни раванди баҳамтаъсиррасони иттилоотӣ нишон медиҳад.

✓ Душвориҳои дигарро барои муҳаққиқон гуногуншаклии тавсифи мафҳуми иттилоот ва намудҳои гуногуни тарҷума ва ифодаи он дар забонҳои гуногун ташкил медиҳад.

Барои дарки пурраи масъала, коркарди тавзеҳоти дуруст ва ягона алоқамандии падидаи иттилоот бо сохтори воқеият ва фаҳмиши нави масъалаи асосии фалсафа бояд ба таври муфассал таҳқиқ гардад. Аз ҷумла, К.К. Колин дар тадқиқоти худ амсила (модел)-и нави сохтори воқеиятро пешниҳод намуда, нишон медиҳад, ки ин амсила имкон медиҳадсохтори самтҳои гуногуни тадқиқи падидаи иттилоотро нисбатан дақиқтару равшантар муайян намоем. Албатта, возеҳ аст, ки яке аз мафҳумҳои калидӣ, марказӣ ва умумии фалсафа ин мафҳуми «воқеият» буда, зери ин мафҳум дар тадқиқоти муҳаққиқи номбурда маҷмӯи ҳамаи мавҷудот, объектҳои моддию ғайримоддӣ, раванду ҳодисот фаҳмида мешавад.

Дар замони муосир мазмуни масъалаи асосии ҷаҳонбинии фалсафӣ ба таври анъанавӣ муносибати тафаккур ба ҳастӣ ва ё дар шарҳи васеъ муносибати олами рӯҳонӣ бо олами моддист. Аммо дар тадқиқотҳои К.К. Колин модели нави сохтори воқеият, бо номи консепсияи «чор олам» – дар монандӣ бо консепсияи Карл Поппер барои сохтори дониши илмӣ, пешниҳод гардидааст [5,6]. Дар тадқиқотҳои мазкур нишон дода шудааст, ки дар сохтори воқеият ба ҷуз аз материя (олами физикӣ) ва шуур (олами рӯҳонӣ) бо ду ҷузъи дигари воқеият мавҷуданд, ки онҳоро ба материя ва ба шуур мансуб донистан номумкин аст. Ин ҷузъҳо Олами маҳсули шуур ва Олами инъикоси равандҳои баҳамтаъсиррасон дар олами моддӣ мебошанд.

Ҳамин тариқ, метавон тасдиқ намуд, ки дар сохтори воқеият чунин ҷузъҳое ҳастанд, ки онҳоро наметавон объектҳои мансуб ба шуур ва ё материя қабул кард. Мисолҳои хосси ин метавонанд илм, дин, фарҳанг, санъат ва ғайра бошанд. Чунки аҷиб мешуд, агар математикаро як шакли зоҳиршавии материя номем. Илова бар ин, математика низ ҷузъи шуур ҳам набуда, дар воқеъ ин маҳсули шуур, натиҷаи фаъолияти он, на ин ки қисми таркибии он аст. Чунин мисолҳоро метавон ба таври кофӣ овард.

Барои ҳамин фаҳмиши анъанавии масъалаи асосии ҷаҳонбинии фалсафӣ монанди муносибати олами материалӣ ба олами маънавӣ ва ё дар мазмуни дигар, ҳамчун муносибати шуур ба материя, аллакай дар тасаввуроти муосир оиди сохтори воқеият мувофиқ ҳисобида намешавад. Шакли наву васеътари шарҳи масъалаи асосии фалсафа, ки мавҷудияти ҷузъҳои ғайримоддиро дар сохтори воқеият бояд ба назар гирад, лозим аст. Чунки ин ҷузъҳо, дар воқеъ наметавонанд ҳамчун ҷузъи шуур ва ё материя баррасӣ гарданд. Қисме аз онҳо маҳсули фаъолияти шуур мебошанд, аммо берун аз он ҷойгир буда, ҳамчун ҷузъи таркибии он пазируфта намешаванд. Мисолҳои тавсифӣ низ дар ин ҷо илм, дин, фарҳанг ва санъат метавонанд бошанд.

Қисми дигари ҷузъҳои ғайримоддии воқеият дар раванди баҳамтаъсиррасонии байнииякдигарии объектҳои алоҳида, раванду ҳодисоти олами моддӣ бунёд шуда, натиҷаи инъикоси ин баҳамтаъсиррасониҳоро ифода менамоянд. Ин натиҷаҳоро низ наметавон ҳамчун баъзе қисмҳои таркибии материя (ашёҳо ва ё майдонҳо) баррасӣ намуд, ҳол он ки онҳо бо ин ду шакли асосии мавҷудияти материя алоқамандии наздик доранд.

Дар тадқиқоти олимон К.К. Колин, И.М. Гуревич, А.Д. Урсул, В.М, Глушков нишон дода шудааст, ки натиҷаи инъикоси баҳамтаъсиррасонӣ дар олами моддӣ дар худ тағйирёбии тақсимоти материя ва энергияро дар фазо ва вақт ифода менамояд, ки бо ин баҳамтаъсиррасониҳо ба амал меоянд ва дар ҷараёни фосилаи вақт метавонанд нигоҳ дошта шаванд. Ин тағйирот яке аз шаклҳои зоҳиршавии падидаи иттилоотро дар олами моддӣ ифода менамоянд, ки иттилооти бофта номгузорӣ шудаанд.

Ҳамин тариқ, мазмуни масъалаи асосии фалсафа ба таври анъанавӣ муносибати шуур ба материя, тафаккур ба ҳастӣ, ки имрӯз дар адабиётҳо, луғатҳо ва фарҳангҳои фалсафӣ ҳама ҷузъҳои воқеиятро дар бар нагирифтааст, наметавонад қаноатмандкунанда дониста шавад. Шакли дигари баёнияи ин масъала зарур аст, ки маҳдудияти назаррас надошта, васеътар ва умумӣ бошад.

Барои дар шакли наву доираи васеъ ва умумӣ баён намудани масъалаи асосии фалсафа тафсири иттилоотӣ ва ҷанбаи ҷаҳонбинии он бояд муайян гардад. Аммо, чӣ тавр метавон масъалаи асосии фалсафаро бодарназардошти консепсияи «Чор олам»-и дар боло

зикршуда дар сохтори воқеият тартиб дод? Ба назар менамояд, ки масъалаи асосии фалсафа имрӯз бояд ҳамчун муносибати ҷузъҳои моддӣ ва ғайримоддии воқеият баррасӣ шавад. Лекин то қадре ҳама ҷузъҳои ғайримоддии воқеият аз рӯйи моҳияти худ ҷузъҳои иттилоотӣ мебошанд, то ин суолро ба таври мухтасар метавон ҳамчун муносибати материя ба иттилоот тавсиф намуд. Албатта, ин хулоса таҳлилу муҳокимаи иловагии мутахассисон, файласуфон ва коршиносонро дар соҳаи фалсафа ва умуман фалсафаи иттилоот талаб менамояд.

Тафсири иттилоотии дар боло пешниҳодшудаи масъалаи асосии фалсафа дар муқоиса бо шакли анъанавии ин масъала воқеан ва моҳиятан васеъ мебошад. Барои ин вай метавонад барои ташаккули ҷаҳонибинии нави илмӣ ва ташаккулиманзараи нави илмии олам истифода шавад. Ифодаи мазкур ба назар ниҳоят пурра ва саҳеҳ, дар қиёс бо манзараи олами мавҷуда буда, ҳама ҷанбаҳои моддӣ ва ғайримоддии воқеиятро дар бар мегирад.

Бояд қайд намуд, ки мафҳуми истифодашудаи «воқеият» мафҳуми васеи фалсафӣ нисбатба мафҳуми «материя» мебошад. Ба назари мо, метерия танҳо қисми воқеияти олами моро иҳотакарда мебошад, ки хосиятҳои ғайримоддиро низ дорост.

Тадқиқоту таҳлилҳо нишон доданд, ки воқеият сохтори мураккаб дошта, яку якбора хосиятҳои чи материалӣ (физикӣ), чи ғайримоддӣ (иттилоотӣ)-ро дар худ дорад. Ҳол он ки ин хусусиятҳоро на танҳо воқеият дар маҷмӯъ, балки инчунин ҳама ҷузъҳои он низ доро мебошанд.

Хулосаи муҳимми фалсафӣ, ки аз ин тасдиқҳо бармеояд, ин аст, ки натиҷаҳои нав дар соҳаи фалсафаи иттилоот барои ташаккули тафсири нави (парадигма) ҷаҳонбинӣ замина мегузоранд, ки асоси онро эътирофи мавҷудияти дугонагии табиати моддӣ-иттилоотии воқеият ва тамоми ҷузъҳо ва порчаҳои он ташкил медиҳад. Ин парадигмаи нав бояд ба рушди минбаъдаи фалсафаи иттилоот ва ҳамчунин истифодаи амалии натиҷаҳои он ҳангоми гузаронидаи тадқиқотҳои байнифаннӣ равнақ бахшад.

Натиҷаҳои дар боло овардашуда имкон медиҳанд ба баъзе масъалаҳои аҳаммиятноки омӯзиши фалсафии падидаи иттилоот ишора намоем, ки муҳимтарини онҳо дар зайл оварда мешаванд:

✓ Омӯзиши таносуб миёни хосияти объектҳои материалӣ ва иттилоотӣ, низом ва равандҳои олами физикӣ.

✓ Омӯзиши таносуб миёни ҷанбаҳои материалӣ (физикӣ) ва иттилоотии шуур. Яке аз унвони ин самтҳо – информатикаи психологӣ мебошад.

✓ Тадқиқи таносуб миёни хосиятҳои материалӣ ва иттилоотии алоҳидаи ҷузъҳои маҳсули шуур (илм, фарҳанг, санъат ва ғ.). Дар ин соҳа аллакай самти нави илмӣ – фарҳангшиносии иттилоотӣ рушд ёфта истодааст.

✓ Тадқиқи табиати инсон дар асоси консепсияи равиши иттилоотӣ ва ташаккули соҳаи нави илм – антропологияи иттилоотӣ.

✓ Тадқиқи асосҳои иттилоотии этика. Дар ин ҷо бояддиққатро ба консепсияи аслияти этикаи иттилоотӣ, ки профессориДонишгоҳи Хартфордшири Британияи Кабир Лучано Флориди пешниҳод намудааст, равона намуд [9].

Дарки фалсафии мазмун ва табиати иттилоот имкониятҳои навро барои омӯзиши (дар асоси равиши иттилоотӣ) объектҳои гуногун ва низоми воқеиятҳои ғайримоддӣ фароҳам меорад. Дар қатори онҳо фарҳанг ва санъат, маориф, илм, иқтисодиёт ва сиёсатро бояд қайд намуд. Дар омӯзиши объектҳо ва низомҳои муҳити табиӣ дар асоси равиши иттилоотӣ мушкилоти зиёде вуҷуд доранд. Ин на танҳо дар бунёди технологияҳои нави самаранок, балки барои мувофиқ гузоштани ҷаҳонбинии мо ба воқеияти объективӣ низ кумак менамояд.

Фарзия оиди ягонагии иттилоотии воқеият бояд барои рушди тадқиқотҳо дар соҳаи омӯзиши шуури инсон ва дар асоси ин коркарди методҳои нави маърифат ва омӯзиш, инчунин низоми зеҳни сунъӣ ва роботҳо бояд мусоидат намояд.

Аммо барои он ки мушкилоти номбаршударо ҳал намоем, зарур аст, соҳаи нави илм – «Илмҳои иттилоотӣ»-ро ташаккул диҳем.

**АДАБИЁТ**


1. Гуревич И.М. Информация - всеобщее свойство материи: Характеристики, оценки, ограничения, следствия / И.М.Гуревич, А.Д. Урсул. -М.: ЛИБРОКОМ, 2012. - 312 с.
2. Колин К.К. Структура реальности и феномен информации / К.К. Колин // Открытое образование.- 2008. -№5.
3. Колин К.К. Философия информации и перспективы развития информатики / К.К. Колин //Межотраслевая информационная служба.- 2014. -Вып. 1(66).
4. Колин К.К. Философские проблемы информатики / К.К. Колин. - М.: БИНОМ, 2010. - 264 с.

5. Колин К.К. Философия информации и структура реальности: концепция «четырех миров» / К.К. Колин //Знание. Понимание. Умение. -2013. -№ 2. – С. 13-25.
6. Колин К.К. Структура реальности и философия информации / К.К. Колин // Знание. Понимание. Умение. -2013. -№3. -С.136-147.
7. Колин К.К. Философия информации и фундаментальные проблемы современной информатики / К.К. Колин // Вестник высшей школы. -2010. -№1.
8. Ракитов А.И. Философия компьютерной революции / А.И.Ракитов. - Москва, Политиздат, 1991. – 287 с.
9. Floridi L. The Philosophy of Information.Oxford: Oxford University Press. 2010.
10. Wu Kun. Thirty years research for Philosophy of Information of China //Открытоеобразование. -2011. -№5. -С.28-49.

## ФАЛСАФАИ ИТТИЛООТ ВА ҶАҲОНБИНИИ МУОСИРИ ИЛМӢ

Дар мақола ташаккули ҷаҳонбинии нави муосири илмӣ, ки асоси онро ҷанбаи иттилоотӣ ташкил медиҳад, баррасӣ гардидааст. Муаллиф оиди рушди соҳаи нави фалсафа – фалсафаи иттилоот, гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ ва тамаддуни иттилоотӣ, инчунин имкониятҳои нави он сухан ронда, қайд менамояд, ки натиҷаҳои муҳимтарини нави тадқиқотӣ дар ин соҳа барои рушди тасаввуротҳои нави илмӣ оиди сохтори воқеияти олами атрофии мо замина мегузоранд. Натиҷаҳои ба дастомадаи илмии фалсафаи иттилоот барои муайян намудани тасаввуротҳои мо нисбати манзараи илмии олам, рушди минбаъдаи фалсафаи иттилоот ва дар заминаи он гузарондани тадқиқотҳои байнифаннӣ лозиманд. Муаллиф дар асоси таҳлили нуқтаҳои назари гуногуни муҳаққиқон сохтори воқеият ва тарзи фаҳмиши наву тафсири иттилоотии масъалаи асосии фалсафаро нишон медиҳад, ки дар муқоиса бо шакли анъанавии он воқеан ва моҳиятан васеъ мебошад. Фаҳмиши нави ин масъала метавонад барои ташаккули ҷаҳонибинии нави илмӣ ва ташаккули манзараи нави илмии олам истифода шавад. Ифодаи мазкур ба назар ниҳоят пурра ва саҳеҳ, дар қиёс бо манзараи олами мавҷуда буда, ҳама ҷанбаҳои моддӣ ва ғайримоддии воқеиятро дарбар мегирад. Дар ин замина метавон ба як қатор масъалаҳои наву аҳаммиятноки омӯзиши хусусиятҳои падидаи иттилоот дар ҷузъиётҳои гуногуни сохтори воқеият ишора намуд. Инчунин, муаллиф зарурати ташаккули соҳаи нави илм -«Илмҳои иттилоотӣ»-ро, пешниҳод намудааст.

**Калидвожаҳо:** иттилоот, ҷаҳонбинӣ, фалсафа, манзараи илмии олам, фалсафаи иттилоот, масъалаи асосии фалсафа, воқеият.

## ФИЛОСОФИЯ ИНФОРМАЦИИ И СОВРЕМЕННОЕ НАУЧНОЕ МИРОВОЗЗРЕНИЕ

В статье рассматривается развитие нового современного научного мировоззрения, основу которого составляет информационный аспект. Автор, рассказывая о формировании новой области философии – философии информации и перехода к информационному обществу и информационной цивилизации, также его возможности, отмечает, что новые полученные значимые результаты философии информации становятся основой для развития наших представлений о структуре реальности окружающего нашего мира. Полученные научные результаты философии информации необходимы для определения наших представлений относительно научной картины мира, дальнейшего развития философии информации и на основе этого в проведении междисциплинарных исследований. Автор, на основе анализа разных точек зрения исследователей показывает структуру реальности и новое понимание и толкование основного вопроса философии в информационном аспекте, что, по сравнению с традиционным пониманием, является широким и всеохватывающим. Новое понимание данного вопроса способствует развитию нового научного мировоззрения и формированию новой научной картины мира. Данная формулировка основного вопроса философии является более широкой по отношению к существующей картине мира и охватывает материальные и нематериальные аспекты реальности. В свете сказанного, можно указывать на ряд новых актуальных проблем изучения свойств феномена информации в разных компонентах структуры реальности. А также автор отмечает необходимость развития новой области науки «Информационные науки», которая существенно развивается в последнее десятилетие.

**Ключевые слова:** информация, мировоззрение, философия, научная картина мира, философия информации, основной вопрос философии, реальность.

## PHILOSOPHY OF INFORMATION AND MODERN SCIENTIFIC WORLDVIEW

The article discusses the development of a new modern scientific worldview, the basis of which is the information aspect. The author, speaking about the formation of a new field of philosophy - the philosophy of information and the transition to the information society and information civilization, as well as its capabilities, notes that the new significant results of the information philosophy become the basis for the development of our ideas about the structure of the reality of our world. The obtained scientific results of the philosophy of information are necessary to determine our ideas about the scientific picture of the world, the further development of the philosophy of information and, based on this, in conducting interdisciplinary research. The author, based on the analysis of different points of view of researchers, shows the structure of reality and a new understanding and interpretation of the main issue of philosophy in the information aspect, which is wide and comprehensive in comparison with the traditional understanding. A new understanding of this issue contributes to the development of a new scientific worldview and the formation of a new scientific picture of the world. This formulation of the main question of philosophy is broader in relation to the existing picture of the world and covers the material and non-material aspects of reality. In the light of what has been said, one can point to a number of new urgent problems and to study the properties of the phenomenon of information in different components of the structure of reality. The author also notes the need for the development of a new field of science "Information Sciences", which has been significantly observed in the last decade.

**Key words:** information, worldview, philosophy, scientific picture of the world, philosophy of information, the main issue of philosophy, reality.

**Сведения об авторе:** ***Камолов Шодмонджон Валихонович*** - Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки, докторант (PhD) кафедры философии. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул. С.Сафаров 16. Телефон: **904-10-14-17.** E-mail: **Shk_filosof@mail.ru**

**Information about the author:** ***Kamolov Shodmondzhon Valikhonovich*** - Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki, doctoral candidate (PhD) of the Department of Philosophy. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, st. S. Safarov 16. Phone: **904-10-14-17.** E-mail: **Shk_filosof@mail.ru**

**УДК:1/14.16:82+1**

# МАСОИЛИ ЯГОНАГИИ САОДАТМАНДӢ ВА НАЗАРИЯИ ҶОМЕАИ ОРМОНИИ ИБНИ БОҶА

*Назаров С.Т.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ибни Боҷа дар баробари дигар масъалаҳои фалсафа, масъалаи «хушбахтии инфиродӣ» -ро ҳамчун идеали иҷтимоӣ баррасӣ намудааст. Дар рисолаи худ "Тадбир ал-мутаваҳҳид" ӯ чор категорияи одамонро ҷудо мекунад - одамони ба монанди растанӣ ё набовот (шакли танҳо набот), қозиён (ҳокимон) (ҳоком - шакли ҷамъ ҳуккам), табибон (табиб - ҷамъ аттиба) ва одамони хушбахт (саъид - шакли ҷамъ, суъада). Се категорияи аввал танҳо дар шаҳрҳои нокомил мавҷуданд ва талабот ба табибон ва қозиҳо аз рӯйи тарзи зиндагии сокиноне муайян карда мешавад, ки ба саломатии ҷисмонӣ кам аҳаммият медиҳанд ва ба мунокишаҳо майл доранд ва танҳо вобаста аз дараҷаи дур буданашон аз шаҳри комил афзоиш меёбанд. Одамони хушбахт, ки тарзи зиндагиашон тамоман дигар аст, метавонанд дар ҳама шаҳрҳо ҳузур дошта, аз танҳоӣ лаззат баранд.

Бидъат ё танҳоӣ ин тарзи зиндагӣ, инкори иддаоҳои дунявӣ ва васвасаҳост, вале мутафаккири андалусӣ дар ин таъриф маънои инсирофи диниро дарҷ намекунад, баръакс, инкори ақлиро ба хотири муттаҳид кардани мардум дар назар дорад. Ҳамин тавр, "ҳалли дурусттарин [тадбир] -тарзи зиндагии як хилватист, зеро ба ин ё он шакл аскетизми як ё зиёда аз он аст, ки то мардум ё шаҳр бо андешаҳои онҳо розӣ шаванд"[2,с.91]. Дар ин масъала бояд қайд намуд, ки Ибни Боҷа ба ҳалли ғайрисиёсӣ, алалхусус, ғайризӯрии мушкилоти табдил додани шаҳри нокомил исрор мекунад. Муносибати бениҳоят эҳтиёткорона ба тарҳи шаҳри беҳтарин мутафаккири Андалусиро водор месозад, ки ба ҷустуҷӯи роҳҳои расидан ба хушбахтӣ дар шаҳрҳои нокомил ё чунин хушбахтие, ки дар шароити муайян ба даст овардан мумкин аст, рӯ орад.

Ибни Боҷа набототро ҳамчун як намуди мусбӣ қабул мекунад ва баръакси Форобӣ, файласуфи хилватӣ (мутаваҳҳид)-ашро бо ин «бегонагон» мепайвандад. Эҳтимол, чунин тафсир дар натиҷаи таҷрибаи шахсии Ибни Боҷа то андозае вазъи ҳолати солимии маънавӣ ва зеҳнии ҷомеаи Испанияро дар давраи ҳукмронии сулолаи Алморавид инъикос мекард.

Дар бораи одамони хушбахт сухан ронда, Ибни Боҷа зикр менамояд, ки роҳи интихобкардаи онҳо барои фаҳмидани ҳақиқати абадӣ бояд дар танҳоӣ бошад. Аз ин рӯ, дар баъзе тарзҳои зиндагӣ, вазифаи шахси танҳо аз он иборат аст, ки то ҳадди имкон худро аз мардум канор гирад, бо онҳо танҳо дар масоили зарурӣ, ба андозае ки вай барои ин лозим аст, муошират кунад; ё ин ки ӯ вазифадор аст, ки ба чунин тарзи зиндагӣ (шаҳрҳо), ки ҳадафҳои илм дар он ҷо дунбол мешаванд (агар чунин шаҳрҳо мавҷуд бошанд), кӯч бандад» [2,с.91].

Бо вуҷуди ин, ба идеали иҷтимоии Арасту, ки дар "Этикаи Никомах" дар бораи имкон ва усули танҳоӣ навиштааст, содиқ монда, Ибни Боҷа ба хулосае омадааст, ки хушбахтиро аз ҷомеа берун кардан имконнопазир аст, хушбахтӣ аз муттаҳидшавии одамон ва сохтори давлат вобаста аст.

Маҳз аз ин сабаб, танҳоӣ дар тафсири дағалонааш ҷудоӣ аст, на танҳоии наҷиб, ки ба гуфтаи Ибни Боҷа, фиреб бад аст зеро «шахс табиати иҷтимоӣ дорад ва дар илми сиёсӣ мегӯянд, ки ҳама намуди ҷудоӣ (танҳоӣ) бад аст, мегӯяд Ибни Боҷа, - аммо фақат чунин танҳоӣ бадӣ аст, ва тасодуфан (билъарад) хуб аст. Масалан, нон ва гӯштро гирем; онҳо табиатан муфид ва серғизо мебошанд, дар ҳоле ки афюн ва колоквинт заҳри марговар мебошанд. Бо вуҷуди ин, бадан метавонад баъзе ҳолатҳои ғайриодӣ (ҳолати дарднок) барои давлат дошта бошад, вақте ки ҳарду (афюн ва колоквинт) муфиданд ва шахс бояд онҳоро истеъмол кунад ва ғизои табиӣ зараровар аст ва бояд аз он худдорӣ кунад» [2,с.90].

Пас як шахси мунфарид бояд чӣ гуна сабки ҳаёт ё тарзи зиндагиро ҷустуҷӯ кунад? Агар ба тарзи нокомил бошад, пас саволи оқилонае ба миён меояд, ки чаро бояд ба шаҳри комил талош кунад? "Ба туфайли ду рутбаи ӯ (ҷисмонӣ ва рӯҳонӣ), ӯ (мунфарид) қисм, ҳадаф, намоянда ё нигаҳдори ин шаҳри комил нахоҳад буд", мегӯяд Ибни Боҷа.

Ибни Боҷа ҳолати дохилии мунфаридро бо ҳолати табиӣ ва солими рӯҳи ӯ муқоиса карда, табиати инсон, хислати ботинии рӯҳро бо давлат, давлатро бо бадан, тарзи зиндагиро бо рӯҳи одам, ҷомеаи нокомил ё комилро бо саломатии инсон алоқаманд мекунад. Тарзи ҳаёти нокомил ба монанди "тарзи зиндагӣ дар рӯҳ" аст. "Тарзи асосии зиндагӣ, ин ҳолати табиии ҷон аст, дар муқоиса бо дигар тарзҳои зиндагӣ, ки бисёранд." Ибни Боҷа ҳолати табиии руҳ гуфта чӣ манзур дошт? Чӣ тавр метавон ҳолати ҳамоҳангии рӯҳро ба даст овард? Яке аз тафсирҳо ин ҷо метавонад мурочиати ӯ ба ақидаи Афлотун дар бораи он ки мукаммалсозии рӯҳ аз қобилиятҳои ибтидоии Худо ва аз худтакмилдиҳиҳои минбаъда тавассути дарсҳои фалсафа вобаста аст, бошад. Дар фаҳмиши муосири фарҳангии антропология бошад, яке аз тафсирҳо, маҳз, мафҳуми"фарҳанги инсон" ҳамчун усулҳои мухталифи мутобиқ кардани инсон ба муҳити беруна ва ба дигар одамон, ки дар онҳо шахс ба идоракунии ҳаёт машғул шуда, на ҳамеша дар бораи ҳадафи мавҷудият ва тақдири худ фикр мекунад, метавонад ба саволҳои гузошташуда ҷавоб диҳад, алалхусус роҳҳои мухталифи мутобиқ кардани шахс ба муҳити беруна ва дигар одамон, ки дар онҳо шахсе, ки бо идоракунии ҳаёт машғул аст, на ҳама вақт тааҷҷубовар дар бораи тақдири будан ва тақдири худ. Яъне, шахс аз бисёр ҷиҳатҳо "мувофиқи трафарет" кӯр-кӯрона рафтор мекунад ва дунё ба "органопроектсияи одии" инсон табдил ёфта, ба ниёзҳои инсон мутобиқ мешавад.

Аммо асолати ақидаҳои Ибни Рушд аз он иборат аст, ки ба туфайли кӯшиши беандозаи худ ба хушбахтии шахсӣ ва такомули инсонӣ имкониятҳои ба даст овардани хушбахтиро дар давлатҳои нокомил аз тариқи танҳоӣ муайян кардааст. Эълони файласуфи хилватӣ дар ҷомеаи нокомил Ибни Боҷаро водор мекунад, ки дар бораи ғояи ҷомеаи вижа, неку ва комил андеша кунад.

Аён аст, ки ӯ ҳатто дар бораи шаҳри комиле фикр намекард, ҳадди ақал тавре ки Афлотун бо "тарҳи дар осмон сохташуда "-и ӯ кард. Ҳақиқати сиёсии мавҷуда ба Ибни Боҷа иҷоза надод, ки ҳатто ноқисӣ ва номукаммалии шаҳрҳои мавҷудбударо дарк карда, кӯшиш кунад, ки бо роҳи афлотунӣ рафта, роҳи наҷот додани илоҳиро дар инсон пайдо кунад. Танҳоӣ- ягона роҳи наҷот аз сироят ёфтани чизпарастӣ (материализм), аз гунаҳкории шаҳрҳои нокомил ва дарки талхи нотавонии худ дар ислоҳ кардани ягон чиз аст. Яке аз нуктаҳои муҳиме, ки фалсафаи Ибни Боҷаро тавсиф мекунад, тафсири давлати афлотунӣ дар ғояи давлати муборак (хушбахтон) ҳамчун «андешаи наздики офтоб» ба шумор меравад. Ин чунин маъно дорад, - мегӯяд Ибни Боҷа, ки шахс "чизҳои мавҷуда", яъне воқеиятро дарк мекунад. Дарёфтани ин дараҷаи баландтарин дар бораи муттаҳидӣ бо ақли фаъол, ки кафолати хушбахтӣ ё саодат аст, Авемпасе, дар муқоиса аз Форобӣ ва Ибни Рушд, талаботи Афлотунро дар барои хидмат ба ҷомеа ҳамчун вазифаи шаҳрвандӣ рад мекунад.

Ин гуна инкори ҳаёти шаҳрвандӣ ба ҳеҷ ваҷҳ нигоҳи бадбинонаи фалсафии Ибни Боҷаро нишон намедиҳад, балки танҳо маънои гузариши равонӣ аз ҳолати норозигӣ ба интизориҳои беҳтарро дорад. Танҳо дар назари аввал чунин менамояд, ки мавқеи ғайрисиёсӣ ва анархистии шахсият дар ҷомеа ба мушкилоти дохилии равонии ӯ вобаста аст. Аммо, ба назари мо, чунин изҳорот ҳақиқат надорад. Дар ин робита, дур рафтан аз ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ, ҷудоии маънавӣ фазои маънавии он давр, давраи ноороmиҳои дохилии сиёсиву рӯҳӣ, рӯҳияи элита ва мардумро нишон медиҳад. Барномаҳои иҷтимоии пешгузаштагони Ибни Боҷа ба ислоҳоти ҷомеа нигаронида шуда буданд, тавре ки мегӯянд, дар заминаи одилона, ки он ба маъное он давраро инъикос мекард, дар ҳоле ки лоиҳаи иҷтимоию утопиявии Ибни Боҷа танҳо паҳлуҳои манфии ҳаёти фарҳангӣ ва иҷтимоии Андалусия, рӯҳияи таназзули қудрати хеле болоӣ, ки иборат аз таҳкими нақши дин дар ҷомеа мебошад, ошкор кард. Бо талош барои мондан дар арсаи таърихӣ мақоми илм ва фалсафаро ҳимоя накарда, ба назорати онҳо шурӯъ карданд. Ин кӯшишҳо танҳо ба ноумедӣ ва баргаштнопазирии таназзул ҳамчун раванде оварда расониданд, ки дар ҷаҳони ислом дар аввали сеяки асри 12 оғоз ёфтааст. Ба ҷойи дастгирӣ ва ҳимояи олимони файласуф онҳоро таъқиботи сиёсӣ карданд ва аксари онхо қурбони чунин таъқибот гаштанд. Ибни Боҷа низ истисно набуд.

Ибни Боҷа, зоҳиран, ба ақидаи файласуфони "ҳамаи давлатҳои дигар" пайравӣ менамуд, ки ба гуфтаи худи ҳамон Афлотун ва дар муқоиса аз давлати идеалии ӯ, "ҳақ дорад дар корҳои ҷамъиятӣ иштирок накунад, зеро мардум худашон бар хилофи системаи

давлатӣ чунин шудаанд ва он чизе, ки аз ҳисоби худи он ба воя мерасад, ғизои худро уҳдадор нестанд ва набояд ба дунболи ҷуброни хароҷотҳо бошанд".

Тарзи тафаккури Ибни Рушд бо ғояҳои неки Арасту комилан мутобиқат мекунад, ки эътироф кардааст: "Ҳар санъат ва ҳар таълимот ва ба ҳамин тариқ амал (праксис) ва интихоби огоҳона, тавре ки маъмулан тасаввур мешавад, барои хайрияти муайяне мекӯшад. Ҳамин тавр, бомуваффақият муайян карда шуд, ки хайрият чизест, ки ҳама ба он кӯшиш мекунанд» [1,с.1094]. Ва хушбахтӣ, - идома медиҳад Арасту, - ин баландтарин ва зеботарин [хайрият] буда, лаззатҳои фаровоне медиҳад ва ҳамаи ин ҷудонашаванда аст. " Бо вуҷуди он ки ӯ на танҳо як назариячӣ, балки амалгаро (эмперик) низ буд, Ибни Боҷа кӯшиш мекард, ки консепсияи худро ҳадди ақал баъзе хусусиятҳои реалистӣ бо ҳуқуқи мутобиқ кардани он ба шароити тағйирёбанда диҳад, ки қариб ҳама айбҳои Авемпасеро дар рӯҳияи нигилистӣ рад мекунад.

Наметавон «кӯшиши назариявӣ»-и Ибни Боҷаро зикр ва арзёбӣ накард, ки барои баррасии ҷомеаи асрҳои миёна ва "ба ӯ алтернативаро аз мавқеи илмӣ, фалсафӣ (дар ин ҳолат-равонӣ), аз нуқтаи назари мутобиқати иттиҳодияҳои инсонӣ ва табиати оқилонаи инсон пешниҳод кард" [3,с.162]. Ба гуфтаи Ибни Боҷа, касе, ки тамоми беақлӣ ва тағйирнопазирии вазъро дар ҳокимият мебинад, бояд аз он дур шавад ва ҳадди ақал агар ҷисмонӣ набошад, пас дар андешаҳои худ бояд ба танҳоии зеҳнӣ биравад. Ҳарчанд Ибни Боҷа медонист, ки баландтарин комилият танҳо дар танҳоӣ имконпазир аст, бо вуҷуди ин, ҳатто дар шаҳрҳои нокомил, вай то ҳадди имкон ба комилият наздик шудан ва азхудкунии худро ҳифз кардааст. Ин ҷо зарур аст лаҳзаи худтанзимкуниро дар олами ботинӣ, ки дар консепсияи инсони Ибни Боҷа баррасӣ шудааст, қайд кунем.

Давлат аз нуқтаи назари қаноатмандии инсон барои эҳтиёҷоти ҳаётан муҳим зарур аст, аз ин рӯ муттаҳидсозии одамон дар давлат комилан табиӣ ва зарурӣ мебошад. Илова бар ин, он асос ва дастгирии шахси хилватӣ мебошад. Шаҳри комил ва хайрхоҳ рамзи ҳақиқат, ё тавре ки Ибн Боҷа менависад таҷассумгари бадани солим аст. Гарчанде ки даст кашидан аз мавқеи шаҳрвандӣ ва сиёсии ҷомеа амали нек нест, аммо Ибни Боҷа асири "ғояи бузурги гуманистӣ - дар бораи ваҳдати инсон дар донистани ҳақиқат" шуда буд.

Ибни Боҷа "ба эҳтимоли эҷоди чунин як сохтори давлатӣ дар заминаи шароити таърихӣ ва иҷтимоию ахлоқӣ эътимод накард", ӯ роҳи хушбахтиро дар интихоби инфиродӣ ва огоҳона муайян намуд.

Масъалаи дониш ва амалро шарҳ дода, Ибни Боҷа ба хулосае меояд, ки онҳо дар ҷаҳони беруна манбае доранд, ки аз фаҳмиши комилан материалистии он дар асоси дониш ва ақл дарак медиҳад. Дар бораи мавҷудияти универсалҳои "омода" ҳамчун манбаи берунаи дониш фикр карда, вай мегӯяд, ки "универсалҳо як қувваи оқилонаеро ба вуҷуд меоранд" [5,с.184].

Ибни Боҷа яке аз аввалин мутафаккирон буд, ки саволи ҳамаҷонибаро дар бораи мушкилоти инсон ба миён овард. Таълимоти фалсафӣ ва антропологии мутафаккир Ибни Рушд дар бораи шахси комил на танҳо асолати аслӣ, балки воқеият низ дошт. Вай тавонист ғояи ҳадди комилтарин шахси комилеро, ки метавонад тамоми оламро дар бар гирад ва ба воситаи он одамони дигар низ ба хушбахтӣ ноил шаванд, ба итмом расонад. Вай фикр мекард, ки ин ба «онҳое, ки ақлро бо чунин саволҳо истифода мебаранд» дар бораи хушбахтӣ, яъне файласуфҳо ошно аст. Ғайр аз ин, тавре ки мо дидем, Ибни Рушд, дар муқоиса аз пешгузаштагони худ, имконияти ба даст овардани хушбахтиро берун аз шароити "давлати хайрхоҳ" асоснок намуд. Гузашта аз ин, омӯзиши наздики "давлати хайрхоҳ" дар ниҳоят Ибни Боҷаро водор сохт, ки онро ҳамчун як идеали ғайриимкон ба манфиати баррасии як масъалаи воқеӣ оид ба дастёбӣ ба хушбахтӣ дар шаҳрҳои мавҷудаи нокомил нодида гирад [4,с.93].

## АДАБИЁТ


1. Аристотель. Никомахова этика // Сочинения в четырех томах. -М., 1984. -Т. 4.
2. Ибн Баджжа. Тадбир ал-мутаваххид (Жизнеустроение уединившегося) // Раса'ил Ибн Баджжа ал-илахиййа. -Бейрут, 1968. -С. 37-96.
3. Ибн Баджжа. Иттисал ал-‘акл би-л-инсан (Соединение разума с человеком) // Раса'ил Ибн Баджжа ал-илахиййа. -Бейрут, 1968. -С. 153-175.
4. Ибн Баджжа. Фи-л-гайа ал-инсаниййа (О человеческой цели) // Раса'ил Ибн Баджжа ал-илахиййа (Метафизические трактаты Ибн Баджжи). -Бейрут, 1968. -С. 99-104.
5. Игнатенко А.А. В поисках счастья: (Общественно-политические воззрения арабо-исламских философов средневековья). -М., 1989.
6. Ибн Халликан А. Вафайат ал-а'йан ва-анба’ абна’ аз-заман (Даты кончин знаменитых людей и известия о сынах времени). -Бейрут, 1998. -Том 4.
7. Беляев Е.А. Арабы, ислам и арабский Халифат в раннее средневековье. -М., 1966.

8. Болтаев М.Н. Абу Али ибн Сина - великий мыслитель, ученый энциклопедист средневекового Востока / М.Н. Болтаев. -М., 2002.
9. Сагадеева А.В. Восточный перипатетизм / А.В. Сагадеева.-М., 2009.
10. Саид Э.В. Ориентализм. Западные концепции Востока. Пер. А.В. Говорунова / Э.В. Саид. - СПб, 2006.
11. Худойдодов Ф.Б. Сопоставительный анализ теории суждения Аристотеля и Ибн Сины / Ф.Б. Худойдодов. – Душанбе, 2010. -130 с.

## МАСОИЛИ ЯГОНАГИИ САОДАТМАНДӢ ВА НАЗАРИЯИ ҶОМЕАИ ОРМОНИИ ИБНИ БОҶА

Дар мақолаи мазкур муаммои идеали иҷтимоии Ибни Боҷа баррасӣ гардидааст. Дар он қайд гардидааст, ки Ибни Боҷа дар қатори дигар масъалаҳои фалсафӣ «ваҳдати хушбахтӣ»-ро ҳамчун идеали иҷтимоӣ низ дида баромадааст. Ӯ дар «Тадбир ал-мутаваҳҳид» чор табақаи одамонро – одамони шабеҳи наботот, ҳакимон, табибон ва одамони хушбахт (саид) ҷудо карда буд. Ба андешаи Ибни Боҷа, се табақаи аввал танҳо дар шаҳрҳои номукаммал дида мешаванд, зеро масъулияти табибон ва ҳакимон дар тарзи зисти одамон асос ёфтааст ва инсонҳои саид (хушбахт) бошанд, тамоман тарзи дигари зиндагӣ доранд. Онҳо метавонанд дар тамоми шаҳрҳо бошанд ва аз неъматҳои мутаваҳҳиди он ҳаловат баранд. Дар мақола дарҷ гардидааст, ки фалсафаи Ибни Боҷа дар ташаккули машшоияи Шарқ дар Андалусия таъсири асосӣ дорад. Ӯ васлкунандаи таълимоти Форобӣ ва Ибни Рушд гардида, пеш аз ҳама, ба шаклгирии таълимоти Ибни Туфайл таъсир расонидааст. Таълимоти Ибни Боҷа дар аксарияти мавзӯъҳои мунтазам ташаккулёфта ва хусусияти фалсафаи ақлгароии машшоияи Шарқи мусулмон бартарӣ дорад. Дар асоси таҳлили ҳамаҷониба муаллиф хулосаҳои худро баён намуда, андешаи Ибни Боҷа таҳлили ҳамаҷонибаи тамоми дастовардҳои илмӣ- фалсафии гузаштаро дар бар гирифта, ҷустуҷӯи посуххои тамоми масъалагузориҳои аз ибтидо дар инсон бавуҷудомада: моҳияти зиндагӣ, дастрасии хушбахтӣ ва худшиносӣ дар ин оламӣ пуртаззодро инъикос намудааст.

**Калидвожаҳо**: ваҳдати хушбахтӣ, идеали иҷтимоӣ, моҳияти иҷтимоӣ, дастрасии хушбахтӣ.

## «СЧАСТЬЕ УЕДИНИВШЕГОСЯ»: СОЦИАЛЬНЫЙ ИДЕАЛ ИБН БАДЖЖИ

В данной статье рассматриваются проблемы социального идеала Ибдн Баджжи. Подчёркивается, что Ибн Баджжа наряду с другими вопросами философии рассматривал и «счастье уединившегося» как социальный идеал. **Он в** «*Тадбир ал-мутаваххид»* выделяет четыре категории людей - люди подобные растениям, или *навабит* (ед.ч. *набат),* судьи (*хаким* - мн.ч. *хуккам),* врачи *(табиб* - мн.ч. *'атибба ')* и счастливые люди *(са'ид* - мн.ч. *су'ада').* По мнению Ибн Баджжи, первые три категории существуют только в несовершенных городах, причем необходимость во врачах и судьях обусловливается образом жизни жителей, мало пекущихся о телесном здоровье и склонных к распрям, и лишь увеличивается в зависимости от степени удаленности их от совершенного города. Счастливые же люди, образ жизни которых совершенно иной, могут присутствовать во всех городах, наслаждаясь блаженством уединения. В статье отмечается, что философия Ибн Баджжи оказала ключевое влияние на развитие восточного перипатетизма в Андалусии. Он стал связующим звеном между ал-Фараби и Ибн Рушдом, повлияв, прежде всего, на формирование взглядов Ибн Туфайла. Ибн Баджжа во многом определил последовательное развитие и характер философского рационализма перипатетиков мусульманского Запада. На основе всестороннего анализа автор статьи приходит к заключению, что идеи Ибн Баджжи, черпавшего вдохновение во всем многообразии философского и научного наследия прошлого, отобразили всю гамму сложных поисков ответов на извечные человеческие вопросы: смысла жизни, достижение счастья и самоопределения в этом непростом мире.

**Ключевые слово:** счатсье уединившегося, социальный идеал, смысл жизни, достижение счастья.

## "HAPPINESS OF THE SECLUDED": THE SOCIAL IDEALS OF IBN BAJJA

This article discusses the problems of the social ideal of Ibdn Bajja. It is emphasized that, along with other issues of philosophy, Ibn Bajja also considered the "happiness of the secluded" as a social ideals. He in "Tadbir al-mutavahhid" identifies four categories of people - people like plants, or nawabit (sing. Nabat), judges (hakim - plural hukkam), doctors (tabib - plural 'atibba') and happy people (sa'id - plural su'ada '). According to Ibn Bajja, the first three categories exist only in imperfect cities, and the need for doctors and judges is determined by the lifestyle of residents who care little about their bodily health and are prone to strife, and only increases depending on their distance from the perfect city. Happy people, whose lifestyle is completely different, can be present in all cities, enjoying the bliss of solitude. The article notes that the philosophy of Ibn Bajja had a key influence on the development of eastern peripatetism in Andalusia. He became the link between al-Farabi and Ibn Rushd, influencing, first of all, the formation of the views of Ibn Tufail. Ibn Bajja largely determined the consistent development and nature of the philosophical rationalism of the peripatetics of the Muslim West. Based on a comprehensive analysis, the author of the article concludes that the ideas of Ibn Bajja, who drew inspiration from the whole variety of philosophical and scientific heritage of the past, reflected the whole gamut of complex searches for answers to eternal human questions: the meaning of life, achieving happiness and self-determination in this difficult world.

**Key words:** coincidence of the one who has been suspended, social ideal, the meaning of life, achievement of happiness.

**Сведения об авторе:** ***Назаров Садулло Турахонович –*** Таджикский национальный университет, соискатель кафедры онтологии и теории познания, ассистент кафедры онтологии и теории познания. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **900-96-06-08.** E-mail: **sadullo2688@mail.ru**

**Information about the author:** ***Nazarov Sadullo Turakhonovich*** - Tajik National University, applicant for the Department of Ontology and Theory of Knowledge, assistant at the Department of Ontology and Theory of Knowledge. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 900-96-06-08.** E-mail: **sadullo2688@mail.ru**

УДК: 370 (09)

# ИНТЕГРИРОВАННЫЕ И ДИФФЕРЕНЦИРОВАННЫЕ ПОДХОДЫ К ОПРЕДЕЛЕНИЮ СОДЕРЖАНИЯ ОБЩЕГО СРЕДНЕГО ОБРАЗОВАНИЯ

*Каримзода Мирзо Бадал*
**Институт развития образования им.аджами Академии образования Таджикистана**

Переход суверенного Таджикистана к новому этапу социально-экономического развития потребовал поиска современных педагогических моделей, которые бы обеспечили качественно новый уровень образования молодого поколения.

Ключевое значение в данном процессе имеет школа, в которой в первую очередь реализуются основополагающие положения Закона «Об образовании», в котором на среднее образование возлагается функция обеспечения развития личности, развития индивидуальных творческих способностей, овладения начальными профессиональными и трудовыми навыками, а также научными знаниями.

Реализация данного положения предполагает глубокую теоретическую переработку ключевых положений дидактики для определения организационных механизмов, позволяющих организовать полноценную учебную деятельность, способную обеспечить потребность учеников в знаниях, которые дадут им максимально полное представление об окружающем мире.

Истоки идей образования находятся в далеком прошлом. К развитию этих идей приложили свой талант и ум многие просветители, писатели, ученые самых разных народов, как в форме художественного слова, так и в виде научных исследований. В различные периоды своего развития теория дидактики обогащалась творчеством выдающихся просветителей и мыслителей таджикского народа, а также народов ближнего и дальнего зарубежья.

Стоит отметить, что в бывшем СССР теория дидактики достигла значительных успехов. Между тем новые условия общественного развития ставят перед практикой и теорией образования принципиально новые требования и задачи, что в значительной степени обусловлено интеграцией Таджикистана в мировое сообщество, ускорением научно-технического прогресса, благодаря чему значительно расширились рамки содержательного аспекта образования, включая школьное. В настоящее время в общеобразовательных школах изучают в качестве самостоятельных дисциплин такие предметы, которые ранее входили в виде отдельных глав или разделов в состав других учебных дисциплин, что значительно увеличило количество самостоятельных предметов, увеличив, тем самым, нагрузку на учащихся. Следует особо отметить недопустимость интеллектуальных перегрузок для школьников младшего возраста, поскольку они отрицательно сказываются как на успеваемости, так и на здоровье детей.

Коренное изменение политической, культурной и экономической ситуации, создание демократического правового суверенного государства сделало актуальным необходимость решительного подъема нравственных устоев и морали молодежи, в связи с чем возникает потребность ввести в образовательную программу ряд новых, самостоятельных предметов, среди которых мы считаем целесообразными следующие: «История таджикского народа», «Рыночная экономика», «Природа и экономическая география Таджикистана», «Культура народов мира», «Ораторское искусство» и т.д [5].

Современные школьные учебные планы характеризуются значительной перегруженностью, что требует принимать безотлагательные меры по переходу к новым образовательным стандартам, которые бы отвечали международным требованиям, соответствовали научно-обоснованному бюджету школьного времени и позволяли плодотворно решать учебно-воспитательные задачи в их взаимообусловленности и единстве.

Мы считаем, что оптимальный путь представляет собой интеграцию обучения через объединение прежних элементов на базе содержательной интеграции, поскольку именно интеграция содержательного компонента образования является альтернативой его дифференциации. Лишь опираясь на интеграцию родственных по задачам и целям и близких логически учебных дисциплин, можно обеспечить глубокое освоение разносторонних знаний (астрономия и физика, труд и экономика, черчение и техника, растениеводство и экология, культура и литература, развитие речи, грамматика, правописание, чтение и т.д.), избежав

перегрузки учащихся. При необходимости могут быть организованы «интегрированные центры воспитания и обучения» и введены учебные предметы по объединённым названиям «Человек и здоровье», «Человек и природа», «Человек и общество».

В основе специфики и характерных особенностей интегрированных учебных циклов, предлагаемых к введению, -философско-диалектическое учение о взаимосвязи всех событий, вещей и процессов в природе, и этот закон необходимо сделать основным при определении содержательного компонента образования в современной школе, иначе у подрастающего поколения понятия об обществе и природе сформируются не как взаимосвязанное, целостное и единое знание, а как отдельные, разрозненные сведения, что чревато для молодых людей потерей самостоятельности, безынициативностью, скованностью, трудностями при решении самостоятельных, творческих задач [8].

В советских условиях этот вопрос хотя и ставился на теоретическом уровне, однако не было получено ни фундаментальной, ни практической разработки.

Проанализировав более чем 70-летнюю историю дидактики советского периода, можно сделать вывод, что в советскую эпоху определение содержания образования в целом можно назвать односторонним:

1. Идеологическая направленность содержания обучения была приоритетной с целью обеспечения принципа дидактики о связи образования с жизнью.
2. При определении содержания образования в школах практически полностью игнорировались национальные элементы: культура, история, традиции воспитания и обучения, нравственные ценности и т.д.
3. Максимизация содержательной составляющей образования приводила к постоянной перегрузке детей, обуславливала оторванность образования от жизненного опыта учеников и окружающей реальности.
4. Одними из последствий такого подхода к содержанию образования становились неуспеваемость, болезни, низкий качественный уровень знаний, неподготовленность учащихся к самостоятельному обучению, что не могло удовлетворять интересы и потребности, как самих учащихся, так и общества.

Вместе с тем, следует отметить значительные успехи в разработке теоретических основ определения содержания образования, достигнутые в 80-90 годах прошлого столетия. Опираясь на вывод о том, что вне обучающего процесса не может существовать содержание образования и что при составлении содержания учебного процесса и учебного предмета необходимо учитывать имеющиеся принципы, закономерности, методы, условия и возможности, была предложена теория содержания среднего общего образования, которая позволяет [10]:

а) определиться с единым дидактическим подходом к содержательной составляющей общего образования;

б) при этом содержательная составляющая образования определяется на основе дидактики педагогической деятельности, что позволяет сформировать всесторонне развитую, воспитанную, образованную личность.

Можно при этом констатировать успех поисков по определению структуры содержательной составляющей образования. Основываясь на этом, изучены факторы, которые оказывают влияние на ее определение, осуществлена попытка найти комплексное решение вопросов обучения, воспитания и развития учеников в ее рамках.

При определении структуры содержательной составляющей образования определяющими факторами становятся:

- структура деятельности обучаемого объекта;
- структура содержания.

Мы видим, как человек ставится в центр общественного внимания, а центром внимания его ставит деятельность, ее цели и содержание.

Человек представляет собой продукт общества, включая школу, а значит, в своей направленности на личность и ее деятельность школа должна постоянно совершенствоваться. Опираясь на эти факторы, содержание и структура школьного образования должны соответствовать следующим требованиям науки:

На всех этапах обучения содержание образования должно подчиняться целям формирования и воспитания активной, морально развитой, творческой и интеллектуальной личности. Поэтому содержание школьного образования включает в себя гуманитарные, естественно-математические, физические, эстетические, трудовые и общественно-политические дисциплины [11].

Необходимо, чтобы содержание образования отражало современные представления науки на изучаемый предмет. Данное требование характеризуется несколькими чертами:

1) учебный предмет должен содержать только устойчивые научные теоретические правила и факты;

2) содержательная составляющая материала должна отвечать состоянию современной науки, что предполагает его периодическое обновление;

3) необходимо, чтобы содержание образования отвечало нравственно-эстетическим и гражданским потребностям, как учащегося, так и общества и соответствовало современному уровню развития науки;

4) каждый предмет должен соответствовать системе и логике соответствующей науки: один - логике необходимости, другой - принципу историзма, третий - научному весу и логике ценностей и т.д;

5) содержание образования предполагает взаимосвязь учебных дисциплин, отражение взаимосвязи между теорией и практикой, а также необходимость связи обучения и производительного труда;

6) соответствие возрастным возможностям учеников;

7) обучение должно обеспечивать единство практического труда с освоением политехнических знаний.

Мы считаем, что все аспекты содержания образования характеризуются как взаимосвязями, так и специфическими особенностями: общее образование представляет собой основу профессионального и политехнического образования, в свою очередь, политехническое образование позволяет расширить профессиональный и общий кругозор, а благодаря профессиональному образованию совершенствуются и дополняются политехническое и общее образование.

Вместе с тем, теоретические разработки конца 80-х прошлого столетия в данной области не смогли помочь разрешить самую серьезную проблему, связанную с содержанием образования, которая заключается в высоком уровне теоретической трудности и его объеме, что привело к чрезмерной нагрузке на детей, что, в свою очередь, стало нарушением принципа доступности образования, привело к снижению качественного уровня знаний и процентомании в отчетности [15].

В связи с этим, в контексте реформирования содержания образования и всей школьной системы с целью преодоления указанных выше недостатков, стал вопрос о необходимости исследования проблем, связанных с интегрированным и дифференцированным обучением. В результате решения этих проблем, кроме развития у ребенка способностей и самостоятельности, удовлетворения его индивидуальных наклонностей, формирования внутреннего мира и мировоззрения, целостного восприятия окружающего мира, развития памяти, мышления, речи, воображения и других процессов познания, также решаются проблемы с перегруженностью содержательной составляющей образования со всеми вытекающими отсюда негативными последствиями для детей.

Для этого необходимы новые исследования, в том числе по проблемам интегрированного обучения, что должно помочь совершенствованию содержания образования, как и в целом, всему педагогическому процессу.

Интегрированному обучению необходимо наличие своих принципов и дидактической системы, в основу его содержания должны быть заложены четкие критерии, которые должны быть отражены в учебных программах и планах. Основываясь на нормативных документах, согласно которым осуществляется организация интегрированного обучения, которые одобрены Министерством образования и науки Таджикистана, создаются новые учебники, которые по своему содержанию и значению имеют существенные отличия от учебников, отвечающих старой модели образования. Наряду с дидактическими материалами и учебными пособиями, эти учебники призваны обеспечить реализацию принципа дидактики о единстве знаний, воспитывающей, развивающей и образовательной функций учебного процесса [16].

Такт – форма, в которой выступает отношение одного человека к другому. Педагогический такт имеет свои специфические особенности. Он должен выражаться в первую очередь в уважительном отношении учителя к ученику, в его стремлении и умении не задеть его достоинство. Педагогический такт нужен и необходим всем лицам, которые, так или иначе, думают воздействовать на души других людей.

Опрос школьников старшего возраста показывает, что они высоко ценят нравственные качества учителя, которые проявляются в его отношениях к ученикам. На вопрос, «За какие качества Вы уважаете и цените своих учителей?» получили такие ответы: «Я уважаю своих учителей за то, что они требовательные, добрые и нежные»; «Ценю и уважаю за ум, правдивость, отзывчивость, добродушность»; «За справедливость и доброту, любовь к детям, за проявленную теплоту, терпение, нежность и снисходительность»; «За ум, доброту, за откровенность и понимание»; «Я уважаю своего учителя за интересное изложение новых тем, одинаковое отношение к ученикам с разным уровнем знаний, за уважительное отношение к нашему мнению, а также за возможность обращаться во внеурочное время.

В процессе наблюдения и изучения учебно-воспитательной деятельности учителей исследованных нами школ были обнаружены некоторые типичные ошибки и досадные просчеты, а именно:
а) неумение учителя правильно определить цели и задачи учебно-воспитательного процесса;
б) наличие в деятельности учителей некоторых элементов формализма;

в) отсутствие индивидуального подхода к воспитательному процессу с учетом конкретных условий, возраста;

г) затруднение в выборе средств педагогического воздействия для повышения эффективности воспитательного процесса;

д) односторонность в использовании педагогических средств, т.е. нарушений правильного соотношения средств и целей, задач воспитания;

е) применение в качестве средств воздействия чаще наказания и осуждения;

ж) равнодушное, безразличное отношение к нравственному развитию учеников;

з) неумение учителя организовать сам воспитательный процесс.

Это все свидетельствует о том, что сегодня наиболее злободневной проблемой является подготовка высококвалифицированных педагогических кадров, а также повышение социально-экономического положения и условий жизни работников системы образования.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Носиров Т. Оила ва тарбияи ахлоқ / Т. Носиров. – Душанбе: Ирфон, 1981. - 48с.
2. Фельдштейн Д.И. Психология становления личности / Д.И. Фельдштейн. - М., 1994. - 210 с.
3. Харламов И.Ф. Нравственное воспитание школьника / И.Ф. Харламов.- М., 1983. 159 с.
4. Харламов И.Ф. Педагогика / И.Ф. Харламов. - М., 1990, 460 с.
5. Юсупова С.О. Роҳҳои пешгирӣ кардани ҷинояткорӣ дар байни ҷавонон / С.О. Юсупова, Ю.А. Курбонов. - Душанбе: Ирфон, 1987. - 112 с.


## ТАКМИЛИ ТАРБИЯИ МАЪНАВИИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ (ОЗМОИШИ ТАҲЛИЛӢ)


Дар мақола проблемаи муосири такмили тарбияи маънавии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳлилу баррасӣ шудааст. Муаллиф дар раванди таҳлил мушкилотеро, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе мавҷуданд, муайян намудааст. Муаллиф қайд намудааст, ки агар мушкилоти тарбия ва омӯзиши хонандагон муайян ва ҳал карда нашаванд, пас, фардо дер мешавад. Тафсир ва муайянсозии мафҳуми мазкур имконият дод то фаҳмиш ва дарки муаллифӣ нисбати мукаммалсозии тарбияи маънавии хонандагон аниқ арзёбӣ гардад.



**Калидвожаҳо:** тарбия, тарбияи маънавӣ-маърифатӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ташаккули таълими хонандагон, проблемаҳои муосири такмили тарбия дар оила, мактаб ва ҷомеа.


## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ НРАВСТВЕННОГО ВОСПИТАНИЯ УЧАЩИХСЯ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ ШКОЛ (КОРРЕКТИРУЮЩИЙ ЭКСПЕРИМЕНТ)


В статье рассматривается проблема совершенствования нравственного воспитания учащихся общеобразовательных школ» на основе корректирующего эксперимента. Автор отмечает роль и опыт предыдущих поколений в познании современного мира, процесс формирования чувства долга, чести, совести и достоинства, а также нравственных идеалов. Автор в результате исследования и изучения условий и уровня воспитания учащихся в общеобразовательных школах г. Душанбе определил большое количество проблем и неразрешённых вопросов. Отмечается, что если сегодня и сейчас не сможем решить проблемы воспитания и обучения в общеобразовательных школах Республики Таджикистан, то завтра будет поздно. Трактовка и определение данного понятия позволило конкретизировать понимание и авторское познание в отношении совершенствования нравственного воспитания учащихся.



**Ключевые слова:** нравственное воспитание, познавательность школ, формирование учащихся, учителей, современные проблемы, совершенствование.


## IMPROVING THE MORAL EDUCATION OF STUDENTS IN SECONDARY SCHOOLS (CORRECTIVE EXPERIMENT)


The article discusses "Improving the moral education of students in secondary schools" (corrective experiment).The author notes the role and experience of previous generations in the knowledge of the modern world, the process of forming a sense of duty, honor, conscience and dignity, as well as moral ideals.As a result of research and study of the conditions and level of education of students in secondary schools in Dushanbe, the author identified a large number of problems and unresolved issues.He notes that if today and now we can’t solve the problems of upbringing and training in secondary schools of the Republic of Tajikistan, then tomorrow will be too late. Interpretation and definition of this concept made it possible to specify understanding and author's knowledge in relation to improving the moral education of students.



**Key words:** moral education, school cognition, the formation of students, teachers, contemporary problems, improvement.



**Сведения об авторе:** ***Абдурахмонов Маъруфджон –*** Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, соискатель кафедры общей педагогики. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, ул. Рудаки 121.Телефон**: 93-456-57-07**

**Information about the author: Abdurakhmonov Marufjon -** Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, applicant for the Department of General Pedagogy. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, st. Rudaki 121. Phone**: 93-456-57-07**

УДК:372.800.4 (575.3)

# ПРИНСИПИ МОДУЛИИ ТАҲИЯИ БАРНОМАҲОИ ТАҲСИЛОТӢ ВА ИСТИФОДАИ НИЗОМИ МОДУЛӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАЪМИНИ КАФОЛАТИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ

*Мирзоев Р.Р., Мамадюсупов А.А.*

**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,**

**Иттиҳодияи навоварони маорифи Тоҷикистон**

Истилоҳҳои «модулҳо» ва «бахши фанҳо» маъмулан ҳамчун муродиф корбаст мешаванд. Барои консепсияи «модуликунонӣ» ҳеҷ гуна ҳуҷҷат (масалан, қолаби меъёрӣ, маълумотномаи истифодабаранда, тавсифҳои асосӣ ва ғ.), ки ин мафҳумро дар низоми аврупоии таҳсилот шарҳ диҳад, вуҷуд надорад. Бинобар ин, метавон ба шарҳу тавзеҳҳои хеле зиёди консепсияи мазкур воҳӯрд. Масалан: ҳамчун модул элементи алоҳида (лексия, семинар, машғулиятҳо ва ғ.) то низомҳои мураккаби модули фарогирандаи элементҳои байнифаннӣ, фанҳо ва маҷмӯи намудҳои корҳои таълимро фаҳмидан мумкин аст [4].

Модул яке аз унсурҳои асосии низоми кредитии таҳсилотро ташкил медиҳад.

Модулсозӣ, яъне низоми модулӣ бошад, яке аз параметрҳои ихтиёрии раванди Болонӣ мебошад. Дар давлатҳои Аврупо ва Америка ихтиёран сохтори барномаи таълимии фанҳо, нақша ва раванди таълими барномаҳои таҳсилотиро модулсозӣ кардаанд.

Дар Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми модул зикр нашудааст, вале дар Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон модул ҳамчун мавзӯъҳои алоҳидаи фан ва қисмҳои алоҳидаи барномаи таълимии фан ифода шудааст.

Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар аз мафҳуми модул кам истифода мешавад. Вале дар муасиссаҳои таҳсилоти миёна аллакай барномаи фанҳои омӯзишии синфҳои I-IV-ро дар асоси модул тартиб додаанд ва низоми таҳсилоти салоҳиятнокӣ ҷорӣ карда шудааст. Ҳоло барномаҳои модулии баъзе фанҳои синфҳои болоро сар карда, дар амал ҷорӣ карда истодаанд. Бояд қайд кард, ки низоми кредитии таҳсилот ва таҳсилоти салоҳиятнокӣ бе мафҳуми модул маъно ва нуфуз надоранд, чунки вай дар қатори кредит яке аз сутунҳои раванди Болонӣ мебошад.

Элементҳои сохтори барномаи таълимиро дар омӯзиши якҷоя, маҷмӯи фанҳоро, ки дар он ҳар як фан дорои миқдори кредити муайян ё ба он каратӣ буда, бахш (блок)-ҳои ҷудогонаи фанҳо, ки дар доираи барномаҳои таҳсилотӣ барои гирифтани дараҷаи муайян омӯхта мешаванду дорои мақсади муайян ва салоҳиятнокии ба онҳо хос мебошанд, *модул* кашида мешавад.

**Модул** сохтори ташкилӣ-методии элементҳои барномаи таълимӣ буда, дорои мақсадҳои дидактикии мантиқан муайян, бо алоқамандии дохилифаннӣ, байнифаннӣ, низоми назорат ва салоҳиятҳои ба он хос мебошад.

**Модулҳо** аз маҷмӯи элементҳои барномаҳои таълимӣ, ки сохтор ва таркиби мантиқии мустақил доранд, сохта мешаванд. Ҳангоми ташкили модули раванди таълим дар низоми кредитии таҳсилот элементҳои барномаҳои таълимӣ ба модулҳои мақсаднок ва интиҳоӣ ҷудо карда мешаванд.

Маҷмӯи модулҳои муқарраршудаи барномаҳои таҳсилотӣ гирифани дараҷаи мушаххасро расман эътироф мекунад. Барномаҳои таҳсилотӣ натиҷаи таълим, яъне кредитҳо, баҳоҳои гирифта ва салоҳиятҳои соҳибшударо муайян мекунанд.

Истифодаи принсип ва сохтори модулӣ барои ташкили барномаҳои таҳсилотӣ, истифодаи технологияи модулӣ ва ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият дар раванди таълим принсипҳои муҳимми раванди Болонӣ мебошанд.

Дар таркиби модул метавонанд:

- фанҳои бахшҳои мухталиф мавҷуд бошанд. Ба доираи модули таълимӣ ҳам фанҳои бунёдӣ (базавӣ) ва ҳам фанҳои амалӣ ҳамчун як омили ба ҳам алоқаманд, вале маҳдуд пайваст шуда метавонанд;
- қисми ҷудогонаи курси таълимӣ ё бахш бояд аз рӯйи якчанд мавзӯҳои таълимие, ки дар лексияҳо ва машғулиятҳои семинарӣ (амалӣ) омӯхта мешаванд, бошад. Дар ин ҳолат

чунин муносибат мавқеи модулро нисбат ба дигар фанҳои барномаҳои таҳсилотӣ ба назар намегирад.

Дар Олмон модулро на фанни таълимӣ, балки ҳамчун яке аз хатҳои фазои таҳсилотии азхудшаванда ва бахши алоҳидаи барномаи таҳсилотӣ мефаҳманд.

Принсипи асосии сохтани модул болоравӣ аз сода ба мураккаб ва гузаштан аз фанҳои методологӣ ба фанҳои амалӣ мебошад, вале боз вариантҳои гуногуни тартибдиҳии модулҳо низ ҷой доранд:

- *аз рӯйи принсипи таркиб ва мавзӯъ;*
- *аз рӯйи принсипи ташкилӣ . сохторӣ;*
- *аз рӯйи ба ҳам пайвастагии ҳар ду принсип.*

Модулҳоро метавон вобаста ба таркиб ва мазмун ба намудҳои зерин ҷудо намуд [2]:

- *модули муқаддимавӣ* (аз рӯйи мақсад ва масъалаҳо);
- *модули омӯзишӣ* (аз рӯйи маводҳои таълимӣ-методӣ);
- *модули амалӣ* (аз рӯйи супоришҳо, корҳои амалӣ ва лабораторӣ);
- *модули санҷишӣ* (санҷишҳои ҷорӣ, фосилавӣ, ҷамъбастӣ)

Аз рӯйи ҳаҷм модулҳоро ба се қисм ҷудо мекунанд:

- *модули хурд* 5 кредит;
- *модули миёна* 10-15кредит;
- *модули калон* аз 15 кредит зиёд.

Модулҳо аз рӯи гурӯҳ ба чор намуд ҷудо карда мешаванд [5]:

- *модулҳои умумии ҳатмӣ;*
- *модулҳои ҳатмии ихтисосӣ;*
- *модулҳои интихобӣ барои ихтисоси муайян;*
- *модулҳои интихобии берун аз ихтисос.*

Амалисозии раванди таълим дар низоми кредитии таҳсилот тибқи принсипи модулӣ таҳияи ҷадвалҳои модулии раванди таълимиро дар назар дорад. Нақша ва раванди таълими барномаи таҳсилотии бакалаврро метавон нисбат ба даври академӣ (семестр), соли таҳсил ва давраи пурраи таҳсил бо тарзҳои гуногун ба модулҳо тақсим намуд:

- ҳар як семестр ба ду модули тоқ ва ҷуфт 16 *модули фосилавии* 15 кредитдошта;
- ҳар як соли таҳсил ба ду модул 8 *модули курсии* 30 кредитдошта;
- давраи пурраи таҳсил ба чор модул 4 *модули даврии* 60 кредитдошта пайдо мешавад.

Татбиқи низоми модулии таълим вазифаи муҳимтарини роҳи амалисозии яке аз принсипҳои раванди Болонӣ мебошад. Низоми модулии ташкили раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо шакли нақшаи таълимӣ якхела нест. Вай шакли ташкили мазмун, амалия дар таълим ва, инчунин, тарзи ба шакли муайян даровардани ҷамъи салоҳиятҳо (*умумӣ, касбӣ* ва ғ.)-и барои хатмкунанда зарурӣ мебошад. Таҳияи барномаҳои таҳсилотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ талаботи замон буда, барои гузаштан аз аккредитатсияи байналмилалӣ ва таъмини сифати таҳсилот замина мегузорад.

Барномаҳои таҳсилотии донишгоҳҳои Амрико сохтори модулӣ доранд. Ҳар як модули курсӣ (воҳиди курсӣ, фанни семестрӣ) меҳнатталабиро доро буда, соҳиби кредити муайян мебошад.

Хусусияти фарқкунандаи низоми амрикоӣ низ дар он аст, ки фанҳои модулӣ бо соатҳои кредитии ба онҳо мувофиқ тибқи принсипҳои модулии таълим мебошад.

Хусусияти дигари фарқкунандаи низоми амрикоӣ мустақилият ва соҳибихтиёрии донишгоҳҳо мебошад. Ин ба донишгоҳҳо имконият медиҳад, ки дар асоси принсипи модулии таълим ва набудани имтиҳони давлатии хатм бе монеа курсҳои нав, дараҷаҳои гуногуни таҳсилот, ихтисосҳои нав ва курсҳои иборат аз фанҳои ҳархела ташкил кунанд.

Дар донишгоҳҳои Амрико соатҳои кредитӣ барои модулҳои асосии таълимии зерин дода мешаванд:

- *дарсҳои аудиторӣ (лексия, семинар;*
- *корҳои лабораторӣ;*
- *корҳои тадқиқотӣ;*

➢ *таҷрибаомӯзи ва коромӯзӣ.*

Аз тарафи дигар, якчанд донишгоҳҳои Аврупо дар асоси **принсипи функсионалӣ**, яъне таҳлили элементи сохтори барномаи таҳсилотӣ аз нуқтаи назари дарёфти мақсади таълимӣ бо мафҳуми салоҳият ифода ёфта, кор карда шуда, панҷ намуди модулҳоро ҷудо намуданд [3]:

- ***модулҳои асосӣ*** (аз маҷмӯи фанҳои базавӣ иборат буда, барои гирифтани донишҳои базавии касбӣ равона шудааст);
- ***модулҳои методологӣ*** (аз маҷмӯи фанҳое иборат аст, ки дониши азхуднамудаи онҳо барои дарки фанҳои модулии асосӣ зарур аст ва барои дарёфти салоҳиятҳои методологӣ равона шудааст);
- ***модулҳои махсус*** (аз маҷмӯи фанҳои элективӣ иборат буда, барои васеъ ва амиқ намудани салоҳиятҳо равона шудааст);
- ***модулҳои амалӣ*** (аз маҷмӯи намудҳои фаъолият (лоиҳаҳо, таҷрибаомӯзиҳо, бозиҳои интеллектуалӣ ва ғ.) иборат буда, барои татбиқи малакаи донишҳои гирифта дар фаъолиятҳои амалӣ равона карда шудааст);
- ***модулҳои ташкилӣ ва муоширатӣ*** (аз маҷмӯи фанҳое иборат аст, ки барои гирифтани салоҳиятҳои байнишахсӣ ва ташаккули худомӯзӣ ва худташкилӣ равона шудааст).

Агар принсипҳои функсионалиро истифода барем, он гоҳ модулҳои барномаи таҳсилотии самти “*иқтисод*”-ро метавон чунин тақсимбандӣ намуд.

**Намунаи тақсимбандии барномаи таълимӣ бо модул.**

| **Модул** | **Бакалавриат (4 сол)** | | **Магистратура (2 сол)** | |
|---|---|---|---|---|
| | *Кредит* | *Фоиз* | *Кредит* | *Фоиз* |
| *Асосӣ* | 72 кр | 30% | 24 кр | 20% |
| *Методологӣ* | 60 кр | 25% | 12 кр | 10% |
| *Махсус* | 24 кр | 10% | 48 кр | 40% |
| *Амалӣ* | 60 кр | 25% | 36 кр | 30% |
| *Ташкилӣ ва муоширатӣ* | 24 кр | 10% | - | - |
| **Ҳамагӣ** | 240 кр | 100% | 120 кр | 100% |

Аз истифода шудан ё амалӣ гардонидани принсипҳои зикршуда донишҷӯ соҳиби салоҳитятҳои ба модулҳо мувофиқ *асосӣ, методологӣ, касбӣ, амалӣ ва байнишахсӣ мегардад.*

**Ҷанбаҳои мусбати низоми модулӣ.** Дар он принсипи ташкили омӯзиши фанҳо дар шакли бахшу блокҳо на мушкили мавзӯӣ, балки аз бисёр ҷиҳат сирфан зоҳирӣ ва ба қадри кофӣ мафҳумӣ мебошад. Муҳимтар аз ҳама истифодаи ин принсип дар сохтани модул барои ҳам донишҷӯ ва ҳам устод, ки субъектҳои воқеии раванди таълим мебошанд, дастрас мешавад.

Модул ба донишҷӯ имконият медиҳад, донад, ки фанҳо аз рӯйи кадом қонунҳо бо ҳамдигар вобаста мешаванд то самти таҳсилоти худро озодона ва бошуурона интихоб намояд. Ин амалҳо барои ташаккули низоми таълимии чандирии фардӣ шароит муҳайё мекунад.

Модул ба омӯзгор имконият медиҳад, ки фанҳои таълимиро дар асоси принсипҳои модулӣ эҷодкорона таълиф намояд. Талаботҳои модулсозии барномаҳои таҳсилотиро омӯхта мақсад, мазмун, таркиби фан ва ҷамъи намудҳои кори таълимии онҳоро ба талаботҳо мувофиқ намояд [1].

Умуман, чунин афзалиятҳои таълими модулиро метавон зикр кард:

- таъмини методии мувофиқ кардашудаи ҳамаи намудҳои раванди таълим дар дохили ҳар як модул ва ҷамъи модулҳо;
- коркарди ҳаматарафа ҳангоми сохтани модул ва муайян кардани мақсади он;
- чандрияти модул;
- санҷиши самараноки донишҳои бадастовардаи донишҷӯ;
- афзалияти корҳои мустақилонаи донишҷӯ;
- муоширати донишҷӯ бо омӯзгор тибқи модул;

- мустақилияти зиёди донишҷӯ: худташкилӣ, худбанақшагирӣ ва худомӯзӣ;

**Мушкилоти татбиқи низоми модулӣ.** Имрӯз дар татбиқи амалии низоми модулӣ қариб дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ ба мушкилот дучор мешаванд, чунки бо мафҳум ва мазмуни модул ба таври пурра шинос нестанд. Дар бахши сохтори барномаҳои таълимии стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ тақсими фанҳо ба бахшҳо (сиклҳо) пешбинӣ шудааст ва дар доираи ҳар як бахш фанҳо ба ҳатмӣ ва интихобӣ тақсим мешаванд. Дар санади мазкур оид ба модул ва низоми модулӣ ягон мафҳум оварда нашудааст аз ин рӯ, санади мазкур имконият намедиҳад, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ нақшаҳои таълимро ба танзим дароварда, низоми модулиро ҷорӣ намоянд.

Хулоса, барои ҳалли ин мушкилот зарур аст, ки ҷиҳати ворид шудан ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ, гузаштан аз аккредитатсияи байналмилалӣ ва риояи принсипҳои раванди Болонӣ аз стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ даст кашида, бояд барномаҳои таҳсилотиро таҳия ва роҳандозӣ намуд ва, ҳамзамон, барои таъмини сифати таҳсилот дар мундариҷаи барномаҳои таҳсилотӣ мафҳумҳои модул, низоми модулӣ ва матритсаи салоҳиятнокиро ворид намудан аз манфиат холӣ нест.

## АДАБИЁТ


1. Буслюк Г.Е. Модульное обучение / Г.Е. Буслюк, Р.Е. Андреенко, А.А. Колечёнок. - Минск: Красико-Принт, 2007. -176 с.
2. Королева В.В. Модульное обучение как один из способов повышения качества подготовки специалиста / В.В. Королева // Молодой ученый. -2015.- №3. -С. 787-790.
3. Кузнецова Е.И. Моделирование кредитно-модульной структуры индивидуальной траектории обучения студента / Е.И. Кузнецова, А.Г. Кравец //Известия Волгоградского гос. технического университета. -2009. -Т. 6. -С. 99-102.
4. Мирзоахмедов Ф. Кредитно-модульная система образования / Ф.Мирзоахмедов, А.А. Мамадюсупов. - Д.: Кайхон, 2016. -268с.
5. Сафонова Т.Н. Модульные технологии в образовании. Физика / Т.Н. Сафонова [электронный ресурс]. http://www.safonova-modul.siteedit.ru.


## ПРИНСИПИ МОДУЛИИ ТАҲИЯИ БАРНОМАҲОИ ТАҲСИЛОТӢ ВА ИСТИФОДАИ НИЗОМИ МОДУЛӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАЪМИНИ КАФОЛАТИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ


Муаллифон дар мақола баъзе ҷанбаҳои принсипҳои модулии барномаҳои таҳсилотӣ нишон дода шудааст. Муаллифон нишон додаанд, ки модул яке аз унсурҳои асосии низоми кредитии таҳсилот буда, метавонад аз элементи алоҳидаи фан то элементҳои гуногуни барномаи таълимӣ иборат бошад. Дар мақола нишон дода шудааст, ки таркиби модул метавонад аз фанҳои бахшҳои табиӣ-риёзӣ, умумикасбӣ ва ғайра низ иборат бошад. Муаллифон модулҳоро аз рӯи таркиб ва мазмун, яъне ба муқаддимавӣ, омӯзишӣ, амалӣ ва санҷишӣ, аз рӯйи ҳаҷм ба хурд, миёна ва калон ва аз рӯйи гурӯҳ бошад, ба умумии ҳатмӣ, ҳатмии ихтисосӣ, интихобӣ барои ихтисоси муайян ва интихобии берун аз ихтисос ҷудо намудаанд. Дар мақола оид ба принсипҳои дигаре, ки бояд риоя шаванд, монанди яъне принсипҳои аз содда ба мураккаб, аз фанҳои методологӣ ба амалӣ, аз рӯйи таркиб ва мавзӯъ, аз рӯйи ташкилӣ-сохторӣ ва аз рӯйи ба ҳам пайвастшавии ду принсипи охирон низ маълумоти мукамал дода шудааст. Инчунин, муаллифон дар мақола таркиби сохтори модулҳои барномаи таҳсилоти якчанд давлатҳои Аврупо ва Америкаро нишон додаанд.

Муаллифон дар мақола ҷанбаҳои мусбати низоми модулӣ ва афзалиятҳои ин низомро низ нишон дода, дар бораи мушкилоти низоми модулӣ маълумотҳои мушаххас пешниҳод намудаанд.



**Калидвожаҳо:** модул, низоми модулӣ, намудҳо, дараҷа, принсипҳои сохтани модул, таркиби модул, кредит, раванди Болонӣ, раванди модули таълим, барнома, барномаи таҳсилотӣ, матритсаи салоҳиятнокӣ.


## РАЗРАБОТКИ МОДУЛЬНЫХ ПРИНЦИПОВ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ ПРОГРАММ И ИСПОЛЬЗОВАНИЕ МОДУЛЬНОЙ СИСТЕМЫ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ КАК ПРИНЦИП ОБЕСПЕЧЕНИЯ ГАРАНТИИ КАЧЕСТВА ОБРАЗОВАНИЯ


Авторы выделяют в статье некоторые аспекты модульных принципов образовательных программ. Авторы отмечают, что модуль является одним из основных элементов кредитной системы образования и может состоять из отдельного элемента дисциплины и различных элементов учебной программы. В статье показано, что содержание модуля можно найти по предметам естественно-математического, общепрофессионального и других циклов дисциплин. Авторы делят модули по структурам и содержанию, то есть: вводные, образовательные, практические и контрольные, по объёму: малому, среднему и большому, и группируют: по общему обязательному, профилирующему обязательному, элективным для определенных специальностей. В статье представлен обзор других принципов, которым необходимо следовать, от самых простых до самых сложных, от методологических до практических, с точки зрения структуры и темы: организационных, структурных и связи двух последних

принципов. Авторы также показали структуру модулей образовательной программы Америки и ряда европейских стран. В статье авторы раскрыли положительные стороны модульной системы и ее преимущества, а также предоставили конкретную информацию о проблемах модульной системы.

**Ключевые слова:** модуль, модульная система, типы, степени, принципы построения модулей, модульная структура, кредит, Болонский процесс, учебный модульный процесс, программа, учебная программа, матрица компетенций.

**DEVELOPMENT OF THE MODULAR PRINCIPLE OF EDUCATIONAL PROGRAMS AND THE USE OF THE MODULAR SYSTEM IN THE EDUCATIONAL PROCESS AS A PRINCIPLE OF ENSURING THE GUARANTEE OF EDUCATION QUALITY.**

The authors distinguish some principles of the modular aspects of educational programs in the article. The authors note that the module is one of the main elements of the credit system of education and may consist of a separate element of discipline and various elements of the curriculum. The article shows that the content of the module can be found in subjects of natural mathematical, general professional and other cycles of disciplines. The authors divide the modules by structure and content to, introductory, educational, practical and control, by volume: small, medium and large, and group: by general compulsory, profiling compulsory, elective for a particular specialty. The article provides an overview of other principles that must be followed, from the simplest to the most complex, from methodological to practical, in terms of structure and topic, organizational and structural, and the connection of the last two principles. The authors also showed the structure of the modules of the educational program in USA and several European countries. In the article, the authors highlighted the positive aspects of the modular system and its advantages, as well as provided specific information about the problems of the modular system.

**Keywords:** module, modular system, types, degrees, principles of module construction, modular structure, credit, Bologna process, educational modular process, program, curriculum, competency matrix.

**Сведения об авторах:** ***Мирзоев Рахмонали Раджабович*** – Таджикский государственный университет коммерции, кандидат педагогических наук, доцент, заведующий отделом дистанционного обучения. 734055, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Дехоти, 1/2. Тел.: 918636237, E-mail: r_mirzoev1966@mail.ru
***Мамадюсупов Акрамджон Абдулхамидович*** – Ассоциация новаторов образования Таджикистана, заведующий отделом инновации. 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Мирали, 15. Тел.: 900802978, E-mail: akrami_abdulkhamid@mail.ru

**Information about the authors:** ***Mirzoev Rahmonali Rajabovich*** - Tajik State University of Commerce, Candidate of Pedagogical Sciences, Head of the Distance Learning Department. 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Dehoti Street 1/2. Tel.: **918636237**, E-mail: **r_mirzoev1966@mail.ru**
***Mamadyusupov Akramjon Abdulhamidovich*** – Association of Innovators of Education of Tajikistan, Head of the Innovation Department. 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mirali Street 15, Tel.:900802978, E-mail: akrami_abdulkhamid@mail.ru

**УДК 546.07.7**

# ИНКИШОФИ ДОНИШИ ХОНАНДАГОН АЗ ХИМИЯИ ҒАЙРИОРГАНИКӢ ДАР СИНФҲОИ 8-9

***Ахмедова З., Алимова, М. ШариповТ.***
**МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров»**

Табиати дарккунии фаъолияти хонандагон нафақат аз рӯи мақсад ва вазифаи донишомӯзӣ, инчунин, аз рӯи мундариҷаи маводи таълимӣ ва шаклҳои ташкили кор бо онҳо муайян карда мешавад. Донишҳои фанние, ки хонандагон аз худ менамоянд, дар раванди таълимӣ як хел намонда, балки доимо ташаккул меёбад.

Дар барномаҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба фанни химия нафақат донишу маҳорате, ки хонандагон дар раванди омӯзиши ҳар як мавзӯи мушаххас бояд аз худ кунанд, нишон дода мешавад, инчунин, инкишоф ва тааммуқ (чуқур) шудани донишҳо оид ба курси химияи мактабӣ пешбинӣ карда мешавад. Табиати дарккунии фаъолияти хонандагон низ дигаргун мегардад. Онҳо барои истифода бурда тавонистани дараҷаи донишу маҳорат мушкилии гуногун дошта, пайдо кардани вобастагӣ дар байни онҳо омӯзонида мешаванд [1, с. 39, 41].

Донишҳои маснадӣ (такягоҳӣ)-е, ки барои фанни мазкур асосӣ ба ҳисоб меравaнд, барои инкишоф саҳм мегузоранд. Айнан онҳо барои омӯхтан ва инкишоф додани донишҳои минбаъда ёрӣ мерасонанд. Ба қатори донишҳои маснадӣ (такягоҳӣ) нуқтаҳои асосии курси химия, қонунҳо, назарияҳо, қонуниятҳо, инчунин, донистани усулҳои амалиёте, ки дар асоси онҳо донишу маҳорати хонандагон шакл мегиранд, дохил кардан

мумкин аст. Дар таҷрибаи омӯзгории худ муаллим бояд се зинаи пайдарҳами инкишофи дониш ва мувофиқан се дараҷаи фаъолияти дарккунии хонандагонро, ки асосан дар рафти истифодаи ин донишҳо дида мешавад, ба инобат гирад.

Зинаи якуми инкишофи дониш аз ошкор намудани сиришти маводҳои омӯхташуда иборат аст. Натиҷаи зинаи аввали донишомӯзӣ ин фаҳмидани дониши омӯхташуда, яъне мантиқан амиқ дарк карда, онро дуруст истифода бурдан мебошад. Донишҳои пеш омӯхташударо тавассути машқу супоришҳое, ки хонандагон дар раванди ҳалли онҳо мундариҷаи маводҳои омӯхташударо такрор мекунанд ё аз рӯи намуна ҳал мекунанд, санҷидан мумкин аст. Масалан, ба хонандагон лозим меояд, ки мафҳумҳои муайяни химиявӣ ё усулҳои ҳалли масъаларо такрор кунанд, таҷрибаҳои химиявиро таҷдид намоянд ва ғайра. Ин ба дараҷаи аввалини репродуктивии фаъолияти донишомӯзӣ мувофиқат мекунад.

Ба зинаи дуюми инкишофи дониш хусусияти истифода намудани донишҳо ва усулҳои фаъолият дар рафти ташкили кор аз рӯи дастурҳо, ёддоштҳо ва ғайра хос мебошад. Ин ба дараҷаи дуюми продуктивии қисман мустақил ё қисман ҷустуҷӯии фаъолияти донишомӯзӣ мувофиқ аст. Дар ин савияи фаъолият ба хонанда аз ҷониби омӯзгор ё ҳариф ҳамдастӣ лозим меояд. Барои муайян кардани дониши хонандагон дар ин зина супоришҳоеро, ки машқҳои он аз осон ба мушкил мегузарад ва онро хонандагон аз рӯи донишҳои азхудкардаашон мустақилона ҳал мекунанд, истифода бурдан мумкин аст [2 , с. 59]. Масалан, мафҳумҳои ба онҳо маълумро бо мисолҳои дигар шарҳ дода, роҳҳои ҳалли масъала ё таҷрибаҳои химиявиро мефаҳмонанд.

Пуррагии фаъолият аз рӯи то ба кадом андоза элементҳои таълимӣ ё усулҳои истифодабарии онҳо аз ҷониби хонандагон ба кор бурда мешавад, муайян карда мешавад. Мустақилияти фаъолият аз рӯи иҷрои машқ муайян карда мешавад: бо дастгирии омӯзгор, бе ёрии омӯзгор, аммо бо истифода аз дастурҳо ё мустақилона. Амиқии фаъолият ё худ маҳорати дуруст дарк карда тавонистани ҳодисаҳо аз рӯи маҳорати дар байни донишҳои азхудкардааш алоқамандиро дида тавонистани хонанда муайян карда мешавад.

Масалан, дар раванди инкишофи донишҳо дар байни онҳо аз рӯи самтҳои гуногун алоқамандӣ ба вуҷуд омада метавонад:

1) дар байни донишҳои назариявии гуногуни дараҷаи якхеладошта, масалан, дар байни мафҳумҳои гуногун, дар байни маводи хониши куҳна ва нави як фан ё дарсҳои гуногуни як ё якчанд мавзӯъ;

2) дар байни донишҳои назариявии дараҷаи гуногундошта, масалан, дар байни донишҳои химияи органикӣ ва ғайриорганикӣ;

3) дар байни низомҳои гуногуни дониш, масалан, алоқаи байнифаннии химия бо география, физика, математика, биология, ҷамъиятшиносӣ ва дигар фанҳо.

Зинаи сеюми инкишофи дониш ин ташаккули маҳорати хонандагон баҳри мустақилона истифода бурда тавонистани дониш ва усулҳои фаъолият ба ҳисоб меравад. Ин ба дараҷаи сеюмин ва аз ҳама олии фаъолияти донишандӯзӣ мувофиқ буда, бисёртар онро фаъолнокии донишомӯзӣ меноманд. Дар зери мафҳуми фаъолнокӣ нафақат худи фаъолият, балки дараҷаи олии он, ки дар вай хонандагон мустақилият ва эҷодкориро нишон медиҳанд, фаҳмида мешавад.

Дараҷаи донишазхудкуниро тавассути машқҳое, ки дар онҳо нафақат истифодаи донишҳои як мавзӯъ дар омӯзиши мавзӯи дигар, алоқамандии онҳо, инчунин, аз ҷониби хонандагон мустақилона истифода бурдани донишҳо дар намудҳои гуногуни фаъолият (таълимӣ, меҳнатӣ, ҷамъиятӣ) нишон дода шудааст, муайян намудан мумкин аст. Намудҳои гуногуни фаъолияти хонандагонро тавассути машқҳои махсус омода шуда, ки дар он таърифу фаҳмишҳо ва истифодаи мустақилонаи донишҳо аз ҷониби хонандагон пешбинӣ карда шудааст, ташкил кардан мумкин аст. Як қисми хонандагон ба дигарон мушовирӣ намуда, ба онҳо ёрии амалӣ мерасонанд. Барои баланд бардоштани дониши

хонандагон ғайр аз дарсҳо аз ҷониби омӯзгор дарс-семинарҳо, конференсияҳо, корҳои беруназдсинфӣ ва ғайраҳо ташкил карда мешавад. Маълум аст, ки таъриф (тасвир), ташреҳ ва дастуруламалҳои намудҳои гуногуни фаъолият ҳамчун методҳои тадқиқотҳои илмӣ ба ҳисоб меравaнд. Дар ҳамаи намуди илм барои шарҳ додани ҳодисаҳое, ки ба ин соҳа тааллуқ дорад, мафҳуму таърифҳои хос истифода бурда мешавад. Назарияҳо, қонуну қонуниятҳо барои фаҳмонидани алоқамандӣ ва ҷамъбастии ҳодисаҳо имконият медиҳад, ки тавассути оину дастурҳо идоракунии ин алоқамандиҳо пешбинӣ карда мешаванд. "Илм дар раванди донишазхудкунии ҷамъиятию таърихӣ як қатор вазифаро иҷро менамояд: тасвир (таъриф), ташреҳ ва дастуруламалҳо, дар як вақт ҳамчун низоми донишҳо ва ҳамчун фаъолият баромад мекунад".

Дар раванди донишомӯзӣ унсурҳои асосии далелҳои илмӣ дурандешида мешавад: 1) тасвири ҳодисаҳо бо роҳи ҳадисҳои кӯтоҳ ва ботафсил; 2) ташреҳ бо мақсади муайян кардани алоқамандӣ ва муносибати мутақобилаи донишҳо ва тасдиқи онҳо бо усулҳои гуногун, исбот намудани дурустии ҳукмҳои гуфташуда; 3) дастуруламали усулҳои истифодабарии донишҳо дар вақти ҳал намудани машқҳои гуногуни дарсӣ.

Дар раванди таълим истифода бурдани супоришҳои дорои чунин унсурҳо барои ташкил ва инкишофи фаъолияти донишазхудкунии хонандагон мусоидат менамояд. Бинобар ин, талаботи барномаро бодиққат омӯхта, аз рӯи мундариҷа ва вазифаи таълимӣ аз китобу маводҳои методӣ чунин машқҳоро интихоб намудан лозим аст.

Барои инкишофи дониш ва фаъолияти донишазхудкунии хонандагон нафақат интихоби машқҳои мувофиқ, инчунин, муайян кардани вақти ҳал намудани онҳо дар дарс низ муҳим аст [3, с. 29, 33].

Мустаҳкамии дониши азхудшуда чун тадқиқотҳои педагогию психологӣ нишон медиҳад, бештар бо оне, ки то чӣ андоза бештар хонандагон ин донишҳоро дар рафти дарсҳо истифода бурдаанд, муайян карда мешавад. Дар психологияи омӯзиш муайян карда шудааст, ки барои аз худ кардани истифодабарии донишҳо 16-30 маротиба такроркуниро гузаронидан лозим аст [2, с. 62]. Ҳангоми ба назар гирифтани истифодабарии дониши хонандагон дар ҳаллу фасли супоришҳои гуногун ё инъикоси ин донишҳо бо мисолҳои гуногун ба он сазовор шудан мумкин аст.

Ҳангоми омӯзонидани хонандагон доир ба рафти гузариши реаксияи мубодилаи ионҳо дар мисоли раванди $Ba^{2+} + SO_4^{2-} = BaSO_4$ супоришҳои зеринро пешниҳод намудан мумкин аст: 1) якчанд усулҳои ҳосил намудани сулфати барийро нишон диҳед; 2) шароитҳои гузариши реаксияҳоро шарҳ диҳед; 3) барои гузаронидани корҳои лабораторӣи зерин рӯйхати реактивҳоро тартиб диҳед; 4) хулосаҳои худро бо таҷрибаҳои химиявӣ тасдиқ кунед ва ғайраҳо [4, с. 99, 104].

Такроркунии бисёркаратаи донишҳо нафақат барои ба хотир гирифтан, инчунин, барои муайян кардани алоқамандии онҳо низ лозим аст. Ин гуна такроркуниро ҳангоми дар раванди таълим истифода бурдани донишҳои маснадӣ амалӣ гардонидан мумкин аст.

Мисолҳои мушаххаси инкишофи донишҳои маснадиро дида мебароем, ки онҳо мафҳумҳои "оксидҳо" ва "оксидшавӣ" буда, сараввал дар синфи 8 аз фанни химия омӯзонида мешавад. Инкишоф ва алоқамандии донишҳои маснадиро бо дигар донишҳо мушоҳида менамоем. Барои ин ҷадвали 1-ро, ки дар он интихобан донишҳои таълимӣ барои омӯзиши мафҳумҳои "оксидҳо" ва "оксидшавӣ" ба кор бурда мешавад, нишон дода шудааст, истифода мебарем. Сипас, дар раванди таълимӣ ин мафҳумҳо чӣ гуна инкишоф мeёбанд (васеъ шудани тасаввурот дар бораи онҳо дар вақти омӯхтани таркиб, хосият, истеҳсол ва истеъмоли моддаҳои гуногун), донишҳо дар раванди таълим нишон дода шудааст.

Сараввал шиносоӣ бо мафҳумҳои "оксид" ва "оксидшавӣ" дар синфи 8 дар вақти гузаштани мавзӯъҳои "Оксиген. Оксидҳо. Сӯзиш" дар дарси "Оксидҳо. Оксидшавӣ" (зинаи якуми инкишофи дониш) амалӣ мегардад. Хонандагон хосиятҳои химиявии оксигенро

такрор намуда, ба маҳсулотҳои баҳамтаъсирии оксиген бо дигар моддаҳои сода (фосфор, сулфур, карбон, оҳан) аҳамият медиҳанд [5, с. 79, 84].

Амиқгардии донишҳо тавассути дида баромадани ҳосилкунии оксидҳо амалӣ мегардад (зинаи дуюми инкишофи дониш). Бо ёрии омӯзгор хонандагон таркиби оксидҳоро, ҳосилкунии онҳоро ва инчунин, оксидшавиро мефаҳманд, дар раванди нишон додани таҷрибаҳои сӯзиши моддаҳо (шамъи парафинӣ, метан) хонандагон аз рӯи таркиби моддаҳои аввала ва баъзе аломатҳои реаксия таркиби моддаҳои ҳосилшударо фарзан пешгӯӣ менамоянд. Бо ёрии омӯзгор онҳо рафти гузариши реаксияи химиявии мушоҳида кардаашонро бо муодилаи реаксияҳои химиявӣ мустақилона менависанд ва хулосабарорӣ менамоянд, ки дар вақти сӯхтани моддаҳои мураккаб чун дар вақти сӯхтани моддаҳои сода оксидҳо ҳосил мешаванд.

Аз худкунии (дарккунии) мафҳумҳои "оксидҳо" ва "оксидшавӣ" тавассути машқу супоришҳое, ки дар дарсҳои мазкур ва оянда, инчунин ҳамчун вазифаи хонагӣ пешкаш карда мешавад, амалӣ мегардад. Манзур дошта шудааст, ки донишҳо аз тарафи хонандагон мустақилона, бе ҳидояти махсус истифода бурда мешавад [6, с. 119, 124].

**Супориш:**

1. Формулаи оксидҳоро аз рӯйхати додашуда нависед.
2. Муодилаи реаксияи сӯзиши силан $SiH_4$ ва оксидшавии силфиди симоб (II)-ро $HgS$ тартиб диҳед.
3. Муодилаи табаддулоти зеринро тартиб диҳед.
4. Бо луғат мафҳумҳои "оксидҳо" ва "оксидшавӣ"-ро нависед (супориш дар хона иҷро карда мешавад).

Доир ба мавзӯи "Оксиген дар табиат. Истеъмол (истифодабарӣ)-и оксиген" донишу маҳорати хонандагон дар вақти иҷрои кори хаттӣ аз рӯи машқҳои дифференсионалӣ (сода ё такрорӣ, миёна ва мураккаб) зиёду мустаҳкам мегардад. Хонандагон супоришҳоро интихоб карда метавонанд, зеро ин кор табиати омӯзишӣ дорад.

**Супориш:**

1. Формулаи оксидҳои маълумро нависед.
2. Муодилаи реаксияеро нависед, ки дар он моддаи аввала ё маҳсули реаксия оксид бошад.
3. Муодилаи реаксияи ҳосил кардани оксидҳоро аз моддаҳои сода ва мураккаби додашуда нависед.

Дар вақти омӯзиши паҳншавии оксиген дар табиат ва истифодаи он хонандагон бо паҳншавии оксидҳо дар табиат ва истифодабарии баъзеи онҳо шинос мешаванд ва моҳияти реаксияи сӯзиш (оксидшавӣ)-ро дарк мекунанд.

Дар дарсҳои оянда ("Ҳосил кардани оксиген дар лаборатория", "Истеҳсол ва хосиятҳои оксиген" (корҳои таҷрибавӣ), "Таркиби ҳаво", "Шароитҳои саршавӣ ва қатъшавии сӯзиш") хонандагон мустақилона истифода бурдани донишҳоро меомӯзанд, алоқамандии онҳоро муайян мекунанд. Ба ин машқҳое, ки дар вақти ҳалли онҳо аз рӯи таҳлили таркиб ва хосияти онҳо оид ба истеҳсол ва истеъмоли онҳо хулосабарорӣ менамоянд, мусоидат мекунад [7, с. 129, 135].

Дар интиҳои омӯзиши мавзӯъ кори санҷишии хаттии ҳам хусусияти репродуктивидошта (саволҳои 2-3) ва ҳам продуктивидошта (саволи 1) гирифта бо вариантҳо гирифта мешавад.

**Супориш: Варианти 1.**

1. Муодилаи реаксияи сӯзиши гази гидрогенсулфидро нависед ва донед, ки ҳамчун маҳсул оксид ҳосил мешавад. Аломатҳои реаксияро қайд кунед.
2. Аз формулаҳои овардашуда: $CaO$, $BaSO_4$, $CaCl_2$, $H_2O$, $HCl$, $SO_2$, $P_2O_5$ формулаи оксидҳоро нишон диҳед ва онҳоро номбар намоед.

3. Намуна (мисол)-и ду оксидеро нависед, ки онҳо дар ҳавз (рӯд, кӯл, дарё) вуҷуд дошта метавонад. Онҳоро номгузорӣ намоед. Массаи молекулавии нисбии онҳоро муайян кунед.

**Варианти 2.**

1. Муодилаи реаксияи схемаи зеринро тартиб диҳед $P+O_2=P_2O_5$.

2. Аз моддаҳои овардашуда: об, гази карбонат, ҳаво, ангишт, намаки ошӣ – формулаи оксидҳоро нависед.

3. Формулаи ду оксиди таркиби ҳаворо нависед. Массаи молекулавии нисбии онҳоро муайян кунед.

Массаи атомии нисбиро хонандагон мустақилона аз рӯи ҷадвали маълумотномаи китоб дарёфт менамоянд.

Ҳамин тавр, дар вақти омӯзиши таркиб, хосият, истеҳсол ва истеъмоли оксидҳои муайян, хонандагон дар бораи оксидҳо ҳамчун яке аз синфҳои асосии пайвастҳои ғайриорганикӣ дониш пайдо мекунанд. Ин донишҳо дар вақти омӯхтани мавзӯҳои оянда лозим мешавад.

Дар вақти омӯзиши мавзӯҳои "Гидроген. Кислотаҳо.Намакҳо" дониш дар бораи таркиб ва хосияти оксидҳо ва реаксияи оксидшавӣ мустаҳкам ва ҳангоми омӯхтани реаксияҳои сӯзиши гидроген ва баркароркунии оксидҳо бо гидроген амиқ мегардад. Дар ин ҳол таваҷҷуҳи хонандагонро ба пайваст ва ба ҳам муқобил будани раванди оксиду барқароршавӣ нигаронидан лозим аст.

Дар вақти омӯзиши баҳамтаъсирии оксиди металлҳо бо гидроген хонандагон дар бораи усулҳои ҳосилкунии металлҳо ва дар вақти омӯзиши реаксияи баҳамтаъсирии оксиди металлҳо бо кислотаҳо бошад, дар бораи реаксияи муовиза тасаввурот ҳосил менамоянд.

Инкишофи минбаъдаи ин донишҳо ва ҳосилшавии малакаи истифодаи ин донишҳо дар вақти ҳалли машқу масъалаҳо дар дарсҳои амалӣ оид ба мавзӯҳои "Реаксияи муовиза дар байни оксиди мис (II) кислотаи сулфат" амалӣ мегардад. Ин донишҳо ҳангоми гирифтани кори санҷишӣ санҷида мешавад. Варианти кори санҷиширо аз рӯи китоби дарсӣ тартиб додан мумкин аст.

Дар мавзӯиояндаи "Об. Маҳлулҳо. Асосҳо" дониши хонандагон дар бораи оксид ва оксидшавӣ зиёду васеъ мегардад. Хонандагон ҳосил кардани оксидҳоро бо усули таҷзияи термикии асосҳои ҳалнашаванда ва ҳангоми баҳамтаъсирии баъзе металлҳо бо об меомӯзанд. Донишҳо дар бораи хосияти химиявии оксидҳо дар вақти омӯзиши реаксияи оксидҳо бо об ва оксиди ғайриметаллҳо бо ишқорҳо зиёд мегардад. Донишҳо дар бораи таркиб ва хосиятҳои оксидҳо барои амиқгардии донишҳо дар бораи таснифи оксидҳо ва таснифи оксидҳо (оксиди металлҳо ва ғайриметаллҳо) имконият медиҳад.

**Ҷадвали 1 Инкишофи дониши хонандагон оид ба оксидҳо ва оксидшавӣ**

| Синф | Оксидҳо | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **Таркиб** | **Хосият** | **Истифодабарӣ** | **Истеҳсол** |
| 8 | Муайян намудани мафҳуми оксидҳо, таснифот (оксиди металлҳо, оксиди ғайриметаллҳо, оксидҳои асосӣ ва кислотагӣ), номенклатура, муайян намудани валентнокии элементҳо аз рӯи формулаи оксидҳо ва тартиб додани формулаи оксидҳо аз рӯи валентнокӣ, муайян | Хосиятҳои физикӣ ва химиявии оксидҳо (дар мисолҳои мушаххас, дар барнома нишон додашуда), реаксияи оксидшавӣ, барқароршавӣ бо гидроген, таҷзияи об аз таъсири ҷараёни барқ, баҳамтаъсирии оксидҳои кислотагӣ | Доираҳои асосии истифодабарии оксиди карбон (IV), об | Сӯзиши моддаҳои сода ва мураккаб дар оксиген, таҷзияи асосҳои ҳалнашаванда |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | намудани дарачаи оксидшавии элементҳо аз рӯи формулаи оксидҳо, тартиб додани формулаи оксидҳо аз рӯи дарачаи оксидшавии элементҳои химиявӣ | бо ишқорҳо ва оксидҳои асосӣ бо кислотаҳо, оксидҳо бо об | | |
| 9 | Таснифот (оксидҳои асосӣ, кислотагӣ ва амфотерӣ), номенклатура | Хосияти физикии моддаҳои мушаххас (оксиди сулфур (IV) ва (VI), оксиди нитроген (IV), оксиди фосфор (V), оксиди карбон (II) ва (IV), оксиди калсий, оксиди силитсий (IV), оксиди алюминий), хосиятҳои химиявии умумии оксидҳои асосӣ, кислотагӣ ва амфотерӣ | Истифодабарии моддаҳои мушаххас (оксиди сулфур (IV) ва (VI), оксиди нитроген (IV), оксиди фосфор (V), оксиди карбон (II) ва (IV), оксиди калсий, оксиди силитсий (IV), оксиди алюминий, оксидҳои оҳани (II) ва (III)). Оксидҳо – катализаторҳо | Усулҳои лабораторӣ ва саноатии истеҳсоли моддаҳое, ки (аммиак, кислотаи нитрат ва кислотаи сулфат, истеҳсоли чӯян, пӯлод, металлҳо) дар он оксидҳо моддаи аввала ё маҳсулот шуда метавонанд |
| 0-11 | Сохти молекулаи таъсири атомҳо дар молекулаи моддаҳои органикӣ | Боҳамтаъсирра-сонии оксидҳо бо моддаҳои органикӣ | Истифодабарии оксидҳои асосӣ дар реаксияҳои сифатӣ | Сӯзиши моддаҳои органикӣ |

Мустаҳкамӣ ва дарки донишҳо ҳангоми иҷрои машқҳо дар рафти дарс, вазифаи хонагӣ ва корҳои санҷишӣ оид ба ин мавзӯъ санҷида мешавад.

Дар вақти омӯзиши мавзӯи “Маҷмӯи маълумотҳо дар бораи синфҳои асосии пайвастҳои ғайриорганикӣ” маълумотҳо дар бораи оксидҳо низ дида мешавад. Робитаи генетикии байни синфҳои асосии пайвастҳои ғайриорганикӣ барои хонандагон имконияти фаҳмидани ҳосил намудани бисёр кислотаҳо, ишқорҳо, намакҳо ва баъзе металлҳо аз оксидҳоро медиҳад [7, с. 49, 64].

Дар курси химияи синфи 9 донишҳо дар бораи оксидҳо ва оксидшавӣ дар асоси назарияҳои диссотсиатсияи электролитӣ ва равандҳои оксиду барқароршавӣ дар сатҳи нав омӯхта мешавад. Фаҳмиши хонандагон дар бораи паҳншавии оксидҳо дар табиат, аҳамият ва истифодабарии онҳо дар вақти омӯзиши қонуниятҳои реаксияҳои химиявӣ дар асоси истеҳсоли кислотаи сулфат васеъ мегардад. Донишҳои пештар омӯхташуда, монанди реаксияҳои оксиду барқароршавӣ, таълимот дар бораи сохти атом, банди химиявӣ дар вақти омӯзиши реаксияҳои муовизаи ионии қатори электрошиддатнокии металлҳо, электролиз ва коррозияи металлҳо лозим меояд. Дар баробари ин, дониш нафақат васеъ мешавад, балки дар вақти омӯзиши равандҳои усулҳои саноатии ҳосил кардани аммиак, кислотаи нитрат, пайвастагиҳои карбон, кремний, металлҳо амиқ низ мегардад.

## АДАБИЁТ


1. Пидкасистый П.И. Самостоятельная познавательная деятельность школьников в обучении: Теоретико-экспериментальное исследование / П.И. Пидкасистый. -М.: Педагогика, 1980. -С.79,84.

2. Крутецкий В.Л. Психология обучения и воспитания школьников: Книга для учителей и классных руководителей / В.Л. Крутецкий. -М.: Просвещение, 1976. - С.191.
3. Иванова Р.Г. Изучение химии в 7-8 классах / Р.Г. Иванова, А.М. Черкасова. -М.: Просвещение, 1982. -С. 60-61.
4. Глориозов П.А. Проверочные работы по химии для 7-8 классов / П.А. Глориозов, В.Л. Рысс. -М.: Просвещение, 1984.
5. Савич Т.З. Формирование понятия о химической реакции / Т.З. Савич. -М.: Просвещение, 1978.
6. Чертков И.Н. Методика формирования основных понятий органической химии / И.Н. Чертков. -М. Просвещение, 1980.
7. Зуева М.В. Совершенствование организации учебной деятельности школьников на уроках химии / М.В. Зуева, Б.В. Иванова. -М.: Просвещение, 1989.

## ИНКИШОФИ ДОНИШИ ХОНАНДАГОН АЗ ХИМИЯИ ҒАЙРИОРГАНИКӢ ДАР СИНФҲОИ 8-9

Дар мақолаи мазкур оиди такмил додани фаъолияти таълимӣ-методии омӯзгорони ҷавоне, ки аз фанҳои табиӣ дарс медиҳанд, мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар курси химия донишҳо дар бораи оксидҳо ва оксидшавӣ дар асоси назарияҳои диссотсиатсияи электролитӣ ва равандҳои оксиду барқароршавӣ дар сатҳи нав омӯхта шудаанд. Муаллифон нишон медиҳанд, ки истифодабарии фаъолияти таълимию донишазхудкунии хонандагон аз тарафи омӯзгор барои баланд бардоштани дараҷаи дарсазхудкунии хонандагон равона карда шудааст. Дар мақола роҷеъ ба се зинаи муҳимми инкишофи дониш ва мувофиқан се дараҷаи фаъолияти дарккунии хонандагонро, ки асосан дар рафти истифодаи ин донишҳо дида мешаванд, дарҷ гардидааст. Инчунин, нишон дода шудааст, ки инкишофи дониш аз ошкор намудани сиришти маводҳои омӯхташуда, хусусияти истифода намудани донишҳо ва усулҳои фаъолият дар рафти ташкили кор аз рӯи дастурҳо, ёддоштҳо ва инкишофи донишу ташаккули маҳорати хонандагон баҳри мустақилона истифода бурда тавонистани дониш ва усулҳои фаъолият вобастагии зиёд дорад. Аҳамияти такроркунии бисёркаратаи донишҳо барои дар хотир гирифтан ва муайян кардани алоқамандии онҳо нишон дода шуд. Муқаррар карда шуд, ки пуррагии фаъолият аз рӯи то ба кадом андоза унсурҳои таълимӣ ё усулҳои истифодабарии онҳо аз ҷониби хонандагон ба кор бурда мешавад, аҳамияти зиёд дорад.

**Калидвожаҳо:** мактаб, дониш, мавод, инкишоф, дарс, такроркунии бисёркарата, унсурҳои таълимӣ, ташаккули маҳорат.

## ПОВЫШЕНИЕ УРОВНЯ ЗНАНИЙ ПО ХИМИИ ДЛЯ 8-9 КЛАССОВ

Статья направлена на улучшение учебно-методической деятельности молодых учителей, которые преподают естественные предметы в школе. В курсе химии изучаются процесы окисления на основе теории электролитических диссоциации и процессов окисления и восстановления. Авторы отмечают, что использование учебной и воспитательной деятельности учителя направлено на повышение уровня успеваемости учащихся. В столичном регионе существуют три основных этапа развития знаний и, соответственно, три уровня успеваемости учащихся, которые в основном наблюдаются при использовании этих знаний. Показано, что развитие знаний является основой раскрытия содержания изучаемых материалов, характера использования знаний и методов деятельности в процессе организации работы по обучению и развитию знаний и навыков учеников, в зависимости от умения использовать знаний и методы деятельности. Показано, что важность умножения знаний заключается в том, чтобы вспомнить и идентифицировать их связи. Было установлено, что полнота деятельности зависит от того, как ученики могут использовать образовательные элементы и методы.

**Ключевые слова:** школа, знания, материалы, развитие, уроки, повторение, элементы обучение, развитие навыков.

## INCREASE THE LEVEL OF KNOWLEDGE IN CHEMISTRY FOR GRADES 8-9

This article has been studied to improve the teaching and learning activities of young teachers who study natural subjects. The chemistry course was studied in the field of oxidation and oxygen knowledge based on the theory of electrolytic dissociation and oxidation and reduction processes. The authors note that the use of the educational and educational activities of the teacher is directed by the teacher to increase the level of student achievement. In the metropolitan area, there are three main stages in the development of knowledge and, accordingly, three levels of student achievement, which are mainly observed when using this knowledge. It is shown that the development of knowledge is the basis for disclosing the content of the materials under study, the nature of using knowledge and methods of activity in the process of organizing work on learning, taking notes and developing knowledge and developing the skills of readers depending on the ability to use knowledge and methods of activity. It is shown that the importance of multiplying knowledge is to remember and identify their relationship. It was found that the completeness of the activity depends on the extent to which the educational elements or methods used by the readers are of great importance.

**Keywords:** school, knowledge, materials, development, lessons, repetition, training elements, skill development.

**Сведения об авторах:** ***Ахмедова Замира Сангинбаевна*** – Государственное образовательное учреждение «Худжандский государственный университет им.Б.Гафурова», доцент кафедры общей химии и её преподавания. E-mail: a**mirjon-73@mail.ru**, Телефон: **+992 927614459.**

***Алимова Мохира Абдухакимовна*** - Государственное образовательное учреждение «Худжандский государственный университет им.Б.Гафурова», преподаватель кафедры общей химии и её преподавания. Телефон: **+992 92 7016016.**

***Шарипов Толибджон Абдухаевич*** - Государственное образовательное учреждение «Худжандский государственный университет им.Б.Гафурова»,**магистр кафедры общей химии и её преподавания.** Телефон: **+992 92 9998465.**

**Information about the authors:** ***Akhmedova Zamira Sanginbaevna*** - State educational institution “Khujand State University named after B. Gafurov”, associate Professor of the Department of General Chemistry and its Teaching. E-mail: amirjon-73@mail.ru, Tel. **+992 927614459.**
***Alimova Mohira Abdukhakimovna*** - State educational institution “Khujand State University named after B. Gafurov”, teacher of the Department of General Chemistry and its teaching. Tel.: **+992 9*27016016.***
***Sharipov Tolibdzhon Abdukhaevich*** - State educational institution “Khujand State University named after B. Gafurov”, Master of the Department of General Chemistry and its Teaching Tel.: **+992 9*29998465.***

**УДК:372.3/4 (575.3)**

# МОҲИЯТ ВА МУҲТАВОИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИИ ТОМАКТАБӢ

***Каримова М.С.***
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ҳамчун марҳилаи аввали низоми таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тайёр кардани кӯдакон барои таълиму тарбия дар мактаби ибтидоӣ нақши муҳим доранд. Фаъолияти муассисаҳои томактабӣ бо вазъи кунунии иҷтимоию иқтисодӣ, таҷдиди усулҳои башардӯстона, ҳувияти фарҳангӣ, ки ба назар гирифтани ҳадди аксари вижагиҳои психофизиологии ташаккули кӯдакони синни томактабӣ, фароҳам овардани шароити зарурирo мусоидат мекунад, ки ба рушди самаранок ва пурраи кӯдак, таълиму тарбияи муваффақонаи ӯ дар фазою муҳити мактаб мусоидат мекунанд. Бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати ташкили муассисаҳои томактабии нав (марказҳои шахсии кӯдакон, кӯдакистонҳо, гурӯҳҳо, синфҳо барои тайёр кардани кӯдакон ба мактаб) бо назардошти ниёзҳои волидон ва вазифаҳои тарбияи фарзанд ба мактаб афзоиш ёфт [7].

Навсозӣ ва ислоҳоти сифатии низоми таълим ва тарбияи томактабӣ дар ҷумҳурӣ дар санадҳои меъёрии қабулкардаи Ҳукумати кишвар инъикос ёфтааст: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (2004), Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2002), «Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2006), Қонуни ҶТ "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" (2011), Консепсияи рушди таҳсилоти томактабӣ (1993), Барномаи давлатии рушди низоми таҳсилоти томактабӣ дар давраи солҳои 2006-2010 (2005) ва дигар дастуру санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.

Таҳлили ҳолат ва такмили низоми муассисаҳои томактабии кишвар нишон медиҳад, ки дар марҳилаи ҳозира дар самти ташкили корҳои тарбиявӣ, такмили таъминоти методӣ, маблағгузорӣ ва мудирияти муассисаҳои томактабӣ тағйироти куллии мусбат ба назар мерасанд. Ҷомеаи илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, воҳидҳои сохтории он ва ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо дарназардошти шароити нави иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ-таърихӣ оид ба таҳияи назария ва амалияи таҳсилоти томактабӣ корҳои илмӣ ва илмию методӣ анҷом медиҳанд (М.Лутфуллоев, Каримова И.Х., Шарифзода Ф., Маҷидова Б., Иззатова М., Юлдошева Ҷ. ва ғайра).

Аммо, шароити таърихӣ ва асосҳои назариявии ташаккул ва рушди муассисаҳои таҳсилотии томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккули асосҳои ташкилию методологии корҳои тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсилотии томактабии кишвар, масъалаҳои усулҳои мудирияти онҳо дар қарина ва пасманзари ташаккул ва рушди муассисаҳои таҳсилотии томактабӣ ҳанӯз мавзӯи тадқиқоти махсуси илмӣ набуданд. Таҳлили адабиёти таърихӣ ва педагогӣ нишон медиҳад, ки дар давраи пеш аз инқилоб дар Тоҷикистон низоми муассисаҳои таҳсилотии томактабӣ бо сабаби рушди иҷтимоию иқтисодии Осиёи Марказӣ ақиб монда буд, зеро занон ба корҳои истеҳсолӣ ва ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷомеа ҷалб нашуда буданд [7].

Низоми нисбатан босуръати тараққикардаистодаи таълиму тарбияи томактабӣ аз охири солҳои 20-ум то оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941), вақте аввалин кӯдакистонҳо - парваришгоҳҳо, кӯдакистонҳо, майдончаҳои мавсимии тобистона ташаккул ёфтанд.

Марҳилаи дувум, ки ба рушди босамари низоми таҳсилотии томактабӣ саҳм мегузорад, солҳои 50-ум ва охири солҳои 80-уми асри XIX-ро дар бар мегирад. Мувофиқи қабули қарорҳои Шӯрои Вазирони ИҶШС ва КММ як қатор ҳуҷҷатҳои барномавӣ оид ба зиёд кардани шумораи муассисаҳои таҳсилотии томактабӣ, хусусан дар деҳот, ҳуҷҷатҳои барномавӣ-методӣ оид ба беҳтар кардани таълиму тарбия ва хизматрасонии тиббӣ таҳия карда шуданд [8,с.128]. Дар натиҷаи чораҳои андешидашуда фарогирии васеи кӯдакони синни томактабӣ дар муассисаҳои ягонаи томактабӣ, мактаб-парваришгоҳҳо,

парваришгоҳҳои мавсимӣ ва доимӣ, кӯдакистонҳо дар деҳа, майдончаҳо, муассисаҳои томактабии идоравӣ ва ғайра таъмин карда шуданд. Омӯзиши таҷрибаи ташкили намудҳои таърихии муассисаҳои томактабӣ метавонад як дастури муҳим барои замонавӣ сохтани низоми муассисаҳои томактабӣ бошад.

Таҳлили таърихнигорӣ ва таърихӣ-педагогии дараҷаи таҳияи проблемаи таҳқиқоти мо имкон медиҳад, ки чор гурӯҳи асарҳоеро ҷудо намоем, ки паҳлуҳои гуногуни ташаккул ва рушди муассисаҳои таҳсилотии томактабиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 20-уми асри гузашта то замони муосир) дар бар мегиранд.

Асарҳои гурӯҳи аввал ҷараёни ташаккул ва рушди таҳсилоти томактабӣ дар Аврупо ва Россияро инъикос мекунанд, ки дар натиҷаи он китобҳои дарсӣ оид ба таърихи педагогикаи томактабӣ барои донишҷӯёни факултаҳои томактабии донишкадаҳои педагогӣ тартиб дода шудаанд (М.Ф. Шабаева, И.В. Чувашев, В.А. Ротенберг, Н.Б. Мчедлидзе, Л.И. Красногорская, Л.Н. Литвин ва ғайра).

Гурӯҳи дувум иборат аз тадқиқоту таълифот дар бораи ташаккул ва рушди ғояҳои педагогии халқи тоҷик дар асоси таҳлили андешаҳои классикони адабиёти форсу тоҷик дар таълиму тарбияи фарзанд аз хурдсолӣ (М. Орифов, Б. Раҳимов, Х. Афзалов, Г. Нуриддинов, М. Сангинова, Ғафурова Д. ва дигарон).

Асарҳои гурӯҳи сеюм рушди маорифи давлатӣ ва низоми таҳсилоти томактабиро дар ҷанбаи таърихӣ ҳамчун омили рушди фарҳанги таҳсилотӣ дар давраҳои мухталифи ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ-сиёсии халқи тоҷик нишон медиҳанд (Шукуров М.Р., Эркаев И., Бозорбоева М.М., Каримов О.Б., Пулодов Т., Неъматуллоев Н., Абдуллоев С., Абдуллоев М.Х. ва дигарон).

Гурӯҳи чоруми таҳқиқот дар соҳаи рушди таърихӣ ва педагогии таҳсилот маориф, аз ҷумла низоми таҳсилоти томактабӣ, аз асарҳои Обидова И.О., Иззатова М.И., Сабурова С.М., Иматова Л.М., Юлдошева Ҷ. ва ғайра иборат аст.

Гурӯҳи панҷум аз таҳқиқоти минтақавӣ иборат аст, ки дар байни онҳо корҳои назаррас оид ба рушди таълими томактабӣ дар Қирғизистон (М.Р. Разимова), Озарбойҷон (А.Кадилетеков), Ӯзбекистон (М.И. Ишанхоҷаев), Украина (С.Б. Батлин), Тоҷикистон (О.Б. Каримова) ва дигарон анҷом дода шудаанд.

Дар Тоҷикистон чунин тадқиқотҳо дар самти минтақавӣ оид ба рушди таълими давлатӣ ва таҳсилоти томактабӣ гузаронида шудаанд: дар ВМКБ (Додхудоева Н., Давлаткадамов Р.), дар вилояти Хатлон (Ҳ. Сангов, М.И. Иззатова, Юлдошева Ҷ.), дар минтақаҳои шимолӣ (Обидова М.И.) ва дигарон.

Қонуни қабулшудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (1993) ва татбиқи он дар тамоми қисматҳои соҳаи маорифу таҳсилот таҳия ва татбиқи муқаррарот ва оинномаи муассисаҳои томактабии мавҷударо тақозо мекунад. Мутобиқи моддаи 28 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", пас аз муҳокимаи васеи ҳайати кормандони муассисаҳои томактабӣ, падару модарон, муаллимони синфҳои ибтидоӣ, мудирони шуъбаҳои маориф ва ҷомеа, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 октябри соли 1995, №627 "Низомнома дар бораи муассисаҳои томактабӣ"-ро қабул кард. Дар ин санад вазифаҳои асосии муассисаҳои томактабии ҷумҳурӣ, вобаста аз намуди онҳо, муайян карда шудаанд. Тартиби таъсис, ташкил ва барҳамдиҳии муассисаҳои таҳсилотии томактабӣ тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", вижагиҳои кору фаъолияти муассисаҳои томактабӣ амалӣ карда шуд. Қоидаҳои қабули кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ, гурӯҳҳои ҷалбкунанда бо дарназардошти синну соли кӯдакон, фаъолияти молиявию иқтисодӣ, роҳбарият ва роҳбарони шӯъбаҳои маориф, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои кормандон, падару модарон ва кӯдакон муайян карда шуданд.

Соли 1999 Низомнома дар бораи намудҳои нави муассисаҳои томактабӣ таҳия карда шуд, ки дар натиҷа шабакаи муассисаҳои алтернативии таҳсилотии томактабӣ васеъ гардид: оилавӣ, хусусӣ, кӯдакистон, мактаб ва марказҳои кӯдакон, ки ба фарогирии васеи кӯдакон ба омӯзишу парвариши томактабӣ, омодагӣ ба тайёрии мактабро фаро мегирад.

Зимни таҳияи Низомнома дар бораи намудҳои нави муассисаҳои томактабӣ талаботи моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” ба инобат гирифта шуд. Дар он гуфта мешавад, ки муассисаҳои таҳсилотии ғайридавлатӣ, аз ҷумла муассисаҳои хусусӣ, бо қарори шӯрои муассисон (шӯрои парасторон) бо ташаббуси шахсӣ (шахсони воқеӣ) ё дигар мақомоти салоҳиятдор супурда мешаванд, ки тибқи тартиби муқарраршуда аз қайди давлатӣ гузаранд.

Минбаъд, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 1999, №478 ба "Низомнома дар бораи муассисаҳои томактабӣ" тағйироти иловагӣ ворид карда шуд. Аммо, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар айни замон шабакаи муассисаҳои таҳсилотии

томактабии ғайридавлатӣ он қадар рушд накардааст. Ба назари мо, вазъ бо номутобиқатии ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, ташкилӣ, методологӣ ва иқтисодию молиявӣ, набудани асосҳои гуногуни барномавӣ ва методологии ҷараёни таълим дар муассисаҳои томактабӣ, набудани рақобатпазирии намудҳои нави муассисаҳои томактабӣ, санҷишҳои беасос ва носолими мақомоти маҳаллӣ ва набудани баъзе имтиёзҳо ва дигар омилҳое, ки ба рушди муассисаҳои оилавӣ ва муассисаҳои хусусии томактабӣ монеъ мешаванд.

**АДАБИЁТ**


1. Аванесова В.Н. Воспитание и обучение детей в разновозрастной группе / В.Н. Аванесова. -М.: Просвещение, 1979. -176 с.
2. Буре Р.С. Воспитатель и дети / Р.С. Буре, И.Ф. Островская. -М.: Просвещение, 1985. – 142 с.
3. Буре Р.С. Нравственное воспитание детей на занятиях в детском саду / Р.С. Буре. -М., 1982. -47 с.
4. Волкова В.А. Создание системы мониторинга как средства управления / В.А. Волкова // Управление дошкольным образовательным учреждением. - 2014. -№3. -С.43-47.
5. Выготский Л.С. Воображение и творчество в детском возрасте / Л.С. Выготский. -СПб.: СОЮЗ, 1997. -91 с.
6. Выготский Л.С. Лекции по педологии 1933-34гг. / Л.С. Выготский. -Ижевск: Изд-во Удмуртского университета, 1996. -295 с.
7. Иззатова М.И.Становление и развитие дошкольных образовательных учреждений в Таджикистане (1924-2004 гг): автореф.докт.пед.наук / М.И. Иззатова. -Душанбе, 2014. -48 с.
8. Колодяжная Т.П. Управление современным дошкольным образовательным учреждением: практическое пособие для руководителей ДОУ, студентов пед. учеб. заведений, слушателей ИПК Часть 2 / Т.П. Колодяжная. -Ростов-н/Д.: Изд-во Учитель, 2012. -224 с.
9. Маджидова Б.Народные традиции и обычаи как средство формирования нравственных качеств детей в семье: автореф.докт.пед.наук / Б. Маджидова. -Душанбе, 2004. -46 с.
10. Построение развивающей среды в дошкольном учреждении / В.А. Петровский, Л.А. Кларина, Л.А. Смывина, Л.П. Стрелкова // Научно-методическое объединение «Творческая педагогика». -М.: Новая школа, 1993.-102 с.
11. Рыбалова И.А. Мониторинг качества образования и управленческая команда в ДОУ [Текст] / И.А. Рыбалова // Управление дошкольным образовательным учреждением. - 2015. -№4. -С.10-23.
12. Юлдошева Дж.Ю. Организация и функционирование системы дошкольных воспитательно-образовательных учреждений в Хатлонской области Республики Таджикистан: автореф.канд.пед.наук / Дж.Ю. Юлдошева. -Кургантюбе, 2011. -26 с.


## МОҲИЯТ ВА МУҲТАВОИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИИ ТОМАКТАБӢ


Дар мақола вижагиҳои вобаста ба моҳият ва муҳавои муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ба риштаи тадқиқ ккашида шудаанд. Ба андешаи муаллиф, муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ҳамчун марҳилаи аввали низоми таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тайёр кардани кӯдакон барои таълиму тарбия дар мактаби ибтидоӣ нақши муҳим доранд. Фаъолияти муассисаҳои томактабӣ бо вазъи кунунии иҷтимоию иқтисодӣ, таҷдиди усулҳои башардӯстона, ҳувияти фарҳангӣ, ки ба назар гирифтани ҳадди аксари вижагиҳои психофизиологии ташаккули кӯдакони синни томактабӣ, фароҳам овардани шароити заруриро мусоидат мекунад, ки ба рушди самаранок ва пурраи кӯдак, таълиму тарбияи муваффақонаи ӯ дар фазою муҳити мактаб мусоидат мекунанд. Бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати ташкили муассисаҳои томактабии нав (марказҳои шахсии кӯдакон, кӯдакистонҳо, гурӯҳҳо, синфҳо барои тайёр кардани кӯдакон ба мактаб) бо дарназардошти ниёзҳои волидон ва вазифаҳои тарбияи фарзанд ба мактаб афзоиш ёфт. Андешаҳояшро ҷамъбаст карда, муаллиф хулоса менамояд, ки вазъ бо номутобиқатии ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, ташкилӣ, методологӣ ва иқтисодию молиявӣ, набудани асосҳои гуногуни барномавӣ ва методологии ҷараёни таълим дар муассисаҳои томактабӣ, набудани рақобатпазирии намудҳои нави муассисаҳои томактабӣ, санҷишҳои беасос ва носолими мақомоти маҳаллӣ ва набудани баъзе имтиёзҳо ва дигар омилҳое, ки ба рушди муассисаҳои оилавӣ ва муассисаҳои хусусии томактабӣ монеъ мешаванд.



**Калидвожаҳо:** идоракунӣ, муассисаи таҳсилоти томактабӣ, рақобат, имтиёзҳо, омилҳо, муассисаҳои хусусии томактабӣ, рушди муассисаҳо, вазъият, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, мақомоти маҳаллӣ, фазо ва муҳити муассиса, муассисаҳои оилавӣ.


## СУЩНОСТЬ И СОДЕРЖАНИЕ ДОШКОЛЬНЫХ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ


В статье исследуются особенности характера и содержания дошкольных образовательных учреждений. По мнению автора, дошкольное образование как первый этап общеобразовательной системы в Республике Таджикистан играет важную роль в подготовке детей к начальному образованию. Деятельность дошкольных учреждений с учетом сложившейся социально-экономической ситуации, возрождение гуманитарных методов и культурной самобытности с учетом максимальных психофизиологических особенностей формирования детей дошкольного возраста создают необходимые условия для эффективного и полноценного развития ребенка, его успешного воспитания и развития. После обретения независимости Республики Таджикистан возникла необходимость создания новых дошкольных учреждений (частных детских центров, детских садов, групп, классов для подготовки детей к школе) с учетом потребностей родителей и задачи воспитания детей в школе. Обобщая свои взгляды, автор приходит к выводу, что ситуация несовместима с нормативными, организационными, методическими и экономико-финансовыми документами, отсутствием различных программных и методологических основ образовательного процесса в дошкольных учреждениях, недостаточной конкурентоспособностью новых типов дошкольных учреждений, необоснованными и нездоровыми проверками местных органов власти, некоторые льготы и другие факторы, препятствующие развитию семейных и частных дошкольных учреждений.

**Ключевые слова:** управление, дошкольное образование, конкуренция, льготы, факторы, частные дошкольные учреждения, развитие предпринимательства, ситуация, нормативные документы, местная власть, пространство и среда, семейные учреждения.

**THE NATURE AND CONTENT OF PRESCHOOL EDUCATIONAL INSTITUTIONS**

The article explores the features of the nature and content of preschool educational institutions. According to the author, preschool education as the first stage of the general educational system in the Republic of Tajikistan plays an important role in preparing children for primary education. The activities of preschool institutions, taking into account the current socio-economic situation, the revival of humanitarian methods and cultural identities, taking into account the maximum psychophysiological characteristics of the formation of preschool children, create the necessary conditions for the effective and full development of the child, his successful upbringing and development. After independence of the Republic of Tajikistan, it became necessary to create new preschool institutions (private kindergartens, kindergartens, groups, classes for preparing children for school), taking into account the needs of parents and the task of raising children at school. Summarizing his views, the author comes to the conclusion that the situation is incompatible with regulatory, organizational, methodological and economic-financial documents, the lack of various program and methodological foundations of the educational process in preschool institutions, the lack of competitiveness of new types of preschool institutions, unreasonable and unhealthy checks of local authorities . some benefits and other factors hindering the development of family and private preschool institutions.

**Key words:** management, preschool education, competition, benefits, factors, private preschool institutions, business development, situation, regulatory documents, local authorities, space and environment, family institutions.

**Сведения об авторе:** ***Каримова Махбуба Самариддиновна*** –Таджикский технологический университет, преподаватель. **Адрес:** 734061, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Карабаева 63/3. Телефон: **988-26-35-35**

**Information about the author:** ***Karimova Makhbuba Samariddinovna*** **–**Tajik Technological University, teacher. **Address:** 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 63/3 Karabaev street. Phone: **988-26-35-35**

**УДК:372.8(575.3)**

# ЗАРУРАТИ ТАЛАБОТ БА ХУДИНКИШОФДИҲӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТИ ХОНАНДАГОН ДАР МУҲИТИ КОРҲОИ ТАРБИЯВӢ

***Азизова П.У.***
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Яке аз вазифаҳои асосии низоми маълумоти умумӣ аз лаҳзаи пайдошавии он иҷтимоисозии ҷавонон дар доираи таъмини худмуайянкунии касбӣ ва омодасозӣ ба навъи интихобшудаи фаъолияти меҳнатӣ мебошад. Тарзи истеҳсолот, тарзи ҳаёт ва тағйирёбии онҳо ногузир ба таҷдиди талаботҳое, ки ҳаёт ба иҷрокунанда изҳор мекунад, оварда мерасонад. Аммо ташаккули шахсият дар алоқамандӣ бо истеҳсолот на танҳо донишу малакаҳоро талаб менамояд, балки ҳар як шахс дар бораи он меъёру қоидаҳо ҳаёти иҷтимоии ӯ, яъне иҷрои меъёру қоидаҳои ахлоқӣ, меҳнатӣ, эстетикӣ, сиёсӣ ва ғайраро ба танзим медароранд, бояд тасаввуроти муайян дошта бошад.

Мушаххассозӣ ва муайянкунии моҳияти талаботи шахсият ба худинкишофдиҳӣ, пеш аз ҳама, таърифи худи мафҳуми «инкишоф»-ро талаб менамояд. Аз таҳлилҳои адабиёти илмӣ бармеояд, ки то ҳол таърифи ягонаи ин категория мавҷуд нест, ҳарчанде ки илми муосир дар умум моил ба он аст, ки инкишоф ягонагии диалектикии дигаргуншавии прогрессивӣ ва регрессивӣ мебошад. Дар бораи инкишоф сухан ронда, қайд кардан муҳим аст, ки мо бояд тағйиротҳоеро, ки тавассути амали ягон омил ба вуҷуд омадаанд, аз тағйиротҳое, ки бо зарурати берунӣ ва дохилӣ асоснок гардида, бо мурури замон ба сифати субъекти иҷтимоӣ ва мустаҳкамкунии аломатҳои нави шахсият оварда мерасонанд, фарқ кунем.

Суоли матраҳ он аст, ки сабабҳои пайдоиш ва механизмҳои ташаккули сифатҳои муҳимми иҷтимоӣ, аз ҷумла, талабот ба худинкишофдиҳӣ, яъне омӯзиши омилҳои беруна ва дохилии он, ки тағйиротҳои барои мо зарурро муайян мекунанд, кадомҳоянд? Ба сифати системаи инкишофёбандаи инсон, мо дар умум, бо С.А. Смирнов ҳамақидаем. Ӯ инкишофи инсонро «чун азхудкунии иқтидори имкониятҳои дохилӣ, инфиродӣ-психологӣ, берунӣ, умумибашарӣ муайян менамояд» [1,с.104] ва муҳим он аст, ки муаллиф дар ин таъриф дар ҷараёни инкишофи шахсият ба субъективияти шахсият диққати махсус медиҳад.

Мувофиқи шарҳи сотсиогенетикии онтогенез кӯдак иттилоотро дар бораи арзишҳои иҷтимоӣ, дар бораи технологияи рафтори нақшӣ, дар бораи моҳияти мавқеъҳои иҷтимоӣ ва ғайраҳо мегирад ва аз худ мекунад. Мавҷудият ва тавофути хусусиятҳои ирсии одамонро инкор накарда, тарафдорони консепсияи иҷтимоии мадании онтогенез ба он

назаранд, ки маҳз маданият он чизеро, ки дар генотип гузошта шудааст, муҳим мегардонад.

Аз мавқеи самтмуайянкунии шахсӣ инкишофи инсон ҷараёни фаъолнокии ирсии хоси инсонӣ мебошад ва диққат ба масъулияти шахсӣ барои ҷараён ва натиҷаи ин инкишоф равона гардидааст. Ин муносибат зимни баррасии моҳияту омилҳое, ки худинкишофдиҳии шахсияти насли наврас муайян мекунанд, муҳим аст. Аммо қайд кардан лозим аст, ки дар ӯ таҳлили вижагиҳои ҳамкориҳои муҳити иҷтимоӣ ва индивид дар ҷараёни инкишофи ӯ мавҷуд нест.

Консепсияи таърихӣ-таҳаввулотӣ норасоии умумии самтҳои дар боло ифодашударо бартараф месозад, зеро ҷудо намудани ягон ҷанбаи инкишоф ва эътирофи онро ба сифати омили асосии ин ҷараён инкор мекунад. Ба ибораи дигар, тарафдорони он онтогенезро чун ҷараёни дигаргунсозӣ ва таҷдиди таҷрибаи ҷамъиятӣ-таърихӣ, маданияти инсоният ва хосагиҳои худи ӯ баррасӣ менамоянд. Ба назари Г.Э. Хестенберг: "...инкишофи инсон дар консепсияи таърихӣ-таҳаввулотӣ чун ҷараёне муаррифӣ мегардад, ки бо мавҷудияти ҷамъиятии ӯ узван алоқаманд аст, вале бе фаъолнокии шахсии инсон дар азхудкунии ҳам навъ ва ҳам шаклҳои идеалии ҳастӣ, бе дарки олам ва худшиносӣ имконнопазир мебошад" [2,с.121]. Консепсияи дар боло номбаршуда ба дарки пурраи инкишофи шахсият равона мегардад, аммо суолҳое монанди кӣ ва чӣ тавр ҳамкориро таъмин менамояд, оё он ба интизориҳои иҷтимоӣ мувофиқ буда метавонад, инчунин, фард дар ин ҷараён фаъолнокии шахсиашро зоҳир хоҳад кард ё не, магар ин инкишофро идора карда метавонад ва, дар интиҳо, он ба куҷо равона мешавад, номаълум мемонанд.

Қайд кардан лозим аст, ки дар ин масъала А.Т. Маслоу ба муваффақияти бештаре ноил гашт. Ӯ талаботҳои фундаменталиро, ки барои ҳамаи одамон ҳатмӣ мебошад, ҷудо кард.

Муаллиф талаботҳои базавии физиологӣ (гуруснагӣ, ташнагӣ, хоб) ва психологӣ (талабот ба бехатарӣ ва устуворӣ, ба муҳаббат, ба эътироф, ба ҳамдигарфаҳмӣ, худифодакунии эҳсосотӣ, талабот ба худмуҳимгардонӣ ва ғ.)-ро баррасӣ менамояд.

Ба назари олим "инсоният, ки мансуб ба инсон аст, бояд на танҳо дар истилоҳҳои ҳастӣ, балки дар истилоҳҳои ташаккул низ муайян гардад.

Д. Мак Кледланд талаботи муҳимтареро аз байни "талаботи дуюмдараҷа" ҷудо кард. Чунки онҳо зимни қонеъгардонии талаботи базавӣ муҳим мегарданд. Олим талаботи зерин муҳим меҳисобад: талабот ба дастовард, таъсир, ҳамшарикӣ ва ғайраро меҳисобад Мавҷудияти онҳо ба татбиқи талабот ба худинкишофдиҳии инсон мусоидат мекунанд. К.Алдерфер се гурӯҳи талаботро ҷудо менамояд: талаботи ҳастӣ (физиологӣ ва бехатарӣ); талаботи иҷтимоӣ, ки талабот ба муошироти мансубият ба гурӯҳ ва эҳтиромро дар бар мегирад; талабот ба рушди шахсӣ (ба татбиқи хусусиятҳои инфиродӣ, ки ба азхудкунии донишҳои нав алоқаманданд). Аммо муаллифи мазкур қайд накардааст, ки чаро талаботҳо пайдо мешаванд.

А.В. Меренков ба консепсияи таърихӣ-таҳаввулотӣ такя карда, таъсири мукаммали омилҳои табиӣ ва иҷтимоӣ-маданиро ба рафтори инсон нишон медиҳад [4].

Маҳз бархӯрди ин ду навъи зарурат роҳи ҳаёти ҳар як шахсро муайян карда, амалигардонии онҳо фаъолияти шахсиятро муқаррар месозанд. Ба назари А.В. Меренков, бархурди мазкур ба он сабаб рӯй медиҳад, ки инсон махлуқи биологӣ буда, генотипи ӯ сохтҳоеро дар бар мегирад, ки аз наслҳои сершумори пешгузаштагон мерос мондаанд ва ба шахс имкон медиҳанд, ки дар ҳолатҳои муқаррарии ҳаёт ба таври муайян амал намоянд. Бинобар ин, монандии шароити ҳаёт рафтори мақсаднок ва ба ҳолатҳои гуногун мувофиқи одамонро муайян менамояд. Натиҷаи он ташаккули анъанаҳои муайяни фарҳангӣ мебошад. Тағйири шароити беруна дар якҷоягӣ ба саъю кӯшиши биологии ба инсон хоси таъмини ҳифзу идомадиҳии насл ба зарурати ҷустуҷӯи методи интихоби вариантҳои дигар имконпазири таассур ба таъсироти беруна оварда мерасонад. Ҳамин тариқ, зарурати беруна организмро ба фаъолнокии мунтазам водор менамояд, саъю кӯшиши дохилиро ба таъмини сатҳи мувофиқи амал ташаккул медиҳад. Беназирии талаботе, ки "фаъолнокии организми ба татбиқи зарурати дохилии мавҷуда равонашударо дар бар мегирад", ба вуҷуд меояд [5,с.13].

Дар ин асос, таҳлили назарҳои олимонро дар атрофи тавсифоти асосии ҳам худи талабот ба худинкишофдиҳӣ ва ҳам омилҳое, ки ба ташаккулу татбиқи он мусоидат мекунанд, зарур мешуморем.

Аз мавқеи А. Маслоу қонеъгардонии пайдарпайии талаботи ҳар қадар баландтар меъёри рушди психологии шахсияти солим мебошад. Он ба талаботи базавӣ мансуб буда, "инсон ҳис мекунад, ки ӯ бояд ба табиати худ мувофиқ бошад", дар хусуси ҳаракати

талабот ба самти худмуҳимгардонӣ сухан ронад, майли инсонро ба худтаҷассумсозӣ, ба муҳимгардонии иқтидорҳои дар ӯ гузошташуда, ба худинкишофдиҳӣ ба назар гирад. Ба назари А. Маслоу шахсияти худогоҳ ба худташкилдиҳӣ ва рушди пурратари имкониятҳои нодири худ майл дорад ва баръакси одами муқаррарӣ, ки ба татбиқи талаботи базавии худ, ки ҳанӯз ба таври кофӣ қонеъ нагардидаанд, мекӯшад чунки талаботи базавиро қабул кардаанд, инчунин, қобилияти дарки оламу худро дошта, худро чун субъекти мунтазам тағйирёбанда нишон медиҳад. Аммо олим ба хулосае меояд, ки "шахси худогоҳро аз шахси муқаррарӣ на фарқияти миқдорӣ, балки фарқияти сифатӣ ҷудо мекунад ва ин фарқият чунон ҷиддист, ки дар бораи ду навъи психологияи инфиродӣ сухан рондан мумкин аст [3,с.86].

Бояд қайд кард, ки донишмандон дар адабиёти педагогӣ кушиш намуда истодаанд, ки вариантҳои махсуси таълимӣ (таълиму тарбия)-ро ёбанд. Ин вариантҳо ба шахсият ба пурратар ошкор сохтани иқтидори худ ва татбиқи сифатҳои инфиродӣ имкон медиҳанд. Педагогҳо бар он назаранд, ки ҷомеа бояд дар тарбияи насли наврас фаъолона иштирок кунад, иҷтимоисозии бомуваффақият ба сифати меъёри асосии самаранокии мақсаднокӣ инкишоф ва худинкишофдиҳии шахсияти инсон фаҳмида мешавад. Умуман, педагогҳо вазифаи асосии худро дар ҷалби хонандагон ба меъёрҳои фарҳанг дар асоси талабот ба худинкишофдиҳӣ ва худтатбиқкунӣ мебинанд.

Ғояҳои психологияи гуманистии А. Маслоуро педагогҳои муосири рус дар як қатор системаҳои таълиму тарбия бо нигаронӣ ба худинкишофдиҳии шахсияти хонандагон инъикос кардаанд. Масалан, Поляков С.Д. ва ҳамкорони ӯ дар асоси ғояҳои А. Маслоу ва як гурӯҳ олимони педагоги рус (С.В. Бондаревская, О.С. Газмон, А.В. Мидрин ва диг.) модели тарбияи ба шахсият нигаронидашударо коркард намуданд ва барои муайян кардани ғояҳои муосири тарбия на тавассути шаклҳои анъанавии арзишҳои ахлоқӣ, эстетикӣ ва ғ. кӯшишҳои ҷиддӣ ба харҷ додаанд. Мазмуни инкишофи инфиродии шахсиятро С.Д. Поляков дар чунин амалҳо мебинад:

- худшиносӣ (шинохтани худ чун субъекти фаъолияти таълимӣ ва шинохтани қобилиятҳои берунасзинфии шахсии худ бо истифодаи маводи таълимӣ);
- худмуайянкунӣ (интихоби мустақилона, бошууронаи мақсаду вазифаҳо, масъалаҳои таълимӣ ва шаклҳои корҳои таълимӣ);
- худтатбиқкунӣ (зуҳуроти иқтидори эҷодии худ дар масъалаҳои таълимӣ ва вазъиятҳои таълимӣ);
- инкишофи якҷоя (дарки худ чун сарчашма барои инкишофи дигарон) [5,с.13]. Онҳо ба дараҷаи муайян дар ҷараёни тарбиявӣ низ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Ба назари мо, дар ин модел наздикии он ба ҷараёни таълиму тарбия, ки зимни чунин муносибат воқеан таълимӣ ва тарбиявӣ мегардад, арзишнок мебошад, чунки хонандагон метавонанд маънои ҳамкориҳои худро бо педагогҳо фаҳмонад, дар онҳо на ашхосро, ки ҳақиқати маълумро бе алоқаи бевосита бо ҳаёти имрӯза изҳор менамоянд, балки ёрдамчиёнро низ мебинанд, ки дар инкишофи ҳаматарафаи онҳо манфиатдоранд.

Г.К. Селевко варианти технологияи худинкишофдиҳии шахсиятро дар ин самт пешниҳод намуд. Ба назари ӯ, "инсон на танҳо аз рӯи барномаи ирсии дар ӯ гузошташуда ва дар натиҷаи иҷтимоисозӣ ва таъсирҳои педагогӣ, балки вобаста ба таҷрибаву қобилиятҳои дар психикаи ӯ бовуҷудомада инкишоф меёбад" [6,с.41].

Ӯ худинкишофдиҳиро чун ҷараёни азхудкунии иттилоот ва таҷрибаи беруна, ки дар сатҳи рефлекторӣ, беихтиёрона, эҳсоси идоракунанда рӯй медиҳад, баррасӣ менамояд. Дар ин асос ӯ чунин меҳисобад, ки мустаҳкамкунии ҳиссиёти мусбӣ, ки онро мактаббача дар ҷараёни ҳамкорӣ бо муҳити атроф аз сар мегузаронад, омилҳои муҳимми тарбияи талабот дар худинкишофдиҳӣ мебошад. Ба назари ӯ эҳсосоти мусбат асоси инҳоянд: 1) ҳисси қобилият, қувва, ғалаба, муваффақият; 2) ҳисси ҷаззоби худ, диққат, эҳтиром ва мафтунӣ аз тарафи атрофиён; 3) ҳисси бехатарӣ, мустақимӣ, озодӣ [6,с.41].

Дар воқеъ, маҷмӯи таассуроти махсусро талабот ба худинкишофдиҳии шахсият таъмин менамояд. Ҳамзамон, олим мекӯшад, ки ҷараёни худинкишофдиҳиро аз ҷараёни худташкилдиҳӣ ҷудо кунад: "Худтакмилдиҳӣ ин худинкишофдиҳӣ буда, дар сатҳи шуур содир мегардад". Ин дар навбати худ, талаб мекунад, ки барои дуруст инъикос кардани таъсирҳои беруна аввал дар сатҳи рефлекторӣ ва баъд дар сатҳи рефлексивӣ ба мактаббача кумак расонида шавад.

Дар ин асос бояд қайд кард, ки олими мазкур ба дарси мафҳумҳои худинкишофдиҳӣ ва худтакмилдиҳӣ қадами устувор ба пеш гузошта, диққатро ба муҳим будани нақши иродаи шахсият дар ҷараёни тағйирёбии мақсадноки ӯ равона кардааст.

Инсон ҳам бошуурона ва ҳам бешуурона амал мекунад, Аммо худинкишофдиҳӣ бошад, ба истифодаи ақл амалӣ намегардад. Илова бар ин, таассуроти ҳиссӣ бе гузариш ба ҳолати нави фаъолият, вақте ки мақсадҳои бошуурона гузошташуда дуруст идора карда мешаванд, таъмин намегарданд.

А.В. Меренков кӯшид, ки низоми мукаммали ташаккули талаботи шахсиятро бо инкишоф ва худинкишофдиҳӣ чун ҷараён коркард намояд. Бинобар назари ӯ табиат ду тарзи рафтори шахсро ба вуҷуд овардааст [6].

Якум, бо кӯшиши таъмини татбиқи талаботи эстетикии инфиродии худ (худмуҳофизаткунӣ, нигоҳдории шароитҳои беҳтарини ҳаёт ва ғ.ҳ.к.) алоқаманд аст; Дуюм, ба татбиқи талаботи умумӣ нигаронида шудааст ва омодагии беихтиёронаи психологӣ ба ҳамкориҳо бо ашхоси ба худ монанд асоснок мегардад, зеро бе кумаки инҳо зинда мондан имкон надорад.

Инак, ӯ ду тарзи қонеъгардонии талаботи шахсиро тасдиқ мекунад: Ба худ тобеъ кардани ашхоси дигар ё татбиқ намудани манфиатҳои онҳо дар якҷоягӣ бо манфиатҳои худ дар доираи ҳамкорӣ. Пас, нишондоди мазкур ба ҳамкорӣ бо ашхоси дигар метавонад чун омили дохилӣ баррасӣ гардад ва тибқи он инсон аллакай дар овони кӯдакӣ меъёрҳои муайяни маданиро қабул мекунад.

Ба муқаррар гардидани алоқаҳои иҷтимоӣ, ки бо мурури замон инкишоф меёбад, моил будан ва дар натиҷаи ҳамкориҳои амалии кӯдак бо онҳое, ки намунаҳои рафтори меъёриро нишон медиҳанд, мазмуни мушаххас мегирад.

Ба назари олим се марҳилаи инкишофи шахсият дар ҷомеа ҷудо карда мешавад. Марҳалаи аввал бо он тавсиф меёбад, ки инсон асосан объекти ҷараёни таълиму тарбия мебошад. Рафтори ӯ бо чорчӯбаи берунӣ танзим мегардад, меъёрҳои рафтор бешуурона иҷро карда мешаванд ва ин бо майли табиӣ ба тақлидкорӣ ё тобеъкунӣ ё аз тарси ҷазогирӣ алоқаманд аст. Қолабҳои рафтор дар ҳолатҳои муайян, ки дар тӯли тамоми ҳаёти инсон такрор мешаванд, тадриҷан ташаккул меёбанд. Ин марҳиларо фардҳо ба сатҳи гуногуни ҷалб ба маданият мегузаранд. Қисми асосии одамон дар давоми тамоми ҳаёт дар ин сатҳ мемонанд.

Вақте шахсият худро ҳамчун субъекти инкишофи худ зоҳир менамояд, яъне инсон ба андозаи хусусиятҳои инфиродии манзалату норасоиҳои худро дарк мекунад, ба ӯ дуруст баҳо додан, ба худ, ба фаъолияти худ ва натиҷаҳои он, ба бошуурона ба танзим даровардану ислоҳ намудани рафтори худ, инчунин, ба мутобиқшавӣ ба шароити тағйирёбанда қобил аст. Дар ин сатҳи ташаккулёбии талабот ба худинкишофдиҳии одамоне қарор доранд, ки фаъолона ва мақсаднок меъёру қоидаҳои асосии дар ҷомеа қабулшудаи ҳамкориҳо бо олами табиӣ ва иҷтимоиро риоя карда, қобилиятҳои худро татбиқ менамоянд.

Вижагии хоси марҳилаи сеюм, ба назари муҳаққиқ ба даст овардани чунин сатҳи зуҳурот қобилиятҳои шахсӣ мебошад, вақте ки онҳо омили такмили фаъолияти дигарон мегарданд. Шахсият ба субъекти инкишофи гурӯҳҳои гуногуни калон ва хурди иҷтимоӣ табдил меёбад. Чунин одамон хеле каманд, вале маҳз онҳо ба тамоми ҳаёти ҷомеа таъсир расонида, меъёрҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва зеҳниро муайян менамоянд.

Инак, талабот ба худинкишофдиҳӣ дар шахсият дар натиҷаи якҷоясозии махсуси зарурати беруна ва дохилӣ ташаккул меёбад. Худинкишофдиҳӣ метавонад тавассути системаи ангезаҳои дохилӣ бо зарурат ба худтатбиқсозӣ ва худсобиткунии шахсият ба вуҷуд ояд, вале дар худинкишофдиҳӣ зарурати беруна низ бояд амал кунад, ки зарурат дар он ифода ёфта ҷомеа аз фард зоҳир намудани фаъолнокии хешро дар ҳосил кардани донишу малакаҳои нав талаб мекунад [7,с.123]. Дар ҳолати аввали зарурат ба мустаҳкамкунии мунтазами беруна вуҷуд надорад, чунки талабот ба худинкишофдиҳӣ бисёр устувор аст.

Бинобар ин, на ҳама вақт шахсият пурра дарк мекунад, ки чӣ тавр майлу рағбати инфиродии ӯ ба худинкишофдиҳӣ тавассути худтатбиқкунӣ водор месозад.

Ҳамин тариқ, талабот ба худинкишофдиҳӣ дохилӣ буда, инсонро водор менамояд, ки фаъолнокӣ зоҳир кунад, мунтазам истеъдоду қобилиятҳои инфиродии хешро ошкор созад. Ошкорсозии қобилиятҳои худ ба фаъолияти муайян шарти муҳимтарини ташаккули талаботи мазкур ҳисоб меёбад.

Барои он ки шахсият сатҳи худтатбиқкуниро ба талаботе, ки ҷомеа ба фаъолият изҳор мекунад, муайян намояд, ӯ баъд аз азхудкунии ин меъёру қоидаҳо бояд аз шакли беихтиёронаи зоҳиркунии инфиродии худ ба амалигардонии бошуурона барои гирифтани натиҷаи дилхоҳ гузорад.

Пеш аз ташаккули тасаввуроти аникро дар бораи натиҷае, ки мактаббача онро зимни татбиқи истеъдоду қобилиятҳо бояд ба даст орад, талаб мекунад. Аз ин рӯ, бояд бо дастовардҳои пешгузоштагон дар он навъҳои фаъолият, ки ба қобилиятҳои ӯ мувофиқанд, шинос шавад. Дуюм, бояд ба ҳисоб гирифт, ки азхудкунии талаботи ба фаъолияти эҷодӣ изҳоршаванда ва ҳам ошкор сохтани қобилиятҳои худ тадриҷан ҷараён мегирад. Бинобар ин, зарурат ба ташкили корҳои тарбиявӣ доир ба татбиқи қобилиятҳои инфиродӣ ба вуҷуд меояд. Он метавонад ҳам ба шароити берунаи воридсозии шахсият ба фаъолияти мушаххас ва ҳам бо фаъолнокии ӯ таъмин гардад. Ин дар танзими бошууронаи амалҳое, ки ба ошкорсозии имкониятҳои табиӣ, ба ташаккули малакаҳои худташаккулдиҳии шахсият равона шудаанд, ифода меёбад.

Дар раванди тарбияв унсури дигари низоми худташаккулдиҳӣ бо ҷустуҷӯи тарзҳои муносиби ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ алоқаманд буда, низоми арзишҳои барои шахсият зарур оварда мерасонад. Мо он тарзҳои амалеро дар назар дорем, ки татбиқи талаботро дар худинкишофдиҳӣ дар асоси ошкор сохтани инфиродияти худ таъмин менамояд.

Ҳамин тавр, муҳити тарбиявӣ метавонад тарзҳои гуногуни ба даст овардани мақсадҳои гузошташударо пешниҳод намояд. Дар ин ҳолат, талабот ба худинкишофдиҳӣ ва тавассути интихоби он дар варианти ошкорсозии қобилиятҳои худ татбиқ мегардад, ки барои ӯ дар шароити муайяни тарбиявӣ муносибтар мебошад. Зинаи нав дар рушди талабот ба худинкишофдиҳӣ тадриҷан ба вуҷуд меояд, ки дар он ангезаҳои дохилӣ ва берунӣ якҷоя шуда, манфиатҳои шахсиятро муттаҳид менамоянд.

Унсурҳои дигари худташаккулдиҳӣ зоҳир кардани сифатҳои иродавии мактаббача ва дараҷаи ифодаёбии маҳорати мустақилона буда, зери назорат гирифтани амалҳое, ки ба инкишофи истеъдоду қобилиятҳои инфиродӣ равона шудаанд, алоқаманд аст. Таҷрибаҳо одамонеро нишон медиҳанд, ки дар соҳаи илм ё санъат қобилияти калон доранд, вале бинобар ба таври нокофӣ зоҳир намудани сифатҳои иродавӣ қобилиятҳои худро истифода бурда наметавонанд. Дар ин ҳолат талабот ба худинкишофдиҳӣ бояд бо сифатҳои дохилии психологӣ доир ба татбиқи инфиродияти худ дар ҷараёни корҳои тарбиявӣ ба мақсади такмилдиҳии ирода, таҳаммул, худназоратӣ бо ошкорсозии истеъдоду қобилиятҳо дар ин ҷараён мустаҳкам гардад.

Талабот ба худинкишофдиҳӣ аз натиҷаи амали талаботи дигар, ки худтатбиқкунӣ ном дорад, ибтидо мегирад. Амали ин талабот дар он зоҳир мегардад, ки инсон табиатан барои татбиқи ангезаҳои дохилии гуногун фаъолияти калон нишон медиҳад. Ӯ талаботҳои ба ӯ изҳоршударо на ба таври механикӣ такрор мекунад, балки бо ташаббусе пурра месозад, мазмуни фаъолияти умумӣ бо хусусиятҳои инфиродии танҳо ба ин шахсият хос илова мегардад. Бинобар ин, ҳар як инсон ба ин ё он дараҷа ба худинкишофдиҳӣ талабот дорад.

Дар ин асос хулоса баровардан мумкин аст, ки худинкишофдиҳӣ тағйироти мустақилона ташкилкардаи шахсият дар мақсадҳо, самтҳои арзишнок, донишҳо, нишондодҳо барои пурратар ошкор сохтани қобилиятҳои инфиродии худсобитсозии бомуваффақият дар ҷомеа мебошад.

Самаранокии инкишоф бошад, бо дараҷаи ба ин ҷараён воридсозии унсурҳои системаи инкишоф муайян мегардад. Ҳар қадаре ин хонанда барои азхудкунии меъёрҳои маданӣ бештар кӯшиш ба харҷ диҳад, натиҷаҳои ташаккули ӯ чун шахсият баландтар мегарданд.

Талабот ба худинкишофдиҳӣ ин низоми ангезаҳои фаъол ба ошкорсозии мунтазами имкониятҳои инфиродӣ, мутобиқшавӣ бо муваффақият ба тағйиротҳои олами атроф таҳлили ӯ зери таъсири зарурати берунӣ ва дохилӣ мебошад. Он ба сифати яке аз навъҳои гуногуни талаботи умумии шахсият ба такмили мунтазами шароити мавҷудияти худ татбиқи қобилиятҳои инфиродӣ хизмат мекунад.

Ташаккули талаботи мактаббачагон ба худинкишофдиҳӣ аз нуқтаи назари педагогӣ чун шакли махсуси ҳамкориҳои субъектҳои ҷараёни тарбиявӣ (муаллим ва хонандагон) баррасӣ мегардад. Бинобар ин, он дар ҳар як принсипи коркарди ҳавасмандӣ ба фаъолияти мустақилонаи тарбиявӣ тавсиф меёбад.

**АДАБИЁТ**


1. Танатова Д.К. Антропологический подход в социологии / Д.К. Танатова. – М., 2004. - С. 104-106.
2. Хенстенберг Г.Э. К ревизии человеческой природы //Это человек: антология. – М., 1995. – С. 221-224.
3. Маслоу А.Г. Мотивация и личность. – Спб.: Евроазия, 1999. – С. 77-86.
4. Меренков А.В. Человек: взаимосвязь природного и социокультурного. Екатеринбург, 2007. Гл.2.

5. Поляков С.Д. Управление развитием индивидуальности личности в учебном процессе / С.Д. Поляков [и другие] //Библиотека журнала «Директор школы», 1999. - №3. – С. 13.
6. Селевко Г.К. Современная российская гимназия в системе полного среднего образования (теория и практические рекомендации) / Г.К. Селевко // Завуч. Управление современной школой. – 2006. -№7. -С 41.
7. Азизова П.У. Талабот ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи худинкишофдиҳии шахсияти хонандагони синфҳои болоӣ / П.У. Азизова // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии вилоятӣ «Занон ва рушди илми муосир». –Бохтар, 2019. -С. 123-126

## ЗАРУРАТИ ТАЛАБОТ БА ХУДИНКИШОФДИҲӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТИ ХОНАНДАГОН ДАР МУҲИТИ КОРҲОИ ТАРБИЯВӢ

Муаллиф дар мақола ба таҳқиқотҳои ватанию хориҷӣ такя намуда, кӯшиш кардааст, ки зарурати талабот ба худинкишофдиҳиро яке аз омили асосии ташаккули шахсияти хонандагон дар фазои корҳои тарбиявӣ нишон диҳад. Талабот ба худинкишофдиҳӣ дар шахсият дар натиҷаи якҷоясозии махсуси зарурати беруна ва дохилӣ ташаккул меёбад. Худинкишофдиҳӣ метавонад тавассути системаи ангезаҳои дохилӣ, ки бо зарурат ба худтатбиқсозӣ ва худсобиткунии шахсият алоқаманд аст, ба вуҷуд ояд. Аммо дар худинкишофдиҳӣ зарурати беруна низ бояд амал кунад, ки зарурат дар он чунин ифода меёбад, ки ҷомеа аз фард зоҳир намудани фаъолнокии хешро дар ҳосил кардани донишу малакаҳои нав талаб менамояд. Дар ҳолати аввала зарурат ба мустаҳкамкунии мунтазами беруна вуҷуд надорад, чунки талабот ба худинкишофдиҳӣ хело устувор аст. Ба андешаи муаллиф худинкишофдиҳӣ тағйироти мустақилона ташкилкардаи шахсият дар мақсадҳо, самтҳои арзишнок, донишҳо, нишондодҳо барои пурратар ошкор сохтани қобилиятҳои инфиродии худсобитсозии бомуваффақият дар ҷомеа мебошад. Ташаккули талаботи хонандагон ба худинкишофдиҳӣ аз нуқтаи назари педагогӣ чун шакли махсуси ҳамкориҳои субъектҳои ҷараёни тарбиявӣ (муаллим ва хонандагон) баррасӣ мегардад. Бинобар ин, он дар ҳар як принсипи коркарди ҳавасмандӣ ба фаъолияти мустақилонаи тарбиявӣ тавсиф меёбад.

**Калидвожаҳо:** худинкишофдиҳӣ, шахсият, ҷомеа, педагогӣ, хонанда, инфиродӣ, ташаккул, таълим, тарбия, мустақилият, таъсир, ҷараёни берунӣ, дарунӣ. талабот.

## ВАЖНОСТЬ ТРЕБОВАНИЙ НА САМОРАЗВИТИЕ КАК ФАКТОР ФОРМИРОВАНИЯ ЛИЧНОСТИ УЧАЩИХСЯ В ВОСПИТАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ

Автор в своей статье делая упор на отечественные и зарубежные исследования, постарался показать важность требования к саморазвитию как одного из основных факторов формирования личности учащихся на фоне воспитательных работ в школе.Требования к саморазвитию личности формируется в результате специального соединения внешних и внутренних потребностей Самаразвитие может формироваться посредством системы внутренних мотиваций, которые связаны с важностью самоопределения и самоутверждения личности. Но в саморазвитии должна функционировать и внешняя потребность, в которой потребность выражается так, чтобы общество требовало от индивида проявления своей активности в приобретении новых знаний и навыков. При первом обстоятельстве не существует внешнего постоянного укрепления, так как требования к саморазвитию очень устойчивы. По мнению автора, саморазвитие –это самостоятельно организованное личностью изменение в целях, ценностных ориентациях, знаниях, показателях для полного выявления индивидуальных способностей успешного самоутверждения в обществе. Формирование требований учащихся к саморазвитию с педагогической точки зрения рассматривается как специальная форма сотрудничества субъектов педагогического процесса (учитель и ученики). Поэтому, оно отражается в каждом приниципе разработки стимулирования к самостоятельной воспитательной деятельности.

**Ключевые слова:** саморазвитие, личность, общество, педагогический, учащийся, индивидуальный, формирование, учеба, воспитание, самостоятельность, влияние, внешнее и внутренее течение, требования.

## IMPORTANCE OF REQUIREMENTS FOR SELF-DEVELOPMENT AS A FACTOR OF FORMATION OF PERSONALITY OF STUDENTS IN THE EDUCATIONAL PROCESS

The author in his article, focusing on domestic and foreign studies, tried to show the importance of the requirement for self-development as one of the main factors in the formation of students' personality against the background of educational work in school. The requirements for personality self-development are formed as a result of a special combination of external and internal needs. Self-development can be formed through systems of internal motivation, which are associated with the importance of self-determination and self-affirmation of the individual. But in self-development, an external need must also function, in which the need is expressed so that society requires the individual to manifest his activity in acquiring new knowledge and skills. Under the first circumstance, there is no external permanent strengthening, since the requirements for self-development are very stable. According to the author, self-development is a self-organized change by a person in goals, value orientations, knowledge, indicators to fully identify the individual abilities of successful self-affirmation in society. The formation of students' requirements for self-development from a pedagogical point of view is considered as a special form of cooperation between the subjects of the pedagogical process (teacher and students). Therefore, it is reflected in each municipality of the development of incentives for independent educational activities.

**Key words:** self-development, personality, society, pedagogical, student, individual, formation, study, education, independence, influence, external and internal flow, requirements.

**Сведения об авторе:** ***Азизова Парвина Убайдуллоевна*** - Бохтарский государственный университет им.Носира Хусрава, преподаватель кафедры педагогики и психологии. Адрес: 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, улица Айни 67. Телефон: **911-05-67-05**

**Information about the author:** ***Azizova Parvina Ubaidulloevna*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, teacher of the Department of Pedagogy and Psychology. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bohtar, Aini Street 67. Phone: **911-05-67-05**

УДК:372.853 (575.3)

# ВАЗЪИ АМАЛИИ ТАШАККУЛИ ТАСАВВУРОТ РОҶЕЪ БА МЕТОДҲОИ МАЪРИФАТИ ИЛМӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ФИЗИКА ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Нурматова Ғ.Р.*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Дар баробари муассир будани нақши методҳои назариявӣ ва таҷрибавии омӯхтани физика зарур дониста мешавад, ки хонандагон бо методҳои умумиилмии маърифат низ шиносоӣ пайдо кунанд. Шинос кардани хонандагон ба методҳои маърифат бидуни корбурди амсиласозӣ, пешниҳоди фарзия, бе маҳорати зеҳнӣ ва усулҳои мантиқии ташаккулёфта имкон надорад. Агар донишҳо натиҷаи фаъолияти фикрии хонандагон бошанд ва хонандагон алоқамандии зуҳуроти омӯхташаванда ва мантиқи илмро дида тавонанд, дар раванди таълим ба масъалаи омӯхтани методҳои маърифати илмӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардан дорои аҳамият аст. Ҷойгоҳи муҳимро дар ин самт масъалаи ташаккули сифати тафаккур ишғол мекунад. Ин амалкард ба хонандагон имкон медиҳад, ки мустақилона ва муттасил навтарин ахборро аз худ намоянд ва ба ин васила қобилиятҳои худро тавсеа бахшанд. Ҳифз ва дар хотир нигоҳ доштани иттилоот ва донишҳои зарурӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки онҳо пас аз хатми муассисаи таълимӣ низ аз захоири зеҳнии хеш истифода бурда, аз рушди босуръати пешрафти илмию техникӣ қафо намонанд.

Ба хонандагон фаҳмонидани он ки мушоҳида ин идроки муназзам ва мақсадноки ин ё он объект мебошад, фаҳмиши методҳои маърифати илмиро осон мегардонад. Дилхоҳ мушоҳида бо интихоби объект ва мақсади мушоҳида аз ҷониби инсон оғоз мегардад. Вобаста ба ин, муқаррар карда мешавад, ки кай, чӣ қадар ва чӣ тавр ин объект мавриди мушоҳида қарор мегирад. Минбаъд бевосита худи мушоҳида сурат мегирад ва дар асоси маълумоти бадастомада хулосаҳо бароварда мешавад.

Хонандагонро бо нақшаи мушоҳида ба таври зайл шинос кардан мумкин аст:
- объектро барои мушоҳида интихоб намоед;
- мақсади мушоҳидаро таҳия намоед;
- барои мушоҳида шароит интихоб намоед ё шароити зарурӣ фароҳам оред;
- объектро мавриди мушоҳидаи бевосита қарор диҳед;
- мувофиқи мақсадҳои пешниҳодшуда хулоса бароред.

Минбаъд маҳорати мушоҳида намудан тавассути корҳои мустақилона дар дарс ва ба воситаи иҷрои супоришҳои хонагӣ мустаҳкам гардонида мешавад.

Масалан, ҷиҳати татбиқи методи маърифат роҷеъ ба мавзӯи ченкунӣ пешниҳод гардидани маълумоти зерин муфид ба назар мерасад: муқоисаи бузургии физикии додашуда бо баъзе қиматҳо ҳамчун эталон қабул шудааст. Ченкуниҳо имкон медиҳанд, ки қонунҳоро таҳия кунем, далелҳоро муқаррар ва кашф намоем.

Барои ин ба хонандагон чунин нақшаи ченкунӣ пешниҳод мегардад:
- муайян намоед, ки кадом бузургиро чен кардан лозим аст;
- барои ченкунӣ кадом асбоб зарур аст;
- имконият ва андозаҳои ченкунии асбоби интихобшударо муайян намоед;
- қимати тақсими нишондиҳандаҳоро ёбед;
- асбобро дуруст насб кунед;
- нишондиҳандаҳои асбобро қайд намоед;
- натиҷаҳои ченкуниро бо нишон додани ғалатҳо навишта гиред (+/-).

Методи дигар тавзеҳ мебошад, ки ҳамчун методи маърифат маълумоти қайдгардида аз мушоҳидаро тавассути қиматҳои дар илм қабулшуда шарҳ медиҳад. Арзиши тавзеҳ дар он аст, ки бо ёрии он ахбори ҳиссӣ, ки дар вақти мушоҳида ба даст омадааст, ба забони мафҳум, қонун, формула, ҷадвал, расм, нақша, схема гузаронида шуда, тавассути он ҳамон тавре шакл мегирад, ки барои коркарди самараноки минбаъда мусоид бошад. Эзоҳ як қатор методу усулҳои маърифатро дар бар мегирад, ки ба ҷустуҷӯ ва ёфтани нишона ва хосиятҳои объекти омӯзиш, аз ҷумла мушоҳида, ҷудо намудани хосиятҳо ва тартиб додани шарҳи он алоқаманд аст. Хонандагон нақшаи эзоҳи зуҳуроти физикиро бояд ба тарзи зерин нависанд:
- мушоҳида гузаронед;
- дар раванди мушоҳида аломатҳои асосии зуҳуротро ҷудо намоед;
- шароитеро муқаррар намоед, ки ин зуҳурот дар он пайдо мешавад;

- дар ин бора ҳикоя тартиб диҳед ва нақл кунед.

Минбаъд ҳангоми омӯхтани зуҳуроти физикӣ тавре нақл кардан лозим аст, ки хонандагон татбиқи нақшаи овардашударо дар амал дида тавонанд ва дарк намоянд, ки дурустии маводро чӣ тавр баррасӣ ва манзур кунанд.

Ҳамаи ин омилҳо мактаббачагонро одат мекунонад, ки маълумоти бадастовардаро самаранок идрок ва нақл карда тавонанд. Маҳорати эзоҳ додан, мушоҳидаи зуҳуроти физикӣ ва таҷрибаҳо барои аз худ намудани маводи фанни физика аз ҷониби хонандагон мусоидат мекунад [1; 2,с.49-53].

Инчунин, таҷрибаи шинос намудани хонандагони синфҳои 7-8 бо методҳои аналогия шарҳ дода шудаанд. Барои ворид намудани тасаввуроти ибтидоӣ дар бораи аналогия ҳамчун методи таҳқиқотӣ дар дарси синфи 7-ум барои фаҳмонидани тағйироти ҳаракати заррачаҳои броун аналогияи механикӣ бо тӯби калон таҳлил карда мешаванд. Ошкор мегардад, ки фаҳмиши хонандагон дар бораи сабабҳои тағйироти ҳаракати заррачаҳои броун тавассути методи аналогия ба вуҷуд омадааст, на дар натиҷаи мушоҳида ва таҷриба. Васеъ ва амиқгардонии тасаввуроти хонандагон дар бораи аналогия ҳамчун методи маърифати илмӣ дар оянда бо истифода аз як қатор усулҳои дидактикӣ ба амал меоянд:

*1. Намоиши вазифаҳои эзоҳотии аналогия дар таърихи физика.* Ҳангоми шинос намудани хонандагон бо ғояҳои М.В. Ломоносов дар бораи сохти модда, қайд кардан лозим аст, ки ин донишманд аз методи аналогия истифода бурда, ба саволи чаро ҳаракати гарми заррачаҳо ноаён аст? истифода бурдааст.

*2. Ба хонандагон нишон додани истифодаи аналогияҳо барои фаҳмидани моҳияти таҷрибаҳои бунёдӣ.* Ҳангоми ба хонандагони синфи 8-ум дар бораи таҷрибаҳои Резерфорд нақл кардан пешниҳод мегардад, ки чунин манзарарo тасаввур кунанд: девори ғафсиаш тахминан 13 см, ки аз гулулаҳои сурбии қутраш тақрибан 0,6 см иборатбуда бо заррaҳо парронда мешаванд, ки ниҳоят суръати баланд доранд. Масофаи миёнаи байни гулулаҳо тақрибан ба 6 м баробар аст. Фазои боқимонда бошад, дар девор бо пашшаҳо пур карда шудаанд (электронҳоро чунин тасаввур кардан мумкин аст), дар баробари ин, ба ҳар гулулаи сурбӣ тақрибан 60 пашша рост меояд.

Агар қувваи ҷозибаи гулулаҳо ва заррачаҳоро ба эътибор нагирем, дар асоси чунин аналогия фаҳмидан мумкин аст, ки чаро аксарияти $\alpha$-заррачаҳо тавассути фолга самти ҳаракати худро тағйир надода мегузаранд, танҳо баъзе аз онҳо аз самти ибтидоӣ каме берун мебароянд.

*3. Мурочиат ба таҷрибаи ҳаётии хонандагон.* Таҳлили натиҷаҳои таҷриба оид ба зиёд намудани ҳаҷми тӯби волейбол, ки зери зангӯлаҳои насоси ҳаводиҳӣ қарор дорад, ҳангоми ҳавопуркунӣ барои фаҳмонидани тасаввурот дар бораи ҳодисаи баҳамтаъсиррасонии чандири тӯб ва девор истифода бурда мешавад, ки тӯб аз девор ба қафо бармегардад, ҳамин хел баҳамтаъсиррасонии молекулаҳои газ ва девори зарф муодили он аст.

*4. Таҳияи амсилае, ки дар дарс ҳамчун таҷрибаи таълимӣ намоиш дода мешавад.* Кори мақсаднок ва муназзам оид ба шинос намудани хонандагон бо методҳои аналогия якҷоя бо истифодаи ислоҳи ғалатҳо дар фаъолияти маърифатии хонандагон тағйироти муайянро ба вуҷуд меорад. Хонандагон ба мустақилона мурочиат кардан ба методи аналогия оғоз карда, саволҳо таҳия менамоянд, мулоҳизарониҳои фарзиявӣ иброз медоранд. Ба сифати нишондоди ибтидоии назариявӣ, ки дар асоси он низоми шинос намудани хонандагон ба аналогия ҳамчун методи маърифати илмӣ сурат мегирад, пешниҳоди ғояи В.Г. Разумовский дар бораи пайдарпаии бунёди маводи таълимӣ, ки аз рӯи нақшаи далели появӣ – амсила, фарзия, қонун, натиҷа, санҷиши таҷрибавии натиҷа хизмат карда метавонад [3].

Мушаххасгардонии ҳамон як ҷузъи дуюми ин нақша дар рафти таълим самаранокии чунин муносибатро ба кушодани мундариҷаи маводи таълимӣ аз фанни физика ва шиносоии мактаббачагонро бо методҳои маърифати илмӣ собит намуд. Шартҳои дидактикии умумии шинос намудани хонандагон бо аналогия инҳо мебошанд:

а) «табиӣ» - дар робита ба маводи омӯхташаванда, ҷалб намудани аналогия;

б) ин методро ҳамчун мавзӯи муҳокима дар дарс қарор додан;

в) мутақид гардондани хонандагон дар истифодаи самараноки он;

г) ислоҳи истифодаи нодурусти методи аналогия аз ҷониби хонандагон;

д) ҳавасмандгардонии хонандагон барои истифодаи методи аналогия ҳамчун роҳи маърифати илмӣ [4].

Дар табиатшиносии муосир ба сифати методи умумии маърифат методи амсиласозӣ дар алоқаи зич бо аналогия васеъ истифода мегардад. Таҷрибаҳое мавҷуданд, ки дар зинаи ибтидоии таълими физика хонандагон бо ин метод шинос карда мешаванд.

Мактаббачагон бо мафҳуми амсила дар синфи ҳафтум, ҳангоми омӯхтани мавзӯи «Маълумоти умумӣ оид ба сохти модда», шинос мешаванд, аз ҷумла ҳангоми гузаштани ин мавзӯъ чунин нукта бояд ба таври махсус таъкид гардад: амсила нусхаи афзункардашуда ё хурдкардашудаи объекти омӯхташавандаи физика нест. Ба ин таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад, муҳим аст, ки дар шуури хонандагон аз аввал мафҳуми «амсила» ва «амсиласозӣ» ташаккул дода шавад, зеро фаҳмиши нокифояи он дар раванди таълим ба натиҷаҳои номақбул оварда расонда, дар натиҷа ба ошкор кардани моҳияти зуҳуроти физикӣ халал ворид мекунад. Ҳангоми намоиши амсилаи молекулаҳои об қайд карда мешавад, ки ин амсила дар бораи ҳамаи хусусиятҳои молекулаи об маълумот намедиҳад, вай сохти дохилии атомҳоро намекушояд, инчунин, механизми равандҳо ва зуҳуроти дар дохили молекулаҳо пайдошударо намефаҳмонад. Ин амсила дар бораи ҳаҷми атомҳои худи молекула маълумот намедиҳад. Чунин муносибат ба хонандагон имкон медиҳад, ки дар ибтидои омӯхтани фанни физика таваҷҷуҳи хонандагонро на танҳо ба нопуррагии ҷанбаи миқдорӣ, инчунин, ба нокифоягии ҷанбаи сифатии амсила равона созем. Дар машғулият аввал таърифи содаи амсила пешниҳод карда мешавад: «Амсила ин ашё ё шабаҳсозии он ба таври сунъӣ буда, ба ашё ва моводи омӯхташаванда баъзе шабоҳатҳо дорад». Дар анҷоми дарс таърифи дуруст ва нисбатан мукаммали амсила дода мешавад: «Амсила ин ашё ва зуҳуроти ба таври сунъӣ бунёдшудае мебошад, ки ба ашё ва зуҳуроти омӯхташаванда баъзе монандиҳо дошта, дар бораи ин ашё ва зуҳурот донишҳои навро ҳосил мекунад».

Ҳангоми омӯхтани диффузия дар газҳо, моеъҳо ва ҷисмҳои сахт низ амсиласозӣ истифода мегардад, дар баробари ин, ошкор намудани умумияту тафовути байни амсила ва нусхаи асл ба эътибор гирифта мешавад, ҳадаф аз ин қиёс иборат аз он аст, ки ахборот дар бораи нопуррагии амсила имкон медиҳад, ки худи зуҳурот дурусттар тасаввур карда шавад.

Ҳангоми омӯхтани баробарӣ ва нобаробарии ҳаракат таваҷҷуҳи хонандагон ба он равона карда мешавад, то комилан дарк кунанд, ки намуди зоҳирии амсила наметавонад бо ашё ва зуҳурот пурра монанд бошад, дар ин масъала муҳим аст, ки амсила дар бораи ҳаракат ба мо маълумот диҳад. Чунин усул барои фаҳмиши хонандагон дар бораи моҳияти амсилаҳои абстрактӣ ва зеҳнӣ ба мисли ҷадвалҳо зарур аст.

Ҳангоми дар сифни 8-ум омӯхтани занҷири электрикӣ ва қисматҳои таркибии он қайд карда мешавад, ки схемаи электрикӣ ҳамон амсила (шабеҳсозӣ)-и занҷири электрикӣ мебошад. Дар давраи аввали омӯхтани физика баъзан вақт расми моделҳо, ки дар китобҳои дарсӣ оварда шудаанд, муфид аст, аз ҷумла расме, ки моҳияти қонуни Паскалро аз нуқтаи назари молекулярӣ шарҳу эзоҳ медиҳад, намунаи барҷастаи ин мисол аст.

Ҳангоми омӯхтани занҷирҳои электрикӣ аналогияи гидродинамикиро мисол меоранд, ин амалкард ба хонандагон имкон медиҳад, ки таъйиноти ҷузъҳои гуногуни занҷири электрикиро беҳтар фаҳманд. Моҳияти чунин амалкард аз он сабаб муҳим арзёбӣ мегардад, ки иштибоҳот ва хатоҳои хонандагонро ислоҳ месозад, масалан баъзан дар хонандагон фикри нодурусте пайдо мешавад, ки гӯё сарчашмаи барқ «заррачаҳо»-ро ҳосил мекунад, ки тавассути занҷири электрикӣ ҳаракат мекунад. Расм ё амсилаи аналогия пайдоиши чунин тасаввуротҳои ғалатро пешгирӣ мекунад [5].

Таҳлили мисолҳои овардашуда нишон медиҳад, ки объекти таваҷҷуҳ дар мазмуни китобҳои дарсии мактабии физика оид ба синфҳои 7-8 истифодаи амсиларо танҳо ҳангоми омӯхтани моводи нав пешбинӣ мекунад, ки ниҳоят муҳим аст, вале барои аз худ намудани амсиласозӣ ҳамчун методи маърифат кофӣ нест. Хонандагон метавонанд худи раванд ва механизми амсиласозиро фаҳмида гиранд. Масалан, ҳангоми ҳалли масъалаи борбардории ниҳоии мошини борбардор назарияи онро ба василаи амсилаи фишангдор таҳлил кардан мумкин аст. Ҳамин тариқ, методҳои маърифат бояд на танҳо ҳамчун объекти омӯзиш, балки ҳамчун воситаи таълим, тарзи рушди зеҳнӣ истифода бурда шаванд. Беҳуда нест, ки яке аз сифатҳои асосии зеҳн, бошууронагии амалҳои фикрӣ, дар доираи имконият тавассути сухан ва дигар рамзҳо ифода намудани мақсад ва маҳсули натиҷаи фаъолияти фикрӣ, инчунин, ҳамон методҳое, ки тавассути онҳо чунин натиҷа ба даст омада буд, ҳисобида мешавад [6; 7].

Дар фарҷоми омӯхтани фанни физика, яъне дар охири синфи ҳафтум хонандагон баъзе алоқаҳои сабабу натиҷавии зуҳуротро, ки ба онҳо дастрас аст, дарк менамоянд. Баъдан диққати онҳоро моҳияти зуҳуроте, ки ба чашм ноаён аст, ҷалб менамояд. Дар робита ба омӯхтани қонуниятҳои табиат дар дарсҳо шавқи наврасон ба ҷанбаи эҷодиёти зеҳнии меҳнати одамон, ки ин қонуниятҳоро истифода мебаранд, зиёд мегардад [147,с.325].

Вобаста ба ин, равоншиносон тавсия медиҳанд, ки бо истифода аз шавқи зеҳнии наврасон ба имкониятҳои зеҳнии онҳо бештар эътимод кардан лозим аст. Ҳамчунин, онҳо таъкид мекунанд, ки наврасонро дар вазъияте қарор додан лозим аст, ки объектҳоро муқоиса намоянд, хулоса бароранд, ҷамъбаст кунанд, амсила созанд, фарзия пешниҳод кунанд, ҳамзамон онҳоро водор намоянд, ки мустақилона масоили маърифатиро ҳал намоянд, ба натиҷаҳои дуруст дастрасӣ пайдо кунанд, имконияти аз худ намудани тасаввурот дар бораи методҳои маърифати илмиро рушду тавсеа бахшанд.

Ҳамин тариқ, омӯзишу пажӯҳиш дар заминаи барномаҳои мавҷудаи таълимӣ ва таҷрибаи пешқадами педагогӣ дар масъалаи мавриди таҳқиқ имконият фароҳам оварданд, то мо ба чунин натиҷа расем ва таъкид варзем, ки вазъи амалии ташаккули тасаввурот роҷеъ ба методҳои маърифати илмӣ дар раванди таълими физика, инчунин, дар хонандагон сайқал додани маҳорати бо ин усул аз худ кардани бархе мавзӯот, бавижа ҳангоми таълими фанни физика, дар сатҳи шоиста қарор надорад. Аз ин рӯ, таъкидан арз медорем, ки ин масъала дар фаъолияти таълимии устодони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври роиҷ сурат нагирифтааст ва ба бозомӯзӣ, роҳандозӣ, татбиқ, такмил ва рушду тавсеаи бештаре ниёз дорад.

### АДАБИЁТ


1. Никитин А.А. Обучение учащихся методам и приемам научного познания на уроках физики: дисс. канд. пед. наук / А.А. Никитин. – М., 1984.
2. Никитин А.А. Обучение школьников научным методам познания / А.А.Никитин // Физика в школе. -1984. – №3.
3. Разумовский В.Г. Развитие творческих способностей учащихся в процессе обучения физике / В.Г. Разумовский. – М.: Просвещение, 1975. – 272 с.
4. Воробьев В.Н. Ознакомление учащихся с методом аналогии / В.Н. Воробьев, Ю.В. Сенько // Физика в школе. – 1981. -№ 3.
5. Амонашвили Ш.А. Здравствуйте, дети! Пособие для учителя / Ш.А. Амонашвили . – М., 1983.
6. Калмыкова З.И. Продуктивное мышление как основа обучаемости / З.И. Калмыкова. – М.: Педагогика, 1981. – 200 с.
7. Буров В.А. Фронтальные экспериментальные задания по физике / В.А.Буров, С.Ф. Кабанов, З.И. Свиридов. – М.: Просвещение, 1981.
8. Сухомлинский В.А. Собр. Соч. в 5-ти т. Т. 1 / В.А. Сухомлинский. – Киев: Рад. Школа, 1979. – 686 с.


### ВАЗЪИ АМАЛИИ ТАШАККУЛИ ТАСАВВУРОТ РОҶЕЪ БА МЕТОДҲОИ МАЪРИФАТИ ИЛМӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ФИЗИКА ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Ин мақола ба яке аз мавзӯоти бисёр ҳам муфид ва рӯзмарра, яъне «Вазъи амалии ташаккули тасаввурот роҷеъ ба методҳои маърифати илмӣ дар раванди таълими физика дар муассисаҳои таълимии миёнаи умумии Тоҷикистон» бахшида шудааст. Мақолаи мазкур ҳосили омӯзиши назарияи илмии мавзӯъ, корбурди таҷрибаи устодон ва педагогҳои барҷастаи ватаниву хориҷӣ ва татбиқи амалии ин масъала дар раванди таълим аз ҷониби муаллиф буда, таклифу пешниҳодоти соҳиби мақола барои дар сатҳи зарурӣ роҳандозӣ кардани ин методҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муфиду арзишманд аст. Дар фарҷоми мақола муаллиф аз он изҳори нигаронӣ менамояд, ки вазъи амалии ташаккули тасаввурот роҷеъ ба методҳои маърифати илмӣ дар раванди таълими физика ва бад-ин васила дар хонандагон сайқал додани маҳорати бо ин усул аз худ кардани бархе мавзӯот, бавижа ҳангоми таълими фанни мазкур, дар фаъолияти таълимии устодони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври роиҷ сурат нагирифтааст ва ин масъала ба бозомӯзӣ, роҳандозӣ, татбиқ, такмил ва рушду тавсеаи бештаре ниёз дорад.



**Калидвожаҳо:** метод, назария, маърифат, амсила, аналогия, физика, тафаккур, зеҳн, электрон, ҷозиба, зарра.


### ПРАКТИЧЕСКОЕ СОСТОЯНИЕ ФОРМИРОВАНИЯ ПРЕДСТАВЛЕНИЯ О МЕТОДАХ НАУЧНОГО ПОЗНАНИЯ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ ФИЗИКЕ В СРЕДНИХ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


Данная статья посвящена важной и злободневной теме, т.е. «Практическому состоянию формирования представления о методах научного познания в процессе обучения физике в средних общеобразовательных учреждениях Республики Таджикистан». Эта статья является продуктом изучения научной теории использования опыта выдающихся отечественных и зарубежных педагогов и практической реализации этого вопроса в процессе обучения автором. Предложения и рекомендации автора статьи для применения на должном уровне этих методов в Республике Таджикистан является очень полезными и ценными для читателей. В конце статьи автор сожалеет о том, что практическое состояние формирования представления о методах научного познания в процессе обучения физике и усваивание этих методов особенно при обучении упомянутому предмету, в учебной деятельности учителей средних общеобразовательных учреждений Республики Таджикистан оставляет желать лучшего. В связи с этим, этот вопрос нуждается в переобучении, применении, реализации, совершенствовании и развитии.



**Ключевые слова:** метод, теория, познания, модель, аналогия, физика, мышления, интеллект, электрон, притяжение, частица.

## PRACTICAL CONDITION OF FORMING A REPRESENTATION ON THE METHODS OF SCIENTIFIC KNOWLEDGE IN THE PROCESS OF TEACHING PHYSICS IN SECONDARY EDUCATIONAL INSTITUTIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article is devoted to an important and topical topic, i.e. «The practical state of the formation of ideas about the methods of scientific knowledge in the process of teaching physics in secondary schools of the Republic of Tajikistan». This article is a product of studying the scientific theory of the topic, using the experience of outstanding domestic and foreign teachers and the practical implementation of this issue in the learning process by the author. The suggestions and recommendations of the author of the article for the proper application of these methods in the Republic of Tajikistan are very useful and valuable to readers. At the end of the article, the author regrets that the practical state of the formation of ideas about the methods of scientific knowledge in the process of teaching physics and the assimilation of certain methods to these methods, especially when teaching the subject, in the educational activities of teachers of secondary schools of the Republic of Tajikistan leaves much to be desired. In this regard, this issue needs retraining, application, implementation, improvement and development.

**Key words:** method, theory, cognition, model, analogy, physics, thinking, intelligence, electron, attraction, particle.

**Сведения об авторе:** ***Нурматова Гумчагул Рахматулоевна*** – Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, преподаватель кафедры методики преподавания технологии, соискатель кафедры методики преподавания физики. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, улица Айни, 67. Телефон: **902-55-54-54**

**Information about author:** ***Nurmatova Gumchagul Rahmatuloevn***a- Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, lecturer at the Department of Methods of Teaching Technology, applicant for the Department of Methodology at the Teaching of Physics. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini street, 67. Phone: **(+992) 902-55-54-54; 888 – 82-12-12**

**УДК:372.800.8 (575.3)**

## ФАЪОЛГАРДОНИИ МАЪРИФАТИ МУСТАҚИЛОНАИ ХОНАНДАГОН ВА ОМИЛҲОИ ТАЪСИРРАСОНИИ ОН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

***Алиев Н.У. Холназаров С.***

**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Натиҷаи ҳамаи равандҳои педагогӣ, аз он ҷумла фаъолгардонии маърифати мустақилонаи хонандагон аз омилҳои гуногун вобаста мебошад. Лекин омилҳо ҳамин қадар зиёданд, ки то ҳол ҳамаи онҳо муайян ва омӯхта нашудаанд.

Мафҳуми «омил» (аз ибораи олмонии Faktor аз лотинӣ Factor- ҳосилкунанда, иҷрокунанда) ҳамчун сабаб, қувваи пешбарандаи ягон раванд, муайянкунандаи хусусият ё ин ки ягон хосияти хос, тарз, давраи гузоштани он мебошад [1, с.797].

Дар зери омилҳои таъсиркунанда ба фаъолгардонии маърифати мустақилонаи хонандагон дар раванди таълими тарбияи муассисаи таълими мо ҳолат, табиат ва далелҳои иҷтимоии таъсиркунанда ба раванди таҳқиқшаванда фаҳмида мешавад.

Таҳлили адабиёти педагогӣ нишон медиҳад, ки таҳқиқотчиён дар бораи ҷудокунӣ ва таснифи омилҳое, ки ба раванди таълим-тарбия ба пуррагӣ ё ин, ки ҷанбаҳои алоҳида таъсир менамоянд, нуқтаи назари гуногун доранд.

Бисёр таҳқиқотчиён дар асоси таснифҳои гуногун омилҳои дохилӣ ва берунӣ, идорашаванда ва идоранашаванда, субъективӣ ва объективӣ ва дигар гурӯҳи омилҳо, ки ба паҳлуҳои гуногуни раванди таълимӣ-тарбиявӣ таъсир мерасонанд, ҷудо менамоянд [2, с.192].Чунин гуногунии нуқтаи назар ва таснифи омилҳо тасодуфӣ нест. Ин аз он шаҳодат медиҳад, на танҳо аз муносибати мактабҳои гуногуни илмӣ, балки гувоҳи пурра кор карда нашудани ин проблема дар илми педагогика мебошад. Мо ба таҷрибаҳои мавҷуда такя намуда тавсия медиҳем, ки омилҳои ба фаъолгардонии маърифати мустақилонаи хонандагон таъсиркунандаро аз рӯи муносибати системавии мантиқӣ тасниф намоем [3, с. 36]. Мувофиқи он мо якчанд гурӯҳи омилҳоро, ки ба сохтори ҷузъии фаъолгардонии маърифати мустақилонаи хонандагон таъсир мерасонанд ҷудо намудем.

**Ба гурӯҳи якуми омилҳо** онҳоеро ҷудо намудем, ки ба қисмати мақсаднокии раванди фаъолгардонии маърифати мустақилона, ҳамчун қисмати ҷудонашавандаи фаъолияти педагогӣ, дар ҳар як машғулияти таълимӣ таъсир менамоянд. Ин гурӯҳи якумро чун дигарон омилҳои мақсадҳо номгузорӣ намудем.

Мақсад аз аломати ҳолсилкунанда (муайянкунанда)-и система фаъолияти педагогӣ мебошад. Аз ин ҷо «тарзи дуруст мақсадгузорӣ дар ташкили муваффақиятноки фаъолият нақши ҳалкунанда дорад» [4]. Одатан, мақсадгузорӣ ҳамчун раванди аз тарафи субъект гузоштани мақсад ва вазифа шахсан барои худ ва барои дигар субъектҳо мебошад.

Натиҷаи раванди мақсадгузорӣ банақшадарории пурраи фаъолияти ояндаи субъект аст: “Мақсади фаъолият-ин натиҷаи бартарӣ доштан мебошад”[5, с.101]. Вазифаҳо аз рӯи моҳият мақсадро мушаххас менамоянд, ки тарзи қадам ба қадам расидан ба мақсад аст.

Фаъолияте, ки мақсаднок нест, бемаҳсул буда, бинобар ин, хусусияти рафтори бефикрона дорад: таърифоти мақсадҳои алоқаманд ба фаъолгардонии маърифати мустақилонаи хонандагон, аз ҷумла, барои он зарур аст, ки фаъолиятнокии шахсии таълимгирандагон пай дар пай ва аз рӯи нақша ба амал бароварда шавад.

Мақсади аз ҷиҳати педагогӣ дуруст гузошташуда ба якчанд талабот ҷавоб мегӯяд:

-натиҷаи фаъолияти педагогии натиҷанокро инъикос менамояд;

-нақши бедоркунандаи амалиётро иҷро мекунад;

-ҳамчун меъёри интихоби воситаи амалиёт хизмат менамояд;

-сатҳи аввали рушди шахсияти таълимгиранда ва коллективро муайян мекунад;

-ташхискунандаи мушаххаси расидан ба натиҷаи муваффақият ва санҷиши нақшаҳо дар муҳлати муайяншуда ҳисоб мешавад. Фақат мақсади ташхис метавонад ҳамчун бедоркунандаи мотивҳои фаъолият ва ғайра хизмат намояд [6, с.20-26].

Вобаста ба талабот нисбат ба мақсади гузошташуда чунин омилҳои мақсадро, ки ба раванди фаъолгардонии маърифати мустақилонаи хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ таъсир мерасонанд, ҷудо кардан мумкин аст:

1.Омилҳои алоқаманд ба мақсадгузории берунӣ, ки онро омӯзгор ба амал мебарорад:

- аниқ муайян кардани мақсад ва вазифаҳои фаъолиятнокии маърифати мустақилона ва ба маълумоти синф расонидани онҳо;

- бедор намудани ҳиссиёти хонандагон ба фаъолияти мақсадноки маърифати мустақилона (фаъолияти маърифати мустақилона яке аз воситаҳои асосии ошкоршавӣ ва фаъолгардонии фаъолияти маърифатии мустақилона мебошад);

- мувофиқати мақсадҳои машғулият ба сатҳи фаъолиятнокии маърифати мустақилонаи хонандагон;

- дараҷаи расидани таълимгирандагон ба мақсади машғулият (аз рӯи вақт, мураккабӣ ва ғайраҳо).

2.Омилҳои алоқаманд ба мақсадгузории ботинӣ, ки худи хонандагон амалӣ менамоянд:

-итоати фаъолияти маърифати мустақилонаи таълимгирандагон ба мақсадҳои беруна, ки ҳамчун сифатҳои шахсӣ интихоб ва қабул намоянд;

- мустақилона гузоштани вазифаҳо аз тарафи хонандагон ба супоришҳои мақсадноки берунаи фаъолияти маърифатии мустақилона;

- аз тарафи таълимгирандагон мустақилона гузоштани на танҳо вазифаҳо, балки мақсадҳои фаъолияти маърифати мустақилона.

**Гурӯҳи дуюми омилҳо** тибқи интихоби таснифи мо қисмати мазмуннокии фаъолгардонии мустақилонаи маърифатӣ (омили мазмун) ҳисоб мешаванд. Мазмун (мундариҷа)-и таълим ҳолати иҷтимоии ҷамъият, тамоюли асосии рушди онро инъикос менамояд ва мутобиқи (адаптатсия) шудан ва чӣ тавр системаи педагогии донишҳо, маҳорату малакаҳо, таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ ва муносибати эҳсосотӣ-арзишнокро ба олам мутобиқат (адаптатсия) мешавад, муайян мекунад [7, с.93]. Онҳо метавонанд яке аз воситаҳои асосии фаъолгардонии маърифати мустақилона баромад намуда, ҳамчун мақсади рушди шахсият хизмат кунад.

Мазмуни таҳсилоти умумиро Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад. Стандартҳои таълимӣ мазмуни минималии ҳатмии барномаҳои таълимӣ, ҳаҷми максималии таълимии таълимгирандагон, талабот ва сатҳи тайёрии хатмкунандагонро муайян мекунад.

Ба стандартикунонии мазмуни таълим дар сатҳҳои гуногун ва барномаҳои фанҳои алоҳидаи таълимӣ нигоҳ накарда, ин қисмат (компонент)-и раванди тарбиявию таълимӣ бартарӣ дорад, аз нуктаи назари мо иқтидори боқуввати фаъолгардонии маърифатнокии мустақилонаи хонандагон мебошад. Мазмун (мундариҷа)-и фанҳои алоҳидаи таълимӣ ё кадом фанни таълимиеро нагирем, барои фаъолгардонии маърифати мустақилона ёрӣ мерасонад, агар якчанд таларботро иҷро намоем:

- дар мазмуни машғулиятҳои таълимӣ мақсадҳои фаъолгардонии маърифатии мустақилонаи хонандагон инъикоси худро ёбанд;

- мазмуни машғулиятҳои таълимӣ ҳолати ҳозираи рушди иҷтимоӣ, донишҳои илмӣ, ҳаёти маданиро бояд дар бар гиранд;

- бояд ягонагии тарафҳои мазмун ва тартиботи ин таълим риоя карда шавад. Ҳангоми ба нақшагирии мазмуни мушаххаси машғулият ба назар гирифтани принсипу технологияи додани он, азхудкунӣ ва банақшагирии фаъолияти маърифати мустақилонаи хонандагон ба назар гирифта шавад;

- мазмуни маводи омӯзиш дар машғулиятҳо аҳамияти амалӣ дошта, дар навбати аввал ҳамчун дастгоҳи идоракунии мотивҳои хонандагон хизмат менамояд;

- ҳатман алоқаҳои байнифаннӣ риоя карда шавад. Таълим дар ин ҳолат на танҳо воситаи азхудкунии дониш ва ташаккули маҳорат ва малака, балки ҳамчун воситаи мусаллаҳ намудани хонандагон бо методҳои азхудкунии донишҳои нав, мустақилона аз худ намудани салоҳдид ва ғайра мегардад [8, с.241].

**Гурӯҳи сеюми омилҳо** дар асоси таснифи асоси қисмати ташкилӣ-фаъолиятии раванди фаъолгардонии маърифати мустақилонаи хонандагон ном бурда шуда, омили фаъолият мебошад.

Намуди анъанавии шарҳдиҳӣ-тасвирии таълим аз тарафи хонандагон ба азхуд кардани донишҳои тайёр асос ёфтааст. Дар ин шакли таълим хонанда ҳангоми азхудкунии донишҳо нақши нофаъол дорад, ки бояд қабул, аз худ (дар хотир нигоҳ дорад) ва дар имтиҳон онро аз нав ҳосил кунад. Дар модели анъанавии таълим хонанда дар бисёр маврид дар нақши объект баромад менамуд, танҳо фаъолиятнокии муаллимро зоҳир менамуд. Ин модели мактабиро бисёр вақт «хотираи мактабӣ» ном мебурданд. Лекин дар чунин таълим на ҳама вақт ба фаъолгардонии маърифати мустақилона ва рушди имкониятҳои эҷодии хонанда диққат дода мешуд. Модели анъанавии таълим дар асоси муоширати фронталии муаллим ба таълимгиранда пешниҳод менамуд, ки то кадом андоза ба кам шудани гуфтугӯ ва муоширати байни иштирокчиёни раванди тарбиявию таълимӣ сабаб мешуд.

Чи тавре дар боло қайд шуд, таълим бе баҳисобгирии меъёрҳо ва арзишҳои анъанавӣ вуҷуд дошта наметавонад. Тағйир ёфтани мақсадҳои таълим ташкил кардани ҳамин хел шароитҳоеро талаб менамояд, ки амалӣ намудани онҳо хонандагонро иштирокчии баробарҳуқуқи раванди таълим мегардонад ва ба ҳаматарафа фаъол гардондани маърифати мустақилонаи хонандагон равона карда шудаанд.

Чи тавре ки амалияи педагогӣ нишон медиҳад, гузаштан ба варианти субъект-субъективии баҳамтаъсиркунии омӯзгор ва хонандагон, аз бисёр ҷиҳат дар шароити амаликунонии технологияи рушддиҳии таълим, инчунин, дар он ҷое, ки имконият мавҷуд аст, ба модели анъанавии таълим илова намудани методҳои фаъоли таълим имконпазир мегардад.

**Гурӯҳи чоруми омилҳо** мувофиқи муносибати системавию мантиқие, ки мо дар асоси таснифи онҳо интихоб намудем, ба қисмати баҳодиҳӣ- самарабахш (натиҷанок) раванди фаъолгардонии маърифати мустақилона мебошад. Ин гурӯҳ омили ташхиси натиҷа аст. Таҷриба нишон медиҳад, фаъолгардонии маърифати мустақилонаи хонандагон на танҳо ба воситаи мазмуни фанҳои таълимӣ, шакл, технология ва методҳои таълим, инчунин, бо ёрии амалиётҳои ташхисӣ ба амал бароварда мешаванд.

Қисмати баҳодиҳӣ-самарабахш дар байни дигар қисматҳои раванди фаъолгардонии маърифати мустақилонаи хонандагон ҷойи муҳимро ишғол менамояд. Он алоқаҳои баръакси байни муаллимон ва хонандагонро таъмин намуда, ба омӯзгорону хонандагон барои тасдиқи натиҷаҳои меҳнати худ имконият медиҳад.

Давраи ҳозира дар омӯзиши маърифати мустақилона ҳамчун зарурати кор кардани ҳолати назариявии амал ва тавсияҳои амалӣ барои ҳал кардани проблема, бо нигоҳдории таҷрибаи мусбии насли гузаштаи омӯзгорон ва ба ҳисоб гирифтани тағйиротҳое, ки дар ҷамъият ва таълим дар даҳсолаҳои охир мегузаранд, баррасӣ мешавад.

Омилҳое, ки ба раванди фаъолиятнокии мустақилияти маърифатии хонандагон таъсир мекунанд, инҳоянд:

- омилҳои мақсад: гузориши мақсад аз педагог дар раванди таълими фаъолиятнокии маърифати мустақилонаи хонандагон; гузариши мақсади аниқ ва расонидани он ба синф (гурӯҳ) вазифаҳои фаъолиятнокии мустақилияти маърифатӣ; дараҷаи муваффақшавӣ ба мақсади машғулият барои хонандагон; мувофиқати мақсади машғулият ба дараҷаи фаъолиятнокии мустақилияти маърифатии хонандагон ва ғайраҳо;

- омилҳои мазмун: дараҷаи аҳамияти амалии маводи таълимӣ; мувофиқати ҳаҷми маводи омӯзиш ба вақти ҷудо кардашуда; мувофиқати маводи таълимӣ ба имкониятҳои

маърифатии таълимгирандагон; инъикоси муваффақиятҳои илми ҳозира дар маводи таълим; дар мазмуни маводи омӯзиш ҷой додани алоқаҳои байнифаннӣ ва ғайраҳо;

- омилҳои ташкили фаъолият: дар раванди таълиму тарбия, татбиқ кардани шакл, технология ва методҳои таълими нав (инноватсионӣ); дар раванди таълим амалӣ намудани таълими равиявӣ ва таҷрибаи истеҳсолӣ, иҷрои корҳои рефферативӣ; истифодаи шакл, технология ва методҳои таълимии тағйир додашудаи анъанавӣ дар раванди таълим; истифода бурдани таълими фардӣ ва тафриқавӣ ва ғайраҳо;

- омилҳои самараноки ташхис: дар рафти баҳодиҳӣ муҳайё сохтани шароити ҳузуру ҳаловати фаъолиятнокии маърифати мустақилиятӣ; шаффофияти самаранокии фаъолгардонии мустақилонаи маърифатӣ; мувофиқати маводи ташхисӣ ба маводи пеш омӯхташуда; ташхиси доимии самаранокии фаъолгардонии маърифати мустақилона ва ҳоказо.

## АДАБИЁТ


1. Ожегов С.И.Словарь русского языка С.И. Ожегов /под ред: Н.Ю Шведовой: -М1:Рус.яз.,1985. -797с.
2. Бабьанский Ю.К. Оптимизация учебного процесса: (методические основы) Ю. К.Бабанский. -М.: Просвещение,1982.-192с.
3. Гершунский Б.С. Методологическое знание в педагогике / Б.С.Гершунский, Н.Д.Никандров //Политехнический музей. -М.: Знание 1986. -С.3-36.
4. Шиянов Е. Н. Развитие личности в обучении / Е.Н.Шиянов, И. Б. Котова. -М.: Академия, 1999. - 208 с.
5. Викторова Л.Г. О педагогических системах / Л.Г. Викторова. -Красноярск: Изд-во Краснояр.ун-та,1989.-101с.
6. Кузьмина Н.В. Педагогическое мастерство учителя как фактор развития способностей учащихся / Н.В.Кузьмина //Вопросы психологии. -1984.-№ Г,-С20-26.
7. Холназаров С. Основы методики преподавания химии: Методическое пособие.-Ч.2 / С.Холназаров. - Душанбе: Эр-граф, 2009. -С.93.
8. Шарифов Ҷ. Асосҳои дидактикии ташаккули малакаҳои кори мустақилонаи донишҷӯён дар ҷараёни таълим / Ҷ.Шарифов. -Душанбе: Ирфон, 2014. -С.241.


## ФАЪОЛГАРДОНИИ МАЪРИФАТИ МУСТАҚИЛОНАИ ХОНАНДАГОН ВА ОМИЛҲОИ ТАЪСИРРАСОНИИ ОН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ


Мақолаи мазкур ба баррасии масъалаҳои фаъолгардонии маърифати мустақилонаи хонандагон ва омилҳои таъсиррасонии он дар раванди таълим бахшида шудааст. Натиҷаи ҳамаи равандҳои педагогӣ, аз он ҷумла фаъолгардонии маърифати мустақилонаи хонандагон аз омилҳои гуногун вобаста мебошад. Дар зери омилҳои таъсиркунанда ба фаъолгардонии маърифати мустақилонаи хонандагон дар раванди таълими тарбияи муассисаи таълими мо ҳолат, табиат ва далелҳои иҷтимоии таъсиркунанда ба раванди таҳқиқшаванда фаҳмида мешавад. Таҳлили адабиёти педагогӣ нишон медиҳад, ки таҳқиқотчиён дар бораи ҷудокунӣ ва таснифи омилҳое, ки ба раванди таълим-тарбия ба пуррагӣ ё ин, ки ҷанбаҳои алоҳида таъсир менамоянд, нуқтаи назари гуногун доранд. Мо ба таҷрибаҳои мавҷуда такя намуда тавсия медиҳем, ки омилҳои ба фаъолгардонии маърифати мустақилонаи хонандагон таъсиркунандаро аз рӯи муносибати системавии мантиқӣ тасниф намоем. Омилҳое, ки ба раванди фаъолиятнокии мустақилияти маърифатии хонандагон таъсир мекунанд, инҳоянд: омилҳои мақсад: омилҳои мазмун: омилҳои ташкили фаъолият, омилҳои самараноки ташхис.



**Калидвожаҳо:** фаъолгардонии маърифати мустақилонаи хонандагон, раванди таълим, равандҳои педагогӣ, омилҳои таъсиркунанда, омилҳои мақсад, омилҳои ташкили фаъолият, омилҳои самараноки ташхис.


## АКТИВИЗАЦИЯ САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ ПОЗНАВТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ УЧАЩИХСЯ В УЧЕБНОМ ПРОЦЕССЕ И ФАКТОРЫ ВОЗДЕЙСТВУЮЩИЕ НА НЕЁ


Данная статья посвящена рассмотрению проблем активизации самостоятельной познавательной деятельности учащихся в учебном процессе и факторам, воздействующим на неё. Результат всех педагогических процессов, в том числе активизация самостоятельной познавательной деятельности учащихся зависит от различных факторов. Под воздействующими факторами на активизацию познавательной деьятельности студентов в учебно-воспитательном процессе нашего учебного заведения имеется ввиду обстоятельства, природа и воздействующие социальные факторы на исследуемый процесс. Анализ педагогической литературы показывает, что относительно классификации и характеристики факторов, которые влияют на учебно-воспитательный процесс или его отдельных факторов, исследователи высказывают различный взгляд. Мы опираясь на существовавшую практику классифицируем факторы, воздействующие на активизацию самостоятельной познавательной деятельности учащихся по данному системному логическому отношению: факторы, которые влияют на активизацию процесса познавательной самостоятельной деятельности; целевые показатели факторов, содержательные факторы; факторы организации деятельности; эффективные факторы диагностики.



**Ключевые слова:** активизация самостоятельной познавательной деятельности, учебный процесс, педагогические процессы, воздействующие факторы, целевые факторы, факторы организации деятельности, эффективные факторы диагностики.

**ACTIVATION OF INDEPENDENT COGNITIVE ACTIVITIES OF STUDENTS IN THE EDUCATIONAL PROCESS AND FACTORS AFFECTING IT**

This article is devoted to the consideration of the problems of activating the independent cognitive activity of students in the educational process and the factors affecting it. The result of all pedagogical processes, including the activation of students' independent cognitive activity, depends on various factors. Under the influencing factors on the activation of cognitive activity of students in the educational process of our educational institution, we mean circumstances, nature and social factors affecting the process under study. An analysis of the pedagogical literature shows that regarding the classification and characteristics of factors that affect the educational process or its individual factors, researchers have a different view. Based on existing practice, we classify the factors affecting the activation of students' independent cognitive activity according to this systemic logical relationship: factors that affect the activation of the cognitive independent activity process; target indicators of factors, substantive factors; organization factors; effective diagnostic factors.

**Key words**: activation of independent cognitive activity, educational process, pedagogical processes, influencing factors, target factors, organization factors, effective diagnostic factors.

**Сведения об авторах:** ***Алиев Нусратулло Убайдуллоевич*** - Бохтарский государственный университет им.Носира Хусрава, преподаватель кафедры методики преподавания естественно-научных дисциплин. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, улица Айни, 67. Телефон: **918-93-85-84**

***Холназаров Санг*** – Бохтарский государственный университет им.Носира Хусрава, доктор педагогических наук, профессор кафедры методики преподавания естественно-научных дисциплин. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, улица Айни, 67

**Information about the authors:** ***Aliyev Nusratullo Ubaidulloevich*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, lecturer at the Department of the Methodology of Teaching Natural Sciences. Address: 735140, Republic of Tajikistan, Bohtar, Aini Street, 67. Phone: **918-93-85-84**

**Kholnazarov Sang** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrava, Doctor of Pedagogical Sciences, Professor of the Department of Methodology of Teaching Natural Sciences. Address: 735140, Republic of Tajikistan, Bohtar, Aini Street, 67

**УДК:372.8008(575.3)**

# ТАШАККУЛИ ПЕДАГОГИИ САЛОҲИЯТИ ИТТИЛООТИИ ДОНИШҶӮЁН

***Латипов Сафаралӣ, Тошпулатова Фирӯза***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Низоми омодасозии омӯзгоронро барои кор доир ба ташаккули иттилоотии донишҷӯён баррасӣ карда, зарур аст ду ҷузъи таркибии он- ҷузъҳои компютерӣ ва методиро таъкид намоем. Дар зери мафҳуми ҷузъи компютерӣ дараҷаи болоравии савияи дониши компютерӣ ва дар зери мафҳуми ҷузъи методӣ дараҷаи афзуншавии савияи дониши методии тайёр намудани омӯзгоронро дар назар дорем. Пеш аз ҳама, мафҳумҳои салоҳиятнокии иттилоотӣ (СИ) ва саводнокии компютериро (СК) муайян кардан зарур аст.

Салоҳиятнокии компютерӣ гуфта, сифати интегралии шахсиятро меноманд, ки маҳорати ҳалли проблемаҳо ва масъалаҳои махсусеро дар ҳолатҳои воқеии ҳаётӣ пайдошударо бо истифода аз таҷрибаҳои таълимӣ ва ҳаётӣ, қурб ва майлу рағбат фаро гирифта, аз ҷузъҳои зерин иборат аст:

1. саводнокии компютерӣ;
2. таҷрибаи фаъолияти фардӣ ва гурӯҳӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ расидан ба ҳадафҳои аз ҷиҳати касбӣ муҳим;
3. омодагӣ ба худинкишофёбӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, ки барои баланд бардоштани сатҳи ҳузури худ дар меҳнати касбӣ равона шудааст.

Дар зери мафҳуми саводнокии компютерӣ мавҷуд будани донишҳо дар соҳаи информатика ва технологияҳои иттилоотӣ, на танҳо дониши эъломшуда (навъи “чӣ”), балки дониши асоснок (навъи “чӣ хел”), малакаи истифодаи дониш барои иҷрои вазифаҳои тахассусӣ, малакаи мустақилона аз худ кардани маҳсулоти барномавӣ фаҳмида мешавад.

Дараҷаи баланди дониши компютерии омӯзгор ба ташаккули салоҳиятнокии иттилоотии донишҷӯён мусоидат мекунад, зеро, агар омӯзгор дониши компютерӣ надошта бошад, аз донишҷӯ иҷрои ягон корро ба воситаи компютер талаб карда наметавонад (ба истиснои он, ки компютерро ҳамчун воситаи чоп истифода барад). Масалан, чунин муаллим ба донишҷӯ наметавонад дар компютер тартиб додани “бизнес

накша”-ро пешниҳод намояд, чунки худи омӯзгор имконпазир буданашро донад ҳам, наметавонад иҷрои вазифаро тафтиш карда, хатогиҳои мавҷударо нишон диҳад.

Аз тарафи дигар, донишҷӯе, ки ба таҳияи накшаи бизнес дар компютер машғул аст, салоҳияти иттилоотии худро баланд мебардорад. Аввалан, барои иҷро намудани вазифа ба донишҷӯ омӯхтани воситаҳои нави таъйиноти барномавӣ ё ба хотир овардани барномаҳои аллакай барояш ошно (масалан,ҷадвали электронии MS Excel), мустаҳкам намудани донишҳои мавҷуда дар ҷараёни ҳалли масъалаҳои тахассусӣ зарур аст. Бинобар ин, донишҷӯ савияи дониши компютерии худро баланд мебардорад.

Сониян, донишҷӯ вазифаи додашударо иҷро намуда, маҷбур аст, ки бо баъзе имкониятҳо ва функсияҳои барояш пештар номаълум шиносоӣ пайдо намояд. Чунин вазифаҳо донишҷӯро ба худомӯзӣ маҷбур месозанд. Ин кор танҳо тавассути ҷустуҷӯи иттилоот аз сарчашмаҳои гуногун (китобҳо, нашрияҳои илмӣ, маълумотномаҳо, аз ҷумла аз иттилооти сарчашмаҳо доир ба замимаҳо аз шабакаи глобалии Internet), ё тавассути гирифтани машварат (аз дӯстон, аз устодон) имконпазир аст.

Сеюм, барои ба даст овардани таҷрибаи фаъолияти фардӣ ва гурӯҳӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ, ки яке аз ҷузъҳои таркибии салоҳиятнокии компютерӣ ба шумор меравад, мусоидат менамояд.

Ғайр аз ин, натиҷаҳои мусбати дар анҷоми кор ҳосилшуда барои инкишофи худомӯзӣ ҳавасмандии хубе шуда метавонанд.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки омӯзгоре, ки дониши компютерӣ надорад, ба пурраги саҳми худро дар ташаккули салоҳиятнокии иттилоотӣ гузошта наметавонад. Пас, инкишофи саводи компютерӣ дар низоми омодагии омӯзгорон барои кори инкишофи салоҳиятнокии компютерии донишҷӯён зарур аст.

Бо мақсади болоравии дараҷаи саводнокии компютерии омӯзгорон зарур аст барномаи баланд бардоштани дараҷаи саводи компютерии омӯзгорон таҳия гардад. Мақсади барнома тайёр намудани омӯзгорон ба ҳаёт ва фаъолияти тахассусӣ дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ мебошад. Ин барнома тайёр намудани омӯзгоронро ба истифодабарии компютерҳо барои ҳалли масъалаҳои амалии тахассусӣ, инчунин ташаккули малакаю маҳорати кор бо барномаҳои нисбатан маъмули дастаи барномаҳои амалӣ ва воситаҳои барномавӣ тақозо дорад. Барнома бояд аз 9 қисм иборат бошад. Сохтори методии ҳар як фасл бар принсипи дидактикӣ бунёд ёфтааст, ки зимни он омӯзгорон ба мафҳумҳои муҳим чандин бор рӯй меоваранд.

Барои омӯзиши се фасли аввали барнома -“Компютер барои навомӯзон”, “Барномаи коркарди иттилооти матнӣ”, “Барномаи коркарди иттилооти рақамӣ” тавсия дода мешавад, ки иҷрои онҳо бо пайдарпайии муайян амалӣ шавад, онҳо блоки ҳатмии барнома ба шумор меравнд. Омӯзиши фаслҳои блоки асосиро мо ба ҳамаи омӯзгорон ва ҳатто онҳое тавсия медиҳем, ки аллакай бар пояи ҳавасмандии фардӣ ба хулосае меоянд, ки дар машғулиятҳо иштирок намоянд ё аз рӯйи тавсияҳои методӣ мустақилона омӯзанд. Фоидаи корҳои анҷомшударо ҳама, бе истисно, ҳатто онҳое, ки аллакай чанд сол бо барномаҳои омӯхташаванда кор мекунанд, таъкид намудаанд. Дар блоки вариативии барнома фаслҳои зерин дохил шуда метавонанд: «Таҷҳизоти рӯнамоӣ ва барномаҳо барои сохтани рӯнамоиҳо», «Хазинаи маълумотҳо ва СИХМ», «Системаҳои интишорӣ», «Шабакаҳои компютерӣ ва телекоммуникатсионӣ», «1С: корхона».

Кор дар блокҳои вариативӣ метавонад чунин сохта шавад: ҳар як омӯзгор худаш фаслеро интихоб менамояд, ки омӯзиши он дар навбати аввал зарур аст ва ҳамин тариқ, гурӯҳ аз рӯйи ҳар як самти корӣ ҷамъ мешавад. Пас дар ҳар як гурӯҳ машварати якум гузаронида мешавад, ки омӯзгорони омӯзандаро бо тавсияҳои методӣ оид ба ин фасл бо покати корҳои лабораторӣ ва рӯйхати адабиётҳои истифодашуда ва ё сарчашмаҳои шабакаҳои интернетӣ шинос менамоянд. Дар ҳамин машварат ҳаҷми маводе, ки дар ҳар як мавзӯи фасл омӯхта мешавад ва вақти сарфшуда барои ҳар як мавзӯъ муайян карда мешавад. Оиди ҳар як мавзӯъ ҳатман бояд як машварат, дар ҳолатҳои зарурӣ ҳатто аз он ҳам бештар гузаронида шавад. Дар вақти боқимонда омӯзгорон дар хона ва ё дар утоқҳои

омодагии мустақилонаи донишҷӯён мустақилона кор мекунанд, ки дар ин ҳолат онҳо метавонанд аз омӯзгор–озмоишгар дар вақти омодагии мустақилона ё аз омӯзгори роҳборикунандаи гурӯҳ аз рӯйи қарордод кумак гиранд.

Дар чунин шакли кор омӯзгорон малакаи азхудкунии дастаи нави маҳсулоти барномавиро дар худ сайқал дода, аз адабиёт оид информатика ва технологияҳои иттилоотӣ истифода бурда метавонанд. Ҳамин тариқ, ақаллан яке аз фаслҳои барномаро омӯхта, ба омӯзгор ташкили кор бо донишҷӯён дар самти худомӯзии онҳо хеле осонтар мешавад. Кор дар самти омӯзиши фасли барномаи сайқал додани саводноки компютерӣ анҷомёфта ҳисобида мешавад, агар омӯзор кори эҷодиро аз рӯйи ин фасл, ки ба иҷрои самти тахассусӣ равона шудааст, иҷро намояд. Методикаи кор бо блокҳои вариативии барномаҳо ба инкишофи малакаи мустақилона аз худ намудани дастаи барномаҳои амалӣ, ки яке ҷузъҳои таркибии мафҳуми «саводи компютерӣ» ба шумор меравад, равона карда мешавад.

Омӯзгороне, ки барномаи такмили саводнокии компютерӣ омӯхтаанд, метавонанд барои истифода бурдан аз технологияҳои компютерӣ дар раванди таълим тайёр бошанд. Хуллас, шарти муваффақияти ин кор низоми омодагии иттилоотӣ, методӣ ва компютерии омӯзгор мебошад.


АДАБИЁТ

1. Абульханова – Славская К.А. Деятельность и психология личности. – М: Наука, 1980. - 335с.
2. Вербицкий А.А. Активное обучение в высшей школе: контекстный подход / А.А. Вербицкий. –М.: Высшая школа, 1991. – 208с.
3. Евладова Н.В. Система подготовки преподавателей как одно из условий формирования информационной компетентности студентов / Н.В. Евладова. – М.: Наука, 2008. - 214с.
4. Сафонова В.В. Социокультурный подход к обучению / В.В. Сафонова. – Москва: ВШ интернэшнл, 1991. – 305с.


## ТАШАККУЛИ ПЕДАГОГИИ САЛОҲИЯТИ ИТТИЛООТИИ ДОНИШҶӮЁН


Дар мақола масоили омода намудани омӯзгорон ба ҳаёт ва фаъолияти тахассусӣ дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Механизмҳои тайёр намудани омӯзгорон ба истифодабарии компютерҳо барои ҳалли масъалаҳои амалии тахассусӣ, ҳамчунин ташаккули малакаҳо ва маҳорати кор бо барномаҳои амалӣ ва воситаҳои барномавии нисбатан маъмул дар дараҷаи корбар пешниҳод мешаванд.



**Калидвожаҳо**: методика, барнома, салоҳият, раванд, таҳсилот, механизм, такмил, низом, ташаккул, омодагӣ, омӯзгор.


## ПЕДАГОГИЧЕСКОЕ ФОРМИРОВАНИЕ ИНФОРМАЦИОННОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ СТУДЕНТОВ


В статье рассматривается подготовка преподавателей к жизни и профессиональной деятельности в условиях информационного общества. Представлены механизмы подготовки преподавателей к использованию компьютеров для решения прикладных профессиональных задач, а также формирования навыков и умений в работе с наиболее распространенными типами прикладных программных средств на уровне пользователя.



**Ключевые слова:** методика, программа, компетентность, процесс, образование, механизм, модернизация, система, формирование, подготовка, преподаватель.


## PEDAGOGICAL FORMATIONS OF STUDENTS INFORMATION COMPETENCE


The article is talking about the preparation of teachers for life and professional activities in the conditions of the information society. Mechanisms for training teachers to use computers for solving applied professional tasks, as well as the formation of skills and abilities to work with the most common types of application software at the user level also discussed too.



**Key words:** methodology, program, competence, process, education, mechanism, modernization, system, formation, training, teacher.



**Сведения об авторах:** ***Латипов Сафарали*** - Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, кандидат педагогических наук, доцент, декан факультета математики. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки 121.Телефон: **93-894-57-94**

***Тошпулатова Фируза*** - Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, кандидат педагогических наук, доцент, заведующая общеуниверситетской кафедрой информатики. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки 121.

**Information about the authors: Latipov Safarali** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Ph.D., associate professor, dean of the faculty of mathematics. Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Rudaki 121. Phone: **93-894-57-94**

***Toshpulatova Firuza*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Computer Science at the University. Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Rudaki 121.

УДК: 372.833 (575.3)

# ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ИҚТИСОДИИ ҶОМЕАИ ТОҶИК

*Имомов Х.Ш.*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Дар Тоҷикистони муосир дар солҳои охир дигаргуниҳои куллии иҷтимоию иқтисодӣ ба амал омадаанд. Ташаккули як низоми нави идоракунӣ, аз ҷумла фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити нави фарҳангӣ мушкил ва зиддиятнок аст. Рушди соҳаи иқтисодии ҷомеа мустақиман аз омилҳои ғайрииқтисодӣ, ба монанди арзишҳои маънавӣ ва иҷтимоии гурӯҳҳои мушаххас вобаста аст. Маҳз ин омилҳо талаботҳоро ташаккул медиҳанд, ки дар доираи он худи фаъолияти иқтисодӣ амалӣ карда мешавад. Тағйироти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ҳам бо ҳам ва ҳам бо сатҳи рушди фарҳанг зич алоқаманданд. Равандҳои тафриқавии сохтор ва махсусгардонии вазифаҳои фарҳангӣ дар раванди таҳаввулоти иқтисодиёт ва ҷомеа ба амал меоянд.

Аён аст, ки муваффақият дар соҳаи иқтисодӣ бе иштироки фаъоли субъектҳои муносибатҳои иқтисодӣ ғайриимкон аст. Яке аз вижагиҳои ин субъектҳо фарҳанги иқтисодӣ мебошад, ки хусусиятҳои худро дорад, таърихи тӯлонии ташаккулёбӣ дар Тоҷикистон ба рушди иқтисодиёт таъсир мерасонад. Дар айни замон, вазъи фарҳанги иқтисодии Тоҷикистон бо номуайянӣ ва номутамарказӣ тавсиф мешавад, ки он, пеш аз ҳама, ба вайроншавии фазои пешинаи иқтисодӣ, аз даст додани арзишҳо ва идеалҳои гузашта вобаста аст. Мушкилоти марҳилаи кунунии рушди иқтисодиёт ва ҷомеаи тоҷик асосан ба сатҳи пасти фарҳанги иқтисодӣ вобаста аст. Вақт зарурати такмили механизмҳои ташаккули фарҳанги нави иқтисодиро тақвият медиҳад ва таҳаввулоти минбаъдаи назарияи иқтисодӣ, таълими иқтисод, аз ҷумла таъсири воситаҳои ахбори омма, эҳёи шаклҳои таълими иқтисодӣ дар коллективҳои меҳнатӣ ва такмили таълими иқтисодӣ дар оила ва муассисаҳои таълимиро тақозо мекунад.

Фаҳмиши фалсафии муносибати фарҳанг, ҷомеа ва иқтисод имкон медиҳад, ки талаботи инсонисозии муттасили иқтисодиёт, шаклҳои фаъолияти иқтисодӣ асос ёфта, ба онҳо хусусияти иҷтимоӣ ва фарҳангии миёнаравӣ дода шавад. Нақши фарҳанги иқтисодӣ дар ҷомеа тадриҷан меафзояд.

Масъалаи ташаккули сатҳи баланди фарҳанги иқтисодии ҷомеа яке аз проблемаҳои таъхирнопазир мебошад, зеро муваффақияти тамоми дигаргуниҳо, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешаванд, дар ниҳояти кор, аз ин сатҳ вобаста аст. Вижагиҳои асосии фарҳанги нави иқтисодӣ бояд шарикӣ, огоҳии ҳуқуқӣ, эҳтироми қонуният, меъёрҳои ахлоқӣ, тамаддун дар фаъолияти иқтисодӣ бошанд.

Таҳқиқоти муосири ҷанбаҳои мухталифи фарҳанги иқтисодӣ, ҳамбастагии фарҳанг ва ҷомеа, иқтисод дар фалсафа, иқтисод, сотсиология анъанаи дерина доранд. Таҳаввули шаклҳои сохтори иҷтимоию иқтисодии ҷомеа хусусиятҳои талаботҳои ҷомеаро ба фарҳанги иқтисодии инсон муайян кард, чунонки файласуфон Конфутсий, Платон, Аристотел қайд кардаанд. Олимону муҳаққиқони асрҳои миёна ва асри нав ба фарҳанги иқтисодии ҷомеа таваҷҷуҳи зиёд зоҳир кардаанд.

Дар айни замон, тафсири мафҳуми «фарҳанги иқтисодӣ» торафт бештар тасдиқ шуда истодааст. Муаррифии роҳи мавҷудияти фаъоли одамон дар соҳаи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳанги иқтисодӣ аз нуқтаи назари рушди қувваҳои муҳим, ки дар ҷараёни дигаргунсозии фаъолият истифода мешаванд, тавсиф карда мешавад. Он сатҳи фаъолияти иқтисодӣ, дараҷаи аз худ кардани таҷрибаи таърихӣ, малакаҳои иқтисодӣ ва татбиқи онҳоро дар амалия нишон медиҳад. Ҳамин тариқ, он ченаки рушди иҷтимоии шахсро ҳамчун субъекти фаъолияти иқтисодӣ муайян мекунад. Дар ин ҳолат, он на ҷанбаи субъективии раванди таърихист, ки ба вуқӯъ меояд, балки маҷмӯи

муносибатҳои истеҳсолӣ мебошад, ки ин ҷамъиятро намояндагӣ мекунанд. Дар хотир бояд дошт, ки фаъолияту зиндагии субъектҳо лаҳзаи муносибатҳои истеҳсолӣ мебошад.

Ҳамин тавр, проблемаи ташаккули фарҳанги иқтисодии ҷомеа ҳамеша дар доираи манфиатҳои муҳаққиқон, ки ҷанбаҳои мухталифи ин равандро омӯхтаанд, боқӣ мемонад. Дар айни замон, дар Тоҷикистони соҳибихтиёр гузаронидани таҳқиқоти ҳамаҷониба дар ин робита тақозо карда мешавад. Амалияи муосир таҳлили назариявии масъалаҳои ташаккули фарҳанги иқтисодиро бо назардошти воқеияти ҷомеаи муосир ва зудтағйирёбандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо мекунад. Асоси методологии чунин омӯзишу баррасӣ ва тадқиқотҳоро мафҳумҳои фалсафӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии муҳаққиқон бояд муайян кунанд, ки қонунҳои умумии рушди фарҳанги иқтисодӣ, шарти таърихии онро ошкор мекунанд.

Ин усул имкон медиҳад, ки маводи омӯзишию таҳқиқотӣ дар соҳаҳои гуногуни донишҳои гуманитарӣ ҷамъ оварда шаванд. Усули муқоисавии таърихӣ зимни пешбурди чунин тадқиқотҳо тавассути муқоиса кардани самт ва мантиқи рушди фарҳанги иқтисодӣ ва омӯзиши вазъи кунунии он имкон медиҳад. Унсурҳои асосии муносибати консептуалӣ дар нақшаи умумии таҳқиқотҳо - аз мафҳуми фарҳанг то омӯзиши ҷойгоҳу мақом ва вазифаҳои фарҳанги иқтисодӣ дар ҳаёти моддӣ ва маънавии ҷомеа амалӣ карда мешаванд.

Зимни пешбурди омӯзишу баррасиҳо бояд чунин масъалаҳо пешбинӣ ва ҳаллу фасл карда шаванд: омӯхтани арзишҳои асосӣ, динамикаи ташаккул ва рушди фарҳанги иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақши индивидуализм ва арзишҳои коллективӣ; таҳлили тамоюлҳои асосии рушди фарҳанги муосири иқтисодии ҷомеаи тоҷик, мундариҷаи арзиши он, дурнамои оянда дар ҷаҳони воқеии иҷтимоию фарҳангӣ; омӯхтани функсияҳои фарҳанги иқтисодӣ дар системаи иҷтимоӣ ва нақши он дар танзими фаъолияти иқтисодӣ дар заминаи таҷдиди ҷомеаи муосири тоҷик.

Аслан, бояд асосҳои фалсафӣ ва методологии омӯзиши фарҳанги иқтисодӣ, фарҳанги иқтисодӣ ҳамчун сифати муносибатҳои иқтисодӣ, ки субот, аҳаммияти иҷтимоӣ, огоҳӣ ва тартиби мутақобила, мутобиқшавӣ ба шароити доимо тағйирёбанда, тағйирпазирии муайян, оқилияти субъективӣ доранд, омӯхта шаванд. Ин муносибатҳо робитаҳои ташкилӣ ва институтсионалии иқтисодиро тақвият мебахшанд. Фарҳанги иқтисодӣ, мафҳум, сохтор ва мундариҷа ба он нигаронида шудааст, ки вижагиҳои асосии иқтисодиёт ва фарҳанг ба фарҳанги иқтисодӣ дароварда шуда, табдил дода шаванд. Дар натиҷа, таҷзияи онҳо таърихан ташаккул ёфтааст, ки сифати фаъолияти иқтисодии субъектҳоро дар ҳамбастагӣ ва рушди онҳо инъикос мекунад. Байни иштирокчиён муносибатҳои муайяне барпо карда мешаванд, ки дар онҳо қоидаҳо ва меъёрҳои эътирофшудаи ҳамагон татбиқ мешаванд. Маҷмӯи арзишҳо, ғояҳо ва самтҳое, ки дар натиҷаи инъикоси манфиатҳои онҳо ва хусусиятҳои вазъ, шакли ташаккулёфтаи рафтор ва ҳамкорӣ, мазмуни фарҳанги иқтисодиро ташкил медиҳанд. Он таҷрибаи муайяни иҷтимоию иқтисодӣ гирд меоварад, ки дар раванди ташаккул ва такрористеҳсоли шахсият ва ҷомеа ҳамчун субъектҳои иқтисодиёт таҷдид ва пайваста васеъ мешавад.

Пешниҳоди фарҳанги иқтисодӣ ҳамчун ифодаи мақсадноки фарҳанги муштарак дар соҳаи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ қонунӣ аст. Фарҳанги иқтисодӣ моҳият ва механизмҳои фаъолияти сектори иқтисодиро, пеш аз ҳама, тавассути субъектҳои он ва ҳамкории онҳо фаҳмонда медиҳад. Ин равиш ба мо имкон медиҳад, ки тамоми раванди иқтисодиро дар доираи фарҳанг муаррифӣ намоем. Дар ин робита, фарҳанги иқтисодӣ нақши истисноӣ мебозад, зеро он дорои қолибҳои асосии тафаккур ва рафторе мебошад, ки ба ташаккули иқтисодиёт мусоидат мекунад. Он бевосита ба равандҳои идоракунӣ дохил карда шудааст, ки воситаҳои махсусро барои танзими фаъолияти иқтисодӣ ва ҳамкории инсонӣ таъмин мекунад.

Мавҷудияти самтҳои муайяни иқтисодӣ ва афзалиятҳо як қисми зарурии фарҳанги иқтисодӣ мебошад. Онҳо афзалият ва интизориҳои субъектҳо, ниёзҳо ва манфиатҳои

воқеии онҳо, ангезаҳо ва шартҳои интихоби имконпазири иқтисодиро ифода мекунанд. Самти равонии субъектҳоро ба ҳадафҳо ва ашёҳое, ки барои онҳо аҳаммият доранд, тавсиф мекунанд. Аммо, муайян кардани фарҳанги иқтисодӣ бо тамаркузи субъективӣ, ба назари мо, ғайримантиқӣ аст. Онҳо нақши муҳим доранд ва ба осонӣ тавассути таҳқиқоти махсус сабт карда мешаванд, аммо тамоми мундариҷаи фарҳанги иқтисодиро фаро гирифта наметавонанд.

Фарҳанги иқтисодӣ ҳамчун андоза ва шакли татбиқи амалии манфиатҳои асосӣ, дониш, малака ва ҳадафҳои фаъолияти иқтисодӣ ба назар мерасад. Аз ин рӯ, он на танҳо шуури иқтисодӣ, балки худи фаъолият, усулҳои татбиқи онро фаро мегирад. Маҳз дар фарҳанги иқтисодӣ механизмҳои асосии танзими фаъолияти иқтисодӣ, аз ҷумла ҳавасмандкунӣ, таҷҳизот, маҳдудиятҳо ва ҳосилнокӣ ташаккул меёбанд.

Рушди инсон, қувваҳои эҷодӣ ва шаклҳои иртибот мазмуни асосии фарҳанги иқтисодиро ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, омӯзиши он самти инсонии иқтисодиётро ошкор мекунад.

Дар айни замон нақши фарҳанги иқтисодӣ торафт меафзояд. Раванди рушди минбаъдаи муносибатҳои иқтисодӣ бидуни гузариш ба сатҳи нави сифатан баландтари фарҳанги иқтисодӣ ғайриимкон аст. Афзоиши нақши он дар марҳилаи кунунӣ бо шароити объективӣ ва пеш аз ҳама, мушкилиҳои иқтисодие, ки бояд дар якҷоягӣ бо мушкилоти иҷтимоӣ, илмӣ ва техникӣ ҳаллу фасл карда шаванд, муайян карда мешавад.

Фарҳанги иқтисодӣ хусусияти системаи иқтисодӣ, дар маҷмӯъ, ҳолати сифатии он, таъсири тарафҳо, хусусиятҳои тафаккури иқтисодӣ ва иштироки одамон, фаъолияти муассисаҳои иқтисодӣ ва меъёрҳои танзимкунандаи онҳо мебошад. Он ба равандҳои иқтисодӣ самтнокӣ дода, якпорчагӣ ва тартиботи тамоми низоми иқтисодиро таъмин менамояд. Фарҳанг тарзи муайяни фаҳмиш, ташкил ва фаъолияти системаи иҷтимоӣ ва натиҷаҳои дар рушди ҷомеа ва шахсият асосёфта буда, дар заминаи муносибатҳои иқтисодӣ ба вуҷуд омадааст.

Фарҳанги иқтисодӣ дар ҳамкориҳои иқтисодии одамон зоҳир мешавад ва онро бо мазмуни семантикӣ пур мекунад. Он унсурҳои ин муносибатҳоро муайян мекунад, ки ба таҷдид ва рушди шаклҳои институтсионалӣ ва шахсии онҳо мусоидат мекунад. Намунаҳои муайяни ҳамкориҳои иқтисодӣ дар фарҳанг, қоидаҳо ва меъёрҳои аз ҷониби ҳама эътирофшуда, усулҳои ташаккули тафаккур ва рафтори инфиродӣ ва дастаҷамъӣ муқаррар карда мешаванд. Он ҳамчун маҷмӯи ғояҳо ва амалҳои тасаввуроти дахлдори иқтисодӣ, ки асоси рафтори воқеии одамон ва фаъолияти муассисаҳоро ташкил медиҳанд, пайдо мешавад. Дар ин замина, муносибатҳои ашхоси алоҳида бо сохторҳои иқтисодӣ ва дигар аъзои ҷомеа мукаммал карда мешаванд.

Фарҳанги иқтисодӣ хусусияти сифатии рушди шахс ё гурӯҳ аст. Он ҳолати шуур ва рафтори иқтисодии одамонро инъикос мекунад, қобилияти мутобиқшавӣ ва эҷодии онҳоро дар раванди азхудкунии олами атроф муайян мекунад. Рушди инсон, қувваҳои эҷодӣ ва шаклҳои иртибот мазмуни асосии фарҳанги иқтисодиро ташкил медиҳанд.

Фарҳанги иқтисодӣ консепсияи ҳамгироиест, ки чунин ҷузъҳои маърифатӣ, арзишӣ, рамзиро дорад. Ҳама арзишҳо ва меъёрҳо табиати маънавӣ доранд.

Ҳамин тариқ, аҳаммияти арзишҳои маънавӣ барои фарҳанги иқтисодӣ хеле баланд аст. Самаранокии арзишҳо ҳамчун асоси фарҳанги иқтисодӣ бо эътирофи онҳо ҳамчун дастури муҳимми фаъолият ва муносибатҳое муайян карда мешавад, ки мавҷудияти рӯзмарраи ҳамаи иштирокчиёни созмонро муайян мекунанд. Фарҳанги иқтисодӣ аз фарҳанг бо маънои васеъ фарқ мекунад, аз ин рӯ он танҳо арзишҳо ва меъёрҳоеро фаро мегирад, ки аз эҳтиёҷоти иқтисодиёт ба вуҷуд меоянд ва ба он таъсири назаррас доранд. Ин меъёрҳои иҷтимоӣ мебошанд, ки берун аз иқтисодиёт ба вуҷуд меоянд ва дар дохили он аҳаммияти хос пайдо мекунанд ва меъёрҳое, ки дар дохили иқтисод ба вуҷуд меоянд, аз эҳтиёҷоти дохилии он бармеоянд.

**АДАБИЁТ**

1. Ананьев Ю.В. Культура как интегратор социума /Ю.В.Анаьев. - М.: ННГУ, 1996. - 174с.
2. Афанасьев В.Г. Общество: системность, познание и управление /В.Г.Афанасьев. -М., 1981.- 156с.
3. Афанасьева А.И. В поисках моральных ориентиров /А.И.Афанасьевна // Социс. -2004. -№ 3. -С.138- 140.
4. Барроп Ф. Личность как функция проектирования человеком самого себя /Ф.Барроп //Вопросы психологии. -1990. -№2. - С. 2-8.
5. Баткип И.М. Индивидуальность и личность в истории /И.М. Баткип // Одиссей, 1990. - М.: Наука, 1990.
6. Бачипин В. Д. Духовная культура личности /В.Д.Бачипин. -М., 1986. - 196с.
7. Беленкова О.А. Антропологический фактор социального управления в социохозяйствепной сфере общественного производства: дисс. док. филос. наук /О.А.Беленкова. –Москва, 2004 г.- 336с.
8. Брагин Г.М. Философия гуманной экономики /Г.М.Брагин, А.И.Попов. – Челябинск. Институт коммерции МГУ К, 1999.- 207с.
9. Брагин Г.М. Экономика страны и культура /Г.М.Брагин, С. Б.Исмуратов //Экономическая и педагогическая культура. - Челябинск: Институт коммерции МГУК, 1999. - С.35-42.
10. Брандт Г.Л. Культура как предмет философии /Г.Л.Брандт //Вестник ЛГУ. сер.6. -1991. -№20. -Вып. 3.-С. 14-18.
11. Варюшипа М.В. Структура культуры мира как элемента культуры личности студента /М.В.Варюшина //Философия и будущее цивилизации. Тезисы докладов IV Российского философского конгресса. -М., 2005. - Т. 4.
12. Устияп И. Экономическая этика /И.Устияп //Экономист. -М., 2000. -№3. -С.91-96.
13. Ухаиов В. Л. Человек в информационно-техническом мире /В.Л.Уханов.- Хабаровск, 1999. - 136 с.
14. Экономические и социальные перемены: мониторинг общественного мнения. -1993. -№8.
15. Эрроу К. Информация и экономическое поведение /К.Эрроу // Вопросы экономики. -1999.-№5.-С.98-107.
16. Янбулатова О.Ю. Экономическая культура как фактор социально-экономического развития /О.Ю.Янбулатова. - Кострома, 2000.

## ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ИҚТИСОДИИ ҶОМЕАИ ТОҶИК

Мақола масъалаҳои вобаста ба ташаккули фарҳанги иқтисодии ҷомеаи тоҷикро фаро мегирад. Ба андешаи муаллиф, дар Тоҷикистони муосир дар солҳои охир дигаргуниҳои куллии иҷтимоию иқтисодӣ ба амал омадаанд. Ташаккули як низоми нави идоракунӣ, аз ҷумла фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити нави фарҳангӣ мушкил ва зиддиятнок аст. Рушди соҳаи иқтисодии ҷомеа мустақиман аз омилҳои ғайрииқтисодӣ ба монанди арзишҳои маънавӣ ва иҷтимоии гурӯҳҳои мушаххас вобаста аст. Маҳз ин омилҳо талаботҳоро ташаккул медиҳанд, ки дар доираи он худи фаъолияти иқтисодӣ амалӣ карда мешавад. Тағйироти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ҳам бо ҳам ва ҳам бо сатҳи рушди фарҳанг зич алоқаманданд. Равандҳои тафриқавии сохтор ва махсусгардонии вазифаҳои фарҳангӣ дар раванди таҳаввулоти иқтисодиёт ва ҷомеа ба амал меоянд. Муаллиф зикр мекунад, ки фарҳанги иқтисодӣ консепсияи ҳамгироиест, ки чунин ҷузъҳоро, ба монанди маърифатӣ, арзишӣ, рамзӣ дар бар мегирад. Мулоҳизаҳои худро ҷамъбаст намуда, муаллиф таъйид мекунад, ки аҳаммияти арзишҳои маънавӣ барои фарҳанги иқтисодӣ хеле баланд аст. Самаранокии арзишҳо ҳамчун асоси фарҳанги иқтисодӣ бо эътирофи онҳо ҳамчун дастури муҳимми фаъолият ва муносибатҳое муайян карда мешавад, ки мавҷудияти рӯзмарраи ҳамаи иштирокчиёни созмонро муайян мекунанд.

**Калидвожаҳо:** ташаккули фарҳанги иқтисодӣ, ҷомеаи тоҷик, дигаргуниҳои ҷиддӣ, вазифаҳои фарҳангӣ, талаботҳо, раванди таҳаввулот, иштирокчиёни созмон,арзишҳо ва меъёрҳо.

## ФОРМИРОВАНИЕ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ ТАДЖИКСКОГО ОБЩЕСТВА

В статье освещаются вопросы, связанные с формированием экономической культуры таджикского общества. По словам автора, в последние годы в современном Таджикистане произошли серьезные социально-экономические изменения. Создание новой системы управления, включая предпринимательскую деятельность в новом культурном контексте, является сложным и противоречивым. Экономическое развитие общества напрямую зависит от неэкономических факторов, таких как духовные и социальные ценности отдельных групп. Именно эти факторы создают требования, в рамках которых осуществляется экономическая деятельность. Экономические и социальные изменения тесно связаны как с уровнем культурного развития, так и без него. Различные процессы структурирования и специализации культурных функций происходят в процессе экономической и социальной эволюции. Автор отмечает, что экономическая культура является комплексным понятием, имеющим такие компоненты, как когнитивная, ценностная и символическая. Все ценности и нормы носят духовный характер. Обобщая свои взгляды, автор утверждает, что значение духовных ценностей для экономической культуры очень велико. Эффективность ценностей как основы экономической культуры признается в качестве важного руководства для действий и отношений, которые определяют повседневное существование всех участников организации.

**Ключевые слова:** формирование экономической культуры, таджикское общество, основные изменения, культурные цели, требования, процесс изменений, участники организации, ценности и нормы.

## FORMATION OF THE ECONOMIC CULTURE OF TAJIK SOCIETY

The article highlights issues related to the formation of the economic culture of Tajik society. According to the author, in recent years, serious socio-economic changes have occurred in modern Tajikistan. Creating a new management system, including entrepreneurship in a new cultural context, is complex and controversial. The economic development of society directly depends on non-economic factors, such as spiritual and social values of individual groups. It is these factors that create the requirements within which economic activity is carried out. Economic and social changes are closely related to both the level of cultural development and without it. Various processes of structuring and specialization of cultural functions occur in the process of economic and social evolution. The author notes that economic culture is a complex

concept having such components as cognitive, value and symbolic. All values and norms are spiritual in nature. Summarizing his views, the author claims that the value of spiritual values for economic culture is very great. The effectiveness of values as the basis of economic culture is recognized by their recognition as an important guide for actions and relationships that determine the daily existence of all participants in an organization.

**Key words:** the formation of economic culture, Tajik society, major changes, cultural goals, requirements, the process of change, participants in the organization, values and norms.

**Сведения об авторе**: ***Имомов Хурсандджон Шарипович*** - Кулябский государственный университет им.А.Рудаки, соискатель кафедры педагогики. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан город Куляб, улица С.Сафарова-16. Телефон: **985555226**

**Information about the author: Imomov Hursandjon Sharipovich** - Kulob State University named after A. Rudaki, applicant department of Pedagogy. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, S. Safarova-16 street. Phone: **985555226**

**УДК:372.881 (575.3)**

# МАШҒУЛИЯТҲО АЗ ФАННИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ШАКЛҲОИ АСОСИИ ТАШКИЛИ ОН

***Фатоева Р.А.***

**Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон**

Тайёр намудани мутахассисони баландихтисос дар мактабҳои олии Тоҷикистон дар сурате имконпазир мегардад, ки агар онҳо дар баробари донишҳои назариявии марбути ихтисосашон, ҳамчунин, бо силсилаи дониши фанҳои ташкил ва пеш бурдани раванди таълимро омӯзанда, ба монади педагогика, психология ва методика (методикаи таълими фанни мушаххас, масалан, методикаи забони тоҷикӣ) ҳам таъмин карда шаванд. Чунин донишҳои зарурӣ ба донишҷӯён, агар аз як тараф тавассути қироати лексия, ташкили дарсҳои амалию таҷрибавии устодон пешниҳод шаванд, аз тарафи дигар, бо роҳи китобҳои дарсии фанҳои мазкурро мустақилона омӯхтану конспект намуданашон (ҳангоми тайёрӣ дидан ба дарсҳои амаливу таҷрибавӣ ва ё омодагӣ гирифтан ба супоридани санҷишу имтиҳонот) дастрас хоҳанд гашт.

Аммо то ба имрӯз, бахусус, барои мактабҳои олии Тоҷикистон китобҳои дарсӣ аз фанҳои педагогика ва психология ду – се маротибагӣ навишта ва ё аз забони русӣ тарҷума ва дастраси донишҷӯён гардонида шуда бошанд ҳам, мутаассифона, то ба ҳол китоби дарсии методикаи таълими забони тоҷикӣ барои донишҷӯёни факултетҳои филологии мактабҳои олӣ мураттаб нагардидааст.

Шаклҳои кор ё худ системаи машғулиятҳо дар мактаб доир ба ҳар як фанни таълимӣ, аз ҷумла марбут ба таълими забони тоҷикӣ ба навъҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

- машғулиятҳои синфӣ, ки дар шакли дарс гузаронида мешаванд;
- машғулиятҳои факултативӣ, ки махсус, вале бо шумораи ками хонандагоне, ки барои дақиқ омӯхтани забони тоҷикӣ шавқи баланд доранд, гузаронида мешаванд;
- корҳои беруназсинфӣ, ки дар шакли маҳфил ва ҷамъомадҳои махсус доир ба забони тоҷикӣ гузаронида мешаванд;
- ташкили машғулиятҳои фардӣ барои хонандагони сустхон зимни додани маслиҳату супоришҳои махсус.

Аммо дар байни ин системаи машғулиятҳо шакли аввал -машғулиятҳои синфӣ ё худ дарс дар омӯзиши ҳаматарафаи забони тоҷикӣ, чи аз ҷиҳати назариявӣ ва чи амалӣ, нақши аз ҳама муҳимро мебозанд. Аз ин рӯ, дар аксари маъхазҳо дарс шакли асосии ташкили машғулиятҳои таълимӣ номида шудааст [1, с.114]. Мувофиқи ақидаи мутахассисон, «ҳар як дарс ба асари фардии пурра баохиррасида монанд аст ва агар сохтор (банду баст)-и хубро доро бошад, он гоҳ метавон гуфт, ки он асари бадеии мукаммал аст» [2]. Дарвоқеъ, агар дарсро ба асари бадеии мукаммал ташбеҳ додан ҷоиз

бошад, ба назари мо, дарси мувофиқи талаботи меъёрӣ гузаронидашуда ба филми бадеие шабоҳат дорад, ки ҳар яке аз тамошобинон персонажҳои он ҳам ба шумор меравaнд.

Аз ин лиҳоз, дар мактаб ба сохту мазмун ва сифати дарс, ҷиҳатҳои намоишдиҳӣ ва таълимию тарбиявии он диққати махсус дода мешавад. Ва, албатта, вобаста ба хусусиятҳояшон - аз ҷиҳати мундариҷа, сохту тарзи ташкил кардан ва ҳам мақсади гузаронида шуданашон дарсҳои забони тоҷикӣ гуногун мешаванд. Вале сарфи назар аз гуногун буданашон, дарсҳо бо ин ё он хусусияташон ба ҳам мувофиқат намуда, система ва ё силсилаи муайяни машғулиятҳоро доир ба омӯхтани забони тоҷикӣ ва грамматикаи он ташкил медиҳанд. Умуман, дарсҳои забони тоҷикиро аз ду ҷиҳат ба хелҳо ҷудо мекунанд: 1) аз ҷиҳати мақсади гузаронида шуданашон; 2) аз ҷиҳати мундариҷаашон, яъне аз рӯйи мундариҷаи мавзӯъҳои омӯхташаванда.

Вобаста ба шакли аввал, яъне аз ҷиҳати мақсади гузаронида шуданашон, дарсҳои забони тоҷикӣ, пеш аз ҳама, се хел мешаванд:

а) дарси додани дониши нав ба хонандагон (масалан, доир ба ин ё он мавзӯи морфологӣ ё синтаксисӣ), яъне дар ин хели дарс ба хонандагон доир ба ягон ҳодисаи забон маълумот ё худ дониши нав дода мешавад;

б) дарси мустаҳкам намудани дониш, ки дар ин хели дарс мавзӯи нав таълим дода намешавад, балки омӯзгор мавзӯи пештар, масалан, дирӯз омӯзондаашро, ки ба аҳли синф на он қадар дақиқу фаҳмо дастрас гардида буд, бо иҷрои машқҳои гуногун ва ташкили саволу ҷавоб мустаҳкам менамояд;

в) дарси санҷиши дониш ва малакаи хонандагон, ки он ба воситаи ташкили корҳои хаттии санҷишӣ – машқу супоришҳои махсус интихобшуда, гирифтани диктантҳои таълимию санҷишӣ бо супоришҳои гуногуни грамматикӣ доир ба имло ва аломатҳои китобат (доир ба як мавзӯъ, як боб ва ё якчанд фаслу боби барномаи таълим) гузаронида мешавад.

Доир ба типи дуюми дарс - дарси мустаҳкам намудани дониш ҳаминро ҳам бояд донист, ки он ба лаҳзаи дарси мустаҳкамкунӣ ҳам монандӣ ва ҳам аз он фарқе дорад. Монандиаш дар ин, ки дар рафти гузаронидани он, чун дар лаҳзаи мустаҳкамкунӣ, танҳо як мавзӯъ, ба воситаи саволу ҷавоб ва иҷрои машқу супоришҳо мустаҳкам карда мешавад. Вале фарқи дарси мустаҳкам намудани дониш аз лаҳзаи мустаҳкамкунӣ дар ин аст, ки барои он, яъне дарси мустаҳкам намудани дониш, тамоми як соати академикӣ – 45 дақиқа, аммо барои лаҳзаи мустаҳкамкунӣ аз ҳамон миқдори як соати академикӣ аз 10-12 то 15-20 дақиқа бахшида мешаваду бас.

Аз рӯйи мақсади гузаронида шуданашон дар қатори он се типи дарс, боз хелҳои дигари дарсҳои забони тоҷикиро ҳам, ки дарси такрор, дарси такрори ҷамъбасти донишҳо ва дарси инкишофи нутқи мураттаб номидаанд, метавон номбар намуд. Дарси такрор навъи дигари дарси мустаҳкам намудани донишу малакаи хонандагон аст. Аз ин рӯ, ин хели дарс аз тарафи методистон, ҳамчун типи махсуси дарс эътироф нашудааст. Зеро дарси мустаҳкам намудани дониш ҳам мантиқан дарси такрор буда, дар дарси такрор низ мазмунан мустаҳкам намудани дониши талабагон дар мадди назари омӯзгор аст. Фарқи асосӣ дар байни ин ду хели дарс ин аст, ки дар дарси мустаҳкам намудани дониш як мавзӯъ, вале дар дарси такрор як боби калон ва ё 2-3 боби хурд такрору мустаҳкам карда мешаванд. Ҳамин тавр, аз ҷиҳати мақсади гузаронида шуданашон дарсҳоро, пеш аз ҳама, ба хелҳои зерин:

- дарси додани дониши нав, дарси мустаҳкам намудани дониш;

- дарси санҷиши донишу малакаи хонандагон ҷудо мекунанд, ки ба ин гурӯҳ, ҳамчунин, дарсҳои ба ном такрор, такрори ҷамъбасти донишҳо доир ба як мавзӯъ ва инкишофи нутқи мураттаб зам мешаванд. Аммо вобаста ба мундариҷаашон дарсҳо ба чунин типҳо ё хелҳо: грамматикӣ (морфологӣ ва синтаксисӣ) фонетикӣ, калимасозӣ, орфографӣ, пунктуатсионӣ ҷудо карда шудаанд. Инак, ҳамаи он дарсҳое, ки маҳз ба

таълими синтаксис бахшида мешаванд, аз рӯйи мундариҷаашон ба хели дарсҳои синтаксисӣ маҳсуб мебошанд, ё худ тамоми дарсҳое, ки ба ин ё он мавзӯи фонетика бахшида мешаванд, аз рӯйӣ мундариҷаашон дарсҳои фонетикӣ ном доранд ва ғ.

Бояд таъкид намуд, ки умуман, аз рӯйи мақсад ва мундариҷаашон ба хелҳо ҷудо намудани дарсҳои забони тоҷикӣ шартан аст. Зеро, дар асл, дар айни ҳамон як типи дарс, масалан, дар дарси додани дониши нав ба хонандагон ҳама элементҳо – ҷузъиёти дарси мустаҳкам намудани дониш ва ҳам санҷиши донишу малака (дар лаҳзаҳои пурсиши вазифаи хонагӣ ва мустаҳамкунии мавзӯи нав) ба мушоҳида мерасанд, ки ба ҳамин сабаб дарси мазкурро бо унвони дарси омехта ҳам ном мебаранд [2, с.49].

Ба ҷуз ин, ба андешаи муҳаққиқи шинохтаи соҳаи педагогика, ҳаминро ҳам бояд донист, ки «ҳар як дарс вобаста ба фардияташ такрорнашаванда аст, аз он ҷо ҷиҳат ки ба ҳар яки он хусусиятҳои худро ҳам мавод, ҳам синф ва ҳам омӯзгор ворид мекунад» [2, с.49]. Вобаста ба ин, чунин ҳукмро асоснок шуморидан мумкин аст, ки ҳеҷ гоҳ «чун қоида, омӯзгори ковишгар доир ба ҳамон як мавзӯъ ду дарси айнан якхеларо ташкил карда наметавонад» [3, с. 115]. Ин нукта баъзан аз сохту лаҳзаҳои дарс низ бармеояд.

Сохту лаҳзаҳои дарс ва тартиби ҷобаҷогузории лаҳзаҳои он ба ин ду масъала - мақсади дарс ва хусусияти мавзӯи дарс вобаста аст. Аз ин рӯ, агар омӯзгор мақсади ҳар як дарс ва хусусияти мавзӯъ ва ё маводи онро ба назар гирад, тарз ё усули ташкил ва гузаронидани онро ҳам дуруст муайян мекунад.

Бояд донист, ки ҳар як тип ё хели дарс сохти махсусе дорад, ки ин нукта аз лаҳзаҳои ба ҳам алоқаманди он аён мегардад. Чунончи, баъзе лаҳзаҳои дарс, масалан пурсиши вазифаи хонагӣ ё худ супориши вазифаи хонагӣ ба ҳамаи хелҳои дарс дохил шуда метавонад. Аммо лаҳзаҳои дигари он, аз қабили баёни мавзӯи нав ва санҷиши умумии донишу малакаи хонандагон ба ин ё он типи махсуси дарс хос аст. Умуман, дар маҷмӯъ лаҳзаҳои дарси забони тоҷикиро ин тавр метавон баррасӣ намуд: а) баёни мавзӯи нав; б) машқҳои мустаҳкам кардан ва такрори донишу малакаи хонандагон; в) тафтиши вазифаи хонагӣ; г) пурсиши хонандагон; ғ) санҷиши умумӣ ё худ фронталии дониш ва малакаи ҳамаи хонандагон (бо гирифтани корҳои хаттии санҷишӣ. -С.Ш.) [3, с.115]. Ниҳоят, ҳамаи хелҳои дарс бо лаҳзаи ташкилӣ оғоз ёфта, бо эълони баҳо ё худ супориши вазифаи хонагӣ анҷом меёбад, ки риояи талаботи ин қисматҳо низ дар ҷараёни дарс муҳим аст.

Чунин лаҳзаҳои дарс солҳои тӯлонӣ дар амал санҷида шудаанд. Вале тарзи ба ҳам пайвастан ё худ тартибу ҷобаҷогузории онҳо (лаҳзаҳои дарс) вобаста ба мақсади дарс, маълум ё нав будани маводи дарс, то кадом андоза ба мавзӯъҳои пеш омӯхтаи хонандагон вобаста будани мавзӯи нав, хели машқҳои иҷро карда мешудагӣ (диктантҳои таълимӣ ё санҷишӣ, таҳлили грамматикӣ ва ғ.) метавонанд гуногун бошанд.

Лаҳзаҳои дарс дар нақшаи дарс (план-конспект) -и омӯзгор пас аз сабти се нукта: мақсади дарс, методҳои дарс ва таҷҳизонидани дарс таҳти унвони «Равиши дарс» (пеш аз ҳар яки онҳо рақами римӣ гузошта) навишта мешаванд. Масалан, сохт ва тарзи ҷобаҷогузории лаҳзаҳои дарси додани дониши нав ба доншҷӯён дар нақшаи кори омӯзгор, асосан, ба таври зер оварда мешаванд:

**РАВИШИ ДАРС:**

I. Ташкилии дарс.
II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.
III. Мустаҳкамкунӣ.
IV. Супориши вазифаи хонагӣ.
V. Эълони баҳо.

Дар асл, аз рӯйи ҳамин сохт ва ё тартиби ҷобаҷогузории лаҳзаҳо, ки дар фавқ мебинед, дар гузаронидани дарс мавриде зарурат дорад, ки агар хонандагонро ба фаҳмидани мавзӯи нав тайёр кардан лозим бошад. Яъне, дар чунин маврид ҳатман пеш аз баёни мавзӯи нав вазифаи хонагӣ ва маводи ба ин мавзӯи нав алоқаманд бояд ба тариқи такрор

пурсида шавад. Масалан, мавзӯи «Сифати феълӣ» ҳамин гуна мавзӯъ аст. Пеш аз баёни сифати феълӣ, ҳамчун шакли махсуси феъл, ки хусусиятҳои сифатро ҳам доро мебошад, бояд аломатҳои барҷастаи феълу сифат (ҳаракату ҳолати предметро фаҳмондани феъл, замон доштани он, бо бандаки изофӣ алоқаманд шудани сифат, аломати предметро фаҳмондану ба кадом саволҳо ҷавоб шудани он) пурсида шавад, то ки ба ҳамин дониши хонандагон такя карда, хусусиятҳои сифати феълӣ ба онҳо фаҳмонда шавад. Албатта, дар айни баёни мавзӯъ ҳам аломатҳои феълу сифатро ба хотири хонандагон оварда истода, фаҳмондани хусусиятҳои сифати феълӣ зарурат пайдо менамояд. Яъне, бо овардани ҳамин сохтори дигари дарси додани дониши нав таъкид карданием, ки дар ҳар типи дарс ҳатман ҷой доштани ҳамаи лаҳзаҳои хосси он ё худ план – конспектро аз рӯйи як тартиби муайян навиштан ва ҳамон тартибро айнан дар ҷараёни дарс риоя намудан шарт нест. Хулоса, ҳатто мумкин аст нақшаи пешакӣ тартибдодаи омӯзгор дар рафти дарс тағйир ёбад.

Масалан, агар мавзӯи нав мантиқан идомаи мавзӯи пешина бошад, пас аз қисмати ташкилии дарс омӯзгор метавонад лаҳзаи пурсиши вазифаро ташкил накарда, аввал мавзӯи навро фаҳмонда, баъд вазифаи хонагиро дар рафти мустаҳкамкунии мавзӯи нав ва ҳатто дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав бо усули суҳбат пурсад. Албатта, дар ин бобат донишу фаҳмиши хонандагонро ҳам ба назар гирифтан лозим меояд.

## АДАБИЁТ


1. Баранов М.Т. Методика преподавания русского языка: учебное пособие для вузов по специальности №2101 "Русский язык и литература" /М.Т.Баранов, Т.И. Ладыженская [и др.]; ред. М.Т.Баранов. -М.: Просвещение,1990.
2. Поздняков Н.С. Методика преподавания русского языка / Н.С. Поздняков. -М.: Госучпедгиз, 1955.
3. Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе /А.В.Текучев. -3-е изд., перераб. - Москва: Просвещение,1980. - 413.
4. Чистяков М.В. Методика преподавания русского языка в таджикской школе. Пособие для учителей / М.В. Чистяков. –Сталинабад: Учпедгиз,1959.
5. Юнусов И. Педагогика / И. Юнусов. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2005.


## МАШҒУЛИЯТҲО АЗ ФАННИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ШАКЛҲОИ АСОСИИ ТАШКИЛИ ОН


Дар мақолаи мазкур масъалаҳои дар сатҳи зарурии методӣ ва босифат ба роҳ мондани машғулиятҳо аз фанни забони тоҷикӣ дар макотиби олӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Тайёр намудани мутахассисони баландихтисос дар мактабҳои олии Тоҷикистон дар сурате имконпазир мегардад, ки агар онҳо дар баробари донишҳои назариявии марбути ихтисосашон, ҳамчунин, бо силсилаи дониши фанҳои ташкил ва пеш бурдани раванди таълимро омӯзанда, ба монади педагогика, психология ва методика (методикаи таълими фанни мушаххас, масалан, методикаи забони тоҷикӣ) ҳам таъмин карда шаванд. Чунин донишҳои зарурӣ ба донишҷӯён, агар аз як тараф тавассути қироати лексия, ташкили дарсҳои амалию таҷрибавии устодон пешниҳод гарданд, аз тарафи дигар, бо роҳи китобҳои дарсии фанҳои мазкурро мустақилона омӯхтану конспект намуданашон (ҳангоми тайёрӣ дидан ба дарсҳои амаливу таҷрибавӣ ва ё омодагӣ гирифтан ба супоридани санҷишу имтиҳонот) дастрас хоҳанд гашт. Таъкид карда мешавад, ки барои ба даст овардани мақсади асосии дарс ва дуруст аз худ намудани маводи таълимӣ аз фанни забони тоҷикӣ омӯзгор бояд аз шаклҳои асосии ташкили машғулиятҳо истифода барад.



**Калидвожаҳо:** машғулият, забони тоҷикӣ, муассисаҳои таълимии олӣ, методика, синфӣ, беруназсинфӣ, шаклҳои ташкили дарс.


## ЗАНЯТИЯ ПО ТАДЖИКСКОМУ ЯЗЫКУ В ВУЗАХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ОСНОВНЫЕ ФОРМЫ ИХ ОРГАНИЗАЦИИ


В данной статье рассматривается проблема организации занятий по таджикскому языку на должном методическом уровне. Подготовка высококвалифицированных кадров в высших учебных заведениях Таджикистана может осуществиться только в том случае, если на равне с получением теоретических знаний относительно их специализации, они будут обеспечены целым рядом знаний по предметам организации и продвижения процесса обучения такими как педагогика, психология и методика (методика обучения специального предмета, например, методика обучения таджикского языка). Такие важные знания становятся доступными для студентов с одной стороны посредством проведения лекционных занятий, организации практических занятий со стороны преподавателей, с другой стороны посредством самостоятельного изучения учебников и их конспектирования при подготовке с практическим занятиям и сдачи экзаменов. Подчёркивается, что для достижения поставленной цели и освоения учебного материала на занятиях по таджикскому языку преподаватель должен эффективно организовать и использовать их основные формы.



**Ключевые слова:** занятие, таджикский язык, вуз, методика, аудиторный, внеаудиторный, формы организации занятия и др.

**KNOWLEDGE IN TAJIK LANGUAGE IN THE UNIVERSITIES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE BASIC FORMS OF THEIR ORGANIZATION**

This article discusses the problem of organizing classes in the Tajik language at the proper methodological level. The training of highly qualified personnel in higher educational institutions of Tajikistan can only be carried out if, on a par with obtaining theoretical knowledge regarding their specialization, they will be provided with a whole range of knowledge on the subjects of organizing and promoting the learning process such as pedagogy, psychology and methodology (special education methodology subject, for example, the methodology of teaching the Tajik language). Such important knowledge becomes available to students on the one hand through lectures, the organization of practical classes by teachers, and on the other hand through independent study of textbooks and their notes in preparation for practical classes and passing exams. It is emphasized that in order to achieve the set goal and master the educational material in the Tajik language classes, the teacher must effectively organize and use their main forms..

**Keywords:** lesson, Tajik language, university, methodology, classroom, extracurricular, forms of organization of classes, etc.

**Сведения об авторе:** Ф*атоева Рухсорамо Абдукагоровна* - Государственный институт изобразительного искусства и дизайна Таджикистана, старший преподаватель кафедры языков и гуманитарных дисциплин.
Телефон: **918668221**

**Information about the author:** ***Fatoeva Rukhsoramo Abdukagorovna* -** State Institute of Fine Arts and Design of Tajikistan, Senior Lecturer, Department of Languages and Humanities.Phone: **918668221**

**УДК:372.851**

# МЕТОДИКАИ ОМӮЗИШИ МАСОҲАТИ ШАКЛҲО ДАР КУРСИ ГЕОМЕТРИЯИ МАКТАБӢ

***Сироҷиддини Давлаталӣ***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Мавзӯи «Масоҳати шаклҳо» дар асоси барномаи таълимӣ дар геометрия синфи 9 омӯзонида мешавад. Барои омӯзиши он 18 соат вақт ҷудо карда шудааст. Дар китоби геометрияи барои синфҳои 7 – 11 [1,с.84] мафҳуми масоҳат чунин баён ёфтааст. Агар шаклеро ба секунҷаҳои ҳамворӣ шумораашон охирнок тақсим кардан мумкин бошад онро шакли содда меномем. Бисёркунҷаи ҳамвори барҷаста мисоли шакли содда мебошад. Ин бисёркунҷа бо диагоналҳояш, ки аз ягон қуллааш гузаронида шудааст, ба секунҷаҳои ҳамвор тақсим мешаванд. Таърифи масоҳат барои шаклҳои содда:

Масоҳат - ин бузургии мусбатест, ки қимати ададиаш дорои чунин хосиятҳо мебошад:

1) Шаклҳои баробар масоҳатҳои баробар доранд.

2) Агар шакл ба қисмҳое, ки онҳо шаклҳои содд мебошанд, тақсим карда шавад, онгоҳ масоҳати ин шакл ба ҳосили ҷамъи масоҳатҳои қисмҳои он баробар аст.

3) Масоҳати квадрате , ки тарафаш ба воҳиди ченкунӣ баробар аст, ба воҳид баробар мебошад. Дар китоби дарсӣ формулаи ҳисоб кардани масоҳати росткунҷа исбот карда шудааст. Баъдан мавзӯъҳои дигар аз қабили масоҳати параллелограмм, секунҷа, трапетсия, масоҳати шаклҳои монанд, доира ва қисмҳои он оварда шуда, масъалаҳои гуногуни амалӣ оварда шудаанд. Дар қисмати саволҳо ва масъалаҳо барои корҳои амалӣ супоришҳои зиёд оварда шудаанд.[2,с.198]

Дар асоси барнома омӯзиши мавзӯъҳои зайл дар фасли масоҳат пешбинӣ шудаанд:

Мафҳуми масоҳат – 1 соат

Масоҳати росткунҷа – 2 соат

Масоҳати параллелограмм – 3 соат

Масоҳати секунҷа – 2 соат

Формулаи Герон барои ҳисоб кардани масоҳати секунҷа – 1 соат

Масоҳати трапетсия – 3 соат

Масоҳати шаклҳои монанд 2 – соат

Масоҳати доира. Масоҳати сектор – 3 соат

Мафҳуми масоҳат дар китоби дарсии ҷорӣ ( геометрияи синфи 8, муаллифонаш Ҷ. Шарифов, У. Бурҳонов )[3,.184] чунин баён шудааст:

Аз замонҳои қадим диққати одамонро муайян кардани бузургии қитъаҳои гуногуни замин ба худ ҷалб мекард. Аксар вақт барои чен кардани бузургии қитъаҳои алоҳидаи Замин аз мафҳуми масоҳат истифода мебаранд.

Барои муайян кардани мафҳуми масоҳат мисоли зеринро дида мебароем. Вараќи дафтари математика ба катакчаҳо тақсим шудааast. Ҳар як катакча шакли квадратчаро дорад. Агар бари як катакчаро 1 см гӯем, ҳисоб мекунем, ки вараќи дафтар чанд катакча

дорад. Барои ин мебинем, ки як сатр чанд катакча дорад. Акнун миқдори сатрҳоро ҳисоб карда, онро ба миқдори катакчаҳои як сатр зарб мекунем. Натиҷаи ҳосили зарб нишон медиҳад, ки вараќи дафтар чанд катакча дорад. Катакчаҳои ҳисобкардашуда нуқтаҳои дохилии умумӣ надоранд. Агар масоҳати 1 катакчаро 1см$^2$ гӯем, пас масоҳати варақ ба суммаи масоҳатҳои квадратчаҳо баробар мешавад.

Айнан ҳамин тавр масоҳати қитъаҳои гуногуни заминро меёбанд. Агар тарафи квадрат 1м бошад, масоҳаташ 1м$^2$ фаҳмида мешавад. Дар қитъаи муайяни Замин миқдори квадратҳои тарафашон 1м – ро ҳисоб карда, чанд м$^2$ будани масоҳати Заминро меёбанд. Агар қитъаи муайяни Замин аз ду қисм иборат бошад, масоҳати ҳар кадомашро ёфта ҷамъ мекунанд. Мафҳуми масоҳат се талабот дорад ва ба аксиомаҳои дарозии порча ва бузургии градусии кунҷ монанд мебошад.

Масоҳат бузургии мусбатест, ки қимати ададиаш се хосияти зеринро дорад:

1. Фигураҳои баробар масоҳатҳои баробар доранд.

2. Агар фигура ба қисмҳое ҷудо шуда бошад, ки нуқтаи дохилии умумӣ надошта бошанд, масоҳаташ ба суммаи масоҳатҳои қисмҳояш баробар аст.

3. Масоҳати квадрат ба квадрати тарафаш баробар аст.

Дар муқоиса бо баёни мафҳуми масоҳат бо китоби А. В. Погорелов (геометрия 7 – 11 Душанбе , «Маориф» , 1991)[1] дар китоби геометрияи синфи 8 ( муалифонаш Шарифов Ҷ, Бурҳонов У) чунин иловаҳо омадаанд[3].

1) Агар $Ф_1 = Ф_2$ , он гоҳ $S(Ф_1) = S(Ф_2)$

2) Агар Ф аз қисмҳои бе нуқтаи дохилӣ аз $Ф_1$, $Ф_2$ , $Ф_3$ иборат бошад, он гоҳ $S(Ф) = S(Ф_1) + S(Ф_2) + S(Ф_3)$ мешавад.

3) Агар тарафи квадрат а воҳиди дарозӣ дошта бошад, он гоҳ S(квадрат) = а (воҳиди квадратӣ) мебошад.

Дар китоби геометрияи дарсии муосир воҳидҳои масоҳат ва муносибати байни онҳо бо мақсади пурра аз худ намудани хонандагон оварда шудааст. Масъалаҳои амалӣ бо нишондодҳояшон оварда шудаанд, ки ба воситаи он хонандагон метавонанд масъалаҳои ба он монандро ҳал намоянд.

**Масоҳати секунҷа**

Таъриф: Масоҳати секунҷа ба нисфи ҳосили зарби асос бар баландӣ баробар аст.

$S = \frac{1}{2}AB \cdot CH$ ё $S = \frac{1}{2}ah_a$ (1) [*I*]

Масоҳати секунҷаро боз бо формулаҳои дигар ҳам ҳисоб кардан мумкин аст:

$S = \frac{1}{2}ab\sin\alpha$; (2) $S = \sqrt{p \cdot (p-a) \cdot (p-b) \cdot (p-c)}$ (3) $S = \frac{abc}{4R}$ (4)

$S = r \cdot p$ (5) $S = \frac{1}{2}\sqrt{2h_a \cdot h_b \cdot h_c \cdot R}$ (6) [*IV* с. 75]

Масоҳати секунҷаи росткунҷа ба нисфи ҳосили зарби катетҳои он баробар аст:

$S = \frac{1}{2}ab$ (7)

Барои муайян намудани масоҳати секунҷаи росткунҷа чунин формулаҳоро ҳам истифода бурдан мумкин аст:

$S = \frac{ch_c}{2}$ (8) $S = \frac{c-\sqrt{a^1 \cdot b^1}}{2}$(9) $S = R \cdot h$ (10)

Масоҳати секунҷаи баробарпаҳлӯро бо чунин формулаҳо ҳисоб кардан мумкин аст:

$S = \frac{a-h_a}{2}$ (11) $S = \frac{c}{4}\sqrt{4a^2 - c^2}$ (12) $S = \frac{h_a - h_c^2}{\sqrt{4h_c^2 - h_a^2}}$ (13)

Масоҳати секунҷаи мунтазамро бо формулаҳои зерин ҳисоб намудан қулай мебошад.

$S = 3R^2\sqrt{3}$(14) $S = \frac{a^2\sqrt{3}}{4}$ (15)

**Масоҳати параллелограмма**

1.Масоҳати параллелограмм ба ҳосили зарби ду тараф ба баландии ба ин тараф фаровarда шуда баробар аст.




$S = a \cdot h_a (1) \quad S = b \cdot h_b (2)$

2. Масоҳати параллелограмм ба нисфи ҳосили зарби диагоналҳо ва синуси кунҷи байни онҳо баробар аст.[1,с.52]

$S = \frac{1}{2} d_1 \cdot d_2 \cdot \sin\varphi$ (3)




3. Масоҳати параллелограмм ба ҳосили зарби ду тараф ва синуси кунҷи байни онҳо баробар аст.

$S = a \cdot b \cdot \sin\alpha$ (4)




**Масоҳати росткунҷа.** Масоҳати росткунҷа ба ҳосили зарби дарозӣ ва бари он баробар аст.

$S = ab$ *(1)*

Масоҳати росткунҷаро бо формулаи зерин ҳам ҳисоб кардан ба мақсад мувофиқ аст:

$S = \frac{1}{2} d^2 \cdot \sin\varphi$ (2) $S = ab \cdot \sin\varphi$ (3)

**Масоҳати квадрат.** Масоҳати квадрат ба квадрати тарафи он баробар аст: $S = a^2$

Масоҳати квадрат бо диагонали он дар чунин алоқамандист: $S = \frac{d^2}{2}$

**Масоҳати ромб**

1.Масоҳати ромб ба нисфи ҳосили зарби диагоналҳои он баробар аст.

$S = \frac{1}{2} d_1 \cdot d_2 (1)$

2. Масоҳати ромб ба ҳосили зарби тарафи он бар баландие, ки ба ин тараф фароварда шудааст, баробар мебошад. $S = a \cdot h_a$ (2)

3. Масоҳати ромб ба ҳосили зарби квадрати як тараф ва синуси кунҷи тез баробар аст: $S = a^2 \cdot \sin\alpha$ (3)

4. Масоҳати ромб ба дучанди ҳосили зарби як тараф ва радиуси давраи дарункашидашуда баробар аст: $S = 2a \cdot r (4)$ [V с. 244]

**Масоҳати трапетсия.** Масоҳати трапетсия ба ҳосили зарби нимсуммаи асосҳо бар баландиаш баробар аст. $S = \frac{a+b}{2} \cdot h (1)$




Дар ин ҷо a ва b – асосҳо, $h$ - баландӣ.

Баландии трапетсия бо масоҳат ва асосҳои он дар чунин алоқамандист:

$h = \frac{2S}{a+b}$(2) $h = \frac{S}{l}$(3)

Масоҳати трапетсияро инчунин бо формулаҳои зерин ҳисоб кардан мумкин аст. $S = \frac{1}{2} d_1 \cdot d_2 \cdot \sin\varphi$,(4) ин ҷо $d_1$ ва $d_2$ – диагоналҳои трпетсия. $S = m \cdot h$, (5) ин ҷо $m$ хатти миёна, $h$ - баландӣ.[2,с.300]

Дар анҷоми мавзӯъ масъалаҳо оварда шудааст, ки онҳо дар омӯзиши пурраи масоҳатҳо мусоидат менамоянд. Якчанд масъалаҳои онро оварда, ҳаллашонро нишон медиҳем.

1. Катетҳои секунҷаи росткунҷа 9 см буда, кунҷи тезаш $45^0$ аст. Масоҳаташро ёбед.

Ҳал:




Азбаски секунҷа росткунҷа аст кунҷи рост дорад. Дар мавриди яке аз кунҷи тез ба $45^0$ баробар будан кунҷи тези дигараш низ ба $45^0$ баробар аст. Пас, секунҷаи додашуда секунҷаи росткунҷаи баробарпаҳлӯ мебошад. Катети дигари секунҷа низ ба 9 см баробар аст. Дар асоси формулаи ёфтани масоҳати секунҷаи росткунҷа

$$S = \frac{ab}{2} = \frac{9 \cdot 9}{2} = \frac{81}{2} = 40{,}5\text{см}^2$$

2. Дар трапетсия росткунҷа асосҳо 24 см вам18 см буда, кунҷи тезаш $45^0$ аст. Масоҳати трапетсияро ёбед.

Ҳал:

Формулаи ёфтани трапетсия:




$$S = \frac{a+b}{2} h$$

Дар асоси таърифи косинуси кунҷ баландии секунҷаро меёбем, ки он ҳамзамон баландии трапетсия мебошад.

$\frac{6}{h} = ctg45^0$, h = 6

$$S = \frac{18+24}{2} 6 = 42 \cdot 3 = 126\text{см}^2.$$

Бо ин мақсад якчанд масъалаҳои тестиро пешниҳод мекунем.

3. Тарафи ромб 20 дм буда, кунҷи кундаш $150^0$ аст. Масоҳи ромбро ёбед.

A) $200дм^2$; B) $180дм^2$; C) $100дм^2$; D) $220дм^2$.

4. Тарафи паҳлӯи секунҷаи баробарпаҳлӯ 14см буда, баландии ба он фуровардашуда 20 см аст. Масоҳати секунҷаро ҳисоб кунед.

A) $140см^2$; B) $130см^2$; C) $160см^2$; D) $100см^2$.

5.Масоҳати трапетсияро ёбед, агар ҳарду кунҷи тезаш $45^0$ асоси хурдаш 18см ва баландиаш 9см бошад.

A) $243см^2$; B) $240см^2$; C) $729см^2$; D) $196см^2$.

6. Баландии ромб 10 см ва кунҷи тезаш $30^0$ аст. Масоҳати ромб ёфта шавад.

A) $200см^2$; B) $240см^2$; C) $220см^2$; D) $180см^2$.

7. Нимпериметри квадрат ба 16 см баробар бошад. Масоҳати квадратро ёбед.

A) $64см^2$; B) $60см^2$; C) $49см^2$; D) $81см^2$.

Тавассути омӯзиши мавзӯъ ва ҳалли масъалаҳо дар доираи он хонандагон бо мафҳуми масоҳат ва воҳидҳои он шиносоии пурра пайдо намуда, дар оянда метавонанд онҳоро дар ҳалли масъалаҳои ҳаётан муҳимми амалӣ истифода намоянд.

## АДАБИЁТ


1. А.В. Аогорелов. Геометрия: китоби дарсӣ барои хонандагони синфҳои 7-11 мактаби миёна. – Нашри 5-ум. – Душанбе: Маориф, 1990 саҳ 370
2. Давронов Ҳ. Н., Раҳмонов М.Н, Халиқова У.Н., Норбобоев С. М. Маводи тестӣ аз математика. Душанбе - 2017 с. 335с.
3. Усто Бурҳонов, Ҷумъа Шафипов Геометрия: китоби дарсӣ барои хонандагони синфи 8 – уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Нашри сеюм. Душанбе «БЕБОКОВ» -2013 с . – 112.
4. Ҷумъа Шарифов, Усто Бурҳонов. Геометрия: китоби дарсӣ барои хонандагони синфи 9 – уми массисаҳои таҳсилоти умумӣ. Душанбе ООО «НОШИР» соли 2007. – 112с.
5. Ҷумъа Шарипов . Илҳомҷон Шарифов. Асосҳои методикаи таълими геометрия. Душанбе- «Ирфон», 2016с. 431с
6. Колмогоров А. Н. и др. Геометрия: Учеб. Пособие для 8 кл. сред. Шк. – М: Просвещение, 1981. саҳ 145.
7. Ғ. Менгниязов, Ж. Шарипов, А. Саторов . Геометрия: умумий таълм ӯрта мактабининг 8 – синфи учук дарслик. Душанбе «Паёми ошно» . соли – 2007. саҳ. 111.
8. Комил Ҷумаев. Ҷустуҷӯйи ҳалли масъалаҳои геометрӣ. Душанбе с. 1978. саҳ110.
9. В. А. Гусев, Г. Г. Маслова, А. Ф. Семёнович, Р. С. Черкасов. Геометрия дар синфи 8. Дастур барои муаллимон.Нашриёти «Маориф» .Душанбе с. 1976. саҳ.160.
10. М. Маҳкамов, Қ. У. Осимӣ. Роҳнамои математика. Душанбе с. 2011. Саҳ. С 328.


## МЕТОДИКАИ ОМӮЗИШИ МАСОҲАТИ ШАКЛҲО ДАР КУРСИ ГЕОМЕТРИЯИ МАКТАБӢ


Мавзӯи тадқиқшуда дар геометрия ва дар ҳалли масъалаҳои амалӣ мавқеи муҳим дорад. Баёни мавзӯъ дар адабиётҳои таълимӣ ва методӣ бо тарзҳои гуногун оварда шудааст. Аз назари муҳаққиқ баёнотҳои овардашуда дар ҳеҷ як адабиёти муоинашуда мукаммал оварда нашудааст. Маълумотҳои асосӣ дар мақола пурра ҷамъоварӣ шуда, бо назари нав тадқиқ шудааст. Ҳисоб намудани масоҳати як шакл бо чанд формула имкон медиҳад, ки масъалаҳои бо мундариҷаи гуногун додашуда бе ягон монеа ҳал шаванд. Ҳангоми баёни маълумотҳои умумӣ ҳамаи формулаҳои ҳисобнамудани масоҳати чоркунҷаҳо оварда шуда, ба ҳамдигар вобаста шудаанд. Дар асоси пайдарҳамии баёни мавзӯъ ҳалли масъалаҳои геометрӣ оид ба мафҳум, ки онро месозад, бо ҳалҳояшон оварда шудаанд.



**Калидвожаҳо:** Шакли содда, бисёркунҷаи ҳамвори барҷаста, масоҳат, шаклҳои монанд, параллелограмм, ромб, доира, масоҳати чоркунҷаҳо.


## МЕТОДИКА ИЗУЧЕНИЯ ПЛОЩАДИ ФИГУРЫ В ШКОЛЬНОМ КУРСЕ ГЕОМЕТРИИ


Данная исследуемая тема занимает важное место в решении практических задач в геометрии. Объяснение темы в учебной и методической литературе осуществляется различными способами. По мнению автора, приведенные объяснения ни в одной из расмотренных литератур не являются полными и совершенными. В статье собраны важные сведения. Данная проблема полностью исследована с новой точки зрения. Счет площади одной фигуры различными формулами даёт возможность решить задачи, которые даны различными оглавлениями. Во время объяснения общих сведений относительно всех формул, подсчитывание площади приведенных четерыхугольников связываются друг с другом. На основе последовательного объяснения решения геометрических задач даются их решения.



**Ключевые слово:** простая фигура, многоугольная плоская выпуклость, площадь, равенственные фигуры, схожие фигуры, параллелограмма, ромб, круг, площадь четырёхугольников.


## TECHNIQUES OF STUDYING OF THE AREA OF A FIGURE IN A SCHOOL COURSE OF GEOMETRY


This studied subject takes the important place in the solution of practical tasks in geometry. The subject explanation in educational and methodical literature is carried out in various ways. According to the author, the given explanations in one of the considered literature aren't full and perfect. In staty important data are collected. This problem is completely investigated from the new point of view. The account of the area of one figure various formulas gives the chance will solve problems which are given by various tables of contents. In a vremiya of explanations of general information of all formulas, counting of the area of the given cheterykhugolnik communicate with each other. On the basis of a consecutive explanation of the solution of geometrical tasks, polnyatiya, their decisions are given.



**Key word:** Simple figure, polygonal flat camber, area, ravenstvenny figures, similar figures, parallelogram, rhombus, circle, area quadrangle.



**Сведения об авторе:** ***Сироджиддини Давлатали*** – Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки, ассистент кафедры математики и методики её преподавания.**Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова 16. Телефон: ***(+992) 904-52-12-52***

**Information about the author:** ***Sirodzhiddini Davlatali*** - Kulob State university of Abuabdullokh Rudaki, assistant to department of mathematics and a technique of her teaching, the. Address: The Kulob state university of Abuabdullokh Rudaki. 734065, Kulob, Kulob town , street S. Safarov 16. Phone: **(+992)904-52-12-52**

# МУНДАРИҶА - СОДЕРЖАНИЕ

## ТАЪРИХ ВА АРХЕОЛОГИЯ – ИСТОРИЯ И АРХЕОЛОГИЯ


***Кушматов А.*** Политика Российской колониальной администрации в отношении мусульманских учебных заведений Туркестана (на материалах Северного Таджикистана)………………………………… *5*

***Турсунов Б.Р.*** О нашествии калмыков в Кокандское ханство ( первая половина XVIII века)………… *10*

***М. К. Сафолзода*** Афганистан во внешней политике Республики Таджикистан (1994 – 1997 ГГ.) *19*

***Фармонова Д.Ж.***Начальные этапы взаимоотношений Республики Таджикистан с Кыргызской Республикой (1991-2001гг.)……………………………………………………………………………… *25*

***Мамадгафуров И.Э.*** О некоторых особенностях формирования концепции международного сотрудничества Афганистана………………………………………………………………………….. *30*

***Бабаджанова М.М., Хайдаров И.*** Роль культуры в современном мире…………………..………… *34*

***Гулмирзоев Д.К.*** **Мы эфталиты ……………………………………………………………..………….** *37*

***Джунушалиева Г.Д., Джеенбекова С.С.*** За фасадом модернизационных преобразований в Кыргызстане……………………………………………………………………………………………….. *42*

***Саидов Х., Наимов И.Н.*** Республика Таджикистан - Исламская Республика Иран: эволюция и перспективы двустороннего сотрудничества……………………………………………………………… *46*

***Гулахмадов Д.С.*** Антитеррористическая политика Соединённых Штатов Америки в Афганистане………………………………………………………………………………………………. *51*

***Махмадрасулов Б.С., Махмарасулов М.С.***Массовость спортивного движения советского периода....... 54

***Алимов Д. Х.*** Состояние водохозяйственного строительства и освоение новых земель южных районов Таджикистана (1940-1946 ГГ.)…………………………………………...………………… *62*

***Наботов Ф.С.*** Новый этап внутренней миграции в южных районах Таджикистана (1945-1980 гг.)….. *69*

***Расулова С.З.*** Вклад колхозов и совхозов Курган-тюбинской области Таджикистана в обеспечении продовольствием фронта (1941-1945 гг.)……………………………………………………………………. *73*

***Юсуфиён Манзураи Мансури*** История образования Наркомата здравоохранения Таджикской Асср *79*

***Алимшоев М.М., Файрузшоева О.С.*** История геологического исследования территории гбао в 30-40 годы XX века ………………………………………………... *84*

***Абдуназаров Х., Махмадрасулов Б.С., Махмадрасулов Саймахмуд*** Популяризатор таджикского спорта……………………………………………………………………… *88*

***Ёров А.Ш.*** Аз таърихи муносибатҳои тиҷоратии Бухорои шарқӣ дар нимаи дуюми асри XIX – аввали асри XX………………………………………………… *92*

***Саидов С.М.*** Нақши Помир дар равобити дипломатии хонигариҳои Осиёи Миёна бо кишварҳои ҳамҷавор дар асрҳои XVIII-XIX ва ибтидои асри хх (бар мабнои сарчашмаҳо)........................................................................................... *95*

***Юсуфи Шодипур*** Муносибатҳои тиҷоратии саргаҳи Зарафшон дар охири асри xix - ибтидои асри XX (тибқи ахбори **“Рӯзномаи сафари** Искандаркӯл”-и **А.Мустаҷир)..................................** *102*

***Муродов С.М.*** Назари академик Юсуфшоҳ Яқубов дар бораи зодгоҳи Зардушт......................... *110*

***Хабибуллозода Қурбон Ҳабибулло*** Рушди соҳаи кишоварзӣ дар замони Сомониён *113*

***Гирдаков И.Х.*** Инъикоси ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмию фарҳангии халқҳои Осиёи Миёна дар мукотиботи расмӣ (нимаи дуюми асри XIV ва аввали асри XV)........................................... *117*

***Болтуев С.М.*** Аз таърихи равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар *121*

***Искандаров Қ., Қодиров Д.*** Саҳми Ҳақназар Назаров дар таҳқиқи мақоми тоҷикон дар ҳаёти сиёсӣ ва рушди фарҳанги Афғонистон...................................................................................... *126*

***Мирзоев Н.М., Сангинов Д.Н.*** Равобити Тоҷикистону Чин дар доираи Созмони Ҳамкории Шанхай.................................................................................................................................... *131*

***Пайвандов Х.*** Осиёи Ҷанубу ШаркӢ – минтақаи рушдёбанда.................................................. *136*

***Пирумшоев Ҳ., Фаридаи Назрулло*** Фаъолияти ҳаракатҳои ифротӣ ва тундгаро дар Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон.................................................................................................. *144*

***Нуриддинов Р.Ш., Далер Шарифӣ*** Қонунмандиҳои илми муносибатҳои байналхалқӣ ва мазмуни онҳо…………………………………………………………………………………………… *150*

***Қаландаров Ф.Ҷ .*** Ҳамкориҳои Иттиҳоди Аврупо бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф *155*

***Имомалиева Р.М.,Зубайдуллоев С.Х.*** Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар барқарор намудани робитаҳои дӯстию фарҳангӣ бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон............................................................... *158*

***Холназаров Ҷ.Х., Алимов Д.Х.*** Аз таърихи ташкилёбӣ ва рушди бонкҳо дар Тоҷикистон........... *165*

***Ибодуллозода А.Х.*** Роғун - кафили рушди иқтисодиёти кишвар.................................................. *169*

***Шарипов С.С., Шарипов А.Н.*** Шарикии стратегӣ дар низоми муносибатҳои байнидавлатӣ дар мисоли Тоҷикистон ва Қазоқистон................................................................................................ *173*

## ФАЛСАФА - ФИЛОСОФИЯ


***Сулаймонов И.И.*** Роль суфийского ордена Накшбандия в формировании и эволюции мировоззрения Бабура........ *181*
***Кенжаева Л.Э.*** Учение Насируддина Туси о рациональном познании........ *184*
***Шарофзода М.О.*** Место медицинского знания в философском учении ал-Рази........ *188*
***Турабоева Д.Х.*** Жизнь и творческое наследие Кутбиддина Ширази........ *193*
***Умурова Г.Х.*** Образ и философские взгляды в творчестве Зульфии........ *196*
***Навои Берди*** Ценность как философская категория........ *199*
***Акрамов Б.А.*** Влияние искусственного интеллекта на жизнь общества........ *201*
***Ходибоева А.А.*** Миграция и её влияние на формирование религиозной идентичности........ *204*
***Ҳодибоев Ф.А.*** Хавфи асосии муҳоҷирати меҳнатӣ барои оилаҳои ҷавон........ *212*
***Рамазониён А.Б.*** Заминаҳои ғоявӣ-назариявии пайдоиши экзистенсиализм........ *217*
***Калонов К.И.*** Моҳияти гуманистии таълимоти ҷавонмардии Абдураҳмони Ҷомӣ........ *222*
***Гулов И.Ф.*** Различные этапы сомнений аль-Газали в «Мункиз аз-залал»........ *227*
***Камолов Ш.В.*** Фалсафаи иттилоот ва ҷаҳонбинии муосири илмӣ........ *233*
***Назаров С.Т.*** Масоили ягонагии саодатмандӣ ва назарияи ҷомеаи ормонии Ибни Боҷа........ *238*


## ПЕДАГОГИКА


***Каримзода Мирзо Бадал*** Интегрированные и дифференцированные подходы к определению содержания общего среднего образования........ *242*
***Шаропов Ш.А., Шарипов А.А.*** Вопросы подготовки студентов к информатизации образования в психолого-педагогической литературе........ *249*
***Авдина А.И.*** Работа над орфографическими ошибками как эффективный способ формирования орфографической грамотности в начальной школе........ *253*
***ЖарковаТ.И.*** О траектории саморазвития преподавателя иностранного языка экономического вуза *258*
***Ибрагимов Х.*** К проблеме понятий «компетентность» и «компетенция»........ *263*
***Тагиров Н.С.*** Подготовка учителей начальных школ Республики Таджикистан в 80-ые годы XX-века *267*
***Муродов Р.Н.*** К вопросу о некоторых особенностях обучения терминологической лексике студентов-филологов национальных групп........ *270*
***Абдурахмонов Маъруфджон*** Совершенствование нравственного воспитания учащихся общеобразовательных школ (корректирующий эксперимент)........ *275*
***Мирзоев Р.Р., Мамадюсупов А.А.*** Принсипи модулии таҳияи барномаҳои таҳсилотӣ ва истифодаи низоми модулӣ дар раванди таълим ҳамчун омили таъмини кафолати сифати таҳсилот........ *279*
***Ахмедова З., Алимова, М. Шарипов Т.*** Инкишофи дониши хонандагон аз химияи ғайриорганикӣ дар синфҳои 8-9........ *283*
***Каримова М.С.*** Моҳият ва муҳтавои муассисаҳои таҳсилотии томактабӣ........ *290*
***Азизова П.У.*** Зарурати талабот ба худинкишофдиҳӣ ҳамчун омили ташаккули шахсияти хонандагон дар муҳити корҳои тарбиявӣ........ *293*
***Нурматова Ғ.Р.*** Вазъи амалии ташаккули тасаввурот роҷеъ ба методҳои маърифати илмӣ дар раванди таълими физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон...... *299*
***Алиев Н.У. Холназаров С.*** Фаъолгардонии маърифати мустақилонаи хонандагон ва омилҳои таъсиррасонии он дар раванди таълим........ *303*
***Латипов Сафаралӣ, Тошпулатова Фирӯза*** Ташаккули педагогии салоҳияти иттилоотии донишҷӯён........ *307*
***Имомов Х.Ш.*** Ташаккули фарҳанги иқтисодии ҷомеаи тоҷик........
***Фатоева Р.А.*** Машғулиятҳо аз фанни забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таълимии олии ҷумҳурии тоҷикистон ва шаклҳои асосии ташкили он........ *310*
***Сироҷиддини Давлаталӣ*** Методикаи омӯзиши масоҳати шаклҳо дар курси геометрияи мактабӣ *314*

## ПОРЯДОК РЕЦЕНЗИРОВАНИЯ НАУЧНЫХ СТАТЕЙ, ПРЕДСТАВЛЯЕМЫХ В ЖУРНАЛ «ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА»

Статьи, поступающие в редакцию, проходят предварительную экспертизу (проводятся членами редколлегии – специалистами по соответствующей отрасли науки) и принимаются в установленном порядке. Требования к оформлению оригинала статей приводятся в в каждом номере журнала.

Если рукопись принята, то редакция сообщает автору замечания по содержанию и оформлению статьи, которые необходимо устранить до передачи текста на рецензирование.

Затем статьи рецензируются в обязательном порядке членами редколлегии журнала или экспертами соответствующей специальности (кандидатами и докторами наук).

Рецензия должна содержать обоснованное перечисление качеств статьи, в том числе научную новизну проблемы, её актуальность, фактологическую и историческую ценность, точность цитирования, стиль изложения, использование современных источников, а также мотивированное перечисление её недостатков. В заключении дается общая оценка статьи и рекомендации для редколлегии – опубликовать статью, опубликовать её после доработки, направить на дополнительную рецензию специалисту по определенной тематике или отклонить. Объем рецензии - не менее одной страницы текста. Статья, принятая к публикации, но нуждающаяся в доработке, направляется авторам с замечаниями рецензента и редактора. Авторы должны внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи. После доработки статья повторно рецензируется, и редколлегия принимает решение о ее публикации.

Статья считается принятой к публикации при наличии положительной рецензии и если её поддержали члены редколлегии. Порядок и очередность публикации статьи определяется в зависимости от даты поступления ее окончательного варианта.

Рецензирование рукописи осуществляется конфиденциально. Разглашение конфиденциальных деталей рецензирования рукописи нарушает права автора. Рецензентам не разрешается снимать копии статей для своих нужд.

Рецензенты, а также члены редколлегии не имеют права использовать в собственных интересах информацию, содержащуюся в рукописи, до её опубликования.

Рецензии хранятся в редакции журнала в течение 5 лет.

Редакция журнала направляет копии рецензий в Министерство образования и науки Российской Федерации при поступлении в редакцию издания соответствующего запроса.

## ВЕСТНИК
## ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета» основан в 1990 г. Выходит 8 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации. Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: исторические науки и археология (07.00.00), философские науки (09.00.00) и педагогические науки (13.00.00). Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных. Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

---


**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**

**2019. № 9**

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.Ибодова
Редактор таджикского языка: Ш.Абдуллоева
Редактор русского языка: О.Ашмарин
Редактор английского языка: М.Асадова

**Издательский центр**
**Таджикского национального университета**
**по изданию научного журнала**
**«Вестник Таджикского национального университета»:**
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.comj
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Формат 70х108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 200 экз. Уч. изд. л. 40,6 усл. п.л. 40.37
Подписано в печать 29.11.2019 г. Заказ №2019/04-01
Отпечатано в типографии ТНУ
734025, г.Душанбе, ул.Айни, 32.